СПОСОБЫ СВЯЗИ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В СПП С ПРИДАТОЧНЫМИ ВРЕМЕНИ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ (НА МАТЕРИАЛЕ ПОВЕСТЕЙ И РАССКАЗОВ И. А. КУПРИНА)

Каримов Н.А.

Тадикский государственный педагогический университет им С. Айни

Любое действие или состояние может быть охарактеризовано с временной точки зрения. В предложения, выражающих временные отношения, сообщается о разных видах временной соотнесенности ситуаций (событий, фактов). Основными смысловыми компонентами, формирующими временное отношение, являются значения одновременности и разновременности (очередности). Ситуация, о которой сообщается в главной части сложного предложения, может совпадать по времени с той ситуацией, о которой говорится в придаточной части, предшествовать ей или следовать за ней. В рамках временного отношения может передаваться информация и более частного характера, конкретизирующая основной временной признак: например, указание на полное или частичное совпадение во времени, на отсутствие или наличие интервала и его длительность, на ограничительный момент, прерванность, регулярность, опережение, преждевременность, неожиданность. Эти значения могут выражаться семантикой самого союза или уточняться при помощи специальных конкретизаторов, подключаемых к союзу.

Основными выразителями временных отношений в сложном предложении являются союзы. Одни союзы обозначают временную связь между событиями в общем (недифференцированном) виде, другие имеют частные, специализированные значения, т.е. передают различные оттенки временной соотнесенности двух событий. Частные временные характеристики создаются также за счет лексических конкретизаторов, видо - временных форм глаголов-сказуемых, а также при помощи контекста. Роль этих факторов особенно велика в предложениях, где союз выражает временные отношения в наиболее общем виде.

Отношения одновременности.

Совпадение во времени двух событий (явлений) выражается с помощью союзов *когда, пока, в то время как:* 1) при выражении полной одновременности двух действий, единичных или повторяющихся, в обеих частях сложного предложения с союзом *когда* используются формы несовершенного вида глаголов-сказуемых: *Когда же я пробовал с ними разговориться, то они глядели на меня с удивлением, отказывались понимать самые простые вопросы и всё порывались целовать у меня руки — старый обычай, оставшийся от польского крепостничества* [8, с. 241] *Вот, может быть, она и при вас разговорится, когда побольше привыкнет…* [8, с.268] значение частичной одновременности создаётся за счет комбинации разновидность форм глаголов-сказуемых. Возможны два случая: а) на фоне длительного действия, выраженного в придаточной части, совершается единичное действие, представленное в главной части, что обозначается сочетанием глаголов несовершенного времени в придаточной с совершенным видом в главной: *Когда же Олеся выпрямилась и разжала свои пальцы, то на пораненном месте осталась только красная царапина* [8, с.265]. *Если же когда и скажет что, то всегда просит забыть и не вспоминать больше…* [8, с.268] ; б) на фоне длительного действия главной части происходит единичное действие придаточной части, что передаётся соотношение форм совершенного вида в придаточной с формами несовершенного вида в главной; *Однажды, когда я, по обыкновению, пришел перед вечером в избушку на курьих ножках, мне сразу бросилось в глаза удрученное настроение духа ее обитательниц* [8, с. 273]

Иногда полная или частичная одновременность событий может передаваться в предложениях этого типа и при комбинировании форм лишь совершенного вида в обоих частях предложения: *Когда последняя карта легла рубашкой вверх на короля, Мануйлиха протянула ко мне руку* [8, с. 253]. *Я еще маленьким хлопцем был, когда она пришла к нам на село* [8, с.247]; *По вечерам, окончив топку печей, Ярмола с нетерпением дожидался, когда я позову его* [8, с.244], но в большинстве случаев соотношение форм совершенного вида в обеих частях предложения с союзом *когда* выражает чередование событий. Значение одновременности или очередности событий в большинстве случаев устанавливается на основе контекста, который выступает в качестве основного

или дополнительного средства выражения временных отношений: *Когда она, упомянув про судьбу, со странной боязнью оглянулась на дверь, я невольно повторил это движение* [8, с.261] – в этом предложении играет основную роль, устанавливая не очередность, а полную одновременность.

В определении данных значений большую роль играет сказуемое, которое может быть выражено не только глаголами, но и другими формами, в том числе и краткими страдательными причастиями прошедшего времени, имеющими значение перфектности: *Час спустя, когда он, уже убрав самовар и напившись в темных сенях чаю, собирался идти домой, я спросил* [8, с.248]. *Старуха возилась около ярко пылавшей печи, а Олеся пряла лен, сидя на очень высокой скамейке; когда я, входя, стукнул дверью, она обернулась, нитка оборвалась под ее руками, и веретено покатилось по полу* [8, с.254]/

Значение одновременности, но с определенными ограничениями передается с помощью союза *пока* – действие, обозначенное в главной части, ограниченно временем протекания действия, выраженного в придаточной: *Не будем же плакать, пока мы вместе* [8, с. 303]. В семантике союза *пока* заключено значение процессности, длительности, протяженности. Чаще всего в придаточной части поэтому употребляется форма несовершенного вида. На фоне длящегося действие главной части может происходить такое же длящееся действие главной части, и в этом случае оба глагола-сказуемых имеют форму несовершенного вида, передавая значение полной одновременности событий. В главной части могут быть повторяющиеся события, которые происходят на фоне длящегося действия придаточной части: *В ту минуту, когда я должен прикоснуться ногой к этой воображаемой веревке, Олеся вдруг делает падающее движение, и тогда, по ее словам, самый крепкий человек должен непременно упасть…* [8, с.266]. *Всякий раз, когда я подымал об этом разговор, у Ярмолы находился какой-нибудь предлог для отказа: то ружье у него неисправно, то собака больна, то ему самому некогда* [8, с.272].

В предложениях с союзом *пока* возможно соотношение разновидовых форм, при этом более частотным является наличие в придаточной части формы несовершенного времени, а в главной - формы совершенного времени: *Пока Домна ходит за кипятком, мать и сын молчат и быстрыми, пронзительными взглядами точно ощупывают души друг друга адреса* [7, с. 314]. В предложениях подобного типа наблюдается частичная одновременность двух событий: в рамках длящегося действия придаточной части успело произойти единичное действие главной части. Возможна также комбинация двух форм совершенного вида: *Однажды утром, очень рано, Ярмола вошел в мою комнату и заявил небрежно* [8, с.248]. *Нет ничего мудреного, что, как только немного просохли лесные тропинки, я отправился в избушку на курьих ножках* [8, с.258] Существенным для таких предложений является обязательность аспектуального значения ограниченной длительности, присущее глаголу-сказуемому придаточной части: глагол *дошел* совмещает в себе значение длительности и завершенности. Глаголы, не обладающие признаков длительности, например *прыгнуть, крикнуть, пойти* и. т.д., как правило, не употребляются в придаточной части предложения с союзом *пока*;

б) союзы *пока* и *когда* различны по своей семантике; *Пока доехали до дому, обо всем договорились – Когда доехали до дому, обо всем договорились;* в предложении с союзом *пока* выражается полная одновременность двух событий, а в предложении с союзом *когда* – чередование их (следование), форма совершенного вида указывает на завершенность одного действия к началу наступления второго. Он и на эту войну пошел бы без колебаний, но его не позвали, а у него всегда было великое по скромности правило: *«Не лезь на смерть, пока тебя не позовут»* [6, с. 261].

В обоих домах даже выработались на этот счет свои правила: всем играющим раздавались поровну костяные жетончики определенной цены, и игра длилась до тех пор, пока все костяшки не переходили в одни руки, – тогда игра на этот вечер прекращалась, как бы партнеры ни настаивали на продолжении [6, с. 264] *Когда у Шеиных или у Фриессе собирались близкие знакомые, то после обеда обыкновенно играли в покер, так как обе сестры до смешного любили азартные игры* [8, с.264]

При выражении значения одновременности наряду с указанными союзами может употребляться равнозначный им союз *в то время как: В то время ка я вздремнул когда я вздремнул взошла, вошла луна; Признаюсь, в то время, когда мне предложили ехать в деревню, я вовсе не думал так нестерпимо скучать* [8, с.241]. *В то время, когда она вытянутой правой рукой показывала мне направление дороги, я невольно залюбовался ею* [8, с.254].

Союз *в то время как* имеет варианты – *в то время когда, как раз в то время, в тот момент как, в то мгновение как, в ту минуту как* и т. п. : *В то время когда одни кончали обедать, другие только что начинали пить утренний чай, а третьи целый день пропадали на катке в Зоологическом саду, куда забирали с собой гору бутербродов* [6, с. 305], *В то время – как и до сих пор – он был комендантом большой, но почти упраздненной крепости в г. К. и ежедневно бывал в доме Тугановских* [6, с. 261], *В то время когда одни кончали обедать, другие только что начинали пить утренний чай, а третьи целый день пропадали на катке*

в Зоологическом саду, куда забирали с собой гору бутербродов [6, с. 305]. *А это, заметь, Веруня, было в то время, когда башибузуки вырезывали наши пикеты так же просто, как ярославская баба на огороде срезает капустные кочни* [6, с. 274].

Предложения с отрицанием и союзом *чтобы не* (*не проходит дня, чтобы не …*) выражают регулярность воспроизведения одной и той же ситуации через промежуток времени, названный в первой части. Обе части построены как отрицательные предложения, однако частица *не* в том и другом случае лишена отрицательного значения. Предикативная основа первой части организована сочетанием глаголов *не проходит, не проходило, не прошло* с род. п. имени: *Все они помнят Семенюту с той поры, когда ему было пять лет* [7, с.315]. Значение регулярной повторяемости указывает на закономерный характер связи соотносимых ситуаций: это сближает конструкции, построенные по схеме *не проходит дня, чтобы не …,* с предложениями со значением обусловленности. Вместе с тем такие конструкции не входят за пределы временных предложений, выражающих отношения очередности, поскольку первая их часть всегда информирует о том, какой отрезок времени предшествует тому, о чем сообщается во второй части: признак очередности представлен здесь так же, как в конструкциях типа *не прошло и недели, как;* однако в этих последних признак регулярной повторяемости отсутствует.

ЛИТЕРАТУРА

1. Белоусов В.Н., Ковтунова И.И., Кручинина И.Н. Краткая русская грамматика. - «Русский язык», - М 1989 - 639 с.
2. Бондарко А.В. Вид время глагола. - «Русский язык», - М 1971
3. Всеволодова М.В. Способы выражения временных отношений в современном русском языке. – «Русский язык», - М. 1975
4. Золотова Г.А. Коммуникативные аспекты русского синтаксиса. – «Русский язык», - М. 1982
5. Кокорина С.И., Бабалова Л.Л., Метс Н.А. Практическая грамматика русского языка для зарубежных преподавателей русистов. – «Русский язык», - М 1985 - 408 с.
6. Куприн А.И. Сочинения в двух томах, том 1. – «Художественная литература», - М. – 1981 - 351с.
7. Куприн А.И. Сочинения в двух томах, том 2. – «Художественная литература», - М. – 1981 – 398 с.
8. Куприн А.И. Рассказы и повести. – «Ирфон», - Душанбе - 1979 – 512 с.

СПОСОБЫ СВЯЗИ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В СПП С ПРИДАТОЧНЫМИ ВРЕМЕНИ В РУССКОМ ЯЗЫКЕ (НА МАТЕРИАЛЕ ПОВЕСТЕЙ И РАССКАЗОВ И. А. КУПРИНА)

В статье анализируются способы связи предложений в СПП с придаточными времени, в том числе, выражение полной одновременности двух действий, единичных или повторяющихся, в обеих частях сложного предложения. Дается информация о разных видах временной соотнесенности ситуаций (событий, фактов), основными смысловыми компонентами, которых, являются значения одновременности и разновременности (очередности) о ситуативных совпадениях, в главной части сложного предложения по времени. О частном характера, конкретизирующий основной временной признак, указание на полное или частичное совпадение во времени, на отсутствие или наличие интервала и его длительность, на ограничительный момент, прерванность, регулярность, опережение, преждевременность, неожиданность, значения, которых могут выражаться семантикой союза или уточняться при помощи специальных конкретизаторов, подключаемых к союзу. Материалом для исследования послужили примеры из произведений русского писателя И. А. Куприна.

Ключевые слова: *время, временное соотношение, видо-временные формы, совершенный вид, несовершенный вид, одновременность, последовательность, частичная одновременность, очередность событий, краткие причастия, страдательные причастия, длительность, протяженность.*

THE WAYS OF LINKING COMPLEX SENTENCES WITH SUBORDINATE TIME CLAUSES IN RUSSIAN LANGUAGE (BASED ON THE STORIES AND NARRATIVES OF I. A. KUPRIN)

The article analyzes the ways of linking complex sentences with subordinate time clauses, including the expression of the complete simultaneity of two actions, single or repetitive, in both parts of a complex sentence. Information is given about different types of temporal correlation of situations (events, facts), the main semantic components of which are the values of simultaneity and diversity (sequence) about situational coincidences, in the main part of a complex sentence in time. About a particular character, concretizing the main time feature, an indication of a complete or partial coincidence in time, the absence or presence of an interval and its duration in a limited moment, interruption, regularity, anticipation, premature, unexpectedness, the meanings of which can be expressed by the semantics of the union or specified with the help of special concreters connected to the union. Examples from the works of the Russian writer I.A. Kuprin were used as basement for the article.

Key words: *time, time relationship, temporal forms and types, perfect aspect, imperfect aspect, simultaneity, sequence, partial simultaneity, sequence of events, short participles, passive participles, duration, length.*

Сведение об авторе:

Каримов Нусратулло Асадуллоевич *- кандидат филологических наук, старший преподаватель общий университетской кафедры Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни, г. Душанбе, Таджикистан. E – mail Nusratullo.karimov@outlook.kom Тел: (+992) 933446262*

About the autor:

Karimov Nusratullo Asadulloyevich *- candidate of philological sciences, senior lecturer at the general university department of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Dushanbe, Tajikistan. E – mail nusratullo.karimov@outlook.kom Тел: (+992) 933446262*

МАВҚЕИ ҶОНИШИНҲОИ СОҲИБӢ ДАР ИФОДАИ КАТЕГОРИЯИ СОҲИБИЯТ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Сангинова Ш.А.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Дар забони англисӣ гурӯҳи махсуси ҷонишинҳо вуҷуд доранд, ки барои ифодаи соҳибият хизмат менамоянд, ки онҳоро ҷонишинҳои соҳибӣ меноманд. Онҳо 2 шакл доранд: шакли баста(связанная) ва мутлақ. Ин ҷонишинҳо дорои се шахс ва ду шумора мебошанд. Дар шахси сеюми шумораи танҳо тафовути бандакҳо мушоҳида карда мешавад. Ин ҷонишинҳо дар таблитсаи зер оварда мешавад:

Шумораи танҳо		Шумораи ҷамъ	
Шакли баста	Шакли мутлақ	Шакли баста	Шакли мутлақ
шахси 1My	Mine	Our	Ours
шахси 2Your	Yours	Your	Yours
шахси 3 His(ҷ.мардона), о лицах	His	Their	Theirs
Her(ҷ.занона), о лицах	Hers		
Its (беҷон)	Its		

Масалан:

Шумораи танҳо:

I. *He always forgets my birthday (10, 819).*

I think that book is mine (10, 787).

II. Do you like your new job? (10, 787)

Is that book yours? (10, 1488)

III. He claims it was his idea (10, 590).

Learning to ski has always been an ambition of his (10,590).

Fiona has broken her leg (10, 583).

My mother has a lot of hats so I borrowed one of hers (10, 583).

We wanted to buy the table, but its surface was damaged (10, 667).

Шакли мутлақи ҷонишинҳои додашуда истифода бурда намешавад.

Шумораи ҷамъ:

I. Our youngest child is six (10, 975).

II. Their house is similar to ours, but ours has a big garden (10, 875).

Шахси дуюми шумораи ҷамъ бо шахси дуюми шумораи танҳо мувофиқ меояд.

III. Their own car is being mended this one is hired (10, 1329).

It's a favorite place of theirs (10, 1329).

Фарқи байни шакли баста ва мутлақи ҷонишинҳои соҳибӣ дар он аст, ки шакли баста ба монанди сифат бо калимаи субстантивӣ ҳамроҳ омада, ба калимаи субстантивӣ дар муносибати атрибутивӣ қарор дорад, ки ба мансубияти ин ё он ашёи гӯянда ва шунаванда ишора менамояд, ки дар сӯҳбат иштирок надоранд. Аз ин лиҳоз, чунин шаклҳоро шакли адъективӣ меноманд. Шакли бастаи ҷонишинҳои соҳибӣ бошад, мустақилона истифода бурда мешавад. Он низ метавонад, вазифаи мубтадоро иҷро намояд. Масалан: Your book is old. My is new, пуркунанда, My pencil has broken, I take yours, ҷузъи хабарӣ This book is hers. Чӣ хеле ки маълум гашт, он ҳамчун исм амал намуда, онро шакли субстантивии ҷонишинҳои соҳибӣ меноманд. Шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибӣҳамчун воситаи ифодаи соҳибият истифода бурда мешавад. Мисолҳо:

You can see that <u>my beard</u> is too young to trim a mantle with (11, 31).

….. and he made his horse swim over the river (11,52).

«Sir, shall your son Arthur be king after you?» (11, 18).

Then both took their shields and fought together (11, 52).

Дар мисоли якум байни калимаҳои *beard* ва *my* муносибатҳои посессивӣ мавҷуданд, ки он ба тааллуқ доштани риш ба гӯяндаро ишора менамояд. Инчунин, дар мисоли дуюм байни калимаҳои *horse ва his* муносибати посессивӣ мавҷуд мебошад, яъне сухан дар бораи тааллуқ доштани асп ба шахсе, ки дар сӯҳбат иштирок надорад, меравад. Дар ҷумлаи сеюм, байни калимаҳои *son ва your* муносибатҳои посессивӣ мавҷуд аст. Ҷонишини *your* ба мутааллиқ будани писари гӯянда ишора менамояд.Дар мисоли чорум, калимаҳои *their* ва *shields* ибора муносибати посессивиро ташкил менамояд. Дар ин ҷо тааллуқ доштани сипар ба ду шахс дар назар дошта шудааст, ки дар сӯҳбат иштирок надоранд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар забони тоҷикӣ гурӯҳи махсуси калимаҳо бо унвони «ҷонишинҳои соҳибӣ» мавҷуд нестанд. Муносибати соҳибият дар забони тоҷикӣ бо чор роҳ сурат меёбад:

1. Бо ёрии ҷонишинҳои шахсӣ (ман- I, ту-You, ӯ – He, she, вай – he, she, it, мо – we, шумо – you,онҳо – they), ки пас аз исм ҷойгир шуда бо ёрии бандаки –и алоқаманд шуда, дар натиҷа ибораи муносибати субстантивӣ ва атрибутивӣ ба миён меояд. Мундариҷаи муносибат, ин ишора ба мутааллиқ будани ин ё он ашё ё предметҳои гӯянда, шунаванда ва шахс (шахсоне), ки дар сӯҳбат иштирок надоранд, мебошанд. Масалан:

Ана, Асои ман ҳам гоҳо ду шабу ду рӯз, се шабу се рӯз ғоиб шуда меравад.(6, 19)

-Чаро духтари ту мешудааст?! (6, 37)

Фурсате аз миён рафт ва нохост чашми ӯ ба касе афтод….. (8,201)

Ангишткан қоҳ- қоҳ хандид, ҷавони беларус аз чашмони вай тарсида рӯяшро ба тарафи дигар гардонд (8,348).

Дар кишлоқи мо одами хатнок нест (5,76).

-Баъзе вақт кори хайр ҳам кардан даркор, - гуфт ӯ,- аҳлию улфатии шумо (ду акою укои меҳрубон. - Ш.С) маро ҳайрон кард (8,92).

Ба колхози онҳо як нафар марди Бухорӣ, Маъруф Маҳдизода раис таъйин гашт (7,32).

Дар усули баланди суханварӣ бошад, ба ҷои *онҳо* ҷонишини шахси сеюми шумораи ҷами *онон* истифода бурда шавад: Гӯё калонон ба ҷаҳон нишон додан мехостанд, ки мамлакати онон аз ҷанг харобу беҳол нагаштааст, балки ба сохтмони чунин иншооти азим қодир аст (7,86).

Дар ин мисолҳо исмҳои «Асо, духтар, чашм, чашмон, қишлоқ, аҳлию улфатӣ, колхоз ва мамлакат» қисми якуми таркиби соҳибӣ буда, номи соҳиб буданро ифода менамояд. Аммо ҷонишинҳои шахсӣ (ман, ту, вай, ӯ, мо шумо, онҳо,онон) тавассути бандаки изофии – и посессорҳоро (соҳибонро) ифода менамояд, ки онҳоро бо исмҳои мувофиқ алоқаманд менамоянд. Бандаки изофии –и ба ғайр аз вазифаи алоқамандкунӣ, дигар вазифаҳоро низ иҷро мекунад, ки ин ҳам бошад вазифаи ифодаи муносибати соҳибият аст. Зеро, ҷонишинҳое, ки ба таркиби ин қолабҳои соҳибӣ дохил мешаванд, бе бандаки изофӣ мафҳуми посессорро (соҳиб будан) ифода карда наметаваонад. Ба сифати таркиби ин қолабҳо, инчунин якҷоякунии шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибии забони англисӣ бо дигар исм ба роҳ монда мешавад. Барои тасдиқ кардани ин гуфтаҳо ибораҳои додашударо ба забони англисӣ тарҷума менамоем:

Асои ман – my Aso
Духтари ту – your daughter
Чашми ӯ – his (her) eye
Чашмони вай – his (her) eyes
Қишлоқи мо – our village
Аҳлию улфатии шумо – Your harmony and friendliness
Колхози онҳо – their collective farm
Мамлакати онон – their country

Ҷоизи қайд аст, ки дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ ба ҷои ҷонишини шахси сеюми намудҳои ҷинс, мавҷуд нест, вале маънои шахс ё беҷон фарқ карда мешавад, *ӯ* ё *вай* шахсро иваз мекунадаммо он ҳам ба ашёи ҷондор ва ҳам беҷон ишора мекунад. Ба ғайр аз ин, дар забони англисӣ ҷонишини шумо ҳам дар шумораи танҳо ва ҷамъ истифода бурда мешавад.

2. Бо ёрии бандакҳои махсус, ки онҳоро дар баъзе сарчашмахои забони тоҷикӣ ҷонишинҳои энклтикӣ ва бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ меноманд. Онҳо ҳам ба соҳибият, шахс ва шумора ишора менамоянд. Онҳо посессорро (соҳиб будан) ба кадом шахс ва шумора мансуб будани ашёро муайян менамояд. Мисол:

Оҳ, пулакам!...- гӯён бо ҳамон вазъияте, ки ба гӯянда гӯш медод, якпаҳлӯ ба замин ғалтид (5,176).

Табъат хира барин…… - нафаси ҷавон гирифта, изтироби дилашро маълум мекард (7, 63).

….Хату саводаш ҳаст, акнун хонданҳо осон_шудагӣ, ана - мана нагуфта як муаллими доно

мешавад (7, 304).

- Биё, корамонро иваз кунем? (7,142)

- Шумоён дер омадетон, бинобар он ҳуҷҷатҳоятонро ба архив супоридем (8, 176).

Гумонашон Сталин мурад, авзои замон тағйир меёбад (7,142).

Қайд кардан ҷоиз аст, ки морфемаи –атон на танҳо барои ишора кардани мансубияти ашё ба ҳамсӯҳбат, балки муносибат ба як шахсро ифода менамояд, ки бо фаҳмиши одобу ахлоқӣ алоқаманд аст, яъне барои ифодаи муносибати эҳтиромона ба ҳамсӯҳбат хизмат мекунад. Морфемаҳои соҳибии забони тоҷикӣ ба забони англисӣ тариқи шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибӣ ифода мегарданд. Барои тасдиқ намудани ин гуфтаҳо тарҷумаи баъзе калимаҳо оварда мешавад, ки мафҳуми соҳибиятро мефаҳмонад.

Пулакам – my money

Табъат – your mood

Саводаш – his (her) literacy

Корамон – our work

Ҳуҷҷатҳоятонро –your documents

Гумонашон – their mind

Чӣ хеле ки аз тарҷумаи ин мисолҳо бармеояд, морфемаи *–ам* ба мансубияти ашё ба гӯянда, морфемаи *–ат* мансубияти ашё ба ҳамсӯҳбаташ, морфемаи *–аш* мансубияти ашёро ба предмети ҷондор ва беҷон ишора мекунад. Форманти –амон мансубияти гӯяндаҳоро ифода мекунад, форманти –атон ва –ятон бошад, ки ашё ба як шахс мансуб аст ё нисбати ҳамсӯҳбат гӯянда эҳтиромро ифода мекунад. Морфемаи –ашон ва –яшон онро ишора менамояд, ки ашё ба шахсоне, ки дар сӯҳбат иштирок надоранд мансуб аст. Саволе ба миён меояд: Фарқият байни ибораи *дасти ман* ва калимаи *дастам* дар чӣ аст? Чӣ хеле ки К.Усмонов қайд кардааст, дар ибораи *дасти ман* ҷонишини *ман* диққатро ҷалб менамояд, вале дар калимаи *дастам*, калимаи даст ҷудо шуда истодааст. Ин ду мафҳум ба забони англисӣ тариқи задаи мантиқӣ мегузарад. Ҳангоми тарҷумаи ибораи дасти ман ба забони англисӣ ҷонишини *my* зада мегирад, аммо ҳангоми тарҷумаи калимаи дастам задаи мантиқӣ ба калимаи *hand* гузошта мешавад.

3. Дар забони тоҷикӣ ҷонишини нафсии *худ* вуҷуд дорад, ки муодили он дар забони русӣ *свой* мебошад. Ин ҷонишин пас аз исм гузошта шуда, бо ёрии бандаки –и алоқаманд мешавад. Ин ҷонишин дар қолабҳои ба монанди *китоби худ* мансубиятро нисбат ба ашёи ин ё он шахс ё ашёи беҷон фарқияте надорад, яъне китоби худ метавонад ҳам my book, your book , her book ва ғайра ифода намояд, барои ҳамин мансубият ба ин ё он шахс тавассути шахс ва ё шумораи феъл-бандак ва ё бо шакли мубтадо муайян карда мешавад. Мисол:

Лекин дар ин маҷлис ҳозир аз хусусҳои дигар, аз дарди дили худ гуфтанӣ ҳастам (8,346).

Насиҳататро ба ҳамдеҳагони худ бигӯй, ки монанди рамаи гӯсфанд ба кӯҷо ҳай кунӣ, рафтан мегиранд (8,59).

Гурзамар барин ин нокасон бачаи парвардаи худашонро мехӯранд (7,95).

Чӣ хеле ки аз мисолҳо маълум гашт, дар ҳамаи ҷумлаҳо, посессор бо ҷонишини нафсии *худ* ифода ёфтааст, аммо ашё ба шахсҳои гуногун тааллуқ дорад. Инчунин, дар мисоли якум посессори ҷумла ба шахси якум ишора менамояд, ки бандакҷонишини –ам далел медиҳад. Дар мисоли дуям калимаи *ҳамдеҳагон* ба шахси дуюм тааллуқ дорад, ки бо бандаки хабарии «бигӯй» муайян шудааст, ки шахси дуюми шумораи танҳои сиғаи амрро ифода мекунад. Дар мисоли охирин, посессор дар асоси намудҳои мубтадо *нокасон* ва бандаки хабарии –анд муайян мешавад. Аз ин лиҳоз, дар мисоли якум дили худ ба забони англисӣ *my heart*, дар дуюм мисол ҳамдеҳагони худ - *your countrymen* ва дар мисоли сеюм бачагони худ *their children* тарҷума шавад.

4. Дар забони тоҷикӣ барои ифодаи соҳибият ба ҷонишини нафсии худ бандакҳои соҳибии забони тоҷикӣ ҳамроҳ мешаванд: китоби худам- my book, китоби худат -your book, китоби худаш - his(her) book, китоби худамон - our book, китоби худатон - your book, китоби худашон - their book ва ғ. Чӣ хеле ки маълум гашт, дар ин мисолҳо ифодаи дучанди воситаи соҳибият ишора шудааст, яъне бо ёрии ҷонишини нафсии худ ва бандакҷонишинҳои соҳибӣ.

Такрорёбии ифодаи воситаи соҳибият шояд ду мақсадро ифода намояд, аз як тараф мансубияти ин ё он ашёро ба ин ё он шахс, ва аз тарафи дигар, номуайянии маънои ҷонишино нафсии худ бартараф карда мешавад. Яъне ҳангоми ҳамроҳ кардани бандакҷонишинҳои соҳибӣ ба ҷонишини нафсии худ имконияти муайян кардани субъекти посессор пайдо мешавад. Нигаред: Ман ин ниҳолҳоро бо дастони худ шинондам (8,64).

Ман ин ниҳолҳоро бо дастони худам сабзонидам (8,66).

Ин ҷумлаҳо ба забони англисӣ гуногун тарҷума мешавад: Ман ин ниҳолҳоро бо дастони худ шинондам – I planted these seedlings myself. Ман ин ниҳолҳоро бо дастони худам сабзонидам – I cultivated these seedlings with my own hands. Чӣ хеле ки маълум гашт, ҳангоми ҳамроҳ шудани бандаки соҳибӣ ба ҷонишини нафсии худ ба забони англисӣ тавассути калимаи own ишора шудааст.

Инчунин, дар калимаи own мафҳуми қувватфизо низ ифода шудааст. Барои ҳамин, И.М. Сушкова таъкид мекунад, ки калимаи англисии own мафҳуми қувватфизор доро мебошад, ҳангоми ба калимаи қаблӣ ҷонишини соҳибӣ ифода ёфта, дар ин вазифа ownба забони русӣ бо ёрии калимаи аз они худ(шахсӣ) тарҷума мешавад.

Акнун, доир ба шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибии забони англисӣ таввақуф карда, муодилҳои тоҷикии онҳоро ишора мекунем. Шакли мутлақи ҷонишинҳои соҳибии mine, yours, his, her, its, ours ва theirs комилан ба шакли баста дар таркиби ҷумла монандӣ надорад. Онҳо қолабҳои атрибутивиро ташкил намедиҳанд ва мустақилона истифода шуда, исмро иваз менамоянд. Маҳз, аз ҳамин сабаб ҳангоми истифода бурдани дар таркиби ҷумлаҳо намуди ҷонишинҳоро О.Н. Исаева соҳиби мустақил номгузорӣ кардааст. Мисол: Whose coat is that? It's mine =Он палто аз они кист? Аз они ман аст. Дар забони тоҷикӣ чунин ҷонишинҳо мавҷуд нестанд. Чунин ҷонишинҳои забони англисӣ ба забони тоҷикӣ тавассути қолабҳои *аз они ман, аз они ту, аз они вай, аз они мо* ва ғ. ифода мегардад. Мисол: Is that book yours? = Они китоб аз они ту аст? (Он китоб аз они ту-мӣ?) My address is № 22 Laburnum Close so his must be № 26 (10, 590). = Суроғаи ман кӯчаи Гулдарахти наздик №22 аст, бинобар он аз они ӯ бояд № 26 бошад. If this isn't Susan's book that one must be hers (10, 583)= Агар ин китоби Сюзан набошад, ана онаш бояд аз они ӯ бошад. Your photos are lovely. – Do you want to see ours?(10,675) = Суратҳои шумо зебо аст. - Шумо суратҳои аз они моро дидан мехоҳед?

It's a favorite place of theirs (10, 1329) = Ин ҷои дилкаш аз они онҳост.

Дар ҳамаи ин мисолҳо шахсу шумораҳои муносиб, шакли мутлақи ҷонишини соҳибӣ ба забони тоҷикӣ тавассути аз они + ҷонишини шахсӣ ифода ёфтааст. Ва посессиви (соҳиби) мустақилонаи англисӣ, қолаби тоҷикии аз они + ҷонишини шахсӣ ба ҷои дигар ашё истифода бурда мешавад, ки ба ҷои my book калимаи book- ро партофта, mine истифода бурда мешавад. Аз ин лиҳоз, ин қолабҳодар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ барои иваз кардани ин ё он гурӯҳҳои номӣ хизмат мекунад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар таркибҳои this book is mine – Ин китоб аз они ман аст, калимаи mine ва муодили тоҷикии аз они ман ҷузъи гуфторҳои диққатҷалбкунандаро ифода мекунад. Чӣ хеле ки дар боло қайд шуд, посессиви мустақили забонҳои муқоисашаванда ин ё он исмро иваз менамояд. Бинобар ҳамин, ба сифати исми ивазшаванда гурӯҳи семантикии зерин баромад мекунанд:

1. Исмҳое, ки антропонимҳор ифода мекунад. Мисол: What kind of girl was this wife of yours? (13,234) = Ин зани шумо чӣ хел духтар буд? Чӣ хеле ки аз тарҷума маълум гашт, дар чунин қолабҳо посессиви мустақили забони англисӣ ва забони тоҷикӣ на бо ҳамроҳ намудани қолаби аз они ту ё шумо ифода гашт, балки тавассути бандак ва ҷонишини шахсӣ. Мисол: This wife of yours – Ин зани шумо.

Чӣ хеле ки И.М.Сушкова қайд мекунад, ин ҳолатҳо муносибати хешу таборӣ, алоқаи ҷамъиятии байни объект ва посессор, инчунин, мафҳуми маънавии тобеияти объект ва посессорро ифода мекунад.

2. Исмҳое, ки қисми организми инсонро ифода мекунад. Мисол: He was dressed, as I was, in a union suit, and his face and hands, like mine, were stained a butternut brown (13, 181) = Ӯ мисли ман либоси тӯёна дар бар дошт, ва рӯю дастонаш чун аз они ман доғдор буданд;

3. Исмҳое, ки ашёҳои конкретиро ифода мекунад. Мисол: My flashlight is failing. You'd better take yours (12, 56) - Чароғаки ман нағз кор накарда истодааст, беҳтараш аз они худатро гир;

4. Исмҳое, ки ашёҳои ғайриконкретиро ифода мекунад. Мисол: The selection would be his, so that the advatages would be his (13, 92) – Интихоб аз они ӯст, аз ин хотир афзалият ҳам аз они ӯст.

Чӣ хеле ки К.Усмонов дуруст қайд кардааст, артикли муайянии забони англисӣ барои ифодаи муайянкунандаи соҳибӣ баромад мекунад. Бо вуҷуди ин, ҷонишинҳои соҳибиро иваз менамояд. Дар ин ҳолатҳо асосан исмҳоеистифода бурда мешаванд, ки аъзоҳои бадан, инчунин ашёҳои либосро ифода мекунад. Мисол: The three of them lifted him by the shoulders (11, 36). He took off the coat…. And hung it on the rack (11, 180).

Дар чунин қолабҳо артикли муайян одатан, дар забони тоҷикӣ тавассути воситаҳои дар боло зикр шуда, ифода меёбанд. Мисол: I looked him straight in the eye and didn't say anything (6,20) = Ман рост ба чашмони вай нигоҳ кардаму хомӯш истодам. I was wounded twice …. Once in the arm, the second time in the leg]6, с.18] Дар ин муддат ду бор мачрӯҳ шудам, як бор ба дастам тир расид, бори дигар поям мачрӯҳ шуд.

Пас, вай ба хулосае меояд, ки фарқият байни пайвастшавии артикли муайян ва ҷонишини соҳибӣ дар он аст, ки дар мисоли якум, мансубият на ба ашёи конкретӣ, ки ба шахси конкретӣ мансуб аст, балки дар умум, ва дар мисоли дуюм бошад – баръакс.]3, с.125-126].

АДАБИЁТ

1. Исаева, О.Н. Реализация категории посессивности в русском и английском языках: дис.канд.фил.наук:10.02.20 / Ольга Николаевна Исаева. М., 2007.- 164с.

2. Сушкова, И.М. Принадлежность в семантико-функциональном поле посессивности: дис…. канд. фил. наук.:10.02.19 /Сушкова Ирина Михайловна Воронеж. – 2007, -185с.

3. Усмонов, К.У. Категория определенности-неопределенности имени существительного в современном таджикском и английском языках: дис…. канд. фил. наук: 10.02.20/10.02.04 /Каримджон Усмонов. - Ленинабад, 1979. - 169с.
4. Усмонов, К.У. Морфологияи муқоисавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / Каримджон Усмонов.- Хуҷанд 2015. – 232с.
5. Айнӣ, С. Марги Судхӯр /Садриддин Айнӣ. Душанбе: Адиб, 2010.- 219с.
6. Икромӣ, Ҷ. Тахти Вожгун /Ҷалол Икромӣ. Душанбе: Ирфон,1974. -337с.
7. Фирӯз, Б. Ғафлатзадагон /Баҳром Фирӯз.- Душанбе: Адиб, 1999-375с.
8. Ҷалил, Р. Асарҳои мунтахаб / Раҳим Ҷалил.- Душанбе: Адиб, 1988-464с.
9. Carter, D. Tomorrow Is with us / D.Carter.- Moscow,1953 – 334p.
10. Hornby, A.S. Oxford advanced learners' dictionary/ A.S.Hornby.- Oxford university Press, 1989.-1578p.
11. Malory, T. Morte D' Arthur / T. Malory. - Ленинград: Просвещение, 1968-232с.
12. Stivenson, P.L. Treasure Ireland /P.L. Stivenson. - Moscow, 1963-277p.
13. Thackeray, W. M. The history of Henry Esmond, esq / W. M. Thackeray.- Moscow: Foreign languages publishing house, 1954.-596p

РОЛЬ ПРИТЯЖАТЕЛЬНЫХ МЕСТОИМЕНИЙ ДЛЯ ВЫРАЖЕНИЯ КАТЕГОРИИ ПОЕССИВНОСТИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В выражении категории принадлежности в таджикском и английском языках участвуют единицы различных уровней этих языков, начиная с морфем и заканчивая словосочетаниями и предложениями. Среди этих средств важное место занимают местоимения английского языка, а в таджикском особые морфемы и возвратное местоимение. В английском языке функционирует особый разряд местоимений под названием «притяжательные местоимения», у которых имеются связанная и абсолютная формы.

Связанная форма сочетается с субстантивным словом для выражения значения посессивности, а абсолютная форма для этой цели употребляется самостоятельно.

В таджикском языке таких местоимений нет.

Эквивалентами притяжательных местоимений английского языка выступают морфемы притяжательности или личные и возвратные местоимения, которые сочетаясь с субстантивным словом, при помощи изафета –и или без него выражают значения посессивности.

Ключевые слова: *притяжательные местоимения, связанная форма, абсолютная форма, форманты притяжательности, личное местоимение, возвратное местоимение.*

THE ROLE OF POSSESSIVE PRONOUNS ON EXPRESSING POSSESSIVE MEANING IN TAJIK AND ENGLISH

In expressing the category of possessiveness the Tajik and English languages make use of units of different language levels, beginning from morphemes to word groups and sentences.

Amongst these means an important place is occupied by a special kind of English pronouns, and morphemes, personal and reflexive pronouns of modern Tajik.

In modern English there functions a special kinds of pronouns called «possessive pronouns», which have got two forms: conjoined and absolute/

To express the meaning of possession the conjoined form of such a pronoun is combined with a substantival word, but the absolute form is used independently.

Such a semantic type of pronouns doesn't function in modern Tajik, that's why as equivalents of the English possessive pronouns there are used morphemes of possessiveness, personal and a reflexive pronouns. The last two are connected with a noun by means of «isafet - и». As for the morphemes of possession, they are added to the end of a noun.

Key words: *possessive pronouns, conjoined form, absolute form, morpheme of possessiveness, personal pronoun, reflexive pronoun.*

Сведение об авторе:

Сангинова Шахноза Абдурашидовна *- кандидат филологических наук - старший преподаватель общеуниверситетской кафедры иностранных языков, Худжандского государственного университета имени академика Б.Г. Гафурова (Республики Таджикистан, г. Худжанд, ул. Р. Мавлонбекова, 1), e-mail: shakhnoza. sanginova. 82@mail.ru*

About the autor:

Sanginova Shakhnoza Abdurashidovna *- Candidate of philological science, a senior lecturer of the all-University Department of Foreign Languages, Khujand State University named after academician B.G. Gafurov (Republic of Tajikistan, Khujand, R. Mavlonbekova street), e-mail: shakhnoza. sanginova. 82 @ mail. ru*

УДК: 4Т (075)
ББК 81.2

СУХАНЕ ЧАНД АЗ СИНОНИМҲОИ ҶУФТИСТЕЪМОЛ

Ҳакимова Ш. И.
Донишгоҳи давлатии Ҳуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Муродифоти луғавӣ аз масъалаҳои муҳимтарини забоншиносӣ ба шумор меравад, зеро он аз бисёр ҷиҳат боигарии забони миллӣ, ҳамчунин ғановати забон ва услуби нигориши адибонро муайян менамояд. Дар бораи муродифоти луғавӣ нисбат ба анвои дигари воҳидҳои семантикӣ – сермаъной, омоним ва антонимҳо бештар асарҳои илмӣ таълиф гаштаанд, вале ҳаҷ ба ҷониби вожашинос ҳ.Маҷидов аст, ки гуфтааст: «Қонуниятҳои зиёди мавҷудият ва истеъмоли ин категорияи ниҳоят муҳими забон, бахусус, хусусиятҳои фарқноки он, гурӯҳбандӣ, тафовут ва умумияти он аз вариантнокӣ, синонимияи воҳидҳои нутқ ва масъалаҳои монанди инҳо таҳқиқ нашудааст» [4, с.75].

Дар таҳқиқи муродифоти луғавӣ муҳимтарин манбаъ забон ва услуби асари бадеӣ маҳсуб меёбад. Азбаски дар асари бадеӣ олами ҳастӣ бо тамоми ҷузъу томаш ба тасвир меояд, имкониятҳои истеъмолии забон куллан рӯи кор меояд, аз ҷониби дигар, асари бадеӣ, чи назм ва чи наср, маҳсули фикру андешаи устодони сухан аст.

Устодони каломи бадеӣ на танҳо аз ғановати забони умумихалқӣ истифода менамоянд, балки дар афзудани дороии он саҳм мегузоранд.

Дар ин мақола чанд сухан аз як навъи муродифоти луғавӣ – таркибҳои ҷуфти муродифӣ аз рӯи маводи назми Лоиқ Шералӣ гузориш меёбад.

Таркибҳои ҷуфти муродифӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ бисёранд, ки он ба серистеъмолии онҳо умуман дар забони тоҷикӣ алоқаманд аст.

Ҷуфтмуродифот аз он сабаб ном гирифтаанд, ки онҳо аз ду калимаи мустақилмаъно иборат буда, бо ҳам тавассути пайвандакҳои пайвасткунандаи ***–у, -ю, -ву, ва*** алоқаманд шуда, як воҳиди луғавиро ташкил менамоянд. Алоқаи пайваст онҳоро аз ибора дур карда, мансуби таркиб мегардонад.

Муродифоти ҷуфт аз воҳидҳои муассири забон ба шумор мераванд. Корбасти ҷуфти синонимҳо аз он зарурате бармеояд, ки гӯянда ё нависанда мехоҳад мафҳум ё фикреро ба таври пуртаъсир баён созад. Чунонки ба мушоҳида меояд матлаб аз ба таври ҷуфт ба кор бурдани муродифот ё таъкиди мафҳум, ё вусъат бахшидан ба доираи семантикии калима аст; дар бисёр маврид ин ду матлаб бо ҳам меояд. Чунончи, ***тобу таб***, ***нозу адо***, ***баргу наво***, ***шӯру маҳал***, ***рашку ҳасад*** дар мисолҳои зерин:

*Дар **тобу табат** бинам, бехоби шабат бинам,*
Ҳар лаҳзаву ҳар соат ҳоли аҷабат бинам. [1, с.24]

Баргу навои *ошиқон,*
Дар рӯи чун барги гулаш. [1, с.40]

Хушбахт он касест, ки дар ҷодаи ҳаёт,
Рашку ҳасад *ба ёру бародар надоштаст.[2, с.131]*

Мардум, эй мардуми сода, ту надонистӣ ҳайф,
*В-аз **табу тоби** ту бошад **табу тоби** суханам.[2, с.357]*

*Дар олами **шӯру маҳал**, дар арсаи **ҷангу ҷадал**,*
Эй дар малоҳат бемасал, шод омадӣ, шод омадӣ.[2, с.202]

Дар байти аввал таркиби синонимии ***тобу таб*** мавҷуд аст, ки дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар шакли ***табу тоб*** ба маънои *сӯзу гудоз* шарҳ ёфтааст. Дар Лоиқ ин қарина ҳам дучор меояд:

*Биё, дил дар **табу тоб** аст, эй ёр,*
Биё, ин лаҳза ноёб аст, эй ёр. [1, с.375]

Дар баъзе манбаъҳо (4) қайд мешавад, ки синонимҳои ҷуфтистеъмол бо ибораҳои фразеологӣ (таркибҳои фразеологӣ) монандӣ доранд, лекин бо маънои луғавӣ омадан онҳоро аз ибораҳои фразеологӣ фарқ мекунонад. Синонимҳои ҷуфтистеъмолро таркибҳои ҷуфт ё таркибҳои синонимӣ ҳам мегӯянд. Онҳо аз ҷиҳати қолаби рехта доштан ба воҳидҳои фразеологӣ монандӣ доранд. Дар ин байтҳо синонимҳои ҷуфтистеъмоли ишорашударо дар матнҳои гуногун бо маъноҳои аслӣ ва маҷозӣ ҳам фаҳмидан мумкин аст. Масалан, ***сабзу тар, бому дар*** ба ду маъно дар байтҳои зерин:

*Эй ҷамоли **баҳру бар** хуш омадӣ,*
*Эй баҳори **сабзу тар** хуш омадӣ. [1, с.408]*
*Аз **бому дари** умрам хуршеди рухат метофт,*

*Ҷуз дард намеборад аз **бому дарам** бе ту. [1, с.443]*
Домани кӯҳ гирифтему думи маркаби хеш,
*Рафт аз даст ҳама домани **дашту даманам** .[2, с.358]*
Мисраеро, ки бигӯям хомӯш,
*Радди ҳар **шӯру маҳал** мегӯем. [2, с.401]*

Дар таркибҳои ҷуфти синонимӣ ҷузъҳо бо ҷилоҳои маъноияшон аз ҳамдигар фарқ мекунанд, бинобар ин дар онҳо ҷузъи дуюм аз ҷиҳати маъно ҷузъи аввалро пурра менамояд.

Таркибҳои ҷуфти синонимӣ, ки ҷузъҳояшон таърихан ташаккул ёфтаанд, новобаста ба ҳаммаъно будан ё набудан бо ҳам алоқаманд мешаванд, бинобар ин ҷузъҳои синонимҳои ҷуфтистеъмолро ҳамеша ҳаммаъно ҳисобидан дуруст нест.

Дар синонимҳои ҷуфт калимаҳои ҷузъҳои онҳо аз ҷиҳати қимат баробар ё наздик муттаҳид мешаванд. Масалан, ***сим*** – ***нуқра***, ки аз ***зар*** (*тилло*) камбаҳотар аст, дар таркиби ***симу зар*** меояд ва якҷоя ба боигарӣ далолат мекунад.

Таркиби ***симу зар*** таъбири хеле машҳури забони классикӣ аст, лекин дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дар моддаҳои луғавии ***сим*** ва ***зар*** қайд нагардидааст. Он дар ашъори Лоиқ Шералӣ бисёр дучор меояд. Ду мисол:

*Бидуздиданд **симу зар** зи конҳо,*
ҳама камбуди кон гуфтанду рафтанд. [1, с.220]

*Ин зумра **симу зар** гирифт, он зумра дарди сар гирифт,*
Аз беибодӣ як тараф, аз бемаводӣ як тараф. [2, с.286]

Таркиби ***симу зар***ро шоир бо шакли дигар - ***нуқраву зар*** ҳам корбаст кардааст:

Гурӯҳе аз барои ***нуқраву зар***,
Гурӯҳе аз барои шавкату фар. [1, с.556]

Як қисм таркибҳои ҷуфти синонимӣ дар натиҷаи муносибати наздик доштани чизҳо дар ҳаёт ташкил ёфтаанд, амсоли ***бому дар***, ***ошу нон***, ***пару бол*** ва монанди инҳо:

ҳар кӯҷое по ниҳӣ, дар пои ту сар мениҳанд,
***Ошу ноне** хӯрдаӣ, он ошёнро гум макун. [1, с.423]*
Гарчи эъҷозе накардам, баҳри эъҷозе бимирам,
*Бо **пару боли** ҳавӣ дар авҷи парвозе бимирам. [2,с.346]*

Дар ашъори Лоиқ синонимҳои ҷуфтистеъмоли анъанавӣ, ки дар забони тоҷикӣ таърихан ташаккул ёфтаанд, мавқеи калон доранд. онҳо аз калимаҳои аслии тоҷикӣ ва ё аз калимаҳои иқтибосии арабӣ ташкил гардидаанд, ба мисли ***дашту саҳро, дашту даман, ному нанг, қолу мақол, қилу қол***:

Эй сад дареги қодире, к-ӯ бо заифакон,
***Лофу газоф** мекунад аз бозувони худ. [2, с.246]*
*Ту **тару тозатар** аз шеъри таболудаи ман,*
Аз тару тозагиат шеъри тарам месӯзад. [1, с.196]
*Гарчи омӯхта ба ӯ **қолу мақоле**,*
*Модарашро мекушад **беқилу қоле.** [1, с.482]*
*Агар як лаҳза ношукри ҳамин **давру замон** бошам,*
Сияҳбахтам, сияҳрӯзам, сияҳрӯям, сияҳкорам. [1,с.337]
Гар асли ҷамолатро нодида дили мо сӯхт,
*Танҳо ту тавонӣ гуфт аз **хусну ҷамоли** дил. [1, с.295]*

Баъзеи ин таркибҳо хусусияти архаистӣ дошта, ҳоло истеъмол намешаванд, мисли ***кавну макон*** (мавҷудот, ҳастӣ):

Ту гуфтӣ мо замину осмонем,
*Ту гуфтӣ соҳиби **кавну маконем.** [1, с.616]*

Ҷузъҳои синонимҳои ҷуфт дар қисме аз онҳоро маъноии луғавии худро суст ё гум кардаанд, ки дар алоҳидагӣ маъно надоранд. Ин қабил таркибҳо дар фарҳангҳо ҳам аксаран қайд намешаванд, монанди ***ранҷу тааб*** [1, с.539], исми ***тааб*** арабӣ буда, маъноияш ранҷ, сахтӣ аст. Он дар шеъри устод Айнӣ ҳам дучор меояд:

Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,
*Мактаб зи ту мебарад ғаму **ранҷу тааб**.*
Дар «дашту даман» – даман – домани кӯҳ аст:
Домани кӯҳ гирифтему думи маркаби хеш,
*Рафт аз даст ҳама домани **дашту даманам.** [2, с.358]*

«Чоҳу чола»:

Дар ин даҳри палиди пурзабола,
*Ки дар ҳар гом дорад **чоҳу чола.** [1, с.563]*

Дар таркиби ***малангу манг*** ҷузъи аввал дар ФЗТ зикр нашудааст. Ҷузъи дуюм ***манг*** маънои *қимор* ё *банг*-ро дорад:

Иддаест каф бар лаб, кинасӯзу пархошӣ,

Иддае ***малангу манг*** нашъаманду хашхошӣ. [1, с.476]

Сустаку мустак – асли ин таркиб ***сусту муст*** мансуб ба забони халқии гуфтугӯист:

Дирӯз таппак мезадӣ, дар пода ҷуфтак мезадӣ,

Ай ***сустаку мустак*** бигӯ, ин сахткӯшӣ аз кучо? [2, с.60]

Лоиқ Шералӣ дар бобати сохтани таркибҳои ҷуфт ҳам дастбурдҳо дорад. Ӯ ҳамчун суханвари мумтоз ба таркибҳои мавҷудаи забони умумихалқӣ қаноат накарда, бисёр таркибҳои ҷуфти синонимие сохтааст, амсоли ***санову шиор*** (3,83***)***, ***якдилу якрӯ*** (1,99), ***шавқу таманно*** (1,100), ***оҳу ғам*** (1,153).

Ин қабил таркибҳои шоир дар қолаби воҳидҳои забони гуфтугӯӣ ва умумихалқӣ сохта шудаанд. Шоир аксар ба ҷиҳати шаклӣ ҳамқофия будани ҷузъҳоро ба ҳисоб гирифтааст, монанди ***зору низор*** [1, с.208], ***лофу газоф*** [1, с.246]:

Эй дареғи кӯдакии ***лоуболу бевубол****,*

Дар бисоти сабзаҳо беғам паропар доштам. [1, с.381]

Чакодат соя меафканд бар рӯи ҳаёти мо –

ҳаёти ***шоду обод*** *аз виқори қиблагоҳи ман. [1, с.439]*

Аз дари табархӯрда ***озурдаву пажмурда****,*

Эй дасти наёзида бистезу талоше кун. [2, с.427]

Бубинам рӯ ба рӯи хеш бо чил кокули мушкил,

Ба худ ***нозидану болидани*** *ёри ҷавониро. [2, с.72]*

Оғуши қисмат боз шуд, сад хони неъмат соз шуд,

Гӯёву бино *омадам аз базми гунгу кӯрҳо. [2, с.84]*

Таркибҳои ҷуфти синонимиро аз ҳамдигар ҷудо карда, бо калимаҳои дигар ҳамроҳ овардан ва ё бо иловаи унсурҳои грамматикии дигар ҳамроҳ кор фармудан ҳам дар забони шоир дида мешавад. Масалан, дар ин байт таркиби ***хору зор*** бо ёридиҳандаи *шудан* дар шаклҳои ***хор шудан*** ва ***зор шудан*** омадааст:

Ин қадр ***хор мешудаву зор мешудаст***

Одам зи ҷабри одамон, эй хок бар сарам. [2, с.341]

Таркиби ***лофу газоф*** бо пешоянди ***бо*** дар шакли ***бо лофу бо газоф*** корбаст гардидааст:

ҳайрони дил набудаӣ як лаҳза худ ба худ,

Бо лофу бо газофҳо ҳайрон макун маро. [2, с.70]

Воҳиди грамматикӣ ба яке аз ҷузъҳои таркибҳои ҷуфт ҳамроҳ шаванд ҳам, ба ҳар ду ҷузъ баробар тааллуқ дорад.

Аз ***бому дари*** *умрам хуршеди рухат метофт,*

Ҷуз дард намеборад аз ***бому дарам*** *бе ту. [2, с.443]*

Ҷои ҷузъҳои таркибҳои ҷуфтро иваз мекунад, чунончи асли таркиб ***ору нанг*** аст, ки дар шакли ***нангу ор*** омадааст:

Фарёдҳо афсӯсҳо аз марги созу сӯзҳо,

Вовайлато, воҳасрато аз марги ***нангу орҳо****. [2, с.72]*

Унсурҳои грамматикӣ бо ҳар яке аз ҷузъҳои таркибҳои ҷуфт илова шуда ҳам метавонанд. Ба таркиби ***аҳду паймон*** ба ҳар ду ҷузъ пешванди «бе-» илова шудааст:

Аҳд бо паймона бастам, баъд аз он,

Пеши ӯ ***беаҳду бепаймон*** *шудам. [2, с.328]*

Ин навъи синонимҳо дар осори Лоиқ кам ба назар мерасад. Лекин навъҳои якум ва дуюм бештар дучор меоянд.

Ҳамин тариқа, синонимҳо дар назми Лоиқ аз воҳидҳои серистеъмоли луғавӣ ба шумор рафта, ба вазифаҳои мухталифи маъноиву услубӣ ба кор рафтаанд. Шоир бо таълифи таркибҳои тозаи муродифӣ дар такомули таркиби луғавии забони адабии тоҷик саҳми муносиб гузоштааст.

АДАБИЁТ

1. Адади аввал ишора ба шумораи ҷилдҳои куллиёти Лоиқ Шералӣ (Хуҷанд, 2001) ва адади дувум ба саҳифаи он аст.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. К.1.–Душанбе, Маориф, 1983.
3. Камолиддинов Б. Услубшиносӣ.–Душанбе, 1978.
4. Лексикаи забони адабии тоҷик.–Душанбе: Ирфон, 1997.
5. Маҷидов ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1. Луғатшиносӣ.–Душанбе, 2007.
6. Фомина М.И. Современный русский язык. Лексикология.–Москва: Высшая школа, 1983.

НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ О СИНОНИМИЧЕСКИХ ПАРАХ

В статье рассматриваются лексические синонимы, богатство языка и стиль письма писателей, законы существования, употребления, классификации, общности и отличия от других единиц речи на примере стихотворений Лоика Шерали. В статье говорится, что использование синонимических пар является одной из наиболее эффективных единиц языка, а использование синонимических пар возникает из-за того, что говорящий или пишущий хочет выразить мысль более действенным способом, и проблема заключается в использовании синонимических пар, или повторяющихся понятий, или расширения семантического диапазона слова.

В источниках отмечается, что синонимические пары аналогичны фразеологизму (фразеологическим сочетаниям), но в буквальном смысле отличаются от фразеологических выражений. Синонимические пары также называют парными синонимами. По форме они похожи на фразеологизмы. Важнейшим источником при изучении лексических единиц является язык и стиль произведения.

Синонимы в поэзии Лоика являются одними из наиболее широко используемых лексических единиц. Они используются для многих смысловых и стилистических задач. Поэт внес значительный вклад в развитие лексической структуры таджикского литературного языка, составив новые синонимы.

***Ключевые слова**: синонимы, лексические синонимы, стиль, стиль произведения, парные сочетания, синонимические сочетания.*

SOME SPECULATION ABOUT SYNONYMOUS COUPLES

The article deals with the lexical content, richness of language and style of writing, the laws of existence, usage, classification, generality and differences from other units of speech, such as the poems of Loiq Sherali. The article states that the use of synonyms is one of the most effective units of language, and the use of synonyms arises from the fact that the writer wants to express a concept or idea in a powerful way and the subject is used to use synonyms or accents, to the semantic framework of the word.

The sources note that synonymous pairs are similar to phraseological units (phraseological combinations), but literally differ from phraseological expressions. Synonymous pairs are also called paired synonyms. In form, they are similar to phraseological units. The most important source in the study of lexical units is the language and style of the work. Synonyms in Loiq's poetry are among the most widely used lexical units. They have gone to work on a variety of semantic and stylistic tasks. The poet made a significant contribution to the development of the lexical structure of the Tajik literary language by composing pure synonyms.

***Keywords:** synonyms, lexical synonyms, style, style of artwork, paired combinations, synonymous combinations.*

Сведение об авторе:

***Хакимова Шоира Исламовна** – кандидат филологических наук, доцент кафедры тажикского языка ГОУ «ХГУ имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан,Худжанд), Электронная почта: xakimova.shoira@mail.ru*

About the autor:

***Hakimova Shoira Islamovna** - candidate of philological sciences, Associat Professor of the department of the Tajik language the SEI «KSU named after G.Gafurov» (Tajikistan, Khujand), E-mail: xakimova.shoira@mail.ru*

УДК: 4+42

МУҚОИСАИ ИБОРАҲОИ УСТУВОРИ СИФАТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ ВА ТОҶИКӢ

Абдулҳақов С., Наврузшоев Б.Х.

Фразеологизмҳо аз ҷумлаи воҳидҳои муҳимтарини забон ва воситаи ифодаи пуробуранги фикр буда, раванди ташаккул, сохтор ва маъноҳои онҳо дар заминаи қонуниятҳои муайяни забоншиносӣ амалӣ мегарданд. Фразеология чун соҳаи мустақили забоншиносӣ аҳамияти муҳим дошта, дар он воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун унсури таркибии системаи забон маънидод шудаанд.

Омӯзиш ва таҳлили муқоисавӣ - типологии воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисию яке аз мавзӯъҳои муҳим ба шумор меравад. Масъалаи омӯзиши муқоисавии воҳидҳои фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик солҳои охир хеле хуб ба роҳ монда шудааст, ки асарҳои тадқиқотии олимон З. Муллоҷонова, М. Азимова, М. Мирзоева ва Б. Наврузшоев, ба ҳамин самт бахшида шудаанд.

Ибораҳои сифатӣ пас аз ибораҳои исми гурӯҳи калони ибораҳои синтаксисиро ташкил мекунанд. Дар ибораҳои сифатӣ калимаи асосӣ сифат буда, калимаи тобеъ ба ҳиссаҳои гуногуни нутқ тааллуқ дорад. Ибораҳои сифатӣ вобаста ба хусусияти луғавию грамматикии ҷузъҳо муносибатҳои объектӣ, замон, масоҳа, макон, хилоф, маҳдудият, маҳрумият, муайянкунандагӣ, дараҷа, мутобиқат ва ё номутобиқат, қиёс ва ғайраро ифода мекунанд.

Сифати ҳамчун ҷузъи тобеъи ибора ва ҳамаи гурӯҳҳои исмҳо алоқаи гарамматикӣ баста, муносибати атрибутивиро бо тобишҳои гуногун: ранг, ҳаҷм, ҳолат, аломати физикӣ ва масоҳавӣ, хосияти зоҳирӣ ва ботинӣ мефаҳмонанд. Гуногунмаъноии ибора ба гуногунии ҷузҳои он пеш аз ҳама ба калимаи асосӣ (исм) вобаста аст.

Сифати феълӣ ба исм асосан бо алоқаи изофӣ тобеъ мешавад ва вазифаи ҷузъи асосии ин гуна ибораҳо ҳамаи гурӯҳҳои луғавии исмҳо омада метавонанд, вале сифатҳои феълии замони оянда нисбат ба замонҳои гузашта ва ҳозира ба исм камтар алоқа мебанданд. Дар грамматикаҳои забони тоҷикӣ, дар асарҳои Д.Т.Тоҷиев тарзҳои алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони адабии ҳозираи тоҷик, «сифати феълӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» доир ба ибораҳои исмии бо сифати феълӣ баъзе маълумотҳо дода шудаанд

Дар асарҳои номбурда тобишҳои гуногуни маънои ибораҳои сифати феълӣ шарҳ наёфтаанд ва ин аз имкон берун буд, чунки мақсади асосии тадқиқотӣ дар ин кор аз омӯхтани хусусиятҳои морфологӣ ва лексикии сифатҳои феълӣ иборат аст. Азбаски сифати феълӣ дорои ҳам хусусияти сифативу ҳам хусусияти феълист, дар ҷумла аз як тараф ба исм тобеъ шуда ояд, аз тарафи дигар калимаҳои дигарро монанди феъл тобеъ менамоянд. Аз ин сабаб устод Д.Т. Тоҷиев ба ибораҳои исмӣ, ки ҷузъи тобеи он сифатӣ мебошад, муфассал истода ва махсусан ба сифати тобеъшуда омадани объектҳои бавоситаю бевосита, инчунин хелҳои гуногуни ҳолшарҳкунандаҳоро хеле хуб нишон додааст [Тоҷиев, 1954: 65].

Дар забони англисӣ, воҳидҳои муқоисавии фразеологӣ як гурӯҳи калони воҳидҳои фразеологии таркибиро ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳ воҳидҳои фразеологиеро дар бар мегиранд, ки ҷузъи асосии он копоненти муқоисавии **as** буда, сифат ҳамчун ҷузъи асосии ин воҳидҳо амал мекунад ва исм ҳамчун ҷузъи тобеъ амал мекунад.

Муҳаққиқ В. Н. Телия доири ин масъала чунин ибрози ақида доранд: ибораҳои устувори сифатӣ ба навъи воҳиди фразеологии дуҷузъаи махсусиятҳои идиоматикидошта мансуб буда, ки ҷузъҳои онҳо бо пайвандҳои муқоисавӣ муттаҳид шудаанд. Муқоисаи устувор дар маҷмӯъ - далели системаи забонист, ки нишондиҳандаи асосии ифоданокии нутқ ба шумор меравад [Телия, 1996: 7].

Ҷузъи аввали ин сифатҳои муқоисавӣ одатан дар маънои аслии истифода мешавад. Қисми дуввум ҳамеша фарохтар ифода меёбад, зеро он дараҷаи хусусиятро ифода мекунад, ки дар таркиби аввал ифода шудааст. Ҷузъи аввалро асоси муқоиса номида, ҷузъи дуюм объектӣ муқоисаи он шумурда мешавад.

Пайвандаки **as:**

(as) good as gold - (ҳамчун) хуб, чун тилло; хуб, олӣ, тиллоӣ (шахс).

➢ Gertrude Morel was very ill when the boy was born. Morel was good to her, **as good as gold** (D.H. Lawrence). - Вақте, Гертруда Морел таваллуд шуд, писараки беморе буд. Морел нисбати ӯ, чун тилло хуб буд.

Gertrude Morel - субъектӣ муқоиса буда, good - (хуб) асоси муқоиса, gold - (тилло) объекти муқоиса ва as - ҳамчун пайвандак. [Кунин,1996: 268].

Муқоисаи сифатӣ дар забон барои тавсеа додани маълумоте, ки бо ҷузъи аввал ва пайвандаки муқоисавӣ истифода бурда мешаванд.

А. В. Кунин қайд мекунад, ки тафсири ифоданокии ибора аз он бармеояд, ки дар гуфтор муқоиса ба ҳамон ашё, зуҳурот ё ашхос мансуб аст, ки дар ҷузъи дуввуми он ифода ёфтааст, масалан; he is as brave as a lion - вай мисли шер ҷасур аст. Образнокӣ дар муқоисаи одам бо шер таҷассум ёфтааст, аммо агар мо шерро бо шер муқоиса кунем, пас ифодакунии муқоисавӣ халалдор шуда ба як муқоисаи ғайри ифоданок табдил меёбад. [Кунин, 1996: 268].

➢ «No,» the boy said. «But I will see something that he cannot see such **as a bird working** and get him to come out after dolphin [Hemingway: 2].»- «Не», гуфт писар. «Аммо ман чизеро дида метавонам, ки вай **монанди парандаи машғулбудае наменамуд**, водор карданд, баъд аз дельфин берун барояд, наметавонад [Хемингвей: 7].

➢ Баногоҳ як озори ҷонгудозе дар баданам пайдо шуд, ки нафасам дар дарун афтод ва баъд аз нафасамро рост гирифтан бо панҷаҳои борики нотавонам, ки аз ғазаб **монанди панҷаи хурӯс нештар барин шуда буд** [Айнӣ: 21]. - Then I felt such a searing pain between my legs that I could not breathe. When I recovered my breath, in my rage my puny fingers became **as strong as a rooster's spurs** [Aini: 23].

Аз таҳлилу баррасӣ маълум мегардад, дар забонҳои мавриди муқоиса ифодаи ибора ба воситаи пайвандакҳои муқоисавии *монанди, чун, such as* муқоиса ба ҳамон зуҳурот ё ашхос мансуб аст, ки дар ҷузъи дуввуми он ифода ёфтааст, масалан; *монанди панҷаи хурӯс нештар барин, such as a bird working* (таҳтул: *чун паррандаи коркардаистода, серкор*). Образнокӣ дар муқоисаи одам бо *паррандаи серкор* тасвир ёфтааст, хеле ифоданок тафсир ёфтааст.

Аз натиҷаҳои таҳқиқоти муҳаққиқ Амосова Н. Н. чунин бармеояд, ки ба сифати объекти муқоисавӣ дар як қатор компаративизмҳои забони англисӣ, исмҳо меояд: (as) large-hearted - чун шахси дилкушод (сахӣ) ; (as) high- minded men - чун шахси файзбахш (боҳиммат) ; (as) quite as a blank - қоғази сафед барин (холӣ, тоза); (as) sweet as honey - асал барин ширин(ширин); (as) warm as a toast - (ҳамчун) хамир гарм(гарм, самимӣ); (as) cool as a cucumber - (ҳамчун) чун бодиринг сард(дилхунук, беҳис). [Амосова, 1989: 49] .

➢ Publishers are definite: so are certain generous critics who have encouraged me **as** only **large-hearted and high-minded men** know how to encourage a struggling stranger [Jane Eyre: 2]. - Наширонмаълуманд: баъзе мунаққидони саховатманде ҳастанд, ки маро **чун одамони дилкушоду меҳрубон** рӯҳбаланд кунаданд ва онҳо медонанд, ки чӣ гуна шахси бегонаи муборизро дилбардорӣ намоянд. [Ҷ.Эйр: 2].

➢ .. yet there were certain introductory pages that, child **as** I was, I could not pass **quite as a blank** [Jane Eyre: 2]. - .. лекин ман нисбати баъзе саҳифаҳои дебоча, бо вуҷуди он, ки кӯдак будам, наметавонистам бепарво монам [Ҷ. Эйр: 6].

Дар мисоли боло бармеояд, ки дараҷаи муқоиса бештар ба воситаи пайвандаки муқоисавии **as** сурат мегирад. Ҷузъи аввалро асоси муқоиса номида, ҷузъи дуюм объектӣ муқоисаи он шумурда мешавад.

Аз таҳлили сохтории ибораҳои устувори сифатӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бармеояд, ки муқоисаи онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ зарур буда, ёфтани муодилашон дар ҳарду забон муҳим аст, зеро ки онҳо дар ҳар забон шакли устувор дошта, дар фарҳангҳои махсус ҷой дода шудаанд. Ва гурӯҳи муайяни калимаҳо - номи паррандаҳо, ҳайвонот, ҳашарот, ҳодисаҳои табиат, ҷирмҳои осмонӣ, узвҳои бадан ва монанди инҳо бо истифода аз санъати истиора ва ташбеҳ васеъ ва ҳаматарафа дар ин навъи воҳидҳои фразеологӣ корбаст шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Амосова Н.Н. Основы английской фразеологии. – Л.: Изд-во ЛГУ, 1989.– 208с.
2. Кунин А.В. Курс фразеологии современного английского языка. - Москва, 1996 .
3. Таджиев, Д.Т. Причастие в современном таджикском литературном языке / Д.Т. Таджиев. - Сталинобод, 1954. - 128 с.
4. 3.Телия В. Н. Фразеология: семантический, прагматический и Лингвокультурологический аспект - М, 1996.
5. Charlotte Bronte. Jane Eyre. - Toronto-New York- London- Sydney. - 1986. - 433 pg.
6. Шарлотта Бронте. Ҷейн Эйр. - Душанбе: ТҶБ «Истиқбол» - 2010.
7. Хемингвей Эрнест. The old man and the Sea//Пирамард ва баҳр. -Душанбе: Нашриёти Бухоро. - 2014. -167 с.

АДЪЕКТИВНЫЕ УСТОЙЧИВЫЕ СРАВНЕНИЯ В СИСТЕМЕ АНГЛИЙСКОЙ И ТАДЖИКСКОЙ ФРАЗЕОЛОГИИ

Статья посвящена сопостовительно - типологическому исследованию адъективные устойчивые словосочетания английского и таджикского языков, что является актуальным научного анализа богатого фонда фразеологизмов двух генетически родственных языков.

Детальному научному анализу подвергается как структурное построение адъективные устойчивые словосочетания английского и таджикского языков, так и их семантические особенности, обеспечивающих ее актуальность, и необходимость комплексного исследования. На основе богатого фразеологического материала обосновывается теория сопостовительно – типологического исследования фразеологической системы языков в целом и в языковой структуре таджикского и английского языков.

Ключевые слова: *адъективные устойчивые словосочетании, сопостовительно – типологическому исследованию, фразеологических единиц, генетически родственных языков, фразеологической системы языков.*

COMPARATIVE PHRASEOLOGICAL PHRASES IN ENGLISH AND IN TAJIK PHRASEOLOGY

The present article devote to one of the important problem of modern linguistics, particularly comparative phraseological phrases of English and Tajik languages, which is actual for research analysis of reach fond of phraseological system of two genetic relative languages.

The authors give a wide range of idiomatic expressions and show their use in context, and explained the way of their translation into Tajik. Finally, it is important for the user to keep in mind the way of using and translation idiomatic expressions from English into Tajik.

Key words: *comparative phraseological phrases, typological research, phraseological units, genetic relative languages, idiomatic expressions, modern linguistics, research analysis.*

Сведения об авторах:

Абдулхаков Саидшо Абдулакимович *- Таджикский национальный университет, доктор (PhD) кафедры английского языка и сравнительной типологии. Телефон (+992) 935696966*

Наврузшоев Бахридин Хушхолович *- Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры английского языка и сравнительной типологии.* ***Адрес:****734025, Республика Таджикистан г. Душанбе проспект Рудаки 17. Телефон: (+992) 933988045. E-mail:-bakhakhush @ mail.ru.*

About the author:

Abdulhakov Saidsho Abdulhakimovich *- doctor PhD, Department of English Language and comparative typology of the faculty of Asian and European Languages, TNU. Phone: (+992) 935696966*

Navruzshoev Bahriddin Khushkholovich *- associated Professor, Department of English Language and comparative typology of the faculty of Asian and European Languages, TNU. Tel.: (+99) 933988045. E-mail:-bakhakhush@mail.ru.*

УДК 809.155.0

НАҚШИ ПАСВАНДҲО ДАР ТАШАККУЛИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВИИ МАРБУТ БА НАБОТОТ

Юсупова С.А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дар асоси калимаҳои сода тавассути пасвандҳо сохтани калимаҳо, яке аз роҳҳои асосӣ ва меъёрии забони тоҷикӣ ва шеваҳои забони тоҷикӣ ба шумор меравад ва ин хусусияти суннатии калимасозӣ дар тӯли садсолаҳо сайқал ёфта, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мардум истифода мешавад. Таҳлилҳои мутахассисон гувоҳи онанд, ки дар ташаккули калимаҳои сохта дар шеваҳои ҷанубӣ [ШҶЗТ, 1979] ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ [Хоркашев, 2010] нақши пасвандҳо муҳиманд. Маводи дасти мо баёнгари он аст, ки воҳидҳои луғавие, ки дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ бо пасвандҳо сохта мешаванд, барои ифодаи номи меваҳо, номи гулу гиёҳу буттаҳо, номи алафҳои гуногун, ифодакунандаи номи узв ё қисме аз растаниҳо, баёни номи наботот аз рӯйи аломату хусусият, ифодаи номи ҳолати растаниҳо (аз қабили гул партофтан, пажмурда шудан, ба пухтан наздик шудани меваҷот) ва ғайра истифода мешаванд. Дар шеваҳои номбаршуда дар сохтани калимаҳои ифодакунандаи номи наботот ва мафҳумҳои ба он алоқаманд пасвандҳои **-ча, -а, -акӣ, -ин, -ина, -зор** хизмат мекунанд, ки онҳоро метавон дар шакли зер алоҳида баррасӣ намуд.

Дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ бо пасванди **-ча** калимаҳои зиёде шакл гирифтаанд, ки дар доираи вожаҳои ифодакунандаи наботот нестанд. Бинобар ин, овардани онҳоро салоҳ намедонем. Зимни баррасӣ ба мо маълум шуд, ки калимаҳои марбут ба номи меваҷот, дарахтон ва вожаҳои марбут ба онҳо дар шеваҳои мавриди назар чандон зиёд набуда, ҳамагӣ бо пасванди **-ча** 8 калима сохта шудааст. Онҳоро ба таври зер овардан мумкин аст: **зардолича** (Кан., Сх., Хов.) як навъи олучаи зард; **савча** (Ғк., Вқ., Қ., Кҳ., Шк.) сабча, найчаи харбуза; харбузаи нопухта, хомак; **кадуча** (Шк., Ҷк.) кадуча, як навъ кадуи сафеди хурд; **ғънча** (Вқ., Шк., Қ.. Қ.Дарв.), **ғъмча** (Кҳ.) ғунча, муғҷа, шукуфа, пунбак: ғъмча-ш кам мунд, хънък гъръфт (Луғ.); **химча//хъмча** (Вқ., Қ., Т., Ванҷ) химча, навдаи тари бутта ё дарахт; **навча** (Мӯм., Сх., Ст., Тқ.) // **навҷа** (Ёх., Соф., Сд.) **навда**: шарт ҳами, ки ток-а навча-ш-а назанӣ, лъғат мекъна (Мӯм.); **қаламча** қаламча, навдаи

буридаи току дарахтони гуногун, ки барои реша гирифтан як нӯги онро ба замин гӯр мекунанд: йа-дъ қаламчайи ток шъҳондем (Қн.).

Калимаи **химча//хъмча,** ки асоси он вожаи «хом» аст, ғайр аз маъноии «навдаи тари бутта ё дарахт» ба маъноии «халачӯб» низ истифода мешавад. Масалан, **хъмчайи говруна** (Нд., Нз.) - говрона; **хъмчайи говҳайкун** (Вқ., Қ.)- говрона.

Вожаҳои **ширинча // шъринча** (Вқ., Ғк., Кҳ., Қ., Ҷк., Шк.), ки тавассути пасванди **-ча** сохта шудааст, ба маъноии «ширинча, навъи касалии дарахт, тамоку ва зироатҳои полезӣ» истифода мешавад ва дар баробари ин ба маъноии бемории «ширинча, навъи касали пӯст», ки бештар дар бадани тифл пайдо мешавад, мустаъмал аст.

Ҳамин тавр, пасванди **-ча** дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ на танҳо шаклсоз, балки калимасоз низ ба шумор рафта, дар доираи калимаҳои марбут ба наботот низ вожаҳо сохтааст.

Пасванди -а. Аз тадқиқоти забоншиносон маълум аст, ки пасванди **-а** яке аз пасвандҳои сермаҳсул ва фаъол буда, дар забони форсии қадим реша дошта, дар қадим шакли **-а-ка** ва ё **-ака** доштааст [ОИЯ, 1982, 204]. Дар забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ [ГЗАҲТ, 1981] ва дар забони давраи классикӣ [Қосимова, 2003, 348; Касимов, 2006, 54] аз пасвандҳои сермаҳсул қаламдод шудааст. Муҳаққиқи шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ Ҷ.Мурувватов доир ба хусусиятҳои исмсозии ин пасванд чизе намегӯяд [ШҶЗТ, 1979, 16]. С.Раҳматуллозода доир ба масъалаи калимасозии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ тадқиқот бурда, пасванди **-а** -ро чун морфемаи фаъоли исмсоз муаррифӣ карда, бо ин унсури грамматикӣ сохтани калимаҳои ифодакунандаи марбут ба шахс, номи ашё, макон ва исмҳои маъниро баён менамояд. Аммо роҷеъ ба сохтани калимаҳои марбут ба наботот чизе намегӯяд [Раҳматуллозода, 2016, 56].

Дар ҳақиқат дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ бо пасванди **-а** ба вуҷуд омадани калимаҳои марбут ба наботон чандон фаъол нест. Бо ин морфема 8 калима сохта шудааст. Аммо бояд зикр кард, ки дар доираи ин қабати луғавӣ морфемаи мазкур хусусияти шаклсозӣ низ дорад. Калимаҳои **дона//дуна** (Сам., Ҳак., Нӯш., Кев., Дарв., Б., Ванҷ) донаи зардолу, шафтолу, хурмо, себ, нок; тухми харбуза, тарбуз, каду ва ҳоказо; **шоха** (Ҳак., Нӯш., Кев., Дарв., Шк.) «шохчаи дарахт» бо пасванди –**а** шакл гирифта бошанд ҳам, маъноии онҳо бо ососҳои **дон** ва **шох** баробаранд: дуна-ра ов бърдайсодас (Сам.); кърм тигайи донайи зардоли-ра хърдай (Нӯш.).

Бо пасванди мазкур калимаҳои зерин, ки марбут ба наботот мебошанд, сохта шудааст: **дила** (Нд.) мағз**:** йа дила харбъза бъхърú, ҷун-ът медама (Каҳ.); **сарда** (Тк.) харбузае, ки барои зимистон нигоҳ медоранд; **съфара** (Лахш) як навъи зардолу; **ғъжда** (Нд.) ҷойи барҷастаи танаи дарахт: ҳаму ғъждай чормаҳ пук-ай; **ҳафтода** (Қ.) кишти арзан, заҳир, ҷуворимакка; **қабза//қавза** (Ҳич. Вқ., Сам., Гх.) дастаи ҷаву гандуму алафи даравида: йа қавза каҳ мийовум, дарза-ш мебандум (Ҳич.); **кънда** (Вқ., Сам., Хов.) параҳои лунда-лундаи дарахтон: ҳамъ кънда-ра чоркафун каан (Хов.); **парварда** (Шх., Хов.) 1.ниҳоли помидор, қаламфур, карам, бодинҷон ва ғ: парварда кардем, нағз бастак (Шх.); 2. пайванд, навдае, ки барои пайванд интихоб мешавад.

Пасвандҳои -акú, -ин, -ина, -зор. Бо пасвандҳои мазкур теъдоди ками воҳидҳои луғавӣ марбут ба наботот сохта шудааст ва онҳо дар сохтани ин гуна калимаҳо ғайрифаъол мебошанд. Бо пасванди **–акú** калимаҳои зерин сохта шудааст: **чъшмакú** (Ток.) як навъи растанӣ; **белакú** (Пд.) дастниҳоли помидор, қаланфур ва ғ: белакú памидор овардъм (Ғк., Кҳ.); **саракú** (Ёх., Мӯм., Сх., Хов.) ҷараёни кӯфтани саракҳои (хӯшаҳои) боҷимонда, ки пас аз бод додан ҷудо шудаанд. Калимаи **чъшмакú** // **чашмакú** (Қ.) // **чашмакú** (Ғк., Кҳ.) ба маъноии «чашмакӣ, ишора, чашмак», ки дар забони адабии меъёр маъмул аст, истифода мешавад: ҳарамú хилват места-въ чишмакú мекъна сини мо (Каҳ.).

Пасванди -ин бо калимаҳои **каҳ** (коҳ) ва **нарак** (дар шакли кӯтошуда **нарък**) пайваст шуда, вожаҳои **каҳин** (Хов., Ёл) ба маъноии «навъи амрӯди ҷангалӣ (хасак)» ва **наркин** (Қ.) бо семантикаи «навдаҳои мевадиҳандаи дарахтон ва ток» ба вуҷуд овардааст. Вожаи наркин, ҳамчунин бо маъниии «пояи беҳосили сабзавот (ҳамчун сабзӣ, пиёз ва ғ.)»низ маъмул аст: савзи-йа ҳама-ш наркин шидаст (Мт.).

Пасванди -зор танҳо дар як маврид бо калимаи чормаҳ дар шакли **чормаҳзор** мушоҳида шуд, ки макон ва фаровони ашёро мефаҳмонад ва ин калимаи умумихалқӣ буда, барои забони адабии тоҷикӣ ва шеваҳоямон баробар хизмат мекунад.

Пасванди -ина ҳам бо исми банд омада калимаи нави бандина (Шк., Қ., Ғк.) сохтааст, ки ба маъноии «банди аз растанӣ ё навдаҳои дарахт тофташуда»-ро дорад, ки бо вай дарзаҳои ғалла ё алаф мебанданд: бачаҳо-ра бандина-да равон кънем, ки қавза бисйор шидай, шамол мепарона (Кан.).

Ҳамин тавр, дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ дар сохтани воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи наботот ва мафҳумҳои ба он вобаста пасвандҳои **-ча, -а, -акú, -ин, -ина,** хизмат мекунанд, ки маҳсулнокии онҳо якрангу якнавохт нест. Дар байни ин унсурҳои грамматикӣ пасванди **-ак** ва **-ча** нисбатан сермаҳсул аст ва дар сохтани калимаҳои ниёзи мардум хизмат кардаанд. Пасвандҳои **-а, -акú, -ин, -ина, -зор** ғайрифаъол ва каммаҳсул ба ҳисоб мераванд.

Дар маҷмӯъ пасвандҳо яке аз воситаҳои асосии калимасозӣ буда, дар ташаккули воҳидҳои луғавии марбут ба наботот саҳми арзанда доранд.

Аз ин рӯ, хулоса кардан мумкин аст, ки барои ба вуҷуд омадани калимаҳои сохта, миқдори мухтасаре аз ҳайати пасвандҳои шеваҳои таҳқиқшаванда иштирок мекунанд ва маҳсулнокии онҳо баробар нест. Дар байни онҳо пасванди **-ак** (бо вариантҳои фонетикиаш) ва **-ча** нисбатан сермаҳсул ва пасвандҳои **-а, -акӣ, -ин, -ина, -зор** каммаҳсул ба шумор мераванд. Зимни баррасӣ маълум мегардад, ки вайҳо дар баробари шаклсозӣ морфемаи фаъоли калимасоз низ мебошад, ки бо онҳо вожаҳои зиёди марбут ба наботот сохта шудааст. Ҳангоми таҳқиқи пасвандҳо усули дар алоҳидагӣ баррасӣ кардани хусусиятҳои калимасозии онҳо ба мақсад мувофиқ дониста шуд.

АДАБИЁТ

1. Алиев О. Язык таджикского эпоса «Гуругли»: Автореф. дис. канд. филол. наук. -М.1985. -15 с.
2. Бахтибеков Т. Грамматикаи забони шуғнонӣ. -Душанбе: Дониш, 1979. 146с.
3. Гаффоров Р. Язык и стил Рахима Джалила (на материале романа «Пулат и Гульру»). Автореф. канд. филол. наук. Самарқанд, 1964.
4. ЗАҲТ, 1981
5. Джураев Г. Система диалектной лексики таджикского языка /на материале южных говоров/: Автореф. дис. д-ра филол. наук. -Душанбе, 1992. -30 с.
6. Зарубин И.И. Очерки разговорного языка самаркандских евреев// Иран. -Л., 1928. Т.П.,
7. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. -Душанбе: Маориф, 1973. Қисми I: Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. -464 с.
8. Им С.Б. Морфологические альтернации в именном словообразовании: Автореф.дис.канд.филол.наук. -М., 1977. 16с.
9. Махадов М. Некоторые особенности консонатизма в припянджских говорах Дарваза // Забонҳои помирӣ ва фольклор. -Душанбе: Дониш, 1972. -С.34-41.
10. Мирзоев А. Фарқҳои семантики суффикси –ак // Барои адабиёти социалистӣ. 1936. № 10-11. -С.16-20.
11. Оранский Н. М. Введение в иранскую филологию. -М.: Наука, 1988. -389 с.
12. Отахонова А. «Фарҳангнома»-и Ҳусайн Вафоӣ. -Душанбе, Дониш, 1986.
13. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка. -М.: Изд-во МГУ. 1973. -200 с.
14. Рахматуллозода С. Словообразования имён существительных в южных и юго-восточных говорых таджикскогог языка. –Душанбе, 2016, 274с.
15. Сӯфиев А.Лексикаи шеваи Кангурт ва баъзе хусусиятҳои он //Ученых записки Кулябского пединститута. Вып.IV. – Куляб. 1958. –С.225-232.
16. Касимов О. Деривация в «Шахнаме» Абулкасима Фирдавси. –Душанбе, 2006, 186с.
17. Климчицкий С.Н. Дарвозский фахлавийот//Тр.Тадж. базы АН СССР. 1940.-Т.С 20.С.65-93.
18. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳои IX-X). Қисми 1. -Душанбе, 2003. 490 саҳ.
19. Розенфельд А.З. К терминологии родства и свойства в таджикских говорах // Иранское языкознание. -М.,1976.
20. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе: Дониш, 1972. -79 с.
21. Раупов Ҳ. «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ» ҳамчун сарчашмаи лексикографияи тоҷику форс. -Душанбе: Дониш, 1973. -191 с.
22. Розенфельд А.З. Дарвазские говоры таджикского языка // Тр. АН СССР. 1956. Т.6. -С.196-272.
23. Розенфельд А. З. Ванчские говоры таджикского языа. -Душанбе, 1964. -149 с.
24. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка.-Л., 1971. -192 с.
25. Расторгуева В. С., А.А.Керимова ва дигарон. Гилянский язык. М.: Наука, 1971. -320с.
26. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров. -М.: Наука, 1962. -188 с.
27. Розенфельд А.З. Говоры Каратегина. -Сталинабад, 1960.
28. Успенская Л.В. Каратагский говор таджикского языка. -Сталинабад. 1956.
29. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо. -Душанбе, 2010, 144с.

РОЛЬ СУФФИКСОВ В ОБРАЗОВАНИИ ЛЕКСИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ, ОБОЗНАЧАЮЩИЕ ФЛОРЫ

Одним из основных пластов лексического состава южных и юго-восточных говорах таджикского языка, является существительные обозначающие названия ростении. Для образования производных ЛЕ используются некоторые суффиксы из общего состава существующих в говорах суффиксальных морфем и различающихся степенью продуктивности. Среди них наиболее продуктивними является суффиксы ***-ак*** *и* ***-ча****, такие суффиксы как* ***-а, -акӣ, -ин, -ина, -зор*** *которые являются непродуктивными. Указывается, что наряду с формообразующей функцией они широко применяются также в словообразовании, посредством которого образованы целый ряд слов, обозначающие флору.*

Ключивые слова: *лексические единицы, суффикс, грамматика, диалект, растения, словообразования, дерево и фрукты, продуктивность, активность, малопродуктивность.*

THE ROLE OF SUFFIXS IN THE FORMATION OF LEXICAL UNITS DENOTING FLORA

Ones from fundamental sheets, lexical staff south and south-east dialect of tajik language, present noun designate name of plant.

*In this aspect, the paper considers the role and meanings of such suffixes as -**ак**, -**ча**, -**а**, -**акӣ**, -**ин**, -**ина**, -**зор**. Each suffix is analyzed separately, determined by the degree of its use, productivity and unproductiveness, and in some cases the statistical data of new words formed by these suffixes.*

Keywords: *flora, suffix, homomorphism, word formation, dialect, grammar, tree, fruits, noun, productivity, active, unproductivity. It is indicated that, along with the form-building function, it is also widely used in word-formation, by means of which a whole series of words representing flora are formed.*

Сведения об авторе:

Юсупова Сурайё *- кандидат филологических наук старший преподаватель кафедры общеуниверситетского таджикского языка Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, E-mail: surayojon88@mail.ru, Телефон: (+992) 915240434*

About author*:*

Yusupova Suraiyo *- PHD, The head of department of Languages «Social-medical institute of Tajikistan» e-mail:surayojon88@mail.ru Телефон: (+992) 915240434*

УДК: 4Т (075)
ББК 81.2

ПЕРОМУНИ ЯК ОМИЛИ ҒАНОВАТИ ЗАБОНИ МИЛЛӢ

Тилляходжаева М.Н., Хакимова Ш.И.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Забони адабии тоҷик аз забонҳои қадима ва ғаноманди ҷаҳон ба шумор меравад. Он дар тӯли садсолаҳо пайваста дар раванди тағйиру таҳаввул қарор дошта, хидмати халқи тоҷикро адо карда меояд. Забони тоҷикӣ нишони шуур, тафаккур ва олами маънавии тоҷикон аст, зеро он маҳсули зеҳнии ин миллати қадима ва бофарҳанг ба шумор меояд, сатҳи сохторию маъноии қисматҳои он аз дараҷаи маърифати соҳибони забон бармеояд.

Дар сохтори забон аз воҳидҳои овозӣ сар карда, то ҷумлабандӣ унсурҳои муҳим ва номуҳим вуҷуд надорад. Воҳидҳои овозӣ, хурдтарин воситаҳои калимасозию калимабандӣ, қолабҳои ибораороиву ҷумлабандӣ ва меъёрҳои талаффуз дар муддатҳои мадиди таърихӣ сайқал ёфта, ихчаму корбоб шуда, то ба замони мо расидаанд, бинобар он воҳидеро аз системаи забонӣ роиҷ ба даъвои унсури нозарур фурӯгузор кардан маҳол аст. Умри воҳидҳои чи лексикӣ ва чи грамматикии забон аз умри инсон чандин маротиба тӯлонитар аст, вагарна забон наметавонист чун воситаи ифодаи фикр ва алоқа хидмати наслҳоро пайиҳам адо намояд.

Дар баробари ин забон ҳамеша дар инкишоф аст, дар замири он пайваста дигаргуниҳо рух медиҳанд, ки ин пеш аз ҳама ба таҳаввулоти калима – пайдоиши вожаҳои нав, фарсуда шудан, тағйири сохт, мазмун ва мавқеи истеъмолӣ вобаста мебошад. Дар системаи забон мавқеи пешбар доштани калима пеш аз ҳама бо он муайян мешавад, ки муҳимтарин вазифаи забон – ном бурдани мафҳум ва ифодаи эҳсоси гӯянда ё нависанда, ки фикр тавассути он сурат мегирад, бар дӯши калима аст. Сервазифагии калимаро аз он ҳам дарк кардан мумкин аст, ки он аз як тараф, чун воҳиди луғавӣ, аз тарафи дигар, ҳамчун воҳиди сарфию наҳвӣ баромад мекунад.

Аҳамияти хоса доштани калимаро дар системаи забон аз мавқеи забономӯзӣ низ пай бурдан мумкин аст. Чунонки маълум аст, пештар дар мактабу мадрасаҳо забон ба сифати фанни ҷудогона омӯзонида намешуд, забонро аз адабиёт – қироат ва азбаркунии пораҳои осори адибон меомӯхтанд ва суханвари хуб ҳам мешуданд. Дар он маврид асоси корро луғатомӯзӣ ва луғатдонӣ ташкил мекард. Имрӯз, ки дар мактабҳои миёнаву олӣ забони тоҷикӣ ба сифати фанни мустақил дарс дода мешавад ва аз қисматҳои гуногун иборат аст, ҳамоно калима (луғат) дар омӯзиши забон мавқеи пешбар дорад.

Дар таҳқиқи забони адабӣ ва баҳо додан ба забону услуби шоирону нависандагон, ки устоди сухан ба шумор мераванд, аз ҳамин назаргоҳ наздик бояд шуд.

Ғановат ва сифати забону услуби гӯянда ва нависанда бархӯрдор будан аз теъдоди зиёди сухан, бохабар будан аз маъно ва ҷилоҳои маънии воҷаҳо ва мавридшиносона, дар мавқеи муносиб корбаст намудани онҳо бармеояд. Чунин андешаҳо аз ҷониби олимону адибон низ баён гаштаанд. Масалан, олими машҳури Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ дар бораи «фақри забон» - и баъзе аз нависандагони имрӯзи мо навиштааст: « Фақри забонро аз маъдуд будани шумори луғате, ки дар он роиҷ аст,

метавон дарёфт. Агар намунаи навиштаҳои ин замонро… бардорем ва луғатҳоеро, ки дар онҳо ба кор меравад, берун кашем, луғатномае хоҳем дошт, ки шояд адади луғати он ба 5000 нарасад. Нависандагони имрӯзи мо ба ин маҷмӯаи маъдуд ҳама чизро менависанд.» [11, с.215] Ҳол он ки ин адад дар ҳудуди меъёри луғатомӯзии хонандагони мактабҳои миёнаи умумӣ дар омӯзиши забони дуюм аст. Чунончи, дар замони шӯравӣ дар таълими забони русӣ дар мактабҳои миллӣ «аз ҷониби методистон фаъолона за бар кардани на камтар аз 5000 калима дар назар дошта шудааст.» [13, с.123] Чунонки ишорат рафт, ин адад нисбат ба омӯхтани на забони модарӣ, балки ба забони дуюм дорад, дар айни замон сухан дар бораи забоне (русӣ) меравад, ки давраи нави он таърихи на зиёда аз 300 сол дорад. Вақте ки сухан аз забони ғаноманди модарии тоҷикист, ки давраи нави он зиёда аз ҳазору дусад сол собиқа дорад, он адад бояд ба маротиб афзояд, дар акси ҳол дар бораи ғановату фасоҳату калом сухан кардан амри маҳол аст, ҳатто ба захираи фақири луғавӣ имкони фаҳмидани шеъри классикони тоҷик аз даст меравад. Дар забони модарии мо як мафҳум тавассути, бемуболиға, даҳҳо ва садҳо воҳиди луғавӣ баён мегарданд. Масалан, бино ба сарчашмаҳои илмӣ Лоиқ Шералӣ мафҳуми «вафот кардан»-ро бо 100 воҳиди фразеологӣ баён кардааст. [7] Ё ин ки классикони тоҷик як маъно - тулӯи офтобро бо 250 воситаи забонӣ ифода кардаанд [8], ки ҳодиса дар забонҳои олам, бешубҳа, назир надорад.

Дар илми суханшиносии мо ҳамчунин ҳодисаи нодир ин аст, ки халқи тоҷик, олимону адибони тоҷик садсолаҳо теъдоди калони воҷаҳои пурмаъноро тавассути адабиёти нафиса, луғатномаҳои бисёр ва ҳофизаи худ маҳфуз дошта меояд ва бо ин ғановати забони миллӣ пойдор мемонад.

Ин ҷо суоле ба миён меояд: дар мавриде, ки дар хонаи инсоният – олам, ки ашё, атрофу акноф барои миллатҳо айнист, чаро забонҳо ба дорою нодор қисмат мешаванд? Яке аз сабабҳои асосии он дараҷаи рушди забонҳост, ки он ба инкишофи ҷаҳони маънавӣ, аз ҷумла, тафаккури бадеӣ алоқаманд аст. Вазифаи асосии калима ном бурдани ашё, аломат, адад, ҳолат, амал ва монанди инҳо мебошад, ки инро бори маънӣ мегӯянд, вале калима дар айни замон ифодагари ҳиссиёт ва муносибати гӯянда ё нависанда низ мебошад. Як калима қодир нест, ки дар як вақт эҳсосот ва муносибатҳои мухталифро ифода намояд, ногузир бо нигаҳдошти асли маъно, муродифи вожа ба вуҷуд меояд, ки аз ягон ҷиҳат – ҳаҷми маъно, тобиши маънӣ, ифодаи эҳсос, мавқеи истеъмол аз калимаи пешина тафовут дорад. Муродифоти луғавӣ (МЛ) ҳамин тавр пайдо мешаванд. Аз ин лиҳоз забоншиносон солҳо дар фикри онанд, ки оё дар забон далелҳое ҳам ҳастанд, ки калимаҳо, ҳатто ду калима (муродиф) бо ҳам аз ҳар ҷиҳат – мазмун, ифодаи эҳсос, мавқеи истеъмол айнияти комил дошта бошанд? Чунин ҳодиса ба забон хос нест, зеро дар мавриде, ки ин калима матлаби гӯянда ё нависандаро ба пуррагӣ баён месозад, зарурати «таълиф»-и вожаи ҳаммаънои нав аз байн меравад. Вожаи нав вақте пайдо мешавад, ки калимаи маъмул матлабро табъи дил, ба тавре ки гӯянда ё нависанда мехоҳад, ифода карда наметавонад, дар натиҷа ба ёрии каломи маъмул вожаҳои нави муродифӣ меоянд ва ҳамин тавр сухане бар сухане зам шуда, таркиби луғавии забон ғанӣ мегардад.

Яъне бойигарии забон пеш аз ҳама ба мавқеи муродифоти луғавӣ вобаста мебошад. Ба ин муносибат яке аз муҳаққиқони соҳаи муродифшиносӣ А.А. Брагина дар асари монографии худ «Синонимҳо дар забони русӣ» навишта буд: «Ҳар дафъа, вақте ки аз ғановати забон дар давраи муайян сухан мекунанд, одатан ҳамчун далели раднопазир ба арзишмандӣ ва рангорангии синонимҳо рӯй меоранд.» [2, с.5]

Чунончи ақида, яъне ҳамбастагии мафҳумҳои муродифоти луғавӣ ва рушди забон дар манбаъҳои тозатарини илмию таълимӣ низ тазаккур меёбад. Чунончи, луғатшинос В.Д.Черняк дар китоби худ иброз медорад: «Синонимия хосияти ҳамаи забонҳои мутараққӣ буда, имкониятҳои муассирии системаи забонро дар худ таҷассум менамояд. Серҷабҳагии ин ҳодисаи забонӣ аз вазифаи коммуникативии синонимҳо, ки ба робитаи мутақобилаи умумият ва тафовути семантикӣ асос меёбад, бармеояд.» [12, с.3] Боз, дар поёнтар таъкид месозад, ки «Қазияи синонимия яке аз проблемаҳои абадии семантикаи забоншиносӣ мебошад, ки бо вуҷуди кӯшишҳои пайдарпай назариявӣ ва амалӣ, аз он ҷумла, танзими луғатҳои синонимӣ, ҳанӯз ҳалли худро наёфтааст.» [12, с.5]

Масъалаи нокифоя омӯхта шудани қазияи синонимика аз ҷониби олимони дигар низ дар сатҳи асарҳои ҷамъбастии ҳам академӣ ва тадқиқот мансуб ба забону услуби адибони ҷудогона қайд гардидааст. Чунончи, дар сарсухани маҷмӯаи мақолаҳои мутахассисони соҳаи муродифшиносӣ «Синонимҳои забони русӣ ва хусусиятҳои онҳо», ки бо грифи Академияи умумии собиқ Иттиҳоди шӯравӣ ба табъ расидааст, тазаккур ёфтааст, ки «ба пайдоиши мақолаҳои бисёри назариявӣ рочеъ ба масъалаи синоним ва синонимия нигоҳ накарда, ин қазия минбаъд низ бояд мавриди омӯзиш қарор бигирад. Барои ҳалли он нисбат ба пештара ба далелҳои зиёд рӯ овардан зарур аст.» [10, с.3]

Рисолаи илмии С.В.Римар яке аз тадқиқотҳои тозаэҷодест, ки ба муродифоти луғавии шоири бузурги рус А.С. Пушкин бахшида шудааст, дар он ҳам омадааст, ки «омӯзиши синонимикаи забони нависанда мавзӯи нав нест… Дар манбаъҳои забоншиносӣ оид ба синоним нуқтаи назари ягона

вуҷуд надорад. Масъалаҳои асосии синонимҳо ва вазифаҳои онҳо дар забон ва нутқ баҳсноканд. Мафҳуми «синоним» ба таври мухталиф ташреҳ меёбанд.» [9, с.3

Табиӣ суоле ба миён меояд, ки сабаби бо ин қадар таваҷҷӯҳи олимон кушода нашудани «чигил»-и қазияи муродифоти луғавӣ дар чист? Баъзе аз муҳаққиқон ҷавоб додаанд, ки мураккабии масъала аст. Инро забоншиносони тоҷик низ таъкид кардаанд, чунончи, муаллифони «Луғати мухтасари русӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ – русии синонимҳо» Капранов В.А. ва диг. навиштаанд, ки «синонимия яке аз мушкилтарин проблемаи забоншиносӣ ба шумор меравад», Ҳ.Маҷидов онро «аз категорияҳои ниҳоят мураккаби забон» [6, с.75] қаламдод кардааст. Чунин хулосаи мутахассисон, комилан дуруст аст, вале моҳияти ин «мураккабӣ»-ро аз куҷо бояд ҷуст ва ташреҳ кард? Аз назари мо, он ба чанде аз омилҳои дохилии забон вобастааст:

1.Дар илми забоншиносӣ ҳанӯз масъалаи маъно (семасиология) ба пуррагӣ таҳқиқ нашудааст, ҳар чӣ дар бораи маънои калима мегӯем, ё маъноро асоси таснифоти калимаҳо қарор медиҳем, мафҳуми хеле умумии маъно ё ба истилоҳи забоншиносии умумӣ «семантика» мебошад, алҳол ҳудуди маъно ва тобишҳои маъной ва принсип ё меъёрҳои муайян кардани онҳо кор карда нашудааст.

2.Қазияи муродифоти луғавӣ бо як қисмати забоншиной маҳдуд нест, он масъалаи муштараки лексикология, семасиология ва услубшиносӣ мебошад, ки ин қисматҳои илми забон ҳанӯз ба дараҷаи бояду шояд ташаккул наёфтаанд.

Дар болотар мушкилоти илми маънишиносӣ (семасиология) номбар шуд, ки он аз нокифоягии таҳқиқи масъалаи асосии соҳа (семантика) бармеояд. Бо услубшиносӣ вазъият аз ин ҳам мушкилтар аст, зеро, аз як тараф, ба қавли академик В.В. Виноградов «услубшиносӣ қуллаи таҳқиқи забон, асоси назариявии рушди нутқи мадании миллист.» [3, с.5-6], аз ҷониби дигар, принсипҳои умумӣ ва инфиродии ин соҳаи илм ҳанӯз муайян нагаштааст. Аз он ҷумла, дар корбурди сухан услуби интихоб ва нигориши ҳар як адиб хосияти инфиродӣ дорад, ки аз ҷаҳонбинӣ, диди эстетикӣ, сатҳи луғатдонӣ ва услуби нигаронидагии соҳибкалом бармеояд. Аз ин рӯ равшан аст, ки дар илми забоншиносии ягон халқ омӯзиш ва зиёда аз он ҷамъбасти арзишҳои маъноию услубии адибон ба сомон нарасидааст. Гузашта аз ин, муродифшиносони номии рус А.П.Евгенева, Е.А.Иванникова, В.В. Розанова, Л.П., Е.А Алекторова., С.Ф.Геккер ва дигарон дар муқаддимаи китоби дастҷамъонаи дар боло зикршуда иброз доштаанд: «Барои муваффақ шудан ба назарияи умумии муродифоти луғавӣ дақиқона омӯхтани масъалаҳои хоси синонимҳо дар забонҳои гуногун зарур аст. Танҳо дар ҳамин сурат имкон пайдо мешавад, ки қонуниятҳои умумӣ ва махсусиятҳои муродифоти луғавӣ дар забонҳои алоҳида нишон дода шавад.» [10, с.5]

Дар таҳқиқи муродифоти луғавӣ як масъала комилан бебаҳс аст: дар муайян кардани маъно ва вазифаҳои истеъмолии воҳидҳои луғавӣ матн нақши бориз дорад. Маҳз дар матн хусусиятҳои маъноию услубии калима рӯшан мегардад, аз ин сабаб заминаи ивазнопазири қисмати услубшиносӣ матн ба шумор меравад. Бечиз нест, ки олимон муродифотро аз масъалаҳои асосии услубшиносӣ донистаанд. Масалан, А.И.Ефимов онро «проблемаи марказӣ ва моҳияти илми услубшиносӣ» [4, с.245] номидааст.

Вақте ки сухан аз заҳмати нигорандагӣ ва мактаби эҷодии шоирону нависандагон меравад, боз ҳам дар маркази диққат интихоби калима аз қаторҳои синонимӣ гузошта мешавад ва хеле ҷолиб аст, ки ин мазмун аз забони ҳам суханшиносон ва ҳам худи устодони каломи бадеӣ садо медиҳад. Чунончи «Заҳмати эҷод, - навиштааст услубшинос М.Н.Кожина,- ин бештар «заҳмати синонимҳо» мебошад» [5, с.116].

Олим ва адиби машҳури Эрон Муҳаммад Тақии Баҳор «интихоби алфоз»-ро масъалаи асосии сабкшиносӣ мешуморад [1, с.5]

Таҷрибаи нависандагони варзида нишон медиҳад, ки барои суханвари бузург донистан ва ба кор бурдани захираи луғавии забон ҳанӯз кам аст, ҳангоми эҷод вусъати афкори бадеӣ зарурате ба миён меорад, ки суханвар бо назардошти меъёр ва қонуниятҳои забони халқ бар дӯши каломи маъмул мазмун ва тобишҳои тозаи маъной «бор» кунад, дар мавридҳои муайян воҷаи нав офарад. Ин раванд, аз як тараф, боиси ғаномандии захираи муродифоти луғавии забони осори адиб (дар маҷмӯъ забони миллӣ) мегардад, аз тарафи дигар, таҳқиқи он дар назди илми услубшиносӣ вазифаҳои нав ба нав мегузорад.

Забони адабӣ мафҳуми мубҳам нест, он тасаввуршаванда аст. Он ба таври мушаххас қабл аз ҳама дар мисоли эҷодиёти шоирону нависандагон ба тасаввур меояд, зеро маҳз онҳо устодони сухан ба шумор мераванд – забони халқро меомӯзанд, ба кор мебаранд, онро сайқал дода, тавассути асарҳои худ боз ба халқ – соҳиби забон манзур месозанд.

Забони шоирону нависандагони бузург намунаи олии забони миллат маҳсуб меёбад. Хосиятҳои забони адабон дар маҷмӯъ вазъи забони адабиро дар ин ё он давра муайян менамояд. Аз ин лиҳоз хоҳем, ки забони адабии ҳозираро таҳқиқ бисозем, бояд забон ва услуби адибони соҳибтаҷрибаи муосири тоҷикро биомӯзем.

Умуман пайдоиши муродифот, аз ҷумла муродифоти лугавӣ яке аз роҳҳо, сарчашмаҳои бойу ғанӣ гаштани таркиби луғавии забон маҳсуб меёбад. Мавҷудияти муродифоти луғавӣ, қатору силсилаҳои муродифии вожаҳо яке аз далелҳои раднопазири ғановатмандии забон аст.

АДАБИЁТ

1. Баҳор, Муҳаммад Тақӣ. Сабкшиносӣ ё торихи таттаввури шеъри форсӣ. Чопи дувум. - Теҳрон, 1335
2. Брагина А.А. Синонимы в литературном русском языке. – М.: Наука, 1986. – 127 с.
3. Виноградов В. В. Стилистика. Теория поэтической речи. Поэтика. – М.: Наука. 1963. – 225 с.
4. Ефимов А.И. Стилистика художественной речи. – М., 1957. – 442 с.
5. Кожина М.Н. Стилистика русского языка, Изд. Второе. – М: Прсвещение, 1983. – 223 с.
6. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷилди 1. Луғатшиносӣ. – Душанбе, 2007. – 241 с.
7. Маҳкамова Б. Сад тарзи ифодаи як мафҳум дар ашъори Лоиқ. – Хуҷанд, 2002. – 28 с.
8. Насриддинов А. Тасвири тулӯи офтоб дар «Шоҳнома» // Ёдкарди Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. – Хуҷанд: Наргис, 1993. – С.80-104
9. Рымарь С.В. Лексическая синонимика А.С.Пушкина: качественный и количественный анализ (на материале синонимического словника и рядов с разным числом синонимов). Автореф.дисс…канд. филол. наук. – Нижний Новгород, 2008. – 22 с.
10. Синонимы русского языка и их особенности. Отв.ред. А.П.Евгеньева. – Л.: Наука, 1972. –243 с.
11. Хонларӣ, Парвиз Нотили. Забошиносӣ ва забони форсӣ. Чопи савум. - Теҳрон, 1347. – 301 с.
12. Черняк В.Д. Синонимия в русском языке М.:Академия, 2010 . - 128 с.
13. Что значит знать язык и владеть им. Под. ред. Н.М.Шанского. – М.: Просвещение. Ленинградское отделение, 1989. – 191 с.

О ФАКТОРЕ ОБОГАЩЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ЯЗЫКА

Происхождение синонимов, в том числе лексических синонимов, - один из способов и источников обогащения лексической структуры языка. Существование лексических синонимов, синонимических рядов является одним из неоспоримых доказательств богатства языка, и в данной статье анализируются взгляды отечественных и зарубежных ученых на этот вопрос.

Таджикский литературный язык - один из древнейших и богатейших языков мира. Он постоянно развивался веками. При этом язык постоянно развивается, постоянно меняется, что в первую очередь связано с эволюцией слова - появлением новых слов, устареванием, изменениями в структуре, содержании и положении потребления. В языковой системе ведущее положение слова определяется, прежде всего, тем фактом, что наиболее важная функция языка состоит в том, чтобы дать название концепции и выражению чувств говорящего или писателя, через которые происходит мысль.

Функцию слова можно понять из того факта, что оно действует, с одной стороны, как лексическая единица, а с другой стороны, как грамматическая единица.

При изучении литературного языка и оценке языка и стиля поэтов и писателей, владеющих речью, необходимо подходить с этой точки зрения.

Богатство и качество языка и стиля писателя обусловлены тем, что он владеет большим количеством слов, знает значение и нюансы слов и их использование в соответствующей позиции.

Это также уникальное явление в нашей риторике, что таджикский народ, таджикские ученые и писатели на протяжении веков сохраняли большое количество значимых слов через литературу, множество словарей и свою память, и, таким образом, сохранялось богатство национального языка.

Богатство языка зависит, прежде всего, от расположения лексических единиц. При изучении лексических синонимов совершенно неоспорим один вопрос: текст играет важную роль в определении смысловых и потребительских функций лексических единиц.

Именно в тексте становятся понятными смысловые и стилистические особенности слова, поэтому текст является незаменимой основой стилистической части. Происхождение наречий, в том числе лексических, - один из способов обогащения лексической структуры языка. Существование лексических синонимов, рядов синонимов слов - одно из неоспоримых доказательств богатства языка.

Ключевые слова: *богатство национального языка, язык и стиль поэта, лексические синонимы, синонимия, семантика, стилистика.*

ABOUT A FACTOR IN THE RICHNESS OF THE NATIONAL LANGUAGE

The emergence of synonyms, including lexical synonyms, is one of the ways of sources of enrichment of the lexical structure of the language, and the existence of lexical synonym and synonymous series of words is one of the indisputable proofs of the richness of language. The idea and thoughts of famous scientists according to the given problem have written here.

Tajik literary language is one of the oldest and richest languages of the world. It has been constantly evolving for centuries. At the same time, the language is constantly evolving, constantly changing, which is primarily associated with the evolution of words - the appearance of new words, obsolescence, changes in the structure, content and position of consumption. In the language system, the leading position of the word is determined, first, by the fact that the most important function of the language is to give the name of the concept and expression of the feelings of the speaker or writer, through.

The function of a word can be understood from the fact that it acts, with one side, as a lexical unit, and with another side, as a grammatical unit.

When studying the literary language and the assessment of the language and style of poets and writers who master the speech, it is necessary to approach this point of view.

The richness and quality of the language and the style of the writer are determined by the fact that he possesses a large number of words, knows the meaning and nuances of the words and their use in the corresponding position.

This is also a unique phenomenon in our rhetoric, that the Tajik people, Tajik scholars and writers throughout the centuries have preserved a large number of important words through literature, a large number of dictionaries and their own memory, and a similar memory, and so on.

The richness of a language depends, first of all, on the location of lexical units. When studying lexical synonyms, we completely disprove one question: the text plays an important role in determining the semantic and consumer functions of lexical units.

It is in the text that become clear semantic and stylistic features of the word, so the text is an indispensable basic stylistic part. The origin of adverbs, including lexical ones, is one of the ways to enrich the lexical structure of a language. The existence of lexical synonyms, series of synonyms of words - one of the indisputable proofs of the richness of the language.

Key words: *the richness of the national language, the language and style of the poet, lexical synonyms, synonymy, semantics, stylistics.*

Сведение об авторах:

Тилляходжаева Мухаббат Набиджановна *- кандидат филологических наук, доцент кафедры тажикского языка ГОУ «Худжандский государственный университета имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан,Худжанд), Электронная почта:* **tillo92@mail.ru**

Хакимова Шоира Исламовна *– кандидат филологических наук, доцент кафедры тажикского языка ГОУ «Худжандский государственный университета имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан,Худжанд), Электронная почта: -mail: xakimova.shoira@mail.ru*

About the autors:

Tillyukhodjaeva Muhabbat Nabijanovna *- candidate of philological sciences, Associat Professor of the department of the Tajik language the SEI «Khujand Stat University named after G.Gafurov» (Tajikistan, Khujand), e-mail: tillo92@mail.ru*

Hakimova Shoira Islamovna, *candidate of philological sciences, Associat Professor of the department of the Tajik language the SEI « Khujand Stat University named after G.Gafurov» (Tajikistan, Khujand), e-mail: xakimova.shoira@mail.ru*

УДК 80/81
ББК 81.2Т-4

ТАҲАВВУЛОТИ СОХТОРИИ ПЕШОЯНДҲО ДАР ЗАБОНҲОИ АҲДИ БОСТОН ВА МИЁНА

Қурғонов З.Д.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Маълум аст, ки забон ин амри собит набуда, дар ҳар давру замон дучори тағйирот ва таҳаввул мегардад. Аз ҷониби дигар, барои дарёфтани қонунҳои забон дар ҳар давра бояд ба суратҳои мухталифе, ки дар адвори пешин доштааст, таваҷҷуҳ кард то асл ва маншаи ҳар нукта падидор шавад. Дар он вақт мо метавонем чигунагии тағйироти забонро, ки аз як шакл ба шакли дигар майл кардааст, мушаххас созем. Таҳқиқи гузаштаи дури ин ё он забон дар сурате амалӣ мегардад, ки агар мо маводи фаровоне барои ташхис дар ихтиёр дошта бошем. Катибаҳои Ҳахоманишӣ ва аз ҷумла маълуму мафҳумтарини онҳо катибаи Бесутун аст, ки имкони чунин баррасиҳоеро барои ин забон фароҳам месозад. Ба доираи таҳқиқ кашидани забони форсии бостон ва осори барҷоймондаи он аз ду ҷиҳат муҳим аст. Нахуст ин ки забони форсии бостон аслу мабдаи забони тоҷикӣ буда, осори аз ин забон ба мо омада шакл ва сохтори забони тоҷикиро дар миёнаҳои ҳазораи аввали пеш аз мелод нишон медиҳад. Дигар ин ки ин осори пуарзиши таърихӣ ҷузъе аз гаронбаҳотарин мероси миллии мо ба шумор меравад. Осори бозмондаи мазкур ҳам аз лиҳози забоншиносӣ ва ҳам аз дидгоҳи таърихӣ аҳамияти фавқулода дорад. Аммо бо вуҷуди ин таҳқиқу баррасии чунин осор, ба ҷуз қайдҳои ҷудогона, аз назари забоншиносон дур мондааст. Бояд гуфт, ки мусташриқини аврупоӣ зиёдтар ба кашфи асрори забонҳои аҳди бостон муваффақ шудаанд.

Кори мондагоре, ки оид ба шинохти таърихи забон ва давраҳои он баҳс мекунад, ба қалами Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дахл дорад. Дар ин сарчашмаи арзишманд Пешвои миллат моро ба он ҳидоят мекунанд, ки тамоми нозукиҳои осори аҳди бостонро омӯхта, онро ҳифз намоем: «Донишмандон [муҳаққиқони аврупоӣ – Қ.З.] дар асоси равиши муқоисавии таърихӣ аз забонҳои авестоӣ, форсии бостон, форсии миёна дар муқоиса бо ҳиндии бостон истифода бурда, таърихи забони моро аз аҳди бостон то давари нав бар асоси манобеи хаттӣ бо таври амиқ таҳқиқ карданд. Имрӯз аз дастовардҳои илми ховаршиносии ҷаҳон дар иртибот ба забонҳои бостон истифода бурда, бояд муқаррар намоем, ки таърихи забонҳои эронӣ, аз ҷумла таърихи забони модарии мо аз ҳазорсолаҳои пеш аз милод то даврони пайдоиши забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) аз куҷо оғоз ва ба куҷо анҷом меёбад. Аз ин рӯ, мо – ворисони забони модариро лозим аст, то сатрҳои заррини осори таърихии хешро, ки аз гузаштаҳои дур ба мерос мондаанд, бештар омӯзем ва ҳамчун ганҷи арзишманди сарвати миллӣ ҳифз намоем» [1, с.47].

Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммади Маҳдӣ низ маҳз ба ҳамин масъала таваҷҷуҳ карда чунин гуфтааст: «Дар Эрон чандон мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор нагирифта (таҳқиқи забони форсии бостон – Қ.З.) ва ба ҷуз чанд асар китобе мустақил дар бораи дастури забон, адабиёт, бозхонӣ, шарҳ ва гузориши он ва фарҳанги луғот ба забони форсӣ навишта нашудааст. Ин дар ҳоле аст, ки дар маҳофили илмии эроншиносии мағрибзамин аз замони интишори нахустин тарҷумаи катибаи Бесутун тавассути Ровлинсун дар соли 1848 м. то кунун, яъне дар даврони мутаҷовиз аз як қарну ним, донишмандон ва мутахассисони ғайриэронӣ даҳҳо асари илмии арзанда дар қолаби китоб, мақола ва рисола дар бораи мавзӯот ва масоили гуногуни марбут ба забони форсии бостон ба забони аврупоӣ мунташир кардаанд» [3, с.94].

Аз гурӯҳҳои оилаи забонҳо аксар оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мавриди омӯзиши густардаи забоншиносон қарор гирифтааст. Ин оилаи забонҳо назар ба оилаҳои дигар фарогири бештари забонҳо мебошад. Аз лиҳози ҷуғрофӣ он аз Осиёи Ҷанубӣ ва Эрон то кулли минтақаҳои Аврупою Амрикоро фаро дарбар мегирад. Ба шохаи шарқии забонҳои ҳиндуаврупоӣ зершохаи ҳиндуэронӣ дохил мешавад, ки он шомили ду шоха: а) забонҳои эронӣ ва б) забонҳои ҳиндӣ аст. Қавмҳое, ки бо ин забонҳо сухан мекарданд, ҳудуди 3000 сол қабл аз мелод дар минтақаҳои Ҳиндустон ва Эрон мезистанд.

Лозим ба ёдоварист, ки оид ба мухтассоти забонии забонҳои аҳди бостон ва давраи миёна муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба мисли профессорон Д. Саймиддинов [8; 9; 10], А. Ҳасанов [11], Ф.Шарипова [13], А.Мирбобоев [7], Е. Блоше [16, 151 – 159], К. Залеман [26, 111 – 113], Х. Бруннер [18, 116 – 158], Ф.Жиню [20, с.103 – 113], Ж. Лазар [21, 1 – 13], Д. Маккензӣ [22, 478 – 495], М.Бойс [17], Ҳ. Нюберг [24; 25], М.Абулқосимӣ [2] ва дигарон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардаанд.

Забони форсии бостон забоне ба шумор меравад, ки дар давраи Ҳахоманишиён дар минтақаи Порс бо он такаллум мекарданд. Осори мактубии он катибаҳои Ҳахоманишӣ ҳастанд, ки бо хатти мехӣ навишта шудаанд, аммо забони девонӣ ва мукотиба забони «оромӣ» буд. Аз рӯи табақабандии забоншиносон забони форсии бостон ба шохаи ғарбии забонҳои эронии бостон мансуб буда, он бо

забонҳои авестоӣ ва санскрит хешии наздик дорад. Ин забон, ки аз забонҳои форсии ҷанубӣ - ғарбӣ аст, бо забони модӣ низ робита дорад. Забони форсии бостон аз забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст, ки, эҳтимол, дар падидаи муҳоҷирати ориёиён бо ҳамроҳи забонҳои модӣ ва авестоӣ вориди Эрон шудааст.

Сангнавиштаи Бесутун яке аз беҳтарин ва машҳуртарин санадҳои таърихи ҷаҳон ва муҳимтарин матни таърихӣ дар замони Ҳахоманишиён аст. Бино ба қавли P. Lecoq [П. Лукук] номи «Бағсутонун» вожаи форсӣ (ё модӣ) аст. Вожаи «Baga – stāna» ба маънои «ҷойгоҳи Худоён» мебошад. Имрӯз ҳанӯз барои номидани минтақаи муҷовир номи «Баҳсутон» ё «Баҳсутун» ва ё зери таъсири фарҳанги омма «Бесутун» - ро ба кор мебаранд [5, с.86].

Ҳарчанд миқдори пешояндҳо дар забони форсии бостон нисбат ба давраи миёна камтар бошад ҳам, лекин нақши онҳо дар баёни маъно хеле густарда буд. Аз рӯи мушоҳидаи мо дар матни катибаи Бесутун пешояндҳо аксари вақт, чун ҳозира, пеш аз калимаҳо омада, барои ифодаи мафҳумҳои гуногун истифода шудаанд. Ҳоло ҷиҳати тақвияти ин андеша аз матни катибаи Бесутун, ки аз ҷониби профессор Д.Саймиддинов тартиб дода шудааст, намунаҳоеро ба унвони далел дар зер нишон хоҳем дод:

antār didām – андаруни диз [сутуни дувум, банди ҳафтоду ҳашт] [9, с.95 - 98].

pasa manā – аз пушти ман [сутуни сеюм, банди суву ду] [9, с.100 - 103].

abiy avam Fravartim – ба сӯи он Фравартӣ [сутуни дувум, банди ҳабдаҳ] [9, с.93 – 96].

hada Ūvçiyaibiš – бо хузиён [сутуни панҷум, банди даҳум] [9, с.112 – 113].

patiš Artavardiyam – бо Артавардия [сутуни сеюм, банди сиву шаш] [9, с.101 – 103].

Дар намунаҳои ангуштшумор пешояндҳо пас аз калимаҳои марбут ба худашон омада, мафҳумҳои гуногунро ифода кардаанд:

kārašim **hacā** – мардум аз ӯ [сутуни аввал, банди панҷоҳ] [9, с.87 – 91].

viθā **pati** – дар кох [сутани сеюм, банди бисту шаш] [9, с.100 – 103].

Пешояндҳо дар мутуни забонҳои форсии миёна, бешак, бозмондаи пешояндҳои забонҳои форсии бостонанд. Дар забонҳои форсии бостон ва авастоӣ нақши грамматикии онҳо бо анҷомаҳои сарфӣ таъйин мешуд. Пешояндҳо, ки дар ин забонҳо тасриф намешуданд, дорои анвои гуногунанд ва бархе аз онҳо ҳамчун зарф, пешвандҳои феълӣ ва пайвандак низ ба кор мераванд.

Бо таҳаввули забон аз даврони бостон ба миёна, ба тадриҷ аҳамияти нақши пешояндҳо афзуда шуд. Ҳолатҳо (падеж) – и ҳаштгонаи сарфӣ ба ду ҳолат: фоъилӣ (мустақим) ва ғайрифоъилӣ (ғайримустақим) таҳаввул ёфтанд ва бо аз байн рафтани анҷомаҳои сарфӣ, бархе аз ҳолатҳои грамматикии вожаҳо бо пешояндҳо муайян гардид. Нақши ин унсурҳои луғавӣ ба дараҷае буд, ки маънои умумии ҷумлаҳо бе иштироки онҳо тасаввурнопазир буд. Пешояндҳо дар ин забонҳо бо калимаҳои гуногун омада, барои ифодаи муносибатҳои мухталиф хидмат мекарданд, ки ду далели зер ин андешаро собит хоҳад кард: **Ka Zardušt xāmōš abāg bud ēstād ātaxš be ō pāy ēstād u-š wināhgārīh ī Krešasp andar xwēš be guft** [24, 34]. «Ҳангоме ки Зардушт хомӯш шуд, оташ ба по истод ва гуноҳкории Гаршосбро нисбат ба хеш бигуфт». Мисоли дигар: **bē az ašmā ērān kē rawēd ud az Zarirān kēn xwāhēd** [24, с.25]. «Аммо аз шумо озодагон кист, ки равад ва кини Зарирро хоҳад?».

Бо вуҷуди ин, мавридҳое низ вуҷуд доштанд, ки бе истифода аз пешояндҳо, дарки маънои дақиқ ва нақши вожа аз тариқи маънои куллии ҷумла муяссар мешуд:

Ud an Kerdīr ī mowbed yazdān ud Ardašīr šāhān šāh ud Šābuhr šāhān šāh huparistā ud hukāmag ānān [20, с.50]. «Ва ман Картири мӯбад нисбати Яздон ва Ардашери шоҳоншоҳ ва Шопури шоҳоншоҳ хидматгузор ва некхоҳ будам».

bē agar ašmā bayān sahēd man nilēd tā šawēm ud pidarān kēn xwāhēm [24, с.27]. «Аммо агар шумо баҳон (аълоҳазрат) салоҳ бидонед, маро бигзоред то биравам ва кини падар бихоҳам».

Баъзе аз пешояндҳои забони форсии бостон дар давраи миёна низ фаъол буданд. Аммо намунаҳои бостонии бархе аз онҳоро дар мутуни маҳдуди форсии бостон, ки то замони мо расидааст, наметавон пайдо кард. Ба назари мо, гунаҳои онро метавон аз забонҳои дигари аҳди бостон, ба мисли забони авестоӣ ва ё забонҳои дигари хеш, ҷустуҷӯ кард. Бояд гуфт, ки баъзе аз калимаҳое, ки ба ҳайси вожаҳои зарфӣ, ҷонишинӣ, пешвандҳо ва пайвандакҳо дар забони форсии бостон дар истифода буданд, дар давраи миёна ҳамчун пешоянд истифода шуданд. Дар давраи миёна низ ба монанди давраи бостон баъзе калимаҳо ба унвони пешояндҳо ба кор рафтанд.

Дар ин ҷо таъкиди як нукта хеле муҳим аст. Зарурияти он ба ин рабт дорад, ки ҳангоми таҳлилу тадқиқи пешояндҳо мо ба усули таҳқиқии шарқшиносони аврупоӣ такя кардем. Дигар ин ки манзараи пешояндҳои забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, ки мо дар назар дорем, бо пешояндҳои аҳди бостон ва давраи миёнаи забонҳо камтар монанд аст. Масалан, пешоянди «**барои**» имрӯз дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳамчун «пешоянди содаи аслӣ» шинохта шудааст. Ҳол он ки дар мутуни ин давр унсури мазкур ба гунаи «**pad … rāy**» истифода шудааст, ки истилоҳи имрӯзаи онро бо давраи

миёна татбиқ кардан нашояд. Ё унсурҳои **padiš, aziš, awiš, hammi/īs, padisā/y, tarist** ва **hassār** ки аз ҷониби забоншиносон ҳамчун пешояндҳои мураккаби боризи давраи миёна забт шудааст, дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ чунин фаҳмиш вуҷуд надорад. Аз ин дидгоҳ, ҳангоми таснифи сохтории пешояндҳои ин давр бештар ба андешаҳои матраҳкардаи онҳо, ки нишонаҳои пешояндии калимаҳоро бо далелҳо исбот кардаанд, майл кардем.

Муҳаққиқони аврупоӣ пешояндҳои забонҳои паҳлавиро аз лиҳози сохтори берунӣ ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд: а) пешояндҳои фардӣ (single pre/post – positions) ва б) ғайрифардӣ.

Таҳти мафҳуми пешояндҳои фардӣ пешояндҳое фаҳмида мешавад, ки онҳо ба танҳоӣ бе ҳамроҳ гаштани пешояндҳои дигар ба кор рафтаанд. Пешояндҳои фардӣ аз рӯи сохти дохилиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи аввал пешояндҳои сода [simple prepositions] дохил мешаванд, ки ба ҷузъҳои нисбатан хурди сарфӣ таҷзия намешаванд. Ба ибораи дигар, суратҳои таҳаввулёфтаи калимаҳои содаи аҳди бостонанд, ки онҳо ба тариқи зайланд: **pad, az, ō, abar, abāg, andar, andarg, be** (паҳлавии китобӣ) **\ba** (форсии миёнаи турфонӣ), **rāy, rōn, tā** (паҳлавии киобӣ) **\ dā** (форсии миёнаи турфонӣ), **tare/ tar** (форсиимиёнаи турфонӣ tr/try) ва **wašn** (форсии миёнаи турфонӣ).

Барои бархе аз ин пешояндҳо дар мутуни форсии бостон ё авестоӣ низ далелҳои кофӣ мавҷуданд. Аммо баъзеи онҳо, чунонки дар форсии миёна мебошанд, дар алоҳидагӣ истифода нашуда, ҳамеша бо таркибҳои алоҳида меоянд. Масалан, унсури **abē** –, ки маъноаш «бидуни; бе» мебошад, танҳо дар заминаи таркибҳо ташаккул ёфта, дар алоҳидагӣ истифода намешавад. Суратҳои таҳаввулёфтаи пешояндҳои ин ду забонро ба таври зайл метавон нишон дод:

patiy>pad rādiy>rāy		
hacā>az		**yātā>tā/dā**
avi/aoi>ō		**tara>tar**
upariy>abar	**vašna>wašn**	
antar>andar		
antarka>andarg		

Дар ин миён се пешоянд **be/ba, abāg** ва **rōn**, ки дар шумори пешояндҳои форсии бостон ва авестоӣ вуҷуд надоранд, аз ҷумлаи унсурҳое мебошанд, ки дар забони форсии миёна ҳамчун пешоянд мавриди истифода қарор гирфитаанд. Онҳо дар мутуни форсии бостон бештар барои ифодаи зарфҳо истифода мешуданд, ки ин вижагӣ дар зимни маънои грамматикии онҳо (яъне дар давраи миёна) низ боқӣ монд.

Пешоянди **abāg**, ки маъноаш «бо; ҳамроҳ бо (дорой)» аст, дар баробари пешоянди **hadā** – и забони форсии бостон қарор мегирад. Ин унсур на дар мутуни паҳлавӣ ва на дар матнҳои форсии миёнаи турфонӣ боқӣ мондааст. Дар ҳоле ки дар матнҳои портии турфонӣ ба шакли **aδ** ҳифз шудааст. Олимон ҳадс задаанд, ки «ин вожа (abāg - Қ.З.) эҳтимолан аз сурати наздик ба вожаи **upāka,** дар забони санскрит ба маънои «наздик; муҷовир», муштақ шудааст [25, с.21]. Ҳамчунин шакли **upā** дар катибаҳои форсии бостон ба ҳамин маъно истифода шудааст: …**kāra pārsa utā māda hya upā mām āha hauv kamnam āha** [19, с.132]. «Сипоҳи форсӣ ва модӣ, ки ҳамроҳи ман буд, он кам буд». Ҳоло намунае ба унвони мисол аз «Корномаи Ардашери Бобакон» оварда мешавад: **«(ud) Burzag ud Burzādur ō pēš xwāst (ud) abāg uskārd»** [4, с.52]. / призвал (к себе) Бурзака и Бурзатура и посоветовался (с ними) [4, с.76]. Ҷумлаи мазкур дар тарҷумаи профессор Д.Саймиддинов чунин омадааст: «Бурзу Барзодурро ба пеш хост ва ба эшон машвара кард» [8, 37].

Бояд гуфт, ки ҳадафи меҳварии тадқиқоти моро дар давраи миёна матни «Корномаи Ардашери Бобакон», ки аз ҷониби муҳаққиқ О.М.Чунакова тартиб дода шудааст, фаро гирифта, барои равшан шудани манзараи ифодаи мафоҳими гуногуни пешояндҳо (дар корбурдҳои мухталифи грамматикӣ) матни русӣ ва тоҷикии он низ дар паҳлуяш оварда шуд. Азбаски тобишҳои комили маъноӣ ва вазифаҳои пешояндҳо танҳо дар заминаи матн (аҳаллан дар сатҳи як ҷумлаи воҳид) муайян мегардад, бинобар ин ихтисор кардани ҷумлаҳо зарур дониста нашуд. Тарҷумаи тоҷикии ин матн аз китоби профессор Д.Саймиддинов, ки бо номи «Адабиёти паҳлавӣ» чоп шудааст, баргирифта, дар мавридҳои зарурӣ ба мутуни дигари он низ ручӯъ шуд. Ин матнҳо аз ҷониби Содиқ Ҳидоят [12, с.56-277] ва доктор Муҳаммадҷаводи Машкур [6] тартиб дода шудааст.

Унсури **be/ba** аз ҷумлаи вожаҳое аст, ки баҳсҳои зиёде дар байни забоншиносон ангехтааст ва асли бостонии он ҳанӯз дақиқан маълум нест. Масалан, забоншинос М. Бак бар он аст, ки ин калима

аз вожаи ориёии **bad** ё **badā** (дар ҳиндии бостон **badā** ё **bat**) гирифта шудааст [14, 204]. Ҳамчунин калимаи **bāδa-** и авестоӣ ба маънои «аммо, балки» вожаи дигаре аст, ки барои ифодаи «берун; хорич» омада, наметавонад бо **bahih** - и ҳиндӣ робита дошта бошад [23, с.730; 15, с.953]. Вай бар асоси шакли портии **bēh byh**, ки онро аз **baδi** медонад, сурати форсии бостони **badi** - ро бозсозӣ мекунад. Ҳамин тариқ, тахмин мекунад, ки муодили ҳиндии он **bahi** аз решаи **badhi** буда, барои ифодаи ҳар ду шакл **be/ba** тавъам аст [14, с.204].

Пешоянди **rōn** зоҳиран сарчашмаи худро аз калимаи авастоии **ravan**, ки маънои аслиаш «рӯд; масири рӯд» [15, с.1512] мебошад, гирифта, баъдҳо ба маънои «сӯй ва ҷиҳат» тағйир ёфт. Бояд гуфт, ки ин унсур оҳиста – оҳиста маънои аслии худро аз даст дода, дар сурати бо калимаҳои ҳаммаънои худ омадан, бештар ҷойи дуюмро ишғол мекард ва маънои аслии он хеле хира шуда, баръакси ин ҳол маънои грамматикияш равшан мешуд. Масалан, он бо калимаи мушобеҳи худ **kust/ag,** ки маъноияш «ҷониб, сӯй; ноҳия» мебошад, омада, ҳамин вижагиро касб кардааст:

u-š pursīd kū ān dō aswār ī ō ēn kustag rōn mad če zamān be widard? [24, с.7]. «Пурсид, ки он ду савор, ки ба ин сӯ (ба сӯи ин тараф/ҷониб) омаданд, чӣ замон гузаштанд?».

Дар матни тартибдодаи О. М. Чунакова ин ҷумла ба таври зайл омадааст: «**u- š pursīd kū ān 2 aswār ī ō ēn kust rōn āmad če zamān bē widard** [4, с.44] / И спросил: «В какое время здесь прошли те два всадника, которые направлялись в эту сторону?» [4, с.70]. Тарҷумааш: «Ӯ пурсид, ки он ду савор, ки ба ин сӯй омаданд, кай гузаштанд?» [8, с.30]. Чунонки мушоҳида мегардад, дар матни мазкур калимаи **kust** бе замимаи унсури **ag** омадааст. Аз шарҳи муаллиф маълум мегардад, ки агар ин калима ба шакли **kust** «сторона», Pad~-ē «в стороне». Мн.ч. ~ īhā «окрестности…» ояд, бешубҳа, бо унсури **rōn** ҳамвазифа аст. Дар сурати ба гунаи **kustag** омадан низ ҳамон маъноро ифода мекунад, аммо доираи маъноӣ андак густарда мешавад. Чунонки: «сторона, **область** [таъкид аз мост – Қ.З.]. Мн.ч. - īhā. ~ «из (разных) областей» [4, с.126]. Бояд гуфт, ки қолаби мазкур дар «КАБ» ҳамагӣ як маротиба истифода шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки оид ба тарзи навишт ва маънои вожаи «куста» дар байни муҳаққиқон андешаҳои мухталиф ба назар мерасад. Масалан, ин калима дар нусхаи тартибдодаи Содиқ Ҳидоят ба гунаи «**каста [бидуни вов] –** کسته **[ба забони фаронсаи қадим costē] ба маънои «сӯи», «ҷониби»** [12, с.177] забт шуда бошад, дар айни ҳамин сарчашма ҷои дигар ба маънои «**навоҳӣ, атроф**» [12, с.170] омадааст. Дар нусхаи Муҳаммадҷаводи Машкур «**куста**» ба маънои «**бахш**» [талаффузнигорияш: **кустӣ** – 6, с.115 – «Сипоҳон ва Порс ва **бахшҳои** наздиктар ба он ба дасти Ардавони сардор буд» 6, с.175] омадааст. Ҷои дигар ба маънои «ҷониби» [талаффузнигорияш: кустак – 6, с.124] – «...ва аз Баҳром (Миррих) ва Ноҳид ба **ҷониби** ҳафт авранг ва Шерахтар… 6, с.181] забт шудааст. Профессор Д.Саймиддинов низ оид ба шакл ва имлои навишти ин калима таваҷҷуҳ зоҳир карда, чунин навиштааст: «Пажӯҳишгарон ин вожаро ҳар гуна ташреҳ кардаанд: аз kust «раҳнамо» ва ё «сӯй», яъне он чи ки раҳнамоӣ кунад; ҳамчунин «ҳад» ва ё «марз», яъне нишони ташхисдиҳандаи ононе, ки дар ҷониби оини зардуштианд. М.Ҳауг ва Э.Уэст бунёди ин истилоҳро аз kušt «камар» маънӣ кардаанд» [10, с.197].

Муҳаққиқон гурӯҳи дуюми пешояндҳои дар забонҳои давраи миёна истифодашударо аз лиҳози сохт ба мураккаб (compound prepostions) ҷудо намудаанд, ки онҳо ҳосили таҳаввули ду ва як вожаи аҳди бостонанд. Ба ҳайси ин навъи пешояндҳо калимаҳои **padiš, aziš, awiš, hammi/īs, padisā/y, tarist** ва **hassār** дохил мешаванд [14, с.251; 25, с.227].

pati-šaiy>padiš pati sāyām; pati-sāyā – «дар сояи»
haca- šaiy>aziš (hama-miça-) > hammi/īs
avi- šaiy>awiš (tara+išta-) tarist

Сурати бостонии пешоянди **hassār** дақиқан мушаххас нест. Ин калима аз лиҳози шакл ва маъно муодили вожаи портии **hawsār** ба маънои «шабеҳ; монанд» аст:

u-š bōδitān wirāšt ēw… kē kēž *hawsār* nē ast [17, с.37]. «Ва бӯстоне орост…ки барои касе (ҳеч кас) монанди он нест». Дар ин шакл шояд ҷузъи нахусти ин вожа пешванди **ham-** бошад. Ҳамсадои **-m** бо ҷузъи дуюми калима (**-sār**), ки бо ҳамсадои **s-** шурӯъ мешавад, ҳамгун шудааст. Ҷузъи дувуми он низ **- sār** ба маънои «навъ, гуна» аст, ки дар вожаи монанди **čand- sārag** ба маънои «**гуногун**» боқӣ мондааст:

Ud was būd hēnd kē-m tab ud rarz čand- sārag aziš ānāft [17, с.45]. «Ва бисёр буданд (касоне ки) ман табу ларзи **гуногун**ро аз онҳо дур кардам».

Ҳамин тариқ, мавриди таҳқиқ қарор додани тобишҳои маъноӣ ва сохтории пешояндҳои аҳди бостон ва давраи миёнаи забонҳо ин нуктаро мусаллам месозад, ки дар забоншиносии тоҷик то ҳол баъзе аз вазифа ва маъноҳои ин навъ унсурҳои забонӣ ба таври бояду шояд забт нашудааст. Аз ин рӯ, кашфи чунин вижагии пешояндҳо, бидуни тардид, дар ошкор сохтани манзараи дақиқи таҳаввул ва ташаккули забони тоҷикӣ нақши муҳимро дорад.

АДАБИЁТ

1. Раҳмон Э. Забони миллат – ҳастии миллат/Э.Раҳмон. – Душанбе:Эр – граф, 2016. – 516 с.
2. Абулқосимӣ М. Таърихи мухтасари забони форсӣ/М.Абулқосимӣ. – Теҳрон,1378. – 139 с.
3. Исмоилӣ М., Ҳасанпур Ф. Қавоиди сохти созайии форсии бостон дар катибаи Бесутун//Маҷаллаи забоншиносӣ, 1360. – С.93 – 109.
4. Книга деяний Ардашира сына Папака. Транскрипция текста, перевод со среднеперсидского, введение, комментарий и глоссарий О.М.Чунаковой. – Москва, 1987. – 163 с.
5. Лукук П. Катибаҳои Ҳахоманишӣ. Тарчумаи Бозило Халхолӣ. – Теҳрон:Фарзон, 1382.
6. Машкур Муҳаммадҷавод. Корномаи Ардашери Бобакон/М.Машкур. – Теҳрон, 1369. – 342 с.
7. Мирбобоев А. Муқаддимаи филологияи эронӣ/А.Мирбобоев. – Душанбе, 2015. – 326 с.
8. Саймиддинов Д. Адабиёти паҳлавӣ/Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2003. – 232 с.
9. Саймиддинов Д. Форсии бостон/Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2007. – 190 с.
10. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна/Д.Саймиддинов. – Душанбе, 2001. – 310 с.
11. Ҳасанов А. Таърихи забони тоҷикӣ/А.Ҳасанов. Қисмҳои 1 – 2. – Хуҷанд, 2004 – 2005.
12. Ҳидоят С. Занду хуманисн ва Корномаи Ардашери Попакон/С.Ҳидоят. – Теҳрон, 1342. – 300 с.
13. Шарипова Ф. Таҳаввули чумлаи содаи забони тоҷикӣ/Ф.Шарипова. – Қ.1. – Душанбе, 2012. – 224 с.
14. Back, M. [1978]. Die Sassanidischen staatinschriften. Acta Iranica 18. Leiden: E.J. Brill.
15. Bartholomae, C. 1961. Altiranisches Wörterbuch, Berlin: W. De Gruyter.
16. Blochet, E. [1905]. Études de grammaire Pehlevie. Paris: Librairie Oriental Et Americane.
17. Boyce, M. 1975. A Reader in Manichaean Middle Persian and Parthian [Acta Iranica 9], Leiden: E.J. Brill.
18. Brunner, Ch. j. 1977. A Syntax of Western Middle Iranian, Delmar, New York: Caravan Books.
19. Dhabhar E.B., 1913 The Pahlavi Rivāyāt Accompanying the Dādistān I Dinik, Bombay
20. Gignoux, Ph. [1991]. Les Quatre Inscriptions du Mage kirdīr, Textes et Concordances. Studia Iranica-Cahier 9. Paris: L'association pour l'avancement des ētudes Iraniennes.
21. Lazard, G. [1975]. Le preverbe moyen-perse bē/ba. Acta Iranica 5.
22. Leiden: E.J.Brill, 1-13.
23. MacKenzie, D.N. [1990]. «When is a postposition not a postposition». Proceedings of the First European Conference of Iranian Studies, Part 2, Middle and New Studies. Rome: 487-495.
24. Monier-Williams, M. 1899. A Sanskrit-English Dictionary, Oxford: The Clarendon Press.
25. Nyberg, H.S. [1964]. A manual of Pahlavi, part I: Texts. Wiesbaden:Otto Harrassowitz.
26. Nyberg H.S [1974]. A Manual of Pahlavi. Pt. II. Glossary. – Wiesbaden
27. Salemann, C. [1930]. A middle Persian grammar. Bombay: British India Press, Mazgaon.

СТРУКТУРНЫЕ ЭВОЛЮЦИИ ПРЕДЛОГОВ В ПЕРИОД ДРЕВНИХ И СРЕДНЕВЕКОВЫХ ЯЗЫКОВ

В данной статье рассматривается вопрос об уникальностях и структурной эволюции предлогов. Опираясь на древние и средневековые источники, автор подчеркивает, что хотя количество предлогов в древнеперсидском языке было меньше, чем в средние века, их роль в выражении смысла была гораздо шире.

А также в данной статье подчеркивается, что предлоги в среднеперсидских текстах, как отмечает автор, без каких-либо сомнений, являются остатками древнеперсидских предлогов. Установления грамматических особенностей предлогов в древнеперсидских и авестийских языках подчеркнуты морфологическими суффиксами окончаниями. На основании своего научного обзора исследований, автор статьи пришел к выводу, что неспрягаемые предлоги, в этих языках, бывают разных типов, и некоторые из них также использовались как наречия, глагольные префиксы и союзы.

Ключевые слова: *древнеперсидский язык, письменность Бесутуна, среднеперсидский язык, предлог, простые предлоги, сложные предлоги, структура предлогов, структурная эволюция, таджикский язык.*

Сведения об авторе:

Кургонов Зохид Дехконович *- кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова [Республики Таджикистан, г.Худжанд], E-mail: Suhanvar1983@mail.ru*

About the author:

Kurgonov Zohid Dehqonovich, *candidate of philological sciences, Associate Professor of the department of the Tajik language under Khujand State University named after academician B.Gafurov [Tajikistan, Khujand], E-mail: Suhanvar1983@mail.ru*

УДК: 4Т (075)
ББК 81.2

ЗАБОН ВА УСЛУБИ НАЗМИ ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Ҳакимова Ш.И., Нематова М.Ҳ.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Лоиқ Шералӣ шоирест бузург ва нотакрор, шеърҳои ноби ӯ дармонбахши дардҳои ниҳон ва ҷонбахшои қалбҳои хастаи инсон ҳастанд. Аз хомааш ба дилҳои ташнаву сардгашта шаҳди муҳаббат, гармию сурур ва зиёву нур мерезад.

Ғазалҳои Лоиқ бо он ҳама содагию дилпазириаш инсонро ба дарёи андешаҳо ғӯтавар месозад, зеро ӯ тавонист бо «ҳунари расои маъниофаринӣ ва тасвиргарияш [1, с.16]» маъниҳои бузургу борик, мӯъҷазу нишонрасро бо каломи сода баён намояд.

Ин падидаи ҳунари шеъргӯйии Лоиқ аз назари бисёр шоирону олимон дур намондааст. Адабиётшинос Сафар Абдулло таъкид кардааст, ки «муҳимтарин вижагии ашъори устод Лоиқ равонӣ ва ширинбаёнии ӯ буд. Ӯ ҳаргиз ба мубҳам гуфтан моил набуд. Печидатарин дардҳо ва гиреҳҳоро бо содатарин баён бозгӯ мекард… Ман фикр мекунам, устод Лоиқ барои баёни маънии муҳим бо дарки сатҳи маънавию фарҳангии комил талош мекард, то ҳадафи худро бо баёни сода ва равон ба мардум бирасонад. Ин буд, ки шеъри ӯ беш аз шеъри дигарон дар ҷомеаи мо нуфуз ва маҳбубият дорад, маҳфил ва маросиме нест, ки дар он шеъри устод Лоиқ иқтибос нашавад. Бисёре аз байтҳои пандомези устод ба ҳадде мардумӣ шуда ва сари забонҳост, ки чунин эътирофи ҳамагонӣ аз сӯйи мардум дар таърихи адабиёти мо бисёр кам иттифоқ уфтодааст.» [2, с.293]

Дар ифодаи фикрҳои бикр «манбаъҳои боэътимоди шоир осори гузаштагон, луғатномаҳо, забони зиндаи халқ, адабиёти шифоҳии мардумӣ буданд.» [1, с.17] Дар ин бора худи шоир хеле хуб гуфтааст:

Барои халқ буд доне, ки киштем,
Барои халқ буд к-аз худ гузаштем.
Накардем иддаои баркамолӣ,
Сухан аз халқ буду мо навиштем.

Истеъмоли калимаҳои халқии гуфтугӯйӣ боиси афзудани халқияти забони асар мегардад, дар эҷоди шеъри содаву самимӣ мусоидат дорад, вале он ҳаргиз баёни оддӣ нест, балки хоси нигориши ба истилоҳ «саҳли мумтанеъ» аст.

Пас, падидаи халқӣ дар эҷодиёти Лоиқ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад, ки ҳоло гуфтаҳоямонро бо овардани чанд мисол аз ашъори шоири зиндаёд исбот менамоем.

Бисот - асбоби рӯзгор: ***Бисот****и* тӯй меандӯхтӣ Баҳри арӯсонат. [Л. 1, с.130] Бино ба ишораи ФТЗТ бисот калимаи арабист, он ба маънои (ҳар чизе, ки дар зери по паҳн карда мешавад, ҳар чизи густурданӣ (аз қабили гилем, палос) (4,207-208) ба забони тоҷики ворид гашта, минбаъд дар забони халқӣ маънои худро тавсиа кардааст. Алҳол «бисот» ба маънои чизу чора, дороӣ омадааст. Калима бо ин маънӣ қолабҳои нав (бебисот, бисотдор) пайдо карда, пурра ба захираи забони тоҷикӣ ворид мегардад. Дар байти поёнӣ ибораи «бисоти тӯй» ба маънии асбобу анҷом, чизу чорае омадааст, ки ҳар як модар бо умеди хонадоршавии фарзандонаш солҳо ҷамъ мекунад: Бисоти тӯй меандӯхтӣ баҳри арӯсонат. [4, с.130] Лоиқ дар ашъораш ибораи «бисоти дардҳо»-ро низ корбаст намудааст: Туро ман бо ҳама сӯзу навоят дӯст медорам, Туро ман бо бисоти дардҳоят дӯст медорам. [4, с.230]

Дар ифодаи ибораи «бисоти дардҳо» Лоиқ боз ба маънихои нозуку амиқи халқии ин вожа такя кардааст. Чунки «бисот» аслан маънии чизу чораеро, ки дар муддати тӯлонӣ ҷамъ мекунанд, мефаҳмонад. Яъне дарди Лоиқ якрӯзаву дурӯза нест, балки тӯлонист, зеро ин дарди халқ, дарди миллат, дарди забону фарҳанг ва ишқу ошиқист. Ин аст, ки дардҳо бо гузашти айём таҳ-таҳ шуда бисот гаштаанд.

Дахмаса –ташвиш, дарди сар, ташвиши зиёдатӣ: Рӯзе, ки нестӣ миёншон ба базму разм, Шояд туро зи **дахмаса** озод мекунанд. [4, с.680] Ё ин ки Лоиқ дар байти дигараш мегӯяд: Кош ғамҳои ту акнун бошанд, К-аз ҳама дахмаса эмин бошам. [4, с.689]

Пешдаргирон – пораи чизе ба мисли қоғаз, чӯбпора, ки барои оташ афрӯхтан ба кор мебаранд. Дар ин бобат маҷозан ба маънои ташаббускор, фидоӣ омадааст: Лек аз баҳри гулханафрӯзӣ, Гӯиё *пешдаргирон* ҳастанд. [4, с.319]

Маънои исмии вожаҳо аз рӯйи воситаҳои сарфии калимаҳо равшан аён мешаванд, қабл аз ҳама пасвандҳои «- ҳо», «-он», ки аз аломатҳои хоси исманд. Дар аксар маврид сифат бо роҳи субстантиватсия ба исм мегузарад. Ҷолиб аст, ки аксари чунин вожаҳо маънои манфӣ доранд. Мулоҳиза фармоед:

Бемазагон – одамони ланҷ, бадкирдор: Дар миёни ҳама ин тирадил қуббаи нур, Дар миёни ҳама ин *бемазагон* бебазаҳон. [5, с.415]

Даҳонмардон – муродифи даҳонкалонҳо, касоне, ки бо калонгапӣ худро аз мардум боло гирифта ҳавобаландӣ мекунанд: Ту медонӣ, ки ман аз мардуми хунсард дилгирам, Зи даъвои *даҳонмардони* худ номард дилгирам. [4, с.702] *Даҳонмардон* даҳонҳо боз карданд, ҳама таърихи худ оғоз карданд. [5, с.635]

Хасдуздҳо – одамоне, ки бо дуздии майда – чуйда машғуланд, маҷозан пасткаш: *Хасдуздҳо* ҳотам шуданд, дамдуздҳо одам шуданд, Аз баднажодӣ як тараф, аз бенажодӣ як тараф. [5, с.286]

Тавассути пасванди «-ӣ» («-гӣ») исми маънӣ сохта мешавад, дар ин маврид, асоси калима бар сифат аст, ки он низ хоси забони халқист. Калимаҳое, ки бо пасванди «-ӣ» («-гӣ») сурат ёфтаанд, метавонанд аз ҷиҳати сохт сода, сохта, мураккаб бошанд, ки инро аз мисолҳои зерин метавон дид:

Содагӣ - «содда (сода)» аксар ба маънои одаме, ки фиребгарӣ ва қаллобиро намедонад, чун гӯл, соддалавҳ, нодон истифода мешавад, ки хоси забони халқист. «Содагӣ» исмест, ки аз ҳамин сифат сохта шудааст: Ҷурми ман аст, эй Худо, ё ҷурми содагӣ, Мурғе, ки дӯш дар кафи ман менишаст, рафт… [5, с.153] Хандида бар ҷаҳолату бар *соддагияшон* Аҷдоди хешро шумо бас таънаҳо кунед. [4, с.423]

Дар забони халқ вожаи «соддалавҳ» низ хеле маъмул аст, ки онро Лоиқ дар шакли «лавҳсодагӣ»ба кор бурдааст: Эй шоҳиди муҳаббати бедоғи баччагӣ, Он ишқи *лавҳсодагӣ* аз мо чаро гузашт?! [4, с.563]

Бедаҳанӣ – бадзабонӣ, беандешагӣ: ҳар чӣ ба даҳан ояд, на зеби сухан ояд, Дандони фаросат ку?! Ин *бедаҳаниҳо* чист?! [5, с.137]

Худхурӣ – дар заминаҳои ибораи «худро хӯрдан» - метавонад ба маънои азоби рӯҳӣ кашидан, худро сахт азият додан ояд. Аммо он дар шеъри Лоиқ аз забони мардум ба маънои худ хӯрдан – худхурам – ба дигарон надода хӯрдан, хасисӣ, баднафсӣ кардан корбаст гаштааст. Дар забони адабӣ феъли «хӯрдан» дар ҳамаи шаклҳо бо садоноки «ӯ» навишта мешавад, аммо дар калимаи «худхурам» ҳиҷои дуввум низ бо «у» талаффуз ва навишта мешавад: *Худхурӣ* мекунам шабони сиёҳ, Ки чаро мо шаби сиёҳи худем.

Аз ҷониби мураттибони куллиёти Лоиқ Шералӣ дар «Тавзеҳот»омадааст: «Феъли хурдан ва таснифоти он монанди махур,мехурам,хурд,хуранда ва ғ.,ки дар тамоми шеъри классикии мо ва ашъори устод Лоиқ ба «у»-и кӯтоҳ истифода шудааст,низ ба хости худи шоир ва тақозои вазн ба ҳамин шакл оварда шуд».[5, с.710]

Бегонабозӣ – акси ошнобозӣ, бегонапарастӣ: Ҷаҳон *бегонабозӣ* дӯст дорад, Ҷаҳон *девонабозӣ* дӯст дорад. [5, с.615] Дар забони мардумӣ дар заминаи таркиби «бозӣ кардан» ба маъноҳои мухталиф як қатор калимаҳои мураккаб сохта шудаанд, амсоли «ошнобозӣ», морбозӣ (ба маънои фиребгарӣ) ва м. инҳо. Лоиқ дар ҳамин қолаб вожаҳои исмӣ таълиф кардааст: *даҳалбозӣ* [4, с.587], *маҳалбозӣ, маҳалбозӣ* (5, 393). Дар забони мардуми шимол шакли «ҷиннибозӣ» роиҷ ва муассиртар аст.

Калимаи «саг» ва дар мавриди дигар «хар» дар шеъри пурэҳтироси Лоиқ корбаст шудааст: Буданд *сагон* маст ҳама аз қайи мо, Муҳтоҷ ба хӯшаи сагангур шудем. [5, с.546] Ин хомаи ту агар ба дафтар бирасад, Бар наргиси тоза лагади *хар* бирасад. [5, с.552]

Дар байтҳои боло таъсири калимаҳои мазкур ба туфайли ба доираи каломи образнок ворид шудан таҳвият ёфтаанд, чунончи, «аз қайи касе маст шудани саг» таъбири хеле тунд аст. Дар байти дуюм бошад, истиораи пурмаънӣ: дафтар ба наргис, хомаи шоири беҳунар ба «лагади хар» нисбат дода шудааст. Ҳарду аз таъбироти тозаэҷоди шоиранд.

Дар байти зер аз исми ҷондор исми маънӣ (говӣ, харӣ) сохта шудааст, ки низ нафрату адовати суханварро нисбат ба рафтори ватанфурӯшон ифода менамояд: Ман рост бигӯямат: гар ин *говӯ харист*, Ояндаи халқ партгоҳ асту ҷарист. [5, с.550]

Ланг – касе ё ҳайвоне, ки ба сабаби осеби пой дар роҳгардиаш халал бошад,чӯлоқ. Дар ФТЗТ маънои дуюми калима ин тавр ташреҳ ёфтааст:*гуфт.* иллат, бало, офат [3,ҷ.1,с.712]: Дар амал бошад ҳама *лангу качал*, Дар газоф аз ҳафт гунбад бартарем [5, с.390].

Дилмурда – бешавқ, беҳафсала, қаринаи вожаи «мурдадил» аст,ки дар забони мардумӣ бештар ба кор меравад: Нахоҳам гуфт пеш аз мурдани дил, Видоъ, эй миллати *дилмурдаи* ман…[5, с.626]

Мисолҳои болоӣ далели пурқувватии ҷанбаи халқӣ дар шеърҳои Лоиқ аст. Махсусан фоҷиаи солҳои 90-ум дар шеърҳои шоир таъсири амиқ гузошт ва дарди миллат дарди Лоиқ гардид. Сахттарин суханҳо, луғати таҳқирӣ, вулгаризмҳо нисбат ба мансабгарою ҷоҳпарастон, хоинони ватану миллат дар услуб ва воситаҳои муассири забони халқ баён гардидаанд.

Лоиқ онҳоро дар охири қарни ХХ ба ватанфурӯшон, хоинони миллат, мансабгарою ҷоҳпарастон равона кардааст. Чунин суханҳо дар услуби забони халқ ба ҳамин муносибат истифода шудаанд. Аз қолабҳои адабӣ ва халқӣ шоир дар бисёр мавридҳо дуюмашро афзал шуморидааст. ҳамчунин Лоиқ дар асоси таъбирҳои халқӣ калима - образҳо таълиф кардааст.

Хулоса, Лоиқ Шералӣ донандаи хуби забони халқ буд. Ҷанбаи халқӣ дар шеърҳои иҷтимоии Лоиқ Шералӣ хеле пурқувват аст.

Дар забоншиносии тоҷик забони халқии гуфтугӯйӣ алҳол мавриди омӯзиши амиқ қарор нагирифтааст ва дар илми луғатшиносӣ (лексикология) ва услубшиносӣ дар бораи калимаҳои халқии гуфтугӯӣ ва хусусиятҳои онҳо як дараҷа маълумот дода шудааст, вале дар ин бора тадқиқоти мукаммал мавҷуд нест, забоншиносон ҳанӯз ба омӯзиши хусусиятҳои грамматикии забони халқии гуфтугӯйӣ напардохтаанд, дар ҳоле ки воҳидҳои халқӣ аз манбаъҳои муҳими ғановати забони миллии тоҷик ба шумор меравад ва дар ин росто корҳои зиёде бояд ба анҷом бояд расонида шаванд.

АДАБИЁТ

1.Сатторзода А. Сарсухан ба Куллиёти Лоиқ Шералӣ. Ҷ.1.Ашъор. Душанбе: Адиб, 2008,-560 с.

2. Марсияи Хуршед (Сӯгномаи устод Лоиқ). Нашри 2. Таҳияи Ориёнфар (Сафар Абдулло). – Маскав, 2001. – 351 с.

3. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ.– Душанбе, 2008. – Ҷилди 1. 949 с.,Ҷилди 2. – 944с.

4. Шералӣ Лоиқ. Куллиёт. Ҷилди 1. Китоби якум. – Хуҷанд, 2001. – 722 с.

5. Шералӣ Лоиқ. Куллиёт. Ҷилди 1. Китоби дуввум. – Хуҷанд, 2001. – 710 с.

ЯЗЫК И СТИЛЬ ПОЭЗИИ ЛОИКА ШЕРАЛИ

Лоик Шерали - великий и неповторимый поэт, выразивший в своих стихах оригинальные выражения и идеи, надежными источниками которых были произведения предков, словари, живой народный язык, фольклор, а в статье мы решили поговорить о языке и стиле поэта. особенно в использовании разговорно-просторечных слов.

Использование разговорных слов приводит к увеличению народности языка произведения. Это способствует созданию простого и искреннего стихотворения. Феномен фольклора в творчестве Лоика - одна из важнейших проблем. В этой статье мы докажем свою точку зрения на нескольких примерах из поэзии поэта.

Примеры, приведенные в статье, убедительно свидетельствуют о народном аспекте в стихотворениях Лоика. Особенно трагедия 90-х оказала глубокое влияние на стихи поэта, и боль народа стала болью Лоика. Самые резкие слова, оскорбительные слова, пошлости в адрес чиновников и предателей, изменников Родины и нации выражены стилем и действенными средствами.

В конце двадцатого века Лоик направил их к предателям, предателям нации, бюрократам и фанатикам. Такие слова используются в этом отношении в стиле разговорного языка. Из литературных и народных форм поэт во многих случаях отдает предпочтение последним.

Лоик Шерали свободно владел народным языком. Народный аспект очень силен в социальной поэзии Лоика Шерали.

Ключевые слова: *Лоик Шерали, таджикское языкознание, язык поэзии, разговорно-просторечные слова, народный язык, народное явление.*

LANGUAGE AND STYLE OF POETRY BY LOIKA SHERALI

Loik Sherali is a great and unique poet, who expressed in his poems the original expressions and ideas, the reliable sources of which were the works of ancestors, dictionaries, living folk language, folklore, and in the article we write. especially in the use of colloquial words.

The use of colloquial words leads to the increase of the population of the language of production. It contributes to the creation of simple and sincere poetry. The phenomenon of folklore in Loika's work is one of the most important problems. In this article we will prove my point of view on several examples from the poetry of the poet.

The examples given in the article convincingly testify to the folk aspect in Loika's poems. Especially the tragedy of the 90s had a profound effect on the poems of the poet, and the pain of the people became the pain of Loika. The sharpest words, insulting words, vulgarity addressed to officials and traitors, traitors of the Motherland and the nation are expressed in style and action.

At the end of the twelfth century, Loik directed them to traitors, traitors of the nation, bureaucrats and fanatics. Such words are used in this relation in the style of colloquial language. From literary and folk forms the poet in many cases gives preference to the latter.

Loic Sherali freely mastered the vernacular. The folk aspect is very strong in Loika Sherali's social poetry.

Keywords: *Loik Sherali, Tajik linguistics, language of poetry, colloquial words, folk language, folklore.*

Сведение об авторах:

Хакимова Шоира Исламовна *– кандидат филологических наук, доцент кафедры тажикского языка ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан,Худжанд), Электронная почта: xakimova.shoira@mail.ru*

Нематова Мукаддас Хабибовна, *кандидат филологических наук, доцент кафедры гуманитарных дисциплин факультета заочного обучения ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова имени академика Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд), Электронная почта:* uchzaphgu@mail.ru

About the autors:

Hakimova Shoira Islamovna, *candidate of philological sciences, Associat Professor of the department of the Tajik language the SEI «Khujand State University named after G.Gafurov» (Tajikistan, Khujand), E-mail: xakimova.shoira@mail.ru*

Negmatova Mukaddas Habibovna, *candidate of philological sciences, Associat Professor of the department of Humanitarian disciplines of correspondence learning fakultu under SEI « Khujand State University named after G.Gafurov « (Tajikistan, Khujand), E-mail:uchzaphgu@mail.ru*

УДК:809.155.0+802.0(575.3)

ТАҲЛИЛИ НАЗАРИЯВИИ СИФАТИ АСЛӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Нурова З.А.

Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Дар шароити тағйироти амиқи ҷаҳони муосир, ҷаҳонишавии мақсаду манфиатҳо, муттаҳидшавии фарҳангу тамаддунҳо ва забонҳои ҷаҳонӣ, омӯзиши забонҳои гуногуни хориҷӣ, аз ҷумла забони англисӣ, аҳамияти хоса дорад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми омӯзиши забонҳои хориҷӣ, ба ғайр аз забони модарии худ, аз худ кардани ду ё се забони алоҳидаи хориҷӣ вазифаи муҳимтарин барои ҳар як шаҳрванди кишвари мо ба ҳисоб меравад. Ҳукумат ва роҳбарияти Тоҷикистон, аз ҷумла Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо ин масъаларо мавриди муҳокима қарор додаанд. Илова бар ин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ бе таҳлили ҳамаҷониба ва муқоиса бо забони модарӣ бефоида ва бемаъно мегардад.

Бисёр олимону забоншиносон ба забони тоҷикӣ ҳоло дар қарни XIX таваҷҷӯҳ зоҳир намуданд. [4; с.9] Аммо, дар он давраҳои дурдаст, ва ҳатто ҳоло ҳам, ин забон ҳамчун яке аз лаҳҷаҳои забони форсии қадимӣ муаррифӣ мешавад. [17; с.175] Аз ин лиҳоз, он замон ягон грамматикаи илмии ин забон тартиб дода нашуда буд. Аввалин грамматикаҳои забони тоҷикӣ пас аз Инқилоби Октябр ба таҳия шурӯъ карданд, ҳангоме ки забони тоҷикӣ забони давлатии ҶШС Тоҷикистон эълон гардид, ки худ очеркҳои кӯтоҳи грамматикиро дар бар мегирифтанд. Ҳамин тавр, «Шарҳи мухтасари грамматикаи забони тоҷикӣ»- и Семёнов А.А., ки соли 1927 дар Тошканд интишор ёфта буд, танҳо барои одамоне, ки бо забони форсӣ шинос буданд, пешбинӣ шуда буд. [12; с.1] Аввалин шарҳи боэътимоди грамматикаи забони тоҷикиро, метавон кори О.А. Сухареваро ҳисобид. Дар ин асар муаллиф масъалаҳои васеъи сифатро баррасӣ мекунад. Ҳамин тавр, ӯ қайд мекунад, ки сифатҳо дар забони тоҷикӣ, ба монанди исм, аломати расмӣ дар шакли бандак надоранд ва «хусусияти фарққунандаи сифат, ки тавассути он метавон онро аз дигар ҳиссаҳои нутқ ҷудо кард, ба истиснои аҳамияти маъноӣ, қобилияти тағир ёфтани он аз рӯи дараҷаҳои муқоиса ҳисобида мешавад». [13; с.93]

Минбаъд ӯ қайд мекунад, ки забони тоҷикӣ се дараҷаи муқоисаи сифатро медонад: мусбӣ, қиёсӣ ва олӣ.(superlative,comparative,posetative) [13;с.93-94] Тибқи андешаи муаллиф, шакли хурдии (кӯтоҳи) (short) сифатҳо, ки маънои навозишӣ низ доранд, бо истифода аз суффикси дукаратаи -ак (-акак) ташаккул меёбад ва аҳамияти қувватфизо (мустаҳкамкунӣ), (strengthening) тавассути нопурра кам кардани сифати аслӣ интиқол дода мешавад. Вай қайд мекунад, ки «то ба наздикӣ, шакли қувватфизои сифатҳо, танҳо дар забони халқӣ истифода мешуд, ва ба забони адабӣ ба қарибиҳо ворид гашт». [13; с. 97-98] Ба гуфти Сухарева, сифатҳо дар ҷумла вазифаҳои муайянкунанда ва хабарро иҷро мекунанд, ва дар маънии зарф истифода бурда мешаванд. [4; с.99,136] Ӯ инчунин дар забони тоҷикӣ гурӯҳи ҷонишинҳо-сифатҳоро, ба монанди кадом, чанд ва ғайра ҷудо мекунад. [13; с. 220-221].

Баъзе забоншиносони дигар, аз қабили Расторгуева В.С. дар бораи сифат дар забони тоҷикӣ, нуқтаи назари дигар доранд. Расторгуева сифатҳо ва исмҳоро ба як гурӯҳи умумӣ ва ҳамчун зергурӯҳҳои алоҳида дар асоси он, ки сифатҳо аз исм бо нишондиҳандаҳои махсуси флективӣ, ба монанди забони русӣ фарқ надоранд, муттаҳид мекунад. Ғайр аз он, муаллиф қайд менамояд, ки хусусиятҳои фарққунандаи сифатҳои аслии забони тоҷикӣ вуҷуди «дараҷаҳои муқоисавии онҳо» мебошад. [11; с. 535] Муаллиф иқрор дорад, ки «суффиксҳои -тар ва –тарин (er-est) калимасоз мебошанд, яъне онҳо ба маънии калима маънии нав ворид карда, робитаҳои синтаксисии онро дар ҷумла ифода намекунанд. Аз ин рӯ, барои робитаи ӯ бо ибораҳои дигар, аз ҷумла, дар нишон додани

муқоисаи ду объект, воситаҳои иловагӣ лозиманд». Баъдтар вай идома медиҳад, ки: барои баъзе сифатҳо, ғайр аз сифати аслӣ, ниҳоӣ ягон маънои предметӣ дода мешавад ва аз ин рӯ, онҳо ба гурӯҳи калимаҳои бо семантикаи дуқабата табдил меёбанд (исм - сифат). [11; с. 536-538]

Расторгуева аввал изҳор дошт, ки хусусияти фарққунандаи сифатҳои аслӣ ин дараҷаи муқоисавӣ аст, аммо баъдтар ӯ қайд мекунад, ки: «На танҳо сифатҳо дараҷаи муқоисавӣ доранд, инчунин ҳамаи ҳиссаҳои нутқ, ки сифат ё аломатро нишон медиҳанд, аз ҷумла бо семантикаи дугона - исм ва сифат низ дараҷаи муқоисавӣ доранд». Ба ғайр аз дараҷаи муқоисавӣ ва олӣ, - муаллиф қайд менамояд, ки сифатҳои аслӣ инчунин шаклҳои пуршиддатро(rainforceder) ташаккул медиҳанд, ки барои ифодаи дараҷаи олии сифат нисбат ба дигар предметҳо хидмат мекунанд. Дар забони тоҷикӣ сифатҳо на танҳо нақши муайянкунанда ва ҳиссаи номии хабарро иҷро мекунанд, балки вазифаи ҳолатҳои тарзи амалро низ иҷро мекунанд. Вай минбаъд қайд мекунад, ки номҳое, (names)ки дар семантикаи худ исм мебошанд, дар вазифаи муайянкунанда дар баъзе ҳолатҳо дар худ сифатҳои нисбиро иваз мекунанд: адабиёти тоҷик – таджикская литература (адабиёт- литература; тоҷик-таджик; и - нишондиҳандаи изофатӣ), соати тиллой- (соат- часы; тилло-золото; и - нишондиҳандаи изофатӣ).(distraction) Муаллиф қайд мекунад, ки сифатҳо дар забони тоҷикӣ баъзан исми фаровардашуда (партофташударо) (throw) иваз мекунанд. Дар ин ҳолат, сифатҳо «тамоми хосиятҳои морфологӣ ва синтаксисии исмро гирифта, қатъиян бе асосноккунӣ (субстантиватсия нашуда), аз рӯи семантика онҳо ҳамчун сифат боқӣ мемонанд». [11; с.536-531]

Дар ин ҷо, таҳқиқоти Р.Л. Неменоваро низ бояд қайд кард, ки ба андешаи ӯ, сифатҳо дар забони тоҷикӣ ҳамчун исм ҳамон як ҳиссаи номии нутқ ба шумор мераванд. Муаллиф ба шумораи сифатҳо он калимаҳоеро равона мекунад, ки аз дигар ҳиссаҳои нутқ «аз ҷиҳати маъно, хусусиятҳои синтаксикӣ ва морфологӣ» фарқ мекунанд. Вай исрор мекунад, ки сифатҳо ва дигар ҳиссаҳои нутқ, хусусан исм ва зарфҳо, пеш аз ҳама, аз рӯи вазифаҳояшон дар ҷумла ва аз рӯи маъно фарқ мекунанд. Аз рӯи шаклҳо ва бандакҳо, ин ҳиссаҳои нутқ ягон фарқияте надоранд, ва илова бар ин, ин ҳиссаҳои нутқ дар забони муосир бандак надоранд. Неменова Р.Л. чун дигар муҳаққиқони сифат, сифатҳои забони тоҷикиро ба ду намуд тақсим мекунад: аслӣ ва нисбӣ, ё аз дигар ҳиссаҳои нутқ пайдошуда. [9; с. 533,543] Ӯ ба қобилиятнокии сифатҳои аслӣ, ташаккули дараҷаи муқоисавӣ ишора мекунад: мусбӣ, қиёсӣ ва олӣ. Вай минбаъд қайд мекунад, ки шакли дараҷаи олӣ барои фарқ кардани ягон ашё аз рӯи аломат аз гурӯҳи ашёҳои якхела, ё муқоисаи он бо дигар ашёҳо, ва изҳори дараҷаи баландтарини сифат истифода мешавад. Сатҳи олии сифат инчунин бо шаклҳои ба монанди сап-сафед ифода меёбад. [9; с. 544-545] Неменова Р.Л. ба монанди Расторгуева, дар боби «Калимасозӣ» суффиксҳои ба монанди –ак (-акак), -тоб-ро аз назар мегузаронад ва қайд мекунад, ки сифатҳо дар забони тоҷикӣ аломатҳои ашё ва аломатҳои амалро нишон медиҳанд ва дар ҷумла онҳо метавонанд муайянкунанда, ҳиссаи номии хабар ва ҳолат бошанд. Вай инчунин қайд мекунад, ки сифатҳо метавонанд дар маъноҳои исм истифода шаванд, агар онҳо дар ҷумла ҳамчун мубтадо ё изофа ифода шаванд. [9; с. 543,544, 547,550]

Муаллифи навбатӣ, ки масъалаҳои сифатро баррасӣ кардааст, Успенская Л.В. мебошад. Вай сифатҳоро ба предметӣ, аслӣ ва ҳолӣ ҷудо мекунад. Муаллиф қайд мекунад, ки сифатҳо дар забони тоҷикӣ бояд на танҳо ҳамчун калимаҳое, ки аломати ашёро ифода мекунанд фаҳмида мешаванд, балки ҳамчун калимаҳое, ки аломати амал ва аломати аломатро нишон диҳанд. Вай инчунин сифатҳоро ҳамчун аслӣ ва нисбӣ ҷудо мекунад. Сифати аслӣ, дар навбати худ, ба ду зергурӯҳ тақсим мешавад: сифатҳои аслӣ-хусусӣ ва аслӣ-ҳолатӣ. Ҳар як сифат дар забони тоҷикӣ метавонад дар ҷумла дар нақши муайянкунанда баромад кунад, ва сифатҳои аслӣ-ҳолатӣ бо суффиксҳои -она, -аки, бошанд, инчунин вазифаҳои ҳолро иҷро карда метавонанд.[14; с. 29-33]

Дар омӯзиш ва таҳлили муқоисавии сифатҳои забони тоҷикӣ Королёва А.И. саҳми калон гузоштааст, ки хусусиятҳои сифатро дар забонҳои русӣ ва тоҷикӣ ба таври муфассалтар ифшо мекунад. Муаллиф иддао мекунад, ки сифатҳо дар забони тоҷикӣ он калимаҳое ҳастанд, ки бо маънии семантикии аломати ашё, хусусияти амал ва аломат, мавҷудияти шаклҳои дараҷаҳои муқоисавӣ ва шаклҳои шиддатнок, ки ба шаклҳои алоҳидаи ҳиссаҳои нутқ (аз ҷумла, исм) хосанд ва на он қадар бо вазифаҳои махсус дар ҷумла, балки бо ҷойгиршавӣ дар ибораҳо, тавсиф мешаванд.[7; с. 148]

Дар байни олимони тоҷик, ки бори аввал грамматикаи забони тоҷикиро дар шакли китобҳои дарсӣ барои мактабҳои миёна тартиб додаанд, мо метавонем кори Саидризо Ализода «Грамматикаи забони тоҷикӣ», ки соли 1926 бо алифбои арабӣ нашр шудааст, қайд намоем. Муаллиф ба сифат чунин калимаҳоеро ишора мекунад, ки аломат, ҳолати ашё ва шахсро нишон медиҳанд. Вай сифатҳоро ба аслӣ ва нисбӣ тақсим карда, дар байни онҳо чунин сифатҳоеро, ки маънои ранг, монандӣ ва ғайраро доранд, ҷудо мекунад. Дар ҷумла, ба ақидаи ӯ, сифатҳо вазифаҳои муайянкунанда ва хабарро иҷро мекунанд.[1; с. 48]

Дар кори навбатӣ, дар китоби дарсии «Забони модарӣ», мураттабон танҳо унсурҳои грамматикиро пешниҳод мекунанд. Дар ин китоби таълимӣ гуфта шудааст, ки сифатҳо аслӣ ва

нисбӣ буда, дараҷаҳои сифатҳои аслӣ чунин оварда шудааст: камшаванда, муқоисавӣ ва олӣ. Муаллифон инчунин дар бораи сифати феълӣ суханронӣ мекунанд.[18; с. 85-87]

Дар байни грамматикаҳои забони тоҷикӣ, ки дар он дар бораи сифатҳо муфассалтар сухан ронда шудааст, кори Л. Бузургзода ва Б. Ниёзмухаммедовро номбар кардан бамаврид аст. Муаллифони ин асар исмҳо, сифатҳо, зарфҳо ва ғайраро аз рӯи маъно ва функсияи синтаксисӣ фарқ мекунанд. [2; с. 42-43] Муаллифон он калимаҳоеро ба сифат дохил мекунанд, ки аломати ашёро нишон медиҳанд ва ба саволҳои кадом? чӣ гуна? ва ғайра ҷавоб медиҳанд. Инчунин гурӯҳҳои сифатҳои аслӣ ва нисбӣ низ қайд карда шудаанд. Муаллифон қайд мекунанд, ки сифатҳо дар забони тоҷикӣ ду дараҷаи муқоиса доранд: қиёсӣ ва олӣ. Аз ҷумла, онҳо қайд мекунанд, ки дараҷаи олӣ на танҳо бо кумаки суффиксҳо, балки аз тариқи гардиши **аз ҳама**, тавассути калимаҳои ёрирасон, вақте ки муқоисаи он ба амал намеояд, баён карда мешавад. [2; с. 54-55.57] Муаллифон инчунин қайд мекунанд, ки сифатҳо дар ҷумла вазифаи муайянкунанда ва хабарро иҷро мекунанд. Ғайр аз он, онҳо изҳор мекунанд, ки як қатор сифатҳои аслӣ, ки рангҳоро ифода мекунанд, метавонанд барои номгузории одамон ё ашёҳо истифода шаванд. Дар ин ҳолат, онҳо метавонанд субстантиватсия шуда, хусусиятҳои грамматикии исмҳоро ба даст оранд: шумораи ҷамъ, қобилияти изҳори номуайянӣ, функсияҳои синтаксиси исмҳо ва ғайра. [2; с. 64-65]

Дар соли 1941 худи ҳамон муаллифон, асари нави худро «Морфологияи забони тоҷикӣ»-ро нашр карданд, ки дар он вобаста аз маънои грамматикӣ, хусусиятҳои морфологӣ ва функсияи синтаксикӣ, муаллифон исм, сифат, зарф ва ғайраҳоро, ҳамчун ҳиссаҳои нутқи алоҳидаи мустақил ҳисобиданд. [3; с.11] Дар ин кор олимон хусусиятҳои фарққунандаи сифат ва исмро бодиққат дида баромадаанд. Муаллифон тасдиқ мекунанд, ки сифатҳо аз исмҳо ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати грамматикӣ, хусусан морфологӣ фарқ мекунанд. Ҳамин тавр, ба мисли кори қаблӣ, муаллифон сифатҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: аслӣ ва нисбӣ. Онҳо қайд мекунанд, ки сифатҳои аслӣ, ба ғайр аз шаклҳои хурдӣ-навозишӣ, инчунин ду дараҷаро ташкил медиҳанд: қиёсӣ ва олӣ. Хусусан, дараҷаи олӣ аз рӯи тарзи ишораи аломат ба дараҷаи олии қиёсӣ (ба воситаи суффикси -тарин) ва дараҷаи олии қувватфизо, ба воситаи калимаҳои **ҷудо, хеле, бағояд, беҳад, фавқулодда**, инчунин аз рӯи такрори пурра ё қисмани сифат, ҷудо карда мешавад. [3; с. 27-28] Муаллифон, инчунин дар асари худ, ба масъалаи муносибати байни сифат ва феъл ишора мекунанд. Ба андешаи онҳо, агар сифат исмро муайян кунад, пас ин сифат аст ва агар феълро фаҳмонда тавонад, пас он зарф аст. [3; с. 58-59]

Кори дигаре, асари Ш. Ниёзӣ «Исм ва сифат дар забонӣ тоҷикӣ»-ро бояд қайд кард, ки дар он сифат дар забони тоҷикӣ бодиққат ва муфассалтар баррасӣ карда шудааст. Ба гуфтаи А.И. Королева, ин китоб дар посух ба очерки В.С. Расторгуева навишта шудааст. [7; с. 38] Дар кори худ муаллиф сифатҳоро ҳамчун гурӯҳи калимаҳое ифода мекунад, ки хусусияти аслӣ ва нисбии ашёро нишон медиҳанд. Сифатҳо дараҷаи муқоисавӣ доранд - қиёсӣ ва олӣ. Муаллиф минбаъд изҳор медорад, ки на танҳо сифатҳои оддӣ, балки сифатҳои мураккаб низ қобилияти ташаккули дараҷаҳои муқоисавиро доранд. Дараҷаи муқоисавии сифатҳо маънои онро дорад, ки як ашё нисбат ба дигар аломатҳои зиёде дорад, ва худи ҳамон як ашё дар як вақт ё дар шароити муайян, нисбат ба дигар вақт ва ё дигар шароитҳо дорои сифат дар дараҷаи зиёдтар аст. Дараҷаи олитарин аломатеро нишон медиҳад, ки аз рӯи дараҷаи зуҳуроти он, ягон намуд ашё аз дигар предметҳои якхела бартарӣ дорад.[10; с. 31-34]

Дар натиҷа, муаллиф изҳор мекунад, ки муқоиса баъзан бидуни суффикси муқоисавӣ -тар, ифода меёбад, вақте ки номи предмет, ки бо аломати он дигар предмет муқоиса карда мешавад, ҳамчун пуркунанда амал мекунад. Ба гуфтаи муаллиф, сифатҳои нисбӣ аҳамияти сифатиро рушд дода, аломатҳо ва хусусиятҳои сифатҳои аслиро, аз ҷумла дараҷаҳои муқоисавиро азхуд мекунанд. Вай инчунин иддао дорад, ки баъзе исмҳо низ аҳамияти сифатӣ гирифта, метавонанд шаклҳои дараҷаҳои муқоисавиро пайдо кунанд. Худи ҳамин зуҳуротро дар сифати феълӣ дидан мумкин аст. Ш. Ниёзӣ инчунин падидаи муқобилро ҳам қайд мекунад: сифатҳо метавонанд маънои дигаре гиранд, масалан, моҳиятӣ (предметӣ); дар ин ҳолат, онҳо хусусиятҳои грамматикии исмро, алахусус, функсияҳои синтаксисии ба исм хосро бар худ мегиранд. [10; с. 34-35]

Дар кори дигаре «Грамматикаи забони тоҷикӣ», ки аз ҷониби якчанд муаллифон таҳия шудааст, сифат ҳамчун яке аз даҳ ҳиссаҳои нутқ муаррифӣ шудааст, ки хусусияти ашёро бевосита дар заминаи лексикӣ ё тавассути робита бо ашёи дигар нишон медиҳад. Дар ин ҷо низ, ҳама сифатҳо ба аслӣ ва нисбӣ тақсим карда мешаванд, ки аз рӯи аломатҳо ва хосиятҳои грамматикӣ фарқ карда мешаванд. [5; с. 58-59] Муаллифон дар баробари дараҷаҳои муқоисавии сифат, инчунин дараҷаҳои камшаванда (хурдӣ) ва қувватфизоро номбар менамоянд, ки ба воситаи суффиксҳои –ча, -ак (-акак), -тоб, -ӣ, ба воситаи такрори нопурра ё пурраи сифат ташаккул меёбанд, вақте ки он аломати зиёда аз як предметро нишон медиҳад; ва инчунин тавсифӣ, бо истифода аз сифат ва ё зарфҳои дигар. [5; с. 61-62,70] Дар ин китоб, муаллифон далелҳо овардаанд, ки аксари сифатҳо дар ҷумла ҳамчун ҳоли тарзи амал истифода мешаванд ва инчунин ихтилофи муаллифонро дар баъзе масъалаҳо дида

мешавад. Ҳамин тавр, дар боби «Сифат» як муаллиф сифатро, ки функсияи ҳолати амалро ичро мекунад, баррасӣ мекунад ва муаллифи дигар дар боби «Зарф», зарфро бо ҳамон функсия меҳисобад.

Дар кори навбатии «Сифатҳои аслӣ дар забони адабии муосири тоҷик» -и К. Шукурова, хусусиятҳои морфологии сифатҳо амиқтар таҳқиқ карда мешаванд. Муаллиф изҳор дорад, ки аз рӯи хусусиятҳои семантикӣ ва морфологии худ, сифатҳо ба аслӣ ва нисбӣ тақсим карда мешаванд ва дар ҷумла бошад, сифат вазифаи муайянкунандаро ичро мекунад, ки пас аз муайяншаванда баромад мекунад. Вай минбаъд қайд мекунад, ки вазифаи дигари сифат дар ҷумла ин функсияи хабарии он (пешгӯй) ҳисобида мешавад, дар ҳолате, ки он ҳамчун қисми номиналии хабар амал мекунад. Сифатҳои аслӣ, ба гуфтаи муаллиф, метавонанд вобаста ба андозаи аломатҳо тағир ёбанд, онҳо инчунин метавонанд шаклҳои арзёбии субъективиро ташкил диҳанд ва баъзан дар шакли пуршиддат ва тавассути коҳиш, дараҷаи баланди аломатро ифода кунанд. [15; с.4, 35-55] Муаллиф нисбат ба дигар корҳо, хусусиятҳои ташаккули дараҷаҳои муқоисавиро дар забони тоҷикӣ, тарзу усулҳои ташаккули сифатҳоро дар забони тоҷикӣ муфассалтар баён кардааст.

Дар таҳлили муқоисавии сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷониби Ҳ.Ю. Яҳёева дар асари «Таҷрибаи омӯзиши муқоисавии сифатҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» саҳми калон гузоштааст. Муаллиф дар асараш ҷанбаҳои мухталифи ин масъаларо баррасӣ кардааст - нақши сифат дар низоми ҳиссаҳои нутқ, таснифи сифатҳо аз рӯи вазифа дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, категорияи сифатҳо, дар бораи сифатҳои аслӣ ва нисбӣ, дараҷаи муқоисавии сифатҳо, дар бораи калимасозии сифатҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, дар бораи шаклҳои хурдӣ ва қувватфизои сифатҳо, дар бораи асосноккунии (субстантиватсия) сифатҳо ва ғайра.[16; с.178]

Ҳамин тавр, Қосимова М.Н. дар асари худ «Таърихи забони адабии тоҷик» сифат, намудҳои он, вазифаҳои синтаксисӣ ва ғ. баррасӣ намудааст. Ӯ қайд мекунад, ки сифат аломати мустақим ва ғайримустақимро ифода мекунад. Аз ин рӯ, сифат вобаста ба вазифа ва функсияи грамматикиаш ба ду гурӯҳ тақсим мешавад: аслӣ ва нисбӣ. Сифатҳои аслӣ хусусиятҳои мустақими ашёҳо ва организмҳои зиндаро шарҳ медиҳанд. Дар маънои луғавии худ, сифат мафҳумҳои гуногунро ифода мекунад: ранг, мазза, бӯй, ҳарорат, андоза ва миқдор, вазн, сифатҳои зоҳирӣ ва ботинии инсонӣ, синну сол ва ғайра. Сифатҳо аз рӯи сохторашон содда, ҳосила ва мураккаб буда метавонанд. Сифатҳои оддӣ танҳо калимаҳои калидӣ шуда метавонанд. Сифатҳои ҳосила (пайдошуда) бо префиксҳо ва суффиксҳо ташаккул меёбанд. Сифатҳои мураккаб тавассути пайвастан ба калимаҳои мустақил (исм, сифат, асосҳои феъл, сифати феълӣ) ташаккул меёбанд. Сифатҳо вобаста ба хусусиятҳои грамматикии худ дар ҷумла метавонанд ҳамчун муайянкунанда ва ҳол баромад кунанд. [8; с.176-181]

Дар байни олимони муосири тоҷик, кори яке аз забоншиносони машҳури тоҷик Ҷамшедов П. «Типологияи муқоисавии забонҳо»-ро метавон қайд кард. Муаллиф дар ин кор ташаккули сифатҳоро дар забони тоҷикӣ, сифати феълӣ дар забони тоҷикӣ, хусусиятҳои морфологии сифатҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва ғайраро баррасӣ менамояд. Ҳамин тавр, ӯ қайд мекунад, ки дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сифатҳои аслӣ ва нисбӣ вуҷуд дошта метавонанд. Хусусиятҳои морфологии сифатҳо дар забонҳои муқоисашаванда қариб ки якхела ва шабеҳ мебошанд. Сифатҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, умумияти худро аз рӯи хусусиятҳои асосии хоси грамматикӣ нишон медиҳанд. Муфассалтар, муаллиф масъалаҳои сифати феъліро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ баррасӣ мекунад. [6; с.118-120, 161-179]

Ҳамин тавр:

- сифат ҳамчун як ҳиссаи нутқ дар забони тоҷикӣ, аз ҷониби аксари забоншиносон ҳамчун як синфи калимаҳо бо маънии грамматикии аломати ашё ва функсияи синтаксиси муайянкунанда тавсиф мешавад;
- дар бисёр асарҳо андешаҳое ифода шудаанд, ки қисми сифатҳо метавонанд аломати амалро нишон диҳанд ва дар ҷумла ҳамчун ҳол баромад кунанд;
- баъзе муаллифони грамматикаи тоҷик ба дараҷаи муқоисавӣ, дараҷаи мусбатро низ дохил мекунанд;
- инчунин метавон ихтилофотро дар таҳқиқи сифат дид ва саволе ба миён меояд, ки оё як калима ҳам сифат ва ҳам зарф шуда метавонад?

АДАБИЁТ

1. Ализаде С. Грамматика таджикского языка.// С. Ализаде. 1926.
2. Бузургзаде Л., Ниязмухаммедов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Фонетика ва Морфология (барои мактабҳои нопурра ва миёна).// Л. Бузургзаде, Б. Ниязмухаммедов. Душанбе, 1941. С.42-43.
3. Бузургзода Л. ва Ниёзмуҳаммадов Б. Морфологияи забони тоҷикӣ.// Б. Ниёзмуҳаммадов ва Л. Бузургзода. Душанбе, 1941. С.11.
4. Вамбери А. Очерки Средней Азии. М.: 1868. А. Семенов. Материалы для изучения наречия горных таджиков Центральной Азии (Грамматический очерк и памятники народного творчества).// А. Вамбери. М.: 1900.
5. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Б.Н. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ, Д.Т. Тоҷиев. Қ.1, 1956. С.58-59.
6. Джамшедов П. Сравнительная типология языков.// П. Джамшедов. Душанбе, 2012. С.118-120, 161-179.

7. Королёва А.И. Имя прилагательное в русском и таджикском языках (сопоставительная характеристика).// А.И. Королёва. Дис. к.ф.н. Душанбе. 1966.
8. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик.// М.Н. Қосимова. Ҷилди 1. Душанбе, 2011. –С. 176-181.
9. Неменова Р.Л. Краткий очерк грамматики таджикского языка. /Краткий таджикско-русский словарь. Под ред. Я.И. Калондарова.// Р.Л. Неменова. М.: 1955. С.533,543.
10. Ниёзӣ Ш. Исм ва сифат дар забони тоҷикӣ.// Ш. Ниёзӣ. Душанбе, 1954. С. 31-34.
11. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Таджикско-русский словарь под ред. Рахими и Л.В. Успенской.// В.С. Расторгуева. 1949. С. 535-538.
12. Семёнов А.А. Краткий грамматический очерк таджикского языка./Для слушателей курсов востоковедения. Предисловие.// А.А. Семёнов. Ташкент. 1927, С.1.
13. Сухарева О.А. Руководство для изучения таджикского языка.// О.А. Сухарева. Ч.I. Таджикгиз. 1930.
14. Успенская Л.В. Структурные особенности таджикского языка по сравнению с русским языком./Материалы межреспубликанской научной конференции по вопросам улучшения преподавания русского языка в таджикской школе.// Л.В. Успенская. Душанбе, 1958. С. 29-33.
15. Шукурова К. Качественные прилагательные в современном таджикском литературном языке. // К. Шукурова. Дис. к.ф.н. Душанбе, 1971. С.4, 35-55.
16. Яхъяева Х.Ю. Опыт сопоставительного изучения имен прилагательных в таджикском и английском языках.// Х.Ю. Яхъяева. Дис. к.ф.н. Душанбе, 1973. С. 178.
17. Bailey H.W. The Persian Language, - «The Legacy of Persia», ed. // H.W. Bailey. By a.j. arberry, Oxford. 1953. C. 175.
18. B. Hoji-Zoda, L. Buzruk, D. Dehoti. Zaboni madani. Q. IV, Nasr. Davlatii Tojikiston. Samarkand, C.85-87.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ КАЧЕСТВЕННЫХ ПРИЛАГАТЕЛЬНЫХ В ТАДЖИКИСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье автор обсуждает тему «Теоретический анализ качественных прилагательных в таджикском и английском языках». По мнению автора, в контексте глубоких изменений в современном мире, глобализация целей и интересов, интеграция культур, цивилизаций и мировых языков, изучение различных иностранных языков, в том числе и английского языка приобретает особую важность. По этой причине, при изучении иностранных языков, помимо своего родного языка, овладение двумя или тремя отдельными иностранными языками является наиболее важной задачей для каждого гражданина нашей страны. Кроме того, автор отмечает, что сравнительное изучение различных языковых систем в лингвистике, объясняет и раскрывает различные теоретические и практические аспекты решения нерешенных вопросов, в том числе и семантические и грамматические особенности этих языков. Объективное понимание этих особенностей является одним из важных условий тесной связи между теорией и практикой изучения и исследования различных языков. В этой статье автор анализирует различные аспекты вопроса качественных прилагательных в таджикском и английском языках. Автор обосновывая теоретические основы этой проблемы на основе исследований отечественных и зарубежных ученых, выражает взгляды ученых и исследователей с использованием различных научных источников и научно подтверждает, что сравнительный анализ качественных прилагательных в двух сопоставимых языках все еще остается важной проблемой, современной и актуальной задачей и требует отдельного научного исследования со стороны ученых и исследователей этого вопроса.

Ключевые слова: *прилагательное, качественные прилагательные, относительные прилагательные, грамматика, теория, части речи, анализ, характеристика, таджикский, английский, сравненительная типология.*

THE THEORETICAL ANALYSIS OF QUALITATIVE ADJECTIVE IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGE

In this article,the author discusses the topic Theoritical analysis of the original quality to thein the Tajik and English languages.According author,in the context of profound changes in the modern,the globalization of goals and interest,the integration of cultures,cilivizations and worl languages the study of various foreign languages,including English,of is particular importance. Therefore, when learning foreign languages, in addition to their native language, mastering two or three separate foreign languages is the most important task for every citizen of our country. In addition,the author notes that the comperative study of different languages system in linguistics explains and reveals different theoretical and practical aspects of solving unresolved issues,including the semantic and grammatical features of these languages. Real understanding of these features is one of important conditions for the close connection between the theory and practice

teaching and researching different languages.In this article, the author analysis various aspects of quality issues in the Tajik and English languages.The author substantiates the the theorical basis of the problem with the help of domestic and foreign scholars,expresses the views of scholars and researchers on the use of various scientific sources,and scientifically confirms that the comperative analysis of the original quality in two comparable languages is still a problem and up-to date and requires separate scientific research by scientists and researchers on the subject.

Keywords: *adjective, qualitative adjective, relative adjective, grammar, theory, part of speech, analysis, character, Tajik languages, English languages compare.*

Сведения об авторе:

Нурова Зухро Абдулкаримовна *- Кулябский государсвенный унвериситет им.А.Рудаки, аспирант кафедры английского языка.Адрес:735360,Республика Таджикистан, г.Куляб, ул Сафарва 16. E-mail: zukhro.nurova.@mail.ru. Тел:(+992) 985498975*

About the author:

Nurova Zukhro Abdulkarimovna *- Kulyab State University name after,A.Rudaki graduate student of the English Language Department.Address:735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, Safarov Street 16. E -mail: zukhro.nurova.@mail.ru. Тел:(+992) 985498975*

КОРБУРДИ ПАСВАНДҲОИ -ИСТОН ВА -ГОҲ ДАР «ҶОМЕЪ-УТ-ТАВОРИХ»

Хоҷамиров М.Х.

Донишгоҳи давлатии омӯзгори Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Калимасозӣ яке аз қисматҳои муҳимми забоншиносӣ ба ҳисоб рафта, барои рушду инкишоф ва тараққиёти забон заминаи мусоид фароҳам меорад. Ба ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ин қисмати забоншиносӣ калимаҳои гуногунсохту гуногунтаркиб ба вуҷуд омада, ба ин васила таркиби луғавии забон бою ғанӣ мегардад. Ҳанӯз аз давраҳои қадими забони тоҷикӣ – форсии бостон ва форсии миёна бо роҳи калимасозӣ дар забони тоҷикӣ калимаҳо сохта мешуданд. Ба назари забоншинос Д. Саймиддинов ин равиш идома аз пешинаи забони форсӣ аст: «Ин равиш дар забони форсии миёна аз роҳҳои асосӣ ва мустаъамли вожасозӣ ба шумор меравад» [Саймиддинов 2001, с.114]. Вале дар давраи классикии забони тоҷикӣ, бахусус, аз асрҳои IX-X калимасозӣ дар забони тоҷикӣ густариш намуда, тавассути калимасозӣ калимаҳои зиёд сохта шудаанд ва яке аз роҳҳои бой гардидани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба ҳисоб меравад.

Доираи таҳқиқи ин бахши забоншиносӣ низ хеле васеъ ва доманадор мебошад. Дар тамоми таҳқиқот доир ба ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ яке аз самтҳои асосиро маҳз калимасозӣ ташкил медиҳад. Солҳои охир таваҷҷуҳи забоншиносони тоҷик ба ин бахши забоншиносӣ зиёд шуда, асару мақолоти зиёде таълиф намудаанд [ниг. ба Пейсиков 1973; Рустамов 1972; Касимов 2016; Рахматуллозода 2016].

Дар дарозои таърихи пайдоиш ва ташаккулу рушди забони точикӣ пасвандхои исмсоз бо сохтани калимахои нав дар гановат бахшидани таркиби лугавии забон ҷойгоҳи хос касб кардаанд. Калимасозии пасвандӣ яке аз воситаҳои бой шудани таркиби луғавии забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Калимасозӣ бо пасвандҳо дар забони тоҷикӣ аз роҳҳои асосӣ ва мустаъмали вожасозӣ ба шумор меравад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки нақши шоиру нависандагон, олимону файласуфон ва муаррихон, ки асарҳои гуногунмазмун таълиф менамуданд, дар бой гардонидани таркиби луғавӣ бо роҳи калимасозӣ хеле калон аст. Шоирону нависандагони форсу тоҷик дар давоми зиёда аз ҳазор сол калимаҳои зиёде сохтаанд, ки таркиби луғавии забони тоҷикиро бою ғанӣ гардонидаанд. Дар ин росто нақши муаррихон, ки таърихномаҳои зиёде навиштаанд, дорои аҳамияти вижа аст. Дар таърихи забони адабии тоҷик таърихномаҳои зиёде навишта шудаанд, ки нақши онҳо дар рушду инкишоф ва ғанӣ гардонидани забони тоҷикӣ аз дигар осор камтар нест.

Дар охирҳои асри XIII ва аввалҳои асри XIV як зумра нависандагону таърихнигорони тозанавис ба монанди Рашидаддини Фазлуллоҳ, Ҳамдуллоҳ Муставфии Қазвинӣ – муаллифи «Таърихи гузида», Қозӣ Абдуллоҳ ибни Умари Байзовӣ – муаллифи «Низомуттаворих», Абусулаймон Довуди Банокатӣ – муаллифи «Равзат-ул-албоб» машҳур ба «Таърихи Банокатӣ» ва иддае дигар ба арсаи эҷод омаданд, ки то ҳадди тавон ба насри сода ва берун аз такаллуф эҷод кардаанд.

«Ҷомеъ-ут-таворих» ё «Таърихи Рашидӣ» аз ҷумлаи таърихномаҳои арзишманде ба забони форсӣ маҳсуб мешавад, ки дар таҳқиқ ва омӯзиши таърихи забони форсӣ нақши боризеро адо хоҳад кард. «Ҷомеъ-ут-таворих»-и Рашидаддин аз ҷиҳати сабку забон нисбат ба асарҳои таърихии пеш ва баъдина бартарӣ дорад. Ин асар «намунаи беҳтарини забони насри адабии классикии форсу тоҷик аст» [Бертелс 1976 с.261].

«Ҷомеъ-ут-таворих» ганҷинаеро мемонад, ки дар он вожаҳои нобу асили тоҷикӣ маҳфуз мондаанд. Аз як ҷониб, муаллифи он дар «Ҷомеъ-ут-таворих» вожаҳои нобу асили тоҷикиро ҳифз намуда бошад, аз ҷониби дигар, бо роҳи калимасозӣ калимаҳои зиёдеро сохта, вориди забони тоҷикӣ намудааст. Бинобар ин омӯзишу пажӯҳиши ҳамаҷонибаи ин асари безавол аз аҳамият холӣ нахоҳад буд. Аз ин асари гаронарзиш метавон ваожаҳои зиёдеро гирдоварӣ намуд, ки барои забони ҳозираи тоҷикӣ низ ба кор раванд. Калимасозӣ дар асар аз сохтмони калима дар забони адабии тоҷикӣ фарқ надорад. Дар асари мавриди назар пасвандҳое ба кор рафтаанд, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ низ ба кор мераванд. Дар асар сохтани исмҳо бо ёрии пасвандҳо аз воситаҳои муҳим ва назарраси калимасозӣ ба ҳисоб меравад. Ҳадафи таҳқиқи ин мақола низ таҳлилу баррасии пасвандҳои **-истон** ва **-гох**, ки исми макон месозанд, мебошад.

Пасванди калимасози **-истон** яке аз морфемаҳои сермаҳсули забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Ин пасванд дар пажӯҳишҳои забоншиносӣ ҳамчун пасванди исмсоз зикр гардидааст. Дар Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ дар робита ба пасванди –истон чунин гуфта шудааст: «Ин суффикс ҳам мисли суффикси -зор бо исм омада, макон ва фаровонии предмети асосии калимаро мефаҳмонад, аммо мавқеи истеъмоли –истон ва –зор фарқҳо низ дорад» [Грамматика 1985 с.114]. Ин пасванд дар забони тоҷикӣ идома аз забони форсии миёна мебошад. Забоншинос Д. Саймиддинов пасванданҳои -stān/-estān, -zār, -sār-ро пасвандҳои форсии миёна медонад, ки исми макон месохтанд [Саймиддинов 2001, с.125].

Пасванди **-истон** бо исмҳои гуногуни модӣ омада, макон ва фаровонии шаъйро (предметро) ифода мекунад. Морфемаи мазкур дорои се қарина (вариант) мебошад: -истон, - стон,- сон. Тарзи истифодаи ин олломорф чунин аст: агар асоси калима бо овози ҳамсадо тамом шуда бошад, пасванди -истон (гулистон, регистон) ва агар бо овози садонок тамом шавад, пасванди -стон қабул мекунад: бӯстон. Дар назм бо тақозои вазн дар шакли -ситон омадани ин пасванд низ мушоҳида мешавад.

Донишмандони гузаштаи тоҷику форс низ дар асарҳои худ, ки доир ба улуми адабӣ таълиф намудаан, кӯшиш намудаанд, ки бархе аз масъалаҳои дастурии забони тоҷикиро шарҳ диҳанд. Чунончи, Шамси Қайси Розӣ дар охири исмҳо омадану маънии махсуси мавзеъ додани пасванди **-истонро** қайд кардааст. Аз ҷумла мефармояд: «Ва он «син»-у «то» ва «алиф»-у «нун» аст, ки дар авохири асмо (номҳо) маънии тахсиси (махсуси) мавзеъ диҳад, бад-он чиз, чунон ки «Туркистон»-у «кӯҳистон»-у «бемористон» [Шамси Қайс 1991 с. 190].

Вижагиҳои дастурии забони форсии тоҷикӣ аз назари фарҳангнигорони гузашта низ дур намондааст. Муаллифони фарҳангҳои тафсирии дар баробари шарҳи луғавию маъноии воҳидҳои забон сайъ намудаанд, ки ҳар як воҳиди забониро шарҳи дастурӣ низ диҳанд. Чунончи, Муҳаммадҳусайни Бурҳон ва Муҳаммад Ғиёссиддин вазифаҳои дастурии пасванди –истонро шарҳу тавзеҳ додаанд.

Муҳаммадҳусейн Бурҳон дар баробари морфемаҳои **-бор**, **-зор**, **-сор** ва **-лох** пасванди **-истон**ро низ ба гурӯҳи калимаҳое, ки бисёрӣ ва ба қавли худи муаллиф анбӯҳиро ифода мекунад, дохил кардааст. Чунончи «Ва калимоте, ки фоидаи бисёрӣ ва анбӯҳӣ диҳад, яке **-бор** аст, ҳамчу: дарёбор ва рӯдбор; ва дигаре **-зор**, ҳамчу: гулзор ва лолазор... ва дигаре **-стон** (-истон), ҳамчу гулистон, бӯстон» [Муҳаммадҳусайни Бурҳон 1993 с. 30-31].

Муҳаммад Ғиёсидцн пасванди **-истон**ро ба маънии остон ва ҷойи анбӯҳии чизҳо шарҳ дода, чунин таъкид кардааст: «Ситон ба маъноои остон ва ҷойи анбӯҳи чизҳо, чун дар **гулистон** ва гоҳе ин лафз ба маънии мутлақи ҷойи чиз истеъмол кунанд, чун **шабистон** ва **адабистон...»** [Муҳаммади Ғиёссидин 1987 с. 413-414].

Чи тавре ки маълум шуд, ин пасванд дар адабиёти классикии форсу тоҷик маъмулу машҳур буда, дар осори адабӣ фаровон истифода мешудааст ва аз мадди назари донишмандону суханшиносони гузашта дур намондааст.

Пасванди -истон асосан дар забони адабӣ ба кор меравад. Дар забони адабии тоҷик бо ин пасванд исмҳои ифодакунандаи макон сохта шудаанд. Забоншинос Хоркашев С. дар асоси маводи шеваи ҷануби шарқӣ ба чунин натиҷа мерасад, ки ин пасвад дар шеваи мазкур чандон маъмул набудааст ва танҳо калимаи «пийостун»-ро, ки ихтисори «пиёзистон» аст, мисол меоварад [Хоркашев 2010, с. 95].

Пасванди –истон дар забони адабиёти классикӣ аз ҷумлаи пасвандҳои сермаҳсул ба шумор меравад. Дар «Ҷомеъ-ут-таворих» пасвандаи **-истон** дар муқоиса бо дигар пасвандҳое, ки исми макон месозанд, корбурди густурдатардорад.

Пасванди -истон дар «Ҷомеъ-ут-таворих» чунин мавридҳои корбурд дорад:

а) бо исмҳои ифодагари миллату халқият омада, номҳои ҷуғрофӣ месозад. Дар ин асари таърихӣ номи аҳвому халқиятҳои гуногуннажоду гуногунзабон, хусусан номи қавму қабилаҳои муғул ва турк аз ҳама бештар ба назар мерасад, зеро асар баъд аз ҳамлаи муғул ба сарзамини Осиёи Миёна ва Эрон таълиф гардидааст, ки ба ҳамин далел муаллиф номи ин аҳвомро бисёр зикр менамояд. Дар

баробари зикри миллату қавмҳои гуногун муаллиф ҳамчунин номҳои ҷуғрофии онҳоро ба воситаи пасванди -истон сохтааст. Чунончи, Муғулистон, Уйғуристон, Ғарчистон, Туркистон, Гурҷистон:

*...Писари аввал Туғон дар вилояти **Муғулистон** бимонд ва ин ҷо наёмад... (Ҷомеъ-ут-таворих, 68).*

*Чунон овардааанд, ки дар вилояти **Уйғуристон** ду кӯҳи баҳоят бузург аст... (Ҷомеъ-ут-таворих, 139).*

*Ва ҳикоёти таворихи Гӯрхонон, Қарохитой, ки подшоҳони **Туркистон** ва Мовароуннаҳр буданд... (Ҷомеъ-ут-таворих, 63).*

*...Чун Уғуз аз вилояти Ғур ва **Ғарҷистон** ба Юрти қадими худ муроҷиат кард... (Ҷомеъ-ут-таворих, 54).*

*Он ҷо намонд ва фарзандони ӯ Дилхӣ номе ҳаст пеши ҳилла мебошад ва писраи Қунадқой Қураҷӣ буғун саҳнаи **Гурҷистон** буд ва писари Буғун Темурбуқост **(135).***

Бархе аз номҳои ҷуғрофӣ, ки аз номи қавму миллатҳо бо пасванди -истон сохта шудаанд, имрӯз низ дар забони адабии тоҷикӣ бо ҳамин шакл ҳамчун номи давлати алоҳида истифода мешаванд. Чунончи, Муғулистон ва Гурҷистон дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ ҳамчун номи давлат мавриди истиода қарор дорад. Вале Туркистон, Уйғуристон ва Ғарчистон ҳамчун номҳои ҷуғрофие, ки дар гузашта ба кор мерафтанд, дар осори адабию таърихӣ маҳфуз мондаанд.

б) бо исмҳои моддӣ омада, макону фаровониро ифода мекунад.

*Ва дар ҳудуди Бирваҷд Абӯбакри Додқубодиро, ки волии Ҳамадон буд, баъд аз суботи гуноҳ ба ёсо расониданд ва ба тарафи **кӯҳистон**и Кардон берун рафта...(1285).*

*...Ва фармуд, ки ҳафт дарвозаи дигарро баста доранд ва лашкариён дар **боғистон** нагарданд ва харобӣ накунанл (1294).*

Дар мисоли боло калимаи кӯҳистон, ки исми модӣ аст, бо гирифтани пасванди -истон ба исми макон бадал гардидааст. Ҳамчунин калимаи боғ низ бо илова шудани пасванди -истон маънои фаровонию зиёдии боғро гирифтааст.

Яке аз пасвандҳои дар исмсозӣ фаъоли забони тоҷикӣ, ки исми макон месозад, пасванди **-гоҳ** ба шумор меравад. Дар робита ба ин пасванд миёни забоншиносон фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Бархе аз забоншиносон «гоҳ»-ро калимаи мустақил донистаанд ва бархеи дигар онро ҳамчун пасванд гуфтаанд.

Дар фарҳангҳои тафсирии тоҷикӣ-форсии пешина «гоҳ» ҳамчун калимаи мустақилмаъно шарҳ дода шудааст. Чунончи, Муҳаммади Ғиёсиддин «гоҳ»-ро ба маънии «тахти подшоҳӣ» ва ба маънии вақт ва ҷой ва хайма; ва ба маънии дови қимор» шарҳ додааст [Муҳаммад Ғиёсиддин 1988 с. 188]. Аз ин ишораи муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» бармеояд, ки ин пасванд дар асл калимаи мустақилмаъно будааст.

Муаллифони китоби «Забони адабии ҳозираи тоҷик» низ зикр намудаанд, ки «гоҳ» дар асл вожаи мустақил буда ва дар ҷараёни инкишофи забон ба унсури калимасоз гузаштааст [ниг. ба Забони адабии ҳозираи тоҷик, 1989 с.141-142].

Рустамов Ш. дар мавриди калимаи мустақилмаъно будани пасванди -гоҳ чунин менависад: «Гоҳ аслан калимаи мустақилмаъно буда, бо мурури замон маънои мустақили лексикии худро гум карда, дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба суффикси сермаҳсул табдил ёфтааст» [Рустамов 1972 с. 132].

Забоншинос Қосимов О. низ дар асоси таҳқиқи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ба ин натиҷа мерасад, ки «гоҳ» таърихан калимаи мустақилмаъно буда, дар забони ҳозираи тоҷикӣ ҳам мустақилияти худро нигоҳ доштааст ва ба маънии замон истифода мешавад. Муҳаққиқ дар «Шоҳнома» 450 маротиба ҳамчун калимаи мустақил ба маънои ҷою тахт истифода шудани ин пасвандро зикр кардааст. [ниг. ба Касимов 2016 с. 112].

Аз андешаҳои муҳаққиқон метавон чунин натиҷа гирифт, ки пасванди **-гоҳ** дар адабиёти гузашта ҳамчун калимаи мустақилмаъно бештар истифода мешудааст ва рафта-рафта вазифаи калимасозиро низ ба худ гирифтааст. Ин вижагӣ дар асари «Ҷомеъ-ут-таворих» низ инъикос ёфтааст. Дар асар «гоҳ» пеш аз ҳама ҳамчун калимаи мустақилмаъно буда, сипас ҳамчун пасванди калимасоз барои сохтани исмҳои макон ба кор рафтааст. Чунончи, дар мисоли зер «гоҳ» ҳамчун калимаи мустақил омада, маънои замонро додааст:

*...Ва бад-он восита дарёи фитна дар тамаввуҷ ояд ва ҷаҳони орамида музтараб гардад ва нойираи бало мултаҳаб шавад ва он **гоҳ** надомат суд надорад (839).*

Рашидаддини Фазлуллоҳ бо ин унсури калимасоз барои сохтани калимаҳои нав дар асар эҷодкорона истифода карда, чунин калимаҳои нав сохтааст: даргоҳ, боргоҳ, шикоргоҳ, хиргоҳ, зиёратгоҳ, ҷойгоҳ ва ғ.

*Уғуз масофу муҳорибаро мустаъад шуд ва тамомат навкарону дӯстонро хабар карда, пеши худ хонд ва ҳам дар **шикоргоҳ** ба ҳамдигар пайвастанд ва падараш аз эъмом ва хешон ба қасди ӯ барнишастанд ва аз ҷонибайн **(100).***

*Фармуд, то дар **лашкаргоҳ** овоза андохтанд, ки Ёгӣ расид...(291).*

Азбаски «Ҷомеъ-ут-таворих» асари таърихӣ буда, давраи ҳукмронии муғулҳоро фаро мегирад, дар он вожаҳои зиёди ифодакунандаи ҷангу мубориза зиёд истифода шудааст. Рашидаддини Фазлуллоҳдар бештари мавридҳо барои ифодаи мафҳумҳои ҷангу қаҳрамонӣ калимаҳои нав сохтааст, ки намунаашро дар вожаҳои шикоргоҳ ва лашкаргоҳ дидем.

Хулоса, нақши пасвандҳои –истон ва -гоҳ дар калимасозии исмҳои макон хеле калон буда, маҳз тавассути онҳо дар забон силсилаи унсурҳои луғавии ифодакунандаи мафҳумҳои макон пайдо мешаванд. Дар зуҳури ин гуна воҳидҳои луғавӣ мақому мавқеи ин гурӯҳ унсурҳои калимасоз бештар ба мушоҳида мерасад. Дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ пасванди -истон дар сохтани як қатор номи кишварҳо, шаҳрҳо ва маҳалҳо ба кор рафта, ҳамчун унсури фаъол барои номвожаҳои ҷуғрофӣ мавриди истифодаи васеъ қарор дорад. Пасванди -гоҳ низ имрӯз дар калимасозӣ ба таври густурда ба кор меравад ва ба воситаи он ҳам исмҳои макон ва ҳам исмҳои замон шакл гирифтаанд. Бояд гуфт, ки дар забони адабии тоҷикӣ ҳам «гоҳ» ҳамчун вожаи мустақил ба маънои замон ба кор меравад.

АДАБИЁТ

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. - Душанбе: Дониш, 1985. - 335 с.
2. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика ва морфология. – Душанбе: Маориф, 1973. - Қисми I: Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. -464 с.
3. Касимов О. Х. Лексика и словообразование в «Шохноме» Абулкасима Фирдоуси. / О. Х. Касимов -Душанбе, Чопхонаи Дониш. 2016.-346с.
4. Муҳаммадҳусайни, Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1. / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1993. - 416 с.
5. Муҳаммадҳусайни, Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 3. / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. – Душанбе: Адиб, 2014. - 400 с.
6. Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луот / Ғиёсуддин Муҳаммад. Ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 1987. - 480 с.
7. Муҳаммад, Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луот / Ғиёсуддин Муҳаммад. Ҷ. 2. – Душанбе: Адиб, 1988. - 416 с.
8. Пейсиков Л.С. Очерки по словообразованию персидского языка. -М.: Изд-во Московского ун-та, 1973. - 198 с.
9. Рахматуллозода С. Словообразования имён существительных в южных и юго-восточных говорах таджикского языка / С. Рахматуллозода. – Душанбе, 2016, 239 с.
10. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик.-Душанбе: Дониш, 1972.-78с.
11. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. –Душанбе, -2001, -310 с.
12. Хоркашев С. Калимасозии исм бо пасвандҳо. / Хоркашев С. -Душанбе:Ирфон, 2010, -143с.
13. Шамсӣ Қайси Розӣ. Ал–муҷам / Розӣ Шамс. Қайс – Душанбе: Адиб, 1991, 464 с.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СУФФИКСОВ -ИСТАН И - ГОХ В «ДЖОМЕ-УТ-ТАУРИХ»

В данной статье рассмотрены суффиксы -истан и -гох в «Джоме-ут-Таурих». «Джоме-ут-Таурих» остается одна из редких сокровищницей, где сохранились оригинальные таджикские слова, а также в процессе исследования выяснилось, что автор «Джоме-ут-Таврих» создал множество слов путем словообразования и ввел их в таджикский язык. Поэтому всестороннее изучение этого бесценного труда будет иметь большое значение. Исходя из этого, автор статьи постарался досконально изучить эту работу и выявить суффиксы, которые до сих пор используются в таджикском обществе. Основная цель статьи, проанализировать суффиксы -истан и -гох, составляющие название места.

Ключевые слова: *«Джоме-ут-Таврих», «История Рашиди», суффикс -истан, суффикс -гох, словообразование, лингвистика, таджикский язык*

SUFFIXES -ISTAN AND -GOH IN «JOME-UT-TAURICH»

This article discusses the suffixes -istan and -goh in «Jome-ut-Taurich». «Jome-ut-Taurich» remains one of the rare treasures where the original Tajik words have been preserved, and in the process of research it turned out that the author of «Jome-ut-Tavrikh» created many words by word formation and introduced them into the Tajik language. Therefore, a comprehensive study of this invaluable work will be of great importance. Based on this, the author of the article tried to thoroughly study this work and identify the suffixes that are still used in Tajik society. The main purpose of the article is to analyze the suffixes -istan and -goh that make up the name of the place.

Key words: *«Jome-ut-Tavrikh», «History of Rashidi», suffix -istan, suffix -goh, word formation, linguistics, Tajik language.*

Сведение об авторе:

Ходжамиров Муслихиддин Ходжамирович *- аспирант кафедры практики и теории языкознания Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни Телефон (+992) 937177131 Эл. Почта muslih0903@mail.ru*

About the author

Khojamirov Muslikhiddin Khodjamirovich *- postgraduate student of the Department of Practice and Theory of Linguistics, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini Tel. (+992) 937177131 Email. Mail muslih0903@mail.ru.*

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ МОРФОЛОГИИ КАЛИМАҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ «ТААҶҶУБ» ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Аламурадова Р.А.

Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

Яке аз қисматҳои хеле муҳими забоншиносӣ ин морфология мебошад, ки он масъалаи омӯзиши ҳиссаҳои нутқ ва синтаксиси забонро дар бар мегирад. Бояд қайд кард ки ҳиссаҳои нутқ дар забонҳои гуногун ба таври худ фарқиятҳо ва монандиҳоро доро мебошанд.

Ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо шудани калимаҳоро аз ҷиҳати маънои грамматикӣ ва луғавӣ дар забоншиносӣ ҳиссаҳои нутқ ном бурда мешавад. Яъне ҳиссаҳои нутқ ин гурӯҳбандии воҳидҳои лексикии забон аз рӯи аломатҳои грамматикӣ мебошад. Ҳиссаҳои нутқ дар забоншиносӣ худ аз худ ба вуҷуд наомадаанд, онҳо то ба ин тартиби муайяни дар забоншиносии муосир доштаашон, бо вуҷуди баъзе камбудиҳо таърихи инкишофи дурударозеро аз сар гузаронидаанд.

Нидо гурӯҳи калимаҳоест, ки маънои луғавӣ надоранд, ҳиссиёти ботиниву зоҳирӣ ва иродаи гӯяндаро ба нутқи ҳамсӯҳбат ва предмету ҳодисаҳои олами воқеӣ ифода менамояд.

Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ нидо бо имою ишорат ва интонация зич марбут аст. Чунончи, тааҷҷубу ҳайратро ба воситаи бо нидои Э, **Оҳ, Оҳҳо**! дар забони англисӣ **Oh**, ки бо интонацияи махсус сурат мегирад ва имою ишорат, яъне калон кушодани чашм, боло кашидани абрувон, бардоштани китфҳо, ба росту чап ҷунбонидани сар ва ғайраҳо ифода намудан мумкин аст. Мисол:

Оҳ, падре, ин чӣ натиҷа медод? Ман баъди вафоти модарам дар он хонаи пурғурбат зиёд истода наметавонистам. [Войнич, 1982, с.12].

Оҳ, ин чӣ моҷаро, чӣ бадбахтист! Боз дар айёми рӯза!Ба ҳаққи худо ба мо раҳм кунетон!51

Оҳо, агар ӯ фаҳмад, ки гап дар бораи муборизa бо незунтҳо рафта истодааст, дарҳол ба тарафи мо мегузарад. [Войнич,1982,96]

Оҳ, падре саҳарӣ ин ҷоҳо бисёр зебо мешуданд!

Оҳ, агар ман ҳам монанди ҳазрат ба остонаи муқаддас ҳаёти пок ё рӯҳи софи бедоғро ҳадя бурда метавонистам, на ин ки як ҷинояти қабеҳипинҳониро... [Войнич,1982, с.217]

Оҳо, падре, биёед ин ҷо, зудтар биёед, ин саги хурдтаракро бинед, вай ба поҳои ақибаш рост истода мераҳсад! [Войнич,1982, с.26]

Оҳо, охир шумо ҳам омадед- ку! Нигоҳ кунед Рикардо ӯ хеле зиёд хобид. [Войнич,1982, с.157]

Гуфтӣ, ки бо ту ёрам, оҳ, ин дуруғ гуфтӣ,

В-ар з-он ки рост бошад, кай аз ту бовар ояд.Ҳилолӣ [ФЗТ, с.189]

Дар забони англисӣ **Oh**, бо интонацияи махсус, эҳсосот, эмотсияҳо ва ғайраҳоро ифода намудан мумкин аст. Дар забони англисӣ нидои **Oh!** маъноҳои хурсандӣ, шодӣ, ваҷд, тааҷҷуб, ҳайрат, маломат, сарзаниш, таъна, тахмин, фарз, тарсу ваҳм, даҳшат, хавф, дард, озор, алам, ранҷ, норозигӣ, ҳасрат, андӯҳ, афсӯс, хафагӣ, истеҳзо, тамасхур, ришханд, ҳаҷв, таҳдид, дӯғу пӯписа, хатар, ҷасорат, ҷуръат, хашм, ғазаб, қаҳр ва монанди инҳоро ифода карда метавонад.Мисол:

Oh, I don’t deny that this is clever enough in its way; but you had better read the thing yourself.» [Войнич,1982, с.57]

«**Oh**, you needn’t be afraid!» Galli cut in sharply; «we shouldn’t ask you to go to prison for our pamphlets.» «Hold your tongue, Galli!» said Riccardo. [Войнич,1982, с.115]

Oh, you knew that set, didn’t you? I rementber your travelling with them when they went on to Paris.» [Войнич,1982, с.118]

Oh, he’ll be inclined, you may be sure, once it’s a case of fighting the Jesuits; he is the most savage anti-clerical I ever met; in fact, he’s rather rabid on the point.» [Войнич, 1982, с.114]

Oh, those lovely cluster roses; I am so fond of them! [Войнич, 1982, с.115]

Oh, Cesare, I didn’t think anything except how glad was to see the last of him. [Войнич, 1982, с.115]

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нидо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ муносибати инсонро бо ҳастии воқеӣ мухтасар ва образнок нишон медиҳад. Ин муносибат бо имою ишора ва таъкид мустаҳкам мешавад. Нидо садо ва имою ишораро бевосита муттаҳид месозад. Имою ишора ба сифати як навъ воситаи алоқа низ хизмат мекунад. Имою ишора мисли интонация маънои калимаро тағйир дода метавонад.

Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ нидо бо имою ишорат ва интонация зич марбут аст. Маънои нидо дар овоз ва оҳанги нутқ низ ифода меёбад.

Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ бо калимаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб интонация унсури зарурии нутқи овозӣ мебошад. Нутқ бе интонация намешавад. Рангорангии маъно ва ифоданокии нутқро интонация таъмин менамояд. Ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам забони англисӣ бо калимаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб маҳз интонация бофти овозии ҷумларо, он чизеро, ки дар унсурҳои луғавию грамматики инъикос намешавад, ба вуҷуд меорад, зеро модалияти ҷумла танҳо ба воситаи интонация ифода мешавад.

Интонация вазифаҳои гуногунро адо мекунад. Интонация аз воситаҳои асосии фарқ кунонидани хелҳои асосии ҷумла мебошад. Вобаста ба мақсади гуфтор се хели асосии он фарқ карда мешавад:

1) хабарӣ; Ҷемма аз хаёлаш гузаронд, ки: «эҳтимол яке аз ходимони Ватикан бошад. [Войнич, 1982, с.114]

I have a surprise for you: we are moving to Switzerland**.** [Войнич, 1982, с.111]

2) саволӣ: Ачиб, хеле ачиб. Хуб, пас дар бораи Франческо Нери чӣ гуфтан метавонед? [Войнич, 1982, с.64]

Oh, my poor little feet, I wonder who will put on your shoes and stockings for you now, dears? (L. Carroll, Alice's Adventures in Wonderland**)**

3).амрӣ: Падре! Охир, Ватикан… - Охир, сабабаш чист ман намефаҳмам. [Войнич, 1982, с.40]

Oh for a drink! Oh, how wonderful!

Ҳар як ҷумла вобаста ба муҳиту мароми нутқ метавонад, бо интонацияи пурсиш, хабар, хоҳиш, амр, хитоб, ангезиш, нақл, тааҷҷубу тахайюр, таъкиду хоҳиш, огоҳию тахдид, илтиҷою таманно, супориш, маслиҳат, бетарафию ҳавасмандӣ, нидо, инкор, даъват, муқоиса ва ғайра гуфта шавад. Интонация, ҳамчун ҳодисаи овози забон, ду ҷиҳати омӯзиш дорад: а) ҷиҳати мухобиротӣ (коммуникативӣ) ва б) ҷиҳати ифоданокӣ.

Дар ҷиҳати мухобирот саҳм ва имкониятҳои интонация дар ифодаи маъноҳои гуногун - хабар, пурсиш, амр, нотамомии фикр ва воситаҳои фонетикии ташкили онҳо таҳқик мешавад. Дар ҷиҳати ифоданокӣ имконияти ба воситаи интонация ифода шудани эҳсосоти рӯҳии гӯянда (қаҳр, хурсандӣ, тааҷҷуб ва ғайра) омӯхта мешавад.

Дар забони тоҷикӣ нидои **Э,** маъноҳои хурсандӣ, шодӣ, вачд, тааҷҷуб, ҳайрат, маломат, сарзаниш, таъна, тахмин, фарз, тарсу ваҳм, даҳшат, хавф, дард, озор, алам, ранҷ, норозигӣ, ҳасрат, андӯҳ, афсӯс, хафагӣ, истеҳзо, та-масхур, ришханд, ҳачв, тахдид, дӯғу пӯписа, хатар, шодӣ, ҷасорат, ҷуръат, бебоқӣ, хашм, ғазаб, қаҳр ва монанди инҳоро ифода карда метавонад.Мисол дар забони тоҷикӣ:

- **Э,** каллаварам, ту нағзтар нигоҳ кун, вай падари он ҷавон нест, балки кашиши (рӯҳонии) католикист.Ӯ ҳаргиз соҳиби фарзанд буда наметавонад, зеро ба издивоҷ накардан қасам хӯрдааст. [Войнич,1982,27]

-**Э** вой ман чӣ қадар девона ҳастам,- бо овози паст ва пушаймонӣ изҳор кард Ғурмагас. [Войнич, 1982, с.174]

Ҳамин ки чашми Исомиддин-маҳдум ба вай афтод — « **Э...,** Мулло Азимшоҳ-ку» — гуфта аз ҷояш часта хест (Айнӣ).

Э, ҷонам садқа, бе ин гапҳо ҳам, ба афтатон нигоҳ кунам, раҳмам меояд (Ниёзӣ).

Э, монед, модар, ба ман ин хел зиндагӣ даркор нест! Сарамро гирифта ба ягон тараф баромада меравам (С. Айнӣ, Куллиёт).

Нидоҳо дар баробари иишон додани маънои умумии даъвату таклиф восита ба шароиту муҳити нутқ ва хусусияти хоси худ боз тобишҳои гуногуни маъно зоҳир мекунанд. Аз ин нуқтаи назар онҳо ба нидоҳои эҳсосӣ наздик мешаванд. Масалан, дар забони тоҷикӣ нидои **эй** маъноҳои зеринро ифода карда метавонад:

1) муроҷиат, ҳасрат, андӯҳ, хафагӣ, алам:

Худойро мададе, эй далели род, ки ман
Ба куй майкада дигар алам барафрозам (Хофиз) [ФЗТ, 55]
Алам баркаш, эй офтоби баланд,
Хиромон шав, эй абри мушкинпаранд! Низомӣ
Эй мехр, биё, алам баровар,
Эй субҳ, ту низ дам баровар! Хилолӣ [ФЗТ, 55]

2. нобоварӣ, шакку шубҳа:

Кишти нишастагонем, эй боди шурта, бархез,
Бошад ки боз бинем дидори ошноро. (Ҳофиз) [ФЗТ, 55]

3.даъват ва муроҷиат:

Кунун, эй сухангуй бедормарз,
Яке достоне биёрой нарз. (Фирдавсӣ)
Эй вой бар он кас, ки лаболаб на зи дард аст,

Эй вой бар он дил, ки на парвонаи ишқ аст.[ФЗТ, 615]

5) **ҳайрат ва тааҷҷуб:**

Яке хурда бар шоҳи Газнин гирифт,
Ки хусне надорад аёз, эй шигифт! Саъдӣ [ФЗТ, 584]
Эй,... дар ин ҷо як авул пайдо шудааст-ку (Айнӣ);

6. **ҳайрат, ташвиш, таассуроти ҳафагӣ:**

Эй дидаҳо чу дидаи хук омада бурун,
Гуй, ки кардаанд гулуи туро хаба. [ФЗТ, 472]
Ба меҳри ӯ гиребон чун саҳаргоҳ
Бизан чоку бирез ашку бизан оҳ! (Ҳозиқ) [ФЗТ, 54]

Тобиши маънои ҳаяҷону ҳиссиётеро ифода кардани нидоҳое, ки аз дигар ҳиссаҳои нутқ ба вуҷуд омадаанд, ба сохту мазмуни ҷумла ва интонация вобаста мебошад:

Охир, ман зинда-ку! Сабр карда ист, ман шоҳидҳо дорам! (С. Айнӣ, Куллиёт).

Ана, олам гулистон! Гуфти худам шуд, духтарам (Ниёзӣ).

Мана, арзи одамон то куҷоҳо рафтааст (Ниёзӣ).

Ман беқасам? Не! Халқам ёри ман аст ва дили вай макони ман (Улуғзода)

Ҳақиқатан, мактабатро мактаби кор кардӣ, офарин! (Айнӣ).

дар забони англисӣ:

Ah, signore, it is so little that a woman can do! [Войнич,1982, 115]

Ah, yes! I f-forgot the obligations of hospitality here in Italy; they are a wonderfully hospitable people, these Italians. I'm sure the Austrians. find them so. [Войнич,1982,115]

Well, the world would be in a bad way if we all of us spent our time in chanting dirges for Italy. [Войнич,1982, 115]

Oh, yes, I know what you're going to say; you are perfectly right, but they are both so deliciously funny with their patriotism [Войнич,1982, 115]

Well, Madonna, and what do you think of the Gadfly?» Martini asked as they drove back to Florence late at night. [Войнич,1982,115]

Ҷумлаҳои эмоционалие, ки далел ва даъвою таъкид, тақдир ва баҳои эҳсосиро ифода мекунанд, гурӯҳи алоҳидаро ташкил менамоянд. Ин гурӯҳи нидоҳо ҳиссиёту ҳаяҷонро мефаҳмонанд. Мисол дар забони англисӣ:

Of course,» the dramatist Lega had said, when the subject was first broached to him; «it would be impossible to start a newspaper till we can get the press law changed; we should not bring out the first number. [Войнич,1982, с.112]

«There is no doubt,» interposed one of the company, a gray-haired barrister with a rather drawling manner of speech, «that in some way we must take advantage of the moment. [Войнич,1982, с.113]

No, indeed, I shouldn't,» said Galli stoutly..J'You always think if a man comes from down south he must believe in no argument but cold steel.» [Войнич,1982, с.142]

«Well, what do you propose, then? Sh! Attention, gentlemen! Galli has a proposal to make.» [Войнич,1982, с.41]

I'm not quite sure,» interposed Lega, «but it seems to me that I saw him once when the refugees were here. Was he not hunchbacked, or crooked, or something of that kind?» [Войнич,1982, с.142]

Certainly. Let me see, where is he now? In Switzerland, I think. He's the most restless being; always flitting about.

«Well, and what is your 'new satirist' like?» she asked, glancing back over her shoulder as she opened the sideboard. [Войнич,1982, с.114]

Ah! there is that delightful Russian prince! Have you met him? They say he is a great favourite of the Emperor Nicholas.

Well, the world would be in a bad way if we all of us spent our time in chanting dirges for Italy. [Войнич,1982, с.114]

Oh, boy! That was a great play! Oh, my poor little feet, I wonder who will put on your shoes and stockings for you now, dears? (L. Carroll, Alice's Adventures in Wonderland)

Як қатор ҳиссачаҳои ифодакунандаи маънои муассирӣ ва муносибатҳои эҳсосӣ ба нидо наздикӣ доранд. Масалан, дар ҷумлаи «**О, имрӯз меҳмонон омаданашон лозим буд-ку**!» ҳиссачаи **о** ҳам ҳиссу ҳаяҷон ва ҳам норозигии гӯяндаро ифода намуда, дар як вақт ҳам вазифаи нидо ва ҳам вазифаи ҳиссачаро адо кардааст. Ҳар як хели асосии гуфтор ғайр аз маънои умумии худ (ахбор, пурсиш, амр) муносибати гӯяндаро ба мавзӯи сухан низ ифода менамояд. Гӯянда метавонад, дар бораи ягон факт бо хурсандӣ ё андӯх нақл кунад ё пурсад, шунавандаро ба иҷрои коре бо ғазаб ё меҳрубонӣ водор намояд. Воситаи асосии ифодаи муносибати гӯянда ба мавзӯи сухан интонация мебошад.

Тобишҳои маъноии эҳсосие, ки ба воситаи интонация ифода мешаванд, гуногунанд, аммо ҳамаи онҳо дар ду гурӯҳи асосӣ муттаҳид мешаванд: **а)** маъноҳои гуногуни эҳсосӣ: шубҳа, афсус, ҷиддият, даъват ва ғайра; **б)** тобишҳои маъноии ҳолати руҳи. Фарқи ин ду навъи маъной эҳсоси гоҳо бо ёрии воситаҳои луғавӣ ифода мешавад. Маъноҳои эҳсосиро бсштар ҳиссачаҳою иидоҳо *(афсӯс, э кош, албатта, ҳатман, баҳ-бах, вой, э вой, ҳайрият-е, ура, воҳ, аҷабо виж-виж, бай-бай, ҷуҳ-ҷуҳ, ҳейт-ҳейт, бош-бош, ҷигӣ-ҷигӣ, пиш-пиш, баҳ-баҳ, ту-ту, киш-киш ва дар забони англисӣ: chook-chook, chop-chop, ee-ee, ha-ha, haw-haw, he-he(hee-hee), ho-ho-(ho), hubba-hubba, sh-sh, tut-tut, tut-tut-tut* ва амсоли онҳо) ифода кунанд, тобишҳои маъноии эмоционалӣ дар нутқи муаллиф баён мешавад. Мисол, дар забони тоҷикӣ:

Афсӯс, доктор, - гуфт Ҷемма,-дишаб касеро нафиристодед, ки яке аз моёнро ба он ҷо барад ва худатонро ба сахтӣ гузоштед. [Войнич,1982,155]

Оҳо, бале он касс дар Хитой бо ваъзу таблиғоти миссионерии худашон шуҳрати калон пайдо кардаанд. [Войнич,1982, с.42]

-- **Ҳо, ҳо**, ин албатта дуздӣ будагист? Канӣ. Бинам! [Войнич,1982, с.81]

--- **Ҳ**о, ту одами содда набудаӣ. [Войнич,1982, с.81]

Оббо, чаро то ба ҳол Ғурмагаси ҳаҷвнавис ба ёди мо наомад? Ин аст одами ба мо даркорӣ! [Войнич,1982, с.42]

Фарқи дигари ин ду навъи маъной эҳсосӣ дар он аст, ки маъноҳои эҳсосӣ хусусияти миллӣ доранд ва дар забонҳои гуногун бо ёрии воситаҳои гуногун (лексикӣ, фонетикӣ) ифода мешаванд, аммо тобишҳои эҳсосӣ умумӣ мебошанд.

Рочеъ ба нидо ва хусусиятҳои шабеҳи он дар забони англисӣ ва тоҷикӣ ҳаминро метавон гуфт, ки дар ҳарду забон нидо ҳамчун калимаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб, ки яке аз намудҳои эҳсосот ба шумор мераванд, ҳисобида мешавад. Дар ҳарду забон дар сохтори калимаҳои ифодакунандаи тааҷҷуб ҳамчун намуди эҳсосот морфемаҳои калимасоз фаъолона иштирок мекунанд.

Хусусияти хоси нидо ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ муаяйн намудани ин ифодаи ҳиссиёти ботиниву зоҳирӣ ва иродаи гӯянда ба нутқи ҳамсӯҳбат ва предмету ҳодисаҳои олами воқеӣ буда, ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ нидо бо имою ишорат ва интонация зич марбут аст.

Оҳанги нутқ хусусияти махсус дорад ва тааҷҷубу ҳайратро ба воситаи ҷумлаи мураккаб ва бо нидо, ки бо интонацияи махсус сурат мегирад, инчунин имою ишорат, яъне калон кушодани чашм, боло кашидани абрувон, бардоштани китфҳо, ба росту чап ҷунбонидани сар ва ғайраҳо ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, ҳам дар забони тоҷикӣ ва ҳам дар забони англисӣ нидоҳоҳо ба таври васеъ истифода шуда, ба нутқ хусусияти маъноии хосе мебахшанд ва барои пуробурангии маъно, ҳиссию ҳаяҷоннокии гуфтор ва оҳанги водоркунию барангезандагии нутқ хизмат мекунанд, ба ҷумла тобишҳои гуногун, ба монанди (тахмин, тааҷҷуб, пурсиш ва ғайраҳоро) медиҳанд. Ин воситаи ёрирасони грамматикӣ дар забони тоҷикӣ нисбат ба забони англисӣ зиёд истифода мешавад.

АДАБИЁТ

Арбекова Г.И. Лексикология английского языка. - Москва: Высшая школа, 1977.- 240 с.

1. Беляева Т.М. О роли основ в суффиксиальном словообразовании (на материале английского языка). //Вестник ЛГУ.-1972.-№ 14.
2. Войнич Э. Л. «Ғурмагас», Нашриёти маориф.-Душанбе 1982, 320 с.
3. Грамматикаи забони адабии муосири тоҷик ҷилди 2. Рубинчик, 2001, С.350-352.
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. Фонетика ва морфология.- Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои мураккаб. – Душанбе: Дониш, 1989. - 224 с.
6. Мамадназаров А. «Фарҳанги донишгоҳии англисӣ-тоҷикӣ», Душанбе, Нодир, 2003-492 с.
7. Мюллер В. К. «Новый англо-русский словарь», М.: Русский язык медиа, 2005
8. Мюллер В.К. Англо-русский словарь.-17-е изд.-М.: Русский язык, 1978-888 с.
9. Шаҳобова М.Б. «Луғати мухтасари англисӣ – тоҷикӣ - форсӣ», Душанбе, Маорф, 1989-248 с.
10. Роберт Луис Стивенсон «Ҷазираи ҷавоҳирот», тарҷумаи И.Абрамов, Сталинобод-»Комбинати полиграфи», 1952. -257с.
11. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷик-Душанбе, 1997- 189 с.
12. Шаропов Н. Некоторие вопроси развития терминологии современного таджикского языка. //Забоншиносии тоҷик- Душанбе: Дониш, 1980.- С. 49-59.

13. Шаропов Н. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка-Душанбе: Дониш, 1988- 135 с.
14. Шаропов Н. Сохта шудани калимаю терминҳои нав ба воситаи калка. // Мактаби советӣ.-№3.-1980.- С.14-16
15. Шукуров М. Забони мо - ҳастии мост.-Душанбе: Маориф, 1991.-231 с.
16. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад-Душанбе: Ирфон, 1985.
17. Фарҳанги забони тоҷикӣ. /Мураттибон Капранов В.А., Рауфов Ҳ., Зеҳнӣ Т. ва дигарон. - Ибораг аз 2 ҷилд- М.: Советская энциклопедия, 1969.-Ҷ.1. -951с; Ҷ. 2.-948 с.
18. Ҷамшедов П., Толиби Розӣ «Фарҳанги англисӣ - тоҷикӣ» Душанбе, Пайванд, 2007, - 1202 с.

НЕКОТОРЫЕ МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СЛОВА «СЮРПРИЗ» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В статье говорится о некоторых оссобенностях употреления лексики выражающие лексему «удивление» в таджикском и английском языках. Изучение лексики выражающие лексему «удивление» в таджикском и английском языках в сопоставительном плане и их оссобенности выявляет, что междометия представляют собой весьма разнородный класс слов. В таджикском и английском языках в структуре лексики выражающие лексему «удивление» участвуют морфемы.

В результате проведенного исследования мы пришли к выводу, что лексикографическое описание междометий требует более полного описания структурных, семантических, функциональных и стилистических характеристик, а также отражения информации о звуковом составе, интонации, мимике и жестах, сопровождающих междометие.

Междометия передают эмоционально-оценочное отношение: удивление; похвала, поощрение; восхищение, желание, стремление; порицание, недовольство; презрение, отвращение; сожаление, досада; сочувствие; упрек, упрек; зависть; ирония, пренебрежение; неловкость, смущение; пресыщение.

Таким образом междометия в таджикском и английском языках используются широко, делают речь эмоционально окрашенной.

Ключевые слова: *удивление, английский язык, таджикский язык, понятие, слово, чувство,эмоция, исследование,анализ,структура.*

SOME MORPHOLOGICAL FEATURES OF THE WORDS «SURPRISE» IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

The article deals with some of the peculiarities of using vocabulary expressing the lexeme «surprise» in Tajik and English. The study of the vocabulary expressing the lexeme «surprise» in Tajik and English in comparative terms and their osobennosti reveals that interjections are a very heterogeneous class of words. In Tajik and English in the structure of the vocabulary expressing the lexeme «surprise» morphemes are involved.

As a result of our research, we came to the conclusion that the lexicographic description of interjections requires a more complete description of structural, semantic, functional, and stylistic characteristics, as well as reflection of information about the sound composition, intonation, facial expressions, and gestures accompanying the interjection.

Interjections convey an emotional and evaluative attitude: surprise; praise, encouragement; admiration, desire, aspiration; censure, discontent; contempt, disgust; regret, annoyance; sympathy; reproach, reproach; envy; irony, neglect; awkwardness, embarrassment; satiety.

Thus, interjections in Tajik and English are widely used, making speech emotionally colored.

Ключевые слова: *surprise, English, Tajik, languauge, concept, word, emotion research, analysis, structure.*

Сведение об авторе:

Аламурадова Робия Аланазаровна *- соискатель кафедры иностранных языков Национальнный Академии наук Республики Таджикистан, тел: (+992) 900004828, E-mail – Kholiqulov 92@gmai.com.*

About the autor:

Alamurodova Robiya Alanazarovna *– poste a gradute of the Department of Foreign Languages National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, tel: (+992) 900004828, E-mail - Kholiqulov 92@gmai.com.*

ЛЕКСИЧЕСКАЯ И ТЕРМИНОЛОГИЧЕСКАЯ РАЗЪЯСНЕНИЯ ПОНЯТИЕ «МАҶОЗ-МЕТАФОРА» В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Шералиев С.О.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Язык в зависимости от исторического подхода к обществе и политической, экономической, социальной и культурной среды постоянно развивается. Каждое социальное событие или культурное явление, несомненно, влияет на язык.

В этом случае роль творческой личности во влиянии на язык очень велика. То есть писатели, всегда оказывали уважение и берегли литературный язык.

Создавая произведение искусства, писатель или поэт стремится воздействовать на читателя языком своего произведения, поразить его и ввести в богатый и эффективный мир речи. Для описания языка своих произведений писатели используют ряд лексических понятий, существующих в языке как синонимы, антонимы, омонимы полисемия и метафор. Каждое из этих понятий имеет свой собственный уровень использования и в некоторых случаях используется для влияния на описательную речь писателя и устную речь говорящего. Из этих понятий семантические и образные слова в таджикском языкознании подробно не изучены.

Лингвист А. Муминов в своей диссертации «Полисемия в таджикском языке» [7, с.21], в учебнике «Современный таджикский язык. Лексика» [3, с.101], «Лексика таджикского литературного языка» [3, с.190] и другие работы и статьи, содержал краткую информацию по социальным вопросам таджикского языкознания.

Учёные, учитывая семантические свойства слов, разделили их на метафоры, метаномии и.т.д. каждый из этих типов полисемии назвали своеобразной метафорой. Например, о метафоре говорится следующее: «Метафора – это распространенная форма языка. В метафоре два объекта или события, которые в некотором роде похожи, называются одним и тем же словом [3, с.15]». О многозначности написано, что слово приобретает новое значение в основе своего первоначального значения. Новое значение слова вращается вокруг первоначального значения. Например, слово «***лаб-губа***» имеет следующие значения: губы человека (буквально) и его переносные значения - это губы кувшины, губы горшка, губы земли, губы хлеба и так далее. Новые значения слова ***лаб***, имеющие переносное значение, аналогичны общему понятию. То же значение повторяется в книге «Словарь таджикского литературного языка» [8, с.16].

В обоих случаях подчеркивается, что полисемия появляется в результате метафора.

Следует отметить, что таджикская понятия ***маҷоз в*** русской лингвистике – это метафора.

Из приведенных выше обсуждений ясно, что первый контекст, в котором слово имеет тенденцию быть многозначным и слово принимает новый оттенок, является метафорой. Другими словами, когда слово уходит от своего обычного употребления, оно становится метафорой, которая недостаточно изучена в таджикском языкознании.

Как указывал великий греческий философ Аристотель, проблема расшифровки значения слова обсуждается из древности. Он объяснил причину отклонения значения слова от первоначального значения. «Поскольку количество слов ограничено, а количество вещей неисчислимо, то или иное слово неизбежно служит для выражения различных значений» [1, с.536].

Как упоминалось во введении, метафора как научное понятие принадлежит разным наукам. Он изучается в литературе, психологии, философии, истории, искусстве, логике и других науках, и каждая из них определяет свою научную теорию на основе этой концепции и доказывает свое место в ее научной системе. Например, в теории литературы метафора включает аллегорию, аллюзию и другие средства художественного выражения.

Русский лингвист С. М. Мезенин назвал понятие метафоры «образностью» и назвал его одной из лингвистических категорий. По поводу этой концепции он сказал: «На самом деле, ни одна из языковых единиц - морфемы, слова, фразы – не имеет переносного типа. Характерно их отношение к проявлению объективной реальности. Изображение может быть индивидуальным, уникальным выражением, воображаемым отражением объекта. Например, слово ***харгуш-кролик*** само по себе не имеет переносного значения. Но слово может быть образным в определенных ситуациях. ***Заргуш-Кролик*** - образная идея (этот человек боится): ***кролик*** - трус, логически этот человек подобен ***кролику***» [6, с.50].

С.М. Мезенин глубоко изучил это понятие и назвал его метаязыком для психологических и философских, теории литературы и искусства, семиотики и лингвистических наук.

Лингвист Г. Н. Скляревская в своей статье «Языковая метафора» предложила следующую теорию понятия метафоры и ее построения: «Когда метафора воспринимается как метафора и отличается от других языковых явлений и описывается отдельно, тогда возникает вопрос о ее

двойственной природе – быть средством языка и художественной формой (поэтической фигурой)» [9, с.58-65].

Он цитирует теорию Цицерона о концепции метафоры: «Подобно тому, как одежда изначально была изобретена для защиты от холода, а затем стала средством украшения и отличия тела, так и метафорические выражения возникли из-за недостатка слов, а позже и служили для удовольствие людей» [тамже].

Г.Н. Скляревская подчеркивает, что языковая метафора имеет древнюю основу. Ученые пошли по стопам Аристотеля, которым является основателю теории литературы, считал метафору «средством красоты» и «отличительным знаком» и изучал литературную теорию метафора.

Этот процесс продолжался до двадцатого века, когда метафора вышла за рамки поэтики и была описана не как художественная форма речи, а как феномен языка [тамже].

Такое развитие понятия метафоры можно наблюдать в работах исследователей теории средневековой и современной литературы. Потому что исследователи этой области литературной критики интерпретировали метафору в соответствии с теорией Аристотеля и показали ее роль в формировании искусств и средств выражения, что мы обсудим в следующих параграфах.

В современном таджикском языкознании о понятии метафоры ученые Б. Камолиддинов, Х. Маджидов, Муминов, М. Мухаммадалиев и другие отметили некоторые пояснении в своих научных трудах. Конечно, предлагаемые ими теории также являются важным шагом в изучении этой концепции.

Поскольку метафора была признана феноменом языка, исследователи изучили ее масштабы и положение и пришли к выводу, что ее можно разделить на две группы и показать их сходства и различия.

1. Метафора устной речи;

2. Метафора литературно-художественной речи.

При определении разницы между метафора устной речи и метафора литературно-художественной речи может быть следующее:

а) семантическая различия состоит в том, что образный язык отражает четкий, видимый знак (кисель-липкая грязь) или выражает подобное движение (осел - упрямый человек];

Феъли англисии «go» метавонад ба феълҳои тоҷикии «рафтан», «роҳ рафтан», «ғаштан», «равона шудан, роҳсипор шудан» ва дар баъзе ҳолатҳо ба феълҳои «расидан, рафта расидан» ва «болои роҳ (дар сари роҳ) даромадан, сар халондан» мувофиқат кунад. Бо ҳамроҳ шудани пешояндҳо ва зарфҳо феъли «go»-и забони англисӣ метавонад тобишҳои гуногуни маъноиро соҳиб шавад, ба монади: «go out – баромадан (выходить)», «go away – рафтан, равон шудан (уходить)», «go through – гузаштан, гузашта роҳ рафтан (пройти)», «go over – рафтан, роҳсипор шудан (перейти)», «go up – боло шудан, ба боло баромадан, ба боло рафтан (подниматься)», «go off – фуромадн (сойти)». Масалан, аз нигоҳи маъно ба феъли тоҷикии «даромадан» феълҳои англисии «enter» ва «come into» муодил мебошанд. Ба сифати аналоги феълҳои тоҷикии «равона шудан» и «рафтан», дар забони англисӣ ба ғайр аз феъли «go», дар баъзе ҳолатҳо феълҳои «depart», «sail» ва «walk» корбурд гарданд.

Яке аз феълҳои калидие, ки бевосита бо мафҳуми «ҳаракат» алоқаманданд, асосан аломат ва вижагиҳои фарқкунандаи ҳаракатро, яъне «ҳаракати тез», «ҳаракати фаъол» ва «ҳаракати босуръат»-ро тавсиф мекунад. Ҳамин тариқ, феъли мазкур вобаста аз матн метавонад бо феълҳои тоҷикии «давидан», «ба ҷои дур тохта рафтан», «худро аз як тараф ба тарафи дигар андохтан, худро ин су он сӯ партофтан», «дунболагирӣ кардан» мувофиқ ояд. Феълҳои тоҷикии «худро аз як тараф ба тарафи дигар андохтан, худро ин су он сӯ партофтан», «дунболагирӣ кардан», «тез рафтан», «дунболагирӣ кардан» бошад ба феълҳои англисии «rush» ва «chase» мувофиқ аст.

Феълҳои англисии «come», «ride» («roll»), «swim», «fly», «fall», «climb», «crawl», «wander», «jump» аналог ва ё муодили феълҳои зерини тоҷикии «омадан», «расидан», «рафтан», «ғелида (ғеҷида) рафтан», «шино кардан, шинокунон рафтан», «паридан», «афтидан», «ғалтидан», «ба боло рафтан», «часпида баромадан», «хазида рафтан», «роҳгум карда гаштан», «гаштан» ва «паридан» ба шумор мераванд..

Бояд тазаккур дод, ки дар воҳидҳои фразеологии англисӣ ҷузъи «go» дошта сермаъно буда, асосан бо маҳфуми «ҳаракат» алоқаманд аст. Миқдори воҳидҳои фразеологии феъли ҷузъҳои «run» ва «come» дошта дар муқоиса бо воҳидҳои фразеологии ҷузъи «go» дошта то андозае кам мебошад

Ҳамин тариқ, воҳидҳои фразеологии феъли ифодакунандаи «ҳаракат» дар ҳарду забон ҳам аз нигоҳи сохтор ва ҳам аз нигоҳи маънӣ тавофут дорад ва он ҳам дошад дар тартиби ҷузъҳои он ба чашм мерасад. Агар аз як тараф дар ҳар ду забон аломати сермаъноии феъл мушоҳида шавад, аз тарафи дигар, дар корбурди ҷузъи асосии воҳидҳои фразеологии феълӣ тавофут ҷой дорад.

ЛИТЕРАТУРА

1. Амосова Н. Н. Основы английской фразеологии. Л.: Изд-во ЛГУ, 1963,– 208 с.
2. Арнольд И. В. Лексикология современного английского языка. – М.: «Высш. шк.», 1986.–
3. Балли Ш. Французская стилистика. – М.: Изд. иностр. лит., 1961.– 394 с.
4. Виноградов В. В. Об основных типах фразеологических единиц в русском яызке. – М. – Л., 1957.- 297 с.
5. Ғаффоров Р. Ибораҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ // Маориф ва маданият. – 1963. – 237 с.
6. Кунин А. В. Некоторые замечания о фразеологических заимствованияз в современном английском языке. // Вопросы английского языкознания: Уч. зап. Московск. гос. пед. ин-та. – 1958. – Ҷ. 80, нашр. 3.– С. 113–124.
7. Маджидов Х. М. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка: Автореф. дисс. доктора филол. наук.– Душанбе, 1995.– 48 с.
8. Смирницкий А. И. Лексикология английского языка. – М.: Изд-во лит. на иностр. яз. 1956. – 260 с.
9. Фозилов М. Ф. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷилди 1. – Душанбе, 1963.– 952 с.
10. Хушенова С. В. Изафетные фразеологические единицы таджиккого языка. – Душанбе: «Дониш», 1971. – 190 с.
11. Шанский Н. М. Лексикология современного русского языка. – М.: «Просвещение», 1972. – 368 с.

ИЗУЧЕНИЯ ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ, ОБОЗНАЧАЮЩИЕ «ДВИЖЕНИЯ» В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается состояние изучения и исследования глагольных фразеологических единиц, обозначающие «движения» в сопоставляемых языках. В процессе изучения рассматриваемой проблемой установлено что, компоненты глагольных фразеологических единиц, обозначающих «движения» в сравниваемых языках с точки зрения и структура, и семантика намного отличается. Если основной компонент глагольных фразеологических единиц таджжикского языка составляет словообразовательные элементы, т.е префиксы или суффиксы, то в английском языке их функции осуществляют предлоги или наречия. Кроме этого, по количеству компонентов также прослеживается различия в обоих языках. Например, в английских глагольных фразеологических единицах, компонент «go» является более многозначным, и оно в основном связанно с понятием «движение». Однако, количество глагольных фразеологических единиц, имеющие компонеты «run» и «come» по сравнению с глагольными фразеологическими единицами с компонентом «go» очень огарниченны.

Ключевые слова: *фразеология, фразеологические единицы, глагольные фразеологические единицы, компонент, глагол, префикс, суффикс, слвообразовательный элемент, понятие, движение, функция.*

VERBAL PHRASEOLOGICAL UNITS DENOTING «MOVEMENT» IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

This article dealt with the state of study and research of verbal phraseological units that denote «movement» in the compared languages. In the process of studying the problem under consideration, it is established that the components of verbal phraseological units denoting «movement» in the compared languages are much different in terms of both structure and semantics. If the main component of verb phraseological units in Tajik is word-forming elements, i.e. prefixes or suffixes, then in English their

functions are performed by prepositions or adverbs. In addition, the number of components also shows differences in both languages. For example, in English verb phraseological units, the component «go» is more polysemous, and it is mainly associated with the concept of «movement». However, the number of verb phraseological units that have components «run» and «come» is very limited compared to verb phraseological units with the component «go».

Keywords: *phraseology, phraseological units, verbal phraseological units, component, verb, prefix, suffix, syllabic element, concept, movement, function.*

Сведение об авторе:

Мирзоев Эрадж Муззаффарович *- доктор PhD второго курса кафедры языкознания и сопоставительной типологии Таджикского государственного педагогического университета именни Садриддина Айни E-mail: vip. eraj@mail.ru*

About the author:

Mirzoev Eraj Muzaffarovich*, second year doctor Ph. D in the Department of Linguistics and Comparative Typology of Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. E-mail: vip.eraj@mail.ru*

БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ СЕРМАЪНО

Темурова М.Қ., Шарипова Д. У.

Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

Воҳидҳои фразеологӣ яке аз воситаҳои муҳими ифодаи фикр, масолеҳи тайёри забонӣ барои офаридани образҳои барҷастаи бадеӣ, баҳодиҳӣ ба ҳодисаю воқеаҳои ҳаёт ба шумор мераванд. Дар воҳидҳои фразеологии ҳар як забон зимни шакли ифодаҳои ниҳоят мухтасар ва муъҷаз таҷрибаи ҳаётии бисёрсола, табъу кайфият, урфу одат ва таъриху маданияти ҳамон халқ инъикос мегардад.

Тадқиқи ин қисмати муҳими забони ҳозираи тоҷик аҳамияти калони илмӣ-амалӣ дошта, барои ҳалли як қатор масъалаҳои баҳсталаби лексикология, этимология, грамматика, услубшиносӣ ва соҳаҳои дигари он кӯмак хоҳад расонд.Ибораҳои фразеологӣ яке аз воситаҳои хеле муҳими забон ба шумор мераванд. Онҳо дурдонаҳои эҷодиёти халқ мебошанд ва ба сухан обуранги махсус медиҳанд. Ҳар як гӯянда ва нависанда ибораҳои фразеологиро дар шакли тайёр аз анбори луғавии забон гирифта истифода мебарад.

Дар илми забоншиносӣ ба фразеологизмҳо одатан чунин воҳидҳои забониеро дохил менамоянд, ки онҳо ифодаҳои тайёру устувор буда, маъноро яклухт ифода менамоянд ва ё маънои онҳо ба маънои маҷозии як ё гурӯҳи калимаҳои таркиби ибора алоқаманд мебошад. Дар забон бисёр ибораҳои фразеологие мавҷуданд, ки вобаста ба ифодаи мақсад ва нияту маромии гӯянда бо тобишҳои гуногуни маъноӣ омада, бо образнокӣ, оҳангдорӣ, ҳаяҷонбахшӣ ва ғайра аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Хусусиятҳои ба худ хоси воҳидҳои фразеологӣ, аломатҳои фарққунандаи онҳо ҳама вақт диққати тадқиқотчиёни ин соҳаро ба худ ҷалб карда меояд.

Доир ба ин масъала дар забоншиносии рус яке аз тадқиқотҳои беҳтарин ба академик В.В.Виноградов тааллуқ дорад. Ӯ доир ба аломатҳои фарққунандаи воҳидҳои фразеологӣ ба таври алоҳида наистад ҳам,ҳангоми ҷудо намудани ҳар як гурӯҳи фразеологӣ хусусиятҳои ба худ хоси онҳоро нишон медиҳад.[2,с.66-68]

Дар рисолаи илмии Р.Ғаффоров [3,с.77-78] баъзе ҷиҳатҳои услубии фразеологизмҳои омонимӣ ва дар мақолаи А. Муминов [4с.66-72] сермаъноии ибораҳои фразеологӣ вобаста ба типҳои маънои лексикӣ баён гардидааст.

Бояд қайд кард, ки дар байни фразеологизмҳои сермаъною калимаҳои ифодакунандаи маъноҳои гуногун ҳам умумият ва ҳам фарқият дида мешавад. Умумият аз он иборат аст, ки чи калима ва чи ибораи фразеологӣ якчанд маъно дошта метавонанд. Хусусияти фарққунандаи фразеологизмҳо аз калимаҳои сермаъно ин аст, ки дар ибораҳои фразеологӣ сермаъноӣ нисбатан суст зоҳир мешавад. Онҳо бештар аз се- чор маъно зиёд дошта наметавонанд. Маъноҳои гуногуни фразеологизмҳоро асосан дар матн муайян кардан мумкин аст.

Тафовути барҷастаи фразеологизмҳои сермаъно аз калимаҳое, ки дорои якчанд маъно мебошанд, дар образнокӣ, ифоданокӣ ва ҳаяҷоноварии онҳост. Ғайр аз ин ибораҳои фразеологии сермаъно дар забон нисбат ба калимаҳои сермаъно аз ҷиҳати миқдор камтар дида мешаванд.

Мақсад аз ин мақола муайян кардани тамоми хусусиятҳои лексикӣ –грамматикии ибораҳои фразеологии сермаъно набуда, балки кӯшиш кардем, ки баъзе ҷиҳатҳои услубии фразеологизмҳои сермаънoро дар мисоли забони асарҳои бадеии нависандагони тоҷик дида бароем.

Ба гурӯҳи фразеологизмҳои сермаъно ибораҳое дохил мешаванд, ки аз ҷиҳати маъно, ифодакунӣ умумӣ буда, ҳодиса ва воқеаҳои гуногунро мефаҳмонанд. Дар нутқ ва асарҳои бадеӣ ин гуна ибораҳо бештар бо мақсадҳои муайяни эҷодӣ ва услубӣ истифода мешаванд. Ба ин гурӯҳ асосан ибораҳои фразеологии рехта ва маҷозиро дохил кардан мумкин аст.

Ибораи фразеологии **«Чашм ало кардан»**дар забони зиндаи халқ ва забони адабии ҳозираи тоҷик хеле серистеъмол буда, вобаста ба мавзӯи сухан маъноҳои мухталифро ифода карда метавонад. Фразеологизми мазкур пеш аз ҳама маънои нисбат ба зану духтарон нияти нопок ва қасди бад доштанро ифода менамояд. Маҳдӣ ба вай чашм ало карда будааст ва дар қасди бад мегаштааст[6,с.56-58]

Ғайр аз ин ибораи **«Чашм ало кардан»** дар адабиёти бадеӣ ба маънои ба ҷони касе қасди ғасб доштан, аз байн бардоштан низ истифода шудааст:

Қодир молу мулки беваю бечораҳоро гирифтагиш бас набуд, ки акнун подшоҳ ба ҷони мардум ҳам **чашм ало кардааст** [5,77-78Р.] Инчунин ин ибора ба маънои ба касе ё чизе ба назари бад, танқид, тамасхур ва ё қаҳру ғазаб нигоҳ кардан низ кор фармуда мешавад:

Ҳоло шумо, пири бетавфиқ, ба ҳамин саґера ҳам чашм ало кардед-ми? [6,с.65]

Яке аз ҷиҳатҳои характерноки ибораҳои фразеологии сермаъно аз он иборат аст, ки онҳо дар ин ё он маъно синонимҳои худро доро буда, ба силсилаи гуногуни фразеологизмҳои синонимӣ дохил мешаванд. Масалан: ибораи дар боло зикргардида ба маънои ба зан ва ё духтари касе нияту қасди бад доштан бо ибораҳои фразеологии « **Бо чашми бад нигоҳ кардан**», «**Чашми номаҳрам халондан**» синоним мешавад:

Мо дузд шуда хонаи киро задем, бузу гӯсфанди киро бурдем, ба зану фарзанди кӣ бо чашми бад нигоҳ кардем [6,с.54].

Рафта ба Бақоҷон гӯед, ки дар кӯчаю пасткӯча ба зану духтарони мардум чашми номаҳрами худро нахалонад[6,с.64Ҷ].

Ибораи **«Чашм ало кардан»** ба маънои тамаъ доштан ба молу замини касе бо ибораи **« Чашм дӯхтан»** низ синоним шуда метавонад: Агар ба ҳар сад танга ҳар моҳ даҳ танга диҳед, ман ин корро мекунам, вагарна аз ҳамин судхӯрҳо қарз кунед, ки ба замини шумо чашм дӯхтаанд[1,с.67].

Инчунин, ибораи фразеологии маҷозии « **Даст кӯтоҳӣ кардан**» дар забон вобаста ба ифодаи мақсад бо маъноҳои гуногун омада, хоси услуби гуфтугӯйӣ мебошад. Ибораи мазкур ба маъноҳои аз ӯҳдаи коре ё чизе набаромадан, дар иҷрои коре оҷиз мондан, нодорӣ, камбағалӣ, имконияти моддӣ надоштан, нотавонӣ омада метавонад, ки онҳоро дар мисолҳои зерин дидан мумкин аст: Дасткӯтоҳӣ ҳам кӯи бад бад! – гуфт кампир. Барои харҷу хароҷоти Оймулло **дасти мо кӯтоҳӣ** мекунад, бибиҷон[6,с.63].

Агар ниқор гирифтанӣ бошӣ, бояд ба ҳамаи инҳо даст ба гиребон шавӣ. Аммо ту бо ҳамаи онҳо даст ба гиребон шуда наметавонӣ, дастат кӯтоҳӣ мекунад [6,с.77]

Чи тавре ки аз ин ибораи зикргардида маълум аст, ба маънои дар коре оҷизу нотавон будан ва зӯр нарасидан, инчунин ба фразеологизми « **Бо касе даст ба гиребон шуда натавонистан**» синоним шуда омадааст. Ҳар ду ибора дар ифодаи маъно ва ҷиҳати обуранги бадеӣ баробарҳуқуқ мебошанд, яке дигареро пурра мекунад. Ба маънои зур нарасидан фразеологизми **«Дандон нахалидан», «Дандон нагузаштан**» ба ибораҳои фразеологии боло синоним шуда метавонанд: Не, ба набераи вай **дандони шумо намехалад**, вай соҳиб дорад [6,с.54]

Сермаъноии ибораҳои фразеологӣ ба масъалаи синонимикаи фразеологизмҳо алоқаи зич дорад. Аксарияти ибораҳои фразеологии сермаъно дар ин ё он маъно ба силсилаи гуногуни ибораҳои фразеологии синонимӣ дохил мешаванд, ки онҳо низ дар навбати худ синонимҳои нав пайдо менамоянд. Синонимҳои нав ҳам боз якчанд маъноро ифода карда метавонанд.

Ибораи «**Дил бастан**» аз ифодаҳои машҳур ва вирди забоншудаи зиндаи халқ буда, бо чандин маъно истифода мешавад ва дар ин маъноҳо бо калимаҳо ва ибораҳои ноустувор ҳамнисбат буда, дар ҳама маврид хусусияти образнокӣ ва ифоданокии худро нигоҳ медорад.

Ин ибора чи дар забони гуфтугӯйӣ ва чи адабӣ аз ҳама зиёдтар ба маънои ошиқ шудан ва ба касе меҳр бастан истифода бурда мешавад: Вай чанд вақт инҷониб ба вай дил баста, барои ба ӯ хонадор шудан роҳ меҷуст[6,с87].

Фразеологизми **« Дил бастан**» бо ифодаи машҳури халқии «**Тан додан»** синоним шуда метавонад ва маъноҳои розӣ шудан, қабул кардан, қоил шудан, таслим шудан ва ғайраро ифода мекунад: Ӯ кайҳо умеди худро аз озодӣ канда ва ба асирӣ дил баста буд[1,с.77].

Ибораи фразеологии машҳури « **Дил об шудан**» дар нутқ бо хусусиятҳои зиёди эмотсионалӣ доро мебошад ва дар ифодаи маъноҳои гуногун, ҷиҳатҳои образнокӣ, ифоданокӣ ва ҳаяҷоновариро нигоҳ медорад: Ба ман ин қадар ало-ало нигоҳ накун, дилам об мешавад[6,с.78].

Дар ин ибора нависанда нисбат ба персонаж муҳаббати сохтакоронаи бой ва тамаллуқи риёкоронаи ӯ нисбат ба Фирӯза ифода гардидааст.

Дар мисоли дигар фразеологизми «**Дил об шудан**» ба маънои ғам, ғусса хӯрдан омадааст: Ошпаззанаки бадфеъл бо вуҷуди ҳамаи сахтгапии худ ҳуқ-ҳуқи гиряи ӯро шунида, дилаш об шуд[6,с.69].

Дар адабиёти классикӣ ин ибора ба маънои муассир шудан дар шакли «**Дил об гаштан**» низ вомехӯрад:

Муғаннӣ, даме гӯши барбат битоб,

Ки чандон бинолад, ки дил гардад об. [7,с.71]. Шоҳин

Фразеологизми «**Ба даст афтодан**» аз машҳуртарин ва сермаҳсултарин ифодаҳои забони умумихалқии тоҷик буда, вобаста ба воқеа ва ё ҳодисаи тасвиркарда якчанд маъноро ифода мекунад: Як ҷуфт гови боқимондаашро ҳам мехост фурӯшад, аммо ба сабаби ноуҳдабароии ятимонаш Шодӣ ва Исмат ба даст афтод[1с.53]. Дар ин ҷо ба маънои дастгир шудан истифода шудааст. Ин ибора дар забони тоҷикӣ ба маъноҳои **пайдо шудан**, **ба касе дучор шуданро** низ ифода мекунад: Ба кӯча баромадаму ба дасти як дӯсти қадимии худ афтодаам, ки ҳамроҳ дар институт хонда будем[6,с.87].

Аксарияти ибораҳои фразеологие, ки якчанд маъноро ифода менамоянд, дорои хусусиятҳои баланди ифоданокӣ буда, ба нутқ обуранги бадеӣ, ҳаяҷон мебахшанд, онро равон ва хеле барҷаста менамоянд.

Ибораи **«Гули сари сабад»** низ ҳамин гуна хусусиятхоро доро мебошад. Ибораи мазкур пеш аз ҳама дар маънои зинатдиҳандаи маҷлису ҷамъомад вирди забонҳо гаштааст: Рӯзҳои таътил дар он ҷо маҷлиси адабӣ ва сурудхонӣ ташкил меёфт: дар маҷлисҳои адабӣ, зинатбахши давраи дӯстон, монанди «гули сари сабад»-и бӯстон Муҳаммад Сиддиқи Ҳайрат буд [1с.78].

Лекин баъзан аз байни он бибихалифаҳо якто-дуто босаводҳо, шоираҳо ва хуштабъҳо ҳам баромада мемонданд, ки дар муддати андак ба тамоми шаҳр машҳур мегаштанд ва **гули сари сабади** ҳар маҷлиси занона онҳо мешуданд[6,с.76].

Маънои дигаре, ки ин ибора ифода менамояд, аз ҳама хуб, аз ҳама писандида, аз ҳама мақбул аст: Ба ҳар хонадон, ки равам, **гули сари сабад** ман мешавам [6,с.79].

Фразеологизмҳои сермаъно дорои хусусиятҳои баланди образнокӣ, ҳаяҷонбахшӣ ва ифоданокӣ буда, нутқро равон, ифодаро мӯҷаз намуда, дар хонанда ҳиссиёти матлуберо пайдо мекунанд. Чунончи: ибораи « **Дилро гургон пора кардан**» аз ифодаҳои машҳури халқӣ буда, дар нутқ маъноҳои ноором, беқарор ва баъзан асабонӣ шудан, рӯҳан азоб кашидан, шубҳае дар дил пайдо шудан ва ғайраро ифода карда метавонад: Хусусан пас аз он ки фаҳмид, бой мехоҳад Фирӯзаро ба Асо никоҳ карда, аз худаш тӯю тамошо карда диҳад, истода натавонист, **дилашро гургҳо пора** мекарданд[6,с.83].Шабҳо андаке бевақт биёяд, **диламро гургон тала мекарданду** ба кӯча метохтам[1,с.66].

Ибораҳои фразеологии «**Дил бой додан»** ба маъноҳои ошиқ шудан, дӯст доштан, ҳаросидан, рӯҳафтода шудан; « Ба даст гирифтан» – фармонбардору мутеъ ва итоаткор намудан ба коре ё чизе машғул шудан, истилло намудан, эҳтиёт кардан ва ғайра истеъмол шуда, дар нутқ вазифаҳои гуногуни услубиро ба ҷо меоранд ва ҳар кадом дар ин ё он маънӣ дорои муродифҳои муайян мебошанд.

Ҳамин тавр, ибораҳои фразеологии сермаъно яке аз қисмҳои муҳимтарини фразеологизмҳои рехта ва маҷозӣ буда, дорои хусусиятҳои бепоёни услубӣ мебошад. Ибораҳои фразеологӣ дар асарҳои адибони тоҷик зиёд истифода гардидаанд. Онҳо барои пуробурангу нишонрас шудан ва бо тобишҳои гуногуни услубӣ ифода гардидани фикр ёрӣ мерасонанд.

Аксарияти ибораҳои фразеологии сермаъно дар ин ё он маъно ба силсилаи гуногуни ибораҳои фразеологии синонимӣ дохил мешаванд, ки онҳо низ дар навбати худ синонимҳои нав пайдо менамоянд. Синонимҳои нав ҳам боз якчанд маъноро ифода карда метавонанд.

Онҳо дурдонаҳои эҷодиёти халқ мебошанд ва ба сухан обуранги махсус медиҳанд. Ҳар як гӯянда ва нависанда ибораҳои фразеологиро дар шакли тайёр аз анбори луғавии забон гирифта истифода мебарад ва онҳо аз бойигарии забони умумихалқии тоҷик шаҳодат медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Куллиёт, ҷ. 1 / С.Айнӣ.- Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1958.-346с.
2. .Виноградов В.В. Об основных типах фразеологических единиц в русском языке / В.В.Виноградов.-Москва.-Л. 1947- 341с.
1. .Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил / Р.Ғаффоров.-Душанбе,1966.-126с.
2. Муминов А. Полисемия ва фразеология / А.Муминов.-Университети давлатии Тоҷикистон. Маҷмуаи филологӣ. Душанбе,1971.-234с.
3. Раҳим Ҷалил. Одамони ҷовид / Раҳим Ҷалил.-1949.-301с.
4. Икромӣ Ҷ. Духтари оташ / Ҷ.Икромӣ.- Душанбе: Адиб, 2009.-560с.
5. Шоҳин Ш. Куллиёт /Ш.Шоҳин.-Душанбе: Адиб, 2006.-640с.
6. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик. Ҷ.2.-Душанбе: Ирфон,1964.-802с.

НЕКОТОРЫЕ МЕТОДИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ ЗНАЧИТЕЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ФРАЗОВ

В статье анализируется проблема фразеологизмов и рассматриваются некоторые ее научные особенности в художественной литературе.

Фразеологические выражения являются одной из важнейших частей литой и образной фразеологии и имеют бесконечные стилистические особенности. Фразеологические выражения широко используются в творчестве таджикских писателей. Они помогают сделать мысль более красочной и выразительной с различными стилистическими нюансами.Фразеологические идиомы обладают высокими образными, захватывающими и выразительными чертами, они делают речь плавной, выразительной и вызывают у читателя позитивные ощущения.

Ключевые слова: фраза, фразеология, семантика, лексикология, этимология, грамматика, стиль, метафора, выражение, образ.

SOME METHODOLOGICAL FEATURES OF SIGNIFICANT PHRASEOLOGICAL PHRASES

The article analyzes the problem of phraseological units and examines some of its scientific features in fiction.

Phraseological expressions are one of the most important parts of cast and figurative phraseology and have endless stylistic features. Phraseological expressions are widely used in the works of Tajik writers. They help to make the thought more colorful and expressive with various stylistic nuances. Phraseological idioms have high figurative, exciting and expressive features, they make speech smooth, expressive and cause positive feelings in the reader.

Key words: *phrase, phraseology, semantics, lexicology, etymology, grammar, style, metaphor, expression, image.*

Сведения об авторах:

Темурова Момагул Курбоналиевна*, доцент кафедры языков Таджикского технического университет имени академика М.С.Осими, 918686470.*

Шарипова Дилафруз Убайдуллоевна *ассистент кафедры языков Таджикского технического университет имени академика М. С. Осими, E-mail: tmomagul@gmail.com*

About the authors:

Temurova Momagul Kurbonalievna*, Associate Professor of the Department of Languages, Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, 918686470.*

Sharipova Dilafruz Ubaidulloevna *Assistant of the Department of Languages, Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi, E-mail: tmomagul@gmail.com*

АНДАР ШЕВАИ ДАРКИ МАЪНОИ ШЕЪР

Сӯфиев Ш.З.

Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Шеър, хоса шеъри ғиноӣ, зодаи хаёлу илҳоми ногаҳонии шоири асилест, ки падидаҳои офаринишро мутобиқи завқи вежаи хеш бозшиносӣ карда, онҳоро дар густараи забон ғолибан ба гунае мавзуну муқаффо рақам мезанад, ки мухотаби ӯ бо хондани он ба дарку бардошти зебоишиносонаи шоир аз падидаҳои ҳастӣ даст меёбад. Муҳаммадтақии Баҳор мегӯяд, ки «шеъре, ки мақсуди мост, шеърест, ки аз димоғи шоире лоиқ ва дар як вақти озод ва ё ба вақти торике дар буҳбуҳаи эҳсосот ва тарокуми авотифи гуногун ва дар як ҳоли ҳаяҷонӣ гуфта шавад»[5, с. 931]. Ҳар андоза диди шоир ҳунармандона бошад ва ҳар андоза ҳусни баёнаш нозук, ба ҳамон андоза шеъраш дар сатҳи писандида, чи аз назари сурат ва чи аз нигоҳи маъно, ба забон меояд ва ба дили мухотабаш менишинад.

Дар ҳоле, ки шеър ҳаҷман хурд аст, дар худ як ҷаҳон маъноро мегунҷонад. Аммо асари мансур гунае дигар аст: мақсади асосии он расонидани паём аст; ҳадафи шеър бар изофаи расонидани паём таъсири зеҳнию равонӣ ва эҷоди отифаву лаззат дар мухотаб аст. Беҳудае нест, ки андешаманде асари мансурро ба «роҳ гаштан» ва шеърро ба «рақсидан» шабеҳ донистааст. Забони шеър мантиқан хеле дақиқ, полоишёфта, пероставу ороста ва бисёр ҳунарӣ мебошад. Шоир мисли наққошест, ки барои як лаҳзаро тарсим кардан чандин рангро омезиш медиҳад, то ранги мавриди алоқаашро пайдо бикунад: ӯ ҳангоми тасвир мафҳумҳоро тавассути вожаҳо дар ҳам меомезонад, то битавонанд маънои хосеро эҷод намояд. Ӯ вожагонро на танҳо барои баёни маъно, балки аз назари оҳангу лаҳнашон низ дарҳол интихоб мекунад ва аз рӯйи қонуниятҳои зебоишиносии сухан дар бистари шеър мегунҷонад. Чунин амали шоир метавонад огоҳона ё надониста ба шикасти ҳинҷорҳои сарфию наҳвӣ биоварад.

Чунин шеърро, ки натиҷаи илҳом ва завқи халлоқи як шахс аст, чи гуна бояд бихонем, ки ба маъное, ки сарояндаи шеър дар назар доштааст, пай бибарем? Дар имтидоди таърих адибону андешмандоне аз Арасту гирифта то Ибни Синову Рашиди Ватвоту Шамси Қайсу Маликушшуаорои Баҳор пеши худ чунин суолҳоеро гузоштаанд.

Масъалаи шинохти шеър ҳамвора баҳсбарангез будааст. Шеърро ҳама мефаҳмад ва ҳар касе ба таври худ дарк мекунад, ҳатто онҳое ки савод надоранд маърифати хосе аз шеър доранд. Аммо дарки ҳар яки онҳо гуногун аст. Оё меъёри санҷиши каломи ҳунарӣ вуҷуд дорад, то дар асоси он хубию зиштии шеърро муайян карда тавонем? Дар асоси кадом меъёрҳову нишонаҳо метавон як шеърро хуб ва дигареро суст шуморем? Чаро баъзе одамон як шеърро шеъри хуб ва шеъри дигареро бо ҳамон мазмун заифу каммоя мешуморанд? Маъмулан, бо изҳоре аз қабили «бо шунидани ин шеър тамоми баданамро ларза гирифт», «ашк аз чашмонам ҷорӣ шуд», «мӯйи баданам хест» ва ғайра хонанда назари худро дар бораи шеър баён мекунад. Дар асоси кадом меъёр ӯ дар бораи шеър чунин довариҳо мекунад?

Маъмулан, вақте хонанда дар бораи шеър чунин ҳукм мекунад, манзураш аз ин доварӣ таъсирест, ки шеър бар ӯ гузоштааст. Дар воқеъ, маҷмӯае аз омилҳои шахсӣ ва ҷамъиятӣ ҳастанд, ки дар замону маконе хос бар хонандаи шеър таъсир мерасонанд ва муносибати ӯро ба шеъри хондааш муайян мекунанд. Хулосабарорию ибрози назар карданҳои фардӣ марбут ба тавоноиҳои шинохтию маърифатии инсон аст ва он аз чаҳорчӯбаҳои худ берун рафта, меъёри ягонаи дарки дурусти шеър шуда наметавонад. Ҳар хонанда он андоза аз шеър бардошт мекунад, ки қобилияти даркашро дорад.

Маликушшуаро Баҳор ба ин назар аст, ки «шеър натиҷаи отифаву эҳсосоти зарифу нозуки як инсони ҳассоси мутафаккир аст» [5, с. 931]. Шеър бо рӯҳ ва ҳолоти отифии инсон пайванди мустақим дорад. Зебоии шеър дар он аст, ки дар як ҳолати ҳаяҷонии шоир гуфта шуда, нохудогоҳ аз маҷмӯи воқеиятҳои айнию зеҳнӣ дар омезиш бо эҳсосот, тахайюл, илҳом, завқи адабӣ ва, муҳимтар аз ҳама, таҷрибаи шоир ба вуҷуд меояд. Ҳарчи завқ, ҳаяҷону эҳсосоти отифии шоир ҳангоми иншои шеър қавитару самимию табиитар бошад, ба ҳамон

андоза шеър беҳтар ва хубтар хоҳад буд. И. Кант гуфтааст, ки «шеър намоишгоҳе аз эҳсосот аст, ки ақл онро ба низом медароварад» [10, с. 506]. Г. Флобер дар бораи шеър чунин иброзн назар кардааст: «шеър равиши вежа барои дарки ҷаҳони хорич аст, василаи хосест, ки моддаро бозрасӣ карда, онро бидуни тағйир дигаргун мекунад»[10, с. 506]. Аз дидгоҳи андешмандони мазкур бармеояд, ки шеър омезаи эҳсосот, отифа ва ақлу шуур буда, бештари тирагиҳо ва ё розу асрори забон аз ин ҳолат берун меояд.

Оё мешавад як шеърро, ки ба ҳолати рӯҳии ҳозираи ман мувофиқ аст, хуб ва шеъри дигареро, ки ба ҳолати рӯҳиям наздик нест, нохуб шуморам? Шеър баёнгари ҳолоти шахсе дар як замони муайян аст. Ба гумонам, ба аксарият чунин иттифоқе афтидааст, ки як шеъри хеле сода дар ҳолате, ки шумо дорои ҳиссиёте будаед, ки ба муҳтавои он шеър наздик аст, ба шумо таъсири фавқулода амиқе расонидааст. Вале ҳамон шеър дар дигар мвқеъ, ки мувофиқ ба вазъияти рӯҳии шумо набудааст, дар шумо таъсире накардааст. Кажфаҳмиҳо ва бардоштҳои гуногун дар бораи «шеъри хуб» ва «шеъри суст» аз он сар мезанад, ки чакома сухани отифӣ буда, ҳолати мушаххаси рӯҳиро баён мекунад ва ин вазъият ҳар лаҳза метавонад дигаргун бошад.

Ба воситаи кашфи маъно чигунагии интиқоли андеша ба забон равшан мешавад. Баррасии забони шеър дарки моро аз андешаҳои аслии шоир фузунӣ мебахшад. Дар ҳама гуна матни адабӣ, аз ҷумла дар шеър, маънои калима комилан дар худи он нест, балки то андозае бо вожагони дигари матн муносибат дорад. Даруни вожа дар шеър пур аз таҷаллии маъност. Вожа дар шеър ҳамвора дар ҳаракат аст, дар рақсу бозист.

Шеър бо шикастани ҳинҷорҳои забонӣ як сохтори дастурии ғайримаъмулиеро аз ҷумла месозад, ки барои хонанда чи аз нигоҳи шакл ва чи аз ҷиҳати мазмун ноошност.

Парвиз Нотили Хонларӣ (1914-1990), адиб ва олими номдори қарни гузаштаи Эрон, ба ин назар аст, ки «дар идроки шеър миёни гӯяндаву шунаванда робитаи қавитаре барқарор мешавад. Шунаванда ин ҷо дигар танҳо пазирои паём нест, балки худ дар сохтани паём шарик аст. Барои идроки шеър танҳо ҳамзабонӣ миёни гӯянда ва шунаванда кофӣ нест, балки вуҷуди ҳамдилӣ миён ду тараф зарурат дорад. Ин ҷо зеҳни шунаванда бояд дуруст ҳамон амалро анҷом бидиҳад, ки зеҳни гӯянда анҷом дода аст. Ин ҷо «ҳузури зеҳн» барои шунаванда шарти лозими идрок аст» [15].

Пажӯҳишгарони аврупоӣ низ дар фаҳму дарки шеър қоидаҳои мантиқии дарёфтани маъноро муҳим мешуморанд. Онон низ ба ин назаранд, ки маънои вожа устувор нест ва дар ҳамнишинии бо вожагони дигари мисраъ ё байти шеър вобаста аст. Матни шеърро Томас Элиот, шоири хушноми инглис «даргирии тоқатфарсо бо вожагон ва маонӣ» меномад. Ҳамин «даргирӣ»-и ҷонкоҳона аст, ки карашмаву ишва ва ҷодӯии вожагонро дучандон мекунад. Терри Иглтон, назарияпардози машҳури адабиёт, шеърро «мақулаи ғайриқобили бозгӯй» меномад ва мегӯяд, ки «ба ҳеч забоне ғайр аз забони худ қобили баён нест»[8, с. 66].

Назарияпардозони мактаби формализми русӣ низ шеърро забоне меҳисобанд, ки аз калимаҳо сохта шудааст, на аз мафҳумҳо [11, с. 86] ва ин вожагон маъонии аслии хешро танҳо дар густараи шеър нишон медиҳанд. Вазифаи хонанда ин аст, ки маънои аслии вожагони шеърро ошкор кунад. Маънои як вожа дар шеър дар бештари мавридҳо маънои луғавии он набуда, аз корбурди он дар паҳнои забон фароҳам меояд. Робитаи вожа бо маъно дар шеър наздиктар аз робитаест, ки дар забони гуфтории рӯзмарра аст. Маънои вожа дар шеър аз таҷриба кардани он бармеояд. Аз ин рӯ шеър чизест, ки таҳти таъсири эҳсосот ва ҳолати отифӣ дар заминаи андӯхтаҳои маърифтии шоир эҷод мешавад ва ҳангоми рӯи коғаз овардани он заминаҳои мантиқию бурҳонияш сарфи назар карда мешаванд. Аммо, баръакси ҳол, дар фаҳми шеър бояд аз қоидаҳои мантиқу бурҳон кор гирифт. Ба гумони ин ҷониб яке аз сабабҳои пайдоиши сӯитафоҳумҳо дар фаҳму дарки шеър аз ҳамин адами таодули мантиқию бурҳонӣ сар мезанад.

Нобиғагони илму адаби форсии тоҷикӣ роҷеъ ба ҷанбаҳои мухталифи нақши забон дар шеър пайваста андеша кардаанд. Ибни Сино ба ин назар аст, ки «шеър забонест, ки бо доштани вежагиҳои хос мӯҷиби инфиъоли нафсонӣ ва ба дунболи он кайфи нафсонии лаззат мешавад»[15,с. 76-77]. Кунишпазирӣ ва беиродагии нафсонӣ, ки лаззати вежаеро аз хондани шеър бармеангезад ва мучиби илтизози шодмонии нафс мешавад, ба дараҷаи хаёлпардозии шоир вобаста аст.

Маънои аслии шеърро аз назари ӯ ба воситаи ақл ва тамассук бояд дарёфт.

Айнулқузот (1098-1133) дар яке аз номаҳои хеш роҷеъ ба шинохти маонӣ дар шеър мегӯяд: «Ҷавонмардо! Ин шеърҳоро чун оина дон. Охир донӣ, ки оина сурате нест дар худ. Аммо ҳар ки дар ӯ нигаҳ кунад, сурати худ тавонад дид» [4, с. 216].

Мавлоно (1207-1273) дар «Фиҳи мо фиҳи» роҷеъ ба беинтиҳоии маъно дар шеър баёни хеле омӯзандае дорад: «...ҳар ки воқиф аст, аз андаке бисёр фаҳм кунад ва аз чизе чизҳо ва аз сатре дафтарҳо...ва ин танҳо дар олами маънӣ ва улуми ҳикмат нест. Дар ҳама чиз чунин аст, дар молҳову зарҳо ва конҳо ҷумла беҳаду поён аст, аммо бар қадри фаҳм фуруд ояд» [14, с. 189-190]. Мавлоно забонро нигоҳдорандаи розу асрори инсон мешуморад. Ҳастии инсон дар забони ӯ таҷассум меёбад. Бо кашфи рози сухан инсон ба моҳияти офариниш даст меёбад:

Одамӣ махфист дар зери забон,
Ин забон парда-ст бар даргоҳи ҷон.
Чунки боде пардаро дарҳам кашид,
Сирри саҳни хона шуд дар мо падид [13, с.49].

Ӯ бо таассуф аз шинохти нодурусти мардум аз асрори ҳастӣ изҳор медорад, ки:

Кошкӣ, ҳастӣ забоне доштӣ,
То зи ҳаст, ин пардаҳо бардоштӣ [12, с. 274].

Бояд мутазаккир шуд, ки андешаҳои Мавлоно дар бораи моҳияти забон ва матн бо назарияҳои муосири ғарбӣ монандиҳои зиёд дорад.

Дидгоҳи Мавлоно дар бораи фалсафаи забон бо назария Людвиг Витгейнштейн (1889-1951), файласуфи пуровозаи қарни бистум, ки пайваста дар бораи фалсафаи забон, фалсафаи андеша ва шеваҳои корбурди вожагон жарфу дақиқ меандешид, монандиҳои шигифтангезе дорад. Ба ақидаи ӯ, андеша дар забон аз тариқи кор дар рӯи матн муяссар мешавад ва тафаккури соҳиби матн, ки бо мо дар фосилаи дури замоние қарор дорад, аз забони матни ӯ бояд дарёфта шавад. Витгейнштейн ҳамчун Мавлоно забонро либоси андеша меномад. Ба ақидаи ӯ, ин либос барои ҳадафҳои дигар истифода мешавад, на барои он ки битавон ба воситаи он сурати ҷисмро шинохт. Баръакс, либос, яъне вожа, пӯшишест бар рӯи маъно, то мо онро дарнаёрем ба асолати маъно даст нахоҳем ёфт [6, с. 18].

Яке аз назарияҳои шинохти дурусти матн, ки аз ҷониби бештари шеършиносон эътироф гардида, мавриди истифода қарор гирифтааст, ба Айвер Армстронг Ричардз (1893-1979) ва Чарлз Кей Огден (1889-1957)* таалуқ дорад. Онҳо дар китоби хеш «Маънои маъно» [2] қаламрави забонро аз чаҳор чашмандоз муайян мекунанд:

1. Идрок (sense) – иборат аст аз ҳамон чизе, ки мо дар бораи он сухан мегӯем, масалан «ман дар *маҷлисгоҳи* Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) қарор дорам».

2. Эҳсос (feeling) - мавқеияти гӯянда нисбат ба мавзӯъ, яъне эҳсоси гӯянда нисбат ба «ман дар маҷлисгоҳи АМИТ қарор дорам».

3. Лаҳн ва оҳанги гуфтор (tone) – ҳолати ё вазъи гӯянда нисбат ба шунаванда ва мухотаб. Дараҷаҳои он бениҳоятанд. Масалан, ман бо таъкид мегӯям: «ман дар маҷлисгоҳи АИ ҶТ қарор дорам».

4. Қасд ва ният (intention) –и гӯянда нисбат ба мавзӯъ ва мухотаб.

Тамоми ин чашмандозҳои чаҳоргона дар муайян кардани маъно таъсири бевосита мегузоранд.

Дар натиҷаи муайян кардани моҳияти отифии вожа дар асоси чаҳор тавзеҳи мазкур Ричардз ва Огден калимаҳову иборагони забонро ба ду гурӯҳ тақсим кардаанд: а) вожагони отифӣ, ки эҳсосотро баён мекунанд; б) вожагони ишоратӣ. Бо шинохти навъи вожагони шеър ин назарияпардозон таъкид меварзанд, ки вақте кас мефаҳмад, ки дар ҳар забоне ду гурӯҳе аз вожагон вуҷуд дорад «ва дар ҳар гурӯҳе «маъно» мафҳуми ҷудогонае дорад, он гоҳ дармеёбад, ки дар баъзе аз ибораҳо маъно тағйирёбанда аст ва дар мавридҳои дигар маъно барои ҳама яксон аст.

Дар шеър, мусиқӣ ва ҳамаи ҳунарҳои зебо мо бештар бо ҷанбаи ҳунарии забон сару кор дорем. Забони шеър дар аксари мавридҳо забони отифӣ аст. Вақте забони шеър забони ирҷоъӣ мешавад, вай забони ҳунарӣ нест, забони иборат аст.

---

* Ин назарияпардозони адабиёт таъсири амиқе бар назарияҳои муосири адабии дунё, аз ҷумла, ба адабиётшиносии форсии тоҷикӣ гузоштаанд.

Забони отифӣ калимаҳое ҳастанд, ки маънои онҳо тағйирёбанда ва «шиновар» аст ва барои ҳар касе дар ҳар ҳолате зеҳниятеро ба вуҷуд меоварад, ки аз зеҳниятҳои дигарон фарқ мекунад. Масалан «Аналҳақ»-и Ҳаллоҷ ва «Субҳонӣ мо аъзама шонӣ»-и Боязид маъноҳои бешумор доранд ва дар таърихи фарҳанги форсӣ шарҳу таъбирҳои фаровоне бар онҳо шудаанд. Ба ҳамин далел, ин қабил вожагон ҳамеша дар «ҳаракат»-анд. Забони шеъри классики форсии тоҷикӣ аз ҳамон гурӯҳи вожагони шиновар сохта шудааст, ки хонанда пайваста аз онҳо маъноҳои нав кашф мекунад. Ба ҳамин далел аст, ки адабиёти классик ҳеҷ вақт кӯҳна намешавад.

Аз назари Ричардз ва Огден муҳол аст, ки як лаҳзаи отифию зеҳнӣ бо тамоми вежагиҳояш ҷуз дар зеҳни як тан зуҳуру буруз дошта бошад. Ҳатто муътақид аст, ки ҳамон таҷрибаи шахси ҳунарманд дар лаҳзаи офариниш бо таҷрибаи ӯ пас аз офариниш, вақте ки дар ҷойгоҳи хонанда меистад, замин то осмон бо ҳам тафовут дорад. Зеро ҳар лаҳзае аз лаҳзаҳо бо ҳолатҳои рӯҳиию равонию асабӣ пайванд доранд, ки ба ҳеч вачҳ қобили такрор нестанд [2, с. 86].

Ба ҳамин далел аст, ки дар баробари хондани як байте аз Ҳофиз ё Мавлоно ё дигар шоирони классик ҳар кас вобаста ба тавоноиҳои ботинӣ ва сатҳи донишу идрок ва ҳолати хеш маъноеро кашф мекунад ва агар даҳҳо маротиба ин байтро мутолеъа кунад, ҳар дафъа вобаста ба ҳолати хеш аз он маънои дигаре дармеёбад. Аз ин рӯ, забони шеъри асил забони отифӣ аст.

Забони отифӣ маъмулан тавсифӣ аст. Маъноеро, ки ба як падидаи воқеъӣ иртибот дорад, ба падидаи хаёлӣ интиқол медиҳад. Бинобар ин, дар ин амр фароянди рамзгунагӣ, тасвирсозӣ ва истифода аз шаклҳои мухталифи санъатҳои бадеӣ ҳамчун ташбеҳ, истиора, тамсил ва киноя аҳаммияти махсус пайдо мекунанд. Дар ин сурат танҳо бо роҳи кашфи маъноҳои мармузи ин санъатҳои бадеӣ метавон ҳолат ва дарёфтаҳои отифиро, ки баённопазир ё душворбаёнанд, дуруст шинохт.

Терри Иглтон ҳангоми баррасии дидгоҳҳои зебоишиносонаи Томас Эллиот, шоири шаҳири инглис, фармудааст, ки «маъно лукмаест, ки ба хонанда дода мешавад, то дар ҳоле ки шоир дуздона ба шеваҳое моддитар ва ноогоҳонатар рӯйи ӯ кор мекунад, дар сардаргумӣ боқӣ бимонад» [9, с. 64].

Шеър беш аз ҳар гуфтмони дигар бо бозии вожагон, ки бар тафовутҳои ҷузъию зарифи маъноӣ бино шудааст, сарукор дорад. Масъалаи фарноиш (истидлол)-ҳои мантиқӣ ё тасвири дақиқи рӯйдод дар шеър муҳим нест. Мақсад аз сурудани шеър дар бештари ҳолот – баёни назокату латофати сухан ё баёни маъноҳои тоза аст. Дар баъзе мавридҳо маънои шеър метавонад хилофи воқеъият бошад, зеро барои шоир чи гуна гуфтан аз чи гуфтан муҳиммтар аст.

Бояд дар назар дошт, ки як шеъри хуб мисли уқёнус аст ва ҳар кас ба андозаи зарфе, ки дар даст дорад, метавонад аз он об бардорад.

Шеъри хуб маҳсули робитае байни хонандаву шоир аст, ки дар асоси матни шеър шакл мегирад. Дар натиҷаи муносибат бо олами атроф вокунише дар зеҳни шоир пайдо мешавад ва он таассуротро ӯ дар қолиби вожагоне баён мекунад ва ба ин тартиб шеър ба вуҷуд меояд.

Дар шинохти шеър сохтори забонии он бисёр муҳимм аст. Гоҳе паҳлӯи ҳам қарор доштани вожагони як шеър, зарбу оҳанги онҳо ба мо аз бузургии он шеър далолат мекунанд. Масалан, дар ғазали машҳури Саъдӣ бо матлаи «*Эй сорбон, оҳиста рон, ороми ҷонам меравад* ...» «андеша ва тасвир чунон ба ҳам омехта, ки аз ин ҳикоят мо ба хубӣ дар зеҳни худ метавонем тасвире аз ин корвону сорбон, ки ёри саркашро мебаранд ва ҳолати ошиқи ранҷуру бечораро дар зеҳни хеш эҳё намоем» [3]. Воқеъан дар ин шеър вожагон гуё тасодуфан паҳлӯи ҳам омадаанд, аммо тасодуфан дар ҳамон ҷое уфтодаанд, ки бояд падид меомаданд. Агар вожаеро аз ҷояш бечо кунем ё ҷояшро тағйир диҳем, таъсири шеър камранг мешавад ё тамоман аз байн меравад.

Дар ҳама давру замонҳо шеъри форсии тоҷикӣ амре воқеӣ ва кунунӣ шинохта мешавад. Шеъри ҳазору анд сол қабл сурудаи Рӯдакӣ ё Манучеҳрӣ ҳанӯз тоза аст ва хонандаи муосир гумон намекунад, ки фосилаи беш аз ҳазорсола байни ӯ ва шоир вуҷуд дорад. Ба қасидаи машҳури Рӯдакӣ «Бӯи ҷӯйи мӯлиён» таваҷҷуҳ кунед:

Бӯи Ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Реги Омӯву дурушти роҳи ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун бо ҳама паҳноварӣ
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир наздат шодмон ояд ҳаме [7, с. 64].

Дар ин намунаи шеърӣ дар нигоҳи нахуст ягон санъати фавқулодае ё баёне зарифу латифи шоирона дида намешавад. Аммо ин шеър тӯли садсолаҳо дар соҳати шеъру адаби порсии тоҷикӣ зинда буда, мавриди истиқбол ва татаббуъу пайравии шумори зиёде аз шоирони баъд аз Рӯдакӣ қарор гирифтааст. Ба гумони ин ҷониб сохтори низомманди мисроъ ва хуштанинии вожаҳо фазои хотирабарангез ва ҳиссиёти дилангезеро дар бораи Бухоро тавассути қофияи «ояд ҳаме» дар зеҳни шунаванда ба вуҷуд меоварад ва ба ин восита гармонияи ягонаи дилгармкунандаеро дар тамоми шеър эҷод мекунад. Машҳуру мондагор шудани ин шеър ва ашъори мутааддиди шоирони гузаштаи мо ҳамон ҳисси тавоноии ҳунариест, ки дар пушти вожагони шеър нуҳуфтааст ва ба он кудрати зистан, ҳатто баъд аз ҳаёти муаллифи он медиҳад.

Хонанда бояд маънои шеърро кашф кунад. Муҳиммтарин шеваи шинохти маънои шеър хондани эҳсосоти ғание нуҳуфта дар пасманзари вожагони он аст. Маҳз ҳамон эҳсосоте, ки сабаби ба вуҷуд омадани ин шеър шудаанд. Хонанда бояд мисли як бостоншинос ба қабатҳои жарфи вожагон дарравад, то он эҳсосоти аслии шоирро дарёбад, ки дарунмоя, ё ба ибораи дигар, моҳияти шеърро ташкил мекунанд. Ҳамин фурӯравӣ дар жарфои вожа онро зинда мекунад ва ҳисси лаззатбахшу отифиеро дар хонанда эҷод мекунад. Аз ин рӯ, қалами шоир кори асои Мӯсоро анҷом медиҳад: сеҳрнок ва ҷодугар аст, зеро бо «исонафасӣ»-и хеш ба вожагон умри дигаре мебахшад. Аз ин рӯ, марзи шеъри асил ва шеъри зӯракӣ ҳамин ҷодуии вожагон аст, ки онро яке аз бунёдгузорони мактаби формалистии русӣ Виктор Шкловский (1893-1984) «растохези каламот» номидааст [17, с. 33].

Яке аз пажӯҳишгарони сохторгаро Клинт Брукс (Cleanth Brooks) чунин мегӯяд: «Хонанда бояд бо тамоми вуҷуди хеш вориди шеър шавад, бояд ҷузъе аз шеър ё ҳатто ҷузъе аз нохудогоҳи шоир шавад. Агар мехоҳем воқеъан аз шеър лаззат бибарем, бояд бо тамоми ҳастиямон ба тамоми ҳастии шоир ва паёми ӯ посух диҳем. Бояд даруни шеър бошем, на беруни он. Агар берун аз шеър бошем ногузир дар бораи чигунагии будани шеър суҳбат мекунем, на дар бораи шеър он гуна ки ҳаст» [1, с. 300].

Дар такмили назарияи Брукс бояд ба ин нукта ишора кард, ки ҳар хонандае меъёрҳои таҷрибаи шахсии худашро дорад, ки бо онон бузург шудааст ва шеъре барои ӯ лаззатбахш мешавад, ки бо он меъёрҳо наздик бошад. Агар бо шеъри ирфонӣ ошнотар бошад аз ашъори Мавлоно бештар лаззат мебарад, то аз ашъори воқеъгароёнаи Манучеҳрии Дамғонӣ. Пас ҳамон гуна, ки шеър баёни таҷрубаи шахсии шоир аст, шинохти хонанда ҳам шинохти шахсии ӯ буда, дар заминаи таъсиргузории шеър бар олами ботинаш ба вуҷуд омадааст.

Хулоса, шеър дар тамоми тамаддунҳову фарҳангҳои башарӣ таърифи ҳамгун, шакли ҳамсон, қоидаҳои муташобеҳ дорад ва вобаста ба дарунмояи фарҳанги ҳар халқу кишваре дорои вежагиҳои хоси хеш аст. Аммо дар дарку фаҳми шеър, чунонки аз пажӯҳиши мазкур маълум шуд, қоидаи ягонае барои ҳамаи аҳвому милали дунё дар фаҳму дарки шеър вуҷуд дорад: хонандаи шеър ҳамвора бояд ба ду гурӯҳ тақсим шудани вожагони забонро дар ҳама мавридҳо дар назар дошта бошад. Гумон накунад, ки шатҳиёти Мансури Ҳаллоҷ аз навъи ибораҳои ирҷоӣ ҳаст.

АДАБИЁТ

1. Brooks, Cleanth. The Well Wrought Urn [Text]: Studies in the Structure of Poetry. – New York : Harcourt, Brace & World, Inc., 1975. – 300 p.
2. Richards, I. A. The Meaning of Meaning [Text] / I. A. Richards, C. K. Ogden. – Mariner Books. – 1989. –396 с. – (A Harvest / HBJ Book).
3. Абдулло, С. Таҳлили зебоишинохтии ду ғазали Саъдӣ [Манобеи электронӣ] / Абдулло Сафар. – низоми дастрасӣ: www.URL: http: // www.fars-encyclopedia.com/ modules.php?name=Content&pa=showpage&pid=266
4. Айнулқуззоти Ҳамадонӣ. Номаҳои Айнулқуззоти Ҳамадонӣ [Матн] / Ба эҳтимоми Алинақии Мунзавӣ ва Афифи Асирон. – Чопи дувум. –Теҳрон: Китобфурӯшии Манучеҳрӣ ва Заввор, 1362. – Ҷ. 1. – 480 с.
5. Баҳор, Муҳаммадтақӣ Малик уш-шуаро. Шеъри хубро чи гуна бишиносем [Матн] / Малик уш-шуаро Баҳор Муҳаммадтақӣ // Баҳор ва адаби форсӣ. – Чопи 3-юм. – Теҳрон: «Ширкати саҳомии китобҳои ҷайбӣ», 1371 (1993). – 933 с.

6. Витгенштейн, Л. Логико-философский трактат [Текст] / Л. Витгенштейн // Витгенштейн Л. Философские работы: в 2-х ч. / пер. с нем. – М.: Гнозис, 1994. – Ч. 1. – 74 с.
7. Девони Рӯдакӣ [Матн] / Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 334 с.
8. Иглтон, Терри. Пешдаромаде бар назарияи нақди адабӣ. Верости дувум. [Матн] / Терри Иглтон; Тарҷумаи Аббоси Мухбир. – Теҳрон: «Нашри марказ», 1380. – 368 с.
9. Иглтон, Терри. Теория литературы [Текст] / Терри Иглтон; Введение и перевод Елены Бучкиной; Под редакцией Михаила Маяцкого и Дмитрия Субботина. – М.: Издательский дом «Территория будущего», 2010. – 296 с. (Серия «Университетская библиотека Александра Погорельского).
10. Кожевников, А.Ю. Мудрость веков. Запад [Текст] / А. Ю. Кожевников, Г.Б. Линдберг. – СПб: Издательский дом «Нева», 2006 – 539 с. – (ОЛМА Медиа Групп).
11. Лотман, Ю.М. Анализ поэтического текста: структура стиха [Текст] / Ю.М. Лотман. – Л.: Просвещение, 1972. – 272 с.
12. Мавлоно Ҷалолуддин Румии Балхӣ. «Маснавии маънавӣ» [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Румии Балхӣ. – Душанбе, 2011. – Дафтари 3-юм. – 279 с.
13. Мавлоно Ҷалолуддин Румии Балхӣ. «Маснавии маънавӣ» [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Румии Балхӣ. – Душанбе, 2011. – Дафтари 2-юм. – 227 с.
14. Мавлоно Ҷалолуддин Румии Балхӣ. Фиҳӣ мо фиҳӣ [Матн] / Мавлоно Ҷалолуддин Румии Балхӣ. – Душанбе: 2018. – 192 с.
15. Сулаймонӣ, Фотима Дарабоғӣ. Шеър аз нигоҳи Ибни Сино ва нақши он дар фарҳангсозӣ [Матн] / Фотима Сулаймонии Дарабоғӣ // Ду фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии ҳикмати синавӣ (Машкут ун-нур). – Соли 19-ум, пойиз ва зимистони 1394. – С. 61-78.
16. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Забони шеър [Манбаи электронӣ] / Парвиз Нотил Хонларӣ. – низоми дастрасӣ: www. URL: https://article.tebyan.net/74869/نحو-شعر
17. Шкловский, В. Б. Гамбургский счёт: Статьи – воспоминания – эссе (1914-1933) [Текст] / В.Б. Шкловский. – М.: Советский писатель, 1990. – 544 с.

О ПУТЯХ ПОНИМАНИЯ СМЫСЛА СТИХОТВОРЕНИЯ

В статье исследуется проблема правильного понимания стихотворного текста. Прежде чем приступить к интерпретации поэтического текста, необходимо провести с ним некоторые лингвистические и поэтологические манипуляции.

Ключевые слова: *стих, воображение, вдохновение, смысл, форма, восприятие, понимание, лексика, поэтика, слово*

ABOUT THE WAYS OF UNDERSTANDING THE VERSE

The article explores the problem of the correct understanding of the poetic text. Before proceeding with the interpretation of a poetic text, it is necessary to conduct some linguistic and poetological manipulations with it.

Key words*: verse, imagination, inspiration, meaning, form, perception, understanding, vocabulary, poetics, word*

Сведения об авторе:

Суфиев Ш. З. *Центральная научная библиотека имени И. Ганди, Национальная Академия наук Таджикистана, доктор филологических наук, профессор, E-mail: sufizadeh@gmail.com*

About the author:

Sufiev Sh. Z. *Central Scientific Library Tajikistan's National Academy of Sciences, Doctor of philology sciences, professor, E-mail: sufizadeh@gmail.com*

НАРОДНЫЕ РЕМЕСЛА В «ВОСПОМИНАНИЯ» САДРИДДИНА АЙНИ

Рустамова Г.Р.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Народные промысли, являются достоинством народного творчества, в которой ярко прослеживаются национальные традиционные нравы, которые зародились много веков назад. Изделия древних национальных промыслов сочетают в себе неповторимость и орнамент таджикской традиционной культуры. Как известно творчество таджикского народа, благодаря талантам местных мастеров, прославило их по всей республики и далеко за ее пределами. Изделия мастеров ценны не только материалами, из которых он производились и уникальными традиционными народными технологиями их обработки вручную, в них прослеживаются нравы и традиции прошлого.

На протяжении веков с развитием цивилизации были личности, которые имели потребность высказать свои мысли, впечатления и переживания обрекать в буквы и тексты. В нынешнее время важно понять, роль художественной литературы и культуры как источника духовного обогащения людей. Произведения классиков является источником раскрытия нравственной красоты человеческих качеств личности, таких как гуманизм, мужество, честность, трудолюбия и чувство дружбы, то есть показ неповторимой красоты человеческой жизни. Таджикская литература богата произведениями, которая говорится о морали, труде, трудолюбии, ведь самым надежным и верным источником для жизни человека является труд. Одно из таких произведений является книга Садриддина Айни «Воспоминания».

Айни в «Воспоминаниях» подробно описал народное ремесло, творчество ремесленников, изготавливающее халву, выращивания сельскохозяйственных продуктов, резьбу из дерева и т.д. Народные ремесла всегда были рядом с таджикскими мастерами. Недаром народом сказано, что человек красив и славен трудом.

С. Айни в рассказе «Мастерская по изготовлению халвы» рассказал о покупке халвы, который отец отправил маленького Садриддина: «Как только пройдешь мельничный ручей, за мостом большая усадьба мастера Барота. Во дворе стоит большой дом, там мастерская по изготовлению халвы. Не забудь сказать, что тебя отправили купить халву. Заверни ее в бумагу и принеси домой».

В рассказе подробно описана мастерская усто Барота, который с несколькими работниками готовил халва. Автор ясно, словом рисует картину изготовления халвы, который «в один из больших котлов с загустевшей патокой какой-то человек понемногу сыпал пережаренную муку, а два других деревянными лопатами мешали массу, поддевали лопатами тягучую смесь, осторожно переворачивали и снова бросали в котел». Как известно в народе мастера домашнее ремесло иногда называют домашней промышленностью, а ремесло на заказ и на рынок - мелкой кустарной промышленностью. Мастера усто Барота готовили сладости для жителей деревни и специально для продажи на рынок.

Мать писателя тоже по утрам готовила халву для своей семьи. Айни сравнивая приготовления пищи, передал этот образ в следующем: «На следующее утро мать варила домашнюю халву; а я помогал ей поддерживать огонь. (После свадьбы - прим. автора). Сначала она поджарила в котле на коровьем ‘масле немного муки, потом взяла чашку тутовой патоки, привезенной из Соктари, и перекипятила ее на огне. Когда патока загустела наподобие похлебки, мать высыпала в нее пережаренную муку и смешала. После этого мука с патокой превратилась в густое тесто. Посыпав поднос мукой, мать выложила на него тесто и разровняла его. Когда халва остыла и затвердела, мать посыпала мукой и сложила в коробочку» [3, с.27]. По словам старшего брата, она готовила не халву, а сухую лепешку, он утвердил, что настоящая должна быть масляной. Сухая лепешка считалась основной едой на завтрак.

Мать писателя была бережливой и внимательной женщиной, всегда она думала о семье. Перед свадьбой, когда они готовились на торжество, мать сохранила немного риса, чтобы после свадьбы накормить семью. Мать отсыпала мешок риса и спрятала его в сундук, чтобы взять, когда придется туго. По рассказу видно, что после свадьбы его отец стал задолжником, дома почти ничего не осталось для еды. Услышав ответ матери о сохранившем рисе и заботливости матери, он сказал, что «сберегая у очага, можно стать купцом в Индии!» [3, с.27].

Отец и дед Садриддина были мастерами, грамотными, дед хорошо знал ткацкое и плотницкое ремесла и особенно славился как хороший плотник [1, с.14]. В деревне Махаллаи-Боло обрушилась мечеть, жители деревни стали разыскивать плотника и по чьему-то совету пригласили дедушку Сайид-Умар-ходжу. Дедушка очень красиво отделал мечеть и на одном из столбов вырезал надпись: «работа Сайид-Умар-ходжи соктаринского». Кроме того, вблизи этой деревни, в селениях Болои-Руд, Сарвари, Табариён находилось несколько мельниц, но не имелось мастеров, вытачивающих мельничные колеса. Отец летом жил с Зеварой в Соктари, работал на огороде и в поле, собирал фрукты в саду, а зимой отправлялся к отцу в Махаллаи-Боло, где занимался тесанием мельничных колес и ткачеством. Ткал отец лишь для того, чтобы кормить детей и родителей, то есть снабдить семью одеждой и постелью, а мельничные колеса готовил на заказ и на продажу. Из сказанного можно угадать, что отец и дед писателя старались научить детей своим ремеслам. По словам героя рассказа «лишь тот из учеников хорош, кто сам что-нибудь изобретает и дополняет своим умением мастерство учителя» [1, с.65].

В рассказе «Дядя - мастер» Усто-ходжа старательно полировал крепкие доски из карагача, где отражались все окружающие предметы. Вырезанные узоры мастера казались такими тонкими, изящными и красивыми, будто искусный художник нарисовал их кисточкой на бумаге. Он по характеру был веселым, открытым и общительным человеком и очень обожал шутить с гостями. Маленький Садриддин часто навещал мастера. Глядя на узоры Усто-Ходжи, он интересовался его работой и спрашивал, откуда у него такие способности. «Все наши родственники издавна

плотничали или занимались столярным ремеслом. Разве ты не видишь: отец и дядя у тебя мастера, двоюродный дядя тоже был мастером, славились своим мастерством дед и прадеды наши. Но никто, ни у кого не брал уроков, учились друг от друга, а потом по способностям одни становились очень искусными мастерами, другие менее искусными. Я тоже научился плотничать, глядя на своего отца и деда, а дальше уже до всего додумался сам» - ответил Усто –Ходжа[4, с.27].

Немецкий педагог Адольф Дистервег настаивал, чтобы высшая цель воспитания была самостоятельность в служении истины, красоте и добре. Развитие в детях самодеятельности приобретает положительное значение:

«Учи ученика работать, заставь его полюбить работу, чтобы она стала его второй натурой, приучи его к тому, чтобы он самостоятельно думал, искал, проявлял себя, развивая свои дремлющие силы, вырабатывая из себя стойкого человека» [6.].

Истоки, которые берутся с незапамятных времен, народные ремесла и промыслы чрезвычайно сегодня популярны, ведь это не просто история, а опыт сотен людей. Народное творчество- ремесло согрето теплом рук настоящего мастера и пропитано его душевными порывами, потому что только настоящее вдохновение может подарить человеку незабываемую фантазию и полет авторской мысли.

ЛИТЕРАТУРА

1. Айни С. «Воспоминания». М.-Л.1960.
2. Айни С. Моя краткая автобиография. - Сталинабад: ТГИ, 1968. - 128 с.
3. Айни С. В деревне. Ч.1. Душанбе: Адиб, 1990. - 362 с.
4. Айни С. Рассказ «Дядя - мастер». Душанбе: Адиб, 1990. - 362 с.
5. Брагинский И.С. Проблемы творчества Садриддина Айни.-Душанбе:Ирфон,-1974.-173с.
6. Дистервег А. «Педагогические идеи». М. 1958.

НАРОДНЫЕ РЕМЕСЛА В «ВОСПОМИНАНИЯ» САДРИДДИНА АЙНИ

Народные промысли, считается формой народного творчества, в которой отчетливо прослеживаются национальные традиционные нравы, зародившиеся много веков назад. Изделия национальных промыслов сочетают в себе неповторимость таджикской традиционной культуры. Произведения классиков является источником раскрытия нравственной красоты человеческих качеств личности, таких как гуманизм, мужество, честность, трудолюбия и чувство дружбы, то есть показ неповторимой красоты человеческой жизни.

Айни в «Воспоминаниях» подробно описал народное ремесло, творчество ремесленников, изготавливающее халву, выращивания сельскохозяйственных продуктов, резьбу из дерева и т.д. С. Айни в рассказе «Мастерская по изготовлению халвы» подробно описана мастерская усто Барота, который с несколькими работниками готовил халва.

Мать писателя была бережливой и внимательной женщиной, всегда она думала о семье. Отец и дед Садриддина были мастерами, грамотными, дед хорошо знал ткацкое и плотницкое ремесла и особенно славился как хороший плотник Отец и дед Садриддина были мастерами, грамотными, дед хорошо знал ткацкое и плотницкое ремесла и особенно славился как хороший плотник.

В рассказе «Дядя - мастер» Усто-ходжа старательно полировал карагачевые доски, где отражались все окружающие предметы. Вырезанные им узоры казались такими тонкими, изящными и красивыми, словно искусный художник нарисовал их кисточкой на бумаге. Все родственники издавна плотничали или занимались столярным ремеслом.

Как известно творчество и мастерство таджикского народа, благодаря талантам местных мастеров, прославило их по всей республики и далеко за ее пределами.

Ключевые слова: *ремесло, покупка, узор, мастер, халва, отец, деревня, писатель, литература, рассказ.*

FOLK CRAFTS IN «MEMOIRS»BY SADRIDDIN AINI

Folk crafts are considered a form of folk art, which clearly traces the national traditional customs that originated many centuries ago. National Handicrafts combine the uniqueness of Tajik traditional culture. The works of the classics are a source of revealing the moral beauty of human personality traits, such as humanism, courage, honesty, hard work and a sense of friendship, that is, showing the unique beauty of human life.

Aini in « Memoirs «described in detail the folk craft, the creativity of artisans who make halva, the cultivation of agricultural products, wood carving, etc. S. Aini in the story» halva making Workshop « describes in detail the workshop of UstoBarot, who prepared halva with several employees.

The writer's mother was a thrifty and attentive woman, always thinking about her family. Sadriddin's father and grandfather were masters, literate, grandfather knew weaving and carpentry well and was

especially famous as a good carpenter Sadriddin's Father and grandfather were masters, literate, grandfather knew weaving and carpentry well and was especially famous as a good carpenter.

In the story «Uncle - master», Usto-Khoja carefully polished the elm tree boards, where all the surrounding objects were reflected. The patterns he had carved seemed so fine, elegant, and beautiful, as if a skilled artist had drawn them with a brush on paper. All relatives have long been carpenters or engaged in carpentry.

As you know, the creativity and skill of the Tajik people, thanks to the talents of local masters, made them famous throughout the Republic and far beyond its borders.

Keywords: *craft, purchase, pattern, master, halva, father, village, writer, literature, story.*

Сведение об авторе:

Рустамова Гуландом Рустамовна *– доктор филологических наук, дотцент кафедры таджикского языка и литературы факультета дашкольного и начального обучения Таджикского государственного педагогического университета им С. Айни Тел: (+992) 907913677 E-mail: rustamova-71@mail.ru*

About the author:

Rustamova Gulandom Rustamovna *- doctor of philology science, associate professor of the department of tajik language and literature of the faculty of Preschool and Primaru education. Tel.: 907913677. E-mail: rustamova-71@mail.ru*

ИНЪИКОСИ АНГЕЗАҲОИ ТАНОТОЛОГӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Абдулназаров А.А.

Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандаров

Ангезаҳои танатологӣ дар осори аксари нависандагони адабиёти замони шуравӣ зиёд мушоҳида мегардад. Сотим Улугзода, ки яке адибони барҷастаи адабиёти тоҷик мебошад, ки аз истифодаи ангезаҳои танатологӣ зиёд бархурдор будааст. Дар мақолаи таълифгардида мавҷудияти мотивҳои танатологӣ дар чанд асари Сотим Улуғзода дида баромада шудааст.

Ҳангоме ки аз мавзӯи садоқату вафодорӣ ва муомилаву рафтор сухан кунем, набояд аз ҳикояи Сотим Улуғзода «Марги Ҳофиз» (дар мавзӯи рӯйдодҳои таърихӣ) фаромӯш созем. Бояд қайд кард, ки ҳикоя ба воқеаҳои реалӣ асос ёфтааст. Мӯҳтавои асосии ҳикоя бо рӯйдодҳои солҳои 1857-59 дар Ҳиндустон, давраи исёни сипайҳо алайҳи англисҳо алоқаманд аст.

Ҳикоя ҳаҷман хурд буда, ҳамагӣ якчанд саҳифаро дарбар мегирад. Ва дар он қаҳрамонҳо он қадар зиёд тасвир наёфтаанд, аммо он пур аз далелу номҳои шахсиятҳои таърихӣ буда, дар он ҳар як персонаж ба холатҳое ворид шудааст, ки аз рӯи тасвири бадеии ба ӯ хос аст ва ҳар яки онҳо барои ошкор кардани чизи муҳиме дар симои каҳрамони асосӣ кӯмак мекунанд, гарчанде ки нависанда дар бораи хислати ӯ маълумоти муфассалеро намедиҳад.

Аз ҷиҳати мансубият ба жанроҳи адабӣ, ҳикояи мазкур бештар ба масал шабоҳат дорад. Ба сифати прототипҳои қаҳрамонҳои ҳикоя шахсони воқеӣ хизмат кардаанд. Дар баробари қаҳрамонҳои асосӣ, бисёр персанажҳои начандон дурахшони ҳикоя низ тавсиф карда шудаанд. Улуғзода чунон моҳирона ва пуробуранг табиати Ҳиндустонро ба қалам додааст (Шондип як қад парид, ранги чеҳраи гандумгунаш парида шуд, дасту пояш якбора беқувват гаштанд», «Аммо дар ин лаҳза Шивочи парида ба пойҳои ӯ нишаст» ки хонанда бо як фикру хаёли сабук ба ин ҷаҳони афсонавӣ ворид мешавад.

Бо услуби бадеии ба худ хос муаллиф тасвирҳоро бо услуби шеърии худ мувофиқ карда, онҳоро беназир ва ҷолиб баррасӣ менамояд. Дар ҳикоя ҳодисаҳои воқеӣ бо рӯйдодҳои тахайюлӣ чунон омезиш ёфтаанд, ки ҳудуди ночизи фарққунанда байни онҳо тамоман аз байн бурда мешавад-ин як хусусияти хоси нависанда, нобиға Улуғзода мебошад, ки ба тамоми эҷодиёти ӯ хос мебошад.

Воқеае, ки дар ҳикоя «дар шакли фишурда» тасвир шудааст, дар доираи як рӯз рух додааст, гарчанде ки сухан дар бораи ҳодисаи тӯлонӣ меравад. Саволе ба миён меояд, ки нависанда бо ин ҳикояи хурд чӣ гуфтан мехост: тасвири ҳодисаҳои таърихӣ-исёни сипаҳо дар Ҳиндустон? Тасвири симои қаҳрамон, пешво дар шахсияти Нанӣ Соҳиб? Не.

Авҷи достон мисли мавҷҳо ҷараён мегирад, то боло меравад то поён мефурояд, боз боло мегардад ва ба авҷи ниҳоии тасвир мерасад, вақте ки пешво, роҳбар хилофи принсипҳои худ қарор қабул мекунад, бо ин рафтораш ҳамаро дар ҳайрат мегузорад. Аммо ин қарори авф ҳамчун ҳукми қатл садо дод. Ҳаяҷон, фишор, беихтиёрӣ дар ҳалли ҳамаи он ходисаҳое, ки рух медиҳанд, ба таври дақиқ норозигии ботинии Нанӣ Соҳибро инъикос мекунад, ӯ медонист, ки бахшидани хоинро ҳақ надорад, вагарна ин исён аз баҳри чӣ? баҳри қурбон шудан, баҳри талаф гаштан, ин қадар марг аз баҳри озодӣ, баҳрӣ истиқлолият… ҳама чиз аз даст шуд.

Вале ин авф ҳамчун эътимод, эҳтиром ба меҳри падарона нисбат ба шахсе, ки ӯро ҳурмат мекард, ҳамчун пешво, ватандӯсту ватанпарвар мешинохт – Шивоҷи, садо медод. Нана Соҳиб хуб медонист, ки Шивдоҷи бехабар зарба гирифта буд. Ва ин зарба ба ӯ аз фарзанди хеш расида буд. Барои чунин шахси принсипнок, соҳибмартаба ба монанди Шивдоҷи, рафтори фарзандаш баробари маргу қатл буд. Нана Соҳиб бо қарори худ ба падар имкон дод, ки тақдири фарзанди хоинашро худаш ҳал кунад, то ки дар оянда касе ӯро гунаҳкор накунад, ки айби писари хоинашро пӯшонида гирифт.

Тамоми фоҷиаи падари содиқу вафодорро Сотим Улуғзода бо гузоштани як савол аз ҷониби Нана Соҳиб тасвир мекунад: «Яке аз онҳо?-…». Ва бо ин қарор қабул шуд. Бори аввал, маҳз дар ин ҳикоя Сотим Улуғзода тавонист аз баҳри принсипҳояш гузашта, таърих, фаъолияти таърихии шахсиятҳоеро замина созад, ки дар он ҳолати равонии шахс, яъне дард, ба қалам дода шудааст» [6, с.75].

Ҳангоме ки Нана Соҳиб Шондибро бахшид, як ҳолати кӯтоҳи хомӯшие мушоҳида гашт, ки он бо тасвири дақиқи табиати оташин ва тезу тунди Шивдоҷӣ ба вуҷуд омада буд, ӯ танҳо ба наздикӣ бо як «ҳаяҷон» ва «эҳсосоти шадид ва пурҷӯшу хурӯше дар дил» халқи худро барои ба даст овардани истиқлолият ва муборизa бар зидди қувваи бадӣ даъват мекард: «Ҳофиз иқтидору тавоноии Ҳиндустон ва ҷасорату далерии фарзандони ӯро ситоиш мекунад» ва ҳеҷ ҷиз наметавонист монеаи муборизаи овозхон гардад, ҳатто ғуссаи бузурге, ки ногаҳон вуҷуди ӯро фаро гирад. Даъвати Шивдоҷӣ: «пӯсида гаштанд, занҷирҳои юғи садсола канда шуданд!» - Шивоҷи месарояд. - Зиндониён китфҳои худро рост карданд.

Хитоби «Зинда бод Сварач – зинда бод озодӣ!» ҳамчун рафтани Улуғзода аз воқеият, ҳаёти реалӣ ва муроҷиат ба таърих садо дод, ки маънои танқид ва таҷдиди назар кардани аз воқеият, инкори ахлоқ ва зебопарастии сохти давлатдорӣ, маънавиёти азалӣ, ки дар фаъолияти эҷодиёти ӯ тасвир шуданд, буд

Фоҷиаи қаҳрамони марказии ҳикояи «Марги ҳофиз» ба зиндагии худи муаллиф шабоҳат дорад, ки ӯ ҳақиқатан прототипи Шиводчӣ (19 феврали 1630 - 3 апрели 1680) - қаҳрамони миллии Ҳиндустон ҳисобида мешавад, ки пас аз садсолаҳои ҳукмронии мусалмонон тавонист дар ғарби Деккан бар зидди ҳокимони мусалмон исён бардорад ва то соли 1674 дар қаламрави давлати Махараштра ва заминҳои ҳамсоя давлати худ таъсис дод. Соли 1674 ӯ дар Раигада ба ҳайси императори маратҳо интихоб шуд, аммо солҳои охири ҳаёти ӯ бо зиддият ва муноқиша бо писараш мегузаранд.

Мавзӯи асосии ҳикоя ин вафодорӣ ва садоқат мебошад, ки бари он падар омодааст, аз баҳри фарзандаш гузарад.

Муносибат ба марг дар ин ҳикоя хеле олӣ ва муҳим тасвир шудааст, ки ягона роҳи халосӣ аз гуноҳ аст.

Дар суханони Шивоҷӣ: «Ман ҳақ дорам, ки чизеро, ки ман додам, гирам» ҳаяҷону изтироб, дарду алами падарона ҳис карда мешавад, ки ниҳоят беҳрамона садо медиҳанд: «куштани писар - гуноҳ, куштани хоин ин кори савоб ва муқаддас аст!» Ҳамин тариқ, ҳикояи мазкур «мавзӯи асосӣ-муносибатҳои ҷаҳонӣ» **[6, 76]** -ро дар муносибати он ба марг нишон медиҳад.

«Мативҳои танатологӣ дар осори Улуғзод зиёд дучор мешаванд, ки аз ҷиҳати семантика бойанд» ва дар романи «Фирдавсӣ» низ ба дараҷа тасвир ёфтаанд, ки дар он муаллиф лаҳзаи мағлубияти Фирдавсиро нишон медиҳад. Бояд қайд кард, ки «Улуғзода ба лаҳзаи марг чандон аҳамият намедиҳад, дар асарҳои ӯ мо таҳлили табии маргро мушоҳида намекунем. Нависанда асосан ба сабабҳо ва ҳодисаҳое, ки боиси марг гаштаанд, диққат зоҳир мекунад. Дар роман марги Фирдавсӣ ин ҷудо шудани рӯҳ аз ҷисми мурда аст.

Аммо мағлубият ва шикасти дигаре низ вуҷуд дорад, ки аз марги хеш ҳам қавитар аст, ин марги фарзанд, марги ҳамсар аст. Марги рӯҳонӣ дар тақдири шоир Фирдавсӣ, ба гуфтаи Улуғзода, ин буд, ки худи ӯ «Китоби подшоҳон» -ро ба ғулом - Султон Маҳмуд пешкаш кард, аммо он на аз тарафи ғулом пазируфта шуд, на аз тарафи шоҳ. Ин марги рӯҳонӣ буд, ки ин масъала натанҳо тасвири авҷи ниҳоии роман, балки тамоми фоҷиаи эҷодии шоир буд, ки тамоми умри хешро сарфи он кард, орзуҳояш барбод рафтанд, худи Фирдавсӣ менигорад: «Наъфе нест зи тоҷ бар сари беҳунар: // Ғуломӣ дар вуҷуди ӯ намирад, гарчи се бор подшоҳ гардад.» [6, с.81].

Давраи пас аз ҷанг, ҳангоме ки халқ аз солҳои тӯлонии он аллакай хаста шуда буд, зинда ва рӯҳбаланд кардани он муҳим буд. Баъд аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ мавзӯи асосие, ки нависандагон бештари асарҳои худро ба он бахшида буданд, ин тасвири ҷанг буд. Асарҳои бадеӣ барои ҷавонон лаҳзаҳоеро аз ҳаёти фронт, корнамоӣ, далериву шуҷоати қушунҳои советиро баҳри ояндаи халқу миллати хеш ташвиқу тарғиб менамуданд.

Ҳангоми тасвири образҳо нависандагон вожаҳо ва методу усулҳоеро мавриди истифода қарор медоданд, ки онҳо метавонистанд, боиси бедор гаштани ифтихору ғурур дар хонанда гарданд. Бештари мавридҳо қаҳрамонҳои асарҳои бадеиро кӯдакон, заноне, ки новобаста аз ягон чиз ба қаҳрамонӣ тайёр буданд, ташкил медоданд. Мавзӯи марг одамонро дигар ба тарсу ваҳм наандохт, аксар вақт қаҳрамони асари бадеӣ бояд баҳри ба даст овардани ғалаба ҳалок мегашт, ё ин ки саломатӣ ва хушбахтии хешро баҳри ғолибият фидо месохтанд.

Марг дар ин асарҳо як падидаи зебову дилкаш, марғуб ва олӣ буд. Мавзӯи асосии асарҳои дар ин давра эҷодшуда ин тарғиби Ватану ватандӯстӣ ва кинаву адоват нисбат ба душман буд. Асарҳое, ки дар онҳо тасвири муҳаббат ба ватан ҷой надошт, асарҳои зиддиахлоқӣ (беқимат, пастсифат) маҳсуб мешуданд, зеро дар чунин давраи ниҳоят мушкил ҷавонон бояд қаҳрамонҳои худро медонистанд. Адабиёти тоҷик ҳеҷ гоҳ ба монанди солҳои пас аз ҷанг ба халқ наздик набуд. Дар асл он адабиёте гашт, ки доираи як мавзӯъ – мавзӯи ҷанг ва Ватан сароида мешуд.

Повести Сотим Улуғзода «Бозгашт» намунаи барҷастаи тасвири ҳамаҷонибаи ҳодисаву воқеаҳои ҷангӣ мебошад. Сарфи назар аз он, ки ин повест бо камбудиҳои назаррас, аз қабили «лакировка»-и рӯйдодҳои тасвиршуда, психологияи заиф, иллюстратсия (расмҳо, тасвирҳои кашидашуда), зиддияти ошкорои қаҳрамонҳои мусбат ва манфӣ, таъини «романтиккунии (хаёлпарастии)» ҷанг мушоҳида мегарданд, ин асарҳо саҳми худро дар ташаккули насри ҳарбӣ гузоштаанд. Ба ҳар ҳол повест асарест, ки дар он муҳаббат ва садоқат ба Ватан, масъулияти шахсӣ аз ҳама гуна хушбахтии инсонӣ болотар буда, шахс ба марги рӯҳонӣ аз баҳри ин ҳиссиётҳои волои инсонӣ тайёр аст.

Манзараи асосии повест ин ҷанг мебошад, ҷанге, ки иҷборан ҳазорҳо одамонро аз ҳаёт маҳрум месохт, ҷанге, ки одамони советӣ ба он бо хоҳиши худ рафтанд ва бояд аз он ҷо ё ҳамчун қаҳрамон баргарданд, ё ин ки дар он шаҳид шаванд. Аз ҳама воҳиманок ин бе ному нишон гаштани онҳо буд, ки он вақт хешу пайвандонаш солҳо дар фикру хаёли он ҳаёт ба сар мебурданд ва онҳо баҳри ҳимояи марзу бум ҷонашонро нисор карданд. Мавзӯи Ватан, ҳимояи марзу буми он метавонист ангезаи асосии асар маҳсуб шавад, агар он ҷиҳати психикие, ки бо як зебогӣ тасвирёфтаи нависанда намебуд.

Албатта дар эҷодиёт анъанаи адабиёти рус ҳис карда мешавад, вале чи хел мумкин бошад асари наверо эҷод кардан, бе такя ба он беҳтарин чизҳое, ки аҷдодонамон ба даст оварда буданд.

Дар повест ҷиҳати психикӣ (равонӣ) дар муносибати одамон ба дараҷаи баланд тасвир ёфтааст. Қаҳрамони асосӣ – занест, ки баҳри шавҳари маъюбаш шуда, хушбахтии хешро қурбон мекунад. Дар солҳои баъдиҷангӣ чунин амали шахс ҳамчун қаҳрамонӣ, вафодорӣ фаҳмида мешуд, аммо дар асл, ин як садама, таксире буд, ки онро ҳеҷ кас маҳкум намекард, балки аз он ифтихор мекарданд. Зиндагии шахси дигар - Ориф Каримов, ки дар канор монда буд, дар он лаҳза на раҳму на шавқатро ба бор овард. Хонандаи ин давра аз ҳаёти шикастани Ориф таассуф надошт, зеро зери шубҳа гузоштани рафтори одамоне, ки ҳаёти хешро баҳри ҳимояи Ватан қурбон мекарданд, мумкин набуд.

Мавзӯи ҷанг дар эҷодиёти нависандагони давраи баъдиҷангии тоҷик тасвири марказӣ буд, аммо аз он мавзӯҳои бозгашт, муҳаббати бузург, ки дар ҳамаи давру замонҳо ба марг маҳкум буд ва марг ин оғози ҳаёти нав ҳисоб меёфт, пайгирӣ мекарданд.

Симои Зайнаб, амалҳои ӯ муносибати ҷомеаро ба ҳаёт ва марг нишон дода, манзараи умумии ҳаёти ҷомеаи баъдиҷангиро инъикос мекунанд. Дар асар мо муносибати тамоман дигареро ба ҷанг мушоҳида мекунем, ки дар заминаи рӯйдодҳои сиёсӣ марг яке хусусияти асосии тафаккури шуури одамон мегардад.

Халқ муносибати худро ба ҳаёт ва марг дигар карданд, ки дар адабиёт ин бештар эҳсос карда шуд. Маҳз адабиёт рӯҳияи замон ва таҳаввулоти маргро инъикос мекард. Ҷӯрабеки маҷрӯҳшуда, Зайнаби аз ғаму андӯҳ ба додомада ба қаҳрамонони Ҷалол Икромӣ монанд набуданд, ки дар он занон то ҳол комилан соҳибҳуқуқ набуданд. Дар романи «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» бошад занон нав зинда шуданд, шуури онҳо бедор шуд, онҳо тайёр буданд баҳри хушбахтии хеш ҷонашро фидо кунанд. Вале оҳиста-оҳиста дарк мекарданд, ки марг ин роҳи наҷот нест ва бечуну чаро онро қабул кардан нашояд.

Рӯйдодҳои инқилоби солҳои 1917 дар таҳаввулоти маънавии оммаи халқ нақши катализаторӣ бозидаанд, он оғози давраи нав, одамони нав ва вазифаҳои нав, ки дар он фаъолият, иродаи қавӣ, фидокорӣ ва қаҳрамонӣ мавзӯи асосии адабиёти баъдина буд.

Дар романи Сотим Улуғзода «Бозгашт» - персонаж худ соҳиби ҳаёташ буда, дар интихоб озод буд, маҳз ӯ муайян мекард, ки чӣ гуна ба хушбахтии худ муносибат кунад, ё онро баҳри садоқат ва шаъну шараф қурбонӣ кунад, ё ин ки оҳиста-оҳиста аз тарк кардани шавҳари маъюбаш бимирад.

Дар асл мавзӯъҳои асарҳои давраи пас аз ҷангро асосан мавзӯҳои беморӣ, девонагӣ, хастагӣ ва марг ташкил медоданд. Аммо наметавонем гуфт, ки муносибат ба ҳаёт ва марг якнавохт буд. Дар повести «Бозгашт» ҳолати қаҳрамонзане пас аз бозгашти шавҳараш, ки қаблан ӯро дафн карда буд, тасвир шудааст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки (сабаб) ангезаи марг асоси сужети асарро ташкил медиҳад. Яъне мавзӯи марг аз оғози повест шурӯъ шуда, тадричан дар шаклу намунаҳои гуногун аз ҷумла: дилсӯзӣ, фикру андеша, беморӣ, яъсу ноумедӣ, саъю кӯшиш ва амсоли инҳо мушоҳида мешавад.

Ҳамаи ин асарҳо бешубҳа гуногунанд, аммо умумият, монандӣ ҳам доранд - дар ҳар яки онҳо мавзӯи марг вазифаи ба худ хосе дорад, ки ин лаҳзаи кӯтоҳе байни ҳаёт ва марг мебошад. Рӯйдодҳои воқеии таърихӣ, ки бо вазъиятҳои мураккаби равонӣ ва эҳсосӣ, таҷрибаҳо, дилеммаҳои ахлоқӣ-эстетикӣ пур шудаанд, ба мо имкон медиҳанд, ки муносибати одамонро ба ҳаёт бифаҳмем, арзишҳои навро пайгирӣ кунем ва ҳолати инкишофи онҳоро дар қабули қарорҳо назорат барем. Дар сужаи асарҳои мазкур лаҳзаҳои тезу тунде ба қалам дода шудаанд, ки дар онҳо ҳаёти одамон, ҳиссиёту ҳаяҷон ва ташвиши онҳо муносибати онҳоро нисбат ба марг ва зиндагӣ муайян мекунанд.

АДБИЁТ

1. Абдуманнон, Абдурахмон. Ламҳае ба роҳи рӯзгор / Абдураҳмон Абдуманнон. − Душанбе, 2007.- 178 с.
2. Бакоева, С.А. Концепция историзма в творчестве Сотима Улугзода: дисс…канд. филолог. наук / С. А. Бакоева. − Душанбе, 2011. — 156 с.
3. Бердяев, Н.А. О назначении человека / Н. А. Бердяев. − М.: Республика, 1998. — 384 с.
4. Брагинский, И.С. Из истории таджикской и персидской литератур / И.С. Брагинский. − М.: Наука,1972. — 524 с.
5. Мусулмониён, Рахим. Сабаки романи миллӣ. (Уроки национального романа) / Рахим Мусулмониён // «Садои Шарқ». − 1991. − № 3. — с. 128-137.
6. Мурувватиён Дж. Становление филологического романа в таджикской литературе XX века (на примере романа «Фирдоуси» С. Улугзода). - Душанбе: ЭР-граф, 2018. – 148 с.
7. Набиев, А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон: маҷмӯаи мақолаҳо / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон,1987. — 160 с.
8. Улуг-зода, Сатым. Фирдоуси. [Перевод с таджикского языка Хуршеды Даврондухт] / Сатым Улуг-зода. – М.: Советский писатель. – 1992. — 240 с.
9. Улугзода, Сотим. Согдийская легенда / Сотим Улугзода. - М.: Художественная литература, 1987. — 569 с.
10. Улугзода С. Мунтахабот. - Душанбе: Ирфон, 1982. - 446с.
11. Чориев Али. Драматургия Сотима Улуг-заде. Автореф. дисс. на соиск. уч. ст. канд.филол.наук . – Душанбе.- 2000. - 25 с.
12. Шукуров М. Сотим Улугзода. Сталинобод: Нашрдавточ, 1961. -73 с.

ТАНАТОЛОГИЧЕСКОЕ МОТИВЫ В РАБОТАХ СОТИМ УЛУГЗОДА

Значение смерти в произведениях писателей послевоенного периода было самым оригинальным в таджикской литературе, но наряду с темой возвращения - великая любовь, которая всегда была обречена на смерть, где смерть была началом новой жизни. В этой статье рассматриваются примеры танатологические мотивы и возможности их изображения в нескольких произведениях Сотима Улугзода.

Ключевые слова: *таджикская литература, тема смерти, художественная литература, русская литература, символ смерти, таджикские писатели 20 века, национальная литература, танатология, Сотим Улугзаде.*

TANATOLOGICAL MOTIVES IN CREATIVITY OF SOTIM ULUQZODA

The theme of death in the works of writers of the post-war period in Tajik literature was the main one, but it was accompanied by the theme of return, great love, doomed to death at all times, where death was the beginning of a new life. This article discusses artistic examples of a thanatological motive, analyzes the possibilities of their depiction in in several works by Sotim Ulugzod.

Key words: *Tajik literature, the theme of death, fiction, Russian literature, the symbol of death, Tajik writers of the 20th century, national literature, thanatology, Sotim Ulugzade.*

Сведения об авторе:

Абдулназаров Абдулназар Абдулкодирович *– кандидат филологических наук, старший научный сотрудник Института гуманитарных наук имени академика Б.Искандарова АН РТ.* ***Адрес:*** *736001, Таджикистан, г. Хорог, улица Холдорова, 2. E-mail: abdulnazar9416@gmail.com. Тел.: (+99237) 93 406 08 04.*

About the author:

Abdulnazarov Abdulnazar Abdulkodirovich *- candidate of philological sciences, senior researcher at the Institute of Humanities named after academician B. Iskandarov of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: 736001, Tajikistan, Khorog, Koldorova street, 2. E-mail: abdulnazar9416@gmail.com. Phone: (+992 37) 934060804.*

ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМ РУССКО-ТАДЖИКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ (на примере творчества Роберта Рождественского и таджикская литература)

Ашуров А.Дж.

Кулябский государственный педагогический университет им. А. Рудаки

Валиев Н.У.

Таджикский государственный педагогический университет им. С. Айни

Важный фактор общественной формы является взаимодействия народов и культур . Изучение проблем взаимосвязей литератур остается одним из актуальных в современном литературоведении, как в историко-литературном, так и в теоретическом аспекте. При рассмотрении таджикско-русских литературных взаимосвязей большое значение имеет изучение вполне конкретных литературных контактов, в частности, не только переводы-переложения, точные переводы, подражания, но и критические или историко-литературные суждения одного народа о литературе или отдельных писателях другого народа, преломление явлений.

В России встречаются различные поэты, которые имеют огромные количество писателей и поэтов мирового масштаба. К этим поэтам и писателям, классикам мирового масштаба являются А.С.Пушкин, М.Ю.Лермонтов, Н.В.Гоголь, И.С.Тургенев, И.А. Крылов, Н.А.Некрасов, Л.Н.Толстой, А.П.Чехов, А.М.Горький и другие.

Различные проблемы современной жизни, которые встречаются в творчестве русского поэта, которые являются нравственное воспитание молодого поколения, любовь к Родине и другие проблемы встречаются в творчестве русского поэта XX века Роберта Рождественского.

Особое место занимает богатый материал, который представлен в XX веке в творчестве поэтов и писателей. Первых переводов русской литературы на таджикский язык появились в начале XX века. Еще в 1911 году один из основателей новой таджикской школы Абдулкодир Шакурии Самарканди под названием «Чомеъ-ул-ҳикоёт» создал книгу, где кроме воспитательные рассказы из классической таджикской литературы, он опубликовал несколько .

В настоящее время исследование таджикско-русских литературных связей значительно возрос по отношению к ранним проблемам литературы. Взаимодействие литературы между Республикой Таджикистан и Российской Федерации, которые развивались в конце XX века.

Алексеев А.Н.писал : «Эзоп не годится для нашего времени. Сейчас несложно придумать сюжет для басни, да и, к слову сказать, нет необходимости придумывать его: берите готовый: главное – уметь рассказать его, уметь использовать его и кто-то сказал: медведь в стихах русского поэта – это русский медведь, курица – это русская курица»[1, с.76.] , – где в этих словах мы встречаем сатирическое отношение к русскому народу. Но в русского поэта встречаются различные животные, которые характеризуют различные черты характера людей. Он высмеивает буржуазное общество, где в образе волки, лисицы львы показывает реальные людей богатых людей.

«Сила стихов Роберта Рождественского – в их реализме - писал русский критик В.Г.Брагин , - какое бы явление, какой бы персонаж ни возьми, он, используя в качестве фона современную ему действительность, раскрывает характерными штрихами их качества и признаки, не отделяя их от социального содержания» [2, с.285].

Этот жанр литературы встречаются и в таджикской литературе в творчестве известного русского поэта , который писал очень много стихов различного характера.

Очень много стихов русского поэта Роберта Рождественского – в 1944 году перевел на таджикский язык и распространил среди таджиков таджикские поэты и переводчики Р.Абдулло, А.Бахори, А. Дехоти, М. Миршакар, Гулназар Келди и другие . Ознакомившись еще в ту пору с

русской классикой, они перевели на таджикский язык очень много произведений из русской литературы.

Нравственные стихи Роберта Рождественского, в частности такие произведения, которые показывают различные проблемы реальной жизни были знакомы в Республике Таджикистан.

Таджикские поэты М.Фархат, А.Умари, Хикмат Рахмат создали произведения о Роберте Рождественского. Так, Л.Хайдаршох в газете «Точикистони Совети (1983, 27 февраля) опубликовал свои стихотворения «Дар назди хайкал», которое посвященное русскому поэту.

Традиция творчества Рождественского можно встречать в творчестве таджикских поэтов, которые писали стихи и показали в своих произведениях различные проблемы реальной жизни.

Он писал: «глубоко современная в обстановке все расширяющихся культурных связей между народами мира, в новых условиях острой идеологической борьбы — проблема изучения взаимосвязей и взаимодействия литератур определилась как одно из важнейших направлений современнойфилологической науки»[2, с.28].

Литературные связи в настоящее время продолжается в творчестве ряда таджикских поэтов, которые пишут различные темы современной жизни. Известный таджикский критик А.Сайфуллоев писал: «появившиеся в таджикском литературоведении специальные работы, посвященные проблеме взаимосвязи литератур, воздействия одной литературы на другую, лишь первые шаги нашего литературоведения. Воздействие русской классической и современной литературы на таджикских писателей, их учеба у русских классиков, процесс творческого освоения опыта русской литературы не нашли пока еще своего конкретного и глубокого освещения» [5, с. 56].

Таджикский поэт и переводчик Мирзо Турсунзаде писал: «С наибольшей страстью и любовью я переводил нравственные стихи Роберта Рождественского . Работа эта духовно обогатил меня и сделал серьезной школой мастерства» [3, с.54].

Следует сказать, что один из таджикских переводчиков сказал, что очень многое он учился в этого поэта.

Хикмат Рахмат отмечал: «Благодаря чтению и изучению стихов Роберта Рождественского , особенно переводу его на таджикский язык наши поэты постигли секреты мастерства русского поэта Рождественского» [4, с.67].

Таджикский поэт и переводчик Р.Абдулло является поэтом лирического направления, который избрал для перевода нравственные стихи Роберта Рождественского. Надо отметить, что на литературное творчество этого поэта повлияло стихи этого поэта.

На самом деле это не совсем так: еще в конце XX века имя Роберта Рождественского было известно в Таджикистане.

Одним из источников сведений о поэте и его творчестве была литература тюркских народностей, в частности узбекская, азербайджанская и татарская. Известно, что переводы произведений Рождественского на татарский язык появились еще во второй половине XIX века. Но в большинстве случаев они представляют собой, своеобразные переделки, приспособленные к новым условиям.

Проблема перевода и взаимосвязи национальных литератур представляет собой сложное и многообразное, системное целое, которое можно исследовать с различных точек зрения.

Следует обратить внимание на специально мировоззренческих аспектах данной проблемы. В контексте взаимосвязи национальных литератур с разнононаправленностью духовных, ценностно-этических и конфессиональных идеалов возникает множество проблем, без решения которых невозможно до конца разобраться в сущности взаимосвязи литератур, глубинных механизмах взаимовлияния и взаимообогащения двух культур.

При анализе два перевода одной стихотворения «Погоня» великого русского поэта XX века Роберта Ивановича Рождественского на таджикский язык. Эту басню перевели известный таджикский поэт Абдусалом Дехоти и соврменный таджикский поэт Хикмат Рахмат. Например, в стихотворения «Погоня « .

Хикмат Рахмат перевел:

Ба рафти
Бисёри оташбори вулқон
Равад овоза
аз дар то биёбон,
Ки «шими танг муди охирин аст».
Ки «шоир ҳам чу мудест
Ба дасти мудбозон».
«Худоё,
Муд эъҷози олоҳист,
Ки ин сон доду ғавғо гашт дамсуз?

Эту стихотворение перевел на таджикский язык известный таджикский поэт Абдусалом Дехоти, который показал различные вопросы реальной жизни в образе животных. В сопоставительном плане эту басню исследовали различные таджикские ученые, где показали воспитательное значение данного произведения великого русского поэта Роберта Ивановича Рождественского , который показал вопросы отношения людей.

Из двух переводов одного стихотворения «Погоня» мы пришли к такому выводу, что молодой поэт Хикмат Рахмат приблизил свой перевод к оринигале стихотворения .

Перевод Хикмата Рахмата:

Ба хаёлам ин масал дур аст

Ба пашмхи одам нигох накун,

Факат думаш мемонад.

Чупон дар соя хоб рафт, нигохро ба сагхо гузошт

Нравственные стихи Роберта Рождественского, в частности такие произведения, как «Радиус действия», «Погоня», «Это большой мир».

Таджикские поэты А.Дехоти, А.Умари, Хикмат Рахмат создали произведения о Роберте Рождественского. Так, Л.Хайдаршох в газете «Точикистони Совети (1983, 27 февраля) опубликовал свои стихотворения «Дар назди хайкал», которое посвященное русскому поэту.

ЛИТЕРАТУРА

1. Алексеев А.Н. Особенности творчества русского поэта.- М.: Наука, 2014.- 243 с.
2. Брагин В.И. Творчество Роберта Рождественского.- М.: Наука, 2007.- 365с
3. Турсунзаде М. Перевод русской литературы на таджикский язык .- Памир.-№4, 2018.- с.67-68
4. Хикмат Рахмат. Характеристика перевода русской литературы.- Памир.-№5.- 2017.- с.55-58.
5. Сайфуллоев А. Дружба народов – дружба литератур.- Душанбе: Ирфон, 1988.- 276 с.

ИЗУЧЕНИЕ ПРОБЛЕМ РУССКО-ТАДЖИКСКИХ ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ (НА ПРИМЕРЕ ТВОРЧЕСТВА РОБЕРТА РОЖДЕСТВЕНСКОГО И ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА)

В этой статье исследуется изучения проблем русско- таджикских литературных связей на примере творчества русского поэта Роберта Рождественского и таджикская литература. Автор статьи на основе обширного материала показывает проблем русско- таджикских литературных связей на примере творчества русского поэта Роберта Рождественского и таджикская литература.

Автор статьи рассматривает важный фактор общественной формы является взаимодействия народов и культур . Изучение проблем взаимосвязей литератур остается одним из актуальных в современном литературоведении, как в историко-литературном, так и в теоретическом аспекте. При рассмотрении таджикско-русских литературных взаимосвязей большое значение имеет изучение вполне конкретных литературных контактов, в частности, не только переводы-переложения, точные переводы, подражания, но и критические или историко-литературные суждения одного народа о литературе или отдельных писателях другого народа, преломление явлений.

***Ключевые слова**: литературные связи, проблем, русский поэт, Роберт Рождественский, перевод.*

PROBLEMS OF RUSSIAN-TAJIK LITERARY RELATIONS (ON THE EXAMPLE OF THE WORK OF ROBERT ROZHDESTVENSKY AND TAJIK LITERATURE)

This article explores the study of the problems of Russian-Tajik literary ties on the example of the work of the Russian poet Robert Rozhdestvensky and Tajik literature. Author of an article based on extensive matter of the problems of Russian-Tajik literary ties on the example of the work of the Russian poet Robert Rozhdestvensky and Tajik literature.

The author of the article examines an important factor of social form is the interaction of peoples and cultures. The study of the problems of interrelationships between literatures remains one of the most relevant in modern literary criticism, both in the historical-literary and theoretical aspects. When considering Tajik-Russian literary relationships, it is of great importance to study quite specific literary contacts, in particular, not only translations-arrangements, accurate translations, imitations, but also critical or historical-literary judgments of one nation about literature or individual writers of another nation, refraction of phenomena .

***Key words:** literary connections, problems, Russian poet, Robert Rozhdestvensky, translation*

Сведение об авторах

***Ашуров Азамат Джумаевич** - Преподаватель кафедры русской и зарубежной литературы Кулябского государственного педагогического университета имени А.Рудаки Тел. (+992) 937087695*

Валиев Нурали Умарович *- Зав. кафедрой русской и мировой литературы Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни Тел. (+992) 909091612.*

About the authors

Ashurov Azamat Dzhumaevich *- Lecturer of the Department of Russian and Foreign Literature of the Kulyab State Pedagogical University named after A. Rudaki Tel. (+992) 93707695*

Valiev Nurali Umarovich *- Head Department of Russian and World Literature of the Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini Tel. (+992) 909091612.*

МАНБАЪҲОИ ДОСТОНИ «ЮСУФ ВА ЗУЛАЙХО»-И АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ

Ширинова Б.

Институти забон ва адабиёт ба номи А. Рудакӣ

Дар давоми асрҳои X-XV дар адабиёти форсии тоҷикӣ достонҳои зиёди ишқӣ, ишқӣ-романтикӣ, фалсафӣ, таърихӣ, паҳлавонӣ, ирфонӣ, маснӯъ, динӣ, мазҳабӣ ва ғайра офарида шудаанд, ки аз осори фолклорӣ, диниву мазҳабӣ ва китоби муқаддаси Қуръон сарчашма гирифтаанд, ки дар ин бора дар боби гузаштаи диссертатсия муфассал андешаронӣ намудаем. Қуръон яке аз сарчашмаҳои файзбахши адабиёти форсии тоҷикӣ аст, ки дар асоси мундаричаи он чандин достонҳо ба назму наср эҷод шудаанд, ки дар адабиёт ҷойгоҳи хос доранд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бо истифода аз мазмунҳои Қуръон чандин ғазалу қасида, қитъа ва рубоиҳо гуфтааст. Ҷомӣ бо истифода аз сӯраи 12-и Қуръон, сӯраи «Юсуф» як достони баландмазмуне офаридааст, ки дар миёни достонҳои «Ҳафт авранг»-и ӯ мисли дурдона назаррабоӣ мекунад ва аз беҳтарин ва дилработарин достонҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ мебошад.

Сюжети гуфтори мардумии яҳуд, ки баъдан ба таркиби бобҳои 37-50-и Таврот гузаштааст, асос ва заминаи достонҳои «Юсуф ва Зулайхо»-ҳо гардидааст, ки дар қатори достонҳо пораҳои алоҳидаи он дар жанрҳои хурди лирикии фолклорӣ ва адабӣ, ба мисли муфрадот, дубайтӣ, рубоӣ, қитъа, сурудҳо ва ғазалу қасидаву тарҷеъбанду таркиббанду соқиномаҳо ба назар мерасад. Ҳамаи он шоироне, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ қиссаи «Юсуф ва Зулайхо»-ро ба тасвир гирифтаанд, аз сюжет ва мазмуни дар китоби муқаддаси «Қуръон» омада истифода кардаанд, аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомӣ. Ҷомӣ мисли шоирони дигар ба Юсуф ва Зулайхо ҳамчун образе, ки ҳамаи ҳодисаҳои қисса бо номи онҳо мечархад ва қаҳрамони асосӣ мебошанд, танҳо аз назари фарогирии масъалаҳои шариати исломӣ сухан гуфтаанд ва аз хати сюжети дар «Қуръон» буда берун нарафтаанд. Абдураҳмони Ҷомӣ дар достони худ бештар масъалаҳои ишқи ирфониро баррасӣ карда, ба образи Юсуф ва Зулайхо бештар таваҷҷуҳ дорад. Дар «Библия» ва «Қуръон» фаслҳои дар орзуи фарзанд будани шоҳи Мағриб – Таймус, таваллуди Зулайхо, хоб дида, ошиқ шудани ӯ ба Юсуф, аз дарди ишқ занҷирбанд гаштани Зулайхо, ишқварзиҳои Зулайхо ва аз ғами ишқу васли Юсуф пир гашта, дар сари роҳи Юсуф хона сохтани Зулайхо, бо дуои Яъқуб ҷавонзани бокира гаштани Зулайхо ва бо Юсуф издивоҷ кардану фарзандҳо дидан ва марги Юсуфу Зулайхо нишон дода нашудааст, ки «зодаи тахайюл ва эҷоди шоирон буда, баҳри рангинтару муассиртар гардидани сюжети достонҳои худ ин қисматҳоро бар мавзӯи асосӣ афзудаанд» [9, с.43].

Аз маводи сарчашмаҳо ва кутуби таърихӣ ба мо маълум аст, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ бори аввал сюжети қиссаи Юсуф ва Зулайхо»-ро шоирони асри X Абулмуайяди Балхӣ ва Бахтиёрӣ ба назм кашидаанд, ки матни ин достонҳо то замони мо нарасидаанд. Ба наср бори аввал сюжети ин қиссаро Абдуллоҳи Ансорӣ бо номи «Анис-ул-муриддин ва шамс-ул-маҷолис» ба тасвир кашидааст, ки: «чун намунаи хуби насри бадеӣ, чун қиссаи романмонанд, аз ҷиҳати мавзӯъ мақоми хос дорад» [5, с.162]. Оид ба ин қиссаи машҳур дар адабиёти форсии тоҷикӣ силсилаи достонҳо офарида шудаанд, ки танҳо аз нигоҳи сюжет монанд мебошанд, вале аз назари ҳунари шоирӣ ва сабки эҷодӣ фарқ мекунанд. Воқеоти таърихӣ ва сюжетҳои фолклорӣ тавассути хомаи шоирон ва нависандагон умри ҷовидонӣ пайдо мекунанд ва ин гуна асарҳои ҷолиб тадричан ҷузъи адабиёт ва фарҳанги умумибашарӣ мегарданд, ки қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» яке аз чунин осори дилангез ва мондагору ҷовидонии адабиёти форсии тоҷикӣ ва олам аст, чунки замина ва реша дар китобҳои муқаддас, аз ҷумла Қуръон дорад.

Мундаричаи асосӣ ва сюжети қиссаи «Юсуф»-ро, ки дар Библия омадааст, метавон ба чаҳор қисмати асосӣ ҷудо кард:

1.Фурӯхта шудани Юсуф – боби 37.

2.Дар Миср будани Юсуф – бобҳои 37 – 41.

3.Юсуф дар Миср хонаводаи худро қабул мекунад – бобҳои 41- 49.

4.Вафоти Юсуф – боби 50.

Достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомӣ дар радифи «Қуръон» аз сарчашмаи масеҳӣ – Таврот низ асосу бунёди сюжети худро гирифтааст ва ин 4 қисмат, ки номбар кардем ва қисматҳои дигар дар ин достон хеле равшан ва ҷолиби диққат тасвир гардидаанд. Ин ҷо шояд ин тезиси мо мавриди баҳси донишмандон қарор гирад, ки чаро Ҷомӣ аз «Таврот» ҳамчун сарчашма истифода кардааст? Ба андешаи мо Ҷомӣ ҳамчун донишманди бузурги асримиёнагӣ аз сарчашмаҳо ва тарҷумаҳои юнонии «Таврот» бояд бохабар бошад, чунки дар мавриде ки ба баҳсҳои ӯ дар боби шеъри юнонӣ, арабӣ ва китоби «Поэтика»-и Арасту шинос мешавем, ба мо ошкор мегардад, ки ӯ аз тарҷумаҳои «Таврот» ба забонҳои арабӣ хабардор будааст. Дар ҳамин бобат профессор Аълохон Афсаҳзод ишорае дорад: «Дар эҷодиёти ӯ эҳтироми бузург ба намояндагони халқҳои гуногуннажод (юнониҳо, яҳудиён, зангиҳо, курдҳо, арабҳо) ва тамаддуни умумибашарӣ, адабиёти Юнони қадим, Эрони бостон, Инҷил, Таврот, осори хаттии арабӣ, ки аз он ба фаровонӣ баҳра бардоштааст, нақши барҷастае дорад» [6, 493]. Аз сабаби он ки Мавлоно Ҷомӣ яке аз пешвоёни тариқати нақшбандия дар замони худ буд, наметавонист ин эҳтироми худро ба китоби Таврот ошкор баён созад, ҳарчанд дар лобалои достони «Юсуф ва Зулайхо» ва осори илмияш ин нукта ба назар мерасад. Абдураҳмони Ҷомӣ дар достони худ аз хати сюжети дар «Таврот» ва ҳатто «Қуръон» омада берун рафта, ба сюжети асосӣ иловаҳои зиёд ворид кардаанд, то достон муассиру арзанда эҷод шавад. Сюжети қиссаро чаҳор қисмате, ки нишон додем, ба пуррагӣ фаро мегиранд ва лаҳзаҳои гуногуни дар қисса омада, як робитае дар таърих ва фарҳанги ҷаҳонӣ доранд ва ҳамин робита ва монандӣ ин қиссаро дар байни мардумони гуногун, новобаста аз миллат ва мазҳаб маҳбуб гардонидааст. Ин ҷо метавон андешаи донишманди озарӣ Аббосалӣ Гулиевро тарафдорӣ кард: «Гарчи достони «Юсуф ва Зулайхо» аввалин бор дар Таврот ба риштаи таҳрир кашида шудааст, вале сабаби мубаддал гаштани он ба мавзӯи мавриди алоқаи халқҳои ҷаҳон иборат аст, аз он саҳнаҳо ва ҳаводисе, ки дар он вуҷуд дорад ва бо зиндагӣ ва сарнавишти инсонҳо, пайвандони хонаводагӣ ва масоили давлатӣ ва ичтимоӣ алоқаманд аст. Агар чунин намебуд, ҳамаи афсонаҳо ва ривоятҳои Таврот монанди қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» шуҳрати ҷаҳонӣ медошт» [1, с.7-8].

Воқеаҳое, ки дар қиссаи Юсуф аз ҷониби ӯ ба сомон расидаанд, ба фолклори асрҳои XV1-V111-и пеш аз мелод ва ба аҳди подшоҳии фиръавнҳои Миср баробаранд, ки ба қиссаҳои бадеӣ табдил ёфта, то рӯзгори мо ба таври афсонаҳои мифологӣ ва устуравӣ расидаанд. Муҳаққиқи тоҷик С.Азорабеков дар бораи ба вуҷудоӣ ва густариши ин қисса дар фарҳанги масеҳӣ чунин гуфтааст: «Пайдоиши ин қисса аслан, аз рӯзгор ва қиссаи мардуми соминажоди Миср аст ва пас аз тақрибан шашсад сол ба китоби ибронии Таврот дохил гардид ва баъд аз ин ҳамчун қиссаи динии яҳудӣ шинохта шуд. Қаҳрамони он Юсуф шахсияти таърихӣ буда, ҳамчун шахси хирадманд ва наҷотбахши халқ ба нақлу қисса ва ривоят табдил ёфтааст» [14, с.27]. Марк Пилоненко, аз муҳаққиқони аврупоӣ чунин андеша дорад, ки: «Достони «Юсуф ва Оснат», ки дар асри яки мелодӣ ба забонҳои лотинӣ, юнонӣ ва суриёнӣ аз ҷониби масеҳиён дар пайравии Таврот нигошта шудааст, илҳомбахши Абдураҳмони Ҷомӣ будааст, ки дар асл қиссаи яҳудист ва кадоме аз нависандагони масеҳӣ онро нигоштааст» [16, с.50].

Достони «Юсуф ва Оснат»-ро, ки Марк Пилоненко номбар кардааст, В.Элбоев тадқиқ намуда, андешаи М.Пилоненкоро рад мекунад, ки: «Вале ин қиссаи «Юсуф ва Оснат», ки муаллиф ном мебарад, ба сюжети «Юсуф ва Зулайхо» ҳаргиз робитае надорад ва исми Оснат, ки дар он ҷо омадааст, номи зани асосии Юсуф аст, ки духтари яке аз коҳинони Миср аст» (9, 40). Ва дар ин бора дар Таврот чунин омадааст: «Ва Фиръавн Юсуфро Софнат – фаънеаҳ номид ва Оснат, духтари Фӯтифаръ, коҳини Ӯнро ба ӯ ба занӣ дод» (8, 77). Ин андешаи Марк Пилоненкоро С.Азорабеков низ дар мавриде ҷонибдор аст, ки: «Аз эҳтимол дур нест, ки Ҷомӣ ҳам дар эҷод намудани асари тасаввуфияш (манзур «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомист, - Б.Ш.) аз ин ҳикояти мистралӣ (ирфонӣ)-и («Юсуф ва Оснат» - Б.Ш.) илҳом гирифта бошад» [14, с.32].

Қиссаи Юсуф дар Таврот чунин ба охир мерасад: «Ва Юсуф ба бародарони худ гуфт: «Ман мемирам ва Худованд шуморо аз ин замин сӯйи замине, ки барои Иброҳим, Исҳоқ ва Яъқуб қасам хӯрдааст, берун хоҳад овард». Ва Юсуф бани Исроилро қасам дода гуфт, ки: «Худо шумо ҳатман тафаққуд хоҳад кард ва он гоҳ устухонҳои маро аз ин ҷо берун хоҳед овард. Ва Юсуф дар синни саду даҳсолагӣ вафот ёфт. Ва ӯро ҳунут карданд ва дар Миср дар тобут гузошта шуд» (8, Ҳастӣ, 92). Хулоса, қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» дар фарҳанги масеҳӣ мавқеъ ва мақоми шоиста дошта, аз тарафи нависандагону шоирони зиёд асарҳои хуб офарида шудаанд ва Абдураҳмони Ҷомӣ низ ин сюжети масеҳиро мавриди истиқболи худ қарор дода, достони хеле боарзиш офаридааст.

Мундариҷаи достони «Юсуф ва Зулайхо»-ро баъд аз Таврот дар Қуръон ба мушоҳида мегирем, ки ин ду китоб манбаи муҳим ва асосии достонҳои дар ин мавзӯъ эҷодшуда дар адабиёти форсии тоҷикӣ мебошанд. Бунёди мавзӯъ дар ҳар ду китоб як аст. Мундариҷаи достон дар Таврот муфассал зикр шудааст, вале дар Қуръон мухтасар ифода ёфтааст.

Ба таркиби китобҳои зиёди таърих, тафсирҳои Қуръон, силсилаи қасас-ул-анбиёҳо ва адабиёти шифоҳиву хаттии бадеии форсии тоҷикӣ қиссаи «Юсуф ва Зулайхо» ворид гардида, зина ба зина ба

як рукни муҳими фарҳанги исломии форсии тоҷикӣ табдил ёфтааст, ки аз Қуръон (сураи 12) маншаъ гирифтааст. Дар илму адаби умумибашарӣ фарҳанги исломӣ назару ҷаҳонбинии тозае овард, ки онро мардуми мамолики гуногун хуб пазируфтанд, чунки ин фарҳанги ғанӣ бар бунёди мустаҳками ахлоқӣ такя дорад, ки сарчашмаи асосии он китоби бузурги Қуръон аст. Абдулҳусайни Зарринкӯб дар рисолаи «Корномаи ислом» оид ба ҳамин масъала чунин таъкид кардааст: «Корномаи ислом як фасли дурахшони таърихи инсонӣ аст, на фақат аз ҷиҳати тавфиқе, ки муслимин дар эҷоди як фарҳанги тозаи ҷаҳонӣ ёфтаанд, балки низ ба сабаби футӯҳоте, ки онҳоро муваффақ кард, ба эҷоди як дунёи тоза барои Шарқ ва Ғарб. Қаламрави Ислом дар воқеъ, на Шарқ буд на Ғарб» (3, 7). Қуръон ҳамчун манбаъ ва қонуни асосии илму иҷтимоъу сиёсату фарҳанги исломӣ буда, дар саросари осори балоғату фасоҳат, таъриху қасас ва ахлоқ таъсиру нуфузи зиёд дорад. Дар Таврот номҳои Одам, Нӯҳ, Иброҳим, Юнус, Юсуф, Марям ва дигаронро дучор меоем, ки дар Қуръон низ омадаанд ва ба аксари ин номҳо дар Қуръон сураҳои алоҳида мавҷуд аст.

Сураи 12-и Қуръон, сураи Юсуф ки аз 111 оят иборат аст, дар Макка нозил шуда аз ҳаёти Юсуфи пайғамбар ҳикоят мекунад. Дар ин сура ҳодисаву воқеаҳои ба сари Юсуф омада, аз ҷумла: азобу кулфате, ки аз бародарони нохалафи худ дидааст, ба чоҳ афкандани бародарон, ҳамчун ғулом фурӯхта шудани ӯ ва дар натиҷаи сабру тоқат аз зиндон халос шудан ва ба мартабаи баланд расидани Юсуф ҳикоят шудааст, ки дар ин бора дар фаслҳои ояндаи диссертатсия андешаронӣ хоҳем кард.

Дар таркиби сураи «Юсуф» 52 маротиба номи Юсуф, 6 маротиба номи падараш Яъқуб, 2 маротиба номи Иброҳим, 2 маротиба номи Исҳоқ, 5 маротиба номи Азиз, (ки аз ин 4 маротиба Азизи Миср (Бутефор) ва 1 маротиба Азизи Миср (Юсуф) дар назар дошта шудааст), омадаанд. Сураи «Юсуф» аз 111 оят иборат аст ва оятҳои 1-3-и Қуръон ба саргузашти Юсуф рабт надоранд ва ояти сеюм баёнгари номи қисса – «аҳсан-ул-қасас» (беҳтарини қиссаҳо) аст, ки ин нукта дар Қуръон чунин омадааст: «Наҳну нақуссу алайка аҳсанулқасаси» (Мо беҳтарин ҳикоётро ба ваҳйи ин Қуръон бар ту мегӯем) [11, с.234].

Аз миқдори умумии оятҳо 101 оят бевосита ба саргузашти Юсуф рабт дорад ва баъд аз он, аз ояти 102 сар карда, сухан дар бораи ҳазрати Муҳаммад ва мусулмониву имону муъминӣ меравад. Ояти 101-и сура бо дуои Юсуф ба даргоҳи Худованд ва раҳмат хостану мусулмон мурдани ӯ ба охир мерасад: «Эй Парвардигори ман! Ба ман подшоҳӣ додӣ ва ба ман таъвили аҳодисро омӯхтӣ. Эй Пайдокунандаи осмонҳову замин, Ту дар дунёву охират корсози ман ҳастӣ, маро мусулмон бимирон ва маро бо накӯкорон бипайванд!» [10, с.247].

Қиссаи саргузашти Юсуф ҳамчун пайғамбар дар Қуръон пай дар пай омадааст ва қиссаи рӯзгори дигар пайғамбарон дар ҳар ҷо ва парешон омадаанд ва ингуна муназзамӣ ва бо як рабти муайян омадани муҳтаво танҳо хоси қиссаи «Юсуф» аст. Ин муназзамии муҳтавои қисса, ки дар Қуръон омадааст, дар достонҳои Абдураҳмони Ҷомӣ бад-ин тарз риоя нашуда, унвони бобҳои достон пасу пеш оварда шудаанд, ки хоси сабки шоир аст. Қиссаҳои Пайғамбарони дагар, ки дар Қуръон омадааст, аз муборизаву муҷодалаи эшон бо мардуми саркаш аст, аммо муҳтавои қиссаи «Юсуф» аз аввал то охир ба зиндагӣ ва орзуву ниятҳои неку ибратбахши ӯ ва аз мушкилоту фоҷиаҳои сахти ба сараш омада ва бо нерӯи хирад ва ақлу заковат паси сар кардани онҳо сухан меравад. Дар робита ба ҳамин нукта дар «Таърихи Табарӣ» чунин омадааст: «Бад-ин қиссаи эшон андар ибратест мар худовандони хирадро, ки кори эшон бад-ин ҷаҳон андар нигаранду ибрат гиранд ва ин ҳадисро ба Қуръон андар қиссае некӯ хонанд ва некӯтарин қисса ин қисса аст» [2, с.164]. Донишманди эронӣ Иқбол Яғмоӣ бо баҳрабардорӣ аз тадқиқоти Муҷтабои Минуӣ низ дар сифати ин қисса чунин гуфтааст: «Дар ин қисса чиҳил ибрат аст, ки маҷмӯи он дар ҳеҷ қиссае бачо нест» [13, с.64]. Ба андешаи Муҳаммади Хазоилӣ, дар китоби «Эъломи Қуръон» қиссаи «Юсуф», аз он ҷиҳат «аҳсан-ул-қисас» аст, ки ба хонанда «асрори муҳаббатро боз менамояд» [12, с.6-669].

Дар тафсири Абӯбакр Атиқи Нишопурӣ «Тафсири Сурободӣ» сабаби «аҳсан-ул-қасас» гуфтани ин қисса ин тавр ифода гардидааст: «Ва ин қиссаро «аҳсан-ул-қасас» хонанд, зеро ки дар ин қисса зикри пайғамбарон ва басомонон аст, зикри фариштагон ва париён ва одамиён ва чаҳорпоён ва мурғон ва сияри подшоҳон ва одоби бандагону аҳволи зиндониён ва фазли олимону нуқси ҷоҳилон ва макру ҳиллати занону шефтагии ошиқону иффати ҷавонмардон, нолаи меҳнатзадагон ва талаввуни аҳволи дӯстон дар фурқату вуслат ва иззу зил ва ғинову фақр ба ошиқу маъшуқ ва ҳуббу буғз ва андуҳу шодӣ ва туҳмату безорӣ ва амириву асирӣ – ин ҳама дар ин қисса ба ҷой ояд. Ва дар ин қисса илми тавҳид ва илми фиқҳ ва илми таъбири хобу илми фаросат ва илми муоширату сиёсат ва тадбири маишат ба ҳам омадаанд [4, с.135].

Дар ду тафсири Қуръон, аз ҷумла «Тафсири Сурободӣ»-и Атиқи Нишопурӣ ва «Асситин-ал-ҷомеъ лил-латоиф-ил-басотин»-и Зайди Тӯсӣ дар бораи вуруди қиссаи «Юсуф» ба Қуръон чунин нуктаҳо омадаанд: «Дар Тафсири Сурободӣ» Абӯбакр Атиқи Нишопурӣ дар қисмати «Қасаси Қуръони маҷид» чунин нуктае овардааст: «Саъд ибни Абиваққос гӯяд: «Қуръон бар пайғамбар алайҳиссалом фурӯ меомад дар Макка ва пайғамбар бар ёрон мехонд, магар маломате ба табъи эшон

роҳ ёфт», гуфтанд: «Чи буд, агар Худои таъоллоҳ сурае фиристад, ки дар он сура амру наҳй набувад ва дар он сура қиссае бувад, ки дилҳои мо бад-он биёсояд. Худой гуфт, азза ва ҷалла: «Наҳну нақуссу илайка аҳсанулқасас». Инак, қиссаи Юсуф туро баргӯям, то ту бар эшон хонӣ» [4, с.134]. Ва дар тафсири «Асситин-ал-ҷомеъ лил-латоиф-ил-басотин» муфассири он аз забони Саъд ибни Ваққос чунин овардааст: «Гуфтанд: - «Чи будӣ, агар моро аз аҳволи пешинагон қисса фиристодӣ, то моро дар мутолиаи рӯзгори эшон ибрате будӣ». Ҷабраил омад ва оят овард: «Наҳну нақуссу илайка аҳсанулқасас» [7, с.64-65].

Дар ҳар давру замон лаҳзаҳои ҷудогонаи ин қисса шоирон ва муфассиронро водор кардааст, ки ба ҷанбаи баланди ахлоқии он таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд ва дар ин мавзӯъ осори ҷолибе офаранд. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Зайди Тӯсӣ роҷеъ ба маҳбубият ва фазилату илҳомбахшии ин қисса дар тафсири худ «Асситин-ал-ҷомеъ лил-латоиф-ил-басотин» чунин гуфтааст: «Дар он ҳадиси оворагии Юсуф ва достони дилдодагии Зулайхо ва он мояи шӯру шавқ ва шефтагиву ҳаҷру васл, ки дар ин сура аст, бисёре аз нависандагон ва шоирону муфассиронро илҳом бахшида, чунон ки дар ин замина осоре гиромӣ ва арҷманд офаридааанд» [7, с.1].

Дар бораи ибратҳои ин қисса муҳаққиқон андешаҳои хуб баён кардаанд, ки ин қисса моҳияти баланди илмӣ, таърихӣ, этнографӣ, инсоншиносӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ ва ғайра дорад. Номи бисту шаш пайғамбар, аз ҷумла – Одам, Нӯҳ, Идрис, Ҳуд, Солеҳ, Иброҳим, Лут, Исмоил, Исҳоқ, Яъқуб, Юсуф, Аюб, Шуайб, Мӯсо, Ҳорун, Залкифл, Довуд, Сулаймон, Илёс, ал-Ясаъ, Юнус, Узайр, Закариё, Яҳё, Исо ва Муҳаммад дар дохили Қуръон омадаанд. Донишманди тоҷик Ф.Насриддинов, ки оид ба арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафсирҳои Қуръон таҳқиқоти арзишманде кардааст, роҷеъ ба мавқеи қиссаҳои қуръонӣ, ки ба номи Пайғамбарон омадааст, чунин андеша дорад: «Мафҳум ва истилоҳи «қисса» дар Қуръон бо маънии истилоҳии роиҷи он дар адабиёт тафовути назаррас дорад. Зеро қиссаҳои қуръонӣ чун худи матни Қуръон аз ваҳйи Илоҳӣ борвар гардидаанд ва мақсадеро дунбол доранд, ки ҳадафи меҳварии кулли матни китоби осмонист. Аз ин рӯ, қисса дар Қуръон на чун таълифоти достонист. Қуръон китоби қисса намебошад, балки он сарчашмаи ҳидоят буда, қисса чун василае бар найли ормонҳои ҳидоятии ин китоби муқаддас хидмат намудааст» [15, с.226]. Воқеан, қиссаҳои ибратбахш, ки аз рӯзгори Пайғамбарон дар Қуръон омадааст, ва шарҳу бозгӯии онҳоро дар кутуби тафсир мехонем, ҳидоятгар ва иршодгари ҷомеаи инсонӣ мебошанд. Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо», ки дар Қуръон аст, қиссае бемоя аз дороиҳои ҳунарӣ нест ва шеваи баёну офаринишҳои ҳунарӣ дар он мавқеи баланд доранд ва: «Қиссаи «Юсуф ва Зулайхо», ки аз рӯйдодҳои воқеӣ ва ашхоси таърихӣ ҳикоят мекунад, бо баёни бисёр зебову фасеҳ матраҳ гардидааст, ки дар мисоли қиссаи дигари олам назари кам дорад. Аз байни қиссаҳои Қуръон, ки мансуб ба анбиё мебошад, танҳо қиссаи «Юсуф» аст, ки ҳама мазмуни он дар якҷоягӣ ва ба таври мусалсал нақл гардидааст, ки камтарин қиссаҳои машҳур дорои чунин хусусият мебошанд» [9, с.49].

Ояти охирини сураи «Юсуф» (ояти 111) дар Қуръон, ки мазмун ва мундариҷаи қиссаи «Юсуф»ро ҷамъбаст мекунад ва манбаи илҳоми Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ гардидааст, чунин ба охир мерасад: «Ба дурустӣ, ки дар қиссаи пайғамбарон барои соҳибхирадон панде ҳаст. Қуръон сухане нест, ки барбофта бошад, валекин тасдиққунандаи он чи аст, ки пеш аз вай аст ва баёнкунандаи ҳар чиз ва ҳидоят ва бахшоиш барои мӯъминон аст» [10, с.111].

Ҳамин тавр, манбаъҳои асосӣ ва бунёдии достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Абдураҳмони Ҷомиро метавон ба таври фишурда чунин номбар кард: китобҳои муқаддаси Таврот (бобҳои 37-50, қисмати «Ҳастӣ»), Қуръон (сураи 12, ки аз 111 оят ибрат аст), китобҳои «Таърихи Табарӣ» (бобҳои «Хабари Юсуф алайҳиссалом» ва «Қиссаи Зулайхо бо Юсуф»), Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ», тафсирҳои «Кашф-ул-асрор»-и Рашидуддин Абулфазли Майбудӣ, «Тафсири Сурободӣ»-и Абубакр Атиқи Нишопурӣ, «Асситин-ал-ҷомеъ лиллатоиф-ил-басотин»-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Зайди Тӯсӣ.

Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бо такя ба ин сарчашмаҳои муҳимми илмӣ, нерӯи халлоқона ва завқу салиқаи баланди ҳунари шоирӣ тавонистааст, ки як достони беҳтарин ва дилнишинро дар таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикии асри XV биёфарад, ки дар кишварҳои зиёди Шарқ дар имтидоди беш аз 500-сол пайравону эътиқодмандои зиёд пайдо кардааст ва дар пайравии асари ӯ асарҳои худро ба забонҳои ӯзбекӣ, туркӣ, озарбойҷонӣ, гурҷӣ, тоторӣ, қазоқӣ, туркманӣ, паштунӣ ва ғайра эҷод кунанд ва аз ному маҳорати шоирии ӯ ба некӣ ёд кунанд.

АДАБИЁТ

1. Аббосали Кулиев. Поэма «Юсуф и Зулейха» Абдурахмана Джами. Автореферат кандидатской диссертации.- Боку, 1966.- 28 с.
2. Абӯалии Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. Аз силсилаи «Халқҳои эронӣ дар маъхазҳои таърихӣ». Ҷилди 1. - Душанбе: «Ирфон», 1992. - 656 с.
3. Абдулҳусайни Зарринкӯб. Корномаи ислом. Баргардони С.Сулаймонов. -Душанбе: «Пайванд», 2007. -209 с.
4. Атиқи Нишопурӣ. «Тафсири Сурободӣ». Тасҳеҳи Саиди Сирҷонӣ. Иборат аз чаҳор ҷилд. -Теҳрон: Фарҳанги нашри нав, 1382. -542 с.

5. Аълохон Афсаҳзод.Одамушшуаро Рӯдакӣ. Рисолаи таҳқиқотӣ. Нашри дувум. -Душанбе: «Адиб», 2008.- 312 с.
6. Аълохон Афсаҳзод. Ҷомӣ /Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3. Душанбе:Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи миллии тоҷик. 2004.-522 с.
7. Аҳмад бинни Муҳаммад Зайди Тӯсӣ. Тафсири «Асситин-ал-ҷомеъ лил-латоиф-ил басотин». Ба эҳтимоми Муҳаммади Равшан.-Теҳрон, 1345 - 812 с.
8. Библия. Навиштаи муқаддас. Аҳди Қадим ва Аҳди Ҷадид. Институти тарҷумаи Библия. Мутарҷим Мордехай бен Ҳиё Бачаев.-Стогколм, 1992.-1700 с.
9. Вафо Элбоев. Қиссаи «Юсуфу Зулайхо» дар адабиёти форсии тоҷикии асрҳои X-XV (масъалаи гузариши мазмунҳо ва образҳои динӣ ба адабиёти бадеӣ).-Душанбе: «Дониш», 2015. -320 с.
10. Қуръон. Матни асл ва тарҷумаи маъноҳои он ба забони тоҷикӣ. Тарҷума ва тавзеҳоти М.Умаров.-Душанбе: «Ирфон», 2007. -616 с.
11. Қуръон. Тарҷумаи Маҳдӣ Илоҳии Қумшаӣ.-Теҳрон:Бунёди нашри Қуръон, 1368.-605 с.
12. Муҳаммади Хазоилӣ. Эъломи Қуръон. Чопи дувум.-Теҳрон: Муассисаи интишороти Амири Кабир, 1350.-810 саҳ.
13. Муҷтабо Минуӣ. Китоби «Ҳазораи Фирдавсӣ» ва бутлони интисоби «Юсуф ва Зулайхо» ба Фирдавсӣ. Маҷаллаи Симурғ, шумораи 4, 1326 .- 64 с.
14. Сардорбек Азорабеков. Қиссаи Юсуф ва бозтоби он дар насри форсӣ-тоҷикии асрҳои X-X1. Рисолаи номзадӣ. - Душанбе, 2005. - 192 с.
15. Фахриддин Насриддинов. Арзишҳои адабӣ дар тарҷума ва тафосири куҳани форсӣ-тоҷикӣ. - Хуҷанд: «Ношир», 2012. - 576 с.
16. Philonenko M. Josep of Assented introduction text critique traducing of notes. -Leidan, 1968.- 455 p.

ИСТОЧНИКИ ПОЭМ «ЮСУФ И ЗУЛЕЙХИ» АБДУРАХМАНА ДЖАМИ

На протяжении X-XX веков в персидско-таджикской литературе написано много любовных, философских, исторических, героических, мистических, религиозных и других поэм, где свои корни берут из фольклорных, религиозных книг, в том числе из священного Корана. Адбурахман Джами воспользуя сюжет 12-я сура Корана написал прекрасную поэму «Юсуф и Зулейха», где в персидско-таджикской классической литературе несомненно является шедевром.

Ключевые слова: *Абдурахман Джами, поэма «Юсуф и Зулейхи», литературоведческие взгляды, проблема стиха, достойного поэта, прекрасных стихов.*

THE SOURCES OF THE POEM «YUSUF AND ZULEIHA» ABDURRAHMAN JAMI

Throughout the X-XX centuries, Persian-Tajik literature has written many love stories, philosophical, historical, heroic, mystical, religious and other poems, where their roots are taken from folklore and religious books, including the Holy Koran. Adburakhman Jami using, the subject of the 12th Sura of the Koran, wrote a beautiful poem «Yusuf and Zuleiha», which is undoubtedly a masterpiece in the Persian-Tajik classical literature.

Keywords: *Abdurakhman Jami, the poem «Yusuf and Zuleiha», literary views, the problem of verse worthy of the poet, the beauty and grace of words, the poet's skill, beautiful poems, inappropriate praise.*

Сведения об авторе:

Ширинова Бахтинисо Бахриддиновна - *соискатель Института языка и литературы имени Абуабдуллаха Рудаки тел: (+992) 918676247.*

About the autor:

Shirinova Bakhtiniso Bahriddinovna - *researcher of Institute of language and literature name under of Abuabdullah Rudaki. Phone: (+992) 918676247.*

МАВҚЕИ МУРОДИФОТ ДАР АШЪОРИ ШОИРОНИ САДАИ XIV

Калонова М.Ҷ.

Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ И.С.

Омӯзишу таҳқиқи забони адабиёти классикӣ, аз як тараф, барои муайян намудани хусусиятҳои забони адабии тоҷик дар давраи муайян аҳамият дошта бошад, аз тарафи дигар, барои такмил ва ошкор намудани раванди ташаккул ва инкишофи минбаьдаи забони адабии муосири тоҷик аҳамияти бузурги назарӣ ва амалӣ дорад [10, с.5-6]. Дар ҳамин мазмун луғатнигори тоҷик А.Сурӯш низ қайд мекунад: «Қавме, ки аз асолати забони хеш дур афтодааст, танҳо вожа ба вожа метавонад, ба он наздик гардад ва гусастагиҳои деринро дубора бипайвандад» [14, с.3]. Барои таҳқиқу ҷустуҷӯи забони назму насри ниёгони худ ва барои дарёфти асолати забони хеш ҳар фарди пажӯҳишгар талоши онро мекунад, ки бо ҷустуҷӯи маъниву асли калима, таркиб ва ё ибораҳои куруни гузашта дар рушду такомули забони адабии муосири тоҷикӣ саҳми худро гузорад ва ҳамчунин, барои

пойдории миллати тоҷику забони он ифои вазифа намояд. Аз ин лиҳоз, боиси ифтихор аст, ки дар ҷодаи илми забоншиносӣ пажӯҳишҳои зиёдеро пайдо менамоем, ки ба масоли пажӯҳиши лексикаи забони адабӣ равона гардидааст. Мо низ дар мақолаи худ талош дорем, ки дар асоси забони назми асри XIV лексикаи забони адабӣ ва баъзе вежагиҳои лексикии он садаро бо такя ба таҳлили диахрониву синхронӣ ва қиёс бо забони имрӯза муайян намоем.

Чунонки маълум аст, аломати муҳимми калима хусусияти маъноифодакунӣ доштани он мебошад. Аксари калимаҳои забон ба хосияти сермаъноӣ ва зидмаъноӣ моликанд, ҳамчунин, қобилият доранд, ки як маҳфумро дар шаклҳои гуногун ифода намоянд. Ин ҷиҳатҳо ба ташаккул ва нумуи қабатҳои луғавию семантикии забон: *сермаъноӣ, омонимия, синонимия ва антонимия* мусоидат кардаанд. Дар миёни ин чаҳор қишр мавзӯи синонимҳо нисбатан пурратар дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Доир ба масъалаи синонимҳо ё худ муродифот донишмандони эронӣ, тоҷик ва муҳаққиқони рус фарҳангҳои муътабаре таълиф кардааанду таҳқиқоти судманде рӯи чоп овардаанд. Дар ин радиф метавон, аз «Фарҳанги муродифот ва истилоҳот»-и луғатнигори эронӣ Муҳаммад Подшоҳ ном бурд. Фарҳанги мазкурро бо номи дигар «Маҷмӯаи муродифот» ном бурдаанд, ки аз фаслҳои муродифот, истилоҳот, ташбеҳот, киноёт ва истиорот иборат буда, дар маҷмӯъ фарогири 3850 истилоҳ ва ибораҳои фразеологию маҷозӣ мебошад.

Синонимҳои забони тоҷикиро олимони тоҷик бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ: И. Ҳасанов (Лексика и фразеология романа Джалола Икроми «Дочь огня»), Р. Игамбердиев («Бадоеъ-ул-вақоеъ» Зайниддина Восифи), С. Ҳошимов («Гулистон»-и Саъдӣ Шерозӣ), Х. Талбакова («Приют сердец» Рахима Джалила), А. Абдукадиров (поэзия М. Турсун-заде), Ш. Каримов (Семантикаи ашъори Ҳофизи Шерозӣ), А. Давронова («Кабуснаме» Унсурмаоли Кайковус), Н. Хикматуллаева («Двенадцать ворот Бухары» Джалола Икроми), Ш. Джуразаде («Маснавии маънавӣ» Джалолиддина Руми), Т.Шокирова (Язык и стиль Ф. Мухаммадиева), З. Мухторов (Суфийская лексика в газелей Хакима Санои), Ф. Неъматзода («Ҳафт пайкар» Низоми Гянджави), Ш. Р. Буриева («Маснавии маънавӣ» Джалолиддина Руми), Ш. И. Ҳаитова (Газели Камола Худжанди), К. Мухтори (поэзия Абуабдулло Рудаки), Ю. Ш. Нурмахмадова (поэзия Лоика Шерали), М. Джумаев (Лексико-семантические особенности «Нафахотулунс» Абдурахмана Джами), З.А.Назарова (Лексико-фразеологическая и грамматическая синонимия «Гулистон» Саади Шерози), З. Қурғонов (поэзия Фарзоны), Б. Джураевой (поэзия Абдурахмана Джами), Б.Шодиева (Лексические и фразеологические особенности рассказов и очерков М. Наджмиддинова), Н. Саидова (Лексические и фразеологические особенности рассказов А. Самадова) ва дигарон дар рисолаҳои худ ба риштаи таҳқиқ кашида, ҳар яке дар самти худ муваффақ гаштааст.

Аз олимони рус метавон, исми С.В. Римарро ном бурд, ки таҳқиқоти худро ба синонимҳои ашъори Пушкин бахшидааст.

Дар робита ба ин, доир ба назарияи синонимҳо ва роҳҳои пайдоиши онҳо олимон дар ҳар давру замон ибрози назар кардаанд, ки ақоиди онҳо гуногунанд. Масалан, як гурӯҳ ба лексикаҳои синонимӣ калимаҳоеро дохил кардаанд, ки маънои якхела доранд, гурӯҳи дигар, ба ҳам наздикии маънои калимаҳоро асос дониста бошанд, гурӯҳи сеюм, ифода намудани як маҳфумро ба инобат гирифтаанд, вале баъзеҳо хусусияти як предметро ифода намудани онҳо ба назар мегиранд [7, с.52].

Чунин печидагиҳоро ба инобат гирифта, пеш аз таҳлили муродифоти қарни XIV масъалаи омӯзиши синонимҳоро дар мақолаи мазкур ба қисмҳои: *а) назарияи ба синонимҳо пешниҳоднамудаи олимон; б) ҷуфтсинонимҳо бо кадом қолаб сохта шаванд; в) роҳҳои пайдоиши синонимҳо* ҷудо намудем:

а) мутафаккири асри XIV Насируддини Тӯсӣ дар китоби «Асос-ул-иқтибос» калимаро аз рӯи маъно омӯхта, ба чор гурӯҳ ҷудо кардааст: 1) калимаҳое, ки як маъно доранд; 2) калимаҳое, ки чанд маъноро соҳибанд; 3) гурӯҳи калимоте, ки ифодагари як маъноанд; 4) калимаҳои шаклан як, вале маъниҳои гуногун доранд; [5, с.16].

Мувофиқи таъкиди забоншиносон М.Муҳаммадиев, Ҳ.Талбакова ва Ю. Нурмаҳмадов, муродифот калимаҳоеанд, ки аз ҷиҳати маъно наздик ё як буда, бо маъно ва тобишҳои иловагии худ, бо ҳудуд ва андозаи истеъмолашон дар забон аз якдигар фарқ мекунанд Лексикаи забони адабии тоҷик» [4, с.36-37].

Ҳ. Маҷидов низ ба синонимҳо чунин назария пешниҳод намудааст: «Ду ва ё зиёда калимаҳои бо яке аз маъноҳои луғавии худ ба ҳам наздик ва гоҳо баробар, ки мансуби як гурӯҳи лексикиву грамматикӣ буда, аз ҳам бо тобишҳои дигари маъноӣ, мавридҳои истеъмол ва рангубори мухталифи эҳсосоти худ фарқ мекунанд, бояд муродиф номида шаванд» [4, с.76].

Ба андешаи олими рус В.Г. Белинский, синонимҳо мисли баргони дарахтанд, ки ба ҳам бисёр монанданд, вале айнан як чӣ нестанд, яъне аз ягон ҷиҳат калимаҳо ба ҳам шабеҳанд [**5, с.17**].

Х.Маҷидов дар мақолаи «Система современного таджикского языка» муродифотро ба синонимҳои лексикӣ, грамматикӣ, фразеологӣ ҷудо намуда, ба синонимҳои лексикӣ: гулнор (цветок

граната) – настаран, раъно, ҳулӯл, хуч ва барои муродифоти фразеологӣ: нури дида- тоҷи сар, ҷони ширин ва болои чашм (4, 77)-ро мисол овардааст. Чунонки ба мо маълум аст, синонимҳо дар забон барои он хидмат мекунанд, ки гӯянда ва ё нависанда барои гӯшхарош нагаштани нигоштаи худ ва ё пуробуранг гаштани нутқи хеш аз синонимҳо истифода мекунад. Чи тавре ки болотар назари олимонро дар хусуси синонимҳо зикр намудем, калимаҳоеанд, ки шаклан гуногун, вале маъниҳои як ва ё ба ҳам наздикро доранд [5, с.25]. Агар назарияи мазкурро барои муродифот муносиб донем, бояд, чунин ибораҳои фразеологиро синоним нашуморем, зеро чунин ихтилофи назар миёни забоншиносон боиси норавшании таърифи синонимҳо дар забони тоҷикӣ мегардад.

Ҳамчунин, олими рус Ю.Д. Апресян синонимҳоро ба дақиқ (точные) ва нодақиқ (неточные) ҷудо карда, чунин шарҳ кардааст: «Ду калимае, ки комилан баробармаъноанд, синонимҳои *саҳеҳ* ва вожаҳое, ки аз ягон ҷиҳат маънии ба ҳам наздик доранд, синонимҳои *носаҳеҳ* ном доранд [1, с.218].

б) муродифот, ҳамчунин, дар шакли ҷуфт низ мустаъмаланд. Чунин синонимҳоро А. Ҷобиров, М.Муҳаммадиев, Ҳ.Талбакова ва Ю.Нурмаҳмадов дар забони тоҷикӣ *муродифоти ҷуфтистеъмол* ва олимони рус *парасинонимы* номидаанд. Ҷуфтсинонимҳо бо пайвандакҳои «ва, -у, -ю» (мисол: ҚОДИРӢ ва тавоно, бартарӣ ва бузургтарӣ) сохта шуда, ба пиндори муҳаққиқ А.Ҷобиров, бештар хоси наср мебошанд, аммо чунин шакли сохташавии муродифоти ҷуфтро дар асри XIV бештар дар забони ғазал пайдо намудем, ки дар ашъори шоирони ин аҳд, ба хусус Камоли Хуҷандӣ, ниҳоят серистеъмоланд. Чунин муродифот аз забонҳои гуногун таркиб ёфта, аз рӯйи сохташавӣ каме баҳсталабанд, чунки масъалаи дар кадом қолаб сохташавии ҷуфтсинонимҳо низ мисли назарияи ба синонимҳо пешниҳоднамудаи забоншиносон каме норавшан аст, бинобар ин, дар зер мехоҳем, аввалан андешаҳои олимонро дар хусуси қолабҳои сохташавии муродифоти ҷуфт низ дида бароем, баъдан, бо овардани истинод аз осори бузургони классик, билхоса Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Совачӣ, ба таҳлили муродифоти садаи XIV пардозем.

Доир ба синонимҳои ҷуфт М. Муҳаммадиев, Ҳ. Талбакова ва Ю. Нурмаҳмадов дар китоби «Лексикаи забони адабии тоҷик» рӯшанӣ андохта, бар он назаранд, ки ҷуфтсинонимҳо дар 4 қолаб амал мекунанд: *1) синонимҳои ҷуфт аз ду калима иборатанд: имову ишора, ақлу хирад, муроду мақсад, 2) яке аз калимаҳои таркиби ҷуфтсинонимҳо куҳна шудааст: боғу роғ, качу килеб, каму кост, шикасту рехт, дору дарахт, 3) ҷуфтсинонимҳое, ки дар шакли таркиб амал карда, ҳар ду ҷузъи он маънии луғавии худро гум кардааанд: кару фар, бачу кач, ҳангу манг, 4) яке аз калимаҳои таркибии ҷуфтсинонимҳо бо пешванд меояд, ки ба калимаи дигар ҳам мансуб аст: боақлу хирад, серишваю ноз, пурайшу нишот* **[6, с.43].** Ва дар идомаи матлаб муҳаққиқон дар хусуси ҷуфтсинонимҳо чунин қайд мекунанд: «Калимаҳое, ки пай дар пай омада, барои пурра ифода намудани маъно ёрӣ мерасонанд, синонимҳои ҷуфт меноманд [6, с.43]. Онҳо ба воситаи пайвандакҳои пайиҳам «ва, -у, -ю» сохта мешаванд» [6, с.45].

Ба пешниҳоди устодони забон мо низ ҷонибдор буда, чунин андеша дорем, ки дар забони адабӣ ва лаҳҷаҳо ду ва ё зиёда синонимҳое тавассути пайвандакҳои номбурда ба ҳам алоқаманд гаштаанд, ки яке аз ҷузъҳо ба маънии аслӣ омадаву дигаре бо гузашти таърих маънии аслии худро аз даст додааст ва чун ҷузъи ёрирасони ҷузъи аввал хидмат мекунад ва ё баръакс, ҳар ду ҷузъ дар шакли алоҳида маъниҳои гуногунро ифода карда, дар якҷоягӣ як маънии томро мефаҳмонанд. Масалан, синонимҳои «долу дарахт, сару сомон, кору бор, обу ҳаво ва ғ.».

Чи тавре маълум аст, таркиби *кору бор* аз ду калима: кор ва бор иборат аст, ки ҳар яке дар алоҳидагӣ маънии гуногунро дорад. Масалан, вожаи кор маънои *амал, фаоълият, шуғл* ва бор маънии *мева, қабул, дафъа*-ро мефаҳмонад, ки ба ҳам аз лиҳози мазмун рабте надоранд, вале чун дар шакли таркиб меоянд, ҷуфтсиноним ба ҳисоб мераванд ва маънии машғулияту муомилаву шуғлро мефаҳмонад [**15**]. Дар ҳамин қолаб таркиби *сару сомон* аст, ки дар ҳамбастагӣ маънои оростагӣ, низому тартибро дорад, аммо калимаи полисемии *сар* маъниҳои *узви бадан, оғоз, сарвар, болои чизе, нӯги чизе, майлу рағбат* ва ғ. дошта, лексикаи *сомон* ба маънии *тартиб, молу мулк ва маҷолу мадор* меояд.

Ба андешаи профессор О.Қосимов, ҷуфтсинонимии «долу дарахт» дар якҷоягӣ «растанӣ, дарахт»-ро ифода мекунанд, ки дар забони форсии миёна шакли «дору дарахт»-ро дошт [3, с.245]. Мо низ бар он назарем, муродифоти ҷуфт гуфта, бояд он таркибҳоеро номем, ки як ҷузъашон ба маънии аслӣ, ҷузъи дуюм дар раванди таърих маънии аслии худро аз даст додаву ба ҷузъи аввал чун воҳиди ёвар хидмат мекунад ва онҳо дар якҷоягӣ як маънии томро ифода мекунанд. Яъне, миқдори чунин ҷуфтсинонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ на чандон зиёд буда, бештар хоси забони гуфтугӯиянд.

Чи тавре болотар қайд намудем, синонимҳои ҷуфт дар асри XIV низ мисли забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ дар осори назму наср ҷойгоҳи хоса доранд ва барои таҳқиқ лексикаҳои мазкурро аз ашъори Ҳофиз, Камол ва Салмон гирдоварӣ намудем. Муродифоти ҷуфти садаи XIV ба чунин зайланд: *масту хароб, нозукию лутф, ҷавру ҷафову ситам, лутфу равонӣ, ризвону биҳишт, дилрабоёну бутон, зулму ситамкорӣ, нолаву зорӣ, доғу дард, ҷому суроҳӣ, оҳу нола, коҳилу зеру*

фуруд, чусту чобук, масту мадҳуш, ҷӯшу хурӯш, боғу гулшан, боғу роғ, нолаву фарёд, макру фан, болу пар, хомиву содадилӣ, поку софӣ, аҳду паймон, қаду боло, меҳру вафо, ҳусну ҷамол, роҳату осоиш, заҳмату ранҷ, фисқу фасод, якрӯву якҷиҳат, фарёду фиғон ва ғайраҳо.

Муродифоти ҷуфт дар ташаккули лексикаи забони тоҷикӣ басо муҳим буда, таркиби онҳо аз ҷузъҳои тоҷикӣ-тоҷикӣ, тоҷикӣ-арабӣ, арабӣ-тоҷикӣ ва арабӣ-арабӣ иборат мебошад. Пажӯҳишгар С.Ҳалимов дар робита ба муродифоти ҷуфти арабиву тоҷикӣ дар забони тоҷикии асри Х чунин андешаронӣ мекунад: «Калимаҳои арабӣ дар забонамон қатори нави синонимҳоро ба вуҷуд овардаанд ва ҷуфтҳои синонимӣ (молу хоста, адлу дод, сабру шикебо) захираҳои услубии забонамонро бой гардонидаанд» [13, с.115]

Ҷуфтсинонимҳои асри XIV-ро аз рӯйи баромади забонӣ баррасӣ намоем, чунин тасниф мешаванд:

а) **тоҷикӣ+тоҷикӣ**: *масту хароб, дилрабоёну бутон, доғу дард, нолаву зорӣ, ҷому суроҳӣ, оҳу нола, чусту чобук, ҷӯшу хурӯш, боғу гулшан, нолаву фарёд, болу пар, хомиву содадилӣ, поку софӣ, нозу неъмат:*

Бо ҳама тақвову зуҳд, ар бишнавад номат, Камол,
Аз даруни савмаа ***масту хароб*** *ояд бурун [12, с.1]).*
Ба ***болу пар*** *марав аз раҳ, ки тири партобӣ,*
Ҳаво гирифт замоне, вале ба хок нишаст [2, с.19].

б) **тоҷикӣ+арабӣ**: *нозукию лутф, зеру фуруд, масту мадҳуш, якрӯву якҷиҳат:*

Нозукию лутф *дуздид аз баноғӯши ту дур(р),*
Ғӯтаҳо доданд дар об, он гаҳаш овехтанд [12, с.25].
То куфру дин шавад ҳама ***якрӯву якҷиҳат****,*
Бардор як раҳ аз тарафи рух ҳиҷобро [8, с.33]

в) **арабӣ+тоҷикӣ+арабӣ**: *ҷавру ҷафову ситам;*

Ба Камол аст ҳама ***ҷавру ҷафову ситамаш,***
Ин сифатҳо, ки шунидӣ, ба камол аст ӯро [11, с.6.

г) **арабӣ+тоҷикӣ**: *лутфу равонӣ, ризвону биҳишт, зулму ситамкорӣ, макру фанн, аҳду паймон, қаду боло, заҳмату ранҷ;*

Эй вуҷудат сабаби ***роҳату осоиши*** *халқ,*
Ба вуҷудат абадо, ***заҳмату ранҷе*** *марасад [8, с.304].*

д) **арабӣ+арабӣ**: *макру ҳилла, ҳусну ҷамол, фисқу фасод ва ғ.:*

Ба ***макру ҳилла*** *бар ӯ дастрас на имкон аст,*
Ки ҳамчу сарви баландаш ҳазор дастон аст [11,с.70].
Рӯй бинмо ба ман, эй ойинаи ***ҳусну ҷамол****,*
Ки ҷамоли ту зи ойина дили зангзад аст [8, с.418].

Чи тавре аз таснифи баромади забонии ҷуфтсинонимҳои ашъори шоирон бармеояд, дар асри XIV муродифоти ҷуфт аксар аз ҷузъҳои *тоҷикӣ+тоҷикӣ* таркиб ёфтаанд. Новобаста аз таъсиррасонии миллату забонҳои ғайр, ба хусус туркону муғулон, ғолибан истифодаҳои вожаҳои тоҷикӣ аз ҷониби шуарои садаи XIV -Ҳофиз, Камол ва Салмон бори дигар аз талоши онҳо дар нигоҳдории фарҳангу забони асили тоҷикӣ дарак медиҳад.

Албатта, маълум аст, ки синонимҳо калимаҳоеанд, ки шаклан гуногун буда, як маъноро ифода мекунанд, аммо дар забони адабии тоҷикӣ гурӯҳи синонимҳое мавҷуданд, ки вобаста ба тобиши услубиашон ба кор мераванд, масалан, вожаи «чашм» ва «дида», ки ҳар ду синониманд, калимаи «дида» дар забони назм, фолклор, нутқи шифоҳӣ дар баробари калимаи «чашм» бештар ба кор меравад, вале дар соҳаи тиб ва қисмҳои он анатомия ва физиология фақат вожаи чашмро мавриди истифода қарор мегиранд. Ин гуна синонимҳо низ дар адабиёти асри XIV низ ба назар мерасанд. Масалан, вожаи «зақан», ки Ҳофиз дар шеъри худ зиёд истифода кардааст ва гунаи он «манаҳ» аст, дар илми анатомия танҳо шакли *манаҳи* он истифода шуда, *зақан* бештар хоси забони назму наср мебошад.

в) масъалаи сеюми мавриди назари мо роҳҳои пайдоиши синонимҳо дар забони тоҷикӣ мебошад.

Масъалаи роҳҳои пайдоиши синонимҳо низ дар забони адабии тоҷикӣ норавшан буда, дар ин хусус олимон андешаҳои гуногун доранд. Масалан, забоншиноси тоҷик М.Мирзоева чунин андеша дорад, ки «роҳҳои пайдоиши муродифот ба таври дақиқ муайян нашудаанд ва дар қатори синонимҳое, ки аз ҳисоби эвфемизм пайдо шудаанд, вулгаризмро низ бояд ҳамроҳ кунем» [5, с.21]. Ба ақидаи мавсум мо низ ҷонибдор ҳастем ва чунин пешниҳод дорем, ки яке аз роҳҳои пайдоиши синонимҳоро аз ҳисоби эвфемизм, вулгаризм ва архаизм ҳисобем, зеро калимаҳои кӯҳнашуда, ки синоними ҳамдигар ба шумор мераванд, дар адабиёти классикии мо кам нестанд (мисол: қалъа (дар забони имрӯза)- диж (дар асри Х), райҳон (дар забони имрӯза)- испарғам (дар асри Х) ва ғ.).

М.Муҳаммадиев яке аз муҳаққиқони беназири лексикаи забони адабии ҳозираи тоҷикӣ буда, роҳҳои пайдоиши синонимҳоро 3-то медонад: 1) калимасозӣ*: солхӯрда, куҳансол*; 2) шеваю лаҳҷа*: пазмон шудан, ёд кардан;* 3) калимаҳои иқтибосӣ: *дил, қалб* [**5, с.19**]. Ба андешаи мо, роҳи калимасозии синонимҳоро мавсуф дақиқ нишон додааст.

М.Мирзоева дар рисолаи доктории худ назари олимони тоҷику русро дар хусуси муродифот нозукбинона шарҳ дода, қайд мекунад, ки муҳаққиқи рус А.А.Брагин исми ашхос, чун «***Екатерина-Катерина-Катенька-Катюша-Катя-Кэт-Каталин»***-ро низ муродиф донистааст, ки ин навъи синонимҳо, ба қавли М.Мирзоева, дар забони тоҷикӣ низ мавҷуданд, вале то имрӯз касе онҳоро дар таҳқиқоти худ ишора накардааст, масалан: ***Гуландом-Гули-Гуля-Гулҷон-Гул; Нозофарин-Нозаҷон-Ноза*** [**5, с.30]**. Ба пиндори инҷониб, вожаҳои мавриди назар танҳо решаи ягона дошта, синоним ба шумор намераванд.

Дар идомаи ҷустуҷӯҳои худ М.Мирзоева номҳои ҷуғрофии ***«Венгрия-Маҷористон, Греция-Юнон, Польша-Лаҳистон, Ленинобод-Суғд»***-ро аз вожаҳои муродифӣ донистааст [5, с.30], ки Х.Маҷидов низ бар ҳамин бовар аст. Андешаи мавсуф диққати моро ҷалб кард ва мо 4 роҳи пайдоиши синонимҳои забони тоҷикиро бо забони русӣ муқоиса кардем. Чунин роҳи пайдоиши синонимҳо, яъне аз ҳисоби калимаҳои куҳнашуда, дар забони русӣ (золото-злато, враг-ворог) зикр гаштааст, ки шояд муҳаққиқ М. Мирзоева роҳи пайдоиши синонимҳои забони русиро асос гирифта бошад. Роҳҳои пайдоиши синонимҳо дар ҳар ду забон қариб ҳамгунанд. Роҳи якуми пайдоиши синонимҳо- ***бо роҳи калимасозӣ*** дар забони тоҷикӣ каме баҳснок аст, зеро, албатта, чунин роҳи пайдоиши муродифот (бо аффиксҳо сохташавии синонимҳо-К.М.), мисли «***бодавлат, давлатманд***» вуҷуд дорад, аммо вожаҳои дар сарчашмаҳои илмӣ чун шоҳид зикргашта –***қудрат, муқтадир ва қудратнок*** ба талаботи сохти калимасозии забони тоҷикӣ ҷавобгӯ нестанд ва синоним ҳам буда наметавонанд, чунки аввалан, вожаи «қудрат» исми ғайришахс ва «қудратнок» сифат аст, дуюм, аз рӯи таърифи синонимҳо ҳар ду калима бояд, ба як ҳиссаи нутқ мансуб бошанд, аммо ин ҷо «қудрат»- исм ва «қудратнок» - сифат мебошад. Пасванди сифатсози «-нок» аз сифат будани он дарак медиҳад ва вожаи «муқтадир» бошад, дар шакли муштақи арабӣ сохта шудааст.

Танҳо калимаи «***қудратнок»***, ки аз решаи *қудрат* ва пасванди *-нок* таркиб ёфтааст, вожаи сохта ба ҳисоб меравад. Калимаи «***қодир»*** аз як реша ва аз рӯи сохт сода буда, вожаи «*муқтадир»* аз рӯи қолаби ҷамъбандии арабӣ созмон ёфтааст, ки он ба роҳҳои калимасозии забони тоҷикӣ бегона аст. Чунин қолаби калимасозӣ дар ашъори Камол (хаёл, тахайюл- *Маро саргашта медорад **хаёли** зуҳди беҳосил…; Дил ба ангушти **тахайюл** баски зулфаш мекашад…*) ва Ҳофиз (маҳрам, ҳарам- *Ҳар кӣ шуд **маҳрами** дил, дар **ҳарами** ёр бимонд…*) ба назар мерасад, вале чун ин қолабро яке аз роҳҳои пайдоиши синонимҳои (мансуб ба роҳи калимасозӣ) забони тоҷикӣ ба ҳисоб нагирифтемва ҷамъоварии чунин мисолҳоро лозим надонистем.

Лозим ба зикр аст, ки дар ашъори адибони классик синонимҳое мавҷуданд, ки дар дохили матн вобаста ба он ки чанд калима маъниҳои ба ҳам наздикро ифода мекунанд, синоним ба шумор мераванд, яъне ба ибораи дигар, вобаста ба маъно ифодагари макон, замон ва ғ. синоним шуда метавонанд. Мисол:

Вақти кошонаи аслист маро меҳоҳам,
*Ки аз ин **мастаба** сармаст ба **кошона** шавам [8, с.288].*

Вожаи «мастаба» арабӣ буда, маънии дуюмаш «майхона» аст. «Майхона» маънии «шаробхона», «хонаи майфурӯш» ва кошона низ маънии «хонача, ошёна»-ро бар душ дорад (**9, 568**). Яъне, аз лиҳози маъно ба ҳам наздикӣ дошта, ба андешаи мо, чунин гурӯҳи вожаҳо, ки дар осори адибон фаровонанд, муродифот ба шумор мераванд. Ба андешаи инҷониб, ба роҳҳои пайдоиши синонимҳо банди 5-ум: *калимаҳое, ки вобаста ба матн маънии ба ҳам наздикро ифода мекунанд- ро* ҳамроҳ кардан мувофиқи мақсад аст.

Ғолибан, забоншиносон роҳҳои ба вуҷуд омадани синонимҳоро дар забони тоҷикӣ чунин нишон додаанд:

1. **Бо роҳи калимасозӣ**: *қодир, муқтадир, қудратнок.*
2. **Аз ҳисоби калимаҳои зинда ва нутқи шифоҳӣ**: *иситма (ҳарорат), ҳаял (таъхир);*
3. **Аз ҳисоби калимаҳои иқтибосӣ**: *дил-қалб, муаллим-омӯзгор;*
4. **Аз ҳисоби эвфемизмҳо:** мурд-вафот кард, аз дунё чашм пӯшид, реҳлат кард, даргузашт;

Аз миёни чор роҳи дар боло номбурда роҳи сеюми он-***аз ҳисоби калимаҳои иқтибосӣ*** дар ашъори шоирони асри XIV серистеъмол аст. Хусусияти умдаи эҷодиёти Ҳофиз, Камол ва Салмонро, аз як тараф, дар он мебинем, ки дар баробари вожаҳои тоҷикӣ аз синонимҳои арабии онҳо хуб истифода кардаанд ва мо онҳоро дар ҷадвали зер аз рӯи баромади забонӣ чунин ҷой додем:

Р/Т	**Забони тоҷикӣ**	**Забони арабӣ**	**Байти шоҳид**	**Муаллиф: Камоли Хуҷандӣ;**
1	Андеша	Хаёл	*Маро саргашта медорад **хаёли** зуҳди беҳосил,*	(12, 17)

			Биё, соқӣ, гузар созем аз ин ***андешаи*** *ботил.*	
2	Дил, хилватсаройи дӯст	Замир	*Дӯстиҳои ҳама олам бирӯб аз* ***дил,*** *Камол,* *Пок бояд доштан* ***хилватсаройи дӯстро****.* *Дар* ***дил*** *ба қадри зарра нагунҷад хаёли ғайр,* *К-аз меҳри ӯ пур аст* ***замири*** *мунири мо.*	(12, 21)
3	Дармон	Шифо	***Шифои*** *ҷони ошиқ нест илло шарбати дардат,* *Табибонро аз ин* ***дармон*** *агар бошад, аҷаб бошад.*	[12, с.78)

****

Р/Т	Забони тоҷикӣ	Забони арабӣ	*Байти шоҳид*	Муаллиф: Ҳофизи Шерозӣ;
1	Сухан	Ҳадис	*Зи даври дӯст нагӯям* ***ҳадис*** *ҷуз бо дӯст,* *Ки ошно* ***сухани*** *ошно нигаҳ дорад.*	[2, с.39]
2	Чарх	Фалак	***Чарх*** *барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,* *Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи* ***фалак****!*	[2, с.76]
3	гавҳар, ганҷина	Дурр	*Насиҳат гӯш кун, к-ин* ***дурр*** *басе беҳ,* *Аз он* ***гавҳар,*** *ки дар* ***ганҷина*** *дорӣ!*	[2, с.86)

****

Р/Т	Забони тоҷикӣ	Забони арабӣ	Байти шоҳид	Муаллиф: Салмони Совачӣ;
1	Панд	Насиҳат	*Бирав, оқил, мадеҳ* ***пандам****, ки ман девонаву риндам,* ***Насиҳат*** *дигареро кун, ки ман мадҳушу ҳайронам*	[8, с.221].
2		Ғулом, асир	*Агар тоҷам ниҳад бар сар,* ***ғуломи*** *ҳалқадаргӯшам,* *В-агар бандам ниҳад бар по,* ***асире*** *бандфармонам*	[8, с.223].
3	Чашм	Басар	*Эй рӯшании* ***басар, чашм*** *аз ту дорам як назар,* *Бе он ки ёбад з-он хабар он ғамзаи ғаммозро*	[8, с.7]

Натиҷаи ҷустуҷӯи муродифоти ғазалиёти шоирони асри XIV-ро, ки дар ҷадвали боло ҷамъоварӣ шудаанд, ба се гурӯҳ тасниф намудем:

Ба гурӯҳи аввал синонимҳое шомиланд, ки дар ашъори шоирон танҳо ба маънии аслии худ корбаст шудаанд, *чун: панд, насиҳат; пайк, хабар; шифо, дармон; сухан, ҳадис; хаёл, андеша ва ғ.*

Бирав, оқил, мадеҳ ***пандам****, ки ман девонаву риндам,*
Насиҳат *дигареро кун, ки ман мадҳушу ҳайронам [8, с.137]*
Хабаре *зи ҳеҷ қосид зи диёри ман наёмад,*
Чӣ сиёҳнома ***пайке,*** *ки зи ёри ман наёмад [12, с.83].*
Зи даври дӯст нагӯям ***ҳадис*** *ҷуз бо дӯст,*
Ки ошно ***сухани*** *ошно нигаҳ дорад[2, с.39]*

Аз абёти боло равшан мегардад, ки шоирон дар як байт аз муродифоти ду забон: *тоҷикӣ ва арабӣ* ба маънии аслӣ истифода намуданд. Муродифоти мазкур синоними ҳамдигар ба ҳисоб раванд ҳам, аз рӯйи вазифа ва доираи маъно аз ҳам фарқ доранд. Масалан, калимаи синонимии *панд* аз забони паҳлавӣ гирифта шуда, вожаи омонимӣ низ ба шумор меравад ва мувофиқи шарҳи Деҳхудо 4 маъниро дорост: *1) он аст, ки ба арабӣ насиҳат гӯянд; 2) қисмате аст аз тақсимоти боғистон (дар Қазвин); 3) нишастгоҳро гӯянд ва ба арабӣ мақъад хонанд; 4) номи кӯҳе дар шимоли Юнони қадим миёни Тасоливу Апир, махсус Апулун ва Музҳо. Акнун онро Агрофо хонанд*. Муаллифи фарҳанги «Вожагони мутародиф ва муттазод» синонимҳои дгари онро калимаҳои *андарз, тазкир, дарс, раҳнамун, ибрат ва мавъиза* нишон додааст **[15]**. Луғатнигорон **(15)** вожаи *насиҳатро* арабӣ дониста, аз маъниҳои насиҳат ва андарзи он ёд мекунанду бас. Яъне, чи тавре аён мегардад, вожаҳои

панд ва насиҳат бо ҳам синоним ба шумор раванд ҳам, аввалӣ аз дуюмӣ маънии фарохтарро касб мекунад.

Ба ҳамин монанд синонимҳои *пайк ва хабар* низ аз ҳам мавридан фарқ доранд. *Пайк* калимаи тоҷикӣ буда, дар забони адабӣ дар баробари вазифаи синонимӣ калимаи сермаъно (полисемия) низ маҳсуб меёбад, зеро мувофиқи шарҳи луғатҳо **[15]** фарогири 3 маъно аст: *1) қосид, мухбир, хабарбиёр, паёмбар; 2) хидматгор; 3) хабар, паём*; ва вожаи арабии *хабар* лексикаи омонимӣ буда, шомили 6 маънист: *1) матлабе дар бораи як рӯйдоди ҷадид; 2) огоҳӣ; 3) ҳадис; 4) ҳодиса, рӯйдод; 5) газора; 6) номи деҳа дар ҷануби Бохтар.* Яъне, бо шарҳи чунин муродифот ишора бар он дорем, ки синонимҳо аз рӯйи вазифаи лексикӣ дар баъзан маврид аз ҳам фарқ мекунанд ва на ҳама маънии онҳо дар забони ғазали қарни XIV дарҷ гаштааст.

Ба гурӯҳи дуюм муродифотеро муносиб донистем, ки дар матн ифодагари маънии маҷозианд: *ришта, расан; шоҳ, гадо; ҳамдам, ҳамнишин; чок шуд, дарид; ва ғ.;*

Лексикаҳои *расан ва ришта* дар маънии аслӣ муродифи ҳам ба ҳисоб раванд ҳам, дар байти зер дар шакли ибора ва ба маънии маҷоз омада, синоним маҳсуб намеёбанд, чунки муроди шоир аз ибораи *расани зулф* кокул ва зулфи ёр буда, *риштаи ҷон* маънои вуҷуди инсонро дорад, чунончи Салмон гӯяд:

Расани *зулфи ту дар* ***риштаи*** *ҷони ману шамъ,*
Ҳар як аз оташи рухсори ту тобе дорад [8, с.86].

Дар байти дигар Хоҷа Ҳофиз калимаҳои сохтаи ҳамдаму ҳамнишинро муродиф медонад, ки дар таркиби ибораҳои *саодат ҳамдам гаштану давлат ҳамнишин доштан* маънии ғайриаслӣ: соҳиби бахту саодат ва давлату молу мулкро ифода мекунанд, масалан:

Ҳар он, к-ӯ хотире маҷмӯу ёре нозанин дорад,
Саодат ***ҳамдами*** *ӯ гашту давлат* ***ҳамнишин*** *дорад. [2, с.38].*

Ба гурӯҳи сеюм синонимҳоеро ҷой додем, ки шоирон дар ашъори худ онҳоро вобаста ба матн чун муродиф истифода кардаанд ва ба буслуби фардии эҷодкор мансубанд. Масалан, калимаи «***чора»*** муродифи вожаи «***даво, дармон»*** истифода шудааст: *Кас* ***чораи*** *дарди мани бечора надонист…[*14, с.914]. Барои калимаи «***шифо»-»зиндагӣ, зистан, илоҷ, марҳам, наҷот, орамидан***»-ро синоним донистаанд: *…Ҷуз ҳаваси* ***зиндагӣ*** *дар сари бемор нест; …Дардо, ки умеди* ***зистан*** *нест; Тадбири* ***илоҷи*** *дили бемор надорам; …Ёфтӣ* ***марҳам*** *дили абгори мо; Аз шифохонаи эҳсони ту аз баҳри* ***наҷот;*** *…Дармон мабодам, ар талабам* ***орамиданаш*** [14,311; 312; 325; 397; 483]. Барои калимаи «***орзу»*** вожаҳои «***барг II»*** *Ошиқи рӯи туро* ***барги*** *гули бӯстон не…;* «***дард***» *Ману дарди ту в- он гаҳ ёди марҳам…;* «***дарюза***» *Нест ҷуз васле аз ӯ* ***дарюзаи*** *ҷони Камол…;* «***дилхоҳ***»*… Ки ӯро дар ғамат ин аст* ***дилхоҳ;*** «***доия***»*…****Доия*** *ин аст ҳар киро дилу дин аст*; «***иродат***» *То доманат ба дасти* ***иродат*** *гирифтаам…; …****»ком*** **II»** ***Коми*** *муҳиббон ба ҷуз ҳабиб надонист.* [14,78; 213; 221; 252; 256; 329; 349]-ро чун синоним мавриди истифода қарор додааст.

Хулоса, сухансароёни асри XIV дар пайдо кардани муродифот барои вожаҳои тоҷикӣ на танҳо дунболи калимаҳои иқтибосӣ гашта, ҳамчунин, кӯшидаанд, ки аз вожаҳои худи забони тоҷикӣ бар эшон синоним пайдо кунанд. Ба ин гуфтаҳои мо ҳамчун истинод хидмат карда метавонад вожаҳои ашъори Камол, мисли: *гулшан - боғ, гиря - ашк, канор – лаб - гӯша, сӯхтан -бигдохтан* ва калимаҳои шеъри Ҳофизу Салмон: *ҳамдам - ҳамнишин, тоҷ - кулоҳ, шоҳон - хусравон, чок шуд - дарид, низ - ҳам, ҷавонмарг - зудмир* ва ғ. Мисол:

Ҳар он, к-ӯ хотире маҷмӯъу ёре нозанин дорад,
Саодат ***ҳамдами*** *ӯ гашту давлат* ***ҳамнишин*** *дорад. [2, с.38]*
Мабин ҳакир гадоёни ишқро, к-ин қавм,
Шоҳони *бекамару* ***хусравон****и бекулаҳанд! [2, с.55]*
Домане гар ***чок шуд*** *дар олами риндӣ, чӣ бок?*
Ҷомае дар некномӣ низ мебояд ***дарид****! [2, с.61]*
Чун сар омад, давлати шабҳои васл,
Бигзарад айёми ҳиҷрон ***низ ҳам*** *[2, с.78].*
Канори *обу* ***лаби*** *ҷӯйбору* ***гӯшаи*** *боғ,*
Хуш аст бо санами сарвқад, ба шарти фароғ [12, с.117].

Мисолҳои дар мавриди муродифоти бадастоварда нишон медиҳанд, ки Ҳофизи Шерозӣ нисбат ба Камоли Хуҷандӣ ва Салмони Саваҷӣ дар нигоҳдории синонимҳои забони тоҷикӣ бештар саҳмгузор буда, ғолибан кӯшидааст, ки дар ашъори худ бештар муродифоти забони тоҷикиро ба кор барад.

Инчунин, аз фасли мазкур ба хулосае меоем, ки дар баробари хидматҳои бузургони назму наср дар нигоҳдориву ғанигардонии лексикаи забони адабии тоҷикӣ саҳми соҳибони каломи асри XIV низ басо зиёд буда, дар замони имрӯза осори онҳо шоҳид бар он аст, ки шоирон дар ашъори худ дар як маврид, аз муродифоти забони тоҷикӣ ба касрат истифода намудаанд ва дар мавриди дигар, худ кӯшидаанд, ки синонимҳои нав пайдо кунанд ва чунин вожагузинии онҳо имрӯз боис гардидааст, ки

муродифоти қуруни гузашта то замони мо омада расанд ва ҳамчунин, таркиби луғавии забони тоҷикии зери зарбаҳои таъриҳӣ қарормонда ғановатманд гардад.

АДАБИЁТ

1. Апресян, Ю.Д. Лексическая семантика и синонимические средства языка / Ю.Д. Апресян //.–М.: Наука, 1974.–С. 332-337.
2. Гулчини девони Ҳофиз, Душанбе: Деваштич, 2006.-256с. (мураттиб- М.Муллоаҳмад)
3. Касимов О.Х. Лексика и словообразование в «Шахнаме» Абулкасима Фирдоуси. Душанбе, 2016.-348 с.
4. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.1.Луғатшиносӣ. Душанбе, 2007.-243 с.
5. Мирзоева М. Лексико-фразеологическая синонимия в художественных произведениях С.Айни. Дисс..кан..наук, 2013
6. Муҳаммадиев М., Талбакова Ҳ., Нурмаҳмадов Ю. Лексикаи забони адабии тоҷик (маводи таълимӣ). Душанбе, 1977.-132 с.
7. Норматов М. Забоншиносии умумӣ. Душанбе: Матбуот, 265с.
8. Совачӣ С. Девон. Ба кӯшиши Меҳрдоди Авасто.- Теҳрон, 1338.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз 2 ҷилд/ «Советская энциклопедия».- Москва, Ҷ.2.- 1969.- 949 с.
10. Фозилов Д. Хусусиятҳои лексикии «Сафарнома»-и Носири Хусрав.-Душанбе: ДРТС, 2013.-168 с.
11. Хуҷандӣ, К. Девон (таҳия ва тасҳеҳи матн аз Абдуҷаббори Суруш ва Саидумрон Саидов)./К. Хуҷандӣ.- Хуҷанд: Андеша, 2011.- 632 с.
12. Хуҷандӣ К. Ғазалҳо. Душанбе: Маориф, 2014.-192 с.
13. Ҷобиров А.Б. Вижагиҳои забонии китоби «Бахше аз тафсири куҳан». Дисс.. канд. фил. наук.- Душанбе, 2019.- 188 с.
14. Шоҳаҳмад, Абдуҷаббор. Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ: Хуросон, 2015.-736с.
15. w.vajehyab.com

МЕСТО СИНОНИМОВ В ПОЭЗИИ ПОЭТОВ XIV ВЕКА

Чтобы изучить язык поэзии и прозы своих предков, а также найти оригинальность своего языка, каждый исследователь стремится внести свой вклад в развитие современного таджикского литературного языка, исследуя значение и происхождение слов, структур или фраз прошлого. Таджикский и его язык. Поэтому для нас вызывает гордость то, что в области лингвистики мы находим множество исследований, посвященных изучению лексики литературного языка.

Автор этих строк также пытается определить лексику литературного языка и некоторые его лексические особенности на основе поэтического языка XIV века, основываясь на диахроническом и синхронном анализе и сравнении с современным языком.

В этом исследовании автор приходит к выводу, что наряду с большим вкладом поэтов и прозы в сохранение и обогащение лексики таджикского литературного языка значительным является вклад писателей XIV века, и сегодня их произведения свидетельствуют о том, что поэты в своей поэзии Другими словами, они пытались найти новые синонимы, и такая лексикализация привела к тому, что лексика прошлого сохранилась до наших дней, как и лексическая структура таджикского языка в условиях исторических потрясений. быть богатым.

Ключевые слова: *синонимы, парасинонимы, XIV век, лексика таджикского литературного языка, Хафиз Шерози, Камол Худжанди, Салмон Соваджи.*

THE PLACE OF SYNONYMS IN THE POETRY POETS OF THE XIV CENTURY

In order to study the language of poetry and prose of their ancestors, as well as find the originality of their language, each researcher seeks to contribute to the development of the modern Tajik literary language, exploring the meaning and origin of words, structures or phrases of the past. Tajik and its language. Therefore, we are proud that in the field of linguistics, we find a lot of studies devoted to the study of the vocabulary of the literary language.

The author of these lines also tries to determine the vocabulary of the literary language and some of its lexical features on the basis of the poetic language of the XIV century, based on diachronic and synchronous analysis and comparison with the modern language.

In this study, the author comes to the conclusion that along with the great contribution of poets and prose to the preservation and enrichment of the vocabulary of the Tajik literary language, the contribution of the writers of the XIV century is significant, and today their works indicate that poets in their poetry In other words, they tried to find new synonyms, and such lexicalization has led to the fact that the vocabulary of the past has survived to this day, as well as the lexical structure of the Tajik language in conditions of historical upheavals. to be rich.

Keywords: *synonyms, synonym of pair, XIV century, vocabulary of the Tajik literary language, Hafiz Sherozi, Kamol Khujandi, Salmon Sovaji.*

Сведение об авторе:

Калонова Махина Джумабоевна *– кандидат филологических наук, преподаватель кафедры таджикского языка Таджикского государственного медицинского университета имени Абуали ибн Сино: г. Душанбе, р. Исмоили Сомони, пр. Хофиза Шерози. Тел.: (+992) 927283228; E-mail: m.kalonova@mail.ru*

About the autor:

Kalonova Makhina Dzhumaboevna *- candidate of philological sciences, teacher of the Tajik language department of the Tajik State Medical University named after Abuali ibn Sino: Dushanbe, r. Ismoili Somoni, etc. Hofiza Sherozi. Tel.: (+992) 927283228; E-mail: m.kalonova@mail.ru*

ФАЗОИ БАДЕЪӢ ДАР НАСРИ АҲМАДИ ДОНИШ

Олимӣ Х.Ҳ.

Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Раванди бузурги фарҳангӣ дар ҳавзаи тамаддун ва фарҳанги Мовароуннаҳр ва дигар кишварҳои мутамаддини Шарқ аз лиҳози ҳадаф ҳамоҳанг буда, аҳли зиё ва адибони ин давра тавассути осори худ раҳоӣ аз ғафлатро тақозо менамуданд. Маорифпарварони Бухоро аз зумраи заминагузорони ҳаракати маорифпарварӣ ва тавсеакунадагони фарҳанги миллӣ ба шумор мерафтанд. Онҳо зиёиёни тараққихоҳ ва ислоҳотпарваре буданд, ки аз муҳити сиёсӣ ва иҷтимоии Бухоро норозӣ буданд ва ислоҳоти амалӣ дар ҷомеа мегарданд.

Маорифпарварон бо андешаҳои ислоҳотхоҳӣ, тасвири воқеият дар осор ва инъикоси вазъи иҷтимоӣ асосгузори адабиёти навин буданд, барои раҳоӣ аз ҳаёти ақибмондагӣ ва гузоштани гом сӯйи ҷомеаи мутамаддин ислоҳоти ҷадидро дар ҷомеа хоҳон мешаванд. Мушкилот ва масоиби иҷтимоӣ бо дарки авзои иҷтимоӣ ва сиёсӣ маорифпарварон тасмими тоза ба дӯш гирифта, аз ҷониби дигар ба хотири баланд бардоштани маърифати мардум талошҳо мекунанд.

Дар воқеъ, Зариф Раҷабов аз ҷумлаи нахустин муҳаққиқони афкори иҷтимоӣ ва сиёсии Аҳмади Дониш ба шумор меравад ва дар таҳлилу баррасии афкори Дониш қабл аз ҳама вазъи сиёсии замони Аҳмади Донишро ба инобат гирифта, ташаккул ёфтани ақоиди маорифпарвариро аз замони пурситези охири асри XIX медонад: «Асосҳои пайдоиши маорифпарвариро дар Осиёи Миёна пеш аз ҳама, дар шароити иҷтимоӣ - иқтисодии аморати Бухоро ва Туркистони нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX, дар шиддат ёфтани норизогии оммаҳои халқ аз тартиботи мавҷуда ҷуст. Ҳамаи ин ҳодисот натиҷаи дар дохили иқтисодиёти шахшудамондаи феодалӣ тавлид ва инкишоф ёфтани муносибатҳои капиталистӣ буд» [1, с.106].

М.Зайниддинов дар мақолааш бо номи «Фаъолияти маорифпарварии Шаҳобиддини Марҷонӣ ва рушди робитаҳои адабии халқҳои тоҷику тотор» ҳаракати маорифпарвариро «дар таърихи афкори иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангиву илмии халқҳои Осиёи Миёна як падидаи тозаи ба бедорӣ ва худшиносӣ даъваткунанда» мешуморад. Ба қавли муаллиф онҳо маорифпарварон адабиётро ҳамчун василаи «мубориза барои таҷдиди ҷомеа» истифода намудаанд. Зайниддинов М. байни маорифпарварони Ғарбу Шарқ тафовут намегузорад ва онҳоро «саршори рӯҳи озодандешиву озодихоҳӣ, муҳаббат ба инсон ва боварӣ ба имконоти хиради инсонӣ» меҳисобад[2, с.111-112]. Зимнан меорад, ки «Шаҳрҳои таърихии Бухорову Самарқанд бо ҳамин сифаташон дар бедории фикрӣ ва рушди афкори маорифпарварии толибилмон, мударрисон, адибон ва равшанфикрони тотор низ таъсири босамар расонидаанд»[2, с.122].

Албатта, маорифпарварони тотор ва дигар минтақаҳо дар пояи афкори исломӣ ва тафаккури шарқӣ «бо истифода аз фарҳанги пешқадами Ғарб кӯшиши ба сатҳи аврупоӣ баровардани фарҳанги миллиро» [2, с.113].муҳим медонистанд. Маорифпарварони тотор А. Курсавӣ, Ш.Марҷонӣ, О.Барудӣ, Х.Файёзхонов, Қ.Носирӣ, Р. Фатҳуддинов, И.Гаспринский ва бародарон Зокир ва Шокир Рамиевҳо, ки дар заминаи фарҳанги исломӣ ба камол расидаанд, чун пешоҳангони ин ҷараён, бо дарки рушди ҷомеа ҷиҳати амалӣ намудани ин ғояи бедорӣ ҷаҳд намудаанд [2, с.112].

Нақши дигарро дар таҳкими наҳзати маорифпарвӣ интишороти озоди кишварҳои пешрафтаи Шарқ ташкил менамуд. Соҳиб Табаров дар асараш бо номи «Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899)» дар таҳқиқи рӯзгори Айнӣ дар солҳои 90-ум ва алалхусус бедории фикрии ӯ омилҳои зиёдеро пешниҳод менамояд, ки ин дар комилгардии донишҳои замонии мударрисон, муҳасиллин, аҳли зиё ва дигар қишри иҷтимоии Бухоро (ва шояд тамоми Мовароуннаҳр.О.Х.) заминаи олие фароҳам меоварад, Аввалан огоҳӣ ва воридгардии ҷаридаи «Тарҷумон», ки ҳангоми дар мадрасаи Олимҷон таҳсил намуданаш аз ҷониби «ҳамсабаҚ шарикдарси Айнӣ-Мирқодирмахдум» дастрас мекунад [3, с.273]. Ба қавли Соҳиб Табаров «Тарҷумон» ба номи муштарӣ Сайидаҳмади ришкан яке аз хешовандони Мирқодирмахдум аз Крим ба Бухоро меомад ва бори нахуст С.Айнӣ ба воқеаҳои ҷаҳон ошно мегардад [3, с.274].

Шарифҷони Муъташим шахсияти дигаре буд, ки аз осори интишоргардидаи Русия ва хориҷи он ошно буд ва худи ӯ тасҳеҳкунандаи китобҳои арабӣ дар матбааи Туркия буд ва С. Айнӣ «Саидаҳмади ришкан барин бухориёни пешқадам ва бомаърифатро дар тарғибу ташфиқи анвори маориф ва маданият хеле бузург мешуморад» [3, с.277]. Соҳиб Табаров дар рисолаи фавқ ба фаъолияти Шарифмаҳдуми Муъташим баҳои баланд медиҳад ва таъкид мекунад, ки «яке аз асосгузорони нашриёти миллии тоҷикӣ дар аввали солҳои 90-уми асри XIX ва интишору фурӯши китобҳои соҳаҳои гуногуни илму фан, аз ҷумла китобҳои навчопкардаи хеш, ҷалб кардани равшанфикрону маорифпарварон ва донишҷӯёни фозили бухороӣ, ба мисли Сайидаҳмади ришкан, хидмати босазое намуда, ин корҳоро вазифаи муҳим барои бедорнамоии худшиносиву хештаншиносии миллати тоҷик меҳисобид [3, с.278].

Амирони Бухоро қонунгузории давлатӣ надоштанд ва аз аҳолӣ талаб менамуданд, ки мутобиқ ба ҳидоятҳои Қуръони карим амал намоянд, дар ҳоле худи ҳукуматдорон бар хилофи фармудаҳои ин китоб амал мекарданд. Андози номаҳдуд ва ришваситонии амлокдорони амир дар ҳар як мавзеи аморат аҳолиро фақир месохтанд ва барои наҳзатҳои зидди ҳукумати амир замина ба вуҷуд меоварданд.

Баробари ин, дар мадрасаҳои Бухоро ва Самарқанд нуҷумшиносӣ ва ҳандаса низ тадрис мегардид. Вагарна Аллома Аҳмади Дониш барин нобиғаҳо аз нуҷум ва ҳандаса огоҳӣ намеёфтанд ва то ҳадди муҳандисӣ намерафтанд. Аз ҷумлаи осори Аҳмади Дониш дар охири асри XIX «Манозир-ул-кавокиб» ва «Ар-рисола фи аъмол-ул-кура» бевосита ба илми нуҷумшиносӣ бахшида шудааст. Оид ба фаъолияти илмии аҳли Бухоро ва нисбат ба арзишҳои миллӣ бепарво будани онҳо Садриддин Айнӣ чунин менигорад: «Дар мадрасаҳои Бухоро қариб 20 китобхона буда, аз инҳо китобхонаи «Дор-уш-шифо», махсус ба китобҳои тиб пур буд, аҳли истибдод ба фикри барҳам додани китобхонаҳо афтоданд. Ба таври худ ваҷҳе ёфта, дар аҳди амир Насруллоҳ ба воситаи раиси Бухоро Раҳмонбердӣ Махдум китобхонаҳоро барҳам доданд… Баъди он ки роҳи Бухоро барои аврупоиён кушода шуд, як қисми китобҳои нодире, ки дар хонаҳои уламо буд, аз тарафи писарони исрофкор ва шаҳватпарасти онон ба китобдӯстони аврупоӣ фурӯхта шуд» [5,с.16].

Мушкилоти асосии дарсҳои мадраса он буд, ки аксари муҳассилин ба хотири мақом ва мартабаи хубро соҳиб шудан бештар ба омӯзиши фиқҳи ислом мепардохтанд. Дар мадрасаҳо духтарон тадрис намекарданд ва духтарон дар назди бонувони босавод таълим мегирифтанд. Баробари тасарруфи Осиёи Миёна аз тарафи Русия ҳадафи таҳия намудани мактабҳои нав пайдо мешавад ва дар ин самт тоторҳо бештар саъй менамуданд. Аз руйи андешаи муаллифи Месилский В.И. соли 1881 дар шаҳри Тошканд, нахустин мактабҳои типи русӣ бо дастури императори Русия барои писарон ва соли 1887 барои духтарон кушода мешавад [4, с. 338].

Аҳмади Дониш дар рисолаҳои хеш сабабҳои ақибмондагии аморати Бухороро ба қалам додааст. Номбурда пас аз сафарҳои худ ба мулки Русия эҳсос намуд, ки омилҳои асосии ақибмонии Осиёи Миёна бештар ба шакли идоракунии давлат ва сатҳи қонунгузорӣ алоқаманд мебошад. Набудани матбаа, театр, лампаи керосинӣ, таҷҳизоти гармкунанда, муассисаҳои тиббӣ, мактабҳои ҷадид ва ғайра аз тафовути барҷастаи байни Бухорову ҷаҳон шаҳодат медиҳанд. Ба ибораи дигар аморати Бухоро аз ҷомеаи ҷаҳонӣ ақиб монда буд ва ин тафовут Аҳмади Носируддинро водор мекард, ки ҷиҳати чуну чарои он пажӯҳиш бинмояд. Ҳатто дар «Наводир-ул-вақоеъ» муаллиф аз ғизои маънавӣ ҳарф кушода, чунин хулоса менамояд, ки «Абӯмуслимнома» барин китобҳои камтаъсир аҳли Бухорои шарифро боз ҳам кундзеҳн мекунанд. Нуфузи аз меъёр бештари шариат ва ҷонибдории куркуронаи амалдорони камсавод аз ислом барои дар ҷаҳлу торикӣ нигаҳ доштани мардум мусоидат мекард. Монеаи асосиро дар рушди мафкуравии инсонҳо Аҳмадмаҳдуми Бухорӣ дар таассуб ва розҷӯии муслимин донистааст.

Аҳмади Дониш ҳангоми тасвири авзои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии ҷомеаи Бухоро пеш аз ҳама оин, анъана ва ҷаҳонбинии омму хосро ба назар гирифтааст. Дар «Наводир-ул-вақоеъ» Дониш бо як ҷасорат ҷаҳонбинии пасти дарбориён, аҳли дин, мударрисон, хурофот ва вазъи зиндагии моддию маънавии мардумро тасвир менамояд. Инъикоси кирдору рафтори ҳамзамонон дар андешаҳои мутафаккирони адабиёти классик дар шакли норизоӣ ва таъкидӣ ифода ёфтааст. Роҷеъ ба андешаҳои Саъдии Шерозӣ, Муҳаммад Ғаззолӣ муаллиф андешаронӣ намуда, як муддати муайян дар зери таъсири афкори Ғаззолӣ мондани худро тасвир намуда, бар зидди ақоиди онҳо чунин менигорад: «... Ва иллати он, ки ман бар зоҳири ҳолҳо фирефта нашудам ва назар дар асл ва авоқиби умур доштам он аст, ки дар соли сиюм каму беш ба саъйи яке аз умаро ба китобати «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ мустаид гаштам ва он дар усули дин аст ва муомалоти дунявӣ. Ва дар он баъзе таҳқиқотро роҷеъ ба «Эҳё-ул-улум» дошта, ки ҳам аз мусаннафоти он Имом аст. Ба мутолааи он низ фоиз шудам, то асари дину диёнат дар хотирам нишаст ва бад аз он ҳамаи муомалоти мардумро аз умури динӣ ва дунявӣ аглоти он дар басиратам макшуф мешуд ва ҳеҷ коре дилхуш намешудам… ва чун халқро медидам, ки ба як роҳи тақлидии мутаориф мерафтанд, ман ҳам чора надоштам, (ки) мухолафат кунам ва мегуфтам: «Шояд дар охиртари ин роҳ маслаки начоте бошад». То дар санаи

панҷоҳум аз умр шоҳроҳи мустақим дидам, ва дар он ҷамъе мерафтанд ва роҳнамое доштанд… Бе ғоилаи тадаббур ва тафаккур ба эшон ҳамроҳӣ гузидам» [6, с.102].

Аз ин матн бармеояд, ки Дониш як муддат пайравӣ аз андешаҳои Ғаззолӣ намудааст ё худ дар анҷоми ҷараёни ошноӣ бо шоҳкориҳои таърихи адабиёти форсӣ муаллиф баъзан бо андешаронии дигарон чун Ғаззолӣ, Абулмаъонӣ ва чандин бузургони пешин бархӯрд ва мусоидат намудани худро ифшо намудааст. Ба хусус барои таъкиди фикр дар бисёр маврид аз Абулмаъонӣ истифода мекунад. Аслан тасвири воқеиятии ҳолати ҳамзамонон бештар дар адабиёти классик дар асарҳои таърихӣ, таҳлилӣ ва ёддоштӣ дида мешавад. Ҷойи баҳс нест, ки ақидаҳои Аҳмади Дониш ба аъёну ашроф он тараф истад, ҳатто баъзан ба иштирокчиёни маҳофилу мубоҳисаҳои оростаи худи муаллиф писанд намеафтид. Дониш аз ин рӯҳафтода намешуд. Бе диранг бо рақибони ғоявиааш ба ҳарб мепардохт, баҳсу муҳокимарониҳояш бо далел буданд.

Фарзан, баҳси маҷлису маҳофил аз ҷониби Аҳмади Дониш «Дар ҳикояти фаромӯшхона ва баёни қурби соат» чунин омадааст: «Аз иттифоқоти ҳасана шабе тарҳи маҷлисе афтода буд, бо ҷамъе аз аъёнзодаи шаҳр ва натиҷаи ашрофи акобир, ки ҳама дар шеваи зарофат ваҳиди аҳд буданд ва дар таври зукот фариди аср, асбоби айш муҳайё ва адавоти ишрат муҳанно ақдоҳи роҳ гардон буд… Дар фаслу боби маҷлис гоҳе сухан аз безабтии замона мерафт ва душвории касби обу дона ва гоҳе аз харии умаро ва динфурӯшии уламо. Лаҳте муҳовара аз аҷоиботи олам мекарданд ва баёни ихтирооту синооти бани Одам» [6, с.116].

Чунин тасвирҳо аз ин далолат мекунад, ки маҳфилҳое, ки Аҳмадмахдум ширкат меварзид, аксаран пуробу ранг ва гуногунмавзӯъ буданд. Дар ин гуна маҳфилҳо ашхос аз табақаҳои гуногуни ҷомеа гирд меомаданд ва ҳамзамон дар масоили гуногун ҳарф мезаданд. Ҳамчунин баҳс дар ин гуна маҳофил гуногунмавзӯъ ва аксаран дорои ихтилоф буда,

Бобҳои ҷудогонаи «Наводир-ул-вақоеъ»-ро метавон чун сафарномаҳои худи Дониш ва ё ашхоси алоҳида номид. Бобҳои «Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия», «Дар сафорати Абдулқодирбӣ ва аҷоиби ҷашни Русия», «Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғанои марди аҷамӣ» ва «Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» сафарномаи худи муаллиф ва ё ҳамсуҳбатонашро бо тафсил овардааст, ки метавони ин бобҳоро бо бахши жанри фалсафаи маҷмӯаи осори воқеии Аҳмади Дониш донист. Бобҳои «Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия» ва «Дар сафорати Абдулқодирбӣ ва аҷоиби ҷашни Русия» натоиҷи сафарҳои Аҳмади Донишро инъикос менамояд, ки андешаҳои маорифпарварии мутафаккир маҳз дар ҳамин асар инъикоси худро ёфтаанд. Дар фасли «Дар ҳикояти Абулқосимбӣ ва сафари Русия» мутафаккир барои ифодаи воқеият ва мақсади сафар ишора менамояд: «Навбате, ки ба масҳуби Сайид Абдулфаттоҳтӯра ва рафоқати Абулқосимбӣ ба сафорати Рус иттифоқи вуруд афтод, расм аст, ки дар он ҷо элчиёнро барои изҳори ҷоҳу дастгоҳи давлати хеш ба маҷолису маҳофили бузург ва тамошохонаҳою имороти олия ва хазоину дафоин мегардонанд ва бад-он тафохуру мубоҳот мекунанд» [6, с.165].

Сафари Аҳмади Дониш ба Русия дар тафаккур ва зеҳни ӯ бетаъсир намондааст ва бархӯрди ду ҷаҳонбинӣ ва таҳқиқи таҳқурсии онҳо дар мафкураи нависанда инқилоби маънавиро эҷод менамояд. Аҳмади Дониш мафтуну дилбохтаи зебоӣ ва хушнудии зоҳирии ҷамъияти Русия, латофату назокати занони ин кишвар гардида, номақбулии базму тараб ва маҷлису маъракаҳои онҳоро мисол оварда ба хулосае меояд, ки ин ҳама ба зиндагии воқеии заҳматкашон ҳеҷ иртиботе надорад. Дар «Ҳикояти Абдулқодирбек бӣ ва сафари Русия» ва «Ҳикояти Абдулқодирбек ва баёни аҷоиботи базм ва ҷашни Русия» нависанда аз дидани «… маҳрӯёни садафтинату сарвқадони офтобталъат» бесатр дар ҳайрат меафтад ва бо муболиға чунин тасвир мекунад: «Бад-он зебу зинат чун бархезанд, ақл аз кохи димоғ ба парвоз ояд ва чун бишинанд, ҷон дар ҳуҷраи дил хомӯш гардад» [6, с. 168]. Муҳити ба чашм комилан нави ҷамъияти Русия ба тазоде дар тахайюли Аҳмади Дониш замина гузошта, аз худ мепурсад: «Ин чӣ ҷосту куҷост?» [6, с. 166].

Дар натиҷаи мушоҳидакориҳо ва ҷустуҷӯйи саҳеҳ ба суоли хеш посух ёфта, маҳфилҳои пуробу ранги қишри олимартабаи русро инчунин шарҳ медиҳад: «Вазъи ин маҳфил барои он аст, ки чун дар он вилоят сатру ҳиҷоб нест, мардону занони акобир ва дӯшизагон ва ҷавонони аъозим ба ҳамдигар волову дилдода шаванд ва маъшуқ ба хона бурдан, бинобар монеи таоззур дорад, чунки дар шариати эшон мард зиёда аз як зан ба никоҳ натавонад овард ва зан то шавҳар намирад, шавҳари дигар натавонад кард» [6, с. 170]. Мутафаккир вазъияти худро дар маҳфил ингуна тасвир менамояд: «Саросема ба ақиб менигаристем, иҷолат-ул-вақт (ҳамон вақт) ба тарсу ларз пое пештар мебурдем ва ба ранги бӯзинагон тамаллуқе мекардем ва ба даҳону забон ба ангушт ишора медодем ки «мо безабононем ва аз саҳро расида говон ва ба русуму услуби шаҳри шумо нодонон, маъзурамон доред!» Аз ин тамҳиди узри мо мерамиданд ва ба риши мо механдиданд. То он ки мутарҷими мо даррасиду дасти мо бигирифт ва аз он ҳайронию саргардонӣ бираҳонид ва ба садри маҷлис бурду ба болои кастале чанд ба нишастан ишора кард. Хомӯш нишастем ва аз зарбати мушти пешу пушт бирастем» [6, с.167].

Аҳмади Дониш ба тасвири маҳофили ашрофони Русия мепардозад ва тавсиф аз он чӣ дидааст менамояд. Яъне ҳадаф аз маҳфилороии ҷамъияти олимартабаи Русия ишқварзӣ ва бодапарастӣ мебошад, ки оқибат ба зино ва ҳаром меанҷомад. Аз ин хотир, Дониш фарҷоми беадабӣ ва бадахлоқии ашрофзодагони русро дар костагии аҳкоми онҳо дидааст. Аҳмади Дониш чун сафири Бухоро бо шарикии Абдулқодирбеки Додхоҳ дар базми арӯсии духтари шоҳ Александри II даъват шуда, бо машварати тарҷимон Козимбек мадҳияе ба ин муносибат навиштааст. Русия чун оғози олами навине дар умқи тафаккури Аҳмади Дониш мӯҷиби пайдоиши андешаҳои маорифпарварии вай гашт ва барои нависанда ҳама урфу одати либоспӯшӣ, сарфи ғизо, сайру гашт, мулоқот…аҷиб менамуданд, вале ӯ мафтуни зебоии зоҳирии тамаддуни Ғарб нагашта, дар «Наводир-ул-вақоеъ» меорад: «… чун назари ман бештар ба ибрат буд, ҳузну яъс, ки дар акобиру асоғири он диёр мулоҳиза намудам, таабу машаққати исломиён ҳама ночиз менамуд» [6, с. 187]. Аз нигоҳи Дониш ҳамаи ин хушҳолиҳо маснӯӣ буда, ҷуз ниқоб чизе нест. Аҳмади Дониш пешрафти сиёсӣ, иқтисодию фарҳангии мулки Русияро муаррифӣ намуда, онро ба муҳити аморати Бухоро қиёс мекунад ва ғаму андӯҳи ҷамъиятро дар рашку ҳасудӣ ва бахшиши акобиру асоғири Русия мебинад: «Аз камоли таассубу такаллуф доим ба ҳама ранг ва зебу зинат ранги зану марди эшон зарду кабуд метофт, чунки бисёр ғам мехӯранд, аз ҳолату ғайрати ҳамдигар, (ва) ҳамчунин дар базмхонаҳо мудом дар рафтору кирдор ва гуфтори ҳамдигар нозир буданд ва дар садади қадҳу айби ҳамдигар. Ва ин нохушӣ ба ҳама сағиру кабир ва фақиру амири эшон омм буд» [253, с. 191]. Дониш ҳангоми сафарҳои Русия бо тамаддуну ҷаҳонбинии дигаре бархӯрд менамуд ва дар натиҷаи тадқиқу пажӯҳиш ба хулосае меояд, ки «мутлақо бани одамӣ дар дунё осудагӣ ва роҳат надорад» [6, с.191].

Мутафаккир дар қисмати «Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғанои марди аҷамӣ» бо шаҳодати марди эроние марказҳои фарҳангӣ ва шаҳрҳои бузурги дунёро чунин шарҳ медиҳад: «Фарангиён гӯянд: Дар арсаи олам се шаҳр аст: аввалаш Ландан, дувум Порис, сеюм Фетербурх. Дигар билод ҳукми қария ва қишлоқ дорад ва вулоти онҳо ҳукми арбоб ва раис» [6, с. 193]. Аз ин маълум мегардад, ки Дониш оид ба кишварҳои пешрафтаи Аврупо маълумоти зиёде доштааст. Номи мамолики Шарқ мисли Туркистон, Ҳиндустон, Эрон, Арабистон дар бисёр маврид аз ҷониби мутафаккир оварда шуда, Амрико дар шакли Амриқо ва Янги Дунё ифода ёфтааст. Дониш фазои бадеиро вобаста ба ҷаҳонбинии васеи сиёсӣ ва иттилооти ғанӣ инъикос менамояд. Мусофирати Русия ва тасвири муҳити он дар якчанд ҳикояти «Наводир-ул-вақоеъ» барои маърифат намудани ин кишвар ба ҳамзамонони нависанда кӯмак менамояд. Дар тасвир муаллиф кӯшиш намудааст, ки тамоми ҷузъиёти хурдтарини муҳити бегонаро нишон диҳад. Агар зоҳиран тасвир намудани маҳофил ва базми арӯсии духтари подшоҳи Русия барои ошно намудани ҳамзамонон ба оину анъанаҳои мардуми ғайримусалмон, бахусус ҷамъияти олии рус бошад, пас пешрафти иқтисодӣ ва сукути маънавии муҳити онро барҷаста нишон медиҳад. Муаллиф фазои бадеиро дар бобҳои алоҳида дар тафаккур ва такомули мушоҳидаҳои худ ҷолиб ва воқеӣ ба қалам медиҳад. Масалан, «Дар ҳикояти ҳоҷӣ ва манофеи сафар ва хислати занон» тасвири фазои бадеӣ лаҳзаҳои гуногунро дар бар мегирад. Дониш дар ҳикояти мазкур сафари «ҳоҷии узбакро» инъикос намуда, баробари он ҷаҳонбинии танги ӯро ифода менамояд. Сафари мусофир аз бозгашти ҳаҷ оғоз меёбад, ки идомаи он дар Ҳиндустон, Пишовар, Кобул, Миср, биёбонҳои Қазоқистон, Тошканду Бухоро сурат мепазирад. Дониш кӯшиш намудааст, ки фазои маъавии ин кишварҳоро тасвир намояд. Нависанда лаҳза ба лаҳза аз як муҳит ба муҳити дигар гузашта, аснод роҷеъ ба таназзули ин кишварҳо оварда, дар ин ҳикоят найранги фарангӣ, ҷаҳолати аморати Бухоро, фасодии занони Миср, харобии маънавии бодиянишинони қазоқ ва амсоли инҳо бо далелу бурҳони қотеъ собит гардидааст. «Дар ҳикояти гирдоби Искандар ва ғанои марди аҷамӣ» саргузашти марди эрониеро ҳамсуҳбаташ пас аз бозгашт аз ҳаҷ тавассути Ҳиндустон нақл менамояд ва меорад, ки «Маро саргузаштест дароз, ва воқеаест бас ҷонгудоз, ки шояд касеро тоқати шунидан набошад ё баъд аз истимоъ бовар надорад». Марди эронӣ аз он ҳикоят менамояд, ки «Ман дар бадви ҳол аз Хуросон барои тиҷорат ва таҳсили мол ва таламмузи забони фаранг ва немиса ба Порис рафтам ва дар он ҷо як-ду сол иқомат варзида, баъд аз фироғ аз такопӯи раста ва бозор соате ба дабиристон рафта ба истилоҳи забони фаранг ва тариқи савдо ва муомалот вуқуфи куллӣ ҳосил кардам, чи тиҷорат дар Фарангистон мухолатат ба он қавм бе забондонӣ мучиби зиёну зарар ва офат аст» [6, с.147].

Ҳамин тариқ, адабиёти тоҷик хазинаи бебаҳои маърифати инсонист, ки дар офариниши маънӣ ва тасвирҳо ҳамто надорад ва марҳилаи адабиёти нимаи дувуми асри XIX аҳамияти баланди эстетикӣ дошта, асарҳои муҳташами адабӣ, рисолаҳои таърихӣ, сафарномаҳо ва тазкираҳои дорои маълумоти кофӣ маҳсули ин марҳила аст. Маълум гардид, ки насри бадеии маорифпарварии ин давра дорои афкори озодихоҳии миллӣ, сатҳи ҷаҳонбинии нави ичтимоӣ, истиқлолияти фикрии равшанфикрон, поэтикаи ҷадид, тасвири воқеияти зиндагӣ, таносуби тахайюл ва воқеият, ёддошт, муоширати ҳамзамонон, баробари анъана дорои навоварӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Рачабов З.Ш. Маорифпарвар Аҳмади Дониш. /З.Ш.Рачабов -Душанбе, Ирфон, 1964. -308 с.
2. Зайниддинов М. Фаъолияти маорифпарварии Шаҳобиддини Марҷонӣ ва рушди робитаҳои адабии хлқҳои тоҷику тотор. // Садои Шарқ, №5, с.2016
3. Табаров С. Зиндагиномаи Садриддин Айнӣ (1875-1899).- Душанбе, 2008, 480 с.
4. Месилский В.И. Туркестанский край. Россия полное географическое описание. Том XIX. /В.И.Месилский –СПб: изд. А.Ф.Леврина,1913. -859 с.
5. Айнӣ С. Таъриҳи амирони манғитияи Бухоро. /С. Айнӣ //Куллиёт. Ҷилди 10. –Душанбе: Ирфон, 1966. -344 с.
6. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-ваҷоеъ. Китоби 2. /Аҳмади Дониш – Душанбе: Дониш, 1988. -344 с.

ХУДОЖЕСТВЕННОЕ ПРОСТРАНСТВО В ПРОЗЕ АХМАДИ ДОНИША

Интеллектуальная независимость мыслителей конца XIX века дала толчок интеллектуальной революции в контексте понимания событий мирового сообщества и его сравнения с неостанавливаемым эмиром того периода. Современные люди были разделены на два направления - новая администрация и старая, и любые усилия педагогов контролировались эмиром.

Дониш жил в темном обществе Бухары и анализировал неблагоприятную экономическую и социальную ситуацию и низкое исламское образование народа Бухары. По словам современников Дониша, «Navodir-ul-waqo'e» - это произведение, в котором видны изменения как по содержанию, так и по стилю.

Работа Ахмади Дониша «Наводир-уль-вакое» внесла значительный вклад в становление персидской и таджикской образовательной прозы конца XIX и начала XX веков и в дальнейшем заложила благоприятную основу для развития настоящей прозы. В этой статье автор стремится исследовать пока еще неисследованные аспекты реалистической прозы конца девятнадцатого и начала двадцатого веков.

В статье рассматриваются основные феномены развития образовательной мысли, ее влияние на политическую эволюцию и идеи образования в конце XIX и начале XX веков.

Ключевые слова: *ситуация, цивилизация, город, Бухара, период, президентство, династия, время, общество, литературоведы, наука, образование, интерес, образование, воспитание, религиозная структура, место, произведения.*

THE ARTISTIC SPACE IN AHMADI DONISH'S PROSE

The intellectual independence of the thinkers of the late nineteenth century gave impetus to the intellectual revolution in the context of understanding the events of the world community and its comparison with the unstoppable emirate of the period. The moderns were divided into two directions - the new administration and the old ones, and any efforts of the educators were controlled by the emir.

Donish lived in the dark society of Bukhara and analyzed the unfavorable economic and social situation and the low Islamic education of the people of Bukhara. According to Donish's contemporaries, «Navodir-ul-waqo'e» is a work in which changes can be seen both in content and style.

Ahmadi Donish's work «Navodir-ul-vakoe '« made a significant contribution to the formation of Persian and Tajik educational prose of the late XIX and early XX centuries, and further laid a favorable foundation for the development of real prose. In this article, the author seeks to explore the as-yet-unexplored aspects of realist prose of the late nineteenth and early twentieth centuries.

The article examines the main phenomena of the development of educational thought, its impact on the political evolution and ideas of education in the late nineteenth and early twentieth centuries.

Keywords*: situation, civilization, city, Bukhara, period, presidency, dynasty, time, society, literary critics, science, education, interest, formation, education, religious structure, place, works.*

Сведения об авторе*:*

Олими Хосият Хоким *- Таджикский государственный институт языков имени Сотима Улугзода, кандидат филологических наук, доцент кафедры теории и истории литературы. Адрес: 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева 17/6, тел: (+992) 917160791; E-mail:: hosiyat.olimova@mail.ru*

About the author:

Olimi Khosiayt Hakim *- Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzod, Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Theory and History of Literature. Address: 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Mukhammadieva 17/6, tel: (+992) 917160791; E-mail:: hosiyat.olimova@mail.ru*

УДК: 070. 1 (575. 3)

О ПРОТИВОРЕЧИИ САЙИД АХМАД-ХАНА И МУХАММАД ИКБАЛА ОТНОСИТЕЛЬНО МУСУЛЬМАНСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ИНДИИ

Гоибова Ф.М.

Таджикский национальный университет

Сэр Сайид Ахмад-хан и Мухаммад Икбал являются двумя из самых влиятельных мыслителей конца XIX - XX веков. Оба они оставили неизгладимый отпечаток на траекториях ислама и его отношениях с Западом. И Сайид Ахмад-хан, и Мухаммад Икбал получили традиционное образование, но вскоре осознали его ограничения по отношению к достижениям современных наук Запада, связали рациональное образование и обучение с подъёмом Запада и упадком мусульман. Эти два мыслителя переосмыслили исламское богословие в свете современных вызовов и по-своему попытались возродить чувства целеустремлённости среди мусульман. Несмотря на это сходство существуют некоторые противоречия между их взглядами по поводу существующей системы образования среди мусульман в Индии и их отношения к религии. Сэр Сайид работал над радикальным толкованием богословия и отверг те аспекты религии, которые не совместимы с современным секуляризмом, а М. Икбал защищал традиционные формы религии и считал ее необходимой для осмысления жизнеспособного политического будущего. Для большего понимания этого вопроса вполне было бы уместно рассмотреть некоторые аспекты этих двух влиятельных личностей относительно их отношений к системе образования в Индии.

Сайид Ахмад-хан–общественный деятель, религиозный реформатор, основатель Мусульманского Алигархского колледжа и движения мусульманского просветительства в Индии. Выходец из знатной мусульманской феодальной семьи сэр Сайид Ахмад-хан родился в 1817 году в Дели (в то время это была ещё столица могольской империи на территории Индостана). Он родился в то время, когда Британия все больше и больше оккупировала Индию и лишались своей независимости различные индийские королевства. И их правители сохраняли лишь номинальный титул. Само существование мусульман в Индостане оказалось под угрозой – их активно вытесняли из экономической и политической жизни страны. Сайид Ахмад-хан получил отличное воспитание и образование в лучших традициях мусульманской могольской знати, читал Коран на арабском языке, знал урду, фарси, дари, математику, астрономию, политологию, юриспруденцию, изучал медицину и литературу.

В 1857 году во время Индийского восстания Северная Индия понесла огромные потери – и человеческие, и экономические, и нужно сказать, что особенно больно оно ударило по мусульманам, которые в своём большинстве населяли именно эти территории. Осудив лидеров восстания за его неподготовленность, Сайид Ахмад-хан оценил его как путь к поражению индостанского мусульманского общества [2, с.7].

Реформатор провидец Сайид Ахмад-хан может быть расценён как ключевая фигура для того, чтобы восстановить положения индийских мусульман именно в то время, когда они нравственно, и с точки зрения образования и экономики, были на самом низком уровне. По мнению многих его соотечественников, он был одной из ведущих личностей мусульманского возрождения. Целью Сайид Ахмад-хана было вывести мусульман из этого болота бедности, культурного застоя и неграмотности. Просветитель считал, что образование было единственной панацеей от всех этих недугов общества.

В октябре 1870 года Сайид Ахмад-хан вернулся в Индию после своей поездки в Англию, где он близко ознакомился с европейской системой образования. Следует отметить, что одним из важных объектов изучения просвещения в Индии выступает Алигархский мусульманский колледж, который был основан 24 мая 1875 года на севере Индии. Данный колледж был одним из первых мусульманских учебных заведений нового образца, который стал центром подготовки научно-педагогических кадров в этом регионе.

Основателем его по праву, считается, Сайид Ахмад-хан. С упорством и большой энергией сэр Сайид популяризировал свои просветительские идеи – сплачивал единомышленников, создавал различные общества, основывал школы и колледжи, издавал газеты и журналы. Он одним из первых в Индии указал на необходимость тесной взаимосвязи обучения и воспитания как процесса формирования личности: «Моё желание не только распространять образование среди мусульман… но и дать нашим детям такое воспитание, которое отвечало бы потребностям настоящего времени. Без этого мы не соберём урожай, которого ожидаем» [10, с.200]. Просветительские идеи Сайид Ахмад-хана постепенно развивались, и в последствии его представления об образовании приняли форму образовательного движения. Цель образования, считал просветитель, должна состоять в том, чтобы пробудить интеллект народных масс и помочь в создании просвещённого общества. В 1859 году по инициативе Сайид Ахмад-хана было организованно персидское медресе в городе

Марадабаде, в 1864 году, сэр Сайид Ахмад-хан организовал школу в Газипуре. В своей вступительной речи при открытии школы мыслитель отмечает, что «это благородное дело полезно не только непосредственно нам, но и будущему нашему поколению, т.е. нашим сыновьям и сыновьям сыновей» [11, с.222].

Занятия в медресе и в школах велись на английском, урду и персидском языках, и этот факт проливает яркий свет на характер, идеалы и цели её основателя.

В 1864 году Сайид Ахмад-хан переехал из Газипура в Алигарх (город на севере Индии). Открытие таких школ, как школа в Марадабаде, медресе в Газипуре, предшествовало созданию просветителем Научного Общества колледжа, которое занималось организационными вопросами для создания Алигархского англо-восточного колледжа. Просветитель давно мечтал о таком учебном заведении, которое могло бы соединить изучение древнего индийского наследия и современных западных наук, религиозное воспитание со светским обучением. Он совместно с созданным им в 1872 году Комитетом по изучению путей наилучшего распространения знаний Среди Мусульман Индии, разработал очень чёткую программу обучения и организационную схему данного учебного заведения.

Продолжателем прогрессивных идей концепции образования Сайид Ахмад - хана является видный просветитель, реформатор, общественно-политический деятель и поэт Мухамад Икбал (1877-1938).

Своё основополагающее образование Мухаммад Икбал получил в начальной школе для маленьких детей. В возрасте 16 лет Икбал поступил в колледж при Шотландской миссии, где преподавал его отец Нур Мухаммад. В колледже преподавали курсы гуманитарных наук, аналогичные тем, которые преподаются в английских университетах, а также курсы на персидском и арабском языках. Получив диплом факультета искусств в этом учебном заведении, Икбал поступил в Государственный колледж в Лахоре, где изучал арабский, английскую литературу и философию. Именно здесь Икбал познакомился с известным учёным и востоковедом и исламоведом Томасом В. Арнольдом (1864-1930) с поддержкой которого в 1905 году он покинул Лахор, чтобы продолжить своё образование в Европе. В течении трёх лет Икбал изучал право и философию в Кембридже, где он получил стипендию правительства Индии и получил докторскую степень в Мюнхенском университете. Позже в своей жизни, однако Икбал стал сетовать, что в своем рвении изучения западных знаний, он не смог полностью реализовать свои умственные способности для служения исламу. [5, 6, с.74].

И это, по его мнению, характерно для такого рода образования, предоставляемого такими учреждениями, как Алигархский Университет. Также Икбал утверждал, что форма образования, которая предоставлена в современных учреждениях не смогла представить человека как часть отдельной общины и показать, что его развитие неразрывно связано с развитием «нации» [6, с.496-497].

По его мнению, истинное развитие общины, или нации состоит в поисках критерия развития его по собственному пути, а не в имитации моделей развития других. Образовательные учреждения являются ключевым средством культивирования специфического «национального характера» общин. М. Икбал выступал за целостный подход к образованию, одно из которых отражало заимствования и от традиционной мусульманской концепции адаб и романтичных понятий на образовании. Понятие адаб является широким термином, который по существу относится к дисциплине и обучению и его можно определить как правильное знание и поведение в тотальном процессе, по которым человек становится образованным, руководствуется и формируется в хорошего мусульманина [7, с.2-4].

Также, как и концепция адаб, романтические понятия образования подчёркивали целостный подход к образованию: образовательный идеал, интеллект, чувства и действия. Концепция бильгун (самокультивация или самореализация), которая была синонимом романтических понятий образования, подчёркивала необходимость культивировать все силы человека в единое целое [9, с.55-73]. Следует отметить, что на Икбала также оказали сильное влияние представления об образовании, которые подчёркивали внутреннею связь между образованием и процессом самореализации. При изучении критики Икбала современных подходов к образованию было бы уместно также изучить взгляды таких деятелей, как Томас Арнольд и Шибли Нумани, которые были тесно связаны с Алигархом, но стали критиковать подход Сайид Ахмад–хана к обучению мусульман, который истолковал религиозную ортодоксальность как главное препятствие в своей миссии по установлению современного образования и как ключ к преодолению мусульманского упадка. Его реформистская повестка дня заключалось в том, чтобы переосмыслить религиозные писания таким образом, чтобы они были совместными с современными науками. Томас Арнольд, который изначально был тесно связан с Сайид Ахмад-ханом и Алигархом и с процессом развития современных учебных заведений в Индии, был активным участником дебатов по поводу типа

образования, наиболее подходящего для мусульманской общины, в частности дебатов по поводу полезности принятия западного образования. Арнольд подверг резкой критике акцент Алигархского колледжа на экзоцитистных полномочиях западных подданных, и посетовал на то, что данное учреждение не смог культивировать в своих учениках высший «национальный идеал», и предостерёг от «экстравагантного» и необоснованного идолопоклонства «британской» цивилизации. Находясь в Алигархе, Арнольд стремился разработать более широкую культурную основу, в которой основное внимание уделялось культуре и литературе на местных языках, а также их этическому содержанию, в дополнение к своей западной учебной программе. Например, он призывал уделять больше внимания истории, языкам и литературе ислама. Арнольд утверждал, что это необходимо для того, чтобы привить студентам национальный идеал и дать им возможность черпать вдохновение из величия ислама в составлении своего будущего, и это, по его мнению, способствовало бы развитию синтеза исламских и западных знаний. Отражая различные направления мышления, включая концепции специфики общин, Мухаммад Икбал, как и Томас Арнольд, Шибли Нумани предостерёг от принятия университетской модели образования. Он подчеркнул, что образование должно соответствовать потребностям общины и выразил сожаление по поводу того, что образование, представляемое в таких учреждениях, как Алигарх, лишь отвлекает человека и общину от его истинного развития. По его мнению, современные учебные заведения в Индии отвлекают мусульманина от знания собственной истории и культуры, укрепляя западное культурное и политическое господство, т.к. они были направлены исключительно на производство функционеров для колониального государства. Икбал утверждал, что такие учебные заведения как Алигархский колледж, вместо того, чтобы обеспечить систему образования, которая служила бы «истинному развитию» личности и общины, способствуют росту поколения мусульман и индусов, рассчитанных только для службы в государственных учреждениях. Высказывались опасения, что система образования, внедрённая в Индии, существовала лишь для производства западного индивидуала, хорошо разбирающихся в западных идеях и подготовленных для экономической занятности, но без любого национального характера. Развитие «истинно национального характера», подчеркнул Икбал зависело от осуществления «истинного национального образование» [4, с.81]. Поскольку каждая страна имеет свои собственные потребности, образовательные проблемы должны соответствовать этим конкретным потребностям. Чрезмерный уклон на западную литературу и цивилизацию приведёт к тому, что современный образованный мусульманин, который ассимилировал западные привычки, мысли и характер придёт к полному пренебрежению коллективным опытом своей общины. При этом Икбал подчёркивает, что жизнь и преемственность социального разума зависит от упорядоченной передачи его коллективного опыта из поколения в поколение. Роль образования состояло в том, чтобы обеспечить эту упорядоченную передачу и придать единство самосознания или личной идентичности общественному разуму. Однако, следует особо подчеркнуть, что Икбал не был против изучения науки или западных предметов. Взгляды Икбала были расположены в контексте перестройки мусульманского образования и целесообразности принятия западных образовательных моделей. Икбал всегда утверждал, что образование должно соответствовать потребностям общины и выразил сожаление по поводу того, что образование, предоставляемое в таких учреждениях, как Алигарх, лишь отвлекает человека и общину от его истинного развития. С другой стороны, «чисто религиозные» медресе подверглись критике с его стороны за неспособность обеспечить систему образования, которая могла бы снабдить мусульман знанием наук, необходимых в современном контексте. Икбал призывал к созданию новых учебных заведений, которые могли бы придать форму синтезу исламского и западного образования, а синтез современных знаний и ислама зависел от появления хорошо подготовленных богословов и учёных, которые смогли бы благодаря своим исследованиям, в различных отраслях мусульманской литературы и мысли, проследить преемственность между мусульманской культурой и современными знаниями. Следует отметить, что несмотря на некоторые противоречивые взгляды Сайид Ахмад-хана и Мухаммад Икбала на систему мусульманского образования в Индии эти две выдающиеся фигуры оставили неизгладимый след в истории просветительского движения и развитии общественной мысли стран Ближнего Востока.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ахмад-хан, Сайид. Макалат-и сэр Сайид / Сайид Ахмад-хан. – Алигарх, 1952. -158 с.
2. Баканова М.В. Исламский реформатор Индии сэр Сайид Ахмад-хан / М.В. Баканова // Самиздат, 08.12.2013. -с. 7.
3. Гордон-Полонская, Л.Р. Мусульманские течения в общественной мысли Индии и Пакистана / Л.Р. Гордон-Полонская. -М., 1963. -326.с.
4. Икбал, Мухаммад. Ислам как этический и политический идеал / Мухаммад Икбал. - Лахор: Восток, 1955. – с. 81.
5. Икбал, Мухаммад. Макатиб-и Икбал / Мухаммад Икбал [Куллиёт под. ред. С.М. Берни]. – Дели: Академия урду Дели, 1999. – с. 74.

6. Икбал, Мухаммад. Макатиб-и Икбал / Мухаммад Икбал [Куллиёт под. ред. С.М. Берни]. – Лахор, 2002. – с. 496-497.

7. Меткалф, Барбара. Моральное поведение и авторитет: Место «адаб» у южноазиатских мусульман / Барбара Меткалф. – Беркли, 1984. – с. 2-4.

8. Прусакова Н.Г. Педагогические воззрения Сайид Ахмад-хана / Н.Г. Прусакова. – Москва, 1980. – 253 с.

9. Соркин. Давид. Теория и практика самоформирования / Давид Соркин. Дневник истории идей. – 1983, 44 (1) (январь). – с. 55-73.

10. Шан, Мухаммад. Выступления сэра Сайида Ахмад-хана / Мухаммад Шан. – Бомбей, 1972. – 200 с.

11. Selected Documents from the Aligarh Archives. Ed. Yusuf Husain. Aligarh, 1967. P. 222.

О ПРОТИВОРЕЧИИ САЙИД АХМАД-ХАНА И МУХАММАД ИКБАЛА ОТНОСИТЕЛЬНО МУСУЛЬМАНСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ИНДИИ

В данной статье рассматриваются некоторые противоречия между взглядами двух из самых влиятельных мыслителей конца XIX начало XX веков сэра Сайид Ахмад-хана и Мухаммада Икбала по поводу существующей системы образования среди мусульман в Индии и их отношения к религии. Сэр Сайид работал над радикальным толкованием богословия и отвергал те аспекты религии, которые не совместимы с современным секуляризмом, а М. Икбал защищал традиционные формы религии и считал её необходимой для осмысления жизнеспособного политического будущего. Основной целью Сайид Ахмад-хана было вывести мусульман из болота бедности, культурного застоя и неграмотности. Просветитель считал, что образование было единственной панацеей от всех недугов общества. По его инициативе 24 мая 1875 года на севере Индии был основан Алигархский Мусульманский колледж. Продолжателем прогрессивных идей концепции образования Сайид Ахмад-хана является Мухаммад Икбал, который получил своё образование в Европе. Не совсем одобряя программу образования Алигархского колледжа, который был составлен с чрезмерным уклоном на западную литературу и цивилизацию М. Икбал считал, что истинное развитие общины, или нации состоит в поисках критерия развития его по собственному пути, а не в имитации моделей развития других. Развитие «истинно национального характера», подчёркивал Икбал, зависело от осуществления «истинно национального образования». М. Икбал призывал к созданию новых учебных заведений, которые могли бы придать форму синтезу исламского и западного образования и обеспечить преемственность между мусульманской культурой и современными знаниями.

Ключевые слова: *Просветитель, концепция образования, противоречие, колледж, восток, запад, ислам, нация, синтез, просветительское движение.*

THE CONTRADICTION OF SAYED AHMAD KHAN AND MUHAMMAD IQBAL ABOUT MUSLIMS EDUCATION IN INDIA

This article focuses on some contradiction between sights of two very influential thinkers (scholars) of the end of the Nineteenth Century and the early years of the Twentieth Century, sir Sayed Ahmad Khan and Muhammad Iqbal about Systems of Education among Muslims in India and their relationship to religion. Sir Sayed worked on a radical interpretation of theology and rejected those aspects of religion, which does not compatible with modern secularism, M. Iqbal protected traditional form religion and thought it necessary for comprehension of viability political future. The main goal of Sayed Ahmad Khan was to deduce Muslims from swamp of poverty, culture stagnant and illiteracy. The enlightener thought, that education was the only panacea of all malady society. On his initiative the 24th of May 1875 Aligarh Muslims college was built on North of India. Sayed Ahmad Khan's continuator progress ideas of conception of education was M. Iqbal, who got education in Europe. He did not approve educational program of Aligarh college which was compilation overwater of skew on West literature and civilization. M. Iqbal thought, that concrete development of society or nation is in search of development criteria on own way, not in simulating the development patterns of others. The «truly national development», emphasizes Iqbal, depends on the implementation of «truly national education». M. Iqbal invoked to create new universities, which can impart form synthesis of Islamic and West education and ensure continuity between Muslim culture and modern knowledge.

Key words*: Enlightener, conception of education, contradiction, college, East, West, Islam, nation, Synthesis, enlighten movement.*

Сведения об авторе:

Гоибова Фируза Махмадовна – *Таджикский Национальный Университет, кандидат филологических наук, ассистент кафедры иностранных языков, факультета журналистики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: gaibova_ firuza@list.ru. Телефон : (+992) 934044447.*

About the author:

Goibova Firuza Mahmadovna *– Tajik National University, candidate of Philology science, assistant Department of foreign languages of the faculty of journalism. Address 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: gaibova_ firuza@list.ru. Tel.: (+992) 934044447.*

ИНЪИКОСИ МАШҚУ ВАРЗИШИ ЗАНОН ДАР «ШОҲНОМА»-И АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ ВА «ХАМСА»-И НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ

Ашурова Н.
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ

Образи зан аз мавзӯъҳои ҷовидонаи адабиёти ҷаҳон буда, зан дар тафаккури бадеию эстетикӣ ва урфии асримиёнаи халқи тоҷик мақоми махсус дорад. Тасвири чеҳраи зан дар адабиёти тоҷик дар мартабаҳои гуногун зуҳур карда, ҳамчун нақши модар, хоҳар, маъшуқа ва ҳамсар аз ҳамдигар тафовут дорад. Дар асарҳои классикони адабиёт занон аксар покдоману хушахлоқ, вафодору оқил таҷассум ёфтаанд. Онҳо дар нигаҳдошти номус, шаъни ҳамсари худ, ватан ба бурдборӣ дар баробари ҳама гуна маҳрумият, ҳатто худфидоӣ тайёранд. Намунаи барҷастаи чунин образҳои ибратангезро, ки бар пояи ҳаётӣ устуворанд, дар «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Ҳаким Низомӣ низ метавон дучор омад.

Мавзӯи зан чи дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва чи дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ аз бисёр ҷиҳат ҷолиб аст. Дар ҳар ду асар сухансароёни бузург кӯшишдаанд симои занонеро бозтоб намоянд, ки бо шуҷоату диловарӣ, тавоноиву фидокорӣ, кордонию хирадмандӣ аз мардони майдон кам набошанд ва ҳатто дар баъзе маворид аз онҳо болотар бошанд.

Дар мавриди матонату шуҷоатмандии занони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пажӯҳишгари Эрон Мансура Иттиҳодия чунин овардааст: «Фирдавсӣ занонро мавҷудоте заифу ҳақир наёфарида ва ҳатто бархе аз онон дар рашодат бо мардон баробарӣ мекунанд» [5, с.3]. Ин суханҳоро дар мавриди занони «Хамса»-и Низомӣ низ метавон гуфт, зеро достонҳои «Хусрав ва Ширин», «Ҳафт пайкар», «Искандарнома»-и Низомӣ дар пайравии «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ эҷод шудаанд.

Маъмулан адибони форсу тоҷик дар осори худ бештар симои занони нозукандому хушхиром, сарвқад, нафису зеборо мавриди тасвир қарор додаанд, аммо дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ ба ин ҳусну ҷамол боз тавонмандию паҳлавонӣ ва ҳунармандию боландагии ҷисмонии онҳоро низ афзудаанд. Дар ҳама давру замон паҳлавонону варзишгарон ва умуман, инсонҳои ҷисман обутобёфта, чи занону чи мардон, ҷуз аз нерӯю тавоноии фитрӣ бояд сифатҳои паҳлавониро аз роҳи машқу тамрин, ҳаракатҳои гуногуни ҷисмонӣ, аз худ кардани ҳунарҳои гуногуни варзишию низомӣ ба даст ованд. Дар ин мақола ҳамин масъала аз ҷиҳати сифатҳои паҳлавонӣ, матонату ҷасорати занону дӯшизагон, машғулиятҳои ҷисмонӣ ва ҳунарҳои варзишӣ доштани чанд тан аз бонувони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ баррасӣ мегардад.

Фарзияе, ки қабл аз таҳқиқ ироа мешавад, чунин аст, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ доир ба намудҳои гуногуни варзиш ва ҳунарҳои низомӣ, чун асптозӣ, тиранозӣ, шамшерзанӣ, вазнбардорӣ, чавгонбозӣ, шиноварӣ, камонварӣ, варзишҳои куштӣ, шатранҷ ва ғайра сухан меравад, ки на танҳо родмардон, инчунин, паҳлавонбонувон низ аз ин гуна ҳунарҳо бархурдоранд.

Дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ аз ҷумлаи занони тасвиршуда дар он Синдухт, Гурдофарид, Катоюн, Бонугушасп, Гурдия либоси низомӣ ба бар карда, ҳунари хуби асптозиро ба намоиш мегузоранд. Синдухт либоси разм пӯшида, савори асп барои пешгирии ҷангу хунрезиҳо ва ҳимояти Кобул бо раҳпаймоиҳои дуру хатарнок пеши Сом мешитобад:

Чу пардохт ганҷ, андаромад ба асп,
Чу гурде ба кирдори Озаргушасп,
Яке тарги румӣ ба сар барниҳод,
Яке бора зер-андараш ҳамчу бод.
Биёмад гурозон ба даргоҳи Сом,
На овоз доду на баргуфт ном...
Фуруд омад аз асп Синдухту рафт
Ба пеши сипаҳбад хиромид тафт [8, с.334].

Дар достони «Рустам ва Сӯҳроб» Гурдофарид чун мебинад, ки паҳлавони эронӣ – Ҳаҷир дар разм бо Сӯҳроби гурд ҳампоӣ намекунад ва мағлуб шуда, ба тӯрониён асир мегардад, зиреҳ пӯшида, гесӯвонро зери кулоҳхӯд пинҳон карда, бар миён камарбанд мебандад ва бар аспи бодпой савор шуда, барои разм аз дарвоза берун мебарояд:

Бипӯшид диръи саворон ба ҷанг,
Набуд андар он кор ҷои диранг.

Ниҳон кард гесӯ ба зери зирех,
Бизад бар сари тарги румӣ гирех.
Фуруд омад аз диж ба кирдори шер,
Камар бар миён, бодпое ба зер.
Ба пеши сипоҳ андар омад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла кард [9, с.234].

Размі Гурдофарид бо Сӯҳроб саҳнаи зебоест, ки нахустин бор дар достонҳои «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ба тасвир расидааст. Дар фасли «Размі Сӯҳроб бо Гурдофарид» ҳунарнамоии Гурдофарид дар се навъи ҳунари варзишию низомӣ, чун асптозӣ, тирандозӣ ва камонварӣ бозтоб гардидааст. Дар лаҳзаи оғози размі Гурдофарид бо Сӯҳроб оварда шудааст, ки паҳлавони ҷавон аввал ба ин ҷангисавори эронӣ нописандона нигариста, аз мағрурӣ ба ҳоли вай механдад. Аммо, дар ҳақиқат, ҷангҳои ҷиддии ӯ Сӯҳробро, ки ба вай бо тамасхур нигоҳ карда буд, ба ташвиш ва хашм оварда, маҷбур мекунад, ки ба рақиби худ ҷиддитар бингарад:

Бипӯшид хафтону бар сар ниҳод
Яке тарки чинӣ ба кирдори бод.
Биёмад дамон пеши Гурдофарид,
Чу духти камандафкан ӯро бидид,
Камонро ба зеҳ карду бикшод бар,
Набуд мургро пеши тираш гузар.
Ба Сӯҳроб бар тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт [9, с.234-235].

Ба ҳангоми набард, дар он лаҳза, ки Гурдофарид «Ба Сӯҳроб бар тирборон гирифт», Сӯҳроб хашмгин гашта, духтарро бо найза аз асп меафканад, вале шердухтар бо шамшер ҳамон найзаеро, ки Ҳажири дижбонро «чу гӯй аз рӯи зин» барафканда буд, дуним мекунад:

Ҳамовардро дид Гурдофарид,
Ки бар сони оташ ҳаме бардамид.
Камонро ба зеҳ-бар ба бозу фиканд,
Самандаш баромад бар абри баланд.
Сари найзаро сӯи Сӯҳроб кард,
Инону синонро пур аз тоб кард.
Барошуфт Сӯҳробу шуд чун паланг,
Чу бадхоҳи ӯ чорачӯ шуд ба ҷанг.
Инон баргироиду бардошт асп,
Биёмад ба кирдори Озаргушасп.
Ба даст-андарун найзаи ҷонситон,
Паси пушти худ кардаш он гаҳ синон.
Бизад бар камарбанди Гурдофарид,
Зирех бар танаш як ба як бардарид.
Зи зин баргирифташ ба кирдори гӯй,
Ки чавгон зи бод андарояд бар ӯй.
Чу бар зин бупечид Гурдофарид,
Яке теғи тез аз миён баркашид,
Бизад, найзаи ӯ ба ду ним кард,
Нишаст аз бари зину бархост гард [9, с.235-236].

Аммо табиист, ки духтар тавони размі фарзанди Таҳамтанро надорад, бинобар ин, аз зӯри равонии худ кор гирифта, ба шикаст тан дар намедиҳад ва бо асп аз Сӯҳроб рӯй метобад. Сӯҳроб андеша мекунад, ки агар занони эрониён чунин гурду родмарданд, пас родмардонашон чӣ гуна бошанд:

Занонишон чунинанд з-эрониён,
Чӣ гӯянд гурдони ҷанговарон?! [9, с.236].

Гурдофарид зани тануманд, қавипайкар, чусту чолок ва ҷисман обутобёфта мебошад. Хусусияти асосии хислати Гурдофарид дар он аст, ки ба осонӣ ба душмани тавоно таслим намешавад ва табиист, ки чи ҷанговар ва чи варзишгар ба ғайр аз тануманди бояд рӯҳан низ қавиирода бошад ва дар баробари машқу тамринҳои пайдарпай бо мақсади обутоб додани бадан рӯҳи худро низ тарбият диҳад.

Аз ин ҷост, ки мунаққиди бузурги рус Н.Г. Чернышевский образи Гурдофаридро аз барҷастатарин образҳои адабиёти ҷаҳонӣ донистааст. Чунонки ӯ навиштааст: «Гурдофарид андоми зебо ва қавӣ дошта ва агар ҷавшан пӯшад, аз байни ҳамаи лашкари Тӯрон дар ҷанги тан ба тан бо ӯ фақат Сӯҳроб тоб оварда метавонад; ҳарчанд дасти ӯ аз дасти Ҳаҷир камкувваттар аст, дили ӯ мустаҳкамтар, нигоҳаш бебоктар, ҳаракатҳои ӯ босуръат ва чобуктар, зарбаҳояш нишонрастаранд» [17, с.132].

Аз он ки хоҳари Баҳроми Чӯбина – Гурдия мисли Гурдофарид ҷанговар аст, ҳам дар майдони ҷанг ва ҳам ҳангоми дар назди Хусрави Парвиз – шоҳи Эрон ҳунарҳои ҷангии худро намоиш додан аз ҳунарҳои аспсаворӣ, камонварӣ, шамшерзанӣ доштанаш ҳамаро дар ҳайрат мегузорад. Фирдавсӣ аз забони Гурдия ҳангоми гуфтугӯ ва ниҳоят ҷанги ӯ бо паҳлавони фиристодаи Ҳоқони Чин –Тувург чунин овардааст:

Бад-ӯ Гурдия гуфт, к-инак манам,
Ки бар шерри дарранда асп афканам.
Чу бишнид овози ӯро Тувург,
Бар он аспи ҷангӣ чу шери сутург –

Шигифт омадаш, гуфт: Ҳоқони Чин
Туро кард аз ин подшоҳӣ гузин,
Бад-он то ту бошӣ варо ёдгор,
Зи Баҳроми шер он гузидасавор [16, с.160].

Суханҳои худро гуфта, Гурдия миғфар аз сар бармегирад ва хешро нишон медиҳад, ки кист ва найза бар камарбанди Тувург чунон мезанад, ки «Ҳама рег шуд зери ӯ ҷӯи хун». Ин зани шердил бо паҳлавонию кордонӣ ва чолокии худ лашкари Чинро шикаст дода, бо сипоҳи худ ба ватан бармегардад.

Дар фасли «Ҳунар намудани Гурдия назди Хусрав» оварда шудааст, ки вақте ки шоҳ Хусрави Парвиз тавсифи ҷанги ӯро бо Тувург дархост кард, Гурдия хост, ки онро амалӣ нишон диҳад ва бинобар ин, аспу аслиҳа хост:

Бифармой, то аспу зин овaранд,
Камону каманду камин овaранд.
Ҳамон найзаву хӯду хафтони ҷанг,
Яке таркаш оганда тири хаданг [16, с.175].

Гурдия бар аспи шоҳ нишаста ҷанги бо Тувург кардаашро нишон медиҳад ва ҳунари аспсаворӣ ва найзаронии худро ба намоиш мегузорад:

Буни найзаро бар замин барниҳод,
Ба болои зин андаромад чу бод.
Ба боғ-андар овардгоҳе гирифт,
Чапу рост бегона роҳе гирифт.
Ҳаме ҳар замон асп баргоштӣ
В-аз абри сияҳ наъра бугзоштӣ [16, с.175].

Гурдия бо ҳунарнамоии худ ҳама, бавижа шоҳро, ба шигифт оварда, сазовори ситоиш гардид:

Ҳаметохт гирд-андарун Гурдияҳ,
Ба овардгаҳ гуфт Хусрав, ки «Зеҳ!» [16, с.176].

Гурдия на танҳо бо ҳунармандии худ, ҳамчунон бо нерӯи тану пайкари пурқуввату обутобёфтааш шоҳро дар шигифт мемонад:

Бад-ӯ монда буд Хусрав андар шигифт,
Бад-он бурзу болову бозуву кифт [16, с.176].

Ба ин зани шуҷоъ ҳатто дар майнӯшӣ ҳам мардон баробар шуда наметавонанд:

Яке ҷом пур бодаи хусравон
Ба каф барниҳод он зани паҳлавон,
Ки гаштӣ гурезон аз он аҳриман,
Ниҳода бар ӯ дидаҳо анҷуман.
Ба ёди сипаҳбад ба як дам бих(в)ард,
Баровард аз он чашмаи зард гард [16, с.176-177].

Зани дигаре, ки дар адаби ҳамосии эронитаборон шинохта шудааст, Бонугушасп мебошад, ки бо сифатҳои пайкоргар, ҷангҷӯ, чолок, фарзонаву хонагӣ маъруф аст.

Дар Шоҳнома-и Абулқосим Фирдавсӣ номи духтари Рустами Дастон Бонугушасп (бонуи соҳиби аспи ҷаҳанда) бо асп иртиботи қавӣ дорад [18, с.3]. Ҳакими Тӯс дар «Шоҳнома» аз забони Гев ба ӯ лақаби «савор»-ро дода, ӯро «духтари сарфароз» ва «духтари пилтан» [11, 412] низ хондааст:

Меҳиндухти Бонугушаспи савор
Ба ман дод гарданкаши номдор [10, с.232].

Дар «Шоҳнома» Абулқосим Фирдавсӣ ба номи Бонугушасп таваҷҷуҳи гузаро дода, онро ҳамагӣ дар се лаҳзаи достонҳом тасвир намудааст. Корнамоӣ ва набардҳои ин зани пайкорҷӯ дар достонҳои «Бонугушаспнома», «Баҳманнома», «Барзунома», «Фаромурзнома», «Ҳафт лашкар» муфассал тасвир ёфтаанд. Ӯ дар ин асарҳо бештар аз ҳунари гӯштингирӣ бархурдор аст.

Дар достони «Бонугушаспнома» (муаллифаш номаълум) ҳикояти набарди тан ба тан ва гуштигирии Бонугушасп бо ҳамсараш – Гев тасвир шудааст. Дар ин асар ҳикоят шудааст, ки Бонугушасп бо ҳамсараш – Гев куштӣ гирифта, ӯро ба замин мезанад ва бо ин рафтори худ боиси маломату сарзаниши падараш – Рустам мегардад.

Дар ин бора муҳаққиқи эронӣ Шоҳин Сироҷ чунин овардааст: «Ӯ (Гев – А. Н.) дар шаби зифоф аз паси як куштӣ ва набарди тан ба тан мағлуби духти Рустам мешавад ва арӯси паҳлавон ҳамон шаб дасту пои домодро мебандад. Саҳаргоҳ, ҳангоме ки Рустам барои дидори тозаарӯс меояд, тозадомодро дар гӯшае даступобаста меёбад ва ин танҳо бо по дар миёни Рустам аст, ки Бону ҳозир мешавад Геви паҳлавонро аз банд раҳо кунад» [18, с.14].

Ҳамсари шоҳи Эрон – Гуштосп Катоюн низ он қадар нерӯманд аст, ки бо саманди бодпои худ роҳи дурӯзаро то Систон дар як рӯз пушти сар мекунад:

Зане буд Гуштоспро ҳушманд,
Хирадманду донову рояш баланд.
Аз охур чамон борае барнишаст,
Ба кирдори туркон миёнро бубаст.
Аз айвон раҳи Систон баргирифт
В-аз он корҳо монда андар шигифт.
Нахуфтӣ ба манзил чу бардоштӣ,
Дурӯза ба як рӯз бугзоштӣ [12, с.206].

Паҳлавонии занони «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва чираманд будани онҳо дар ҳунарнамоиашон дар намудҳои гуногуни варзишӣ ва низомӣ метавонад хонандаро ба хулосае орад, ки байни онҳо ҳаммонандие вуҷуд дорад, аммо ба пиндори мо, дар чеҳрасозӣ шоири бузург ба ҳар яки онҳо хислату рафтори ба ин образҳо хос бахшидааст, ки ҳамсони дигарон нест. Ин андешаро метавон бо андешаҳои ховаршиноси бузурги ҷаҳонӣ Е. Э. Бертелс, ки дар мавриди паҳлавонони ин асар гуфтаҳои ҷолибе дорад, хулоса кард: «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ намоишгоҳе аз симои паҳлавонон аст. Дуруст аст, ки миёни инон ҳаммонандии бисёрест, аммо шоир дар ноҳамсӯӣ бо чеҳраҳои ғайриҳунарии куҳани рӯзгорон мекӯшад, аз ҳар як паҳлавонони хеш чеҳраи воқеӣ тасвир кунад. Ногуфта пайдост, ки ҳамаи онон диловар, таковар ва дар ҳамовардӣ устоданд, аммо сарояндаи «Шоҳнома» ба ҳеҷ рӯй кори худ намедонад, ки ҳамаи ононро яксара ҳамсон биёварад» [1, с.260].

Дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ низ метавон ба тасвири паҳлавонбонувоне дучор омад, ки дар навъҳои гуногуни варзиш ва ҳунарҳои низомӣ аз худ чирамандиҳои бемисл ба намоиш мегузоранд. Дар ин асар оид ба масъалаи номбурда зани аз ҳама фаъол Ширин – ҳамсари номвартарин шоҳи сулолаи Сосониён Хусрави Парвизи Сосонӣ (590-628) дониста мешавад. Ӯ духтарест озод, матин, чолок, қоматбаланд ва бо иродаи мустаҳками мардона. Ширин монанди занони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аз ҳунарҳои гуногуни варзишӣ, чун аспсаворӣ, чавгонбозӣ, шиноварӣ бархурдор аст. Дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ ҳатто номи аспи Ширин – Гулгун ба ёд оварда шудааст. Ӯ дар асптозӣ ончунон моҳир аст, ки масофаи хеле дур – аз Арман то пойтахти кишвари Эрон, шаҳри Мадоинро бо аспи бодпояш Шабдез дар як муддати кӯтоҳ паймуда, ба дидорбинии Хусрав меравад. Гарчи хатари дар ин рикоби тунду саркаш ва раъдосою тезпаймо нишастану дар он саворӣ шуданро аммааш Меҳинбону ба ӯ маслиҳат надода буд***:***

Ба ҳукми он ки ин Шабранг Шабдиз
Ба гоҳи пӯя бас тунд асту бас тез,
Чу раъди тунд бошад дар ғуридан,
Чу боди тез бошад дар вазидан,
Мабодо, к-аз сари тундию тезӣ
Кунад дар зери об оташситезӣ.
В-агар бар вай нишастан ногузир аст,
На шаб зеботар аз бадри мунир аст.
Лагоми паҳлавонӣ бар сараш кун,
Ба зери худ риёзатпарвараш кун [2, с.188].

Низомӣ дар асптозӣ Ширинро хеле моҳиру ҳунарманд бозтоб кардааст. Дар лаҳзаи гурехтани Ширин аз назди ҳамроҳонаш дар шикоргоҳ ба аспи ӯ ҳеҷ кас расида наметавонад:

Бути лашкаршикан бар пушти Шабдиз
Саворе тунд буду маркабе тез....
Басе чун соя дунболаш давиданд,
Зи соя даргузар, гардаш надиданд [2, с.189].

Ба ҳангоми роҳпаймоӣ Ширин дар кӯли сари роҳ оббозӣ карда, сипас роҳи дарозеро идома медиҳад ва дар як муддати кӯтоҳ ба Мадоин мерасад. Дар бозгашт савори аспи фиристодаи Меҳинбону бо номи Гулгун аз хатарнокии роҳ ба Аррон бармегардад. Ин лаҳза достони «Шоҳнома» - и Ҳаким Фирдавсро ба ёд меоварад, ки Катоюн роҳи дурро паймуда ба назди Гуштосп меравад:

Дар оби нилгун чун гул нишаста,
Паранде нилгун то ноф баста...
Дар обе наргисе дидам шукуфта,
Чу обе хуфта в-аз ӯ об хуфта [2, с.194-198].

Ширини Низомӣ дар намуди дигари варзиш – чавгонбозӣ низ чираманд аст. Дар фасли «Чавгон бохтани Хусрав бо Ширин» Низомии Ганҷавӣ Ширин ва ҳамроҳонашро (ҳафтод тан канизаконашро) дар чавгонбозӣ хеле моҳир ба тасвир овардааст. Хусрави Парвиз аз ҳунари беҳамтои дӯшизагон дар шигифт мемонад:

Чу шери мода он ҳафтод духтар
Суи Ширин шуданд ошӯб дар сар.

Ба мардӣ ҳар яке Исфандёре,
Ба тир андохтан Рустамсаворе.
Ба чавгон худ чунон чолок буданд,
Ки гӯй аз чанбари гардун рабуданд [2, с.221].

Чавгонбозӣ намуди варзишиест, ки дар он аз ду тарафи муқобил шашнафарӣ бозигарон ба сабқат машғул мешаванд. Дар достони «Хусрав ва Ширин» низ аз як тараф Хусрав бо ҳамроҳонаш ва аз ҷониби дигар Ширин бо гурӯҳи духтарон ба бозӣ оғоз менамоянд ва он қадар чолокӣ нишон медиҳанд, ки дар он малик ба шигифт меояд:

Ба Ширин гуфт: Ҳон, то рахш тозем,
Бар ин паҳна замоне гӯй бозем.
Маликро гӯй дар чавгон фиканданд,
Шигарфон шӯр дар майдон фиканданд.
Зи чавгон гашта бедистон ҳама роҳ,
Замин з-он бед сандал суда бар моҳ.
Ба ҳар гӯе, ки бурдӣ бодро бед,
Шикастӣ дар гиребон гӯи хуршед.
Зи як сӯ моҳ буду ахтаронаш,
Зи дигар сӯ шаҳу фармонбаронаш.
Гавазну шер бозӣ менамуданд,
Тазарву боз ғорат мерабуданд.
Гаҳе хуршед бурдӣ гӯю гаҳ моҳ,
Гаҳе Ширин гарав додӣ, гаҳе шоҳ...
Малик з-он модашерони шикорӣ
Шигифтӣ монда дар чобуксаворӣ [2, с.222-223].

Донишманди тоҷик Холиқ Мирзозода Ширинро на чун духтари таннози дарборӣ, балки ҳамчун зани фаъол, озод ва бархурдор аз ҳунарҳои шикору чавгонбозӣ мешуморад: «Дар майдони гӯйбозӣ бо Хусрав мусобиқа кардани Ширин ӯро на ҳамчун духтари беҳунари таннози дарбор, балки ҳамчун духтари асилзода, вале боҳунари ба мардон сарбасарзанандаро тасвир кардааст» [6, с.302].

Намоди дигари занони ҳушманду чолоку чобуксавор, силаҳшӯру паҳлавон дар «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ канизаки чинӣ – маъшуқаи Искандари Мақдунӣ мебошад, ки ӯро Ҳоқони Чин ба Искандар ба сифати туҳфа пешкаш кардааст. Зимнан, шоир дар достони «Искандарнома»-и худ ҳам ин образро тасвир кардааст, вале дар он ҷо номи қаҳрамонро наовардааст.

Симои канизаки чинӣ, ки аз ҳунарҳои гуногуни ҷангӣ ва варзишӣ бархурдор буда, дар майдони ҷанг аз онҳо хеле моҳирона истифода мебарад ва ҳатто мардони ҷанговар ба ӯ ҳампой намекунанд, аз бисёр ҷиҳат ба образҳои Гурдофарид ва Гурдия дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ монанд аст. Ӯ аз уҳдаи асптозӣ, камонварӣ, шамшерзанӣ ба хубӣ мебарояд. Дар майдони разм ӯ омодааст, ки ҳатто бо «мардумони ваҳшиниҳод» ва «азимҷуссагони девсурат» бичангад.

Дар «Искандарнома»-и Низомии Ганҷавӣ дар ҷангҳои байни лашкари Искандар бо русиён канизаки чинӣ аз худ паҳлавониҳои беназир нишон дода, дар разму муҳорибаҳо савори аспи бодпо ба сӯи лашкари русиён ҳамла карда, бо камону шамшераш «сад афканду сад кушту сад хаста кард» [4, с.257]:

Равон кард маркаб шитобандае,
Зи пӯлоди Чин барқи тобандае.
Ҳумоюнсаворе чу ғуррандашер,
Тавонову чобукинону далер.
Чунон ғарқ дар оҳан андоми ӯ,
Ки пайдо на, ҷуз бар нафас коми ӯ.
Ба ҷавлон задан сарфарозикунон,
Ба шамшер чун барқ бозикунон.
Аз он чобукиҳо, ки мекард чуст,
Баробар шуда дасти бадхоҳ суст.
Бар он русӣ афканд маркаб чу бод,
Ба теғозмоӣ бағал баркушод.
Чунон зад, ки аз теғи гарданзанаш
Сари душман афтод дар доманаш...
Ба ҳар сӯ, ки меронд шабрангро,
Зи хун лаъл кард оҳанаш сангро [4, с.256-257].

Дар порчаи шеърии дар боло овардашуда аз ҳунари асптозӣ ва шамшерзании канизаки чинӣ сухан рафтааст. Дар фасли «Ҷанги панҷуми Искандар бо русиён» дар хусуси ҳунари камонварӣ доштани ин зани шердил чунин оварда шудааст:

Ҳамон русиафкан савори далер
Бурун омад аз парда чун наррашер.
Камонро зиҳе барзад аз чарми хом,
Ба шаст андаровард як тири том.
Ба нерӯи дасти камонгири ӯ
Бияфтод алонӣ ба як тири ӯ.
Чу мосураи Ҳиндборе ба ранг,
Миён оганида ба тири хаданг....
Ба ҳар тир, к-аз шасти ӯ шуд равон,
Ба паҳлӯ даромад яке паҳлавон [4, 258].

Паҳлавониҳои ин зани далер, ки дар майдони разм аз худ нишон дода буд, Искандарро ба ҳайрат гузошт ва шоҳ ӯро «зебои разм», «қавидасту чобукинон» номид:

Зи мардонагиҳо, к-аз ӯ дида буд,
Ба майдони размаш писандида буд [4, 267].

Дар достонҳои «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ аз бархӯрдории занони ин ду асар дар намуди варзишии вазнбардорӣ низ сухан рафтааст. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ оварда шудааст, ки Меҳраки Нӯшзод бар зидди шоҳи Эрон – Ардашер қиём бардошта, дар кишвар ноороміҳо барпо мекунад. Пас аз шикаст хӯрдан духтари ягонаи худро

ба деҳа мефиристад ва он духтар дар хонаи марди деҳгон бузург мешавад. Духти Меҳраки Нӯшзод (дар достон номи ин зан оварда нашудааст) бо таъсири муҳити он деҳа ва пайваста машғул будан ба обкашӣ тарбият меёбад ва ҳамин аст, ки барои ӯ бардоштани далви (сатили) пур аз об ҳеҷ мушкилиеро эҷод намекунад. Ҳамин буд, ки рӯзе шоҳзода Шопур аз деҳае, ки духти Меҳрак мезист, гузар мекунад. Духти Меҳрак, ки сари роҳ қарор дошт, шоҳзода ва ҳамсафаронашро ба нӯшидани об таклиф мекунад. Духти Меҳрак, ки обкаширо касб карда буд, мехоҳад далви вазнини обро ба онҳо пешкаш кунад:

Ба чоҳ-андарун оби сард аст х(в)аш,
Бифармой, то ман бувам обкаш [13, с.354].

Шопур ин таклифро рад мекунад ва сӯи чоҳ парастандаи худро мефиристад, аммо бардоштани далви обкашӣ барои ҳам шоҳзодаи Эрон –писари Ардашер ва ҳамроҳонаш хеле бо мушкилӣ ба даст меояд:

Чу он далв дар чоҳ пуроб гашт,
Парастандаро рӯй пуртоб гашт.
Чу далви гарон барнаёмад зи чоҳ,
Биёмад давон тез Шопуршоҳ...
Ҳаме баркашид об чандон зи чоҳ,
Ту гаштӣ пур аз ранҷу фарёдхоҳ.
Биёмад, расан бистад аз пешкор,
Шуд он кор душхор бар шаҳриёр [13, с.354-355].

Шоҳзода пас аз дидани тавонмандии духти Меҳрак ба ӯ офарин мехонад:

Зи далви гарон чун чунон ранҷ дид,
Бар он хубрух офарин густарид,
Ки бартофт далве бар он сон гарон,
Ҳамоно, ки ҳаст аз нажоди каён [13, с.355].

Аз ҳикояти боло ба чунин хулосае омадан мумкин аст, ки дар натиҷаи ҳамарӯза такрор кардани як амал, дар ин ҷо бардоштани вазни зиёд, хоҳ мард бошад ва хоҳ зан ҷисми инсон обутоб ёфта, барои иҷрокунандаи ин амал дигар бардоштани вазни сангин мушкил намешавад. Чунонки гуфтем, дар ҳикояти боло барои духти Меҳрак бардоштани далви пури об, ки хеле гаронвазн буд, ҳеҷ мушкилие надошт.

Дар достони «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ дар бораи зане ҳикоят меравад, ки дар натиҷаи машқу тамринҳои пайваста гови калони зиндаро бардоштан барояш бидуни мушкилӣ даст медиҳад. Ин образи канизаки шоҳи Эрон – Баҳроми Гӯр, ҳукмрони сулолаи Сосонӣ Баҳром, ё ки Варахрани V(420-438) бо номи Фитна мебошад. Образи мазкур дар достони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Озода унвон дорад, ки румидухтар мебошад. Дар достони «Ҳафт пайкар»-и Низомӣ бошад ин канизак чинидухтар мебошад.

Аз рӯи хатти сюжети ҳар ду достон Баҳроми Гӯр ин канизакро бо худ ба шикор мебарад ва дар назди ӯ мехоҳад ҳунари шикор ва камонварии худро ба намоиш гузорад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ Баҳром дар шикоргоҳ ба сӯи оҳу тир андохта, «сару гӯшу пояш ба як ҷо бидӯхт». Дили духтар ба оҳу сӯхта, дар посухи суоли Баҳром, ки шикор чӣ гуна буд, мегӯяд:

Або шоҳ гуфт: Ин на мардонагист,
На мардӣ, туро хӯйи девонагист [14, с.26].
Аз ин посухи «ноҷо»-Озода Баҳром дар ғазаб мешавад:
Бизад даст Баҳром ӯро зи зин,
Нагунсор барзад ба рӯйи замин.
Ҳаюн аз бари моҳчеҳра биронд,
Бару дасту чангаш ба хун дарфишонд [14, с.26].

Достони ба шикоргоҳ бурдани канизак дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо марги Озода анҷом меёбад. Аммо Низомӣ онро ба гунаи дигар баён кардааст. Фитна низ аз канизони дӯстдоштаи Баҳром буда, шоҳро ҳамеша дар шикоргоҳ ҳамроҳӣ мекард. Рӯзе дар шикор шоҳ бо худситоӣ аз канизаш пурсид, ки гӯрро чӣ тавр шикор кунад:

Гӯре омад, бигӯ, ки чун тозам
В-аз сараш то сумаш чӣ андозам? [3, с.277].

Фитна хоҳиш кард, ки сумашро бо сараш банд кунад. Вай аз рӯи машқ ва маҳорати сайёдӣ ду гӯши сайдро бо тир дӯхт ва ҳамон лаҳзае, ки сайд пояшро ба гӯш бурд, тири дуюм суму гӯшро якҷоя дӯхт. Шоҳ бо ҳисси ифтихор аз каниз пурсид, ки ҳунарамро чӣ тавр мебинӣ?

Гуфт шаҳ бо канизаки чинӣ:

- *«Дастбурдам чӣ гуна мебинӣ?» [3, с.277]*.

Вай дар ҷавоби ин саволи худ умедвори таърифу тавсиф буд, ки шеваи одамони худписанд ва худпараст мебошад. Фитна дар ҷавоб ин ҳолро «аз машқ»-гӯён ҷавоб дод, ки боиси ғазаби Баҳром гардид:

Гуфт: Пуркарда шаҳрёр ин кор,
Кори пуркарда кай бувад душвор?!
Ҳар чӣ таълим карда бошад мард,
Гарчи душвор шуд, тавонад кард.
Рафтани тири шоҳ бар суми гӯр
Ҳаст аз идмон, на аз иёдати зӯр.
Шоҳро ин шунида сахт омад,
Табари тез бар дарахт омад.
Дил бар он моҳи бемудоро кард,
Кинаи хеш ошкоро кард [3, 277].

Баҳром аз рӯи кина ба сарҳанги худ мефармояд, ки Фитнаро кушад, то ки фитнаи ӯ минбаъд зиёд нашавад. Сарҳанг Фитнаро накушта, пинҳон нигоҳ дошт, то ки Баҳром аз хашм фаромада, аз фармони худ пушаймон шавад. Дар ин муддат то вохӯрии тасодуфии оянда Фитна гӯсолаеро бардошта ба бом мебаровард, то он рӯзгоре, ки барзагови пурзӯру бузургҷусса шуд. Рӯзе Баҳром ба хонаи сарҳанг меҳмон шуд. Сарҳанг нақл кард, ки духтари зебое дар манзили ман ҳаст, ки барзагови азимеро бардошта, аз шаст пояи зина ба тоқи баланд мебарорад.

Наррагове, ки чу кӯҳ бар гардан
Орад ин ҷо гаҳи алаф х(в)ардан.
Шастпоя чунон барад якдаст,
Ки насозад ба ҳеҷ поя нишаст [3, с.282].

Баҳром бовар накарда, исбот металабад. Фитна, мувофиқи маслиҳат бо сарҳанг, худро оро дода, ниқоб пӯшида, барзаговро бардошта ба назди Баҳром баромад:

Сар фурӯ бурду говро бардошт.
Гов бин, то чӣ гуна гавҳар дошт.
Поя бар поя бардавид ба бом,
Рафт то тахтапояи Баҳром [3, с.283].

Фитна говро, ки аз ҳайбаташ Баҳром низ тарсида буд, аз гардан фароварда гуфт:

Гов бар гардан истод ба пой,
Шер чун гов дид, ҷаст зи ҷой.
Дар аҷаб монд, к-ин чӣ шояд буд,
Суди ӯ буду дарнаёфт, чӣ суд?!
Маҳ зи гардан ниҳод гов ба зер,
Ба карашма чунон намуд ба шер,
К-он чӣ ман пеши ту ба танҳоӣ
Пешкаш кардам аз тавоноӣ,
Дар ҷаҳон кист, к-ӯ ба зӯру ба рой
Аз равоқаш барад ба зери сарой?! [3, с.283].

Баҳром ғофил аз гуфтаи Фитна ҷавоби ин саволро бо гуфтаи Фитна аз «машқ»-гӯён ҷавоб дод:

Шоҳ гуфт: Ин на зӯрмандии туст,
Балки таълим кардаӣ зи нахуст.
Андак-андак ба солҳои дароз
Кардаӣ бар тариқи идмон соз.
То кунунаш зи роҳи беранҷӣ
Дар тарозуи хештан санҷӣ» [3, с.283-284].

Он гоҳ Фитна фурсатро аз даст надода, ба киноя ҷавоб дод, ки говбардорӣ паёмади таълим аст, вале суму гӯши гӯрро якҷоя дӯхтан аз таълим нест?!

Гуфт: Бар шаҳ ғароматест азим:
Гов таълиму гӯр бетаълим?! [3,с.284].

Аз ин ҷавоб Баҳром донист, ки ин духтар Фитна аст ва барои сахтгириаш аз вай қасос мегирад. Дар охир Баҳром ба ноҳақ будани худ ва ҳақиқат доштани суханони канизак қоил шуд. Яъне, шоир дар ин ҳикоят андешаи дурустеро бозовардааст, ки инсон дар натиҷаи машқу тамрини пайваста метавонад ҳунарҳои гуногуни варзиши ҷисмониро аз худ кунад ва дар намудҳои гуногуни варзишӣ чирадаст шуда, ҷисмаш обутоб ёфта, тавоноияш афзун гардад.

Ба ин тартиб, бо мутолиаи «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ метавон ба намунаҳое дучор омад, ки офарандагони ин ду шоҳкор намуди варзиши вазнбардориро сирф мардона нашуморида, дар ин росто ҳамтоии зананро бо родмардон бозтоб намудаанд.

Ёдоварии ин нукта зарур дониста мешавад, ки мо аз адабиёти классикии худ оид ба бозии шатранҷ (шоҳмот) нигоштаҳои мондагоре ба мерос гирифтаем. Пешинаи пайдоиши бозии шатранҷ – шоҳмот ҳамчун варзиши бузург ба таърихи гузаштагони мо, ки фарҳанговару андешапараст буданд, пайвастагие дорад.

Шатранҷ аз он сабаб варзиш дониста шудааст, ки дар андешаи инсон тарзи тафаккури мантиқиро омӯзиш медиҳад, интихоби тасмимгирии дурустро аз байни чандин вариантҳои мавҷуд нишон медиҳад. Зеҳни инсонро ба муборизa обутоб медиҳад ва роҳҳои берун баромадан аз бунбастҳои ба миён омадаро меомӯзонад. Ба одамон барномарезии иҷрои амалеро тамрин медиҳад. Ончуноне аз «Шоҳнома» бармеояд, ҳадаф аз ихтироъи шатранҷ шабеҳсозии саҳнаҳои набард рӯи тахта буда, дар шеваи ҳаракату ҷойгирии муҳраҳо иҷрои тактикаи ҷангӣ ва разми лашкариён намоёнда мешавад.

Пас аз хондани «Достони Гав ва Талҳанд ва пайдо шудани шатранҷ»-и «Шоҳнома» зеҳни хонанда ба пешинаи таърихии шоҳмот (шатранҷ) ҷалб мешавад. Дар достони номбурда оварда шудааст, ки подшоҳи фарҳангҷӯе бо номи Ҷамҳур дар кишвари ҳиндиёни Сандал, фармонравоӣ мекардааст ва аз доду деҳиши ӯ ҳама зердастонаш зиндагии осудаву хуррам доштаанд. Дар хонадони ӯ писар зода мешавад, ки вайро Гав ном мениҳад, вале Ҷамҳур ба зудӣ бемор шуда, тахти шоҳиро ба фарзандаш – Гав васият мекунад. Мардум аз аз марги шоҳ ошуфта шуданд, вале аз тасмими ба кӯдак супурдани тахти шоҳӣ ошуфтатар гаштанд. Мардуми Сандал саросар райъ медиҳанд, ки тахти шоҳӣ ба кӯдак додан аз бехирадист ва беҳтар аст, ки бародари Ҷамҳур, ки Мой ном дошт, бо зани беваи бародараш издивоҷ карда, то ба бузургӣ расидан бародарзодааш – Гавро омӯзгорӣ намояд. Пас аз чанде он зан аз Мой писаре мезояд, ки шоҳ вайро Талҳанд меномад. Ҳине, киТалҳанд ду сола ва Гав ҳафтсола шуданд, Мой низ бимурд ва номдорону гурдони Сандал ҷамъ шуда пешниҳод мекунанд, ки зани Ҷамҳур то шоистаи тахти шоҳӣ гаштани фарзандонаш шаҳриёр бошад. Писарҳо бузург шуданд ва ҳамвора аз модар мепурсиданд, кадоме аз онҳо ба тахти шоҳӣ шоистатар мебошад. Модар ба ҳар кадоме дар танҳоӣ мегуфт, ки «хирадманду доно бошӣ, тахт аз они туст». Боре баҳсу пархоши дар миёни бародарон ҷой дошта ба ҷанги хунин даргирифт ва паёмади он марги Талҳанд дар рӯи зини асб буд. Гав аз мурдани бародари хеш гирёну нолон ба модари дар сӯги фарзанд зору низор изҳор мекунад, ки ӯ ва ёронаш Талҳандро накуштаанд, вайро «гардиши ахтари бад бикушт». Модар ба ин суханони Гав бовар намекунад ва бо хашм таъна мезанад, ки «ту аз пайи тоҷу тахт бародаратро куштаӣ ва аз чархи баланд сарзаниш хоҳӣ ёфт».

Модар мехоҳад бо расми ҳиндиён худро ба оташ афканад, вале ҳамраҳон ӯро бозмедоранд. Гав аз нобоварии модар ошуфта гашта, аз бузургону хирадмандон чора ҷустуҷӯ мекард. Номдорону ҷаҳондидагон барои бозтоби саҳнаи набард тахтае омода сохта, рӯи он сад хона нигориш менамоянд ва ба хонаҳо ду шоҳу ду фарзин, асбҳову филону рухону пиёдагонро сафороӣ менамоянд. Ҳаракати муҳраҳо, ки набарди ду лашкарро мемонд, роҳи шоҳи рақибро аз чапу рост ва пешу пас банд мекунанд ва шоҳ аз ранҷу ташнагӣ мот мешавад. Ин бозиро модар тамошо мекард ва бо дили пурхун саҳнаи набарди Талҳандро пеши рӯ меовард. Аз ин пас модар ҳамвора сиришки хунин мерехт ва танҳо бозии шатранҷ ӯро ором месохт [7, с.3].

Шаҳбону шабу рӯз ба бозии шатранҷ нигоҳ карда, муаммои марги фарзанди хешро дар он меҷуст ва аз алам дил сад пора мекард:

Ҳаме кард модар ба бозӣ нигоҳ,
Пур аз хун дил аз дарди Талҳандшоҳ.
Нишаста шабу рӯз пурдарду хашм,
Ба бозии шатранҷ дода ду чашм.
Ҳама кому рояш ба шатранҷ буд,
Зи Талҳанд ҷонаш пур аз ранҷ буд.
Ҳамеша ҳамерехт хунин сиришк,
Бад-он дард шатранҷ будаш пизишк [15, с.158-159].

Ба ин тартиб, аз баррасии ҷасорат, роҳҳои обутоби бадан ва шеваҳои гуногуни тамрини бонувон дар достонҳои «Шоҳнома»-и безаволи Ҳаким Фирдавсӣ ва «Хамса»-и Ҳаким Низомӣ метавон натиҷагирӣ кард, ки дар миёни мардуми сарзамини куҳани мо, аз ҷумла дар байни занон, намудҳои гуногуни варзиш ба шеваҳои гуногун ривоҷ доштааст. Ин шоҳкорҳо дар мавриди расму ойинҳои паҳлавонӣ, аз ҷумла размандагиву аспсаворӣ, чавгонбозиву тирандозӣ ва намудҳои дигари варзиш гуфторҳои зиёде доранд ва яке аз хислатҳои чашмгири паҳлавонон ёрӣ расондан ба нотавонон ва дигаре, пос доштани нангу номус мебошад.

Донишмандони доно бар онанд, ки омӯхтани бозии шатранҷ бахше аз барномаҳои омӯзишии фарзандони ашрофзодагону бузургони замони сосонӣ, чи ҷавонону чи дӯшизагон, будааст. Бисёриҳо огоҳанд, ки Хусрави Анушервон, яке аз шоҳони босалиқа ва донишпарвару фарҳангдӯст, донишиёну хунёгарону фарҳангиёнро дар баробари табақаи заминдорону лашкариён ва мӯбадон ба табақаи алоҳидаи имтиёзнок шомил намуда буд. Машқу варзишу тамрин буд, ки бонупаҳлавонони зиёде дар баробари бародарону шавҳарони худ, барои ҳимояи нангу номусу меҳан рӯи по меистоданд.

АДАБИЁТ

1. Бертелс, Е. Э. Таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ / Е. Э. Бертелс. – Душанбе: «Эр-граф», 2015. – 584 с.
2. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Махзан-ул-асрор, Хусраву Ширин / Низомии Ганҷавӣ– Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
3. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Лайлию Маҷнун, Ҳафт пайкар / Низомии Ганҷавӣ. – Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
4. Ганҷавӣ, Низомӣ. Хамса: Искандарнома / Низомии Ганҷавӣ– Душанбе: Адиб, 2012. – 480 с.
5. Иттиҳодия, Мансура. Зан аз назари Фирдавсӣ // Адабиёт ва санъат. – №10 (1617). – 08. 03. 2012. – С. 3.
6. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 1 [2] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 420 с.
7. Мирзоён, Зафар. Асрори шоҳмот, ё нигоҳи гузаро ба пешинаи бозии шатранҷ / Зафар Мирзоён // Фараж. – № 6, 7 (532), (533). – 8, 15 феврали соли 2017. – С. 3.
8. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ. Ҷ. 1. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.
9. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – Ҷилди 2. – 480 с.
10. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷилди 3. – 480 с.
11. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷилди 4. – 480 с.
12. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷилди 6. – 480 с.
13. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 7. – 480 с.
14. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 8. – 480 с.
15. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2009. – Ҷилди 9. – 480 с.
16. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома / Абулқосим Фирдавсӣ : таҳияи К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Адиб, 2010. – Ҷилди 10. – 416 с.
17. Чернышевский, Н. Г. Повести в повести. Полное собрание сочинение / Н. Г. Чернышевский. – М.: Госкомиздат, 1949. – Т. 12. – С. 132.
18. Шаҳин, Сироҷ. Чеҳра ва шахсияти занони ҷанговар дар ҳамосаҳои миллӣ / Сироҷ Шаҳин // Торнамои «Шоҳнома» ва Эрон, баргирифта аз доктор Шаҳин Сироҷ, 18. 21. 1392, исфанд, 02.

ИЗОБРАЖЕНИЕ УПРАЖНЕНИЙ И ЗАНЯТИЯ СПОРТОМ ЖЕНЩИН В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ И «ХАМСА» НИЗАМИ ГАНДЖАВИ

Как правило, персидско-таджикские литераторы в своих произведениях преимущественно изображают образы нежных, с красивой походкой, стройных, утончённых и красивых женщин. Однако в «Шахнаме» Фирдоуси и «Хамса» Низами Ганджави эти прелести дополнены удалью,смелостью, мастерством и физическим совершенством прекрасного пола. Во все времена герои и спортсмены, в целом физически закалённые персоны, как женщины так и мужчины, в дополнение к врождённой силе должны были овладевать героическими качествами, благодаря физическим упражнениям и освоению различных спортивных и военных приёмов.

В предлагаемой статье этот вопрос рассмотрен с акцентом на героические качества, стойкость и смелость женщин и девственниц, на физические упражнения и спортивное мастерство ряда женщин в «Шахнаме» Фирдоуси и «Хамса» Низами, включая Синдухт, Гурдофарид, Катоюн, Бонугушасп, Гурдия и Ширин, китайская наложница – любовница Александра Македонского, дочь МехракаНушзод и Фитна.

Ключевые слова: *Фирдоуси, «Шахнаме», Низами Ганджави, «Хамса», образ женщин, упражнения, героизм.*

IMAGE OF EXERCISES AND WOMEN'S SPORTS IN «SHAKHNAM» FIRDOUSI AND «HAMSA» NIZHI GANJAVI

As a rule, Persian-Tajik writers in their works predominantly depict images of tender, beautifully walked, slender, sophisticated and beautiful women. However, in the «Shahnam» Firdousi and «Hamsa» Nizami Ganjavi, these charms are complemented by the removal, courage, skill and physical perfection of the fair sex. At all times, heroes and athletes, in general, physically seasoned persons, both women and men, in addition to the innate strength, had to master heroic qualities thanks to physical exercises and the development of various sports and military techniques.

In the proposed article, this issue is examined with a focus on the heroic qualities, stamina and courage of women and virgins, on physical exercises and sportsmanship of a number of women in «Shahname» Firdousi and «Hamsa» Nizami, including Sindukht, Gurdofarid, Katoyun, Bonugushasp, Gurdia and Shirin , a Chinese concubine - the lover of Alexander the Great, daughter of Mehrak Nushzod and Fitna.

Keywords: *Firdousi, «Shahnameh», Nizami Ganjavi, «Hamsa», image of women, exercises, heroism.*

Сведения об авторе:

Ашурова Нодира Джумаевна *- кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы филологического факультета Кулябского государственного университета им. Абуабдуллаха Рудаки.* ***Адрес:*** *Республика Таджикистан, 735340, г.Кулябул. С.Сафарова 16. E-mail: shokhnoma@mail.ru*

About the author:

Ashurova Nodira Jumaevna *- Candidate of Philology, Associate Professor of the Department of Tajik Literature of the Philological Faculty of Kulyab State University. Abuabdullah Rudaki.* ***Address:*** *Republic of Tajikistan, 735340, Kulyab city, Str.S. Safarov 16. E-mail: shokhnoma@mail.ru*

СУФАРОЙ ВА ТАЛОШҲО БАРОИ ИСЛОҲИ КОРИ ШОҲАНШОҲӢ

Юлдошев А.К.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаммад Алӣ Исломии Надушан дар китоби «Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома» рӯзгори ҳафт паҳлавонро баррасии кардааст, ки дар қатори онҳо ба замони Сосониён танҳо зиндагии Баҳрои Чӯбина баррасӣ шудааст. Аз Суфарой, ки дар нигориши Фирдавсӣ хеле тадбиру ҷасорат нишон додааст, номе бурда намешавад (9).

Суфарой ба саҳифаҳои номаи шоҳон ба замони подшоҳалошҳоии Балош (484-488) писари Пирӯзи I ворид мешавад. Вале чун чунин дастур аз шоҳаншоҳ Пирӯз (458-484) буд, метавон гуфт, ки Суфарой аз замони подшоҳии ҳамин шоҳаншоҳ дар кору корзорҳои подшоҳӣ будааст. Ба қавли Фирдавсӣ Пирӯз Суфаройро гумошта буд, то ҳангоми ба ҷанги Ҳайтолиён рафтани ӯ, Суфарой Балоши наврасро парастории кунад. Ба ин масъулят, ки Пирӯз мехост, паҳлавоне мебоист бошад, ба қавли Фирдавсӣ *«бо рою санг»*, яъне бо андешаю тамкин, марде покизарой аз Шероз

«Ки бошад нигаҳбони тахту кулоҳ,
Балоши ҷавонро шавад некхоҳ»

гузида мешавад. [20, с.23]. Дар фазилати Суфарой Абуалии Балъамӣ меоварад, ки Суфарой «марде бузугвор буд андар Аҷам... ва амири Сиистон буд... Марде пир буд ва ботадбир... Ҳар ду писарро бад-ин Суфарой супурд ва подшоҳӣ низ» [2, с.524]. Он, ки ҷое Суфаройро волии Сиистон ва ҷое Зубулистон гуфтаанд, табии ба назар мерасад, зеро Табарӣ ва– Балъамӣ, ки «Таърихи Табарӣ»-ро ба тоҷикӣ бозгӯ кардааст – метавонистанд сарчашмаҳои гуногун дошта бошанд. Нёлдеке рочеъ ба ин нукта чунин мулоҳиза дорад, ки Суфарой номи хонаводагист ва ин хонавода дар Шероз иқомат мекард [12, с.229]. Бундорӣ низ меоварад, ки Пирӯз «Вазоратро ба марде аз Шероз, ки Суфазой ном дошт, вогузор кард ([, ҷ.2,109]. Ин ҷо ду нуктаи Балъамӣ метавонад мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Яке он, ки Пирӯз подшоҳиро ҳам ба Суфарой вогузор мекунад. Дигар ин, ки Балъамӣ Суфаройро пир мегӯяд, ки чандон ба ҷасорати Суфарой, ки ба мулки Ҳафтолиён лашкар мекашад, мувофиқат намекунад.

Дар матни аслии «Шоҳнома» ва тарҷумаи арабии вай таъкид мешавад, ки Суфарой (дар тарҷумаи арабӣ Суфазой, дар матни интиқодии Москва инчунин) ҳамзамон марзбони Кобулситону Зобулситону Ғазнину Буст ҳам будааст. Ба ҳар ҳол, бино ба тарҷумаи арабии «Шоҳнома», ки шояд бар пояи дастхатҳои асри XI анҷом гирифта бошад, Суфарой хабари кушта шудани Пирӯзи I-ро дар

Зобулситон мешунавад. Месазад гуфт, Пирӯз писари Яздигурди I якумин подшоҳи Сосонӣ мебошад, ки дар ҷанг ба хандақи подшоҳи ҳайтолӣ Хушнавоз меафтад ва ба ҳалокат мерасад [20, с.19].

Чун ба Суфарой хабари марги Фирӯз мерасад, ӯ ва сипоҳиёни ӯ як моҳ мотам мегиранд. Дар нигориши Фирдавсӣ мотам ҷое чил рӯз ва ҷое як моҳ давом мекунад. Дар тасвири азодории Суфарой илова бар ҷома даридан (ва сиёҳу кабуд пӯшидан), як нуктаи дигар – *зи сар баргирифтани кулоҳ* омадааст, ки то ин ҷои бахши Сосониён ба назар нарасида буд. Зиёда аз ин дар тарҷумаи Бундорӣ омадааст, ки азодории Суфарой бо акобири Зобулистон ***сари луч*** ва ***пои луч*** сурат гирифта буд [4, ҷ.2. 111]. Шояд месазад ишора кард, сари луч ва пои луч гирифтани мотам ба одат табдил наёфтааст ё инъикосе дар «Шоҳнома» надорад.

Гиря кардани сипаҳсолорону ҳатто подшоҳон эҳтимол ҷои айбе надошт. Маълум аст, ки на танҳо ба ин ё он муносибат подошоҳони эронӣ мегиристанд. Масалан, таърихнигори юнонӣ Геродиан (180-250) дар «Таърихи салтанати императорӣ пас аз Марк» менависад, ки император Александр Северус ҳангоми фиристодани лашкар ба ҷанги Ардашер «ба қафо рӯй оварда, ба шаҳр нигоҳкунону ашкрезон аз Рим баромад» [5, 101].

Аз рӯи мантиқи муносибатҳои Эрону Ҳайтолиён чун шоҳаншоҳи эронӣ кушта мешавад, шоҳаншоҳи ҷойгузин мебоист аз паи қасоси хуни падар шавад. Ва сюжети нигориши Фирдавсӣ ҳам ба ҳамин маҷро меравад. Вале инҷо Суфарой шубҳа мекунад, ки Балош аз паи гирифтани қасос шавад:

Ҳамегуфт бар кинаи шаҳриёр,
Балоши ҷавон чун бувад хостор?
Бидонист к-он кор бесуд гашт,
Сари тоҷи шоҳӣ пур аз дуд гашт [20, 23].

Ба ғайр аз омили ҷавонии шоҳаншоҳ омили дигаре ҳам шояд буд, ки Балош наметавонист аз он сарфи назар кунад. Дар охири подшоҳии Баҳроми Гӯр тақрибан чил сол пеш аз то ба тахт нишастани Балош хазина холӣ буд:

Сари соли нав пеши ӯ шуд вазир,
Хирадманд мӯбад, ки будаш дабир.
Ки шуд ганҷи шоҳи бузургон тиҳӣ,
Кунун омадам, то чӣ фармон диҳӣ? [19, 642-643].

Гумон намеравад, ки дар чанд соли баъди вафоти Баҳроми Гӯр (соли 438) Яздигурди II ва писарони ӯ тавониста бошанд, вазъи молиявии шоҳаншоҳиро беҳтар кунанд. Хоса, ки ба замони оғози подшоҳии Пирӯз падари Балош шоҳаншоҳиро хушксолӣ ва қаҳтӣ фаро мегирад, ки ба ривоятҳое ҳафт сол давом мекунад (20, 10-12). Албатта, бояд ба инобат гирифт, ки рақами ҳафт хусусияти нумерологӣ дорад ва эҳтимол ба сурати хаттӣ бори аввал дар сифри «Пайдоиш»-и «Таврот», дар сураи ҳазрати Юсуф инъикос шуда бошад (3, 41)... Ва инчунин ба назари муҳаққиқон ҳам, шоҳаншоҳӣ дар охирҳои асри V дар остонаи ҳолати варшикастагии молӣ қарор гирифта буд [21, с.189].

Суфарой бино ба мантиқи матни тарҷумаи арабии «Шоҳнома» ба ҷанги хоқон аз Зобулистон меравад. Ба Балош нома менависад, ки иҷозат диҳад, то вориди ҷанг шавад [4, с.111].

Қасос дар муносибатҳои Эроншаҳр бо ҳамсоягони шимолу шарқӣ аз устураи кушта шудани Эраҷ ба дасти бардаронаш Салм ва Тур мавқеъ пайдо мекунад (18,153-155). Дар худойноманависӣ одатан қасоси подшоҳон ва шаҳзодагони эронӣ гирифта мешавад. Ба назари мо машҳуртарин қасосе, ки дар хотираи таърихии халқҳои эронӣ нишаста буд, шояд кини шоҳзода Сиёвуш бошад. Ба шаҳодати Низомии Ганҷавӣ дар «Хусрав ва Ширин» лаҳни бисту ҳаштуми Борбади ромишгар «Кини Сиёвуш» ном дошт (13,186). Ин ҷо сухан дар бораи воқеияти тахайюлӣ ё бадеии ибтидои асри VII ва охирҳои асри XII меравад. *«Шарме аз мазламаи хуни Сивушаш бод»*-ро Ҳофиз дар асри XIV гуфтааст (21). Ва ба шаҳодати Абу Бакри Наршахӣ (899-959), ки «Таърихи Бухоро»-ро соли 944 навиштааст, дар Бухоро дар нимаи аввали асри X маросими мотаме монанд ба Ошурои мусулмонон, ва хосса аҳли ташайюъ, баргузор мешуд. Наршахӣ менависад Афросиёб: « Домоди хешро бикушт, ки Сиёвуш ном дошт...Ва аҳли Бухороро бар куштани Сиёвуш сурудҳое аҷаб аст. Ва мутрибон он сурудҳоро «Кини Сиёвуш» гӯянд» (10, 29; 32-33). Ва меафзояд: «Сиёвуш хост, ки аз вай асаре монад дар ин вилоят, аз баҳри он, ки ин вилоят ӯро ориятӣ буд... Ва Афросиёб ӯро бикушт. Ва ҳам дар ин ҳисор ба он мавзеъ, ки аз дари шарқӣ андар оӣ андаруни дари Коҳфурӯшон ва онро дарвозаи Ғӯриён хонанд, ӯро он ҷо дафн карданд. Ва муғони Бухоро бад-ин сабаб он ҷоро азиз доранд. Ва ҳар соле ҳар марде он ҷо яке хурӯс барад ва бикушад пеш аз баромадани офтоби рӯзи Наврӯз. Ва мардумони Бухороро дар куштани Сиёвуш навҳаҳо ҳаст, чунон ки дар ҳамаи вилоятҳо маъруф аст. Ва мутрибон онро суруд сохтаанд ва мегӯянд. Ва қавволон онро гиристани муғон хонанд. Ва ин сухан зиёдат аз се ҳазор сол аст» (10, 38-39;41). Агар гӯем, ки устураи Сиёвуш

ангезаҳои хотираи таърихии эрониёнро то замони пеш аз Куруши Кабир инъикос мекунад, Наршахӣ дар бобати дарозои анъанаи мотами ҳамасолаи Сиёвуш чандон муболиғаи сахт ҳам накардааст.

Суфарой, ба назари Балъамӣ, медонист, ки писарони Фирӯз Қубод ва Балош «тоб надоранд ва мулк муаттал фурӯ ҳишт ва касеро надод ва гуфт: «Маро хуни малик талаб кардан фаризатар, ки мулк нигоҳ доштан». Сипас Суфарой ба қавли Балъамӣ вазифа мегузорад, ки хуни шоҳаншоҳ Фирӯз талаб намояд, шоҳзода Қубоду мӯбади мӯбадону Фирӯздухтро аз банди ҳайтолиён раҳо кунад. «Сипоҳи Аҷам – менависад Балъамӣ – ӯро иҷобат карданд» [2, с.527]. Дар иқтибоси якум аз Балъамӣ, ба назари мо, бояд ба он этиқоди меҳтарон таваҷҷуҳ кард, ки қасосро волотар аз идораи авзои шоҳаншоҳӣ медонистанд.

Дар бораи шумори лашкари Суфарой Балъамӣ сухане намегӯяд. Саолибӣ инчунин, вале меафзояд, ки шоҳи ҳайтолиён бе ҷанг шартҳои Суфаройро мепазирад (17, 293). Мусалламан ин амр бояд бесабаби кирои сурат нагирифта бошад. Дар ин печи сюжет чанд нуктае инъикос ёфтааст, ки ба истиқлолияти Суфарой дар андешидани тадбирҳо далолат мекунад. Ба қавли Фирдавсӣ ба ӯ муяссар мешавад, ки лашкари анбӯҳе гирд оварад:

«*Фароз омадаш теғзан сад ҳазор,*

Ҳама размҷӯю ҳама кинадор [20, с.23].

Сад ҳазор бо эҳтимоли қавӣ набояд рақами воқеӣ бошад. Мо ду лашкаркаширо дар бахши Сосониёни «Шоҳнома» ба муқобили подшоҳони Машриқ медонем. Ва медонем, ки Баҳроми Гӯр бо шаш ҳазор сипоҳӣ ба ҷанги «хоқони Чин» рафта буд: *«Гузин кард аз эрониён шаш ҳазор,*

Хирадманду шоистаи корзор» [19, с.549].

Ва Баҳроми Чӯбина, боз ҳам ба қавли Фирдавсӣ, бо *«даҳу ду ҳазор»* лашкар ба ҷанги Совашоҳ хоқони турк меравад [20, с.486].

Суфарой, ки дар ривояти Фирдавсӣ ва тарҷумаи Бундорӣ дар Зобулистон буд, ба Балош номаи иҷозати ҷанг менависад, вале ҷавоби шоҳаншоҳро интизор нашуда, рӯ ба Машриқ ба ҷанги Хушнавоз подшоҳи ҳайтолӣ меиҳад. Дар ривояти Фирдавсӣ вақте ки сипоҳи Суфарой ба Марв мерасад, ӯ ба Хушнавоз номае ҳам менависад. Аз нигоҳи мантиқи илмӣ Суфарой наметавонист дар Марв таваққуф кунад, зеро ба ривоятҳое Хушнавоз Марвро соли 457 ишғол карда буд. Вале назари мо назар ба адабиёти бадеист, на ба таърих.

Аз таҳлили нома барнамеояд, ки Суфарой меҳоҳад душманро пеш аз ҷанг тарсонад, ё меҳоҳад ишорае кунад, то кор то ба ҷанг нарасад. Номаи Суфарой дар «Шоҳнома» дар чордаҳ байт омадааст. Аз оҳанг ва лексикаи нома бармеояд, ки номаро марди сипоҳӣ гуфтааст. Нома, ки Суфарой ба дабир мефармояд, саропо аз таҳқир ва таҳдид иборат аст. Масалан: *«Ки эй бехирад рӯбаҳи девсоз... Ба фармони яздон бибуррам сарат...»* Дар миёни ин таҳдиду таҳқир, ба ҳар ҳол, Суфарой ҳадафи ҷангро ҳам мегӯяд: *«Асирону он хоста ҳар чи ҳаст, К-аз ин размгаҳ омадастат ба даст. Ҳама боз хоҳам ба шамшери кин...»* Ба таъбири дабири Хушнавоз: *«Ки ин нома пуртеғу гурз асту тир»* [20, с.25-26]. Хушнавоз ҳам дар номаи ҷавобӣ, ки ҳарчанд оҳанги нармтар дорад, мусолаҳа пешниҳод намекунад. Ӯ Фирӯзро муттаҳам мекунад, ки паймоншиканӣ карда буд ва бинобар ин кушта шуд. Ӯ дар хитоб ба Суфарой меафзояд: *«Гар ой туро он ҳам оростаст, На ганҷу на ҷанговарам костаст»* [20, с.27].

Кор то ба ҷанг мерасад. Лашкари Суфарой, ки ба қавли Фирдавсӣ аз гарди вай *«хуршед бар чарх гум карда роҳ»* буд, дар Кашмеҳан гирд меояд. Кашмеҳан мавзеи таърихист, дар китобҳои ҷуғрофии силсилаи Де Гуе мегузарад ва дар масофаи 5 фарсах аз Марв дар роҳи Тухористон воқеъ буд (20,28; 7, с.202). Хушнавоз дар гузориши Фирдавсӣ ҷои ҷангро Пайканд интихоб мекунад. Пайканди воқеъ дар масофаи ду фарсах аз девори Бухоро дар поёноби Зарафшон дар баробари Балху Қундуз яке аз пойтахтҳои Ҳайтолиён ҳам буд (7, 28. Аз мантиқи мулоҳизаҳои Нёлдеке ҷанг дар атрофи Гургон сурат гирифтааст. Дар ин ҷо Нёлдеке ба маълумоти Прокопий ва Лазар Парбетси муаллифи асри V арманӣ такя мекунад. Он, ки ҷанг метавонист дар атрофи Гургон – дар каронаи ҷанубу шарқии баҳри Хазар – низ доир шавад, метавонад эҳтимол дошта бошад. Чанде дертар ҳангоми юриши Анӯшервон ба тарафи Табаристону Мозандарон ба ӯ муроҷиат карда меашавад, ки пеши роҳи тохту този турконро бигирад (20, с.94-95).

Дар нигориши Фирдавсӣ, албатта бо обу ранги бадеӣ, ҷанги сахте сурат мегирад то ҷое, ки: *«Ба ҳар сӯ, ки дидӣ, тале кушта буд»*. Хушнавоз маҷбур мешавад, ақиб нишинад, то ба куҳандиже паноҳ барад. Ҷуғрофияи муҳориба – поёноби Зарафшон, доманаҳои биёбони Қизилқум – имкон медиҳад, мулоҳиза пешниҳод кунем, ки Хушнавоз метавонист танҳо ба куҳнадижи Пайканд ё Бухоро паноҳ барад. Суфарой дар назди лашкар вазифа мегузорад, ки бо баромадани офтоб бояд: *«Бар ин диж ба кирдори шерон шавем»*. Аммо бо баромадани офтоб Хушнавоз фиристода мефиристаду ба шартҳои Суфарой изҳори мувофиқат мекунад, ки ҳар чи ва ҳар кӣ аз Пирӯз гирифта буд боз мегардонад. Ба шарте, ки ҷанг бас шавад ва тарафҳо қаноат кунанд, ки Турку Чин аз Хушнавоз асту Эрон аз шоҳаншоҳ. Суфарой чун марди ботадбир бо сипоҳ машварат меорояд ва бо далелҳо, аз ҷумла дар

дасти Хушнавоз будани шаҳзода Қубод ва эҳтимоли кушта шудани ӯ, пешниҳод мекунад, ки шарти Хушнавоз пазируфта шавад. Хулоса:

«*Фиристодаро нагз посух диҳем,*

Бад-ин оштӣ рои фаррух диҳем».

Метавон гуфт, Бундорӣ ҳам ҳамин эпизоди «Шоҳнома»-ро мазмунан ба пуррагӣ тарҷума кардааст [20, с.28-33; 4, с.111-113].

Пас аз расидани Суфарой ба Мадоин марҳилаи болоравии нуфузи ӯ дар корҳои давлатдорӣ ҷилои дигар пайдо мекунад ва кор то ба ҷое мерасад, ки Суфарой идораи шоҳаншоҳиро ба дасти худ мегирад. Дар «Шоҳнома» болоравии нуфузи Суфарой ва нописандии шоҳаншоҳ Балош ба тавре тасвир ёфтааст, ки ба хулосаҳои муҳаққиқони таърихи замони Сосониён мухолифат намекунад. Масалан, Фирдавсӣ, аз ҷумла мегӯяд, ки: *«Ҳама чомагӯ Суфароро сутуд»; «Набудӣ ҷуз он чиз, к-ӯ хостӣ, Ҷаҳонро ба рои худ оростӣ*. Ва оқибат Суфарой: *«Ба чарбӣ бипардахт гоҳ аз Балош»*. Ба назари Суфарой чунин намуд, ки Қубод *«Бад-ин подшоҳӣ тавонотар аст»* [20, с.36]. Ҳамин тариқ мо шоҳиди нахустин табаддулоти давлатӣ дар таърихи Сосониён мешавем. Муҳаққиқон, аз ҷумла Дяконов, чунин ақида доранд, ки пас Шопури II [309-379] «подшоҳон бозичаи дасти аъён мешаванд» [6, с.287].

Дар гузориши Прокопий (500-565) хати сюжети вобаста ба Пирӯзу Балошу Қубод ба гунаи дигар нигошта шудааст. Прокопий менависад, ки ҳангоми дубора лашкар кашидан ба ҷанги ҳайтолиён Фирӯз танҳо як писари худ Кубодро, ки наврас буд, дар Мадоин мемонад, боқӣ бо ҳама хонаводаи шоҳаншоҳӣ ба ҷанг меравад. Прокопий ақида дорад, ки пас аз марги Пирӯз писари ӯ Қубод ба тахт менишинад. Аммо пас аз инқилоб ба муқобили Қубод ва зиндонӣ шудани ӯ, аъёни давлат ба ҷои Қубод бародари Пирӯз Балошро подшоҳ интихоб мекунанд. Давоми сюжет дар сарчашмаҳои мусулмонӣ ҳам мегузарад. Ба Қубод муяссар мешавад, ки аз зиндон бигурезад ва ба шарофати подшоҳи ҳайтолиён ва кӯмаки низомии ӯ подшоҳии худро барқарор кунад. Дар гузориши Прокопий Қубод Балошро сарнагун менамояд, вале намекушад, кӯр мекунад. Кӯр кардани Балош дар сарчашмаи сириёнии таълифи Иешу Стилит низ мегузарад.(**14,** *13,16, 22;* **15**, 6).

Аммо бино ба маълумоти Агафий (536-582) замоне, ки Қубод бо кӯмаки низомии ҳайтолиён подшоҳии худро барқарор мекунад, подшоҳи муваққат яке аз фарзандони Пирӯз Ҷомасп буд. Ҷомасп бе муқовимат подшоҳиро ба Қубод месупорад [1, с.133]. Ин кор соли 498 сурат мегирад. Ба назар мерасад, ки манбаъҳои «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ байни подшоҳии Балош ва Ҷомасп фарқ нагузоштаанд.

Пас аз ба подшоҳӣ расидани Қубод вазъияти давлатдорӣ дигар намешавад ва ҳамоно, чи гунае, ки буд, подшоҳ бозичаи дасти аъёни кишвар мемонад. Чунончи Қубод бозичаи дасти Суфарой монда буд. Ба мулоҳизаи А.Кристенсен дар охири асри V дар қаламрави шоҳаншоҳӣ ду хонадон нуфузи бештар доштанд. Яке хонадони Суфарой (дар қироати Кристенсен Зармеҳр ё Сухаро), ки дар Шероз буд ва дигаре хонадони Шопури Меҳрон, ки аз Рай буданд, вале дар замони подшоҳии нахустини Қубод, Шопури сипаҳбуд сипаҳбуди ноҳияи Савод (Ироқ аз миёноби Дачлаю Фурот то ба ҳам рехтани ҳар ду дарё) буд [8, с.242-243].

Шопури Меҳрон ба тақозои шоҳаншоҳ Қубод бо моҷароҳое Суфароро ба қатл мерасонад. Суфаро дар матни «Шоҳнома» ва сарчашмаҳои дигари арабию мусулмонӣ иддаои подшоҳӣ надошт. Вале империяи Сосониро идора мекард. Шояд ӯ ба яқин медонист, ки аъёни шоҳаншоҳӣ ҳаргиз каси дигарро, ки хуни подшоҳӣ надошта бошад, ба ин мақоми волотарин намегузоштанд.

Мисол, достони Баҳроми Чӯбина, ки инсофан метавонист ба нерӯи рӯ ба афзоиши араб муқовимат кунад ва ҳатто шикаст ҳам ворид намояд. Суфаро шояд аз он ҳам идора мекард, ки Қубод ҳамагӣ ба қавли Фирдавсӣ: *«Ҷавон буду солаш се панҷу яке, Зи шоҳӣ варо баҳра буд андаке»,* бинобар ин*:»Ҳамеронд кори ҷаҳон Суфарой, Қубод андар Эрон набуд кадхудой»* [20, с.38-39]. Вале ба ривояти Фирдавсӣ чун соли Қубод дар матни интиқодии Душанбе ба бисту як ва дар матни интиқодии Москва ба бисту се мерасад, Суфаро аз шоҳаншоҳ иҷозати бозгашт ба Шероз мепурсад. Суфаро аз Шероз истода бошад ҳам, дар идораи давлатдорӣ нақши нахустин дошт, то ин ки кушта нашуд. Балъамӣ танҳо пас аз кушта шудани Суфарой таъкид мекунад, ки: «Қубод аз Суфарой бираст ва кори мулк ба худ гирифт» (2,ч.1,530). Пас аз куштори Суфаро вазъи нооромe шоҳаншоҳиро фаро мегирад. Аъёни давлат боз як табаддулоти давлатӣ мекунанд. Қубод сарнагун ва зиндонӣ мешавад ва ба ҷои ӯ бародари хурдии ӯ Ҷомаспро ба тахт мешинонд, ки ба қавли Фирдавсӣ гуфтанд: *«Биёрем Ҷомаспи даҳсоларо, Ки бо дурр ҳамто кунад жоларо»* [20, с.39-46 ва 52).

Фирдавсӣ одатан дар нигориши «Шоҳнома» хеле кам ба эҳсос дода мешавад. Аммо вақте ки мегӯяд Қубод шонздаҳсола буд, ки подшоҳаш карданду Ҷомасп даҳсола, дар лаҳни нигориш ӯ як оҳанги таассуфи талх ва гудозе шунида мешавад. Таассуф, ки шоҳаншоҳии замоне қудратманд бозичаи дастоне шудааст, ки ғуборе аз меҳанпарастӣ надоранд. Баҳроми Гӯрро арабҳо оварда буданд, Қубодро ҳайтолиён...

Аммо аз нигоҳи Прокопий зодаи Қайсарияи Фаластин Сухаро (ҳамин тавр дар қироати Прокопий) дар Мадоин он бор кушта намешавад. Бино ба нигориши ин муаллиф Сухаро ба замони талошҳои Хусрави Қубодон (Анӯшервон) барои густариши нуфуз дар Колхида (Лазика, Грузияи ғарбӣ) чун саркарда гуфту гузоре бо румиён дошт. Чунончи ӯ, шояд чун шахси асосии музокиракунанда, исрор мекард, ки «ин иёлат аз дер боз дар тасарруфи Эрон будааасту румиҳо ба зӯр онро ғасб кардааанду бе ҳеҷ далели муваҷҷаҳ онро нигоҳ доштаанд». Румиҳо аз ин мавзеъгирӣ барошуфтанд. «Ва вақте сухан аз васояти (валиаҳд шудани) Хусрав ба миён омад, изҳор доштанд, ки: «мутобиқи оини **ваҳшиҳо (барбарон)** ҳозир ба қабули васояти вай ҳастанд. Ба шунидани ин пешниҳод оташи хашми эрониҳо шуъҷавар гардид ва тоби таҳаммул аз онон рафт. Ва ҳар ду тараф аз ҳам ҷудо шуданд ва ба тарафи кишварҳои худ ҳаракат намуданд». Чунин сурат гирифтани кор дар дили Анӯшервони ҷавон, ки валиаҳд буд, эҳсоси ғазабро бедор мекунад ва ӯ қасам мехӯрад, ки интиқом хоҳад гирифт.

Пас аз ин моҷаро мӯбадон Сухароро дар назди Қубод муттаҳам сохтанд, ки ӯ амдан ва бе иҷозати шоҳаншоҳ мавзуи Колхидаро бардоштааст, то паймони сулҳ баста нашавад. Инчунин мӯбадон Сухароро муттаҳам мекунанд, ки бо Ҳепотиус фиристодаи румӣ музокироти пинҳонӣ доштааст. Мӯбадон ба шоҳаншоҳ талқин мекунанд, ки Сухаро бо акди паймони сулҳ ва қабули васояти Хусрав аз тарафи императ мухолифат мекунад. Зиёда аз ин душманони Сухаро ба гардани ӯ гуноҳҳои дигарро низ бор мекунанд ва ӯро ба муҳокима мекашанд. Ҳама доварон ба қавли Прокопий душманони Сухаро буданд. Сухаро марде мағрур ва худписанд буд. Душманони вай ӯро «аз шариати зардуштӣ» ҳам бароварданд. Гуфтанд, ки ӯ худоёни гуногунро парастиш мекунад. Зиёда аз ин «вақте ҳамсараш вафот кард, ӯро бар хилофи оини эрониён, ки ба хок супоридани мурдагонро манъ кардааст, ба хок супурд». Қубод чунон ки дар сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ ҳам ҳаст, ҳеҷ иқдоме барои начот додани Суфарой намекунад. Ҳамин тариқ нахустин ва охирин соҳиби мақоми «сипаҳсолори кул» кушта мешавад [15, с.55-56].

Вале чунон ки дар симоҳои дигар ҳам мебинем, ривоятҳои Фирдавсию муаллифони сарчашмаҳои арабию мусулмонӣ аз Яъқубӣ то Хондамиру Мирхонд дар бораи фарҷоми рӯзгори Суфаро яксон намебошанд. Бояд гуфт, ки дар ин маъхазҳо ривояти Прокопий дар бораи фарҷоми рӯзгори Суфаро инъикос наёфтааст. Дар сарчашмаи ибтдои асри XIII «Таърихи Табаристон» -и Ибни Исфандиёр ривоят мешавад, ки Суфаро таҳдидро ба ҷони худ пай мебарад ва бо писарони худ ба Табаристон фирор мекунад. Дар он ҷо гумоштагони Қубод ба паҳлавон ва сарлашкар заҳр медиҳанд [21, с.200].

Он, ки хонадони Суфаро ва худи Суфаро буд, инкор карда намешавад. Вале баъзе муҳаққиқон ақида пешниҳод кардаанд, мавзуи кини Пирӯз шояд сохта бошад. Гӯё Суфаро наметавонист ба ҷанги Ҳайтолиён, ки дар авҷи иқтидор буданд, равад. Аммо то қиёми Анӯшервон, ки чанд соле монда буд, хотираи таърихии халқҳои эронӣ мебоист ягон саҳифаи рушноӣ ҳам дошта бошад. Зеро пас Шопури II, сарфи назар аз подшоҳии Баҳроми Гӯр, ки то ҷое фишори турконро дошта буд, саҳифаҳои рӯшноӣ камтар ба мушоҳида мерасанд. Ҳангоми тасвири шикастҳои давлатдорӣ дар хотираи таърихии халқҳои эронӣ саҳифаҳое пайдо мешаванд, ки эътибори ин халқҳоро нигоҳ медоранд. Мисоли равшантарин «эронитабор» бароварданиИскандари Мақдунӣ, ки хоки Эроншаҳрро бехта буд. Ба дериҳо бофтанду навиштанд, ки Искандар ғосиб набуд, «табори подшоҳии эронӣ» дошт. Дуруст, модараш духтари Файлақус буд, аммо падараш Дорои II падари Дорои III подшоҳи охирини ҳахоманишӣ буд...

АДАБИЁТ

1. Агафий, О царствовании Юстиниана, М-Ленинград, 1953, 232 с.
2. Балъамӣ Абуалӣ, «Таърихи Табарӣ», Теҳрон, 2001, ҷ.1, 824 с.
3. Библия, Бытие, глава 41.
4. Бундорӣ, «аш-Шоҳнома», Қоҳира, 1932, ҷ.2, 348 с.
5. Геродиан.История императорской власти после Марка, М.., 1996. 301 с.
6. Дяконов М.М. Очерк истории древнего Ирана, Москва, 1961, 457 с.
7. Ибн Хурдодбех, «Китобу-л-масолик ва-л-мамолик», Лейден, 1889,548 с.
8. Кристенсен А. Эрон дар замони Сосониён, Теҳрон, 1980, 464 с.
9. Надушан Муҳаммад Алӣ Исломӣ «Зиндагӣ ва марги паҳлавонон дар «Шоҳнома», Теҳрон, 1970
10. Наршахӣ Абу Бакр, Таърихи Бухоро, tarikhema.org,
11. 11.Наршахӣ, Таърих Бухоро, Қоҳира, бе соли нашр, .41 с.
12. Нёлдеке, «Таърихи Эрон ва арабҳо ба замони Сосониён», Теҳрон, 1980, 774 с.
13. Низомии Ганҷавӣ, «Хусрав ва Ширин», Душанбе, 1983, 463 с.
14. Прокопий Кесарийский, Война с персами, Москва, 1993, 578 с.
15. Прокопиус, Ҷангҳои Эрон ва Рум, Теҳрон, 1987, 225 с.
16. Ситилит Иешу, Хроника, Ленинград, 1940, 30 с.

17. Саолибӣ Абумансур, «Ғурару ахбори мулуки-л-фурси ва сияриҳим» ё «Шоҳнома»-и Саолибӣ, Душанбе, 2014, 441 с.
18. Фирдавсӣ, «Шоҳнома», Душанбе, 1964, ҷ. 1,468 с.
19. 19 Фирдавсӣ, «Шоҳнома», Душанбе, 1966, ҷ. 7, 662 с.
20. 20.Фирдавсӣ, «Шоҳнома», Душанбе, 1990, ҷ. 8, 612 саҳ.
21. 21.Ғафурӣ Ризо. «Таамуле бар саргузашти Суфаро», фаслномаи «Забон ва адабиёти форсӣ» соли 22, шумораи 77. 24 с.
22. Ҳофиз, Куллиёт, ganjoor.net. ғазали 105.

СУФАРОЙ И ПОПЫТКИ ИСПРАВЛЕНИЯ ДЕЛ ИМПЕРИИ

Суфарой, с разочтениями имени в источниках, возможно является прообразом Бахрам Чубин вененоначальника конца шестого века VI, пытавшегося по своему остановить развал Сасанидской империи. Суфарой появляется на исторической арене, естественно не без художественного осмысления, с конца времени правления Пируза I до начала второго восшествия на престол Кавада отца Ануширвана.

И в художественном и в историческом изложении, включая римских и греческих авторов, Пируз I по неопытности в военном деле, погибает в бою с эфталитами. В плену у врага останется свита Пируз I и малолетний Кавад, будущий шахиншах. Известно, что это произошло в 484 году, где- то на правобережье реки Амударья.

Пируз I был первым Сасанидским царем, погибшим на поле сражения. По сути дела, престол великой империи остаётся без достойного царя. Валаш был молодым, а Джамаспу, которого поставили на место Кавада в первом его царствовании, по Фирдоуси было всего десять лет. Всё это время державой управлял военачальник Суфарой представитель знатного рода из Шираза. Он организует и совершает поход против эфталитов, чтобы отомстить за смерть Пируза I и освободить пленных, включая главного мага и сестру Пируза.

Суфарой совершает удачный военный поход, заключает очередной мир с эфталитами или турками. По возвращению в Ктесифон Суфарой смещает Валаш и ставит на его место Кавада. Кавад, судя по Прокопию сохраняет жизнь брату, но выкаливает ему глаза.

Так как фактически империей правил Суфарой, Каваду советует избавиться от него. Суфарой был прикончен с ведома и даже в присутствии шахиншаха. Сторонники Суфарой по Фирдоуси поднимают бунт и смещают Кавада.

Ключевые слова: *Суфарой, Кавад, Пируз, Валаш, Шираз, эфталиты, Аму-дарья, Фирдоуси, Табари, Прокопий, военачальник, поход.*

SUFAROY AND ATTEMPTS TO RECTIFY THE AFFAIRS OF THE EMPIRE

Sufara, with the disappointment of the name in the sources, is possibly the prototype of Bahram Chubin, the leader of the late sixth century VI, who tried to stop the collapse of the Sassanid Empire in his own way. Sufaroy appears on the historical arena, naturally, not without artistic comprehension, from the end of the reign of Piruz I to the beginning of the second accession to the throne of Kavad by father Anushirvan.

Both in artistic and historical presentation, including Roman and Greek authors, Piruz I, due to his inexperience in military affairs, dies in battle with the Hephthalites. In captivity, the enemy will remain the retinue of Piruz I and the young Kavad, the future shahinshah. It is known that this happened in 484, somewhere on the right bank of the Amu Darya River.

Piruz I was the first Sassanian king to die on the battlefield. In fact, the throne of a great empire is left without a worthy king. Wallash was young, and Jamasp, who was put in the place of Kavad in his first reign, was only ten years old according to Ferdowsi. All this time, the power was ruled by the military leader Sufara, a representative of a noble family from Shiraz. He organizes and undertakes a campaign against the Hephthalites in order to avenge the death of Piruz I and free the prisoners, including the main magician and sister of Piruz.

Sufaroy makes a successful military campaign, concludes another peace with the Hephthalites or Turks. Upon his return to Ctesiphon, Sufaroy displaces Wallash and replaces Kavad in his place. Kavad, judging by Procopius, saves his brother's life, but gouges out his eyes.

Since Sufara actually ruled the empire, Kavad advises to get rid of him. Sufara was killed with the knowledge and even in the presence of the Shahinshah. Sufaroy's supporters over Ferdowsi revolt and depose Kavada.

Key words*: Sufaroy, Kavad, Piruz, Valash, Shiraz, Hephtalites, Amu Darya, Ferdowsi, Tabari, Procopius, military leader, campaign.*

Сведение об авторе:

Юлдошев Абдулло Курбонмаматович *– Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент кафедры истории таджикской литературы.* ***Адрес****: г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: romish2004@inbox.ru, Телефон: (+992) 939914949.*

About the authors*:*

Uldoshev Abdulla Kurbonmamatovich *– Tajik national university, candidate of philology, associate professor department of the history of Tajik literature. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17.* ***E-mail****: romish2004@inbox.ru,* ***Phone****: (+992) 939914949.*

ФИРДАВСӢ ВА ШЕКСПИР: ҲАМГУНАГИИ АСАРҲОИ ЛИРИКӢ

Шозиёева Г.П.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АИ ҶТ

Дар саҳифаҳои таърихи адабиёти ҷаҳон танҳо ашхоси ангуштшумор тавонистанд, номи хешро абадӣ гузоранд. Ҳаким Фирдавсӣ ва Вилям Шекспир аз зумраи чунин бузургон мебошанд, ки садсолаҳо бо ашъори нотакрорашон маълуму машҳур ҳастанд. Ин ду ситораи дурахшони адабу фарҳанг ва маданияти Шарқу Ғарб на танҳо бо осори калонҳаҷм, балки аз ҷиҳати маъно пурмазмуну арзишманд ба дили оламиён роҳ ёфтаанд. Ҳарчанд нобиғаи Ғарб дорои чандин асари нотакрор бошад ҳам, Ҳакими бузурги Шарқ зиёда аз 50 достони бузург дар асари безаволи худ «Шоҳнома» ба назм даровардааст.

Муаррих, мутарҷим, ховаршинос ва шоири эронӣ Саид Нафисӣ (1896-1966) мавқеву мартабаи ин ду шахсиятро гиромӣ дониста, мақоми Фирдавсиро ба Ҳомер, Вергилий, Шекспир, Данте, Сервантес, Шиллер, Пушкин, Лермонтов ва дигарон баробар донистааст. Саид Нафисӣ соли 1934 вақте, ки Иттифоқи Шӯравӣ ҳазораи Абулқосим Фирдавсиро, маҳз бо супориши И.О. Сталин ҷашн мегирифт, рочеъ ба нобиғаи Шарқ чунин суханҳоро таъкид кардааст: «Абулқосим Фирдавсӣ бо ашъори пурмазмуни худ ба адабиёти ҷаҳон таъсири беандоза калонро расонд» [4, с. 105].

Рочеъ ба мавқеи хос ишғол намудани чунин олиҳимматони классикии фарҳангу тамаддуни худ олимон ва донишмандони зиёд андешаронӣ намудаанд. Дар баробари олимону пажуҳишгарони Шарқ, муҳаққиқони Ғарб низ паҳлуҳои зиёдро ифшо намуданд. Ҳатто дар минбарҳои баландтарини ҷаҳонӣ аз ҷониби донишмандон, олимон ва сиёсатмадорон рочеъ ба бузургии нобиғаи бузурги Шарқ Фирдавсӣ баҳои арзишманд дода шуданд. Ҳангоми ҷашн гирифтани 1000-солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мудири кулли созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО Федерико Майор Зарагоза (Federico Mayor Zaragoza[*] дар Симпозиуми ҷаҳонӣ чунин гуфтааст: «Ҳазор сол қабл аз Ренессанси (Эҳёи) Ғарб, пеш аз асри XVIII давраи равшангарӣ, яъне пеш аз таваллуди Рене Декарт (René Descartes 1596-1650)[**], Волтер (1694-1778)[***] шоири Шарқ Фирдавсӣ андешаҳо рочеъ ба хирад гуфтааст. Шоири бузурги Шарқ суханро чунон баён намудааст, ки хонандаро бе ихтиёр шефтаи хирад месозад. Ман аз он лаҳзае, ки «Шоҳнома»-ро хондам, эҳсос кардам, ки бо як асари комилан пур аз маънӣ ва воқеӣ рӯ ба рӯ ҳастам» [1, с.52]. Федерико Майор Зарагоза суханҳои худашро бо байтҳои Ҳаким Фирдавсӣ ҷамъбаст менамояд:

Сухан чун баробар шавад бо хирад,
Равони сароянда ромиш барад. [2, с.6].

Асб набинад чун ӯ савор ба майдон.

*Хор намояд-т **жандапил** бад-он гоҳ*

*В-арчи бувад масту **шергаштаву** ғуррон.*

Шер ба хашм омада харгӯшакро чун сайд ба даст меоварад:

***Шер** ғужм оварду ҷаст аз ҷойи хеш*

В-омад он харгӯшро алфаҳда пеш.

Шер – ҳайвони босалобат аст.

*Гургро кай расад **салобати шер?!***

*Бозро кай расад ниҳеби **шахеш?!***

Образи шер дар ашъори Рӯдакӣ образи зиндаву намоён аст.

Ҳайвони дигаре,ки бо номҳои гуногуни дигараш зикр мегардад-асп аст: Якрон – аспи даванда ва чобук. Оҳу – ҳайвони чобук ва тездав, баръакси якрон – аспи тездав аст. Якрон – аспи даванда ва чобук. Аспял – дузди асп. Асп – ин ҷо замона ташбеҳ мешавад ба асп.

***Аспяле** омад он гаҳ нарм-нарм,*

То барад мар аспро ӯ гарм-гарм.

*Замона **аспу** ту роиз, ба ройи хешат тоз,*

Замона гӯю ту чавгон, барои хешат боз...

Ту замона – аспро ром карда, онро ба худ мутеъ соз. Аспи нуҳоз – аспи раманда. Чунин асп тезу даванда дар фасила (рама) мебошад. Аспи нуҳоз рамзи тарсуӣ, парешонӣ ва шитобкорист.

Тозиёну давон ҳамеояд

*Ҳамчу андар фасила **аспи нуҳоз.***

Хинг (асп) – маъруф. Оби Ҷайхун аз хурсандии дидори дӯст хинги моро, ки баландқомату бузургҷусса аст, то миёнаш меояд. Хинг (асп) нишони бузургӣ ва қавиҳайкалист:

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,

***Хинги** моро то миён ояд ҳаме. .*

Аспи тозӣ – маъруф. Дар инҷо шоир хару поликро рамзи камбағалӣ ва нодорӣ, мӯзаи чинӣ ва аспи тозиро рамзи сарват ва тавоноӣ медонад:

Аз хару полик он ҷой расидам, ки ҳаме

*Мӯзаи чинӣ мехоҳаму **аспи тозӣ!***

Вожаи «уштур» бо вожаҳои шутур, сор, ноқа мувофиқ истифода шудааст, ки абёти на таҳо Рӯдакиро,балки осори тамоми классиконро обу ранги бадеӣ бахшидааст.

Уштур – шутури маст бадхашм аст ва барои наслгузорӣ ва пешвои гала шудан бо дигар уштурони нар дар набард бояд ғолиб шавад. Айнан аз чунин уштурони мастшуда, ки нишони он кафки даҳонашон аст, насли пуркувват зоида мешавад.

*Боз ба кирдори **уштуре** ки бувад маст,*

Кафк барорад зи хашму зояд султон...

Сор (уштур) – маъруф. Сад қатори сор – рамзи давлат ва сарват:

Доштӣ он тоҷири давлатшиор

*Сад қатори **сор** андар зери бор.*

Уштури бебуд – ушутури нодон ба ҷое ки ҳайвоноти ваҳшианд, рафтааст. Бехабар аз макри рӯбаҳу зоғу зи гург. Ҳайвоноти ваҳшӣ ба ҳаргуна роҳ сайди худро барои ба даст овардан ҳиллаҳо низ ба кор мебаранд. Рӯбаҳ – рамзи ҳиллагарӣ ва зиракӣ. Зоғ – паррандаи лошахӯр. Гург – рамзи гуруснагӣ, ҳилла ва ваҳшоният, то оҳуе ё оҳубаррае ба даст орад:

*Чунон ки **уштури бебуд** суйи куном шуда,*
Зи макри рӯбаҳу зоғу зи гург бехабаро

Қатори уштурони обара – корвон, саф, қатори уштурони бо роҳи рост раванда. Растаи бодому сарви дар канори ҷуй шиндашударо ба ростӣ чун қатори ушутурони рострав мебинам. Уштури обара – шутури рострав..

Бар канори ҷӯй бинам растаи бодому сарв,
*Рост пиндорам қатори **уштурони обара.***

Яке аз нақшҳо ва рамзҳое, ки дар адабиёти анимализм дида мешавад, нақши гов – рамзи фаровонию барзиёдӣ ва ҳаёти биҳиштосо мебошад. Ғайр аз ин, дар ашъори бузургон ҷонварон нақшеро мебозанд, ки ба воситаи онҳо ба олами инсонҳо ворид мешаванд.

Гов – замона чун гов аст, ки моро ба олам меорад, ғизо ҳаммедиҳад, вале зарфи ширдорро худ мешиканад ва ризқи одамро коҳиш медиҳад.

*Гетӣ чу **гов** нек диҳад шир мар туро,*
Худ боз бишканад ба канора ханӯри шир.

Гов гумкарда шӯру фиғон оварда онро мековад. Ин ҷо гов чун ягона давлати соҳибаш ба қалам дода мешавад.

*Танг шуд олам бар ӯ аз баҳри **гов,***
Шӯр-шӯр андарфиганду ков-ков.

Истифодаи зарбулмасалу ибораҳои халқӣ дида мешавад.Масали «як гови рихин подаро расво мекунад» дар ин мисраъ муҷассам аст. Як авбош кишвареро хароб кунад, маънои мисраи аввал аст.

Яке олудае бошад, ки шаҳреро биёлояд,
*Чу аз **говон** яке бошад, ки **говонро** кунад рихин.*

Рамз ва калиди шарҳи ин ду мисраъ дар «Ҳикояти Шер ва Гов» ва «Ҳикояти Зоғ ва Бумон»-и асари Калила ва Димна (аз рӯи Анвори Суҳайлӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ) дода шудааст.

***Гови** мискин зи кайди Димна чӣ дид*
В-аз бади зоғ бумро чӣ расид?!

Дар осор ва абёти боқимондаи устод Рӯдакӣ номи ҳайвоноту парандагон низ бо муродифҳояшон хеле мӯъҷазу мувофиқ зикр шудаанд, ки дар баъзе ҳолатҳо чун тамсил, дар ҳолати дигар чун ташхис ва дар ҳолати сеюм муҷаррад, яъне бе либоси бадеӣ, корбаст шудаанд.

Агар дар достони «Калила ва Димна» вожаи сор ба маънои уштур бозтоб шуда бошад, дар шеъри «Баҳория»-и устод Рӯдакӣ ин калимаро ба маънии мурғи хушхон мебинем:

Булбул ҳаме бихонад дар шохсори бед,
***Сор** аз дарахти сарв мар ӯро шуда муҷиб.*

Лоиқи тазаккур **аст**, ки вожаи «**мурғ**» бо маъниҳои мурғи **самандар** (мурғе ки дар оташ намесӯзад), **тайту** (мурғи обӣ), **чаковак** (мурғи хурди хушовоз), **кузоза** (мурғе монои булбул), **зандвоф** (мурғи хушхон), **чарз** (як навъ мурғи сайдшаванда), **шоҳин** (мурғи ҳавоӣ) ва ғ.ҷилову тобиши нав ёфта, шеъри Рӯдакиро шаҳомати дигаре бахшидааст:

***Мург** дидӣ, ки бачча з-ӯ бибаранд,*
Чов-чов-андар асту ҷӯён аст.
*Ба оташ дарун - бар мисоли **самандар,***
*Ба об андарун - бар мисоли **наҳангон.***

Подшо симурғи дарёро бибурд,
*Хонаву бачча ба он **тайту** супурд.*
*В-аз **чаковак** нӯф бинӣ растахез,*
Дашт баргирад бад-он овои тез.

Гургро кай расад салоботи шер,
*Бозро кай расад ниҳеби **шахеш.***
***Фохта** бар сарв шоҳруд баровард,*
Захма фурӯ ҳишт зандвоф ба танбӯр.
Ба чанголи қаҳри ту-дар хасми баддил,
*Бувад ҳамчу чарзе ба чанголи **шоҳин.***
*Бад-он **мурғак** монам, ки ҳаме дӯш,*
Ба зор аз бари шохак ҳамефунуд.

Яке аз парандагоне, ки хушсадояш муҷиби васфи шоирон аст, **булбул** мебошад, ки дар осори устод Рӯдакӣ бо муродифҳои андалеб, ҳазордастон, ҳазоро, булбули хушнаво садҳо маротиба «муқайяди назм» шудаанд:

Сулсул ба сарвбун-бар бо нағмаи куҳан,
***Булбул** ба шохи гул-бар бо лаҳнаки ғариб.*

Соқӣ гузину бодаву меҳӯр ба бонги зер,
*К-аз кишт сор неладу аз боғ **андалеб.***

Бад-он замона надидӣ, ки зӣ чаман рафтӣ,
*Сурудгӯён, гӯйӣ, **ҳазордастон** буд.*

Ба Ҳақ нолам зи ҳаҷри дӯст зоро
Саҳаргоҳон чу бар гулбун ***ҳазоро.***

Ба ҳусни савт чу ***булбул*** *муқайяди назмам,*
Ба ҷурми ҳусн чу Юсуф асиру зиндонӣ.

Чу оташ барфурӯзӣ, мебисӯзад
Чу ман парвона бар гирдат ***ҳазоро.***

Ай ***булбули хушнаво,*** *ово деҳ,*
Ай соқӣ, он қадаҳ бо мо деҳ!

Ҳамин тавр, номи зиёда аз 40 ҳайвон ва зиёда 30 паррандаю чаранда бо овардани байтҳои зебо дар ашъори устод Рӯдакӣ дида мешавад, ки мо шарҳи ниҳоят мухтасари онро пешкаш намудем.

Ҳамчунин устод Рӯдакӣ дар осори боқимондаи хеш натанҳо аз номи ҳайвоноту парандагон ёдовар мешавад, балки аз ибораҳое низ истифода ва корбаст мекунад, ки мансуб ба кирдору рафтори ҳайвонотанд: масалан вожаи **нева** – нола ва афғони гурба**, пехта** – дар худ печидан чун мор, **хабок** – чордевори саркушода, ки шаб чӯпон гӯсфандонро онҷо мебандад.

Хулоса намудаву таъкид кардан барҷост, ки семиотикаи ашъори Рӯдакӣ, чун аввалин зуҳуроти истифодаи образҳои ҷонварон дар адабиёти тоҷику форс шоистаи омӯхтан ва пажӯҳиш аст.

АДАБИЁТ

1. Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор. / Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғоту тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммади Хуросонӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.
2. Агеев В.Н. Семиотика. – Москва, 2002 - С. 95-137.
3. Барт Р. Основы семиологии // Структурализм: «за» и «против». – Москва, 2004, С. 114-163.
4. Бюлер К. Теория языка. Репрезентативная функция языка. – Москва, 2003 - С.67-80.
5. Девони Рӯдакӣ. / Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам. «Душанбе»: Бухоро, 2015. – 334 с.
6. Иванов В. В. Очерки по предыстории и истории семиотики. В. В. Иванов. Избранные труды по семиотике и истории культуры. Т. 1. – Москва: Языки русской культуры. 2004 - С. 603-811.
7. Калила ва Димна. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2009. - 316 с.
8. Крейдлин Г.Е. Невербальная семиотика: язык тела и естественный язык. – Москва: НЛО. 2004 - С. 78-125.
9. Лангер С. Философия в новом ключе: исследования символики разума, ритуала и искусства. – Москва: Республика. 2002, с. 38-41.
10. Лосев А.Ф. Знак, символ, миф: труды по языкознанию. – Москва, 2002, с. 408-443
11. Пирс Ч. С. Логические основания теории знаков. – СПб: Алетейа. 2004, с. 42.
12. Попович Е.Н. Знаки, символы, языки. – Москва, 2004г., с. 134.
13. Саидов Саидраҳмон. Адабиёти қадим (аз замонҳои қадим то асри VII). – «Душанбе». 2010 - 201. – 88 с.
14. Сируси Шамисо. Баён ва маъонӣ. – Теҳрон: «Фирдавс», 1383 – 79 с.
15. Тӯрақул Зеҳнӣ. Санъати сухан. – Душанбе: «Адиб». 2007 - С.131-16.
16. Успенский Б. А. Семиотика искусства. – Москва: Языки русской культуры, 2004 – 56 с.

СИМВОЛ В СТИХОТВОРЕНИЯХ АБУАБДУЛЛАХА РУДАКИ

В статье автор более подробно анализирует использование образов животных (семиотика) в стихотворениях Абуабдуллаха Рудаки. Автор констатирует, что поэт использует образы животных для передачи характера своих героев, морали и поступков человека. Мастерство поэта в семиотике ясно прослеживается в остатках его переводов поэм «Калила и Димна», также «Синдбаднаме».

Ключевые слова*: образ, животные, птицы, пресмыкающиеся, «Калила и Димна», «Синбаднаме», мораль, добро и зло, человек.*

SYMBOL IN POEMS BY ABABDULLAH RUDAKI

In the article, the author analyzes in more detail the use of animal images (semiotics) in the poems of Abuabdullah Rudaki. The author States that the poet uses images of animals to convey the character of his characters, morals and human actions. The poet's mastery of semiotics is clearly seen in the remains of his translations of the poem «Kalila and Dimna», also «Sinbad nameh».

Keywords*: image, animals, birds, reptiles « «Kalila and Dimna», «Sinbad nameh «, morality, good and evil, man.*

Сведения об авторе:

Шарифова Гулпари Хамдамовна *- кандидат филологических наук, Руководитель отдела науки Таджикского педагогического института в городе Пенджикент. Тел: (+992) 927332312; E-mail: pamir555@inbox.ru*

About the author:
Sharifova Gulpari Hamdamovna - *candidate of philological Sciences, Head of the Department of science of the Tajik pedagogical Institute in Penjikent. Tel: (+992) 927332312; E-mail: pamir555@inbox.ru*

ТДУ – 371.013
ТКБ – 74.200.55
Б 74

РОҶЕЪ БА УНСУРҲОИ ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ДАР «ПАНДНОМА»-И АТТОР

Бобоева И.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Мафҳуми таҳаммулпазирӣ сермаъно буда, дар асрҳои XVI-XIX асосан ба масъалаи таҳаммулпазирии мазҳабӣ маҳдуд мегардид, алҳол бошад, он ба соҳаи ҳаёти дунявӣ, аз ҷумла ба низоми маориф низ нуфуз кардааст.

Дар ҳамаи давру замонҳо тоқатпазирӣ аз ҷумлаи ахлоқи ҳамида маҳсуб мегардид. Зери ин мафҳум сабру таҳаммул нисбат ба фарқи байни одамон, тарзи зиндагии онҳо фаҳмида мешавад. Таҳаммулпазирӣ бидуни расонидани халал ба дигарон зиндагӣ кардан, қобилияти ҳуқуқу озодиҳои дигаронро вайрон накардан ва ҳуқуқу озодиҳо доштан аст. Асоси демократияю ҳуқуқҳои инсонро низ таҳаммулпазирӣ ташкил мекунад, таҳаммулпазирӣ – сулҳдӯстӣ, тоқатпазирӣ нисбат ба ихтилофҳои этникӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва байнишахсиятӣ, эътирофи имконияти мавҷудияти баробарҳуқуқи «ғайр» мебошад. Айни замон, тоқатпазирӣ – танҳо гузашт, раҳму шафқат ё чашмпӯшию тағофул нест, балки мавқеи фаъолонаи ҳаётӣ дар асоси эътирофи ҳодиса ё падидаи дигар мебошад [4].

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки таҳаммулпазирӣ санъати дар сулҳу осоиш зиндагӣ кардани одамон ва ғояҳои ба ҳам ношабеҳ мебошад. Олами муосир бидуни ташаккули шуури таҳаммулпазир вуҷуд дошта наметавонад. Шуури таҳаммулпазириро танҳо тавассути шуури ҷамъиятии этикӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ, психологӣ ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ ташаккул додан мумкин аст.

Муҳимтарин вижагии дарси адабиёт дар баробари таълим – тарбияи ахлоқи ҳамидаи шогирдон, аз ҷумла, тарбияи таҳаммулпазирӣ мебошад, ки унсурҳои онро метавон дар осори классикон возеҳу равшан пай бурд. Зимни гузариши эҷодиёти адибони классик омӯзгори фанни адабиёт имконият дорад, дар ниҳоди шогирдон хислатҳои таҳаммулпазириро тарбия намояд. Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур омӯзиши осори бадеӣ, донистани моҳияти асарҳои классикӣ, бархурдор будан аз мутуни адабӣ, маърифати шеър барои ҳар омӯзгори фаннӣ муҳим аст.

Барои ошкор сохтани унсурҳои мафҳуми таҳаммулпазирӣ дар адабиёти форсу тоҷик осори ахлоқии адибони форсу тоҷикро, ки дар давраҳои мухталиф эҷод шудаанд, баррасӣ намуда, пайдоиши унсурҳои ин мафҳумро дар майдони адабиёт мушаххас кардан лозим аст.

Дар радифи осорҳои андарзӣ «Панднома»-и Аттор низ мақоми шоиста дорад, ки дар он муҳимтарин унсурҳои таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ таҷассум ёфтааст. Мусанниф дар ин асар бо забони равону фасеҳ, оммафаҳм ва дар қолаби мавзуну кӯтоҳ ҳикматҳои бузургро ғунҷоиш додааст, ки то имрӯз арзиши бузурги маънавӣ-ахлоқиро дорост. Агар тамоми он хислатҳои неку зиште, ки муаллиф дар «Панднома» тавсиф ё мазаммат кардааст, дастабандӣ намоем, ба маънои томаш «Консепсияи инсони комил» зоҳир мешавад. Маҳз ба ҳамин сабаб, он ба асари маъруфи «Чор китоб», ки қабл аз Инқилоби Октябр онро дар мактабҳо баъди Қуръон қироат мекарданд, шомил шудааст.

Тарбияи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ ба якчанд омилҳо марбут аст, ки барои ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ заминаҳои асосӣ маҳсуб мешаванд. Ба ин омилҳо беҳтарин фазилатҳои неки инсонӣ мансубанд, аз қабили, худшиносӣ, инсондӯстӣ, фурӯтаниву хоксорӣ, гузашт ва инсоф, раҳму шафқат, пӯшидани айбу нуқсон, ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтиром, хушгуфторӣ ва амсоли инҳо.

Гуфтан ҷоиз аст, ки ба ҳар яке аз ин сифоти зикршуда Шайх Аттор аз дидгоҳи хоси орифонаи хеш андеша рондааст, ки дар раванди тадрис аҳамияти хос дорад.

а) Худшиносӣ нахустин замина барои бисёре аз фазилатҳои дигари инсонӣ, ба монанди тавозӯъ, гузашт, инсоф ва, махсусан, таҳаммулпазирӣ мебошад. Аттори Нишопурӣ дар ин хусус мегӯяд:

Бандагӣ аз худшиносӣ шуд тамом,
Нест марди беадаб соҳибмақом [1, с.35].

б) Сабру қаноат ҳамчун муродифи таҳаммул ва таҳаммулпазирӣ дар маъхазҳо омадааст, ки дар ташаккули хислатҳои мадоро мавқеи асосӣ дорад. Қайд кардан зарур аст, ки таҳаммулпазирӣ дар замони муосир нисбат ба сабру қаноат мафҳуми фарохтарро касб кардааст. Сабру қаноатро орифон бисёр ситоиш ва васф кардаанд. Мақоми сабрро бисёр баланд бардошта Аттор фармудааст:

Ҳеч касро дар ҷаҳони баҳру бар,
Аз қаноат нест мулке бештар [1, с.38].

Ва боз «Дар баёни қаноат ва сахо» қаноатварзию саховатмандӣ ва хоксориро талқин мекунад:

Бо қаноат соз доим, эй писар!
Гарчи ҳеч аз фақр набвад талхтар...
Босахо бошу тавозуъ пеша гир,
То шавад рӯйи дилат бадри мунир [1, с.30].

Зери унвони «Дар баёни амали чаҳор чиз» мусаннифи «Панднома» беҳтарин ҳикмати ахлоқиро дар қолаби мавзуну равон басо фаҳмо ва мухтасар фармудааст:

Бар ҳама кас нек бошад чор чиз,
Бо ту гӯям, ёд гираш, эй азиз!
Аввал он бошад, ки бошӣ додгар,
Ҳам зи ақли хеш бошӣ бохабар.
Бо шикебоӣ тақарруб кардан аст,
Ҳурмати мардум ба ҷой овардан аст [1, с.12].

Шайх Аттор рафъ кардани бадтарин сифатҳои инсониро таъкид намуда, қаноатпазириро баҳри халоиқ муҳим медонад. Чунончи, «Дар баёни хислати замима» менигорад:

Ҳирс бигзору қаноат пеша кун,
Охир, аз мурдан яке андеша кун! [1, с.12]

Сабру илму ҳилм тарёки диланд,
Ҳирсу бугзу кина заҳри қотиланд [1, с.23].

в) Хашмро аз хур дур карда тавонистан низ яке аз нишонаҳои инсони бошикебо маҳсуб мешавад. Шайх Аттор ба ин масъала ишорат карда, мефармояд, ки гарчи хашму ғазабро дур кардан мушкил аст, талх аст, аммо натоиҷаш аз шакар ширинтар аст:

Хашм хӯрдан пешаи ҳар сарвар аст,
Талх бошад в-аз шакар ширинтар аст [1, с.26].

Дар баёни хислати замима Аттор чор чизро баён доштааст, ки дар радифи он хашм низ таъкид шудааст ва оқибати онро муаллиф ҷуз пушаймонӣ дигар чизе намедонад:

Чор чизи дигар, эй некӯсиришт,
Ҳаст аз ҷумла халоиқ неку зишт:
З-он чаҳор аввал ҳасадкинӣ бувад,
З-он гузаштӣ, уҷбу худбинӣ бувад.
Хашмро дигар фурӯ нахвардан аст,
Хислати чорум бахилӣ кардан аст [1, с.12].

Ва боз дар мазаммати хашму ғазаб панди муносиб медиҳад:

Хашми худро гар фурӯ нахрад касе,
Оқибат бинад пушаймонӣ басе [1, с.16].

Муаллифи «Панднома» «Дар баёни фурӯ хӯрдани хашм» манзумаи хосе эҷод кардааст, ки лаззати умри инсонро дар хӯйи неку барҳазар аз хашм таъкид медорад:

Лаззати умрат агар бояд ба даҳр,
Бош доим барҳазар аз хашму қаҳр [1, с.29].

Қайд кардан ҷоиз аст, ки хонандагон дар синфи 5 ва 8 намунаҳои эҷодиёти Аттори Нишопуриро меомӯзанд. Мувофиқи илми равоншиносӣ шогирдони синфҳои 5-8 дар ҳамин давра муҳлати муайяни бӯҳронӣ – ба синни булуғ расиданро аз сар мегузаронанд, ки дар бештари маврид ба хислату хӯйи онҳо бетаъсир намемонад ва омӯзгор бояд муносибати фаъолияти худро бо назардошти ҳамин ҷиҳат ба роҳ монда тавонад. Осори мондагори орифи борикназар барои тарбияи шогирдон дар рӯҳияи инсондӯстиву мадоро василаи хуб хоҳад хоҳад буд, зеро дар китоби дарсӣ (синфи 5) намунаҳои зиёд аз «Панднома» фароҳам омадааст.

г) Дар бобати ранҷондани кас, озурдани дил, ки хислатҳои манфур буда, монеа барои инсондӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ дар бештари асарҳояш мулоҳиза рондааст. Орифи гавҳарсухан Аттори Нишопурӣ ин хисоли ахриманиро ҳамчун аломати афроди фосиқ баён кардааст:

Ҳаст фосиқро се хислат дар ниҳод:
Бошад аввал дар дилаш ҳубби фасод.
Хислаташ озурдани халқи Худост,

Дур дорад хешро аз роҳи рост [1, с.30].

д) Айбҷӯй накардан ва хаторо бахшидан низ аз сифоти беҳтарини мадоро мебошад. Аттори Нишопурӣ дар ин мавзӯъ басо бовақҳ сухан гуфта, шахси айбҷӯро аблаҳ меномад ва панд медиҳад, ки инсони хушбахту босаодат ҳеҷ гоҳ айбу хатои дигаронро маломат намекунад:

Дар баёни аломати аблаҳӣ
Айби худ аблаҳ набинад дар ҷаҳон,
Бошад андар ҷустани айби касон... [1, с.9].
Ё ин ки
Ҳар киро се одат бошадаш,
Дар ҷаҳон бахту саодат бошадаш:
Аввало, гар бинад ӯ айби касон,
Дар маломат ҳеч накшояд забон... [1, с.29].

Дар «Мантиқ-ут-тайр» Шайх Аттор бо тасвири ҷолибу муассир дар мисоли рафтани Бӯсаиди Маҳна ба ҳаммом дар бобати айбпӯшӣ ҳикмати бузург овардааст:

Бӯсаиди Маҳна дар ҳаммом буд,
Қоимаш афтода марде хом буд.
Шухи шайх овард то бозуи ӯ,
Ҷамъ кард, он ҷумла пеши рӯйи ӯ.
Шайхро гуфто: «Бигӯ, ай покҷон,
То ҷавонмардӣ чӣ бошад дар ҷаҳон?»
Шайх гуфто: «Шух пинҳон кардан аст,
Пеши чашми халқ ноовардан аст» [2, с.331].

е) Нармгуфторӣ сифоти неки инсонӣ, нишони хираду маданият буда, яке аз сифатҳои шахси ботаҳаммул мебошад. Ин хислатро ситоиш карда, Шайх Аттор мефармояд, ки дурушти боиси дур шудани дӯстон ва хушгуфторӣ аломати хирадмандӣ аст:

Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,
Нарму ширин гӯй бо мардум калом [1, с.37].
Ё ин ки дар мавриди сухани дурушт зикр намудааст:
Ҳар ки бошад туршрӯю талхгӯй,

Дӯстон аз вай бигардонанд рӯй [1, с.37].

Гуфтан ҷоиз аст, ки ин намунаҳои овардашуда муште аз хирвор аст, зеро шумори чунин мисол дар осори Шайх Аттор зиёданд ва ҳар яке беҳтару шевотар офарида шудаанд, ки аз табъу завқ ва инсондӯстии орифи шӯридадил дарак медиҳад.

Хулоса, дар «Панднома»-и Аттори Нишопурӣ муҳимтарин нишонаҳои мадоро бо услуби хоси муаллиф бо лаҳни равону фаҳмо баён шудааст, ки омӯзгор метавонад бе мушкилӣ маънии онро ба шогирдон идрок кунонад. Андешаҳои таҳаммулгароёнаи Шайх Аттор дар шароити имрӯза низ арзиши баланди тарбиявӣ доранд ва инсонҳоро барои ашхоси комил шудан ба роҳи ростин, ки роҳи нур ва роҳ ба қалбҳои поку аз кудурат дур аст, далолат мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Аттор, Фаридуддин. Аз «Панднома». – Душанбе: Маориф, 2016.- 40 с.
2. Аттор, Фаридуддин. Мантиқ-ут-тайр. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 355 с.
3. Аҳмадов М. Таълими адабиёти тоҷик. Қисми 1. – Хуҷанд, 2012. – 292 с.
4. Бондырева С.К. Толерантность: введение в проблему / С.К.Бондырева, Д.В.Колесов. – М., 2003, - 523с.

ОБ ЭЛЕМЕНТАХ ТОЛЕРАНТНОСТИ В «ПАНДНАМЕ» АТТАРА

В период независимости республики в процессе преподавания таджикской литературы активизировалось изучение литературного наследия выдающихся представителей мистицизма. Толерантность в современном мире является одной из актуальных тем, исследование которой в рамках художественной литературы, особенно, в творчестве классиков персидско-таджикской литературы может стать одним из направлений поиска на пути определения важнейших предпосылок толерантности в произведениях наших предков.

Автор статьи, анализируя лучшие бейты «Панднаме» в контексте исследуемой темы, отмечает, что наставления Аттара представляют особую значимость в изучении классической литературы, а также в процессе обучения и воспитания. На основе рассмотрения толерантных взглядов Шейха Аттара, автор приходит к выводу, что в «Панднаме» часто упоминаются

элементы толерантности, как самопознание, скромность, терпимость к недостаткам, деликатность, выраженные поэтом в пленительной и изящной форме. Стихотворные фрагменты, призывающие к толерантности, представляют большую ценность для подрастающего поколения и молодежи, независимо от религии, национальности, расы, традиций и обычаев.

Ключевые слова: *литературное наследие Аттара, «Панднаме», терпение и сдержанность, элементы толерантности*

CONCERNED WITH THE ELEMENTS OF TOLERANCE IN «PAND-NAME» BY ATTOR

In the years of independence, the process of Tajik literature teaching has begun to canvass the literary legacy belonging to the pen of great Sufis, in particular. It is underscored that tolerance in the modern world is considered to be one of the most relevant topics, therefore, the study of the theme explored within the frameworks of artistic literature, namely among classical Tajik-Persian men-of-letters referring to the period of determination of the most important grounds of tolerance in our ancestors` heritage. Proceeding from an analysis beset the work entitled «Pand-Name» the author of the article considers the best bytes associated with the corpus of study; she offers that Fariduddin Attor`s admonitions are of particular importance in the study of classical literature and the process of education and upbringing as well. Into the bargain, the author of the article makes an endeavor to dwell on Sheikh Attor`s tolerant opinions; adducing the result of consideration the author comes to the conclusion that the most severe signs of tolerance, such as: self-awareness, modesty, obscenity, gentleness were plentiful and frequently used creating in each case effectively and unmistakably in «Pand-Name», upon the whole. The prosaic fragments those one are of great tolerance aspects for new generations, irrespectively to their ritual and belief, tribe and background, traditions and customs.

Key words: *Attor's literary legacy, «Pand-Name», tolerance, patience and satisfaction, elements of amiability*

Сведения об авторе:

Бобоева Иноят Асроровна *- соискатель кафедры методики преподавания таджикского языка и литературы ГОУ «Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова (Республика Таджикистан, г. Худжанд), E-mail: boboeva-83@mail.ru*

About the author:

Boboeva Inoyat Asrorovna, *claimant for candidate degree of the department of Tajik language and Literature Methods of Teaching under SEI «Khujand State University named after acad. B. Gafurov (Tajikistan Republic, Khujand), E-mail: boboeva-83@mail.ru*

МУҚОИСАИ ВЕЖАГИҲОИ ҲАМОСАИ «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ ВА «ИЛЁД ВА ОДИСЕЙ»-И ҲОМЕР

Сайидориф О.
Донишгоҳи Кобул
Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Дар бораи Абулқосим Фирдавсӣ ҳарчанд сухан гуфта шавад кам аст, ин гавҳаре, ки бар тораки таърих ва шеъри ҷаҳон мидрх шуд! Ӯ шоири «ҳамосҳсоз ва ҳамосҳсрост». Ҳамчунон дар мавриди Ҳомер ва осор ӯ, ки ӯро бозтоб диҳандаи равнақ адаб ҳамоси Юнон куҳан медонанд- митавон суханҳо гуфт. Ҳамоса, шеъре достон саройонҳост, бо сохтор, рӯйдодҳо ва заминҳсозиҳои вежа; Хислат бориз ҳамоса дар ин аст, ки ҳамвора дар ҳар саҳна, аз марзҳои зиндагӣ иъоди инсонҳо фаротар меравад; Рӯйдодҳои ҷузӣ ва ҳатто ночиз зиндагӣ инсонҳо дар ҳамоса, аҳамият ва арҷманди миёбд; Воло мешавад; Зеро мазмун ва мӯҳтавои бас саршортар ва ғанитар аз табалур он дар зиндагӣ ҳамҳрузаи инсонҳо миёбд. Инсонҳои одӣ, дар ҳамоса, инсонҳои «қаҳрамон» мешаванд. Аммо қаҳрамон асли танҳо нест, гирдогирдаш дигар қаҳрамонон рақибоанд, ки дар оғоз камубяш, ҳампоиаи ауианд; Аммо «қаҳрамон асли» барои «ягона шудан» бояд азбси роҳҳои дароз ва пурпечухм, гузар кунад, бояд «худсози» кунад, ва сипас «ин худсохта» ро барои дигарон пазируфтни созад.

Дар навиштори ҳозир, ибтидо таърифҳои ҳамоса ироа шуда, бо ироаи хулосае аз шарҳи ҳоли Фирдавсӣ ва Ҳомер; мабоҳисе чанд дар иртибот ба муқоисаи бархе аз шабоҳатҳо ва тафовутҳои ин ду манзума бо шавоҳиди мавҷуд баён гардидааст.

Ба асоси назариёти донишмандони ин арса фарзи мо бар ин аст, ки «Мо заминаи муштараки ҷолиби таваҷҷуҳ байни осори ҳамосии Ҳомер ва “Шоҳнома” мебинем, ки моро дар ин роҳ ёрӣ медиҳад ва он такяи ҳар ду ҳамоса бар сари мавзӯъи мушобеҳест, ки албатта

дар инҷо бояд қисматҳои мухталифи “Шоҳнома”-ро аз якдигар ҷудо кунем, тавзеҳ он ки муҳимтарин қисмати “Шоҳнома”, ки метавонад бо “«Илёд»”-и Ҳомер муқоиса бишавад ҷанги Эрон ва Турон аст, ки то ҳадде бо мавзӯъи “«Илёд»” дорои заминаҳои муштарак аст» [7: 25]

Агарчанд, ки лозимаи таҳқиқ дар адабиёти татбиқӣ тавоноии хондани мутуни адабии гуногун ба забонҳои аслӣ аст. Эътимод ба тарҷумаи осори адабӣ ба манзури муқоиса, кори муассир нест. [9: 21] Аммо дар бораи донистани забони юнонии куҳан ва забони шеъриии манзуми Ҳомер бояд гуфт, ки корест бас мушкил. Вале адами таҳқиқ ва пажӯҳиши ҷомеътар дар ин замина, муҳаққиқро мулзам месозад, ки бо такя бар кори аглаби пажӯҳишгарон татбиқи ҳамосаи Ҳомер ва «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ пажӯҳиши доманадортарро дар ин навишта ба иҷро бигузорад.

Қобили ёдоварист, ки нигоранда аз кӯтоҳдастии худ дар қиболи таҳқиқ перомун ин осори хатир ва ҷаҳонии Фирдавсии бузург ва Ҳомер, муътариф аст ва аз хонандагони ин чанд сухани пурайб ва нақс, иноятн бахшишро таваккӯъ дорад ва умед аст, ки фарзонагон дар ғиномандии он аз худ моя бигузоранд.

1-1. Таърифи ҳамоса

Ҳамоса аз решаи “ҳамаса” ба маънои тундӣ дар кор ва диловарию шуҷоат намудан аст. Ҳамис ва ҳамес ба маънои далер ва бебок аст. [2:113] Ҳамоса як вожаи арабӣ аст, ки дар луғат ба маънои шиддат ва сахтӣ аст ва дар қомус араб, шахси сахтгирро «аҳмас» мегӯянд. Ҳамчунин “ҳамоса” ба навъе аз шеър итлоқ мешавад, ки дар он аз ҷангҳо ва диловариҳо сухан меравад. [7:588] Аз назари мутуни адабӣ ҳамоса як шеъри баланди ривоятист, ки дар бораи рафтор ва кирдори паҳлавонон ва рӯйдодҳои қаҳрамонӣ ва ифтихоромез дар ҳаёти бостонии як миллат танзим мегардад. Ин шеър манзумаи баланд ва омехта аз устура, таърих ва афсона аст. [8: 98]

Ҳамоса шеърест васфӣ, ривояте, ки маъмулан ба шарҳи аҳвол ва аъмоли хориқулодаи қаҳрамони мутамаркизшуда ва бо ҳаводис муҳимми ғайримаъмул, ки ғолибан ба сарнавишти як қабила ё миллат ва гоҳ ба таври куллӣ ба нажоди башарӣ марбут мешавад, сарукор дорад. [5:11] Ҳамоса, навъе шеъри васфист, ки мубтанӣ бар тавсифи аъмоли паҳлавонӣ ва мардонагиҳо ва ифтихорот ва бузургиҳои қавмӣ ё фардӣ бошад, ба наҳве, ки мазоҳири мухталифи зиндагии ононро шомил мешавад. [8:143] Ба таърифи имрӯзӣ шеъри ҳамосӣ, навъе аз ашъори васфӣ, ривоятӣ, достонӣ бо решаи қаҳрамонӣ ва сибғаи миллист. [ҳамон: 15]

Ҳамоса бар меҳвари рӯйдодҳои таърихии бисёр куҳан, ки аз шиддати қидмат бо афсона даромехта, шакл мегирад ва бештар баёнгари ормонҳо ва орзуҳои башарӣ ва андешаҳо ва боварҳо ва ҳунармандиҳои завқ ва қареҳаи инсонҳост. Дар воқеъ «ҳамоса хотираи ҳодиса ё ҳодисаҳои воқеӣ (аммо пеш аз таърих) аст, ки сина ба сина аз насле ба насли баъд нақл шуда ва гузашти қурун ва аъсор ва тахайюлу афкор ва авотифу ормонҳои миллате, бар он шох ва баргҳо афзуда ва бад-ин сабаб ҳамроҳ бо умури шигифт ва ғайритабиӣ гаштааст ва ба сурати афсона даромада ва саранҷом шоире онро ба назм ривоят кардааст.» [2: 95]

Ҳамоса зоидаи устура аст ва устура ба модари парварандае мемонад, ки ҳамосаро мезояд ва онро дар домони хеш мепарварад ва меболонад. Ҳамосаи ростин ва бунёдин ҷуз аз дил устура барнаметавонад омад. [3:381]

1-2. Муаррифии Фирдавсӣ

Устод бебадил Ҳаким Абулқосим Мансур ибни Ҳасан Фирдавсии Тӯсӣ, шоири бузурги ҳамосасарои забон ва адабиёти форсии дарист. Мавлиди ӯ, қарияи Бож аз қурои ноҳияи Табарони Тӯс буда, яъне ҳамонҷо, ки имрӯз оромгоҳи ӯст. Ӯ дар он деҳ, дар ҳудуди солҳои 329-330 ҳиҷрӣ дар хонаводае аз табақаи деҳқонон чашм ба ҷаҳони ҳастӣ кушуд.

Деҳқонон табақае аз моликон буданд. Ин даста дар кохҳое, ки дар заминҳои худ доштанд, зиндагӣ мекарданд ва бо кор фармудани рустоиён аз он арозӣ баҳрабардорӣ мекарданд. Деҳқонон: муарраби «деҳгонон» аст. Дар қадим ба эрониёни нажодаи дорандаи заминҳои зироатӣ дар рустоҳо итлоқ мешуда, ки ба таърихи Эрони бостон ва саргузашти паҳлавонон ва шоҳони кишвари хеш алоқаи зиёд доштаанд. Ин табақа, чун мӯбадон, ҳофизон ва ноқилони ахбор ва ривоёт ва суннатҳои куҳани аҷдодашон будаанд.

Ин деҳқони озодаи хуросонии бедордили жарфандеш, вақте ба фикри сурудани ҳамосаи миллати хеш афтод, ки ин сарзамин аз ду сӯ дар баробари турктозии низомӣ ва сиёсию фарҳангии бегонагон бе ёру ёвар монда буд: аз як сӯ, хилофати Бағдод бо асабияти қавмии арабӣ бар он буд, ки фарҳанг ва одобу русум ва ташаххуси миллии аҳвоми тобеъаро нобуд созад; Аз дигар сӯ, аҳвоми тозанафасе аз он сӯи Сайҳун сар бароварда буданд ва хонадонҳои эронии куҳанро, ки ҳомии фарҳанги миллии ин қаламрав буданд, як ба як аз миён бармедоштанд.Фирдавсӣ табъи латиф ва хӯи покиза дошт. Суханаш аз таъ ва дурӯғу бадгӯй

ва чоплусӣ холӣ буд ва то метавонист алфози паст ва зишту таъбироти нораво ва дур аз ахлоқ ба кор намебурд. Дар ватандӯстӣ, саре пуршӯр дошт. Ба қаҳрамонон ва диловарони куҳан ишқ меварзид ва аз онҳо, ки ба Эрон газанд расонда буданд, нафрат дошт. [8: 39]

1-3. Муаррифии Ҳомер

Ҳомер куҳантарин ва номдортарин ҳамосасарои юнонӣ аст. Вайро аз ифтихороти сарзамини Юнони бостон медонанд. Дар қарни нуздаҳум, дар вуҷуди чунин шоире шак карданд, вале акнун аксари муҳаққиқон мӯътақиданд, ки вай дар қарни ҳафтуми қабл аз мелод мезистааст. Бино бар ривоёт, Ҳомер нобино будааст. Аз осори ӯ, ду манзумаи бузурги ҳамосӣ, яке ба ном ««Илёд»» ва дигаре ба номи «Одисей», ки аз шоҳкорҳои адабиёти ҳамосии ҷаҳон аст, боқӣ мондааст. Дар навиштаҳои қадим, чанд асари дигар низ ба вай нисбат додаанд, ки инак дар даст нест. [6: 85]

1-4-1. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ

Шоҳнома аз ҳайси камийят ва кайфият бузургтарин асари Фирдавсӣ аст ва аз ҷумла шоҳкорҳои адабии ҷаҳон ба шумор меравад. Миқдори абёти онро аз қадим - ба истиноди ин шеъри Фирдавсӣ: «Аз абёти ғарро ду раҳ сӣ ҳазор) - шаст ҳазор байт навиштаанд. Аммо Нёлдеке ба асоси татбиқи нусхаҳои хаттии мутааддиди мӯътабар, теъдоди абёти Шоҳномаро миёни 48 то 52 ҳазор байт донистааст. [3:1391]

«Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба тасдиқи умуми суханварон ва муҳаққиқони бузург, дар шумори азимтарин ва зеботарин ҳамосаи милали олам қарор дорад ва ба манзилаи ганҷинаи бузурги луғат ва фасоҳати забони форсист. [ҳамон: 344]

“Шоҳнома” ба таври куллӣ ба се бахши муҳим тақсим мегардад: бахши асотирӣ, бахши паҳлавонӣ ва бахши таърихӣ. Дар давраи асотирӣ, ки шомили даврахои Каюмарс, Ҳушанги Таҳмурас, Ҷамшед ва Заҳҳок то зуҳури Фаридун мегардад, баҳс аз пайдоиши одамӣ ва пай бурдани ӯ ба хӯроку пӯшок ва маскану оташ ва омӯхтану зироат ва анвои дигар пешаҳост. Дар ин давра низоъ миёни одамиён ва девон, моя ва асоси воқеии достонҳои “Шоҳнома” аст.

1-4-2. “«Илёд»” ва “Одисей”

“«Илёд»” манзумаи ҳамосӣ, шомили 24 суруд аст ва мавзӯъи он, достони ҷангест, ки миёни мардуми Юнони бостон ва шаҳри «Троя» - воқеъ дар Осиёи Сағир - рух медиҳад. «Париж» - фарзанди подшоҳи Троя - «Ҳелен» духтари зебои Юнонро аз назди ҳамсараш мерабояд ва юнонён аз ин амали вай хашмгин мешаванд ва бад-ин тартиб, ҷанг миёни мардуми Юнон ва Троя оғоз мешавад ва даҳ сол ба тӯл меанҷомад. Ҳамин мавзӯъ, мӯҷиби равшан шудани оташи ҷанг миёни Юнон ва мардуми Троя мешавад ва диловарони юнонӣ барои гушӯдани шаҳри Троя меҷанганд. Ҳомер, дар асари худ, диловариҳои ононро ба сабки зебое ба назм кашидааст.

Манзумаи “«Илёд»” бо ҳадафҳои воло ва инсонии қаҳрамонони «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки ҳадафашон аз ҷангидан, фақат муборизa бо зулм ва бедодгарӣ ва барқарории сулҳ ва оромиш аст, аз ҷиҳатҳое муштарак ва аз лиҳозе мутафовит аст.

Одисей номи манзумаи ҳамосии дигар аз Ҳомер, муштамил бар 24 суруд аст ва мавзӯъи он, достони бозгашти Улис - подшоҳи асотирии Иток ва паҳлавони номдори ҷанги Троя - аст, ки дар ин ҷанг Улис гирифтори саргаштагиҳо ва ҳаводиси ногуворе мешавад ва барои наҷоти зани вафодори худ ва писараш ба корҳои диловаронае даст меёзад. [3:144]

Муқоисаи вежагиҳои ҳамосаи “Шоҳнома” ва ”«Илёд»” ва “Одисей”

Қабл аз вуруд ба ин баҳс лозим ба ёдоварист, ки тақрибан аксари ҳамосаҳои бузурги ҷаҳон аз ҷиҳоте шабеҳ ба ҳам ҳастанд ва ҳарчанд аз ҷиҳати тарҳ, маншаъ, мавзӯъ ва дигар хусусиёт, сурати комилан яксон надоранд, вале маворидиро мушобеҳ ва ҳамсон дар онҳо ба фаровонӣ дида мешавад ва ин шояд бештар аз он ҷиҳат бошад, ки халқи ҳамосаҳо реша дар фитрати башар ва орзуҳои таъминнашудаи вай дар ҷаҳони каронаманд ва маҳдуд дорад. Бад-ин сурат, ки башар ҷиҳати ирзои рӯҳи баланд ва бекаронаи худ даст ба домани қисса ва афсона мезанад ва ба василаи онҳо ба халқи дунёи ормонӣ ва ҳақиқӣ, ки варои ин олами воқеӣ аст, мубодарат менамояд. Ҳамаи аквом гузашта, ин ҳолатро доштаанд, мунтаҳо бархе аз миллатҳо ба воситаи эҷоди шароити муносиб ва аз ҷумлаи вуҷуди фарҳанги ғанӣ, тавонистаанд, ба халқи ҳамосаҳои дилхоҳи худ ноил шаванд ва бархеи дигар ба ҷиҳати адами таъмини он шароит муваффақ нашудаанд. [4: 116]

Дар инҷо «Шоҳнома», асари Фирдавсӣ устоди мусаллами ҳамоса ба унвони меҳвари аслии ҳамосаҳои эронӣ бо ҳамосаи маъруфи ««Илёд» ва Одисей»-и Ҳомер мавриди муқоиса ва арзёбӣ воқеъ хоҳад шуд.

Оқои доктор Исломии Надушан устоди донишгоҳи Теҳрон дар заминаи муқоисаи “Шоҳнома” бо “«Илёд»” ва “Одисей” дорои дидгоҳҳои қобили қадр аст. Аз ҷумла дар мавриди мушобеҳатҳо ва тафовутҳои ин осор ва ҳамчунон таъсирпазирии Фирдавсӣ аз Ҳомер матолибе тайи як гуфтугӯ баён доштааст. Вай дар боби таъсиргузории Ҳомер ва

«Илёд» болои Фирдавсӣ ва Шоҳнома чунин изҳори назар менамояд, ки тасаввур намеравад, Фирдавсӣ аз Ҳомер таъсир пазируфта бошад; зеро ба таври қатъ Фирдавсӣ аз ҷараёни кори Ҳомер ва китоб ва шеърҳои ӯ, бо таваҷҷуҳ ба вазъи муҳити фарҳангии Эрон дар он замон беиттилоъ будааст. [6: 56]

Мушобеҳатҳо ва тафовутҳои «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ бо «Илёд» ва «Одисей»-и Ҳомерро ба таври куллӣ метавон таҳти ду нигоҳи муқоисӣ яке мушобеҳатҳо ва дигаре тафовутҳо, мавриди баҳс қарор дод. Яке аз муҳимтарин бахшҳои муқоисаи “Шоҳнома” бо «Илёд»-и Ҳомер, шабоҳат дар ҷанги Эрон ва Турон аст, ки то ҳадде бо мавзӯъи «Илёд» дорои заминаҳои муштарак аст. Дар ҳар ду асар ҷанбаи тадофуъии ҷангҳо ба назар мерасад. Дар ҳар ду асар ҳамосии “Шоҳнома” ва «Илёд» ҷанге, ки даргир мешавад, навъе ҷанги тадофуъӣ аст. Дар «Илёд» юнониҳо ба сабаби тавҳине, ки ба онон шудааст, меҷанганд. Мо дар “Шоҳнома” бо вазъе камубеш мушобеҳ бо «Илёд» рӯбарӯ мешавем. Дар воқеъ ҷанги Эрон ва Турон бар сари хуни Сиёвуш аст, ба ин маъно, ки Сиёвуш шоҳзодаи эронӣ ба даъвати худи турониҳо ба дарбори Афросиёб паноҳ мебарад ва дар онҷо пас аз чанде ба дастури Афросиёб кушта мешавад. Табиист, ки эрониҳо ба фикри интиқом аз турониҳо афтода, ба сарзамини онон лашкаркашӣ мекунанд. Ин рӯйдодро Фирдавсӣ чунин ривоят мекунад:

Дидани Манижа ва Бежан якдигарро:
Ба зери яке сарвбун шуд баланд,
Ки то з-офтобаш набошад газанд.
Ҳама дашт аз овози рӯду суруд,
Равонро ҳаме дод гуфтӣ дуруд.
Бибаст асбро андарон ҷойгоҳ,
Ҳамекард пинҳон бар эшон нигоҳ.
Зи дидори хубон ҳама марғзор,
Биёроста ҳамчу боғи баҳор.
Чу афтод чашми Манижа бад-ӯй,
Яке мардро дид борангу бӯй.
Ба рухсорагон чун Суҳайли Яман,
Бунафша дамида ба гирди суман.
Кулоҳи таҳампаҳлавон бар сараш
Фурӯзон зи дебои румӣ бараш.
Ба парда дарун духт пӯшида рӯй,
Биҷӯшида меҳраш бипӯшид мӯй.
Рабудани Манижа Бежанро:
Манижа чу Бежан дижамрӯй монд,
Парастандагонро бари хеш хонд.
Бифармуд то доруи хушбар
Парастанда омехт бо нӯшбар.
Бидоданд чун хӯрд май гашт маст,
Ҳамон хӯрдану сар-ш бинҳод паст.
Иморӣ бисиҷеду рафтан ба ро,
Мар-он хуфтаро андар он ҷойго ...
Чу бедор шуд Бежану хуш ёфт,
Нигор суманбар дар оғӯш ёфт.
Ба айвони Афросиёб андаро,
Або моҳрӯе ба болин саро.
Огоҳ шудани Афросиёб аз кори Манижа:
Биёмад бар шоҳи Турон бигуфт,
Ки духтар-т аз Эрон гузидаст ҷуфт.
Ҷаҳонҷӯй кард аз ҷаҳондор ёд,
Ту гуфтӣ, ки бед аст ҳангоми бод...
Бипурсед гуфташ, ки чун омадӣ?
Аз Эрон ҳамоно ба хун омадӣ?
Ҳама достон Бежан ӯро бигуфт,
Чунон чун расидаш зи бадхоҳ ҷуфт...
Бифармуд то як замонаш ба дор,
Накарданду гуфташ ҳам эдар бидор.

[12:355]

Монеъ шудани пирон аз кушта шудани Бежан:
Макуш гуфтамат пури Ковусро,
Ки душман кунӣ Рустаму Тӯсро.
Сиёвуш, ки буд аз нажоди каён,
Ба меҳри ту баста камар бар миён
[ҳамон:358]
Ба чоҳ андохтани Бежан:
Кашон Бежани Гев аз пеши дор,
Бибурданд баста бад-он чоҳсор.
Нигунаш ба чоҳ андар андохтанд,
Сари чоҳро санг барсохтанд..
Манижа биёмад ба як чодаро,
Бараҳна ду пою кушода саро...
[ҳамон:360]
Равон шудани Рустам ба Турон барои овардани Бежан:
Сапедадамон гоҳи бонги хурӯс,
Бибастанд бар кӯҳаи пил кӯс.
Чу наздики марзи Турон расид,
Сарони сипаҳро ҳама баргузид...
[ҳамон:376]
Баровардани Рустам Бежанро аз чоҳ:
Фурӯҳишт Рустам ба зиндон каманд,
Баровардаш аз чоҳ бо пой банд.
Бараҳна тану мӯйу нохун дароз,
Гудозид аз дарду ранҷу ниёз.[ҳамон: 26]

Шоҳнома ва «Илёд», ҳарду, ба наҳве ривояти гузаштаи миллатҳо ва инсонҳост. Умуми касоне, ки дар бораи гузашта навиштаанд аъмоли шигифт ва сутургро менависанд ва масоиб, фаҷоеъ ва дастовардҳои ҷанг, ҳамвора аз ҷумлаи авомиле буда, ки таъсире чашмгир ва намоён ба таърихнигорӣ ва ҳамосасароӣ доштааст. Умуми муаррихони гузашта, мазмуни таърихро асосан низомӣ ва сиёсӣ медонистанд. Бо ин ҳама, «Илёд», ҷуз ривояти вайронӣ, фоҷиа ва рашки худоён, мавзӯъи сутурге дар бар надорад; гарчи ҳамин ривоёт низ рафтори касоне чун Искандари Мақдунӣ, Юлий Сезар ва ҳатто Напалеонро илҳомбахш буд. Ривоёте аз таърих, ҳикоят аз он дорад, ки: Искандари Мақдунӣ ба ҳангоми хоб, «Илёд»-ро зери сар

мениҳод ва огоҳона аз Ошил илҳом мегирифт ва шуҷоат ва кушодадастиаш, тақлиди ҳушёрона аз он паҳлавон буд.[8: 153]

2-1. Ҳамонандиҳо ва мушобеҳатҳо

Бо пешфарзҳое, ки ёд шуданд, вуҷӯҳи муштарак миёни ин ду асар дар ин аст, ки мӯҳтавои ҳар ду манзума ҳамоса аст; ва дар онҳо аз рухдодҳои паҳлавонӣ ва аъмоли диловарии қаҳрамононе аз ду миллати Юнон ва Эрони куҳан сухан меравад, ки дар роҳи таҳаққуқи аҳдофи миллӣ ва ҳимоят аз нангу номуси худашон бо душман меҷанганд. Шабоҳатҳое монанди рӯйинтан будани Ошил ва Исфандиёр низ дар онҳо вуҷуд дорад. «Рӯйинтан» ба касе итлоқ мешавад, ки баданаш монанди рӯй маҳкам бошад ва тиру шамшер ва дигар ҷангафзорҳо бар тани ӯ коргар наафтад.

Ошил дар «Илёд»-и Ҳомер аз рӯйинтанон аст ва фақат пошнаи пояш осебпазир аст. Ин амр ба он далел барояш пеш меояд, ки модараш баъд аз таваллуд, ӯро дар рӯдхонаи афсонаии «Стикс» шустушӯ дод ва чун пошнаи пояшро дар даста дошта, ба далели нарасидани об ба пошнаи пои Ошил, вай аз ин узв осебпазир мешавад. Ӯ дар ҷанги Троя бо зарбаи тири масмуми Порис ба пошнаи пояш кушта мешавад. Исфандиёр низ ба ривояте бар асари дуои Зардушт, бо обтанӣ дар чашмае мармуз, рӯйинтан мешавад ва чун дар об чашмҳояшро мебандад, аз ноҳияи чашм осебпазир мешавад ва дар ҷанг бо Рустам, Рустам ба роҳнамоии симурғ, тире ба чашми Исфандиёр мезанад ва ӯро аз пой дармеоварад:

Таҳамтан газ андар камон кард зуд,
Бад-он сон, ки симурғ фармуда буд.
Бизад тир бар чашми Исфандиёр,
Сияҳ шуд ҷаҳон пеши он номдор.
Хам овард болои сарви сиҳӣ,
Аз ӯ дур шуд донишу фарраҳӣ.
[ҳамон :543]

Мавзӯъоти мушобеҳ дар «Илёд» ва “Шоҳнома” бисёр аст ва бо таваҷҷуҳ ба шабоҳатҳое, ки дар ду манзума мушоҳида мешавад, чунин дарёфт мешавад, ки гӯё бисёре аз достонҳои “Шоҳнома” мутаассир аз «Илёд» ва “Одисей” бошад ва наметавон иғмоз кард, ки агар шоҳкори Фирдавсӣ бартариҳое бар ҳамосаи Ҳомер дорад, шояд аз он сабаб аст, ки қарнҳо гузашта ва Фирдавсӣ саъй карда айбҳоеро, ки дар кори Ҳомер вуҷуд доштааст, дар асари худ ворид накунад ва ҳамосае ироа кунад, ки орӣ аз фурудҳо ва пастиҳое бошад, ки дар ҳамосаҳои пешин ёфт мешавад.

2-1-1. Паҳлавонон ва қаҳрамонон

Паҳлавонони достонҳо шахсиятҳоеянд, ки аҳаммияти миллӣ ё ҷаҳони азиме доранд. Дар «Илёд» паҳлавони асли Ошил аст, ки писари Neried маҳсуб мешавад. Дар “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ Рустам аслирин қаҳрамон аст, ки аз таваллуд то марг дар бистари шигифтиҳо қарор дорад; абармард ва фавқи шахсияте, ки пирӯзии тамоми қаҳрамонон ҷабҳаи ҳаққи Шоҳнома (Эрон) ва дар муқобил ҷабҳаи ботил (Турон) ба ҳиммати ӯ бастагии том ва тамом дорад. [7: 103]

Яке аз муҳиммтарин вуҷӯҳи ташобуҳ, ки метавонад мавриди баҳси мо қарор гирад, мавзӯъи қаҳрамон аст: қаҳрамони аслии китоби «Илёд»-и Ҳомер касест ба номи Ошил ё ба талаффузи юнонӣ Ахилус ва ба дасти ӯст, ки сипоҳи Троя шикаст мехӯрад ва шаҳр кушӯда мешавад ва дар натиҷа юнонён шаҳрро фатҳ мекунанд ва агар мудохилаи Ошил набуд чунин пирӯзии бузурге барои юнонён пеш намеомад. Пас мо дар китоби «Илёд» бо Ошил ба унвони қаҳрамони идеоли юнониҳо, яъне касе, ки онҳо ҳамаи тасаввуроти худашонро ба унвони қаҳрамон ё паҳлавони аввал ба ӯ ихтисос додаанд, рӯбарӯ ҳастем. Хусусияти аслии ин қаҳрамон ин аст, ки худ ба қимати фидокориҳояш пазируфтааст, ки паҳлавони аввал бошад. Рустам, қаҳрамони аввали “Шоҳнома” баръакси Ахилус умре дароз дорад ва ба ӯ умри афсонаии ҳафтсадсола дода шудааст. Албатта ин мавзӯъ мояи асосии кор нест. Ҳадафи аслии ӯ ҳам дар зиндагӣ ҳифзи ном ва касби ифтихор ва таваҷҷуҳ ба кайфияти зиндагӣ аст на ба камийяти он. Дар воқеъ зиндагии Рустам дар “Шоҳнома” навъе зиндагии истисноист.

2-1-2. Макон ва замон

Макон ва замон дар асари адабии ҳамосӣ миқёси васеъ ва ғайриқобили табйин дорад. Ба таври ки мумкин аст макон ба андозаи дунё ва ё ҳатто бузургтар аз он бошад. «Одисей» дар ҳавзаи Медитарона саргардон аст ва Медитарона тамоми дунёест, ки дар замони шоир мешинохтанд. Бо вуҷуди ин дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, асосан замон ва макон ибҳом дорад мушаххас нест ҳаводис дар куҷо ва кай ва чӣ вақт рух медиҳад. [10: 103] Мубҳам будани замон ва макон дар “Шоҳнома” аз назари нигоранда қобили тааммул ва баррасии бештар мебошад.

2-1-3. Тааҳҳуди адабӣ

Рисолати адабиёт нуктаи бисёр қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар канори арзиши ҳунарӣ ва зебоии адабиёт, аз манзари ағлаб донишмандон ва адабиётшиносон мавриди таъкид қарор гирифтааст. Муддао ин аст, ки «як асари адабӣ аз назари рисолат ва тааҳҳуд, мусталзими дар назар доштани ду омили асосӣ аст: шароит асру биниши адабӣ, ки албатта хоҳ-нохоҳ аз авзоъи замонаи худ мутаассир аст. Аз ин раҳгузар дармеёбем, ки як асари адабӣ бино бар заруратҳои таърих ва муқтазиёти иҷтимоъ вақти чизе ғайр аз он чи ҳаст, наметавонад бошад.» [11:140] Дастаи дувум осори таълимӣ ҳастанд, ки ҳунарманд дар он ба интиқоли дарунмояе хосси тааҳҳуд ва тааммуд дорад ва барои худ рисолати хосс қоил аст, чандон ки гӯӣ бидуни анҷоми он фоҷиаии миллӣ, динӣ ё инсонӣ рух медиҳад; чунонки зоҳиран агар Фирдавсӣ рисолати шоҳномасароиро ба дӯш намегирифт, ҳам Эрони бостон бо тамомии тааллуқоташ ҳамчун забонҳои фаромӯшшуда, ба афсонаҳо мепайваст, ҳам дини ростин, помоли таассуб ва риё мешавад ва ҳам инсон ба унвони шаҳсавор ҷабҳаи Аҳуро маъмурияташро дар муборизa бо Аҳриман фаромӯш мекард. Бинобар ин бояд гуфт, ки “Шоҳнома”-ро зарурати таърих ва тааҳҳуди шоир нигоштааст. Аммо ин низ бад-он маъно нест, ки “Шоҳнома” аз "бозгӯӣ ва бознамоии ҳунарии эҳсоси одамӣ" бебаҳра аст, балки тарвиҷ ва таблиғи ин рисолат ва зарурат, худ бо зарофатҳо ва шигирдҳои адабӣ сурат гирифта, ки албатта бо он даст аз фунуни адабӣ корбурде дар ҳамосаи худгӯйи «Илёд», тафовут дорад; чаро ки ҳар кадом аз ин рӯйкардҳои худгӯ ва таълимӣ, чӣ аз диди кайфият ва чӣ аз диди камийят, сабки хосси достонсаройии худро металабад. [4: 168-169]

АДАБИЁТ

1. Исфаҳонӣ, Муҳаммадризо Наср. Ду бонуи ишқ (муқоисаи таҳлилӣ-интиқодии шахсият ва ҷойгоҳи «Ҳелен» ва «Манижа» дар ду ҳамосаи «Илёд» ва “Шоҳнома”), Мутолиоти адабиёти татбиқӣ, соли севум, шумораи 12, 1388, - Sid.Ir
2. Ҷовид, Абдулаҳмад. Таърихи адабиёти форсии дарӣ (аз оғоз то аҳди муғул). – Кобул: Интишороти Саид, 1391
3. Ҳисорён, Сайид Икромуддин. Мутуни назми ҳамосӣ. – Кобул: Донишгоҳи Кобул, 1388
4. Ҳанафӣ, Муҳаммадисмоил. Баррасӣ ва нақди таърихии “Ал-муъҷам фи осори мулук-ул-Аҷам. Маҷаллаи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Бирҷанд. – Бирҷанд: Интишороти донишгоҳи Бирҷанд, 1381.
5. Хайрободӣ, Саид Муҳаммадӣ. Шинохти устура ва ҳамоса. Маҷаллаи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Бирҷанд, шумораи дувум. – Машҳад: муассисаи чоп ва интишороти донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, 1381
6. Ризоӣ, Арабалӣ. Вожагон тавсифии адабиёти инглисӣ-форсӣ. –Теҳрон: Фарҳанги муосир, 1382
7. Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Бо корвони ҳулла. – Теҳрон: Илмӣ, 1384

СРАВНЕНИЕ ЭПИЧЕСКИХ ЧЕРТ «ШАХНАМЕ», «ИЛИАДЫ» И «ГОМЕРА» ФЕРДОВСИ

Непревзойденным мастером является Хаким Абулькасим Мансур, сын Хасана Фирдоуси Туси, великого поэта и эпоса языка и литературы Парси-Дари. Его местом рождения была деревня Баж из села Табаран Тус, где также находится его могила. Он родился в крестьянской семье в период (329-330 гг.). Шахнаме - его самая большая и наиболее иллюстрированная поэтическая книга эпохи Саманидов и Газневидов, один из самых ценных и уважаемых документов персидского языка. Он сам по себе является символом расцвета и развития древней иранской культуры и цивилизации и величайшей сокровищницей красноречивого персидского языка; национальные и важные исторические истории древнего Ирана лучше всего отражены в нем, а также глубоко укоренились в моральных чувствах и учениях. Гомер (он был Мирос) - самая старая и самая известная греческая эпопея саги. Он считается одной из почестей древней Греции. В 19 веке существовали сомнения в существовании нескольких поэтов, но большинство ученых теперь считают, что он жил в 7 веке до нашей эры. Согласно цитатам, Гомер был слепым. От него осталось две работы (великая эпическая поэма, одна Элиада, а другая Одиссея), шедевры эпической литературы мира. В других древних сочинениях он приписал несколько других работ, которые в настоящее время недоступны. Поэтому необходимо провести исследование, чтобы сравнить «эпические характеристики этих двух всемирно известных работ». Автор стремится проанализировать связь между эпическими чертами этих произведений и сравнить их друг с другом в аналитической и описательной манере.

Ключевые слова: *Фирдоуси, Шахнаме, Гомер, Илиада, Одиссея, Эпические характеристики, Сравнение Шахнаме, Илиады и Одиссеи.*

A COMPARISON OF THE EPIC FEATURES OF FERDOWSI'S SHAHNAMEH AND ILIAD AND HOMER'S ODYSSEY

The unrivaled master is Hakim Abulqasim Mansur son of Hassan Ferdowsi Tusi, the great poet and epic of Parsi-Dari language and literature. His birth place was Bazh Village from Tabaran Tus village, where his tomb is also located. He was born in the peasant family during the period (329-330 AH). Shahnameh is his largest and most illustrated poetic book of the Samanids and Ghaznavids era, one of the most valuable and respected documents of the Persian language. It is itself a symbol of the flourishing and unfolding of ancient Iranian culture and civilization, and the greatest treasure trove of eloquent Persian language; The national and important historical stories of ancient Iran are best reflected in it, as well as deeply rooted in moral feelings and teachings. Homer (he was Miros) is the oldest and most famous Greek saga epic. He is regarded as one of the honors of ancient Greece. In the 19th century, there were doubts about the existence of several poets, but most scholars now believe that he lived in the 7th century BC. According to quotes, Homer was blind. There are two works left (the great epic poem, one by Eliad and the other by Odyssey) from him, masterpieces of the epic literature of the world. In other ancient writings he has attributed several other works which are not available at the present. Therefore, it is needed to be researched to compare the «epic characteristics of these two world-famous works». The author seeks to analyze the relation between the epic features of these works and to compare them with each other in an analytical and descriptive manner.

Keywords: *Ferdowsi, Shahnameh, Homer, Iliad, Odyssey, Epic Characteristics, Comparison of Shahnameh and Iliad and Odyssey.*

Сведение об авторе:

Доктор Саидориф Саид *– препадаватель факультет литература Институт литература университета Кабул Тел: (+93)799308334 (93)708925587*

About the autor:

Dr. Saidorif Said *– teacher of Faculty of Literature, of the Institute of Literature, University of Kabul Tel: (+ 93) 799308334 (93) 708925587*

ДАСТУРИ ПОНИНӢ ВА ТАЪСИРИ ОН БА ДАСТУРНАВИСОНИ ШАРҚУ ҒАРБ

Роҳила Ҳ.
Донишгоҳи Кобул
Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Ҳар таърихи забоншиносӣ мебояд бо Ҳиндустон оғоз шавад, зеро забоншиноси суннатӣ тӯлонитар ва беҳтар аз ҳар ҷойи дигар, дар Ҳиндустон аст. То он ҷо, ки таърихи сабтшуда гувоҳӣ медиҳад, дастури Понинӣ (ҳудуд 400 сол пеш аз мелод) хостгоҳи забоншиносии ҳиндӣ аст. Аммо собиқаи забоншиносӣ дар Ҳиндустон ба пеш аз Понинӣ ва сурудаҳои ведоӣ боз мегардад.

Осори ведоӣ муддатҳо пеш аз ибдоъи хат суруда шуданд. Онҳоро бо садои баланд аз ёд мехонданд. Ҳангоме, ки забони рӯзмарра ба тағйир шурӯъ кард дар ҷиҳати он чи баъдҳо забони сонскрити қадим-классик номида шуд, ҳифзи талаффузи саҳеҳи осори ведоӣ ба тадриҷ аҳаммияти бештаре ёфт. Таваҷҷуҳ ба талаффузм саҳеҳ боиси алоқа ба чигунагии тавлиди овоҳо шуд. Табақабандии овоҳо бар асоси ҷойгоҳ ва шеваи фарогӯии онҳо ба оғози давраи пасоведоӣ, яъне ҳудуди 800 – 700 сол пеш аз мелод бозмегардад. Дар ин дастур бештар забони гуфтор ва талаффузи дурусти вожаҳо дар назар гирифта шуд ва шеваи кори Понинӣ дар ин дастур таҳлил ва таҷзия буд он ҳам ба хотири решаёбии вожаҳои сохтаву омехта.

Дастури Понинӣ дар раванди дастурнависии Шарқу Ғарб зиёд таъсир кард ва дастурнависон ба пайравӣ аз вай дастур навиштанд.

Дастури Понинӣ ва сохти куллии он. Дастури Понинӣ бештар асоси динӣ дорад; сурудҳои ведоӣ, ки ҷанбаи муқаддасу мазҳабӣ дошта, ба забони санскрит навишта шуда буд ва ин замоне буд, ки забон аз як давра ба давраи дигар тағйир кард. Пас хондани он матнҳо ҳам душвор шуд ба ин сабаб Понинӣ ба забони санскрит дастур навишт. Қоидаҳои забони санскритро аз овоз то маъно шарҳ кард.

Дастури Понинӣ аз чаҳор бахши умда ташкил шудааст. Умдатарин бахш он Aṣṭādhyāyī, яъне «ҳашт китоб» аст. Аштодҳиёӣ аз ҳашт бахши аслӣ ташкил шуда, ки тамоми қоидаҳои дастурии он дар баргирандаи 4000 қоида ба шакли ихтисорӣ (сутро) дар ибораҳо баён шудааст. Бештари ин қоидаҳо дар ду ё се калима баён шуда буд.

Бахши дувуми шевосутро, ки феҳристе аз вожаҳои санскрит ва табақабандии онҳо ба асоси мухтасаҳои вожа аст.

Дар бахши баъдии дотупото феҳристе аз 2000 ришаҳои феълӣ бо вежагии сарфиву ва наҳвии онҳо замима аст.

Гонопото феҳристе аз вожагони забони санскрит аст, ки дорои гурӯҳҳои мутааддид аз номҳои хос, ҳамчун номҳои ашхос, рустоҳо, шаҳрҳо, мазрааҳо ва роҳҳо, номҳои бархе аз хурданиҳо, пӯшидниҳо, бозиҳо бархе аз истилоҳоти тахассусие чун кишоварзӣ, бозаргонӣ ва пизишкӣ, бархе аз истилоҳоти муҳимми динӣ ва фалсафиро дар худ ҷой додааст [1, с. 29].

Дастури Понинӣ ба куллӣ бо дастурҳои маъногароии Юнонӣ ва Румӣ мутафовит аст, Понинӣ дар хондани забони санскрит аз нигариши суратгаро баҳра гирифта ва дар ҳар бахш аз фаслҳои китоб худ, баҳсро бо пурсиши хос оғоз кардааст. Зербинои дастур понониро мафҳуме ба номи «реша» ташкил медиҳад, ки сохти муҷаррад ба ҳисоб меомад ва модаи хомиро ташкил медод, ки бар ҳасби фарояндҳои мухталифи вожа ва вандафзое ба вожаҳои малфуз мубаддал мешудааст [5, с. 238].

Понинӣ ба номи даҳ тан аз дастурнависон пеш аз худ ишора карда, аммо осори онон таҳти таъсири азамати кори Понинӣ бар ҷой намонда ва аз миён рафтааст [11, с. 142], ин нукта низ шоёни зикр аст, ки Понинӣ аз Панҷоб буда ва забони модарии Понинӣ санскрит набуда, балки яке аз забонҳои ҳиндии миёна будааст. [10, с. 367]

Понинӣ дастури худро бо баррасии овоҳои гуфтор оғоз мекунад. Сипас ба бархе аз вежагиҳои овоии мусаввитҳо, ҳамчун кашиш ва зерубамӣ ишора мекунад. Баъд ба баррасии ситокҳои исмӣ, решаҳои феълӣ ва вандҳо мепардозад. Ба сурати умум дастури Понинӣ шомили ин вежагиҳо ва навоқис мебошад:

1 -Дар маҷмӯъ, дастури Понинӣ андаке камтар аз 4000 қоидаи забониро шомил мешавад.

2- Понинӣ забони гуфтори табақаи таҳсилкардаи замони худро мабнои баррасӣ қарор додааст.

3- Барои дусад сол, дастури Понинӣ ба қайди китобат наомада балки фақат ҳифз мешуд ва донишҷуёни илми дастур ба сурати шифоҳӣ онро аз насле ба насли дигар интиқол медоданд.

4- Барои касе, ки ба забони санскрит тасаллути комил дорад ва аз дониши забоншиносӣ ҳам баҳраманд аст, дарки дастури Понинӣ бидуни тафсирҳои навишташуда бар он ё бидуни доштани омӯзиши хосс дар суннати Понинӣ мумкин нест. Иллати ин печидагӣ се чиз аст:

а) Қарордодҳои фаровонест, ки инҳисоран дар он дастур вазъ шуда ва хориҷ аз он суннат, ҳеҷ маъно ва мафҳуме надоранд.

б) Мунтаҳои дарҷаи ихтисор ва эҷоз, то ҳадде, ки қоидаҳо ағлаб дар як ё ду калима баён шудаанд.

в) Набудани назму сомон дар тартиби амалкарди қоидаҳо.

5- Сохтори куллии китоб «муштамил бар ҳашт фасл» ва ба шарҳи зайл аст:

Фасли аввал ба «фароқоидаҳо» (metarules), яъне таориф ва қоидаҳои тафсир ва ҳамчунин ҷанбаҳои мухталифи сарфии феъл, ва «нақшҳои маъноӣ» (Semantic roles) пардохтааст. Фасли дувум ба шарҳи анвоъи мухталифи таркибҳои исмӣ ва маонии «поёнаҳои ҳолат» (case endings] ихтисос ёфтааст. Фаслҳои севум, чаҳорум, ва панҷум ба мафҳуми куллии «ванд», яъне ҷанбаҳои сарфии феъл ва ҷанбаҳои сарфии исм (шомил сохтани исм бо кумаки вандҳои нишонаии муаннас ва низ вандҳои исмии «аввалия» ва «сонавия») ихтисос ёфтааст. Фаслҳои шаш, ҳафт ва ҳашт ба воҷшиносӣ, шомили такя ва ибдолҳо ва дигаргуниҳои овоӣ мепардозад [12, с. 21 - 22].

6- Дастури Понинӣ низомест иштиқоқӣ, ки аз маъно ба сӯи ово ҳаракат мекунад. Дар ин фароянд гузар аз маъно ба ово, се навъ «қоидаи дастурӣ» (Grammatical Rule) нақшофарин аст. Он қоидаҳо иборатанд аз «қоидаҳои баён» (expression rules), «қоидаҳои таркиб» (combination rules) ва «қоидаҳои ҷойгузин» (substitution rules).

Қоидаҳои баён вазифаи баёни маониро дар қолаби суратҳои интизоъӣ ба ӯҳда дорад. Дар инҷо манзур аз маъно «маонӣ дастури» (grammatical meanings) ва на «маонӣ вожагони» (lexical meanings] аст. Ин тасреҳ дар бораи маъно аз он ҷиҳат аст, ки «маонии вожагонӣ» дар қаламрави «решашиносӣ» (etymology) ҷой дода шуда буд. Ҳамчунин аз қоидаҳои Понинӣ метавон истинбот кард, ки зарурат надорад бархе аз ҷанбаҳои маъноро ба таври мустақим омӯзиш дод, чунки он маониро метавон ба осонӣ аз коркарди забон (use of language) дарёфт. Қавли зайл, ки аз Иткунин (с. 32) нақл мешавад, ҳам тасвири бисёр равшане аз ангораи куллии дастури Понинӣ фарорӯйи мо мениҳад ва ҳам вазифаи қоидаҳои баёнро ошкортар месозад.

«Ҳадаф ниҳоии Понинӣ иборат аст аз иштиқоқи ҷумлаҳои дурусти санскрит. Муодили маъноии сурати ҷумла ҳамон бознамоии «вазъияти умур» (state of affairs) аст. Вазъияти

умури муташаккил аст аз як «куниш» (action=kriyā) ва маъмулан як ё чанд «ширкаткунанда» (participant), ки «нақшҳои маъной» мухталиферо нишон медиҳанд.

Бад-ин тартиб, қоидаҳои баён нахустин қоидаҳое ҳастанд, ки амал карда ва аввалин кори онҳо тахсиси сурат ба воҳиди маъноии «куниш» мебошад, ва дувумин кори онҳо тахсиси сурат ба ширкаткунандагон нишондиҳандаи нақшҳои маъноист. Ва, албатта, «сурат» дар инҷо ба маънои сурати дастурӣ (интизоъӣ) аст, зеро суратҳои вожагонӣ (муртабит бо маонии марбут), ки дар ҷумлаҳо ёфт мешавад, тавассути қоида таъйин намешавад, балки фақат тавассути нияти иртиботи гӯянда таъйин мегардад.

«Куниш» (kriyā=] мафҳуме интизоъист, ки тавассути феъл ба унвони як воҳиди вожагонӣ баён мешавад. Куниш дар ҳайати яке аз се мақулаи зайл таҳаққуқ меёбад: «анҷом додан» (‘doing’=kartṛ], «дастхуши чизе шудан» (‘undergoing’=karman], «рӯй додан» (‘happening’=bhāva]. Ин маонии дастурист, ки суратҳои дастурии интизоъӣ тахсис дода мешавад.»

«Шаш нақши маъной вуҷуд доранд, ки иборатанд аз «омил» (‘agent’=kartṛ), пазиро (‘patient’) ё «мақсад» (‘goal’), ки баробари санскрити онҳо (=karman) «дарёфткунанда» (‘recipient’sampradāna), «васила/ абзор» (‘instrument’=karana), «макон» (’place’=adhikarana) ва «мабдаи» (‘source’=apādāna) аст. Ин нақшҳои маъной, ба тартиб, маъмулан тавассути поёнаҳои ҳолат ба шарҳи зайл баён мешаванд: «фоилӣ» (nominative), «мафъулӣ» (accusative), бароӣ (dative), «василаӣ/абзорӣ» (instrumental), «макони» (locative) , ва «азӣ» (ablative). Шоёни таваҷҷуҳ аст, ки истилоҳҳои kartṛ ва karman пайваста бо ибҳом ба кор бурда шудаанд, аз як сӯ дар маънои «анҷом додан» ва «дастхуши чизе шудан» ва аз сӯе дигар дар маънои «омил» ва «пазиро» ё «мақсад» будан аст.

Қоидаҳои дувум қоидаҳои таркиб аст. Дар мавриди вазифаи ин қоидаҳо, нақли қавл аз Иткунинро барои равшании беҳтар зикр мекунем:

«Қоидаҳои баён, маҷмӯъаи густурдае аз суратҳои дастурии интизоъиро ба даст медиҳанд. Барои тавлиди ҷамлаи саҳеҳ, суратҳои дурустро мебоист ба роҳҳои дуруст аз назари воҳидҳои вожагонӣ (ки бо таваҷҷуҳ ба нияти иртиботии гӯянда интихоб мешаванд) ва аз назари робитаи он суратҳо нисбат ба ҳам сомон дод. Кордуно (Cardona) дар китоби худ байни амалиёти мухталиф, бо таваҷҷуҳ ба аносире, ки дар он ширкат доранд, тамоюз қоил мешавад. Он амалиёт иборатанд аз «вандафзоӣ» (affixation), «афзунҳофизаӣ» (augmentation), «дугонсозӣ/такрор» (reduplication) ва «мураккабсозӣ» (compounding). Бо вуҷуди ин, бояд дар назар дошт, ки тамоми маворидиро мазбур, нишондиҳандаи як навъ амалиёти муштарак, яъне таркиб ҳастанд, ки дар қолаби қоидаҳои марбут баён мешаванд. Ҳамвора нуқтаи оғозе вуҷуд дорад, яъне бо як реша (феъл дар санскрит) ё як ситоки исмӣ, ки ба он аносири дигар ба шеваи марҳала ба марҳала афзуда мешаванд.

Бинобар тавсифи ӯ, вожасозӣ дар забони санскрит ба ду тариқ сурат мепазирад: пасвандафзоӣ ва таркибсозӣ. Манзур аз пасвандафзоӣ, афзудани пасванд ба решаи феъл ё ба ситоки исмӣ ё ба як вожа аст. Дар сурати афзудани пасванд метавонад ситоки феълӣ, ситоки исмӣ ё як вожаи ҷадид ба даст ояд.

Севумин навъи қоида дар дастури Понинӣ «қоидаҳои ҷойгузин» аст. Дар ангораи забонии Понинӣ қоидаҳои ҷойгузин пас аз ду қоидаи пешгуфта амал мекунанд. Ба баёне дигар, қоидаҳои навъи аввал, яъне «қоидаҳои баён», гузор аз созаҳои маъноиро, ки шомили куниш ба илова ширкаткунандагон мешавад ба созаҳои суварӣ, ки муштамил аст бар «феъл ва исмҳо» мӯҷиб мешавад. Қоидаҳои навъи дувум, яъне «қоидаҳои таркиб» вазифаи сохтани феълҳо ва исмҳоро аз созаҳои бунёдии онҳо ба уҳда доранд. Сохти ҳосил дар ин марҳала ҷумлаест дар сатҳи интизоъӣ. Дар ин марҳала навбати амалкарди «қоидаҳои ҷойгузин» фаро мерасад то он бознамоии интизоъиро бо як бознамоии малмус ва айнӣ ҷойгузин кунад [12, с. 36].

Бад-ин тартиб, ҳамчунон ки шакли «1» нишон медиҳад ва пештар низ гуфта шуд, ангораи дастурии Понинӣ низомест иштиқоқӣ, ки аз маъно ба ово гузар мекунад. Дар ин гузар се навъ қоида дар тартибе, ки дар шакл мушоҳида мешавад, амал мекунад. Иткунин таъкид кардааст, ки «қоидаҳои баён ва қоидаҳои ҷойгузини қоидаҳои «амудӣ» (vertical] ҳастанд... Аммо қоидаҳои таркиб қоидаҳои «уфуқӣ» (horizontal) мебошанд.»

Таъсири дастури Понинӣ бар дастуриёни Ғарб. Робинз 1974 [1967] тасреҳ кардааст: «Ба ҳар рӯй, равшан аст, ки забоншиносӣ дар Ҳиндустон мебоист ба таври ҷиддӣ муддатҳо пеш аз нимаи ҳазораи аввали қабл аз мелод матраҳ буда бошад». Дар бораи арзишҳои илмии дастури Понинӣ ба нақли чанд қавли зайл аз Робинз мепардозем:

«... Дар миёни дастурнависони ҳиндӣ номи Понинӣ дар садри номҳо қарор дорад. Агарчи таърихи он китоб номаълум аст, бе ҳич гуна тардиде ин китоб қадимитарин рисолаи

дастурии мавҷуд дар бораи ҳар забони ҳиндуаврупоист ва низ қадимитарин асари илмии нигошташуда ба ҳар забони ҳиндуаврупоӣ аст ва ба гуфтаи Блумфилд яке аз бузургтарин осори ҷовидони ҳуш ва заковати башарист”.

Аз дастури Понинӣ дар Ғарб бештар се донишманд мутаассир гардидаанд: Блумфилд пешвои сохтгароии Амрико, Чорлз Филмур асосгузори дастури ҳолат ва Майкл Холлидӣ яке аз пешвоёни забоншиносии нақшгароӣ [1, с. 180].

Андарсен дар китоби “Воҷшиносӣ дар қарни бистум” (1985) аз таъсиргузории амиқи дастури Понинӣ бар Леонард Блумфилд, забоншиноси барҷаста ва соҳибноми мактаби сохтгароии амрикоӣ сухан гуфтааст. Андерсен мегӯяд:

«Равшан аст, ки ин шеваи куллии тавсифи вож - воҷиро Блумфилд аз дастури санскрит баргирифтааст. Блумфилд аз оғози таҳсилоташ дар забони ҳиндуаврупоӣ бо асари Понинӣ ба хубӣ ошно гашт. Ӯ дар муаррифӣ ва нақде, ки дар сол 1929 навишт, дастур понониро «яке аз бузургтарин осор ҷовдон ҳуш ва заковат башари (ончи бештар мавриди таваҷҷуҳи мост), ангораҳои иҷтинобнопазир барои тавсифи забонҳо» васф кард [1, с. 182].

«... Метавон гуфт, ки қоидаҳои ... китоби иштодҳиёи Понини... дар равоншиносии забон дар авоили қарни бистум дар равоншиносӣ, илҳомбахши воқеӣ ва аслии Блумфилд дар нигориши мақолаи [1926] ӯ барои тадвини усули куллии забоншиносӣ будааст.»

Саранҷом, Иткунин ҷумлаеро аз китоби “Забон” навиштаи Блумфилд (1933] нақл мекунад, ки «[Дастури Понини] бо тамоми ҷузъиёт, ҳар тасриф, иштиқоқ ва таркибро ва низ ҳар корбурди наҳвии гуфтори муаллифи онро шарҳ медиҳад. То ин замон, ҳеҷ забони дигаре ба ин ҳадди камол тавсиф нашудааст.»

Имину дар мақолаи кӯтоҳе бо унвони «Блумфилд ва Понини» (1988] зароифи бештареро дар бораи таъсири дастури Понини бар осори Блумфилд ва низ бар сайри таҳаввули забоншиносӣ дар Аврупо равшан месозад. Вай мушаххасан аз радди пои дастури Понинӣ дар китоби забони Блумфилд (1933) ва низ дар бархе аз тавсифҳо ва таҳлилҳои ӯ аз забонҳои бумиёни Амрико ва низ аз забони тоголуг (забоне дар Филиппин) ёд кардааст.

Аз Август Лескиен (August Leskien), Карл Бругман (Karl Brugman), ки ҳар ду мутахассис дар забонҳои ҳиндуаврупоӣ буданд ва Ҳерманн Олденберг (Hermann Oldenberg), донишманде бузурги мутахассис дар осори ведоӣ ва санскрит дар донишгоҳи Гутинген, Имину, бо таваҷҷуҳ ба ин мулоҳизот, натиҷа мегирад, ки «... Танҳо пас аз сафар ба Аврупост, ки бакоргирии равиши Понинӣ дар осори Блумфилд ба тадриҷ зоҳир мешавад.

Таъсири дастурии Понинӣ бар се мактаби забоншиносӣ дар Ғарб ишора доштаем:

а) ошноӣ бо дастури Понинӣ мунҷар ба пайдоиши забоншиносии таърихӣ дар қарн нуздаҳум дар Аврупо шуд;

б) равиши Понониро Леонард Блумфилд шахсияти бориз дар наҳлаи сохтгароии амрикоӣ, дар тавсифи забонҳо ба кор баст;

в) қоидаҳои забонии матраҳшуда дар дастури Понинӣ ва тартиби амалкарди онҳо шабеҳи қоидаҳои забонии маъмул дар забоншиносии зоишии имрӯз аст.

Иткунин бар ин бовар аст, ки «аз назари ман тардиде вуҷуд надорад, ки дастикам то соли 1970 дар ҳеҷ куҷои ҷаҳон дастури қобили қиёс бо ин дастур [= дастури Понини] тадвин нашуда буд, яъне дастуре, ки то ин мизон пӯшиши густурда аз додаро бо печидагии назарӣ талфиқ карда бошад. Афзун бар он, равшан аст, ки фақат дар даҳаҳои ахир аст, ки бо ибдоъи шеваҳои тавсифи сурӣ ва ҷабрӣ [= риёзӣ] забоншиносони ғарбӣ имкон ёфтаанд, ки арзиш тавфиқҳои понониро ба таври комил дарк кунанд.» [12, с. 68 – 69].

Даҳаи охири қарни нуздаҳ, ҳатто хориҷ аз ҳалқаи ҳиндшиносон гоҳ арзиши дастури Понинӣ мавриди тамҷид қарор гирифта буд.

Шахсияте ҳамчун Габелентз (Gabelentz) аз дастури Понинӣ ба унвони мӯъҷиза ва кори хорикулода ёд мекунад. Иткунин арзёбии Габелентзро инчунин боз гуфтааст: «Як «дастури комил»-и худро муваззаф медонад, ки тамоми падидаҳои дастурии як забон, ҳатто маворидиби бисёр кам рухдод ва беаҳаммиятро сабт ва табйин кунад. Ин муҳим фақат як бор ба анҷом расидааст, яъне дар кори хорикулодаи Понини.

Кипарски (Kiparsky) ва Стал (Staal), ки ҳарду соҳиби ном ва соҳиби осори мутааддид дар забоншиносии ҳандасӣ ҳастанд дар мақолае муштарак бо унвони «робитаҳои наҳвӣ ва маъноӣ дар дастури Понини» (1969) баҳси худро чунин оғоз мекунанд:

«Тадриҷан маълум мешавад, ки дастури Понинӣ маҳдуд ба таҳлили вожаҳо... нест, балки назарияест барои робитаҳои karaka. Ин робитаҳо шомили мафоҳиме мешавад, ки дар Ғарб ба таври суннатии «фоили мантиқӣ», «мафъули мантиқӣ» ва монанди он хонда шуда ва муртабит аст бо робитаҳои наҳвии «зерсохтӣ» ё «жарфсохтӣ»-и матраҳ дар дастури гашторӣ» [13, с. 83]. Ба ҳангоми муаррифии ҷузъитари он дастур, Кипарскӣ ва Сталл мегӯянд: «Дастури Понинӣ низомест аз қоидаҳо, ки бознамоиҳои маъноии ҷумлаҳоро ба

бознмоиҳои овои онҳо, аз тариқи ду сатҳи миёнӣ, ки метавон онҳоро ба тартиб бо сутӯҳи жарф (ё зер] сохт ва рӯсохт дар дастури зоишӣ муқоиса кард, табдил мекунад».

Дар нимаи дувуми қарни ҳаждаҳум мубалиғони мазҳабии фаронсавӣ ва бархе маъмурони англис дар тамос бо рӯҳониҳои ҳиндӣ бо забони санскрит ва дастури Понинӣ ошно шуданд ва ин гурӯҳ бо таҳлилҳои суннатии юнонӣ ва румӣ ошноӣ доштанд ва бо равиши таҳлилҳои дастурии Ҳинди бостон низ ошно шуда ва худ барои забони санскрит дастур навиштанд, ки ҳама бар мабнои дастури Понинӣ навишта шудаанд [5, с. 87].

Ғарбиён аз орои Понинӣ бештар мутаассир гардиданд ҳатто Боп (1824) дар осори худ аз ҷойгоҳи тавлиди овоҳо, вокдорӣ, дамидагӣ ва дар решашиносӣ бештар аз таҳлилҳои Понинӣ истифода кард, ба ҳамин шакл таҳлилҳои Понинӣ ба дастурҳои аврупоиён нуфуз карданд.

Дар қисмати овошиносӣ назариёти Понинӣ улгуи донишмандоне чун Витанӣ, А.Ҷ. Алис ва дигарон қарор гирифт.

Дар чорчӯби «дастури нақшгароии низомманд» (Systemic Functional Grammar), ки возеъи он Майкл Ҳалидай (Halliday) аст, таҳлили ҳолатҳои маъноии бисёр шабеҳи таҳлили Понинӣ аз ин ҳолатҳост. Афзун бар он, ҳайати куллиангораи забонии дастури нақшгарои низомманд шабоҳатҳои бисёре бо ангораи дастури Понинӣ дорад.

Ангораи забонӣ бо маъно шурӯъ мешавад ва ба низоми овоҳо ё нависаҳо (яъне низом навишторӣ) аз тариқи сатҳи миёнии вожагон - дастур, ки шомили вожагон ва дастур, ки худ муташаккил аз сарфу наҳв аст, мунтаҳӣ мешавад.

То авохири даҳаи шасти мелодӣ, забоншиносии ғарбӣ қодир набудааст, ки бо дастоварди Понинӣ баробарӣ кунад.

Забоншиносии Ғарб вақте бо суннати ҳиндӣ бархурд кард ба таври куллӣ дигаргун шуд. Яъне навиштаҳои ҳиндиҳо (Понини] асари бисёре бар забоншиносии Аврупо гузошт ва истилоҳоти забоншиносии таърихӣ ҳанӯз ҳам ё санскрит аст ё тарҷумаи истилоҳоти санскрит. Китоби Понинӣ то қабл аз 1968 аз назари як воҷшиноси дараҷаи як ҳамто надорад.

Дар оғози қарни нуздаҳум мафҳуми «реша» аз миёни мутолиоти ҳиндиён кашф шуда ва дар мутолиот ғарбиён ба кор рафт.

Таъсири дастури Понинӣ ба дастуриён Шарқ. Дастури Понинӣ дар Шарқ хеле таъсири амиқе дошт чунончи дар давраи миёна дар қисмати дастури забони форсии дарӣ, китобе аз забони юнонӣ ва ҳиндӣ баргардон шуда буд, ба номи “Виокарана” ба забони паҳлавӣ, ки қавоиди сарфӣ ва наҳвии санскритро шарҳ карда буд [8, с. 58].

Баъд аз Понинӣ дар Ҳинд мо бо ду масири мутафовит дар мутолиаи забони санскрит рӯбарӯем: бархе аз сутроҳои Понинӣ барои дастурнависон қобил дарк набуд ба ин асоси бузургтарин шарҳи Понинӣ ба номи Маҳобҳосиё тавассути Потанҷалӣ навишта шуд.

Масири дувум дар боби маънои ҷумла дар макотиби фалсафӣ буд. Онҳо маънои ҷумларо ҳосили ҷамъи маънои вожаҳои ташкилдиҳандаи он ҷумла дар назар мегирифтанд ва ҷумларо воҳиди тафаккур ҳисоб мекарданд.

Баҳарат Рори бо истинод ба орои Понинӣ бар ин эътиқод аст, ки маънои як ҷумларо наметавон бо канори ҳам қарор додани маънои вожаҳои ташкилдиҳандааш дарёфт, ба эътиқоди вай маъно тақтеъпазир аст ва истилоҳоте назири вожа, реша, пасванд ва ҷуз он абзорҳои дастурнависонанд то ба таҳлили дастур бипардозанд [5, с. 91-94].

Аз донишмандони номдори шарқ яке ҳам Халил ибни Аҳмад аст, дар китоби хеш, ки ба забони арабӣ аст бештар аз феҳристҳои вожагонии Понинӣ барои тартиббандии мадхалҳо истифода кардааст [5, с. 110].

Донишманди дигари шарқӣ Сибивайҳ шогирди Халил ибни Аҳмад аст. Сибивайҳ рисолае дар наҳви забони арабӣ ба номи “Ал-китоб” навишт, ин асар нишондиҳандаи нубуғи Сибивайҳ аст.

Нигарише, ки бештар Сибивайҳро бо Понинӣ пайванд мезанад, таваҷҷуҳ ба реша аст. Тавсифе, ки Сибивайҳ аз тасрифи феъл ба даст медиҳад, мубтанӣ ба решаҳоест, ки муҷаррад ва интизоъианд ва аз се ё чаҳор ҳамхон ташкил шудаанд. Анвоъи сиғаҳои тасрифшуда аз ин решаҳо сохта мешаванд ва таҳаққуқи суварӣ меёбанд [5, с. 117].

Аз вуҷӯҳи иштирок ва ифтироқе, ки Иткунин миёни дидгоҳҳои Понинӣ ва Сибивайҳ мушоҳида кардааст, сухан бигӯям. Вай мӯътақид аст, ки суннатҳои забоншинохтӣ дар Ҳинд ва дар ҷаҳони араб фавқулода шабеҳ ҳастанд, аввал ин ки дар ҳар суннат беҳтарин забоншиносе, ки таърих сабт шуда нишон медиҳад, дар оғози он қарор дорад. Дувум ин ки ҳар ду суннат паёмадҳои бисёр муҳимме барои мафҳуми «пешрафт илмӣ» дар фалсафаи илм доранд. Ҳар ду маврид, қарнҳост, ки наҳваи мутолиоти забониро дар густараи худ, яъне Ҳиндустон ва ҷаҳони араб, рақам задаанд. Севум он ки дарк ва фаҳми ҳар ду рӯйкарди забонӣ барои афроди ғайримутахассис, бидуни кумаки тафсирҳое, ки муфассирон бар онҳо навиштаанд, бисёр душвор аст.

Тафовути сабкии умдае миёни он ду вуҷуд дорад. Понини қоидаҳои забонии худро бисёр мӯҷаз ва мухтасар ва ба кумаки нишонаҳо ва алоими кумакӣ баён кардааст ва ҳеҷ ҷумлаеро ба унвони мисоле барои амалкарди қоидаҳои худ ироа накардааст. Аммо, дар муқобил, Сибивайҳ ба кумаки ҷумлабандиҳои печида ва бидуни истифода аз ҳар навъ нишона ё аломате кумакӣ, ва бо ироаи ҳазорон мисол матолиби худро арза кардааст. Тафовути умдаи дигар байн он ду рӯйкард ба алоиқи забоншинохтии он ду шахсият марбут мешавад. Понини бар сарф ва воҷшиносӣ тамаркуз кард ва наҳв ва маъношиносиро ба иҷмол баён кард. Аммо Сибивайҳ бештарин таваҷҷуҳи худро ба наҳв маътуф кард; ҳам ба сарф ва ҳам ба воҷшиносӣ ба таври нисбатан густурда ва муфассал пардохт, вале маъношиносиро тақрибан ба куллӣ нодида гирифт. Тасаввуре, ки Сибивайҳ аз дастур дар назар дошта бо тасаввуре, ки Понинӣ аз он мадди назар дошта бисёр мутафовит аст. Дастури Понинӣ низомест иштиқоқӣ, ки аз маъно шурӯъ мешавад ва бо бахши воҷӣ хотима меёбад ва дар ҳадди миёни он ду наҳв ва сарф воқеъ аст. Ин дастур бо дастури нақшгароии низомманд ба шабоҳатҳои миёни он ишора кардааст. Аммо дар муқобил дар дастури Сибивайҳ наҳв аз як су ва сарф ва воҷшиносӣ аз сӯи дигар сутӯҳи забонии муҷаззое ҳастанд ва ҳеҷ талоше барои гузар аз як сатҳ ба сатҳи дигар намешавад. Афзӯн бар он, ҳамчунон ки пештар низ гуфта шуд «... Дастури ӯ фоқиди ҳар гуна бахши маъноии мудавван ва низомёфта аст.» [12, с. 148] Маҳалли қарор гирифтани феъл дар ин ду дастур мунъакискунандаи ҷойгоҳи бенишони он дар санскрит ва дар арабии қадим (классик) аст.

Овошиносии тавлидӣ байни забоншиносони Шарқ аҳаммияти зиёде дошт, чунончи Сибивайҳ ва Ибни Халил дар фарҳанги худ навъе табақабандии ҳамхонҳои забони арабиро бар ҳасби махраҷ ба даст додаанд, ки дар ҳақиқат баргирифта аз ҷойгоҳи тавлиди овоҳои санскрит аз дастури Понинӣ мебошад ва ба пайравӣ аз онҳо Ибни Синои Балхӣ низ дар китоби “Махориҷ-ул-ҳуруф”-и худ ба тавсиф ва табақабандии овоҳо пардохтааст [5, с. 96].

Натиҷагирӣ. Чанд нукта дар бораи аҳаммият ва вежагиҳои дастури Понинӣ қобили ёдоварист:

- табақабандии аҷзои калом ба исм, феъл ва ҳарф;
- тарҳи мафҳуме ба номи реша, ки аз сохти интизоъӣ бархурдор аст;
- суратгароии мутлақ ва эътиқод ба вуҷуди қавоиди зоё барои сохти вожа;
- таваҷҷуҳи дақиқ ба қавоид;
- эътиқод ба иштиқоқи исм аз феъл;
- таваҷҷуҳ ба ихтисорнависӣ;
- таъсири дастури Понинӣ ба унвони куҳантарин дастур дар осори дастурнависони Шарқ ва Ғарб ба хубӣ ҳувайдост. Ҳарчанд аз тафовутҳое, ки қаблан баён шуд, инкор наметавон кард, аммо дар кулл мо дар забоншиносии сохтгарой, нақшгарой ва гашторӣ ва бисёре китобҳои забоншиносӣ дар Шарқ ва Ғарб радди пойи таҳлили понириро ёфта метавонем.

АДАБИЁТ:

1. Боғбедӣ, Ҳасан Ризой. Оғози мутолиоти дастурӣ дар шибҳикорраи Ҳинд. – Теҳрон: Фарҳангистон, 1398

2. Дабирмуқаддам, Муҳаммад. Сибивайҳ: забоншинос ва дастурнавис. Дастур: вежаномаи Номаи Фарҳангистони забони форсӣ, шумораи 6, 1389

3. Дабирмуқаддам, Муҳаммад. Сибивайҳ. Забоншиносии илмии шарқӣ. Ҷашнномаи доктор Салим Нисорӣ, зери назари Ғуломалӣ Ҳаддоди Одил. – Теҳрон: Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ, 1390

4. Бернард Камрей ва дигарон. Забонҳои дунё. Чаҳор мақола дар забоншиносӣ, тарҷумаи Куруши Сафавӣ. – Теҳрон: Сод, 1384

5. Сафавӣ, Куруш. Ошной бо таърихи забоншиносӣ. – Теҳрон: Пажвоки кайҳон, 1385

6. Сафавӣ, Куруш. Навиштаҳои пароканда. Дафтари севум: забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ. – Теҳрон: Илмӣ, 1391

7. Сафавӣ, Куруш. Навиштаҳои пароканда. Дафтари чаҳорум: баргардонҳое дар боби забоншиносӣ. – Теҳрон: Илмӣ, 1391

8. Муҷтабой, Фатҳулло. Наҳви ҳиндӣ ва наҳви арабӣ: ҳаммонандиҳо дар таърифот, истилоҳот ва тарҳи қавоид. – Теҳрон, 1383

9. Cardona, G. Panini: His work and Traditions, Vol.L. – Delhi: Motiial Banarsidass, 1988

10. Deshpande, M. M. ‘Sanskrit’, International Encyclopedia of Linguistics, vol. III, ed. W. Bright. – New York: Oxford, 1992

11. Singh, J. D. Pānini: His Description of Sanskrit. An Analytical Study of the, Astādhyāyī. – New Delhi, 1991

12. Itkonen, Esa Universal History of Linguistics. – Amsterdam: John Benjamins, 1991
13. Kiparsky,P. and J.F.Staal. Syntactic and semantic Relations in Panini; Foundations of Language, vol-5: 83-117, 1969

ОРДЕН ПАНИНИ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА ВОСТОЧНЫХ И ЗАПАДНЫХ ПИСАТЕЛЕЙ

Первой грамматикой в мире была грамматика Панини. Хотя сам Панини упомянул десять писцов перед ним, но так как от них ничего не осталось, мы можем объявить Панини первым грамматиком.

Сначала инструкция Панини была сосредоточена на вокальных, лексических и семантических конструкциях языка. Хотя сам Панини писал свою грамматику фразами, он проложил путь для написания грамматики на Востоке и на Западе. В древние времена санскритский язык в дополнение к греческому и латинскому имел характеристику полного языка. На Западе некоторые философы все еще придерживались теорий о языке и были в философии, но на Востоке была дополнительная команда.

В западном ренессансе положительный эффект грамматики Панини также был заметен, в средние века некоторые грамматики были объяснены, а на востоке ее писали грамматики.

Что еще более важно, приказ Панини состоит в том, чтобы представить санскритский язык всему миру. Это также показало, что структура языка должна быть описана, а не в философском контексте. Мы объясним больше этих вопросов в самой статье.

Ключевые слова: *панини, санскрит, грамматика, восточные и западные ученые.*

THE PANINI ORDER AND ITS IMPACT ON EASTERN AND WESTERN WRITERS

The first grammar in the world was Panini grammar. Although Panini himself mentioned ten scribes before him, but since there is nothing left of them, we can claim Panini the first grammarian.

Panini's instruction first focused on the vocal, lexical, and semantic constructions of the language. Although Panini himself wrote his grammar in phrases, he paved the way for writing grammar in the East and West. In ancient times the Sanskrit language in addition to Greek and Latin had the characteristic of a complete language. In the West some philosophers still held theories about language and were in philosophy's, but in the East, there was a supplementary command.

In the Western Renaissance, the positive effect of Panini's grammar was also conspicuous, in the Middle Ages some of the grammar was explained, and in the East, it was written by the grammarians.

More importantly, Panini's order is to introduce the Sanskrit language to the whole world. It also showed that the structure of language should be described, not in philosophical context. We will explain more these issues in the article itself.

Keywords: *Panini, Sanskrit, Grammar, Eastern Scientists and Western Scientists*

Сведение об авторе:

Доктор Рахелех Хамидзай *- профессор персидского отделения дари, Факультет языка и литературы, Кабульского университета, Исламская Республика Афганистан Rahela.hamidzi@yahoo.com.*

About the autor:

Doctor Rakhelekh Hamidzay *- is professor of the Persian office of Dari, Faculty of language and literature, Kabul University, the Islamic Republic of Afghanistan Rahela.hamidzi@yahoo.com.*

ШЕЪРИ МУҚОВИМАТИ ФОРСИИ ДАРИИ АФҒОНИСТОН ВА ҲАВЗАҲОИ ШАКЛГИРИ ОН

Ахмад Ф.А.

Донишгоҳи давлатии Кобули

Ҷумҳурии Исломии Афғонистон

Соли 1357-и хуршедӣ оғози як моҷарои ҷадид ва нуқтаи атфе дар таърихи муосири Афғонистон аст. Мардуми Афғонистон дар рӯзи ҳафтуми урдибиҳишти он сол шоҳиди ҳаводиси хунине дар шаҳри Кобул ва шаҳрҳои дигари кишвар буданд. Ҷумҳурии навбунёди Афғонистон ба раҳбарии Сардор Муҳаммад Довуд тайи як кудатои низомӣ ба василаи аъзои Ҳизби демократии халқи Афғонистон нобуд мегардад ва ба ҷояш ҳукумати мавриди ҳимояти Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ, бо гароиши коммунистӣ ба раҳбарии Нурмуҳаммади Таракӣ қудрат ва умури мамлакатро ба даст мегирад. Адами мавҷудияти таҷрибаи мудириятии раҳбарони сиёсии Ҳизби демократии халқ,

набуди бистари муносиби иҷтимоию фарҳангӣ барои пазириши дидгоҳҳои коммунистӣ ва ислоҳоти арзӣ ва ҳамчунон ҳокимияти нигариши ифротии мазҳаб ва суннат дар байни мардум боис гардид, ки аз ҳамон ибтидо мухолифатҳое бо давлати мавриди ҳимояти Шӯравӣ дар Кобул оғоз гардад. Андак-андак бо сахтгирии ҳукумати марказӣ, норизоятии мардум бештар ташдид меёфт ва дастаҳои муқовимат яке пас аз дигаре шакл мегирифт. Бо вуруди қушуни сурхи Шӯравӣ, ки мардуми Афғонистон ба он ба унвони таҷовуз нигоҳ мекарданд, муқовимат ва қиёмҳои умумӣ шиддати бештаре гирифт ва ҷангҳои вайронгар ва хонумонсӯз оғоз гардид. Муҳоҷират ва оворагӣ муъзали дигаре буд, ки миллати Афғонистон гиребонгири он шуда буд.

Баъд аз пирӯзии муҷоҳиддин ва суқути ҳукумати доктор Начибуллоҳ дар соли 1371-и хуршедӣ ҷангҳои дохилӣ ва байнитанзимӣ дар Кобул дамор аз рӯзгори мардуми Афғонистон даровард. Шаҳри Кобул ва бисёре аз шаҳрҳои дигари Афғонистон ба вайрона табдил шуд ва садҳо ҳазор марду зану кӯдаку куҳансол дар оташи ин ҷиноёти афсоргусехта нобуд шуданд. Беватаниву муҳоҷират, ин падидаи номошно барои ин миллати ранҷдида тамдид ёфт.

Бо вуруди малишаҳои бебандуборе бо номи толибон дар соли 1375-и хуршедӣ дар Кобул – пойтахт, садои дӯҳли ғаму андӯҳи мардуми Афғонистон бештар аз пеш танинандоз гардид. Қатли омҳои системотик, наслкушии бархе аз мардуми кишвар азият ва озори ваҳшиёна, вайронӣ ва сӯхтонидани манозил ва боғҳои мардум боз ҳам захме шуд бар захмҳои бедармони миллати азобдидаи Афғонистон.

Дар ин се давраи таърихӣ [коммунизм, муҷоҳид ва толиб] шоирони порсигӯйи Афғонистон бодарки ин масъала, ки: «Шоир масъулияти иҷтимоӣ дорад ва набояд аз таъсири ахлоқӣ ва иҷтимоии асари худ ғофил бимонад» [5, с.72] дар канори мардуми ин кишвар ҳамвора ҳозир ва нозири саҳнаҳои хунин ва ваҳшатнок, оворагиҳо ва муҳоҷиратҳо будаанд ва Масъулона ва мутааҳҳидона дӯш ба дӯши мардум роҳ рафтанд ва қаламҳояшон ҳулқуми шуданд, барои фарёди дарди дерпои миллаташон. Агар дар дохил буд, аз ҷабҳаву ҷанг суруд ва агар дар берун, аз дарди муҳоҷират ва оворагӣ қаламфарсойӣ намуд. Ин шоирон бо анҷоми масъулиятҳои инсонии худ ва бо ҳифзи қадосати қалам, чӣ дар даврони ҷиҳоди Афғонистон ва чӣ дар даврони муқовимати он кишвар ончунон пойдории шуҷоъона аз худ ба намоиш гузоштанд, ки коргартар аз тири ҷангҷӯён ба қалби душман исобат мекарданд. Ин ҳаракатҳо дар арсаи адабиёт оҳиста-оҳиста табдил ба як ҷараёни қудратманди адабӣ гашт, ки баъдҳо адабиёт ва шеъри форсии Афғонистонро дар масири таҳаввул ва инқилоби бузурги адабӣ раҳнамун сохт. Ба қавли Виктор Ҳӯгӯ [Viktor Hugo]: «қотеъторин натиҷаи мустақими инқилоби сиёсӣ, инқилоби адабӣ аст» [11, с.306]. Аз ин пас буд, ки шеъри Афғонистон, ки даҳҳо ва садҳо сол ҳолати рукудро дошт тай мекард, шоҳиди дигаргунии амиқе дар сохтору мӯҳтаво гардид ва боиси шаклгирии ҷараёни шеъриии шуд, ки баъдҳо унвони шеъри муқовиматро ба худ ихтисос дод.

Ҳарчанд ки қабл аз барпойии низоми коммунистӣ дар Афғонистон намунаҳои боризе аз шеъри муқовиматро дар муборизоти адолатталабонаи аллома Шаҳид Саййид Исмоили Балхӣ мебинем, ки ҳамвора фарёд сар медод,ки:

Ҷавоно, дар қалам рамзи шифо нест,
Давои дарди истибдод хун аст.
Зи хун бинвис бар девори золим,
Ки охир сели ин бунёд, хун аст. [1, с.223]

Аммо он чиро, ки ба унвони ҷараёни адаб ва шеъри муқовимат мешиносем, бо сурудаҳои Халилуллоҳи Халилӣ баъд аз кудатои ҳафтуми урдибиҳишт шурӯъ мешавад. Эшон ҳуҷуми артиши Шӯравиро ба кишвараш чунин тасвир кард:

Ба ҳар ҷо наъраи такбир ва чодарҳои хунафшон,
Яке дар шӯълаҳо сӯзон, яке дар мавҷи хун ғалтон,
Якеро теғ бар сина, якеро тир бар чашмон,
Якеро дар ҷигар ханҷар, якеро дар даҳон пайкон. [12, с.189]

Халилӣ дар воқеъ аз ҷумлаи аввалин сарояндагонест, ки ба ҷабҳаи муқовимати мардуми Афғонистон пайваст ва алайҳи беадолатии бегонагон ба муборизa бархост. Восифи Бохтарӣ дар ин бора мегӯяд:

«Нахустин шеърҳои ҷиҳодӣ, ки ба номи шеъри муқовимат ба Афғонистон расид, аз устод Халилӣ буд, монанди мустазоди «Ай вой Ватан, вой Ватан, вой Ватан, вой» ва чанд қасидаи дигар, ки дар Амрико суруда шуда буданд, [2, с.77]. Ҳамчунон, Абӯтолиби Музаффарӣ яке аз шоирон ва пажӯҳишгарони матраҳи Афғонистон низ устод Халилуллоҳи Халилиро ба унвони оғозгари шеъри муқовимати Афғонистон мешиносад: «Шеъри муқовимати Афғонистон бо таҷовузи неруҳои ишғолгари Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ оғоз шуд ва оғозгари он ҳам пирмарди ватандӯсте буд, ки дар интиҳои умри хеш хонаро рӯшан кард». [10, с.82 – 87]. Ва низ ба гуфтаи Абдулқаюми Қавим: «Дар Афғонистон дар шеъри муосир, муқовиматро бо вижагиҳое, ки бо авзои хоси сиёсӣ, низомӣ ва фикрии баъд аз кудатои ҳафти саврӣ 1357 пайванд дорад, меёбем.» [8, с.157]. Аз ин пас буд, ки

шеъри форсии Афғонистон рангу бӯи дигаре ба худ гирифт ва бисёре аз шоирон ҳам дар дохил ва ҳам берун аз кишвар ба сурудани ашъори пойдорӣ рӯй оварданд ва шоҳкорҳо офариданд. Онҳое, ки дар дохили Афғонистон буданд ва ҳар лаҳза тамошогари дарду вайронии мардум ва мамлакаташон буданд, дӯшодӯши мардум ойинае барои инъикоси захмҳои бешумори онон буданд. Дар ин давра «Шеър ба сангарҳо рафт ва бархе аз шоирон бо истишмоми буи борут ва дуди ноши аз бамбороҳо воқеияти ҷангро дар амал озмуданд ва мазмунҳо ва тасвирҳои бикре аз воқеиятҳои зиндагӣ ба онон илҳом гардид.» [4, 253]. Ва ононе, ки дар берун аз Афғонистон дар олами муҳоҷират дар кишварҳои мухталиф ба сурудан пардохта буданд, дар канори муқовимати дохилии мардуми Афғонистон ба баёни дарди беватанӣ ва ошуфтагиҳои оворагии миллаташон низ ҳиммат гумоштанд. Шоироне, мисли Восифи Бохтарӣ, Партави Нодирӣ, Самеи Ҳомид, Холида Фурӯғ, Саййидфазлуллоҳи Қудсӣ ва дигарон аз чеҳраҳои матраҳи шеъри муқовимат дар дохили кишвар шуморида мешаванд. Ва чеҳраҳое, мисли Муҳаммад Козими Козимӣ, Муҳаммадшарифи Саъидӣ , Абӯтолиби Музаффарӣ, Саййиднодири Аҳмадӣ ва дигарон, аз ҷумлаикасонеанд, ки дар хориҷ аз кишвар фарёдгари аламҳои бепоёни мардумашон шудаанд.

Ҳавзаҳои шеъри муқовимати форсии дарии Афғонистон: Бо мурури гузаро ба адабиёти муосири форсӣ дар Афғонистон возеҳ мегардад, ки шеъри имрӯзи ин кишвар беш аз пеш бо масоил ва ҳаводиси таърихӣ дар ин сарзамин гиреҳ хурда аст. Дар воқеъ шеъри муосири Афғонистон ҳайсияти оинаи тамомнамои таҳаввулоти даҳаи охирини кишварро дошта ва барои ҳар мухотабе, раддипои дигаргуниҳо ва нобасомониҳои ин солҳо ба осонӣ қобили дид аст. Яке аз паёмадҳои шум ва ногувори ҷангҳои хонумонсӯзи Афғонистон, муҳоҷират ва оворагии мардуми ин сарзамин дар дигар билодҳои олам буд. Бо шурӯъи нобасомониҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, теъдоде аз нависандагон ва аҳли фикр ва фарҳанги ин кишвар монанди бисёре аз шаҳрвандони ин мамлакат ба сарзаминҳои дуру наздик даст ба муҳоҷират заданд, ки умдатан дар кишварҳои Эрон ва Покистон ва теъдоде ҳам дар Осиёи Марказӣ ва Руссия ва Ғарб маскун гардиданд. Дар миёни оворагони аҳли андеша ва қалам, шоироне низ буданд, ки бо дарки рисолати иҷтимоӣ ва фарҳангиашон даст ба офариниши осори мондагоре заданд ва дар ростоие бозтоб додани дарди муҳоҷират, оворагӣ ва вазъияти нобаҳинҷори кишварашон аз ҳеҷ кӯшише дареғ наварзиданд. Онҳо дар канори офариниши сурудҳои дардноки ҷангу оворагӣ, ба эҷоди ниҳодҳо ва анҷуманҳо ва нашрияҳои фарҳангӣ – адабӣ низ ҳиммат гумоштанд, ки баъдҳо нақши боризе дар рушди адабиёт ва шеъри муҳоҷират ва муқовимат бозӣ карданд. Бинобар ин ҳавзаҳои шаклгири шеъри муқовиматро метавон ба ду ҳавзаи умда ва асосӣ тақсимбандӣ кард:

1. Шеъри муқовимати форси дарӣ дар дохили Афғонистон.
2. Шеъри муқовимати форси дарӣ дар берун аз Афғонистон.

Тавре ки қабалан низ мутазаккир шудем, бо шурӯъи инқилоби 1357-и ҳиҷрӣ- хуршедӣ ва ба думболи он ҳуҷуми артиши сурхи Шуравӣ дар Афғонистон, бисёре аз шоирони ин кишвар алайҳи низоми ҳоким ва ишғоли хокашон ба дасти бегонагон, алами мухолифат бардошта, ба муқовимат ва пойдорӣ пардохтанд. Сурудани ашъоре бо дарунмояи зиддикоммунистӣ, зидди ҷанг, зидди барбодӣ ва оворагӣ ба василаи шоирони дохили кишвар, рафта- рафта боиси эҷоди ҷараёне шуд, ки баъдҳо номи шеъри муқовимат дар дохили Афғонистонро ба худ ихтисос дод. Ба гуфтаи адабиётшиноси муосири Афғонистон доктор Абдулқаюми Қаюм: « Ин шоирон дар воқеъ бо хати фикрӣ, сиёсӣ ва амалкарди низоми давлати вақт мухолиф буданд ва дар баробари ҳуҷуми артиши Шуравӣ ба Афғонистон танаффуру мухолифати хешро дар лоболои сурудаҳои худ бозтоб медоданд, ки шеъри онон ба номи шеъри муқовимат маъруф гардид. Тавре ки медонем, ин чеҳраҳои баландовози шеъри муқовимат дар ҳавзаи дохили кишвар шоироне чун: Восифи Бохтарӣ, Шабгири Пулодиён, Муҳаммадафсари Раҳбин, Партави Нодирӣ, Сабуруллоҳи Сиёҳсанг, Лайло Сароҳат Рӯшноӣ, Абдулқаҳҳори Осӣ, Абдулсамеъи Ҳомид ва амсоли инон буданд, ки шумори аз онҳо баъдҳо роҳии диёри ғурбат шуданд ва дар сарзаминҳои дигар, шеъри муҳоҷират, ки дар айниҳол ҳокие аз муқовимат будро иншод карданд». [9, 123] Дар воқеъ ин шоирон бо ҳузур дар умқи ҳаводиси дардноки Афғонистон ва ҳиссу ламси ин рӯйдодҳо, бо силоҳи ҷодуии шеър, бо устувории мутлақ, рӯ ба рӯи он истоданд ва муборизе карданд. Аз ин ки ин сарояндагон аз наздик шоҳиди дадманишҳо ва ногуворихои мамлакати хеш буданд, шеърашон бештар илҳом гирифта, аз шароити ҷангии ҳоким бар сарзаминашон аст ва мазомини монанди: расидан ба қуллаҳои баланди озодӣ, ривояти саҳнаҳои набард, накӯҳиши мутаҷовизон ва тавсифи адолатталабӣ дар сурудаҳояшон бештар бозтоб ёфтааст. Дар ин ҷо барои вазоҳати бештари ҳавзаҳои шеърӣ дар дохилу хориҷи кишвар, ба суханони Абдулсамеъи Ҳомид, яке аз чеҳраҳои матраҳи шеъри муқовимат, таваҷҷӯҳамонро маъҳуф медорем: «Адабиёти муқовимат дар се замина ба қиём расида аст: дур аз бало, дар баробари боло ва дар байни боло. Дур аз бало ба маънии дурӣ аз соҳа ва сояҳои аҳриман набуд, паёмадҳои ногувор ва гоҳо хушгувори ҷанг ва ҷиҳод бар равони шуаро ва нависандагони муҳоҷири мо таъсири вижаи худро дошт. Ин таъсир дар зарбаҳои оворагӣ зарб мехӯрд ва дардҳову даркҳоро музоаф мекард. Ононе, ки дар Покистон буданд[ҷуз Мирвайси Мавҷ] ба адабиёти ҷиҳодӣ, ки аз чашмандози ҳунарӣ бисёр

камранг аст, пардохтанд ва ононе, ки дар Бохтарзамин сангар гирифта буданд ва ба ёду бо ёди ватан менавиштанд, ки бештарина осорашонро метавон фақат аз назари отифа ва эҳсос дар хӯри арҷ донист. Набуди заминаи забонӣ, танг будани ҳолаи фарҳангӣ ва дигаргуниҳои равонӣ даст ба дасти ҳам медоданд ва ҳатто нерумандтарин паҳлавононро, ки дар дохил қаҳрамони овардгон буданд, аз нигоҳи ҳунарӣ масх мекарданд, ба гунае намунаи устод Латифи Нозимӣ ва устод Шабгири Пӯлодиён, ду чеҳраи вижаи адабиёти муқовимати мо, ҳангоме ки ба Бохтарзамин овора шуданд, корҳояшон ба он сатҳ аз костӣ суқут кард, ки боварнопазир аст…

Фақат Эрон ҳам ба нисбати мавҷудияти заминаҳои густурдаи фарҳангӣ ба нисбати наздикӣ бочави рӯзгори ҷомеаи мо, ҷойгоҳи худро ба унвони волотарин пойгоҳ [пас аз Афғонистон] барои адабиёти муқовимати мо маҳфуз медорад.

Ононе, ки дар баробари бало истода буданд ва даму қалам мезаданд, шуморашон андак аст. Нависандагоне, ки шеъру шамшерро бо ҳам ба кор мебурданд, барҷастатарин чеҳраҳои ин даста Саид Фазлуллоҳи Қудсӣ аст, ки ҳамон низ беҳтарин пероҳояшро дар муҳоҷират парвардааст.

Дар байни бало нависандагоне қалам мезаданд, ки ё дар бурришҳое аз замон буданд, ё аз шига рдҳои гуногуни шоирона ва сиёсӣ [ибҳом, иҳом, тағири таърихи шеърҳо, истифода аз шабномаҳо ва нашароти муқовимати дохилӣ бо номҳои мустаор] барои тамдид ва таквини пӯйишҳои равшанфикронаи худ баҳра мебурданд ва ё ҳам пасонтарҳо бо истифода аз озодии матбуот ба нашри андешаҳои худ дар қолабҳо ва қобҳои гуногун ҳиммат варзиданд. Сардори набарди шоирона дар дохил устод Бохтарӣ буд, ки бо нашри « Ва офтоб намемирад», « Устураи бузурги шаҳодат», «Аз меъод то ҳаргиз» шадидтарин зарбаҳоро бар фарқи аҳриманон фуруд овард. Осӣ шоҳфарди шеъри муқовимати мо буд. Рӯҳе, ки ба оташфишонӣ аз интиқод ва интиқоми мемонест ва бе дареғ ҳарфҳои дили худро мегуфт. Ӯ биниши вижае, ки бар пояи ҷаҳонбинии хос устувор бошад, дар заминаи қазоё надошт, фақат аз « дигарон» бад мебурд ва бо бегонаҳо оштинопазир буд. Ӯ дар як калом фарёди дардҳо ва даркҳои муштараки мардуми мо буд ва аз ҳамин сабаб зовияи сангар бадал мекард»… «[13, с.86] Бо ин ҳисоб медонем, ки шеъри муқовимат дар дохили кишвар ба унвони як ҷараёни расо ва пуё бо растохези каломот дар баробари нобаробариҳо ва ноҳанҷориҳо дар ин давра сорӣ ва ҷорӣ аст. Ҳарчанд ки шеърҳои муқовимат дар дохили кишвар, бинобар танг будани фазои сиёсӣ ва набудани озодии баён ва расонаҳои озод бештар аз печидагӣ ва ибҳоми беш аз ҳад ранҷ мебурд ва шоирони дохили кишвар барои ин ки аз шиканҷаҳои уммолони режим дар амон бошанд, даст ба домани мубҳам ва печидасарой бурданд. Бо онҳам дар ин миён шоироне буданд, ки бо нигоҳи навтар ва мутавофиттар, ҳамин завоёи гуногуни андешаҳои пойдори ва муқовиматро ба мухотабон пешкаш карданд. Шоироне монанди: Восифи Бохтарӣ, Абдулқаҳҳор Осӣ, Абдулсамеъ Ҳомид, Лайло Сароҳати Рӯшанӣ, Саид Фазлуллоҳи Қудсӣ ва дигарон аз ҷумлаи касонеанд, ки шеърҳои мондагор дар арсаи дифоъ аз арзишҳо ва ормонҳои мардуми Афғонистон сурудааанд.

Аммо шеъри муҳоҷирати Афғонистон, ки бидуни шак, гунае аз шеъри муқовимат маҳсуб мешавад, дар солҳои бӯҳрон ва бепаноҳии мардуми ин кишвар, умдатан дар ду кишвари ҳамсоя, яъне Эрон ва Покистон ва камтар дар соири кишварҳо шакл мегирад. Бинобар ин дар ин навиштаи кӯтоҳ се ҳавзаро барои шеъри муқовимати Афғонистон дар берун аз кишвар дар назар мегирем:

1. Шеъри муқовимат (шеъри муҳоҷирати) дар Эрон;
2. Шеъри муқовимат (шеъри муҳоҷирати) дар Покистон;
3. Шеъри муқовимат (шеъри муҳоҷирати) дар соири кишварҳо.

Ҳавзаи Эрон: Дар **с**олҳои охир кишвари Эрон ба унвони ҳамсояи Афғонистон, ки вуҷӯҳи муштараки фаровоне бо ҳам доранд, теъдоди зиёде аз муҳоҷирони ин сарзамини ошубзадаро дар худ ҷой додааст. Вуҷуди муштаракоти фарҳангӣ ва забонӣ ва мавҷудияти фазои солим ва дархӯри фарҳангӣ – адабӣ боис гардид, ки бисёре аз муҳоҷирони аҳли завқ ба зудӣ ба қуллаҳои баланди маърифати адабӣ сууд намоянд. «Муҳоҷират ба Эрон боиси шаклгирии насле аз шоироне шуд, ки фазоҳои мутафовити забонӣ ва фарҳангиро дар шеърашон таҷруба карданд. Вижагиҳои муштараки забонӣ ва пуёи забони дарӣ дар ин бистари иҷтимои-фарҳангӣ, фурсати вижа дар ихтиёри шоирони муҳоҷир до два онҳоро дар фазои мутафовити шеъриии ин кишвар мавриди пазириш ва ҳатто ба ҳамин мартаба таъсиргузорӣ расонад. ҳамзабонии муҳоҷирин бо муҳити, ки дар он зиндагӣ мекарданд, натанҳо монеъ пуёи ва рушди забони шеъришон нашуд, ки худ нақши муҳиме дар халқи забони мутафовит ва муштараки шеъришон дошт.»[3, с.5].

Аз нахустин касоне, ки дар ҳавзаи адабии Эрон ба муқовиматсарой пардохтанд, Саодатмулуки Тобиш аст. Ӯ ба унвони яке аз пешкисватҳои шеъри муҳоҷират барои нахустин бор дар осораш нафрату инзиҷорашро аз ишғоли Афғонистон баён мекунад. Баъдҳо шоироне, мисли: Муҳаммадкозими Козимӣ, Муҳаммадшарифи Саидӣ, Қанбаралии Тобиш, Саид Фазлуллоҳи Қудсӣ, Сайид Нодир Аҳмадӣ, Заҳро Ҳусейнзода, Фоиқа Ҷаводи Муҳоҷир, Муҳаммадосифи Раҳмонӣ, Саид Абутолиби Музаффарӣ ва дигарон бо офаридаҳои мондагорашон дар қолабҳои гуногуни шеърӣ, ба борварии ин ҳавзаи адабӣ меафзоянд. Чунончӣ, Муҳаммад Козими Козимӣ шоири баланд овозаи Афғонистон дар ҳавзаи адабии Эрон дар заминаи чунин дидгоҳ дорад: « Мо дар Эрон се насл аз

шоирони муқовимат доштаем, яке насле, ки пеш аз шурӯи муқовимат ба боландагӣ расида ва ҳукми пешкисватро доштааст. мисли оқои Саодатмулуки Тобиш ва оқои Фидоӣ ва дигарон. Насли дигар, дар муҳити муҳоҷират болида ва аз таҷрибаҳои шеъри инқилоби исломии Эрон ҳам истифода кардааст. Яъне насли Саидфазлуллоҳи Қудсӣ, Саид Абутолиби Музаффарӣ, Маҳмадшарифи Саидӣ, ки инҳо дар миёни муҳоҷирин, дастгирае барои рушд ва таквият надоштанд ва бештар аз маҳофили адабии Эрон баҳра гирифтаанд. Насли саввум, дар фазое, ки ба василаи насли дуюм эҷод шуда, болида ва илова бар шеъри Эрон, аз шеъри ин даста ҳам истифода кардааст, ба ҳамин лиҳоз шеъри ин даста мутанавеътар аст. Аз лиҳози техникӣ, ҳар насл нисбат ба насли пеш аз худ пешрафт доштааст, вале аз лиҳози дарунмоя, гоҳи ба назар мерасад, ки насли саввуми мо каму беш аз масоили Афғонистон фосила гирифта ва ин табий ҳам ҳаст. Чун эшон ғолибан дар Эрон ба дунё омада, дар ҳамин ҷо дарс хонда ва дар ҳамин муҳит низ ба шеърсароӣ оғоз кардаанд». [7, с.147-151]

Ин ҳавзаи адабӣ бинобар мавқеияти фазои муносиби фарҳангӣ бо истифода аз маҳалли адабии Эрон, тавонист ба унвони як ҷараёни пешрав ва нисбат ба дигар ҳавзаҳо арзи андом кунад. Шоирон ва нависандагон дар ин ҳавза тавонистанд, ки ба зудӣ инсиҷоми дарунӣ эҷод карда ва даст ба пайрезии ниҳодҳо, анҷуманҳо ва нашриёти фарҳангӣ ва адабӣ бизананд, ки маркази фарҳангии «Дурри дарӣ» ва фаслномаҳои фарҳангии «Хати саввум» бароянди фаъолиятҳои хастагинопазири ин фарҳехтагон аст. Аз вижагиҳои умдаи шеъри муҳоҷират дар Эрон, забони салис ва равони он аст. Содагии дилпазир, тасвирҳои шаффоф, ҳиссӣ ва имрӯзӣ, ки баёнкунандаи оворагиҳо ва нобасмониҳои мардум мебошад, ба хубӣ бозтоб ёфтааст. Баёни душвориҳо ва машаққатҳои тоқатфарсои оворагӣ ва бозтоби ҷангҳои дохили кишвар аз мавзӯоти умдаи шеъри муқовимат дар ин ҳавза маҳсуб мешавад.

Ҳавзаи адабии Покистон: Бар иловаи Эрон, кишвари дигаре, ки бештарини муҳоҷирони Афғонистонро дар худ ҷой додааст, Покистон мебошад. Шоирони муҳоҷири ин ҳавза бештар дар ду шаҳри бузурги ин кишвар, монанди Куита ва Пешовар мутамарказ шуданд. Дар он ҷо ба баргузории нишастҳо ва маҳфилҳои адабӣ пардохтанд ва кам-кам нашри офаридаҳояшон ва нақди онҳо дар нашриёти танзимӣ, ки дар он кишвар мунташир мешуд, равнақ гирифт. Устод Абдулқаюми Қавим, пажӯҳишгару адабиётшиноси саршиноси Афғонистон, дар ин замина мегӯяд: « Аз шоироне, ки дар нахустин марҳила дар ҳавзаҳои адабии муҳоҷирини Афғонистон дар Покистон фаъолият доштанд, инҳоро бар сабили мисол метавон ёдовар шуд: Устод Халилӣ, Абдулаҳмади Торшӣ, Абдулқаюми Маликзод, Абдулҷаббори Тақавӣ, Ноили Лоҷавардини Шаҳрӣ,Ваҳиди Мужда, Бароти Маҳмуд Савдо, Мираҳмади Зиғам, Ҳабибуллоҳи Сомеъ, Камолиддини Ғабро, Саидмаҳмуди Шукӯҳ, Шарифи Пайғом, Ҷалоли Фарҳехта, Мирвайси Мавҷ…[албатта ашъори Мавҷ ғайри ҷонибдор буд].

Дар солҳои ахир ба вижа пас аз соли 1375, вақте ки фарҳанг ва адаб латамоти шадид дид, теъдоди дигари аз шоирон ва нависандагон ба Покистон муҳоҷир шуданд, монанди: Гулнури Баҳман, Муҳибуллоҳи Бориш, Забеҳуллоҳи Оташ, Акбар Сано Ғазнавӣ, Абдулваҳоби Муҷир, Парвизи Кова, Холида Таҳсин,Соҷида Мелод, Воҳиди Вораста, Асадуллоҳи Валвоҷӣ, Солеҳ Муҳаммади Гардиш, Ҷовиди Фарҳод, Азизуллоҳи Нуҳуфта, Маҳмуд Ҳакимӣ, Тайиба Суҳайло, Нафиса Азҳару ва амсоли онон. Албатта аз ҳамин забон ба баъд бо пайвастани шоирон матраҳи кишвар чун Восифи Бохтарӣ, Партави Нодирӣ, Ҳайдари Вуҷудӣ, Сабуруллоҳи Сиёҳсанг, Абдулсамеъ Ҳомид, Холида Фурӯғ, ҳалқаи шоирони муҳоҷири Афғонистон дар Покистон, фаъолиятҳои шеъри даризабонони кишвар дар он сарзамин қуввати бештар гирифт». «[9, с.216] Муҳаммадкозими Козимӣ шоир ва пажӯҳишгари адабӣ дар заминаи ҳавзаи Покистон чунин дидгоҳ дорад: «Шеъри, ки дар Покистон ба василаи муҳоҷирин суруда мешуд? Ба шиддат сареҳ буд ва шуори ва ғолибан камбаҳра аз ҳунармандиҳои сурӣ. Иштиғоли шаддид ба фаъолияти сиёсӣ, ки дар Покистон он руз роиҷ буд ва низ адами қуробати фарҳангӣ миёни муҳоҷирини форсизабон ва ҷомеаи мизбони урдузабон боис шуд, ки замина барои парвариши насли ҷавони шоирон ва ё эҷоди ташаккули мондагор дар миёни муҳоҷирон фароҳам нашавад. Лоҷарам баъд аз устод «Халилӣ», шоири дигаре, ки дар сатҳи кишвар матраҳ бошад аз миёни муҳоҷирони муқими Покситон бар нахост «6, с.119].

Дар воқеъ шеърҳои офаридашуда дар ин ҳавза бештар мутаассир аз фазои даруни кишвар буда ва сайёлият ва равони ҳавзаи муҳоҷирати Эронро надорад. Аммо ба лиҳози мавзӯъ ҳамон дарду сӯзи оворагӣ ва муҳоҷиратро фарёд мекашад. Безорӣ аз ҷанг, хушунат ва барбодӣ саропои шеърҳои ин ҳавзаро ташкил медиҳад. Ҳарчанд, ки ба гуфтаи баъзе аз пажӯҳишгарон чун Ризоъ Чеҳрконӣ, масъалаи муҳоҷират дар шеъри муқовимати ҳавзаи Покистон ба андозаи суз ва гудози ҳавзаи Эрон набудааст. «Аз назари мазмун низ тафовути шеъри Покистон бо шеъри Эрон ин аст, ки мушкилоти муҳоҷират ва масоили ғурбат ва оворагӣ дар он камтар намуд ёфтааст, чун дар Покистон вазъияти иҷтимоии муҳоҷирин ба гунае ҳаст, ки худро дар ғурбат эҳсос намекунанд.» [14, с.5]. Дар воқеъ ин шеърҳо, монанди дигар ҳавзаҳои адабӣ, бо масоили сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон гиреҳи амиқи хурда ва саросар бесарусомониҳои меҳанро инъикос медиҳад.

Бечорагияст чораи ишқ,

Донӣ, чӣ кунам, чу ёр баргашт.
Биншинаму сабр пеш гирам,
Дунболаи кори хеш гирам. [4, с. 144]

Дар байтҳои дигар аз канораш рафтани маъшуқро баробари рафтани сабр аз дили реш медонад ва ҳамчун ошиқи бечора мегӯяд, ки ҷуз сабр чора надорам ва дунболаи кори хеш мегирам:

З-он гаҳ, ки бирафтӣ аз канорам,
Сабр аз дили реш, гуфт, рафтам.
Мерафт ба кибру ноз мегуфт:
Бе мо чӣ кунӣ? -Ба лоба гуфтам:
Биншинаму сабр пеш гирам,
Дунболаи кори хеш гирам. [4, с.144]

Ва дар бандҳои дигар аз ишқи Илоҳӣ сухан мегӯяд:

Парвонаам уфтону хезон,
Якбора бисӯзу ворахонам.
Гар лутф кунӣ ба ҷои инам,
В-ар ҷавр кунӣ, сазои онам.
Ҷуз нақши Ту нест дар замирам,
Ҷуз номи Ту нест бар забонам.
Асрори Ту пеши кас нагӯям,
Авсофи ту пеши кас нахонам. [4, с.147]

Ба як маънӣ, Шайх Саъдии Шерозӣ дар ин тарҷеъбанди хеле зебо муҳаббати сӯзони қалби худро ба маъшуқа ва Худованди якто дар пироҳани сухани марғубу дилангез баён доштааст, ки дар адабиёти форсии тоҷикӣ истиқболи зиёд дорад. Аксари муҳаққиқони таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ бар он ақидаанд, ки ин тарҷеъбанди Саъдии Шерозӣ аз беҳтарин ва зеботарин тарҷеъбанд дар адабиёти мост, ки дар он ҳам мавзӯъ, ҳам банду басти бадеӣ, зебоии сухан, қофияи матину устувор, радифҳои дилангез, тасвири олӣ, истифодаи санъатҳои бадеӣ ба таври баланд баён шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Афсаҳзод А.Дар сафи бузургон. А Афсаҳзод-Душанбе:Ирфон, 1987.-268 с.
2. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола / А. Мирзоев. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 288с. – С.161-170.
3. Мирзозода Х.Таърихи адабиёти тоҷик. Китоби 2. /Х.Мирзозода -Душанбе:Маориф, 1977.-356 с.
4. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт.Ҷилди 1. /С.Шерозӣ.-Душанбе:Ирфон, 1987.-238 саҳ.

ВЗГЛЯД НА ТАРДЖЕБАНД СААДИ ШЕРОЗИ

Саади Шерози является одним из выдающихся поэтов персидско-таджикской литературы Х1У века, где на ряду своих прекрасных «Гулистон» и «Бустон» также написал четыре диван стихов. В структуре его диванов входят такие маленкие лирические жанры, как: газел, касыда, масневи, рубаи, тарджебанд и т.д. Саади Шерози среди маленких лирических жанров написал одну прекрасную тарджебанд, который по мнению исследователей персидско-таджикской литературе несомненно является одним из лучших и прекрасных тарджебандов нашей классической литературе. В данной статье автор рассматривает литературные свойства данного тарджебанда.

Ключевые слова: *Саади Шерози, поэт, классической литературе, диван стихов, лирические жанры, тарджебанд, касыда, месневи, рубаи, лучших, литературные свойства.*

A LOOK AT TARJIBAND SAADI SHEROZI

Saadi Sherozi is one of the most famous poets of Persian-Tajik literature of the XIV-th century, where he also wrote four thousand poems along with his beautiful «Guliston» and «Buston».

In the structure of sofas includes small lyric genres, as was hazel, a qaṣīdah, masnavi, the Rubaiyat, tangband etc. Saadi Sherozi wrote one beautiful tarjeband among small lyrical genres, which according to researchers of Persian-Tajik literature is undoubtedly one of the best and most beautiful tarjebands of our classical literature. In this article the author examines the literary properties of this targeed.

Keyword: *Saadi Sherozi, poet, classical literature, a Diwan of poetry, lyrical genres, targetband, a qaṣīdah, mesnevi, the Rubaiyat, the best literary properties.*

Сведения об авторе:

Абдуллохи Усмонали *докторант 3-го курса PhD факультета таджикской филологии Таджикского государственного университета им. Садриддина Айни: тел: (+992) 988403445.*

About the authors:

Abdullo Usmonali *- Doctor PhD 3 of the philology faculty, Tajik State Pedagogical University named after S. Aini. Tel.:(+992) 988403445*

ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ НИКОЛАЯ ТИХОНОВА И ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА

Аминов Ф.Г.

Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни

Следует отметить, что перевода художественных стихотворений современного поэта русской литературы Н.С.Тихонова на таджикский язык сейчас не встречаются вниманию таджикских литературоведов. Поэтому показу развитие литературных связей и взаимообогащения современного поэта с Таджикистаном и таджикской литературой и искусства является неполным без рассмотрения этого художественного метода литературных взаимоотношений русского поэта с персидской и таджикской литературой, с ее народом и с художественными произведениями классической таджикской литературой.

Арбузов *А.Н.писал: «*Поэзия и проза русского современного поэта Н.С.Тихонова находило дальнейшее развитие в произведениях таджикских читателей, и показано поэтами, переводчиками, литературоведами» [1, с.58]. Творчество этого русского поэта и писателя современной русской литературы несколько раз опубликовались в таджикских изданиях «Ирфон» и «Дониш», а также отдельной книгой на таджикском языке в начале сороковых годов XX века.

Написание таджикских писателей к художественной поэзии и прозы русского поэта XX века является одним их вопросов взаимовлияния таджикской литературы с творчеством современного поэта , который оставил после себя огромное количество стихотворений и повести и рассказы.

Произведения русского поэта показаны в 60-70 годы XX века в творчестве мастеров таджикской литературы, как Мирзо Турсун-заде, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Дехоти, Хабиб Юсуфи, Пайрав Сулаймони, Абулкосим Лохути и других поэтов и писателей современной таджикской литературой.

Первое произведение великого русского современного поэт Н.С.Тихонова на таджикский язык была поэма «Хороший человек», где перевел это произведение русского поэта на таджикский язык Мирзо Турсунзаде. В это время также перевели на таджикский язык другие произведения великого русского поэта Н.Тихонова, это были стихи «Сами», «Лицом к лицу», «Дорога», «Красные на Араксе», «Выра», «Нашествие леса», «Сегодня рождение» и другие.

Поэма «Нашествие леса» была переведена в разных переводах , которые были сделаны таджикскими поэтами и писателями в начале XX века.

В это время к поэзии русского поэта обратились таджикские поэты, в том числе Мирзо Турсунзаде, Мирсаид Миршакар, которые показали проблемы произведений русского поэта, особенно «Баллада о гвоздях», сохранили при этом тему и проблему эту балладу современного русского поэта Николая Семёновича Тихонова на таджикский язык.

*Баранова Л.М. писала: «*Современный русский поэт в своих произведениях показал различные проблемы реальной жизни действительности, где автор развивает характер эту проблемы в стихотворениях, написанные в начале 30-годы XX века» [2, с.76].

Для художественного перевода таджикский переводчик А.Дехоти использовал различные вопросы, которые свидельствуют о росте таджикского переводчика. Эту балладу современного русского поэта Н.Тихонова перевел таджикский поэт Мирзо Турсунзаде, который хорошо понимает и чувствует произведения этого русского поэта.

Заслуживает внимания строфика стихотворения «Мой сад» — абвваб, едххед, кеккхе, абвваб. Эта оригинальная строфика придает стихотворению характерную интонацию. В самом деле, если снять строки, повторяющиеся в строфах, пропадет интонация замедления, торжественности, придающая мысли особую остроту и убедительность. Эти повторяющиеся строки задерживают внимание читателя на особо важных местах стихотворения. У Усмана Насыра имеется и октава—»Чаренц».

С поэтическим опытом У. Насыра — одного из переводчиков и последователей Н.Тихонова — связано появление в таджикской поэзии гетерометрических строф, т. е. таких строф, в которых

сочетаются строки с различным количеством слогов. Этот новаторский для того времени прием многие исследователи связывают с именем русского поэта, иногда с воздействием поэтической практики. В самом деле, и Н.С.Тихонов, и Мирзо Турсунзаде оказали сильное влияние на таджикскую советскую поэзию. Однако строфика в поэтической системе Н.Тихонова никогда не играла существенной роли. Поэтому можно предполагать, что здесь большое значение имел поэтический опыт Н.Тихонова, в поэзии которого разностопный стих занимает ведущее место. В таких стихотворениях М.Турсунзаде как «Голос Азия», «Чужая», «Корабль», «Пойдем в горы» гетерометричность — *определенный поэтический прием, придающий стихам своеобразное звучание.*

Как известно, имеется различные виды анализа стихотворения, которые имеют *собой сочетание трех катрен и двустишия, и итальянский, состоящий из двух катрен с парной или перекрестной рифмовкой, и двух терцин. Первый сонет таджикского переводчика написан по образцу итальянского сонета. Он представляет собой сочетание девятисловных строк, которые соединены в два катрена с перекрестной (абаб) и кольцевой (абба) рифмовкой, и двух терцин (бсс* и *бдд).*

Васильев С.М. писал: «Обладая тонким поэтическим чутьем и сильно развитым чувством ритма и стремясь приблизиться к звучанию сонета, к его ритмическому рисунку, поэт пишет свой сонет девятисловным стихом с цезурой после четвертого слога, т. е. он сохраняет длину стиха, понимая, что она является важнейшим ритмообразующим элементом» [3, с.104]. *Это еще раз подтверждает высказанную нами мысль о важности сохранения длины стиха при переводе поэтического произведения.*

Сонет таджикского поэта обладает большими художественными достоинствами. Содержание его логично и естественно укладывается в жесткую форму, вместе с тем в нем соблюдены все требования, предъявляемые к этому жанру. Здесь вполне можно говорить о полном владении поэта сложной формой.

В том же 1965 г. пишет второй стихотворение таджикский поэт «К морю». Он сделан по образцу русского сонета и представляет собой сочетание одиннадцатисложных строк в три катрена (абаб, весе, едед) и двустишия с парной рифмовкой (гг).

Русский поэт в его своих произведениях показан наиболее полно в антологию «Избранной страницы русского советского метода» (1963), который нашел в десяти стихотворения, которые написаны в различных периодах поэзии и дающие более полного представления о развития Н.Тихонова. Это такие стихи русского поэта- «Праздничный, веселый, бесноватый..», «Армения» , «Костер» , «Рубашка» , «Ворот а Искандера» , «Сон» и др. Некоторые из них перевел известный таджикский поэт, герой Таджикистана, автор многочисленных произведении о Востоке Мирзо Турсунзаде, который до настоящего времени остаются единственными на таджикском языке перевел из поэзии Н. Тихонова, который и сейчас является актуальным в современном литературоведении.

Художественный перевод стихотворение русского поэта Николая Тихонова «Баллады о гвоздях», который выполнил таджикский поэт М.Турсунзаде, который имеет сопоставительный характер от переводов другого таджикского переводчика. Таджикский поэт переводит совершенно нового варианта баллады русского поэта .

Таджикскому поэту не чужд художественный перевод стихотворение «Баллада о гвоздях», если он отвечает задачам достоверной передачи А.Дехоти ритма, интонации и благозвучия стихов, разумеется, не в ущерб «духу» и идейной насыщенности произведения.

В начале 80-х годов XX века художественный перевод этой баллады русского поэта сделал таджикский поэт Мирсаид Миршакар. Таджикского поэта изменение содержался на успехи других переводчиках и поэтому внес новую струю , в название этой баллады. Мирсаид Миршакар находил это решение в краткого, лаконичного, близкого метода изображения русскому поэту сюжет этой баллады, не повторял до этого перевода этого произведения другого таджикского поэта.

Имеется на таджикском языке переводы этой баллады, где в целом сохранен дух стиха Н.Тихонова, который близок к подлиннику, а также адекватность образных решений. При сопоставительном анализе перевода «Баллады о гвоздях» обнаруживали особенность творчества русского поэта, который показал различные существования все работы переводческих работ. В этом случаях можно показать неодинаковой и самостоятельной работы при переводе данного решения одной и той же задачи, разные прочтения одного и того же поэтического текста, которые дополняют и обогащают о художественном произведении – оригинале текста.

В начале 60-х годов перевели другую балладу Николая Тихонова на таджикском языке, который называется «Песня об отпускном солдате». Таджикский переводчик показал трагизм и эмоциональный накал произведения русского поэта, который рассказывает об ужасах Великой Отечественной войны. Николай Тихонов показал развернутую картину боя Великой Отечественной

войны, которой показал это весьма многословно, не всегда показывая образного строя и интонации ритма баллады Николая Тихонова, что не могло не сказаться на точном восприятии ее на таджикском языке. Таджикский поэт при переводе удлинял, усложнял слог, который настраивал на свой лад. В начале 80-х годах XX века к этому стихотворению обратился таджикский поэт Хабиб Юсуфи, который попытал дать новое прочтение ранней баллады Тихонова.

В целом драматизм «Песни об отпускном солдате», его идейно- эстетические достоинства прочувствованы переводчиками и бережно донесены (в меру таланта каждого из взявшихся за нелегкий труд) до армянского читателя. Можно утверждать, что имеющиеся таджикские переводы баллад Николая Тихонова, несмотря на свою немногочисленность, дают четкое представление о развитии этого жанра в творчестве .поэта. В годы Великой Отечественный войны к поэме «Киров снами « (1941), который создан Ноколаем Тихоновым в блокадном Ленинграде и признанной в советской литературе «самой романтической поэмой Великой Отечественной войны», где обращался таджикский переводчик.

Таким образом, поэзия Н.С.Тихонова и его переводы обогатили таджикскую литературу, внеся в нее новые изобразительные средства, ценность которых заключается еще и в том, что они пробуждают у таджикских поэтов стремление к совершенствованию художественной формы, интерес к новой поэзии в современной таджикской литературы, которые имеет древнею историю.

ЛИТЕРАТУРА

1. Арбузов А.Н. Особенности творчества Н.Тихонова.- М.: Наука, 2001.- 254 с.
2. Баранова Л.М. Характеристика поэзии русского поэта.- М.: Наука, 2006.- 243 с.
3. Васильев С.М. Перевод поэзии Н.Тихонова в современном периоде.- М.: Наука, 2009.- 287 с.
4. Яковлев Н.С. Анализ творчества русского поэта.- М.: Наука, 2014.- 254 с.

ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ НИКОЛАЯ ТИХОНОВА И ТАДЖИКСКАЯ ЛИТЕРАТУРА

В этой статье авторы анализирует стихи Николая Семёновича Тихонова известного русского поэта и писателя, который оставил после себя огромное количество нравственных стихов. На основе обширного материала автор статьи исследует переводы стихов Николая Тихонова на таджикский язык.

Надо отметить, что в Таджикистане были переведены огромное количество басни русского поэта, которые сыграли огромное значение в деле знакомства с произведениями русского поэта XX века.

Следует подчеркнуть, что в поэтических произведениях, особенно в стихах Николая Тихонова, которые были переведены в начале XX века таджикскими переводчиками в характере анализа их политического характера и показывают различные вопросы русской действительности, в особенности такие проблемы как истории русского народа и нравственные вопросы .

В настоящее время таджикские переводчики игнорируют и более пространные моральные выводы произведений русского поэта и писателя. Нам не удалось выявить, какой бы то ни было закономерности в точности воспроизведения переводчиком моральных формул оригинальных стихов русского поэта.

Ключевые слова: *стихи, Н.Тихонов, нравственные вопросы, проблемы, характеры, таджикский язык.*

LITERARY COMMUNICATIONS NIKOLAI TIKHONOV AND TAJIK LITERATURE

In this article, the authors analyze the fables of Tichonov N.S. of the famous Russian fabulist, who left behind a huge number of moral fables. Based on extensive material, the authors of the article study the translation of Tichonov fable into the Tajik language.

It should be noted that in Tajikistan, a huge number of fables of the Russian poet were translated, which played a huge role in acquaintance with the works of the Russian poet of the nineteenth century. Based on extensive material, the authors of the article investigate the translation of Tichonov N.S. fable into the Tajik language.

It should be noted that in Tajikistan, a huge number of fables of the Russian poet were translated, which played a huge role in acquaintance with the works of a Russian poet of the 20th century.

Currently, A. Dekhoti also ignores more extensive moral conclusions (fables «Monkey and Glasses», «Peasant and Snake», «Cat and Cook», etc.). We were not able to identify any patterns in the accuracy of the translator reproducing the moral formulas of the original fables.

Currently, Tajik translators ignore the more extensive moral conclusions of the works of the Russian poet and writer. We were not able to identify any regularities in the accuracy of the translator's reproduction of the moral formulas of the original verses of the Russian poet.

Keywords: *fables, N.S. Tichonov , moral issues, problems, characters, Tajik language.*

Сведение об авторе

Аминов Фарух Гозиевич *- Преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка Таджикского государственного университета Садриддина Айни Тел. (+992) 905330650*

About the author

Aminov Farukh Gozievich *- Lecturer, Department of Russian Language and Literature, Sadridin Aini Tadjik State University Tel: (+992) 90533066*

НИГОҲЕ БА РӮЗГОР ВА МЕРОСИ АДАБИИ КАЛИМИ КОШОНӢ

Шукурова З.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Маликушшуаро Мирзо Абӯтолиб Калими Кошонӣ (зодаи шаҳри Кошони Эрон, замони зиндагиаш 1593-1651) дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бо ном ва тахаллуси Толиби Калим шуҳрат дорад ва аз бузургтарин суханварони асри XVII мебошад. Ӯ дар манобеи адабӣ ва илмии қадим ва ҷадид бо унвонҳои «Халлоҷулмаонии сонӣ» ва «Фанни охирин саҳфаи китоби шоирӣ» ёд шуда, дар зиндагиаш ба мартабаи маликушшуароии дарбори Шоҳиҷаҳон (1627-1658) расидааст.

Онҳое, ки оид ба зиндагиву ва мероси адабии Калим навиштаанд, парвардаи Ҳамадон ва таҳсилкардаи Шероз будани ӯро хеле равшан таъкид кардаанд. Абёти худи шоир ба мусофирати пайвастаи ӯ дар шаҳрҳои Эрон ва дар хаёли муҳоҷирати Ҳиндустон қарор доштанаш ишора доранд:

Дар хоки Ватан тухми муроде нашавад сабз,
Беҳуда Калим ин ҳама саргарми сафар нест (2,73).

***

Дар ватани худ гуҳар обилае беш нест,
Кай ба Азизӣ расад Юсуфи нафрӯхта?! (2, 555)

Ин амр табиист, зеро ҳиҷрат ба Ҳиндустон дар он замон воқеан ҳам «Каъбаи мақсуд»-и аҳли адаб маҳсуб мешуд. Аз ин нуқтаи назар сафари аввалини Калим ба Ҳинд дар замони ҳукумати Нуриддин Ҷаҳонгир – падари Шоҳиҷаҳон сурат гирифтааст. Шоир дар хизмат ва суҳбати яке аз амирони соҳибному ҳунарпарвари замон – Шоҳнавозхон ба фаъолияти пурсамари эҷодӣ мепардозад ва ба зудӣ «ҳумои хаёлоти дилпазир ва шаҳпари андешаҳои баландпарвози ӯ аҳли адаби он кишварро мусаххар месозанд» (5, 1171-1172).

Бо гузашти андак фурсат ин мамдӯҳи Калим фавтида ва шоир мисли пештара аз дастгириву пуштибонӣ маҳрум гашт. Бинобар ин, ба Ватан бозгаштан хост:

Калим, андар ғарибӣ озмудӣ қимати худро,
Кунун ҳиммат биварз, ин зираро дигар ба Кирмон бар (2, 405).

Ва ё:

Оворагии Калим хоҳам,
К-аз Ҳинд тавон ба Исфаҳон рафт (2, 60).

Ва ё:

Ҷунун хоҳад биёбон, санги тафлон ҳам ҳавас дорад,
Маро, эй бахт, ёрӣ кун, ба майдони Сифоҳон бар (2, 405).

Дар як қитъаи шоир замони бозгашти ӯ ба Ватан ба соли 1619 рост меояд:

Толиб зи ҳавопарастии Ҳинд
Баргашту суи матолиб омад.
Таърихи таваҷҷуҳи Ироқаш

«Тавфиқ рафиқи Толиб» омад.

Аз ишораи дигари шоир чунин бармеояд, ки дидори Ватан ва ёру дӯстон муддате дилу рӯҳи ӯро тасхир менамояд. Ӯ ҳамчун мафтун ва шефтаи диёри азизаш ҳатто муддате дар дил орзуи зиндагии якумра дар Исфаҳонро парваронидааст:

Дигар Калим агар зи лагадкӯби ҳодиса,

Чун сурма мешавад зи Сифоҳон намеравад(2, 271).

Аммо гузашти вақт бори дигар хаёли шоирро ба сафари диёри Ҳинд ангеза дод. Аз ин рӯ, азми муроҷиаташ ба он кишвар торафт афзуда, дар қалбаш побарҷо гашт ва пас аз ду сол ба ин кишвар рӯй овард. Ишқи беандоза ба Ҳиндустон ҳеҷ гоҳ ёди ватанро аз замираш нашуста, ҳамеша бо хаёли зодгоҳаш мезистааст:

Мавҷам, ки сафар аз ватанам дур насозад,

Оворагиям боиси дурӣ зи Ватан нест(2, 76).

Дилбастагии шоир ба ватан дар ашъори давраи охирҳои умраш боз ҳам бештар ба эҳсос мешавад. Дар ин замина ӯ таҳаммули машаққат ва ранҷу азияти ватанро аз беватанӣ ва ҳиҷрон бартар донистааст:

Дар ин меҳнатсаро чун нол агар чоҳат ватан бошад,

Ба фарқат тир агар борад, наёӣ аз ватан берун(2, 536).

Дар сафари дувуми Ҳиндустон Абӯтолиби Калим ба хидмати Мир Ҷумлаи Шаҳристонӣ пардохтааст, ки аз бузургтарин рукнҳои давлати Ҷаҳонгир ва зодаи Исфаҳон маҳсуб мешуд. Дар ҳамин замон шуҳрати шоирии Калим афзуда, бо амри Шоҳиҷаҳон соли 1647 маликушшуарои дарбор таъйин гардид.

Зиндагии шоир дар дарбор аз ҷониби муаллифони сарчашмаҳо ва муҳаққиқони осори Калими Кошонӣ таърифу тавсифи зиёд шудааст. Аммо шоир аз тақдири худ чандон қонеъ набуда ва ҷое ба интиқоди дарбор пардохтааст:

Бо гулаш гар зиннати ранг аст, аз бӯ муфлис аст,

Эй Калим, аз баргу сомони баҳори мо мапурс! (2, 411)

Аз иртиботаш ба дарбор низ равшан сухан ронда, худро «мурғи кабоб дар қафас» гуфтааст, ки раҳоӣ аз он надорад:

Замона шоирам ар кард, з-ӯ намеранҷам,

Чӣ кардаме, агарам шоири гадо кардӣ?!

Дар ин замона, ки мурғи кабоб дар қафас аст,

Калим, фикри раҳоӣ ту аз куҷо кардӣ?!

Дар мавриди шуҳрати шоир берун аз марзу буми Ҳинд, хоса дар Эрону Моваруннаҳр ва дигар кишварҳо ҳанӯз дар замони зиндагияш бисёр ишораҳо сурат гирифтааст. Аз ҷумла, эътибори шоир дар назми форсизабон таваҷҷуҳи иддаи зиёди тазкиранависонро ҷалб карда буд. «Хитоби халлоқулмаонии сонӣ ва устоди эрониён дар сухан» будани Калим дар «Музаккир-ул-аҳбоб»-и тазкиранависи асри ХУ11 Малеҳои Самарқандӣ бар эътибору нуфузи ҳарчи бештари шоир дар таърихи адабиёти форсу тоҷик равшан ишора мекунад. Бешубҳа, аз диди мо, он чи Калимро дар байни сухансанҷони қадим эътибори хоса бахшидааст, «мазомини ибдои бешуморе»-ст , ки дар ашъораш зиёд ба кор рафтаанд (6, 648). Дарёфти лақаби бузурги шоирии «Халлоқулмаонии сонӣ» ба Калим дар манбаъҳои адабӣ ҷойгоҳи мумтози ӯро пас аз шоири маъруфи қарни Х111 Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ – «Халлоқулмаонии аввал» муқаррар менамояд.

Малеҳо ҳамзамон аз мӯътақидони зиёди ашъори Калими Кошонӣ дар марокизи мадании Моваруннаҳр иттилои муфид дода, аз эътирофи бузургии ӯ аз ҷониби аҳли адаб сухан рондааст. Ин эътибори шоир то ба ҷоест, ки абёти ӯ мавриди андешаи амиқи аҳли маънӣ қарор гирифта, дар чигунагии афкори рангинаш баҳсҳо сурат гирифтаанд. Аз ин ҷиҳат шеъри Калим дар нақду сухансанҷии замони худаш низ қадру манзалати бештаре дарёфтааст. Ба шӯҳрати шеъраш чунин ишора мекунад:

Саҳл бошад мамлакатгирӣ ба имдоди сипоҳ,

Номи ман танҳо тамоми иқлими Эронро гирифт(2, 61).

Ин нуктаро низ бояд ба назар гирифт, ки ҷойгоҳи Калими Кошонӣ дар манобеи таърихию адабии гузашта ва осори илмии муҳаққиқон бино ба сабабҳои гуногун яксон арзёбӣ нашудааст.

Масалан, Ризоқулихони Ҳидоят дар «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва Лутфалибеки Озар дар «Оташкада» дар чунин мавқеъ қарор гирифтаанд. Хусусан, муаллифи «Оташкада» зимни таъйини мақоми Калим «шуҳрати суханварӣ ва камоли эътибор»-и ӯро на дар баландии ашъору афкор ва ҳунари шоирӣ, балки дар наздикӣ ба хонадони подшоҳӣ арзёбӣ кардааст. Ин матлаб аз ҷониби тазкиранигорон ва пажӯҳишгарони даврони баъдӣ Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ («Тазкираи Насрободӣ»), Шиблии Нӯъмонӣ («Шеър-ул-Аҷам»), Ҳусайн Партави Байзоӣ (пешгуфтори «Девони Калими Кошонӣ») ва ғайра пазируфта нашуд. Аз ин ҷиҳат, ба ҳақиқати аҳволи шоир дар ашъораш низ ишора рафтааст.

Тазкиранависи асри Х1Х-и тоҷик Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ дар «Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб» низ ба ҳамин маънӣ ишорат карда, навиштааст, ки «чун мансаби маликушшуароии Ҳиндустон ба Мирзо Абӯтолиби Калим расид ва ӯро ба зар кашиданд, ҳамчунон мегуфтанд, ки «хушо ба ҳоли гузаштагон, ки маликушшуароии Калимро надида рафтанд ва касеро, ки боистӣ аз ҳалқаш баркашанд ба зар кашиданд». Ва дар ин аҳд низ ҳарифони зариф ба амсоли ин нукоти ҳасудона ва каламоти ноинсофона мутаранним ва мутакаллим буданд» (8, 37-38).

Ба зиндони Беҷопур афтодани Калим бо тӯҳмати ҷосусӣ дар матлаи зерини қасидааш омадааст:

Фалакқадро, намепурсӣ, ки гардун
Чаро озурд моро бе муҳобо?! (1, 249).

Ин ва абёти дигари шиквоӣ низ баёнгари ихтилофу муборизаҳои маънавӣ дар зиндагии шоир, фарогири лаҳзаҳои воқеии ҳаёт ва ҳақиқати ҳоли ботинии ӯст. Агар, аз як тараф, Ҳиндустон нисбат ба ватани аслиаш боиси фароҳам овардани шароиту имконияти беҳтар муаррифӣ шуда бошад, аз тарафи дигар, ин қаламрав ҳаргиз дармонбахши дардҳо ва майлу армонҳои ӯ набудааст:

Замона кист?! фалак чист?! Шарм дор, Калим,
Аз ин ду сифла чӣ табъи баланд шиквасарост?!(1, 229)

Охирҳои умри Калим дар яке аз гӯшаҳои Кашмир паси сар шуд, умри боқимондааш дар он «ҷаннати рӯи замин» ба поён раид. Шиблӣ бар он аст, ки Калим дар рикоби Шоҳиҷаҳон ба Кашмир рафта, ба дараҷае мафтун ва ошиқи манзараҳои ҳамешабаҳори он мавзеи дилкаш гашт ва аз шоҳ илтимоси иҷозат ба сукунати худро дар ин диёр намуд. Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ бар он ишорат дорад, ки «дар охир кӯфте ба ҳам расонида, моҳиёна ба ҷиҳати ӯ муайян карда, дар он ҷо фавт намуд» (9, 220-221). Байти зер гувоҳи канора ҷустани шоир аз «дарёи беҳосил»-и дарбор, паноҳандагиаш ба гӯшаи амну осоиш аст:

Рафт умрам дар сафар чун мавҷу натвонам, Калим,
Гӯшаи амне дар ин дарёи беҳосил гирифт! (2, 85)

Шоир пас аз зиддияту муборизаи байни худ ва аҳли дарбор гӯё ба умеди пайдо кардани «эътибор» «бахти шӯр»-аш азми сафари Кашмир кардааст:

Суди савдои намак моро суи Кашмир бурд,
Эътиборе бахти шӯр он ҷо магар пайдо кунад?! (2, 340)

Дар сарчашмаҳо роҷеъ ба чигунагии вазъи зиндагӣ ва муддати ҳаёти шоир дар Кашмир қариб иттилое ба назар намерасад. Аз диди Шиблии Нӯъмонӣ Шоҳиҷаҳон соли 1055-и ҳиҷрӣ дубора ба Кашмир омад ва Калим ба ӯ қасидае бо номи «Подшоҳнома» бахшида, ҷоиза ба даст овард.

Бо ин ҳама Абӯтолиби Калим бо хулқу атвори писандида, зоҳири пурҷозиба, маънавияти ғанию инсондӯстона ва аъмоли зебопарастонааш шӯҳрат ёфта, касеро таънаву ҳаҷви дурушт накарда, ҳаргиз шеърро барои таҳқиру хории инсон ба кор набурдааст:

Гар ҳаҷв нест дар сухани ман, зи аҷз нест,
Ҳайф оядам, ки заҳр дар оби бақо кунам.
Танбеҳи мункирони сухан метавон, Калим,
Гар аждаҳои хома ба онҳо раҳо кунам.

Дар саросари девони ӯ танҳо як қитъа бо номи «Дар маъзарат аз нарафтан ба хонаи Саид Алии Удӣ ба тариқи мутоиба») ба чашм расид, ки ин мутоибаи намакини шоир бо саноеи киноя таъриз, ирсоли масал ва тафсир эҷод шуда, одобу ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ҷои намоён дорад:

На суроҳӣ ғулғуле дорад, на соғар хандае,
Гӯш чандоне ки бар базми ҳарифон мениҳам.
Аз куҷо марҳам биёбам чун зи мағзи устухон
Пунба меорам, ба рӯи доғи ҳирмон мениҳам?!

Умеду орзуҳои наҷиби Калим дар пирӣ ба хориву малолат мубаддал гашт. Ӯ аз бахт нолида, ба ҳазор ҳасрату надомат ва афсӯс аз зиндагиаш натиҷа мегирад:

Чашм бар беҳбуди пирӣ доштам, он ҳам нашуд,

Корвони умр рафту бахти мо дар хоб монд! (2, 173)
Ин васияти шоир ҷонгудоз аст ва ин маъниро бештар бозмекушояд:
Зубдаи аҳли ҳунар, эй он, ки бо сад дида чарх,
Рӯзу шаб ҳайрон бувад аз донишу фарҳанги ту!
Ин, ки ёрон мекунанд аз омадан паҳлӯ тиҳӣ,
Нест мақсуде ба ғайр аз ҳифзи ному нанги ту!...
Ҳар кӣ як раҳ сози носози туро бишнид, гуфт:
«Уд агар дар оташ афтад, беҳ, ки андар чанги ту!»(1, 251)

Калим нафари баҳиммату назарбаланд ва саховатманд аст, ки дар тазкираҳо сабт ёфтааст. Аз ҷумла, аз диди Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ «Калим ба инъомот сарафроз мегардид, аммо тамомро сарфи фуқаро мекард». Сурудаҳои шоир ҳам чеҳраи ӯро бо фитрати воло ва озодагии наҷиб менамоёнанд. Андеша ва афкори шоир ҳамеша дар тахти баланди тахайюл ва маънӣ сайр доранд.

Калим чун шахси наҷиби покизарӯзгор, фурӯтану хушмуҳовара ва мушфиқу инсонпарвар дар ҳалқаи ёру дӯстон ва ихлосмандон – Соиби Табрезӣ, Қудсии Машҳадӣ, Малики Қумӣ, Мирзо Ҷалоли Асир, Мирҷумлаи Шаҳристонӣ, Мир Маъсум ва сухансароёни баландпарвози замон буда ва бо онон тарҳи дӯстиву рафоқат доштааст. Соиби Табрезӣ ба ин маънӣ ишораи дақиқе дорад:

Ба ғайри Соибу Маъсуми нуктасанҷу Калим,
Дигар кӣ з-аҳли сухан меҳрубони якдигаранд?!(1, 12)

Дар сарчашмаҳо қитъаи пурсӯзу гудози шоири машҳури Ҳинд Ғании Кашмирӣ дар вафоти Калим ҷой дорад, соли 1651 дар Кашмир сурат гирифтааст:

Ҳайф, к-аз девори ин гулшан парид,
Толибо, он булбули боғи наъим!
Рафту охир хомаро аз даст дод,
Бе асо тай кард ин раҳро Калим.
Ашки ҳасрат чун намерезад қалам,
Шуд сухан аз мурдани Толиб ятим!
Ҳар дам аз шавқаш дили аҳли сухан
Чун забони хома мегардад дуним.
Умрҳо дар ёди ӯ зери замин
Хок бар сар кард Қудсию Салим.
Оқибат аз иштиёқи якдигар
Гаштаанд ин ҳар се дар як ҷо муқим.
Гуфт таърихи вафоти ӯ Ғанӣ:
«Тӯри маънӣ буд равшан аз Калим» (1, 12).

Теъдоди мероси гаронбаҳои шиорро аксари сарчашмаҳои адабӣ, аз ҷумла «Тазкираи Насрободӣ» аз 24 то 30 ҳазор байт донистаанд. Ношири девони шоир Ҳусайн Партави Байзоӣ ҳам баъди таҳқиқи тӯлонӣ 24 ҳазор байт будани ин осорро таъкид менамояд. Малеҳои Самарқандӣ дар бозгӯи миқдори ашъори шоир муболиға намуда, адади абёташро беш аз сад ҳазор донистааст. Ба ақидаи Дурахшон Маҳдӣ девони шоир шомили даҳ ҳазор байт – панҷ ҳазор байт ғазал, наздик ба ҳазор байт қасида ва бақия таркиббанд ва тарҷеъбанд аст. Маснавиёти ӯ ҳудуди ду ҳазор байт аст, ки «Футуҳоти Шоҳиҷаҳон» ва «Подшонома» дар баҳри мутақориб суруда шудаанд. Ин китоб ҳамон «Зафарномаи Ҷаҳоншоҳ»-и Қудсии Машҳадӣ будааст, вале умри ӯ кифоягӣ накард ва Калим онро такмил дод.

Девони Калими Кошонӣ дар тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳусайн Партави Байзоӣ (1958) аз 8668 байт дар анвои ғазал (585), рубоӣ (88), қитъа (42), қасида (31), маснавӣ (20), тарҷеъбанд (1), таркиббанд (2) иборат аст. Аз ин бармеояд, ки дар эҷоди ғазал табъ озмудааст. «Шаҳаншоҳнома» ном маснавии ӯ шомили 15 ҳазор байт аст, ки нусхае аз он дар Китобхонаи миллии Эрон нигаҳдорӣ мешавад.

Дастовардҳои Калими Кошонӣ дар ғазалнависӣ ва хусусиятҳои хоси эҷодии ӯ ба рушду таҳаввули минбаъдаи шеъри қарни XV11 мусоидат намудааст. Дар ин ашъор лутфи сухан мақоми бештар дошта, шоир баёни лутфомезро дар ҳадди ҳунари баланди шоирӣ нигоҳ доштааст. Вай ҳамеша кӯшиш кардааст, ки суханро ҷаззоб баён намояд. Мероси Калими Кошонӣ имкон фароҳам оварда, ки хонанда бо мушаххасоти иҷтимоиву адабии замон ошноӣ пайдо намояд. Ашъори Калими Кошонӣ саршор аз маонии баланди ишқу зебоӣ ва тасвирҳои якдастанд. Аз нахустин ҳарфу ҳиҷои ашъораш рангу накҳати хушу гуворо ба чашму машом мерасад.

Ӯ бо ашъори мазмунан баланд худро ҳамчун суханвари ҳунарманд муаррифӣ кардааст, ки назари расо ва биниши амиқи зиндагишиносӣ дорад. Эҷодиёташ фарогири мавзӯоти шоир ишқӣ, ахлоқӣ, ирфонӣ, ишқӣ-ирфонӣ, ҳасбиҳолӣ, иҷтимоӣ аст.

«Ҳаллоҳқулмаонии сонӣ» эътироф шудани Калими Кошонӣ ишора ба табиати баланди эҷодӣ ва завқи баланди суханварии шоир ва эҳсоси саршор аз муҳаббати вай нисбат ба адабиёт ба шумор меравад.

Дар маҷмӯъ, Калими Кошонӣ яке аз намояндагони барҷастаи сабки ҳиндӣ дониста мешавад, ки каломи вай саршор аз маъниҳои ноб ва таҷассуми вежагиҳои ҳунарӣ ва бадеияти олӣ шинохта эътироф гардидааст.

АДАБИЁТ

1. Гули Хуршед / Ба чоп ҳозиркунанда, муаллифи пешгуфтор ва луғот Ш. Нуриддинов.–Душанбе: Ирфон, 1985.–272 с.
2. Девони қасоид, ғазалиёт, маснавиёт, муқаттаоти Абӯтолиб Калими Кошонӣ. Чопи аввал / Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Ҳусайн Партави Байзой.–Теҳрон: Китобфурӯшии Хайём, чопхонаи Рушдия, 1336.– 438 с.
3. Мутлақ, Ш. Калими Кошонӣ ва сабки ҳиндӣ.–Теҳрон, 1366.
4. Нӯъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё Таърихи шуаро ва адабиёти Эрон. Ҷилди севум / Тарҷумаи Сайид Муҳаммадтақӣ Фахрдоъии Гелонӣ.–Теҳрон, 1334.
5. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон.–Чопи нӯҳум.–Теҳрон, 1373.–5/1.–635 с.
6. Самарқандӣ, Малеҳо. Музаккар-ул-аҳбоб: Матни интиқодӣ бар асоси чаҳор нусхаи муҳим ба эҳтимоми Камолиддин Айнӣ. Чопи аввал.–Душанбе: Пайванд, 1385.–621 с.
7. Тавфиқ, С. Таърихи адабиёти Эрон. Чопи дуюм.–Теҳрон, 1388.–753 с.
8. Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб. Таълифи Қорӣ Раҳматуллоҳ Возеҳ. Матни интиқодӣ бо муқаддима ва тасҳеҳи Асғари Ҷонфидо / Зери назари А. Мирзоев.–Душанбе: Дониш, 1977.
9. Тазкираи Насрободӣ. Таълифи Мирзо Муҳаммад Тоҳири Насрободӣ.–Теҳрон: Армуғон, 1317.–496 с.

ВЗГЛЯД НА ЖИЗНЬ И ЛИТЕРАТУРНОЕ НАСЛЕДИЕ КАЛИМ КАШАНИ

В статье на основе литературных и исторических источников приводится краткая биография и литературное наследие одного из представителей индийского стиля - Калими Кошани. В процессе изучения литературного наследия поэта необходимо изучать его роль в развитии индийского стиля и развитии особенностей этого нового литературного стиля.

Ключевые слова: *Калим Кашани, типы поэзии, газели, стихи, индийский стиль, персидско-персидская литература.*

A LOOK AT LIFE AND THE LITERARY HERITAGE OF KALIM KĀŠĀNI

The article, based on literary and historical sources, provides a brief biography and literary heritage of one of the representatives of the Indian style - Kalimi Koshani. In the process of studying the poet's literary heritage, it is necessary to study his role in the development of the Indian style and the development of the features of this new literary style.

Keywords: *Kalim Kashani, types of poetry, ghazals, poems, Indian style, Persian Persian literature.*

Сведения об авторе:

Шукурова Зайнура *– докторант (Phd), отдел филологических исследований Худжандского научного центра Национальной академии наук Республики Таджикистан, E-mail: komron.4422@mail.ru, тел. +992927934422*

About the author:

Shukurova Zainura *- doctoral student (Phd), Department of Philological Research of the Khujand Scientific Center of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, E-mail: komron.4422@mail.ru, tel. +992927934422*

ТАВСИФИ НУСХАҲОИ ХАТТИИ ДЕВОНИ БЕДИЛ ДАР КИТОБХОНАҲОИ ҶАҲОН

Одинаев О. Н.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров

Мирзо Абдулқодири Бедили Деҳлавӣ яке аз шоирони барҷастаи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ буда, дар баробари Соиби Табрезӣ яке аз ду қуллаи баланди сабки ҳиндӣ аст. Бедил дар соли 1054 ҳ.қ. (1644 м.) дар Патнаи Ҳинд ба дунё омад ва дар соли 1133 ҳ.қ (1720 м) аз дунё рафт. Нуктаи аслӣ ва шоёни таваҷҷуҳ дар осори Бедили Деҳлавӣ, маънии баланди ашъори ӯст, ки ба мушкилфаҳмиву серпечутоб будан машҳур аст ва Бедил худ низ ба ин ҷанбаи осораш вуқуф доштааст. Чуноне дар ҷое ишора мекунад:

Маънии баланди ман, фаҳми тунд мехоҳад,
Сайри фикрам осон нест, кӯҳаму кутал дорам [1, с. 1096].

Аммо бо вуҷуди ин ҳама кӯҳу кутале, ки дар осори ӯ вуҷуд дорад ҳеҷ аз теъдоди донандагону хонандагони ашъораш коста нагардид ва баръакс дар миёни форсизабонон аз шӯҳрати хоссае бархурдор аст. Яке аз далелҳои маҳбубияти Абулмаониро метавон дар он

зикр кард, ки ҳанӯз теъдоди дақиқи нусхаҳои хаттии осораш дар миёни мардуми форсизабон ва китобхонаҳои ҷаҳон мушаххас нагардидааст. Ба қавли Бобобек Раҳимӣ: «Чунончи, дар китобхонаҳои шаҳрҳои Душанбе, Самарқанд, Тошканд, Санкт Петербург, Ашқобод ва Боку беш аз ҳазор нусхаи хаттии осори шоирро дидан мумкин аст» [2, с. 364]. Аксари ин нусхаҳоро гузидаи девони ғазалиёт ҳамроҳи рубоиёти Бедил ташкил медиҳанд. Ин худ далел бар маҳбубият ва ҷой доштани ӯ дар қалби мардуми замонаш ва баъдиниён мебошад. Зеро шеъри Бедил ҷаззобият ва кашишеро дорад, ки хонандаро ба сӯи худ ҷалб мекунад. Шафеии Кадканӣ дар китоби «Шоири оинаҳо» мегӯяд: «Бедил кишварест, ки ба даст овардани визои мусофират бадон, ба осонӣ ҳосил намешавад ва ба ҳар кас иҷозаи вуруд намедиҳад, вале агар касе ин визоро гирифт, тақозои иқомати доим хоҳад кард» [3, с. 9]. Бале, воқеан он касоне, ки мазомини олии шеъри Абулмаониро дарк карда буданд, пайваста дар шарҳу нашри осори гаронбаҳои ӯ кӯшиш ба харҷ дода, умри азизи хешро ваҚфи ин кор намудаанд. Шеъри Абулмаонӣ на танҳо қалби мардуми форсизабони сарзамини Ҳиндро тасхир намуд, балки овозаву маҳбубияти ӯ аз марзҳои Шибҳи Қора убур кард. Бедил тавонист Фарорудро, ки маҳди шеъри форсист, бо сабки хосси худ зери таъсир қарор дода, бештарин ҷойро дар қалби мардуми ин сарзамин пайдо кунад. Ин маҳбубият ба ҳадде расид, ки ҳатто дар мадориси Бухоро, ки Қуббатулисломи замон буд, дарси ҷудогонаи “Бедилхонӣ” ташкил намуданд. Чуноне устод Айнӣ менависанд: «Бедил дар байни оммаи халқи Осиёи Миёна, хусусан дар байни тоҷикон ва ӯзбекон, шӯҳрати калон дорад. Аз вақте, ки нусхаи дастнависи асарҳои ӯ ба ин сарзамин омадааст, мунтахаби ғазалиёт ва рубоиёташ ба мактабҳои ибтидоии кӯҳна даромадааст. Дар мактабҳои кӯҳна баъд аз Қуръон ва дарсҳои динӣ аз адабиёти тоҷикӣ якум хоҷа Ҳофиз, дуйум Мирзо Бедилро мехонданд. Мунтахаби девони Бедилро дар мактабҳо бо расми хатти худаш- бо хатти шикастаи бедилӣ хононда шогирдонро ба хонда тавонистани онгуна хат ҳам водор мекарданд» [4, с. 117]. Ҳамчунин дар чойхонаҳо, масоҷид ва мадрасаҳои ин манотиқ маҳофили бедилхонӣ баргузор намуда, ашъори Абулмаониро шарҳу тавзеҳ мекарданд. Устод Айнӣ дар асари илмии худ «Мирзо Абдулқодири Бедил» ин ҳолатро чунин зикр кардааст: «Дар мадрасаҳои Бухоро, Самарқанд ва Хуҷанд аз ҳаваскорони бедилдӯст даврaҳои алоҳида ташкил карда ва дар атрофи ягон бедилшинос ғун шуда, дар шабҳои таътил бедилхонӣ мекарданд. Дар Ленинобод (Хуҷанди пештара) ҳатто дар чойхонаҳо куллиёт ва девони ғазалиёти Бедил ёфт мешуд, ки босаводони бедилдӯст дар давраи чойнӯшӣ бедилхонӣ мекарданд ва бесаводон ба онҳо гӯш дода, ба қадри фаҳмашон фоида мебурданд» [4, с. 117]. Дар чунин маҳофил нафарони хушхатте вуҷуд доштанд, ки ашъори Бедилро рӯнавис мекарданд. Аксари ин нусхаҳои навишташуда, даст ба даст, то замони мо омада расидаанд. Аз сабаби зиёд будани ин нусхаҳо, мақолаи мавриди назар ғунҷоиши зикр ва тавсифи ҳар кадом аз онҳоро надорад. Ин ҷо мо мехоҳем дар бораи он нусхаҳое, ки маълуму машҳуранд, мухтасаран маълумот диҳем. Аммо дар мавриди чанд нусхае, ки дар замони худи Бедил китобат шудаанд ва ё таърихи китобаташон ба замони ӯ хеле наздик буда, маълумоти муфассалтарро пешниҳод менамоем.

Дар аксар китобхонаҳо ва осорхонаҳои кишварҳои Осиёи Миёна ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ нусхаҳои хаттии осори Бедил нигоҳдорӣ мешаванд. Аз рӯи таърихи китобати нусхаҳои дар Тоҷикистон воқеъбуда, метавон дар ҷои аввал нусхаеро зикр намуд, ки таҳти №715 дар китобхонаи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маҳфуз аст. Нусха аз 414 саҳифа иборат буда, бо хати настаълиқи моил ба шикаста навишта шудааст. Нусхаи мазкур дар худ 510 ғазал (4000 байт) ва 26 рубоиро ҷой додааст. Санаи китобате, ки дар охирин вараҚи нусха нишон дода шудааст, 1102 ҳиҷрӣ (1690-1691) мебошад ва нусха аз тарафи Муҳиддин ибни мулло Муҳаммадлатиф китобат шудааст.

Дуввумин нусхае, ки қобили зикр аст дар ҳамин китобхона таҳти №592 маҳфуз мебошад. Номи котиби он дар ҳеҷ ҷое навишта нашудааст. Соли китобати он бошад дар ду ҷой 1151 (1738-1739) нишон дода шудааст. Мутаассифона чанд вараҚи аввали ғазалиёт пора шуда, аз байн рафтаанд.

Нусхаи дигаре вуҷуд дорад, ки дар шаҳри Душанбе дар Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон таҳти №1145 маҳфуз аст. Нусхаи номбурда дар соли 1230 (1815) дар мадрасаи Бибихалифаи Бухоро рӯйнавис шудааст.

Нусхаи №2465 Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон низ қобили зикр аст. Ин нусха соли 1259 ҳиҷрӣ (1843) китобат шуда, таҚрибан тамоми ашъори лирикии шоирро фарогир мебошад. Баъзе аз ғазалу қасидаву қитъаҳои нусхаи мазкур аз рӯи мазмунашон унвонгузрӣ низ шудаанд.

Дар Осорхонаи таърихии шаҳри Панҷакент нусхае аз куллиёти Абулмаонӣ таҳти № 186 маҳфуз аст. Нусха дар худ ғазалиёт, таркиббанд, тарҷеъбанд, рубоиёт, «Никот», бахше аз

«Чаҳор унсур», порае аз маснавии «Муҳити аъзам» ва қисме дигар аз ашъори гуногунро ҷой додааст.

Аз нусхаҳои мавҷудбуда дар Ӯзбекистон метавон дар ҷои аввал нусхаи хаттии куллиёти осори Бедилро, ки дар китобхонаи Институти шарқшиносии АИ Ӯзбекистон таҳти №2858 нигоҳдорӣ мешавад, зикр намуд. Таърихи китобати нусхаи мазкур соли 1216 (1801-1802) буда, он дар худ девони ашъор, маснавиҳои «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Ирфон» ва ҳамчунин асарҳои насрии шоир «Чаҳор унсур» ва «Никот»-ро ҷой додааст [2, с. 368].

Дигар нусхае, ки дар ҳамин китобхона мавҷуд аст, нусхаи №1880 мебошад. Ин нусха соли 1267 (1850-1851) китобат шуда, аз нигоҳи ҳаҷм нисбат ба нусхаи қаблӣ комилтар мебошад. Мундариҷаи нусхаи мазкур дарбаргирандаи девони ғазалу қасида ва дигар ашъори лирикии шоир, маснавиҳои «Ирфон», «Тилисми ҳайрат», «Муҳити аъзам», «Тури маърифат» ва асарҳои насрии «Никот»-у «Руқаот» мебошад [2, с. 368].

Бобобек Раҳимӣ дар китоби «Ошноӣ бо Бедил» дар мақолае таҳти унвони «Чанд сухан дар бораи баъзе нусхаҳои хаттии осори Бедил» чунин менависад: «Чандин нусхаи хаттии девони Бедилро дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд низ дидан мумкин аст. Дар феҳристи мухтасари нусхаҳои хаттии ин донишгоҳ, ки бо номи «Список восточных рукописей фундаментальной библиотеки Самаркандского университета имени Алишера Навои» (составители А. Пулатов, Х. К. Ахроров. Самарканд, 1977) ба табъ расидааст, аксари онҳо бо санаҳои китобаташон зикр гардидаанд. Яке аз нусхаҳои ин донишгоҳ нусхаи қарни XVII қаламдод шудааст. Гумони ғолиб бар он аст, ки санаи китобат дар худи нусха сабт наёфтааст ва ин фикр тахмини мураттибони феҳрист аст. Аз ин рӯ худи нусхаро надида, ба ақидаи онҳо ҳамроҳ шудан душвор аст. Зоҳиран, қадимтарин нусхаи девони Бедил дар ин китобхона нусхаи соли 1184 (1770-1771) аст, ки дар шаҳри Бухоро китобат шудааст. Бо истиснои ду нусхаи мазкур нусхаҳои дигари девон, ки наздик ба 50 адад ҳастанд, ҳама дар асрҳои 13-14 ҳиҷрӣ рӯйнавис шудаанд» [2, с. 379].

Аз гуфтаи устод Бобобек Раҳимӣ маълум мегардад, ки танҳо дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд наздик ба панҷоҳу ду нусхаи хаттии девони Бедил маҳфуз аст. Бобобек Раҳимӣ дар ҷои дигари ҳамин мақола мегӯяд: «Дар Институти осори хаттии АИ Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ чанд нусхаи қадимаи девони Бедил маҳфуз будааст. Дар ҷилди дуввуми феҳристи ин муассиса, ки аз тавсифи нусхаҳои форсӣ иборат аст, се нусха аз девони Бедил қайд гардидааст, ки дутои онҳо, гӯё, дар замони зиндагии шоир китобат шуда бошанд. Яке нусхаи №3797/1 аст, ки санаи китобаташ 1125 ҳиҷрӣ (1713 милодӣ) нишон дода шудааст. Дигаре №3473, ки соли 1133 ҳиҷрӣ (1720 милодӣ) рӯйнавис шуда будааст» [2, с. 381].

Абулмаонӣ дар миёни мардуми афғон низ аз шуҳрату мақоми волое бархурдор аст. Аз ин лиҳоз дар китобхонаҳои кишвари Афғонистон нусхаҳои хаттии зиёде аз Бедил вуҷуд дорад, ки ба бархе аз онҳо ишора мешавад. Серж Буркуй дар асари худ «Нусхаҳои хаттии Афғонистон» аз чанд нусхаи хатти девони Бедил ном бурдааст, ки яке аз онҳо таҳти №225 дар Музеи Кобул нигоҳдорӣ мешавад. Нусхаи мазкур соли 1120 ҳиҷрӣ (1708-1709) китобат шудааст.

Нусхаи №117/14 Архиви милии Афғонистон низ зикраш аз аҳамият холӣ нест. Танҳо ғазалиёти дар ин нусха мавҷудбуда бисту ҳашт ҳазор байт мебошанд. Ғайр аз ғазалиёт дар ин нусха боз муқаддима, таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаву мухаммас, қитъаҳо ва маснавиёти шоир низ ҷой доранд. Аз ин лиҳоз ин нусхаро ба гурӯҳи комилтарин нусхаҳои Бедил метавон шомил кард. Нусхаро солҳои 1241-1242 (1825-1827) Муҳаммадлатиф ибни мулло Муҳаммадшарифи Шаҳрисабзӣ китобат кардааст.

Дигар нусхае, ки ин ҷо зикрашро муҳим мебинем, нусхаи хаттии куллиёти Бедил мебошад. Ин нусха таҳти №52\22 дар Архиви миллии Афғонистон маҳфуз буда, аз комилтарин нусхаҳои куллиёти маълум дар ин кишвар маҳсуб меёбад. Нусхаи мазкур дар худ ғазалиёт, мухаммасот, қасидаву қитъа, маснавиҳои шоир, асарҳои насрии «Никот», «Чаҳор унсур», «Руқаот» ва ҳамчунин ҳудуди дусад рубоиро дар худ ҷой додааст. Ин нусха солҳои 1245-1247 ҳиҷрӣ (1829-1832 милодӣ) аз тарафи Муҳаммадқосим ибни Мулло Шафеъулло ном шахсе китобат шудааст.

Дигар нусхае, ки дар Архиви миллии Афғонистон маҳфуз аст, нусхаи №137/7 мебошад. Ин нусха дар соли 1246-1247 ҳиҷрӣ (1830-1832) аз тарафи Муҳаммадюнусхоҷа ибни Бобохоҷа ном шахсе китобат шудааст. Ин нусха дар худ муқаддимаи девон, ғазалиёт, зиёда аз сесад рубоӣ, тарҷеъбанду таркиббанд, қасоид, мухаммас, қитъа ва маснавиҳои шоирро

фаро гирифтааст. Ин нусха дар маҷмуъ 31535 байтро дар худ ҷой дода, аз ҷумлаи комилтарин нусхаҳои девони шоир маҳсуб мегардад.

Дар Архиви миллии Афғонистон нусхаи дигар таҳти №164\22 маҳфуз аст. Ин нусха аз муқаддима, ғазалу қасида ва маснавии «Танбеҳулмуҳаввисин» иборат мебошад. Нусха соли 1275 (1858-1859) тавассути Муҳаммадҳусайн ибни мулло Муҳаммадазим дар Ғиждувон китобат шудааст. Тибқи навиштаи худи котиб, ӯ нусхаи мазкурро аз рӯи нусхаи асл китобат кардааст.

Аз нусхаҳое, ки дар Архиви миллии Афғонистон вуҷуд доранд, нусхаи №83\23 низ шоёни зикр аст. Ин нусха, ки «Девони Бедил» ном дорад, яке аз бузургтарин нусхаҳои девони Абулмаонӣ маҳсуб мегардад. Девон аз 1670 саҳифа иборат буда, дар ҳар саҳифаи он бистогӣ байт ҷой дода шудааст. Теъдоди абёти он наздик ба сию чаҳор ҳазор аст. Дар қайде, ки дар нусха вуҷуд дорад, шумораи ғазалҳои онро 3087 адад зикр кардааст. Тибқи ин маълумот нусхаи мазкур аз комилтарин нусхаҳои девони ғазалиёти Бедил ба ҳисоб меравад. Нусха дар ибтидои асри 20 китобат шудааст.

Дар китобхонаи Мадрасаи олии Сипаҳсолори Теҳрон як нусхаи қадимии девони Бедил таҳти №403 нигаҳдорӣ мешавад. Нусха ба хати настаълиқи хуб иншо гардида, бештари калимаҳо бенуқта навишта шудаанд. Теъдоди варақҳои нусха 407-то буда, ҳар варақ дорои 34 сатр, яъне 34 байт мебошад. Ба ин тартиб нусха аз 13-14 ҳазор байт иборат мебошад. Ҳадоиқ ибни Юсуфи Шерозӣ дар асари худ «Феҳристи китобхонаи Мадрасаи олии Сипаҳсолор» (кутуби хаттии форсию арабию туркӣ, Теҳрон, 1316-1318, саҳ.572) ин нусхаро тавсиф кардааст. Бино бар тавсифи ин муаллиф номи котиб ва соли китобати нусха навишта нашудааст. Вале қаринаҳои дар нусха мавҷудбуда далолат бар он доранд, ки ин нусха барои худи Бедил китобат шудааст ва «изофате, ки дар ҳавошӣ нигошта шуда, бо хати худи Бедил» тааллуқ доранд [2, с. 379].

Дигар нусхаи хаттии девони Бедил дар китобхонаи «Маръашӣ Начафӣ»-и Эрон таҳти №11659/1 маҳфуз аст. Сайидмаҳмуд Маръашӣ Начафӣ дар ҷилди 29 китоби «Феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи бузурги ҳазрати Оятуллоҳ Маръашӣ Начафӣ» ин нусхаро тавсиф намудааст. Тибқи гуфтаи ӯ, нусха дар авохири қарни 12 ҳиҷрӣ бо хатти настаълиқи зебо китобат шуда, аз 366 саҳифа иборат мебошад. Дар ҳар саҳифа чаҳордаҳ сатр ҷойгир шудааст [5, с. 438-440].

Дар ҳамин китобхона нусхаи дигаре аз девони Бедил таҳти №780 нигаҳдорӣ мешавад. Нусхаи мазкур дар соли 1277 ҳиҷрӣ дар шаҳри Қунияи Туркия, дар ҷавори Мавлоно аз тарафи Сайидумар Мавлавӣ ном шахсе бо хатти настаълиқ китобат шудааст. Нусха аз мунтахаби ғазалиёт ва шасту ҳашт рубоӣ иборат буда, дар маҷмӯъ, беш аз панҷ ҳазор байтро фаро гирифтааст [6, с. 386-388].

Таҳти №4283 нусхаи хаттии дигари девони Бедил маҳфуз аст, ки таърихи китобати он садаи 13 ҳиҷрӣ зикр шудааст. Нусха аз 340 саҳифа иборат буда, дар ҳар саҳифае 19 байт дарҷ гардидааст. Хатти нусха настаълиқ мебошад. Ба фарқ аз дигар нусхаҳо, нусхаи мазкур танҳо ғазалиёти шоирро фаро гирифтааст [7, с. 282].

Дар китобхонаи «Хонақоҳи Неъматуллоҳӣ»-и шаҳри Теҳрон нусхае таҳти №306 маҳфуз аст. Сайид Иброҳими Дебоҷӣ дар ҷилди дуввуми «Феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи Нурбахш» ин нусхаро тавсиф кардааст. Дар феҳрист номи муаллиф «Муҳаммад Зиёуддини Нақшбандии Муҷаддадии Холидӣ мутахаллис ба Бедили Бухорӣ» зикр шудааст. Нусха дар соли 1277 ҳиҷрӣ китобат шуда, аз 472 саҳифа иборат мебошад. Оғози нусха ғазали «Ба авҷи кибриё к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо» буда, поёни он рубоии «Акнун чӣ кунам агар нанолам Бедил» мебошад. Нусха бо хатти шикастаи настаълиқ китобат шудааст [8, с. 49].

Китобхонаи «Маҷлиси шӯрои исломӣ»-и Эрон низ аз осори хатти Бедил холӣ нест. Дар ҷилди 36 феҳристи нусхаҳои хаттии китобхонаи мазкур нусхае аз девони Бедил таҳти №13406 зикр шудааст. Нусхаи мазкур дар соли 1232 ҳиҷрӣ аз тарафи Мирзо Муҳаммадносир ибни Мирзо Муҳаммадмираки Бухорӣ китобат шуда, шомили ғазалиёт ва рубоиёти Бедил мебошад. Нусха бо ғазали «Ба авҷи кибриё к-аз паҳлуи аҷз аст роҳ он ҷо» оғоз шуда, бо

рубоии «Бедил чи намуд шахсият аз пайдой» хатм мешавад. Хатти нусха настаълиқ буда, аз 402 барг иборат мебошад [9, с. 345].

38. Ходжаева Н. локализация авестийских гор Хара березаити, рек Вахви-Даити, Ранха и моря Ворукаша / Н. Ходжаева. – Душанбе: Дониш, 2003. – 135 с.
39. Ходжаева Н.Дж. Историческая география Центральной Азии в доисламский период / Н.Дж. Ходжаева. – Душанбе: Дониш, 2017. – 380 с.
40. Ходжаева Н. Поездки М.С. Андреева на Памир в 1902 и 1907 гг. // Научный вклад М.С. Андреева и А.А. Семенова в изучение истории и этнографии таджикского народа / Н. Ходжаева. Международная научно-теоретическая конференция. Душанбе, 23 октября 2018 г. – Душанбе, 2019. – С. 158-165.
41. Ходжаева Н. Топонимика, орография и гидрография современного Таджикистана в трудах русских исследователей второй половины XIX – начала XX вв. / Н. Ходжаева // Вклад российской науки в изучение уникального историко-культурного и природного богатства Таджикистана / Сборник материалов Международной научной конференции , посвященной 200-летию российского востоковедения (г. Худжанд, 23 ноября 2018 года). Серия «Евразийский перекресток». Вып. 11. – Оренбург ООО ИПК «Университет», 2019. – С. 19-25.
42. Ходжаева Н. Топонимика горных районов Таджикистана в контексте изучения географии Авесты / Н. Ходжаева //Актуальные проблемы Иранской филологии. К 90-летию доктора филологических наук, профессора Рахима Халиловича Додыхудоева. – Душанбе, 2019. – С. 98-106.
43. Чихачев П.А. О исследование вершин Сыр и Аму-Дарьи и нагорной площади Памира / О.П. Чихачев. – СПб.: Тип. Второго Отделения Собств. Е.И.В. Канцелярии, 1848. – 32 с.
44. Якубов Ю. К проблеме времени и места рождения Заратуштры / Ю. Якубов // Авеста в истории и культуре Центральной Азии. – Душанбе, 2001. – С. 23-47.

45. Bartholomae Chr. Altiranisches Wörterbuch / Chr. Bartholomae. – Srassburg:» Verlag Von Karl J. Trübner, 1904. – 2000 sp.
46. Bailey H.W. Dictionary of Khotan Saka / H.W. Bailey. – Cambridge: Cambridge Univ. Press, 1979. – 599 p.
47. Grenet F. Zoroastre au Badakhshân / F. Grenet // Studia Iranica. – 2002. – Tome 31, fascicule 2. – P. 193-214.
48. Grenet F. Zarathustra's Time and Homeland. Geographical Perspectives / F. Grenet // The Wiley Blackwell Companion to Zoroastrianism. Ed. by M. Stausberg, Y. S-D. Vevaina. – London: John Wiley & Sons, Ltd., 2015. – P. 21-29.

НЕКОТОРЫЕ АВЕСТИЙСКИЕ ГЕОГРАФИЧЕСКИЕ НАЗВАНИЯ ГОРНЫХ РАЙОНОВ СОВРЕМЕННОГО ТАДЖИКИСТАНА В ТРУДАХ РУССКИХ ДОРЕВОЛЮЦИОННЫХ УЧЕНЫХ

В статье анализируются отчеты русских ученых, посетивших Центральную Азию во второй половине XIX начале XX вв. В результате изучения представленных ими данных по топонимии, гидрографии и орографии Восточной Бухары, а также ряда районов Северного Афганистана, автору статьи удалось подкрепить свои предположения на отождествление авестийских гор Хара Березаити, рек Вахви-Даити и Ранха. Более того, благодаря отчетам русских ученых в статье впервые представлены авестийские географические названия территории современного горного Таджикистана, которые в настоящее время утрачены.

Ключевые слова: *Центральная Азия, топонимы, оронимы, гидронимы, локализация, отождествление, русские ученые, авестийская география, горный Таджикистан, Афганский Бадахшан.*

SOME AVESTAN GEOGRAPHICAL DENOMINATIONS OF MOUNTAIN AREAS OF MODERN TAJIKISTAN IN THE WORKS OF RUSSIAN PRE-REVOLUTIONARY SCIENTISTS

The reports of Russian scientists who visited Central Asia in the second half of the 19th-early 20th centuries are explored in this article. As a result of studying their record in place names, hydrography and orography of Eastern Bukhara, as well as some areas of Northern Afghanistan, the author was able to back up their assumptions for the identification of the Avestan Harā bərəzaitim mountains, the Vaŋhuiiā̊ dāitii and Raŋhā rivers and the Vouru-kaša sea. Moreover, due to the reports of Russian scientists, the article presents for the first time the Avestan geographical denominations of the territory of modern mountainous Tajikistan, which are now lost.

Keywords: *Central Asia, toponyms, oronyms, hydronyms, localization, identification, Russian scientist, Avestan geography, mountainous Tajikistan, Afghan Badakhshan.*

Сведения об авторе:

Ходжаева Наргис Джомиевна *- доктор исторических наук, доцент кафедры истории таджикского народа Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, E-mail:rangha@mail.ru*

About the author:

Khojaeva Nargis Jomievna *- Doctor of Historical Sciences, Associate Professor of the Department of History of the Tajik People, S. Aini Tajik State Pedagogical University, E-mail: rangha@mail.ru*

АЗ ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ ВА ТАШАКУЛИ СТАНДАРТҲО

Бобоев Х.Ю., Кабиров Ф.О.
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Мафҳуми стандартонӣ ҳанӯз дар замонҳои қадим пайдо шуда, баробари рушди истеҳсолот такомул ёфтааст. Замоне, ки мафҳуми стандарт (*анг. standard - меъёр, миқёс, намуна, намунаи муқаррарашуда*) қабул нашуда буд, дар Миср тахтасангҳои калони сунъӣ барои бунёди аҳромҳо, дар Рим бошад, лӯлаи хатҳои обгузар ба сифати стандарт истифода мешуданд. [5, с.14]

Инқилоби Октябр (7 ноябри соли 1917) дар таъриҳи инсоният дигаргуниҳои куллӣ ворид намуд. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ истеҳсоли ҳама гуна маҳсулоти истеъмолӣ бо суръати баланд рушд ёфта, захираҳои иқтисодии мамлакат афзоиш ёфтанд. Иттиҳоди Шӯравӣ ҳиссаи панҷуми маҳсулоти саноатии ҷаҳонро истеҳсол мекард. Стандартонии давлатӣ низ маҳз аз даврони шӯравӣ ибтидо гирифта, роҳи тӯлониро тай кардааст. Нахустин санади давлатӣ «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми байналхалқии ченакҳо ва андозаҳо» (14 сентябри соли 1918), ки аз он рушди стандартонӣ дар ИҶШС ибтидо мегирад, аз ҷониби В.И. Ленин ба имзо расида буд. Дар соли 1923 Кумитаи меъёрҳо ва стандартҳо асос ёфт.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ, ки сохтори махсуси сиёсӣ ба ҳисоб мерафт, низоми мутамаркази стандартонӣ таъсис ёфта, рушд кард. Дар соли 1923 дар назди Комиссариати Халқии нозироти

коргарону деҳқонон Бюрои стандартонӣ, ки ба он вазифаи омодасозии пешниҳодҳо ҷиҳати таъсис додани мақомоти марказии роҳбарикунандаи стандартонӣ вогузор шуда буд, ташкил ёфт. Пас аз як сол бо ташаббуси Ф.Э. Дзержинский Бюрои стандартонии саноатӣ таъсис меёбад. Дар он зиёда аз 100 комиссияҳои корӣ оид ба ҳамаи соҳаҳои саноатӣ фаъолият мекарданд. Дар ин комиссияҳо мутахассисони баландихтисос, ки илм, муассисаҳои олии таълимӣ ва муассисаҳои гуногунро намояндагӣ мекарданд, иштирок доштанд.

15 сентябри соли 1925 дар асоси Қарори Шӯрои Халқии Комиссарони ИҶШС органи умумииттифоқӣ дар соҳаи стандартонӣ – Кумитаи стандартонӣ дар назди Шӯрои Меҳнат ва Муҳофизат (СТО-ШММ) таъсис дода шуд, ки раиси он арбоби барҷастаи сиёсӣ В.В.Куйбышев таъин гардид. В.В.Куйбышев дар чунин ақида буд, ки «кор дар соҳаи стандартонӣ бояд на танҳо бо хоҷагии халқ мутаносибан рушд ёбад, балки бояд аз он пеш гузарад». [1, с.35].

Бояд қайд кард, ки дар давраи пеш аз Кумитаи стандартонӣ ва баъд аз таъсисёбии он аксари арбобони машҳури давлатӣ, олимон, роҳбарони хоҷагӣ, метрологҳо бисёр масоили ба коркард, ҷорӣ кардан ва риояи стандартҳо, беҳтар кардани сифати маҳсулот, нақши стандартонӣ ва метрология ҷиҳати ҳалли вазифаҳои муҳимми иқтисодӣ ва хоҷагӣ рабтдоштаро, ки бидуни ҳалли бомуваффақиятонаи онҳо нақши стандартониро дар рушди ҷамъият тасаввур кардан номумкин буд, ба миён гузоштанд.

Аз ҷумлаи нафароне, ки бо гузоришҳо, корҳои тадқиқотӣ, фаъолияти ташкилӣ ва амалии худ ҷиҳати рушди стандартонӣ ва метрология дар тӯли 85 сол саҳми босазо гузоштаанд, арбобони давлатӣ, назири В.В.Куйбышев (раиси якуми Кумитаи стандартонӣ), Ф.Э.Дзержинский, А.В.Луначарский, Н.А.Семашко; роҳбарон ва муассисони стандартонӣ – А.К.Гастева, А.Е.Вяткин, В.В.Бойцов; олимони бузург – академикҳо Г.М.Кржижановский, И.П.Бардин, Е.А.Чудаков, Д.П.Коновалов, Н.С.Курнаков, М.А.Шателин ва бисёр дигаронро қайд кардан мумкин аст.

Яке аз нахустин иқдом Кумитаи стандартонӣ дар санаи 7 майи соли 1926 тасдиқи расмии аввалин стандарти умумииттифоқӣ – ОСТ 1 «Гандум. Навъҳои селексионии арзан. Намудҳо» маҳсуб меёбад. Дар се соли баъдӣ зиёда аз 300 стандартҳои умумииттифоқӣ ба маҳсулоти озуқавӣ (нон, намак, равған), маҳсулоти саноати кимиёӣ, пахта, нафт, объектҳои сохтмонӣ ва ғайра тасдиқ гардиданд. Дар давоми шаш сол баъд аз тасдиқи нахустин стандарти умумииттифоқӣ, Кумита 4114 стандартҳои дигарро тасдиқ намуд.

Дар охири солҳои 20-ум чораҳои андешидашуда ҷиҳати рушди стандартонӣ натиҷаҳои назаррас ба бор оварданд. Низоми стандартонии умумидавлатии мукамал, ки тамоми соҳаҳои хоҷагии халкро фаро мегирифт, таъсис ёфт.

Бо дарназардошти нақши ниҳоят муҳимми стандартонӣ ва метрология дар давраи индустриякунонии мамлакат, дар соли 1930 бо қарори Шӯрои Комиссарони Халқ аз 6 август, таҳти № 266 «Муқаррарот оид ба Кумитаи умумииттифоқии стандартонӣ (ВКС) дар назди Шӯрои Меҳнат ва Муҳофизат», ки тибқи он Кумитаи мазкур ба мақоми олии на танҳо стандартонӣ, балки метрология дар мамлакат табдил меёбад, тасдиқ гардид. [1, с.42].

Баъд аз як сол палатаҳои ҷумҳуриявии андоза ва вазн барҳам дода шуда вазифа ва амволи онҳо ба кумитаҳои стандартонии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ дода шуда, Палатаи асосии андоза ва вазнҳо ба Институти илмӣ-тадқиқотии умумииттифоқии метрология ва стандартонӣ (ВИМС) табдил меёбад.

Нимаи дуюми солҳои 30-юми асри ХХ давраи парокандашавии стандартонӣ маҳсуб меёбад. Дар соли 1936 Кумитаи умумииттифоқии стандартонӣ барҳам дода шуда, ҳуқуқи тасдиқи стандартҳоро Шӯрои Комиссарони Халқ (ШКХ) ва кумитаҳо оид ба стандартонӣ соҳиб гардиданд. Дар ибтидо ҳуқуқи тасдиқи стандартҳо ба панҷ кумитаҳои халқӣ – Кумитаи халқии саноати вазнин, Кумитаи халқии саноати сабук, Кумитаи халқии саноати хӯрокворӣ, Кумитаи халқии ҷангал ва Кумита оид ба тайёр кадани маҳсулоти хоҷагии қишлоқи назди ШКХ ИҶШС дода шуд. Баъдтар шумораи онҳо афзоиш ёфт.

Таҳаввулоти мазкур ҳадафи рушди бештари стандартониро дар маҳалҳо пайгирӣ мекард. Вале сол то сол ноқисиҳои ғайримутамарказ будани стандартонӣ бараъло рӯшан мегардид. На ҳама вақт манфиатҳои умумии хоҷагии халқ ба инобат гирифта мешуданд. Объектҳои стандартонӣ дар байни кумитаҳои халқӣ аниқ тақсим нашуда буданд, ки дар натиҷаи он стандартҳо такрор меёфтанд ва ё дар бисёр объектҳои муҳим стандартҳо умуман вуҷуд надоштанд. Бо дарназардошти ин дар соли 1939 дар анҷумани XVIII ВКП(б) – КУҲ(б) ҷиҳати ногузирии ба тартиб овардани стандартонӣ қарор қабул гардид.

Дар соли 1940 стандартҳо унвони стандартҳои давлатӣ (ГОСТ)-ро гирифтанд. Дар ибтидои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар Шӯравӣ қариб 8600 стандартҳо барои соҳаҳои гуногуни истеҳсолот амал мекарданд. Ҷанг бо назардошти зарурати сарфаи захираҳои моддӣ, таъмини васеи истеҳсоли техникаи ҳарбӣ бозсозии ногаҳониро дар соҳаи стандартонӣ тақозо мекард. Дар давраи ҷанг стандартҳо ба дастгоҳҳои муҳаррикҳои газӣ, механизмҳо ҷиҳати ба кор даровардани муҳаррикҳо, инчунин сандартҳо ба қисмҳои эҳтиётии мошинҳо тасдиқ гардиданд. Стандартонии гудозиши

такрории маснуоти алюминӣ ва биринчӣ ҷиҳати сарфаи нерӯ ва ашёи хом нақши ниҳоят муҳим дошт. Ҷорӣ кардани стандартҳо ба маснуоти киштисозӣ, ки ба сарфаи метал имкон дод, самараи бузурги иқтисодӣ маҳсуб меёфт.

Яке аз афзалиятҳои яроқи шӯравӣ истеҳсоли васеъ дар муддати кӯтоҳтарин ва таъмири осони онҳо ба ҳисоб мерафт. Танкчиёни шӯравӣ имкон доштанд, ки дастгоҳҳо ва яроқҳои хешро дар шароитҳои сахрӣ таъмир намоянд. Бо назардошти ҳаводиси ҳарбӣ шуъбаҳои стандартонии танксозӣ, нақлиёти мошинӣ, аслиҳа ва самолётсозӣ таъсис дода шуд.

Самти муҳимми фаъолияти стандартонӣ сарфаи бузурги захираҳои сӯзишворӣ ба ҳисоб мерафт.

Баъд аз ҷанг соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, ба амсоли кимиё, металлургия, мошинсозӣ бо суръати баланд рушд ёфтанд, ки боиси инкишофи стандартонии соҳавӣ ва заводӣ гардиданд. Дар соли 1954 дар назди Шӯрои Вазирони ИҶШС кумитаи стандартҳо, васоити ченкунӣ ва меъёрҳо, ки тамоми кори метрология ва васоити ченкуниро дар мамлакат роҳбарӣ мекард, таъсис дода шуд.

Дар низоми Кумитаи стандартҳо институти илмӣ-техникӣ ҷиҳати батартибдарории мошинсозӣ, дар соҳаҳои саноатӣ шуъбаҳои бунёдӣ, хизматрасониҳои стандартонӣ таъсис меёбанд.

Хоҷагии қишлоқ, саноат бо суръати афзоянда рушд мекард ва мутаносибан қавоиди қатъиро нисбат ба стандартонии мамлакат тақозо дошт. Дар соли 1965 стандартонӣ дар мамлакат, ки аз талаботи болораванда қафо мемонд, мавриди муҳокима ва баррасии олимон, ҷомеашиносон, кормандони саноат қарор гирифт. [1, с.35].

Қадами муҳим дар рушди стандартонӣ қарори Шӯрои Вазирони ИҶШС (11 январи соли 1965) маҳсуб меёфт. Дар он қайд гардида буд, ки нақши стандартонӣ дар зимни ҳалли вазифаи болобардории хоҷагии халқ меафзояд. Таъкид гардид, ки стадартҳо ба санадҳои меъёрӣ-техникӣ ва лоиҳавӣ-конструкторӣ низ коркард карда шаванд. Дар натиҷаи он низомҳои гуногун, ба амсоли Низоми давлатии стандартонӣ (НДС); Низоми ягонаи санадҳои технологӣ (НЯСТ); Низоми ягонаи санадҳои конструкторӣ (НЯСК) ва ғайраҳо коркард шуданд, ки ҳамаи шаклҳои фаъолиятро ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти баландсифат ба танзим медароварданд. Инчунин Низоми давлатии таъмини ягонагии ченакҳо (НДЧ), ки ҳадафи ташкили шароитҳои умумидавлатӣ, ҳуқуқӣ, меъёрӣ, техникӣ ҷиҳати ҳалли вазифаи таъмини ягонагии ченакҳоро пайгирӣ мекард, коркард гардид. Дар ин марҳилаи стандартонӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ вазифаҳои беҳтар гардонии сифати маҳсулот, афзоиши сатҳи васоити ченкунӣ муайян шуда буданд. Ҳалли вазоифи мазкур ба хоҷагии халқ нигаронида шуда буд. Аз ҷониби анҷумани XXIV ҲКИШ вазифа гузошта шуд, ки сатҳи сарфакорӣ ва техникии маҳсулот баланд бардошта шавад. Ҳамаи маҳсулоти нав бояд аз ҷиҳати сифат ва тавсифи техникӣ-иқтисодӣ аз маҳсулоти кишварҳои дигар кам набошад, инчунин маҳсулоти истеҳсолшуда бояд ҷавобгӯи комёбиҳои пешқадами илм ва техникаи ҷаҳонӣ бошад. Анҷумани XXV қарорҳои анҷумани қаблиро пурра кард. Таъкид карда шуд, ки нақши стандартҳо баҳри афзоиши прогресси илмӣ-техникӣ, инчунин барои беҳтар гардонидани сифати маҳсулот, ашёи хом бояд баланд бардошта шавад. Қарорҳои анҷуманҳои мазкур мукамалгардонии стандартҳоеро, ки сифати маҳсулоти истеҳсолшавандаро кафолат медоданд, тақозо мекарданд. Ҳамаи стандартҳои амалкунанда мавриди тафтиш қарор гирифтанд. Стандарти давлатӣ органи умумииттифоқии идоракунии давлатӣ буда, стандартонӣ ва метрологияро роҳбарӣ мекард. Вазифаҳои асосии стандарти давлатӣ дар нуктаҳои зер зоҳир мегардид:

1.Коркарди асосҳои илмӣ-методӣ ва техникӣ-иқтисодии стандартонӣ

2.Таъмини ягонагӣ ва аслияти ченакҳо

3.Таъсиси методҳои нав ва мукаммалгардонии шеваҳои куҳнаи ченкунӣ

Дар рушди стандартонӣ қарорҳои дар соли 1970 қабулгардида аҳамияти калон доштанд. КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС 10 ноябри соли 1970 қарор «Дар бораи болоравии нақши стандартҳо дар беҳтар гардонии сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда»-ро қабул карданд. Бо ин қарор аввалин маротиба ба истеҳсоли маҳсулоти бесифат, ки ба талаботи стандартҳо ва шартҳои техникӣ ҷавобгӯ набуданд, таҳрим ҷорӣ гардид. Аз пайи чорачӯиҳои Стандарти давлатӣ муносибат ба стандартонӣ кулан тағйир ёфт.

Қобили зикр аст, ки КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС ташкилотҳои шӯравӣ, ҳизбӣ ва хоҷагиро вазифадор намуданд, ки дар муҳлати кутоҳтарин истеҳсоли мошинҳо, дастгоҳҳо, таҷҳизот, маводҳо ва дигар маҳсулотеро, ки ба нишондиҳандаҳои сифатӣ ва техникӣ-иқтисодии сатҳи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошанд, таъмин намоянд. Ҳамаи лоиҳаҳо ва вазифаҳо, ки ба нақша гирифта шуда буданд, ба тағйирёбии стандартҳои истеҳсолот боис гардиданд. Масоили муҳим ҷиҳати ҳалли вазифаҳои стандартонӣ ва рушд, Стандарти давлатӣ, ки аз қарори КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС «Дар бораи болоравии нақши стандартҳо дар беҳтар гардонии сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда» маншаъ мегирифтанд, қабл аз ҳама ба Низоми давлатии стандартонӣ вобастагӣ доштанд.

АДАБИЁТ

1. Козлов, М.Г. Метрология и стандартизация: Учебник / М.Г.Козлов. – М.,СПб: Изд-во «Петербургский институт печати», 2001. – С. 124.
2. Кайнова В.Н. Основы технического регулирования: монография/ В.Н. Кайнова; НГТУ. – Нижний Новгород, 2010. – 186 с.
3. Каменцева, Е.И. Русская метроогия / Е.И. Каменцева, Н.В. Устюгов. – М.:Изд-во: «Высшая школа»,1975.
4. Любушкин, О.И. ВНИИНМАШ – головной институт Росстандарта /О.И.Любушкин, Б.З. Брод, Г.П. Бунин, М.И. Бодрова // Вестник ВНИИНМАШ. Техническое регулирование и стандартизация. – 2011. –№8. – С. 7–11.
5. М.Т.Идиев, И.М.Мирзомиддинов, Д.М.Бобоев. Стандартизатсия, метрология ва сертификатсия. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, 2016. саҳ. 14-15.
6. Мищенко С.В. История метрологии, стандартизации, сертификации и управления качеством / С.В. Мищенко, С.В. Пономарев, Е.С. Пономарева, Р.Н. Евлахин, Г.В. Мозгова. – М.: Издательство ТГТУ, 2004. – 112 с.
7. Основы стандартизации. Учебник для техникумов /Под ред. В.В. Ткаченко. – М.: Издательство стандартов, 1986. - С.33.

ИЗ ИСТОРИИ УСТАНОВЛЕНИЯ И ФОРМИРОВАНИЯ СТАНДАРТОВ

В статье описывается система государственного стандарта, процесс выполнения базовых нормативных работ во всех отраслях промышленности и экономики. Автор считает ученый известный российский Г.Д.Колмогорова очень важным в развитии сектора государственного стандарта, важного для реализации задач, поставленных ЦК КПСС и Совета Министров СССР, и решений, направленных на следующие направления; ускорение научно-технического прогресса; повышение эффективности общественного производства; удовлетворение потребностей народного хозяйства; внедрение передовых стандартов; расширение межотраслевых специальностей; обеспечение высокого технического уровня; повышение эффективности государственного контроля.

В 1985 году завершилась регламентация нового законодательства по всем направлениям стандартизации и метрологии, включенным в Свод законов СССР.

Автор считает, что стандартная отрасль высоко ценилась в советское время, особенно в 70-е и 80-е годы, а стандарты, взявшия начало в 1920-е годы с отдельных административных мер по регулированию документов, со временем привели к созданию общенациональной системы производства, которые в начале 90-х отвечали всем требованиям научно-технического прогресса. Автор приходит к выводу, что в 70-е и 80-е годы развитие системы стандартов, таких как Государственная система стандартов (ГСС), Единая система технологических документов (ЕСТД), Единая система конструкторской документации (ЕСКД), Правительство Республики Таджикистан обеспечило развитие технического прогресса и сохранение всех видов ресурсов, которые не утратили своей актуальности и по сей день.

Ключевые слова: *стандартизация, прогресс, технический, системный, общегосударственное производство, межотраслевой, отрасль, экономика, эффективность, контроль.*

FROM THE HISTORY OF ESTABLISHMENT AND FORMATION OF STANDARDS

The article describes the system of state standards, the process of implementation of basic regulations in all sectors of industry and economics. The author is a well-known Russian scientist. D. Kolmogorov considers very important in the development of the sector of the state standard, important for the implementation of the tasks assigned by the Central Committee of the CPSU and the Council of Ministers of the USSR, and the decisions directed to the following directions; acceleration of scientific and technical progress; increase the efficiency of public production; satisfaction of the needs of the national economy; introduction of previous standards; expansion of interdisciplinary specialties; provision of high technical level; increasing the effectiveness of state control.

In 1985, the regulations of the new legislation in all areas of standardization and metrology, included in the Code of Laws of the USSR, were completed.

The author considers that the standard branch was highly valued in the Soviet period, especially in the 70s and 80s, and the standards, which began in the 1920s with the separation of administrative measures for the regulation of documents, were brought in due course. which in the early 90's responded to all the demands of scientific and technical progress. The author comes to the conclusion that in the 70s and 80s the development of systems of standards, such as the State System of Standards (GSS), the Unified System of Technological Documents (ESTD), the Unified System of Design Documentation (ESKD), the Government

of the Republic of Tajikistan progress and ensured the preservation of all types of resources that have not lost their relevance and on this day.

Keywords: *standardization, progress, technical, system, nationwide production, intersectoral, industry, economy, efficiency, control*

Сведения об авторах:

Бобоев Хайёл Юлдошович – *доктор исторических наук, профессор кафедры физики и инженерных дисциплини Технологический университет Таджикистана. E-mail: khbobo@mail.ru Телефон: (+992) 918672943*

Кабиров Фирдавс Одилшоевич *– Технологического университета Таджикистана, соискатель кафедры машин и аппаратов пищевых производств имени Курбонова И.И. E- mail: firdavskabir@mail.ru Телефон: (+992) 900020179; 915480348*

About the authors:

Boboev Khayyul Yuldoshovich - *Doctor of Historical Sciences, Professor of the Department of Physics and Engineering Disiplines Technological University of Tajikistan. E-mail: khbobo@mail.ru Phone: (+992) 918672943*

Kabirov Firdavs Odilshoevich - *Technological University of Tajikistan, applicant for the Department of Machines and Apparatuses for Food Production named after I. Kurbonov E-mail: firdavskabir@mail.ru Phone: (+992) 900020179; 915480348*

ТАЪРИХИ ДОНИШҲОИ ТЕХНИКИЮ МУҲАНДИСӢ ДАР АСРҲОИ МИЁНА

Азим Иброҳим
Арбобов Х.М.
Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявӣ

Техника ва таърихи он аҳамияти бузуги илмию фарҳангӣ дорад, зеро он мавқеъ ва таъсири шоистаеро дар ҳаёти маънавӣ, фарҳангӣ ва илмии инсоният сазовор аст.

Оғози донишҳои техникӣ аз пайдоиши соддатарин олоти меҳнат ибтидо мегирад. Бояд гуфт, ки техника ба маънои умумӣ аз пайдоиши соддатарин олоти меҳнат аз қабили чӯбдаст ба маънои асо, калтаки махсусба маънои олоти ҷангӣ ё дифоӣ, олоти сангӣ ва ғайра барои ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи ҳаёт ибтидо мегирад. Мавод барои омодасозии соддатарин олоти меҳнат санг маҳсуб мегардид, ки одамони қадим ҳам барои қути лоямут ва ҳам барои ҳимояи худ истифода мекарданд. Тадричан инсони кунҷков сангпораи теғдор (эолит)-ро аз замин пайдо карда, кӯшиш мекард, дигар сангҳоро низ чунин тағйир диҳад. [3]. Ҳамин тариқ, сохтани теғасанги дастиро аввалин ва соддатарин намунаи техника номидан ҷоиз аст.

Кашфи оташ ва роҳҳои ҳосил кардани он тавассути соиши санг бо санг, парманамоии чӯб ва ғайра намуди дигари кори техникӣ дар ҷаҳони бостон ба шумор меравад. Таърихи донишҳои техникӣ ва муҳандисӣ дар ҷаҳони бостон бад-ин минвол то кашфи тиру камон ва белу каланд идома ёфтааст, ки аз олоти шикорӣ ва кишоварзӣ маҳсуб меёбанд.

Аввалин донишҳои техникӣ дар Шумери қадим, Бобулистон, Мисри Қадим, Чини Қадим, Юнони Қадим, Ҳиндустони Қадим пайдо шуда тадричан ба Юнону Рими Қадим интиқол ёфта, рушд кардааст.

Пӯшида нест, ки маълумоти имрӯза ва фардои мамлакат бояд ҷавобгӯи талаботи давр, муносибатҳои ҷамъиятӣ, илм ва техника, маданият ва сатҳи ҷаҳонии инкишофи маориф ва илми педагогика бошад. Имрӯз мазмун ва мундаричаи он, дар баробари бо пешрафти умумии илму техника ва технологияи ҷаҳонӣ вобастагии ногусастанӣ доштан, баҳри инкишофи нерӯҳои ақлонӣ, фикрӣ, ҷаҳонбинӣ ва эҷодии талаба ва дар ӯ ташаккул додани хусусиятҳои шахсияти ҳаматарафа инкишофёфта, мустақил, озодандеш, эҷодкор ва баркамол равона карда шавад. Пешрафти илму техникаи ҷаҳон, махсусан бо суръат инкишофёбии техникаи компютерӣ аз мутахассисони оянда талаб мекунад, ки доираи васеи донишро оид ба табиат, ҷамъият, маданият, коинот, иқтисодиёт, сиёсат, ахлоқу одоб, техника, технология ва монанди инҳоро дошта бошанд.

Аксари пажӯҳишгарони тамаддуншинос бар он ақидаанд, ки гузаштаро надониста, ба моҳияти асосии ҳозира сарфаҳм рафтан ва ояндаро пешгӯӣ намудан аз имкон берун аст. [3; 5; 9 10]. Таърихи тамаддуни башар дар назди мо занҷиреро мемонад, ки ҳар як ҳалқаи он бо ҳалқаҳои қабл ва баъд марбут аст. Инсон тӯли асрҳо захираи донишҳои худро муттасил ғанӣ кард ва тақрибан дар асри IV-V пеш аз милод донишмандони Юнони Қадим аз қабили Фалес, Афлотун, Арасту, Демокрит, Эпикур, Пифагор, Евклид, Архимед ва дигарон дониши пешиниёнро такмил дода, бо таҳқиқоти хеш ба ташаккули назарияи илмӣ, фалсафа, сохти атомии модда асос гузоштанд.

Маълум аст, ки китоби муқаддаси Авасто ба унвони сарчашмаи таърихӣ, яке аз муҳимтарин маъхаз рочеъ ба таърихи қадимаи халқҳои Осиёи Миёна ва Эрон ба ҳисоб меравад. Дар Авасто тамоми таҷрибаи таърихӣ ва донишҳои пешини инсонӣ ҷамъбаст шудааст. Агарчӣ дар матнҳои муғонаи ин асар унсурҳои натурфалсафа ва табиатшиносӣ бо мантиқ ва тафаккури шоирона омадааст, вале баъзе аз бобҳои он рочеъ ба мавзӯоти илмҳои дақиқ, аз ҷумла риёзиёту нуҷум баҳс дар миён гузоштаанд, чунончӣ дар хусуси ҳаракати ҷирмҳои осмонӣ, танзими вақт, баъзе аз қоидаҳои риёзиёт ва ғайра.

Пас аз барҳам хӯрдани империяи Рум маркази фаъоли илмӣ ба Шарқи асримиёнагӣ – Осиёи Марказӣ ва Эрон кӯчид. Минтақаи бостонӣ - Осиёи Марказӣ ва Эрон, ки миёни Аврупою Осиё қарор дорад, тӯли даҳ аср (яъне асрҳои V-XV) ба маркази муҳими илму фарҳанг табдил ёфт. Дар давру замонҳои гуногун дар шаҳрҳои марказии кишварҳои машриқзамин чандин марказҳои илмӣ шакл гирифтанд ва дар онҳо садҳо донишмандони маъруф ҳаёт ва фаъолияти илмӣ бурдаанд.

Кашфиёту дастовардҳои илмии алломаҳои машриқзамин, ба монанди Муҳаммади Хоразмӣ, Абӯнасри Форобӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Абулвафои Бузҷонӣ, Ибни Ироқ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Кушиёри Гелонӣ, Ибни Ҳайсам, Закариёи Розӣ, Абӯрайҳонӣ Берунӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ, олимони мактаби илмии Самарқанд (асри XV) ва даҳҳо дигарон дар ташаккули методологияи илмӣ: назария, таҷриба, амалия; коркарди маҳфумҳои асосии илми муосир, ба вуҷуд омадани бахшҳои нави илмҳо, таъсиси технологияи нав ва асоси истеҳсолоти саноатӣ саҳми босазое гузоштаанд.

Мутафаккирон ва донишмандони Шарқи исломӣ осори зиёди илмии гаронбаҳо таълиф кардаанд, ки қимати онҳо ҳамчун яке аз намудҳои ахбор аз гузашта беҳамтост. Агарчи бештари таълифоти ниёгон бар асари осеби замон нобуд шуданд, алҳол зиёда аз 500 феҳристи нусхаҳои хаттии ба забони форсӣ мавҷуданд ва садҳо дигар нусхаҳои хаттӣ дар китобхонаҳои гуногуни кишварҳои Шарқу Ғарб нигаҳдорӣ мешаванд. Ҳамаи ин нусхаҳо ниёз ба таҳқиқу баррасӣ доранд.

Натиҷаи тадқиқоти заҳматталаби зиёда аз якунимасраи муаррихони илм аз қабили: Г.Зутер (1848-1922), Э.Видеман (1852-1928), Ю.Рушка (1867-1949), К.Наллино (1872-1938), К.Шой (1877-1925), М.Кантор (1868-1956), Г.Сартон (1884-1956), Э.Кеннеди, Д.А.Кинг, А.П.Юшкевич, Б.А.Розенфелд, У.И.Каримов, Т.Н.Қорӣ-Ниёзов (1896-1970), Г.П.Матвиевская, П.Г.Булгаков, М.М.Рожанская, Г.Собиров (1935-1976), Х.Ф.Абдуллозода, А.Ш.Комилӣ, М.Боқирӣ ва дигарон буд, ки аҳли башар бо саҳми босазои дар инкишофи илмҳои дақиқ, бахусус астрономия ва математика гузоштаи алломаҳои машриқзамин, ба монанди Муҳаммади Хоразмӣ, Абӯнасри Форобӣ, Аҳмади Фарғонӣ, Абулвафои Бузҷонӣ, Ибни Ироқ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ, Кушиёри Гелонӣ, Ибни Ҳайсам, Закариёи Розӣ, Абӯрайҳонӣ Берунӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Насириддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ, олимони мактаби илмии Самарқанд (асри XV) ва даҳҳо дигарон ошно шудаанд.

Аксари мутафаккирон ва донишмандони Шарқи асримиёнагӣ ҳанӯз дар қайди ҳаёт будан бо алқоби ифтихории «Афлотуни замон», «Арастуи Шарқ», «Бадеъуззамон» (Беназири замон), «Батлимуси замон», Батлимуси сонӣ, Муаллими сонӣ (Муаллими аввал Арасту ба ҳисоб мерафт), Ягонаи асри худ, Устурлобӣ, Муҳандис ва ғайра маълуму машҳур шуда буданд. Кашфиёту ихтирооти онҳо, ки самтҳои мухталифи илмҳои дақиқро поя гузоштаанд, то ба имрӯз дорои аҳамияти илмӣ мебошанд.

Муаррихони илм барҳақ давраи классикии инкишофи илмҳои риёзиву табиӣ ва техникию муҳандисии Шарқи исломиро (асрҳои IX-XV) ҳамчун давраи аҷибтарине дар таърихи афкори математикаи ҷаҳонӣ тавсиф кардаанд. Дар ин давра астрономия низ ба авҷи камолот расида буд. Диққати риёзидонон бештар ба ҳалли масъалаҳои амалӣ, ки онҳо аз эҳтиёҷоти илмҳои дақиқ, пеш аз ҳама, астрономия бармеоянд, равона шуда буд. Аз ин рӯ, ҳардуи ин соҳаҳои илм баробар инкишоф ёфтаанд.

Муҳаммади Хоразмӣ аввалин шуда алҷабр (алгебра)-ро ҳамчун соҳаҳои мустақили математика баён кард. Тарҷумаи рисолаи арифметикии олим боиси шиносоии аврупоиён бо ҳисоби ҳиндӣ гашт; Кушиёри Гелонӣ системаи ҳисоби шастии позисиониро такмил дода, онро ба системаи мутлақ барои ададҳои бутун ва касрӣ табдил дод; Ибни Ироқ, Абӯмаҳмуди Хуҷандӣ ва Абулвафои Бузҷонӣ теоремаи синусҳоро барои секунҷаҳои куравӣ исбот намуданд; Ибни Ироқ бори аввал ба тригонометрияи куравӣ мафҳуми секунҷаи қутбиро дохил кард. Натиҷаҳои илмии ин олимон боиси тавлиди тригонометрияи сферӣ (мусалласоти куравӣ) ҳамчун илм гашта, тавассути осори Берунӣ ба сурати мустақил тадвин ва танзим шуд.

Умари Хайём муодилаҳои дараҷаи сеюмро муттасил омӯхта, шарти ҳалпазири онҳоро бо усулҳои геометрӣ таҳқиқ намуд ва биноми Нютонро барои дараҷаи бутуни мусбат кашф кард. Таҳқиқотҳои Насируддини Тӯсӣ – асосгузори маркази илмии Мароға, доир ба тригонометрияи сатҳӣ ва куравӣ боиси ба соҳаи мустақили математика табдил ёфтани тригонометрия (мусалласот) гашт. Мулоҳиза ва андешаҳои Тӯсӣ оид ба исботи постулати панҷуми Евклид ва коркарди назарияи хатҳои параллелӣ минбаъд ба фаъолияти математикони Европа таъсири калон расонид (аз ҷумла, ба

ихтирои геометрияи ғайриевклидӣ). Олимони маъруфи асри XV Қозизодаи Румӣ, Ҷамшеди Кошонӣ, Алӣ Қушчӣ ва дигарон дар соҳаҳои алгебра, геометрия, тригонометрия ва астрономия натиҷаҳои оламшумул ба даст оварданд.

Техникаи асримиёнагӣ ва таърихи он дар Шарқи асримиёнагии исломӣ аз давраҳое ба шумор меравад, ки баррасии илмӣ аз он дур мондааст. Ин бо чанд маҷмӯи сабабҳо вобаста карда мешавад. Дар Шарқи асримиёнагии исломӣ садҳо олимони соҳаи техника умр ба сар бурдаанд ва ба оламиён осори худро пешкаш кардаанд. Тамаддун аз онҳо ҳазорон кутуби илмии дастнавис ва таълифотро мерос гирифтааст. Аесари осори мазкур бо забони арабӣ – забони илмии давр эҷод шуда, рисолаҳое бо забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) низ вуҷуд доранд. Бояд гуфт, ки дастнависҳои дорои мазмуни техникӣ ва муҳандисӣ дар китобхонаҳои гуногуни ҷаҳон маҳфузанд, ки то ҳанӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд ва муҳаққиқони худро интизоранд. Бешубҳа гуфтан мумкин аст, ки таърихи техникаи олами ислом ва хусусан таърихи техникаи тоҷик дар остонаи таҳқиқ қарор дорад.

Аҳамияти илмии мақолаи мазкур аз омӯзиши таърихи донишҳои техникӣ ва муҳандисӣ иборат мебошад.

Омӯзиши таърихи донишҳои техникӣ ва муҳандисӣ дар Шарқи асримиёнагии исломӣ бе баррасии масъалаҳои марбутаи Шарқи бостон ва Юнони қадим имконнопазир аст, зеро дастовардҳои он барои техниикаи асримиёнагии Шарқи исломӣ заминаи ибтидоиро гузоштааст.

Дар маркази илмии «Байт-ул-ҳикма» («Хонаи хирад») донишмандони зиёде аз кишварҳои мухталиф ҷамъ омада буданд ва ба соҳаҳои гуногуни донишҳои ақлӣ аз қабили математика, физика, химия, техника, астрономия ва ғайра машғул буданд. Аксари донишмандоне, ки ба риёзиёт (математика), мусалласот (тригонометрия), табииёт (физика), ситорашиносӣ (астрономия), кимиё (химия) ва ғайра машғул буданд, мардуми бумии Хуросону Мовароунаҳр, яъне ниёгони тоҷикон ба ҳисоб мерафтанд [7, с. 31].

Донишманадони мусулмон бо тақозои зарурти обёрӣ корезҳо месохтанд, ки бидуни донишҳои техникию муҳандисӣ имконнопазир буд. Татбиқи чарҳҳои обкашӣ аз намунаи беҳтарини техникаи мусулмонони асримиёнагӣ ба шумор меравад, ки намунаи онҳо то замони мо расида, ҳатто дар баъзе аз ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон боқӣ мондааст. Дар асри VIII дар Хуросон аввалин осиёбҳои бодӣ таъсис дода шуда буданд, ки низ намунаи беҳтарини техникаи он замон ба ҳисоб меравад.

Чарҳҳои амудии осиёбро наварди чарҳҳои уфуқии он ва чарҳҳои уфуқии онро бод ба гардиш медаровард. Аз миёни дастовардҳои техникии мусулмонон тарзи тайёрсозии коғазро мисол овардан мумкин аст, ки дар асри IX дар Самарқанд истеҳсоли коғаз ба роҳ монда шуда буд.

Дар ҳудуди Испания, ки бо номи Андалусия аз ишғолкардагони мусулмонон ба ҳисоб мераҷфт, соли 1150 аввалин дастгоҳи (фабрикаи) коғазтайёркунӣ ба роҳ монда шуда буд. Ин навигарӣ зуд ба Италия ва аз он ҷо ба Фаронса ва Олмон паҳн гардид.

Ранг, шиша, равғаниҳои ороишӣ, атр, истеҳсолоти атриёт ва ғайра аз дигар кашфиёти техникиву муҳандисии донишмандони асримиёнагии олами ислом ба шумор мераванд. Донишмандони мусулмони асримиёнагии кишварҳои исломӣ ба санъати силоҳсозӣ диққати махсус медоданд. Қобили зикр аст, ки борут ва аслиҳаи оташфишон ба Аврупо тавассути донишмандони асримиёнагии олами ислом роҳ ёфтааст ва калимаи «адмирал»-и русӣ ҳам аз шакли таҳрифшудаи ибораи арабии «амир ал-баҳр» (البحر أمير) пайдо шудааст. Корҳои техникиву муҳандисии донишмандони асримиёнагии олами ислом махсусан дар соҳаи соатсозӣ бисёр шоистаи таҳсин аст, ки ин санъат ҳам тавассути осору пайкори онҳо ба Аврупо роҳ ёфтааст.

Ҳамин тариқ бояд гуфт, ки саҳми донишмандони асримиёнагии олами ислом дар рушди донишҳои риёзиву табиӣ ва техникию муҳандисии бузург аст. Вале мутаассифона ин соҳаи тамаддуни башарӣ то ҳанӯз ба таври бояд омӯхта нашудааст. Мушкилоти камомӯзишии мавзӯи мазкур аслан дар кам будани риёзидонону табиатшиносони шарқшинос ва ба носалоҳиятии шарқшиносон дар соҳаи илмҳои риёзиву техникӣ мебошад. Умед аст, ки пажӯҳишгарони оянда ин фазои холии тамаддуни башариро пурра намоянд.

АДАБИЁТ

1. Азим Иброхим. Минералогическая часть трактата Ибн Сино «Опилки природы» («Курозаи табииёт»). – Душанбе, 2005. – 52 с.
2. Азим Иброхим. Об истории развития наук о земле в Таджикистане // Вестник КТГУ имени Носира Хусрава, 2017, № 1/4 (49). – С 163-165.
3. Бернал Дж. Наука в истории общества. – М.: Изд-во иностранной литературы, 1956. – 738 с.
4. Беруни. Избр. Произв. Т. 7, Математические и астрономические трактаты. Пер. и коммент. П.Г.Булгакова и Б.А.Розенфельда. – Ташкент: Фан, 1987.
5. Джеймс П., Торп Н. Древние изобретения. Перевод с английского. – Минск: ООО «Попурри», 1997. – 768 с.
6. Завадовский Ю. Н. Абу Али Ибн Сина: Жизнь и творчество. – Душанбе, 1980. – 302 с.

7. Комили Абдулхай. Физика Авиценны. 2-е издание. – Душанбе: Дониш, 2013. – 133 с.
8. Комили Абдулхай. Физика Абу Бакра ар-Рази. – М.: МБА, 2014. – 105 с.
9. Мец А. Мусульманский ренессанс. – М.: Изд-во «ВиМ», 1996. – 538 с.
10. Nasr S.N. Scince and Civilization in Islam. – Cambridge. Massachusetts, 1968.

ИСТОРИИ ТЕХНИЧЕСКИХ И ИНЖЕНЕРНЫХ НАУК В СРЕДНИЕ ВЕКА

Статья посвящена истории естественно-математических и инженерно-технических наук на средневековом мусульманском Востоке. Она имеет междисциплинарный характер, и написана на стыке технических, физико-математических и исторических наук. История физико-математических и инженерно-технических имеет большое научное и мировоззренческое значение, а также играет весьма важную роль в процессе преподавания этих наук студентам высших технических учебных заведений. Средневековые трактаты естественно-математических и инженерно-технического содержания сыграли особу роль для дальнейшего развития этих наук в странах латинской Европы.

***Ключевые слова**: математика, физика, техника, история, средневековья, наука, цивилизация, Восток.*

THE HISTORY OF TECHNICAL AND ENGINEERING SCIENCES IN THE MIDDLE CENTURIES

The article is devoted to the history of natural-mathematical and engineering sciences in the medieval Muslim East. It has an interdisciplinary nature, and is written at the intersection of technical, physical, mathematical and historical sciences. The history of physical, mathematical, and technical engineering has great scientific and philosophical significance, and also plays a very important role in the process of teaching these sciences to students of higher technical educational institutions. Medieval treatises of natural-mathematical and engineering content played a special role for the further development of these sciences in Latin European countries.

***Keywords**: mathematics, physics, technology, history, the Middle Ages, science, civilization, East.*

Сведения об авторeах:

***Азим Ибрагим** - заместитель Премьер-министра Республики Таджикистан, кандидат технических наук, Электронная почта: azimibrohim1962@mail.ru*

***Арбобов Хайомжон Мукаддамович** - заведующий кафедрой информационных и медицинских технологий Республиканского медицинского колледжа; Тел: (+992) 918459292. E-mail: arbobov1986@mail.ru*

About the authors

***Azim Ibrahim** - Deputy Prime Minister of the Republic of Tajikistan, Candidate of Technical Sciences; E-mail: azimibrohim1962@mail.ru*

***Arbobov Khayomjon Muqaddamovich** - Head of the Department of Information and Medical Technology of the Republican Medical College; Tel: (+992) 918459292. E-mail: arbobov1986@mail.ru*

ИНЪИКОСИ ҶУНБИШИ САРБАДОРОНИ САМАРҚАНД ДАР «ТОҶИКОН»-И АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ

Муродзода А.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Солҳои 1365-1366 дар сарзамини Мовароуннаҳр, ба вижа Самарқанд ҳаракате бо номи сарбадорон ба миён омад, ки он зидди истилогарони муғул нигаронида шуда буд. Ҷунбиши сарбадорони Самарқанд бо тамоми оқибатҳои ба худ хос яке аз бузургтарин марҳилаи муборизаи миллӣ-озодихоҳии мардуми тоҷик дар таърихи асримиёнагии Осиёи Миёна маҳсуб мешавад.

Тазаккур бояд дод, ки ин ҳодисаи таърихӣ тавонист барои мансабталошии ворисони Темур, ки зиёда аз як аср дар минтақаҳои мухталиф ҳукмрони кардаанд, заминаи мусоид фароҳам овард.

Доир ба неҳзати сарбадорон ва давлатдории Темуру темуриён рисолаву мақолаҳои зиёд таълиф шудаанд. Академик Б.Ғафуров аз зумраи эшон буда, дар асарҳои худ оид ба ин мавзӯъ мулоҳизаву андешаҳои муфид баён кардааст. Мо дар мақолаи мазкур тасмим гирифтем, ки нисбати давлатдории сулолаи темуриён ва ҷунбиши сарбадорон дар асари безаволи «Тоҷикон», ки академик Бобоҷон Ғафуров мавриди пажуҳишӣ ҷиддӣ қарор гирифтааст, баррасӣ намоем.

Муаллиф роҷеъ ба омӯзиши ҳаракати сарбадорони Самарқанд бештар ба манбаъҳои таърихии асримиёнагӣ, ба вижа муаррихони давраи Темур ва темуриён, аз қабили Шарафиддини Яздӣ (ваф. 1454), Ибни Арабшоҳ (1388-1450), Абдурраззоқи Самарқандӣ (1412-1482), Мирхонд (1433-1498), Хондамир (1475-6-1534-40) ва ғайра такя намудааст. Б. Ғафуров доир ба неҳзати сарбадорон маълумотҳои иловагиро аз асарҳои муаррихони муосир В.В. Бартолд, А.М. Гуревич, П.Солеҳов, Р.Набиев ва Л.В. Строева чун далел овардааст.

Дар иртибот ба ин мавзӯъ Б. Ғафуров матни суханронии Мавлонозодаро дар назди масҷиди ҷомеъ бо аҳолӣ аз забони Абдурраззоқи Самарқандӣ ҷой дода, овардааст, ки: «Фавҷи бе ҳисоби лашкари муғул, ки барои ғорат намудани мол ва ашёи мардум ба ин мамлакат фурӯ рехтааст, ба шаҳр наздик мешаванд. Ҳукуматдори мо (амир Ҳусайн ва Темур.-М.А.), ки бо унвони боҷу хироҷ аз ҳар як сар нуфуз маблаги зиёдеро ситонида мувофиқи майли худ харҷ менамуд, дар баробари падидор шудани душмани мо, мусулмононро партофта, аз кофирон гурехт ва ҷони худро халос кард. Акнун мардуми Самарқанд ба ивази ҷони худ ҳар андозае хунбаҳо диҳанд ҳам, аз душман раҳоӣ намеёбанд. Ҳоло кист, ки мехоҳад вазифаи мудофиа намудани аҳолии шаҳрро қабул карда, дар ҳузури бузургон ва мардуми авом ин масъулиятро ба уҳда бигирад? Мо дар пеши чунин шахс сари таъзим фуруд оварда, ба ичро намудани вазифаҳои худ машғул хоҳем шуд». [5, с.44]

Қайд бояд кард, ки муаррихони давраи феодалӣ дар навиштаҳои худ бештар манфиати доираи ҳукмронро ҳимоя мекарданд ва доир ба ҷунбишҳои сиёсӣ, махсусан мардумӣ, ғаразнок ҳарф мезаданд ва ягона муаррихе, ки аз баёни номи Ҳусайн ва Темур худдорӣ намекунад, ин Абдурраззоқи Самарқандӣ мебошад.

Б. Ғафуров дар «Тоҷикон» таъйн шудани Мавлонозода аз тарафи аъён ва ашрофи Самарқанд ба ҳайси роҳбари мудофиаи шаҳр, савганд ёд кардани 10-ҳазор нафар ҷавонони мусаллаҳ баҳри дифоъ аз истилогарони муғул, ворид шудани муғулҳо ба Самарқанд, шикаст хӯрдан ва тарк намудани онҳо Мовароуннаҳрро хеле возеҳ инъикос намудааст.

Муаллиф доир ба таърихи заминаҳои пайдоиши ҳаракати сарбадорон ва сохти давлатию идоракунии онҳо дар Хуросони Ғарбӣ (1337-1381), Мозандарон (1350-1392) ва Гелон (1370), инчунин оид ба мафҳуми «сарбадор» маълумоти пурра додааст.

Муаррихони давраи Темуриён вожаи «сарбадор»-ро ба мафҳуми «дорбоб» мушобеҳ дониста, роҳбарони ҳаракати сарбадорони Самарқандро ҳамчун шахсони исёнкор ва зидди ҳукумати давр инъикос намудаанд. Б.Ғафуров аз «Равзат-ус-сафо»-и Мирхонд доир ба фаъолияти чунин гурӯҳи сарбадорон меоварад, ки: «Гурӯҳе аз онҳо (аҳолии Самарқанд.-Б.Ғ), ки зуру тавоно ва ошӯбгару ҷиноятккори гузаро буданд, ҷуръати гузаштан аз ҳудуди мучоз намуданд, ҳокимиятро гирифтанд ва ба ситам шурӯъ карданд…Сарбадорон муртакаби ҳар гуна рафтори қабеҳ гардиданд». Чунин баҳоро нисбат ба ҳамаи сарбадорон овардан ва татбиқ намудан хеле муболиғаомез ва як тарафа мебошад.

Дар ҷойи дигар Б. Ғафуров иқтибосеро аз «Ҳабибу-с-сияр»-и Хондамир дар боби сарбадорон бо чунин мазмун истифода мекунад: «Пас аз он, ки сарбадорони Самарқанд ин кори хеле муҳимро (дафъи ҳуҷуми муғулро.-Б.Ғ.) бо муваффақият анҷом доданд, бо роҳи шарора ва фитна даромада, дасти ғорат ба моли раият заданд». [5,с.44]

Бо ин иқтибос ӯ муносибати Хондамирро ба ҳаракати мардумӣ нишон медиҳад, зеро ба ҳеҷ ваҷҳ наметавон чунин ҷунбиши бузурги мардумиро тудаи авбошу роҳзан муаррифӣ кард.

Ҳамзамон муаллиф иқтибосеро аз муаррихи дигари дарбори Темур Шарафуддин Алии Яздӣ, ки амали сарбадорони Самарқандро чунин тасвир кардааст, мисол меорад: «Ба сари як гурӯҳ мардум боди ғурур ва ифтихор вазид: онҳо ба берун аз ҳадди худ қадам гузоштан ҷасорат намуда, дастони хунрези ситамовари худро ба ҳар тараф дароз карданд»… «Эй борхудоё, магузор, ки гадо шахси мӯътабар гардад». [4, с.246]

Боиси таассуф аст, ки муаррихони асримиёнагӣ аз хусуси хизматҳои сарбадорон ҳарфе нагуфтаанд ва он чизе ба қалам додаанд, ғаразнок мебошад. Муаллиф аз суханронии муаррихони феодалӣ нисбат ба сарбадорони Самарқанд изҳори нигаронӣ намуда, қайд мекунад: «Маълумоти манбаҳои хаттӣ роҷеъ ба ин ҷунбиш, ки дар таълифоти таърихнигорони феодалӣ оварда шудаанд, хеле ноқис ва ниҳоят бадғаразона мебошанд» [4, с.246]

Аз чунин андешаи олим бармеояд, ки муаррихони аҳди Темур, ки фарзанди замони худ буданд, танҳо ба хотири бадном сохтани роҳбарони ин ҳаракат онҳоро ошӯбгару ҷиноятккор қаламдод намудаанд. Ин ба назари мо хеле ғаразнок буда, ба ҳақиқати таърихӣ рост намеояд.

Муаррих ва мусташриқи барҷастаи рус В.В. Бартолд дар мақолаи «Шӯриши сарбадорони Самарқанд», ки соли 1906 ба табъ расида буд, ҳангоми таҳлили асарҳои Абдурраззоқи Самарқандӣ ва Мусавӣ, ки сарбадоронро зери тозиёнаи танқид гирифта, аз баёни нишон додани хизматҳои онҳо худдорӣ намудаанд, беасос дониста аз ҷумла чунин эрод гирифта аст: «Эҳтимол намеравад, мо аз ин хомӯшӣ ҳаққи онро дошта бошем, то хулоса кунем, ки чунин аъмол набуданд ва дар ҳукми маҳкумияти таърихии расмӣ асосе надорад». [6, с.347]

Дар ҳар як ҷанг гурӯҳи алоҳидаи одамон ба дуздию ғоратгарии молу амволи аҳолии осоишта даст мезананд ва ин аъмоли номуносиби онҳоро ба души роҳбарони ҷунбиш ҳавола кардани муаррихон ба ҳақиқати таърих рост намеояд.

Ҷунбиши солҳои 1365-1366, зоҳиран на танҳо дар Самарқанд ,-қайд мекунад Б. Ғафуров,-балки деҳаҳои атрофи онро низ фаро гирифта буд. Мутаассифона, манбаҳои таърихӣ дар ин бора хеле кам маълумот додаанд. Аз муаррихони он замон танҳо Хондамир дар ин хусус баъзе маълумот овардааст. «Баъд аз он, ки амир Ҳусайн Самарқандро ишғол намуд,-менависад ӯ,-дигар вилоятҳо низ худсарӣ ва итоатнопазириро тарк кардаанд» [3, с.206]

Аз далели мазкур маълум мегардад, ин ҷунбиши мардумӣ аз доираи шаҳр берун рафта, минтақаҳои гирду атрофро низ фаро гирифтааст.

Бояд қайд намуд, ки вазифаи аввалдараҷаи Темур ва Ҳусайн, дифоъи шаҳр аз муғулҳо буд. Вақте ки хабари аз тарафи сарбадорон шикаст хӯрдани муғулҳо ба Темур ва Ҳусайн расид, онҳо дар Бағлон бо ҳам вохӯрда, нақшаи ба Самарқанд ҳуҷум карданро мекашанд. Тарафайн ба хулосае омаданд, ки ин амалиётро бо фаро расидани фасли баҳор оғоз намоянд. Темур ва Ҳусайн аз мудофиакунандагони шаҳр тарсида, роҳбарони сарбадоронро бовар мекунониданд, ки онҳоро ҳамчун роҳбар эътироф мекунанд ва роҳбарии шаҳрро пурра ба онҳо месупоранд. «Мо ба шумо боварии куллӣ дорем ва бо шумо беҳтар аз дигар ҳукмронон рафтор хоҳем кард», мегуфтанд он ҳокимиятхоҳон.

Роҳбарони ҳаракат, Мавлонозодаи Самарқандӣ, Мавлоно Хурдаки Бухорӣ ва Абӯбакри Калавии Надоф аз нақшаҳои маккоронаи амир Ҳусайн ва Темур бехабар буданд. Баҳори соли 1336 амир Ҳусайн бо лашкари Балху Бадахшон ва Ҷундузу Бағлон озими Самарқанд шуда, мавзеи Кони Гилро қароргоҳи худ интихоб намуд.

Бинобар шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ баҳонаи ҳуҷуми амир Ҳусайн ва Темур он гардид, ки гӯё сарбадорон баъди шикаст ва фирори муғулҳо даст ба қатлу ғорати мардуми шаҳр зада бошанд.

Ҳамин тариқ бо роҳи фиребу найранг сарбадоронро ба доми худ кашида, аз дами теғ мегузаронанд. Темур барои ба даст даровардани мақсадҳои ғаразноки сиёсии худ танҳо Мавлонозодаро аз таги дор раҳо менамояду халос.

Бояд қайд кард, ки Темур бо чунин амали маккоронааш мехост, дар назди аҳолии Самарқанд обрӯй ва эътибори хосса пайдо намуда, ҳамзамон сиёсати худро ба воситаи Мавлонозода амалӣ намояд. Зеро аҳолии бумии Самарқанд, ки бештар тоҷикон буданд, нисбати Темур назари нек надоштанд.

Садриддин Айнӣ дар тақризи ба китоби Б.Ғафуров «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» навиштааш нисбати амир Ҳусайн ва Темур чунин баҳо додааст: «Халқҳои меҳнаткаши Мовароуннаҳр аз аввали кор чӣ будани Темурро фаҳмида буданд ва онҳо фаҳмида буданд, ки Темур як Чингизи дигар аст, ки дар либоси мусулмонӣ баромадааст. Онҳо нисбат ба Темур, амир Ҳусайн ва саркардагони онҳо низ ҳамон қадар нафрат доштанд. Бинобар ин аҳолии Самарқанд баъд аз рондани муғулони бодиянишин, Темур ва ҳамроҳони ӯро низ ба шаҳр роҳ додан намехостанд.

Темур ва амир Ҳусайн ҳам ба ин маънӣ пай бурда, роҳбарони аҳолии шӯришгари Самарқандро бо фиреб ба даст даровардa кушта, баъд аз он шаҳрро ишғол карданд» [5, с.44].

Чи тавре ки сарчашмаҳо шаҳодат медиҳанд, аҳолии Самарқанд ва роҳбарони сарбадорон дар симои амир Ҳусайн ва Темур муғулеро беш намедонистанд. Ва онҳо хеле хуб эҳсос карда буданд, ки баробари ба сари қудрат омадани амир Ҳусайн ва Темур зулму истибдод бештар мегардад. Бино ба иттилои Ибни Арабшоҳ дар Самарқанд ҷамоате аз шӯришчиён боқӣ монда буд, ки Темури Ланг бо ҳама савлаташ аз онҳо доимо тарсу ҳарос дошт ва ҳар гоҳе ки аз Самарқанд берун мешуд, онҳо шӯриш мебардоштанд. «Чунин ҳолат нӯҳ маротиба такрор шуд» [8, с.17]

Воқеан ҳам чунин буд. Темури Ланг барои халосӣ ёфтан аз исёнгарон зиёфате ороста, бо роҳи фиребу найранг онҳоро ба қатл расонд.

Умуман, оид ба ҷунбиши сарбадорони Самарқанд гарчанде ки як зумра олимони рус, ӯзбек ва тоҷик асару мақолаҳо ба табъ расонда бошанд ҳам, мутаассифона на ҳама паҳлуҳои ин наҳзат пурра мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Муаррихинро зарур аст, ки дар оянда таърихӣ ин ҷунбиши қаҳрамононаро аз рӯи асноду далоили ҷадид мавриди тадқиқи ҳаматарафа қарор диҳанд.

Аз мулоҳизаи фавқ маълум мегардад, ки Б. Ғафуров дар «Тоҷикон» тавонистааст масъаларо хеле воқеъбинона бо истифода аз манбаҳои асримиёнагӣ ва тадқиқотҳои баъдина мавриди таҳлили воқеан илмии ҷиддӣ қарор диҳад. Ҳамзамон пажӯҳиши бунёдии Б.Ғафуров ва масъалагузории ӯ барои муҳаққиқоне, ки имрӯз ва баъд ба омӯзиши ин мавзӯъ машғул мешаванд чун асос ва роҳнамо хизмат хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Абдурраззоқи Самарқандӣ. Матлаъу саъдайн ва маҷмау баҳрайн.-Теҳрон, 1372.Ҷ.1. 350 с.
2. 2.Мирхонд. «Равзат-ус-сафо».-Теҳрон, 1330/1961.Ҷ.6.С.1019
3. Хондамир. «Ҳабиб-ус-сияр».-Теҳрон, 1380.Ҷ.3.С.206

Mahmudzoda Sukhanvar *- assistant of the Department of History of the Tajik People of the Tajik State Pedagogical University named Sadriddin Aini Phone:(+992) 934002322.*

ИНЪИКОСИ ЁДГОРИҲОИ ТАЪРИХИИ БАДАХШОН ДАР ОСОРИ А.А. БОБРИНСКОЙ

Дарвозиева Ҳ.Ш.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
Акризоев М.М.
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Граф А. А. Бобринской (1861 – 1938) – яке аз ворисони маликаи Россия Екатеринаи II ба шумор рафта, бостоншинос, мардумшиноси машҳури империяи Россия ба шумор меравад. Ӯ экспедитсияҳои илмии ба Осиёи Миёна сафарбар намудаи Ҷамъияти табиатшиносӣ, антропология ва этнографияи назди Донишгоҳи давлатии Москваро дар солҳои 1895, 1898 ва 1901 роҳбарӣ намуда, дар рафти онҳо ба Помир низ сафар намуда буд. Дар натиҷаи таҳқиқоти саҳроии худ олим чанд асарро оид ба таърих, археология ва этнографияи минтақа аз нашр баровард.

Яке аз масъалаҳои асосие, ки А.А. Бобринской ба он диққати махсуси худро равона намуда буд, ин инъикос намудани ёдгориҳои таърихӣ, ба мисоли харобаҳои қалъаҳо, тӯпахонаҳо ва тасвир намудани ғорҳо мебошанд, ки имрӯз маълумоти олим арзиши илмӣ доранд.

А. А. Бобринской ҳангоми сафари худ ба Помир харобаҳои иморатҳои қадимаро дар Вахон, Ишкошим, Рушон, Ғорон, Шуғнонро таҳқиқ намудааст. Дар натиҷаи пажӯҳиш муҳаққиқ ёдгориҳои қадимаи Помирро ба ду категория ҷудо менамояд: якум, харобаҳои тӯпхонаҳои муҳофизатӣ ва дуюм харобаҳои қалъаҳои ҳокимони минтақа ва ба гурӯҳи дуюм ӯ, инчунин қалъаҳое, ки аз онҳо мардум ҳамчун паногоҳ ҳангоми ҳуҷум ва дигар хатароти аз ҷониби аҷнабиён ба бор оварда истифода мебурданд, замъ менамояд [2, с.117].

Аз ҷумла муҳаққиқ менависад, ки дар поёноби дарёи Помир дар мавзеи Зеризамини сарҳади Вахон тӯпхонаи чоркунҷашакл ҷойгир аст, ки он аз ҷониби ҳоким Фатҳалишо аз санг сохта шуда, мувофиқи маълумоти сокинон ҳамчун дидбонгоҳи аввалин барои назорат намудан аз болои ҳаракати қирғизҳо ва ҳимоя кардан аз тохтутози онҳо хизмат мекардааст. Поёнтар аз он дар соҳили чапи дарёи Помир қалъаи Рисвинг ҷойгир аст, ки аз ҷониби тоҷири бадвлат сохта шудааст. Қалъаи Врангро бошад падари Фатҳалишо Ҷонхон сад сол пеш сохтааст. Сокинони маҳалӣ борҳо дар он аз тохтутози шуғниониҳо паноҳ бурдаанд [2, с.117].

Муаллиф ғайр аз ин дар бораи харобаи як қалъа дар деҳаи Иссор, дижи дигар дар деҳаи Птуп ва қалъаи дигар дар Намадгут ва сохтори онҳо низ маълумот оварда, иброз медорад, ки онҳо ба сияҳпӯшон тааллуқ доштаанд. Ин қалъаҳо дар соҳили дарёи Панҷ ҷойгир мебошанд. Қалаҳои мазкур аз ҷиҳати мавқеишғолкунӣ дар ҷойҳои қуллай сохта шуда, асосан хусусияти муҳофизатӣ доштаанд. Масалан, аз ҷиҳати масоҳат қалъаи Қаҳқаҳа калонтар буда, тибқи ахбори А. А. Бобринской, ки аз сокинони бумӣ ҷамъоварӣ намудааст, таърихаш дарозо буда, он дар замонҳои хеле қадим сохта шудааст [2, с. 118].

Баъди Вахон А. А. Бобринской ба ёдгориҳои таърихии Ишкошим назар намуда, менависад, ки дар наздикии дарёчаи Нют харобаҳои тӯпхона боқӣ мондааст, ки он Ап - Харв қалъача ном дорад, ки он ҳам аз давраи сиёҳпӯшон боқӣ мондааст [2, с. 119].

Оид ба қалъаҳои Рушон маълумот дода, муҳаққиқ менависад, ки дар маркази Рушон, деҳаи Вамар қалъаи шакли чоркунҷа дошта бо номи Қалъаи Вамар ҳоло ҳам по барҷо буда, дорои чор тӯпхона буда, айни замон ҳамчун қароргоҳ ва ҷои зисти беки бухороиасли Рушону Шуғнон хизмат мекунад. Қалъа аз санг сохта шудааст. Ҳамин тариқ, А. Бобринской оид ба ёдгориҳои таърихии Рушон танҳо дар бораи Қалъаи Вамар маълумот медиҳад ва роҷеъ ба қалъаи деҳаи Шидз, инчунин он қалъаҳое, ки дар водии Бартанг ҷойгир мебошанд, аз ҷумлаи қалъаи Савноб, қалъаи Нисур дар асари ӯ маълумот оварда нашудааст [2, с.119]. И. И. Зарубин низ қайд менамояд, ки дар байни

қалъаҳои Бадахшон дар ҳолати беҳтар Қалъаи Вамар ҳифз мондааст [4, с. 116]. Тибқи маълумоти капитан Ванновский дар қалъаи мазкур 300 нафар одам ҷой мегирифтанд [3, с.120].

Оид ба таърихи Қалъаи Вамар муфассалтар дар китоби рӯзноманигор ва муаррих Мамадалӣ Бахтиёров маълумот дода шудааст. Ӯ менависад, ки Қалъаи Вамар ёдгории таърихист, ки оиди сохтмони он ақидаҳои мухталифи даҳонӣ мавҷуд аст. Тибқи иттилои барҳе аз пирони Рӯшон Қалъаи Вамар дар қари XI сохта шудааст ва ривояте аст, ки сохтмони қалъаро ба шоҳи Рӯшон ду тан орифи мазҳабӣ Шоҳтолиби Сармаст ва Саидҷалоли Бухоро ҳангоми сафари хеш ва дар Рӯшон сукунат доштанашон, тавсия додаанд. Тибқи иттиллои баъзе маъхазҳо тахмин меравад, ки қалъа дар асрҳои XI – XII милодӣ сохта шудааст. Аммо дар асл соли сохтмони Қалъаи Вамар номаълум ва дар ягон сарчашмае ба таври возеҳ ба қалам дода нашудааст.

Маъхази дигари таърихӣ ин «Таърихи ҳокимони Қалъаи Вамар» мебошад, ки онро ду тан аз сокинони маркази ноҳияи Рушон Бовар Суфиев ва Қиматшо Исматов соли 1946 дар асоси нақли собиқ хизматгори ҳокимони Қалъаи Вамар Лахман Ҳусейнзодаи Чатрорӣ навиштаанд [1]. Тибқи ахбори манбаи мазкур соли 1843 Сулаймонхон валади Абдураҳимхон баъди амакаш Абдулазизхон ҳокими Рушон таъин мешавад. Ӯ барои ҳимоя аз душманони беруна ба сохтмони Қалъаи Вамар, ки пештар он соли 1684 сохта шуда буд ва акнун ба талабот ҷавобгӯ набуд, амр медиҳад, ки қалъа аз нав сохта шавад. Сулаймонхон барои сохтмони қалъа ҳамаи мардони аз 16 сола болои Рушонро иҷборан сафарбар мекунад. Кор бе музд ва сарфиёти ғизо низ аз ҳисоби мардум буд. Сохтмони қалъа се сол давом кард. Майдони умумии ишғолкардаи қалъа якуним гектар буд. Қалъа се дарвоза ва шаш тӯпхона дошт.Дар зери чанор ғори чоҳи обдузде канда буданд, ки ба воситаи он аз лаби дарёи Панҷ пинҳонӣ об мекашонданд. Баландии деворҳои Қалъа дар поён 7 метр ва дар боло 3 метр буд. Санги сохмонро мардум аз мавзеи Чавнроб ба шакли қатор, даст ба даст кашонда меоварданд [5].

Имрӯз низ Қалъаи Вамар аз мӯҳташамтарин ёдгориҳои таърихии ноҳияи Рушон ба ҳисоб меравад ва то аввали солҳои 30- юм ҳамаи сохторҳои ҳукуматӣ- ҳокимони аҷнабӣ, афғонҳо, аморати Бухоро, ҳукумати подшоҳии рус, ҳокимияти муваққатӣ ва сарварони сохти нави Шӯравӣ роҳбариятро ба мардуми Рушон маҳз аз ҳамин қалъа ба роҳ мемонданд.

Қалъаи Вамар маркази маъмуриву сиёсӣ дар тӯли қарнҳо ба ҳисоб мерафт ва фақат дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ макони ҳокимият будани худро гум кард. Дар Қалъа сарҳадбонон ҷой гирифтанд ва муддати 70 соли Шӯравӣ сарбозон қалъаро ба вайронае табдил доданд. Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ Қалъаи Вамар ба рӯйхати ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон дохил карда шуд [1].

Қалъаи Савноб низ яке аз ёдгориҳои таърихии Рушон ба ҳисоб рафта, тӯли қарнҳо мардуми деҳаро аз тохтутози аҷнабиёну душманон начот медод. Ин қалъа дар боли кӯҳи сар ба нишеби сӯйи дарёи Бартанг сохта шудааст ва мардуми Савноб то инқилоб дар ҳамин қалъа зиндагӣ мекарданд. Қалъа аз хонаҳои алоҳида, тоқҳои посбонӣ, дидбонгоҳҳо дар чаҳор тарафи девори қалъа иборат будааст. Қалъаи Савноб дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ аз тарафи худи мардуми деҳаи Савноб вайрон шуд ва чӯбу тахтаи қалъаро дар сохтмони хонаҳои истиқоматӣ истифода карданд.Алҳол аз қалъа деворҳои валангор боқӣ мондаанд.

Қалъаи Нисур дар деҳаи Нисури водии Бартанг мавҷуд буд ва тайи асрҳо мардуми ин диёрро аз ҳамлаи аҷнабиён ва тохтутози душманон паногоҳи ба ҳисоб мерафт. Ин қалъа масоҳати қариб 1 гектарро дар бар гирифта буд ва сари теппаи хушҳаво, рӯ ҷониби дарёи Мурғоб сохта шуда буд.

18 феврали соли 1911 дар водии Бартанг заминҷумбии сахте ба амал омад, ки бар асари он деҳоти гирду атрофии маркази заминларза вайрону валангор гаштанд. Аз ҷумла Қалъаи Нисур низ бар сари бошандагонаш фурӯ рехт ва 86 нафар, хурду калони сокини қалъа ба ҳалокат расиданд.

Дар асари А. А. Бобринской роҷеъ ба баъзе ёдгориҳои таърихии водии Шохдара ҳам маълумот гирд оварда шудааст. Муаллиф дар ибтидо оид ба вайронаҳои як қалъа миёни деҳаҳои Миденшарв ва Бароҷ хабар дода, менависад, ки он аз ҷониби сокинон барои пинҳон ёфтан аз тохтутози шуғониҳо сохта шудааст, аммо дар бисёр маврид қалъаи мазкур низ ба онҳо фоида намекард, зеро ҳамлаву тохтутозҳо асосан шабона сурат мегирифтанд, ки ин вақт мардум фурсат намеёфтанд дар қалъаи мазкур паноҳ ёбанд.

А. А. Бобринской ғайр аз ин оид ба қалъаи Роштқалъа маълумот дода, қайд менамояд, ки он қароргоҳи ҳокимони Шохдара будааст. Аз гуфтаҳои олим муайян мегардад, ки қалъаи мазкур дар ҳолаи мавриди истифодабарӣ қарор доштааст. Минҷумла муҳаққиқ қайд менамояд, ки дар қалъа ду хонаи истиқоматӣ мавҷуд мебошанд, ки дар яке аз онҳо писари ҳокими охирони Шохдара зиндагӣ мекунад дуюмаш бошад ҳамчун меҳмонхона мавриди истифода қарор дода мешавад. Қалъаи мазкур низ ба мисли дигар қалъаҳои Кӯҳистони Бадахшон аз санг сохта шудааст. А. А. Бобринской аз даҳони сокинони бумӣ нақлу ривоёти мухтасарро низ оид ба қалъаи мазкур дар китобаш ҷой додааст. Дар бораи харобаҳои қалъаи Синдев маълумот дода, муаллиф аз забони сокинон меорад, ки он ба замони сиёҳпӯшон тааллуқ дорад. Ҷолиби диққат маълумоти А. А. Бобринской дар бораи он

мебошад, ки вай менависад, ки агар кӯҳистониён оид ба ягон ёдгорӣ маълумотро пешкаш карда натавонанд, онро ба замони сиёҳпӯшон мансуб медонанд [2, с. 119 – 120].

Дар водии Ғунд дар соҳили чапи дарё болотар аз деҳаи Сучон дар баландии кӯҳ қалъаи нимвайронаи Истамбул ҷойгир мебошад, ки соҳиби охирони он ҳокими Сучон Ҳайдарбек будааст, ки ҳангоми забти Сучон аз ҷониби шоҳи Шуғнон Шо-Ванҷӣ кушта шудааст.

Болотар аз ин қад - қади дарёи Ғунд поёнтар аз деҳаи Воҷ харобаҳои як тӯахона ва дар наздикии деҳаи Чарсем бошад харобаҳои қалъаи сохтмонаш ба итмом нарасида ҷойгир мебошанд. Ба сохтмони қалъаи мазкур шоҳи Шуғнон Муҳаббатхон оғоз бахшида будааст ва пеш аз ба итмом расидани сохтмони қалъа мазкур аз ҷониби бародари худ Юсуфалихон бо дасти Абдулкарим ном шахс заҳр дода шуда, кушта шудааст. Ғайр аз ёдгориҳои мазкур дар Ванқалъа ва Сардем низ харобаҳои қалъаҳо мавҷуд мебошад [2, с.120].

Пештар аз А. А. Бобринской муҳаққиқи дигари тоинқилобии рус А. Г. Серебренников дар бораи бархе аз ёдгориҳои таърихии Шуғнон маълумот дода махсусан оид ба мазору остонҳои Шоабдол, Ҳазрати Имом маълумот дода зикр менамояд, ки зиёрати онҳо на танҳо дар байни тоҷикон, балки байни қирғизҳои Помир низ маҳбубият доранд [6, с.82 – 83].

Дар баробари қалъаҳо, тӯпхонаҳо муҳаққиқи рус А. А. Бобринской оид ба ғорҳои минтақа низ маълумот медиҳад. Ба нақли аз сокинони минтақа ғорҳо барои онҳо борҳо ба сифати ҷои паногоҳ хизмат кардаанд [2, с.121].

Ҳамин тариқ, маълумоти А.А. Бобринской дар бораи ёдгориҳои таърихии бархе аз минтақаҳои Кӯҳистони Бадахшон муҳимияти илмӣ дошта, дар таҳқиқи таърихи кишвар маъхази арзишманд ба ҳисоб мераванд. Муҳимияти асари А. А. Бобринской боз дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар таҳқиқоти худ суратҳои бархе аз қалъаҳои Бадахшонро ҷой додааст, ки қимати илмии онро боз ҳам баланд мегардонад.

АДАБИЁТ

1. Бахтиёров М. Таърихи Рушон. Душанбе: Илм, 2013. – 416 с.
2. Бобринской А. А. Горцы верховьев Пянджа (ваханцы и ишкашимцы). Очерки быта по путевым заметкам графа А. А. Бобринского. – М., 1908. – 150 с.
3. Ванновский. Извлечение из отчёта Генерального Штаба капитана Ванновского о рекогносцировке в Рушане и Дарвазе 1893 г. // Сборник географических, топографических и статистических материалов по Азии. – Выпуск LVL. – СПб., 1894. – С. 73 – 125.
4. Зарубин И. И. Материалы и заметки по этнографии горных таджиков. Долина Бартанга. – Петроград, 1917. – С. 97 – 148.
5. Лахман Хусейнзода. Ҳокимони аҷнабии қалъаи Вамар ё ҳикояти Лахман Ҳусейнзода // Пайғоми Рушон. – №№ 8 – 14. – Рушон, 2001.
6. Серебренников А. Г. Очерк Памира. – СПб.,1900. – 97 с.

ОТРАЖЕНИЕ ИСТОРИЧЕСКИЕ ПАМЯТНИКИ ГОРНОГО БАДАХШАНА В ТРУДАХ А. А. БОБРИНСКОГО

В статье авторы рассматривают вклад графа А. А. Бобринского в изучение исторических памятников Горного Бадахшана. Автори отмечают, что по содействию Общества естествознания, антропологии и этнографии при Московском университете в 1895, 1898 и 1901 гг. он возглавил научные экспедиции, направленные из России в Среднюю Азию. На основе собранных материалов А. А. Бобринской даёт очень ценные сведения по исторические памятники края.

Ключевые слова: *Россия, Памир, таджики, экспедиция, археология, история, А. А. Бобринской, крепость, замки, бащня.*

REFLECTION OF HISTORICAL MONUMENTS OF GORNO BADAKHSHAN IN THE WORKS OF A.A. BOBRINSKY

In the article, the authors consider the contribution of Count A. A. Bobrinsky to the study of historical monuments of Gorno-Badakhshan. The authors note that with the assistance of the Society of Natural Science, Anthropology and Ethnography at Moscow University in 1895, 1898 and 1901. he led scientific expeditions from Russia to Central Asia. On the basis of the collected materials, A. A. Bobrinskoy gives very valuable information on the historical monuments of the region.

Key words: *Russia, Pamir, Tajiks, expedition, archeology, history, A. A. Bobrinskaya, fortress, castles, bashnya.*

Сведение об авторах:

Дарвозиева Ханифа Шодибековна *– соискатель кафедры всеобщей истории Таджикского государственного педагогического университета им. С. Айни, Тел: (+992) 938061993*

Акризоев Максуд Махрамбекович *– докторант (PhD) кафедры истории таджикского народа Хорогского государственного университета им. Моёншо Назаршоева, Тел.: +992988665711; E-mail: akrizoev92@mail.ru*

About the authors:

Darvozieva Hanifa Shodibekovna *- Applicant for the Department of General History of Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni, Tel: (+992) 938061993*

Aqrizoev Maqsud Mahrambekovich *– the doctoral (PhD) student of the departament of Tajik nation history at_Khorog State University named after Moyonsho Nazarshoev Tel.: (+992 988665711; E- mail: akrizoev92@mail.ru*

МУНОСИБОТИ РУСИЯ НИСБАТИ БУХОРО АЗ НИГОҲИ МУҲАҚҚИҚИ РУС Д.Н. ЛОГОФЕТ

Мирзоев М.Н., Абдулҳамидова М.Н.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Дмитрий Николаевич Логофет донандаи хуби таърих, фарҳанг ва маишати халқҳои Осиёи Миёна буда, доир ба рӯзгори сокинони ин минтаҳа як қатор асарҳо навиштааст. Вай аслан он чизеро рӯйи коғаз овардааст, ки худ ҳангоми сафарҳо мушоҳида намуда, ба қайд гирифта буд.

Ӯ менависад, ки пас аз ба имзо расонидани қарордоди «дӯстӣ»-и байни аморати Бухоро марказӣ ва баъдан ҳокимони маҳаллӣ, маъмурони рус, ки масъули корҳои Бухоро буданд, тадричан ва босуръат қатъияту устувории худро дар муносибатҳои дипломатӣ, ки дар даврахои Пётри Кабир хеле рушд карда буданд, аз даст доданд. [5] Он сахтгирии қотеонаи сафири рус, ки ҳатто барои як ҳарфро дар унвону дараҷаҳои хизматӣ нодуруст навиштани мирзоҳо нишон медод, моҳияти калон дошта, ифодагари сиёсати устувор ва бонизоми дипломатӣ буд, ки дигар кардани ҷараёни он ҳеҷ гоҳ ба хоҳишу талабот ва ақидаи шахсе вобаста набуд ва он ичрои нақшаҳои махсуси аз таҷриба гузашта ва коркардашудаи сиёсиро дар нисбати ҳар як давлати ҳамсоя талаб менамуд. Ҳамин тариқ, фармон ва дастурамали сафорати пешин, ки аз ҷониби дипломатҳои бонуфузи рус таҳия ва назарот бурда мешуданд, дар ҳама самт роҳнамо ва мушкилкушои корҳо буда, дар онҳо камбуду нуқсонҳо роҳ намеёфтанд.[1]

Бо дарназардошти муносибатҳои дипламатии Русия ва аморати Бухоро, ки пас аз омӯзиши хислату рафтори ҳукуматдорони Бухоро, русҳо дар муносибатҳои тарафайн пештар ба дастурамалу нақшаҳои пешбинишуда такя мекарданд, ки дар онҳо майдатарин ҷузъиёт низ ба эътибор гирифта шуда буд.[6] Он эътибору нуфузи хоссае, ки Оқпошшо дар пеши чашми сокинони ин маҳал дошт, аслан бар адлу инсоф ва дурӣ аз ҳирсу тамаъ асос ёфта буд.

Урфу одат ва анъанаҳои Шарқро ба хубӣ омӯхта ва аз худ намуда, намояндагони русҳо дар роҳи амалӣ намудани онҳо хуртарин ҷузъиётро низ ба эътибор мегирифтанд, ин гуна муносибат махсусан ҳангоми ба дарбори амири Бухоро ташриф овардани сафирони рус муҳим дониста мешуд.[3] Ба якдигар пешкаш намудани тӯҳфаҳо аз ҷониби сарони кишварҳо, инчунин, мансабдорони олирутбаи ҳарду давлат ва сафирон, ки дар Шарқ маъмул аст, нуқта ба нуқта ба ҷо оварда мешуд. Дар ин маврид Логофет Дмитрий Николаевич менависад, ки «Арзиши баробар доштани инъому тӯҳфаҳо он гумонеро, ки гӯё ин тӯҳфа барои ичрои ягон мақсади ғаразноке пешниҳод шуда бошад, пурра аз байн мебурд. Ин расму одат то солҳои ҳафтодуми қарни гузашта идома дошт, то он даме ки ҳудуди аморати Бухоро аз ҷониби Русия тасарруф гардид».[3] Ҳарчанд он замон ин ҳудуд пурра бо Русия ҳамроҳ карда нашуда буд, аммо Бухоро чун кишвари аз тарафи русҳо тасарруфшуда дониста мешуд. Маҳз ҳамин вазъ боис гардид, ки муносибатҳои дипломатӣ ҷиддан тағйир ёфта, дар назари баъзеҳо моҳияти дигаргуна пайдо карда, зуд-зуд ба дарбори амир омадани шахсони гуногун ва тӯҳфаҳои шоҳонае, ки онҳо аз амиру амалдорони ӯ мегирифтанд, дарҳол обрӯю эътибор ва нуфузи маъмурони русро дар назари бухороиҳо ба замин зад.[5] Дар ивази инъому тӯҳфаҳои қимматбаҳо ҷавобан додани тӯҳфаҳои тамоман камарзишу ночиз аз ҷониби русҳо, ба он оварда расонд, ки бухороиҳо дарк намуданд, ки русҳо бо истифода аз ин одати қадима, яъне радду бадали тӯҳфаҳо манфиат бардоштан мехоҳанд. Аз пас муносибати бухороиҳо на танҳо дар нисбати шахсони баландмақоми Туркистон тағйир ёфт, балки тақдими ғаразноки тӯҳфаҳо зуд ба Петербург ҳам роҳ ёфт. Дар ин ҷо низ аз ҷониби намояндаҳои расмиятпарасти русҳо ин гуна ҳадяҳо бо ифтихори баланди «дӯстона» пазируфта мешуданд.[5]

Ин тартиб дар Тошканд ва Петербург ҷорӣ ва устуворшударо ба эътибор гирифта, ҳамасола якчанд маротиба аз Бухоро ба ин шаҳрҳо сафирони махсус фиристода мешаванд, ки онҳо бо худ тӯҳфаҳои сершумори қимматбаҳо оварда, ба ҳама он нафароне, ки ба масоили Хонигарии Бухоро каму беш дахл доранд – аз мансабдорони олимақом то пасттарин амалдорон, тақдим менамоянд. Эътиқод ба ин андеша, ки туфайли тӯҳфаҳо дар Русия ҳама гуна корро анҷом додан мумкин буд,

Бухороро беш аз пеш фаро гирифта, ҳарисии аз ҳад зиёди гурӯҳе ва некандешии ҷиноятҳоронаи дигарон кори худро карданд ва оқибат обрӯю эътибор ва эҳтироми Русия ва маъмурони он дар Бухоро ба нобудӣ расида буд. Намояндаҳои олимаҳоми кишвари Туркистон ва тобеони онҳо дар ин кор боз бештар гунаҳгор буданд, зеро баъзеи онҳо аз ҳама гуна ченаку андоза ва бешармӣ дар ин масъалаи нозук гузаштанд. Аҳолии Туркистон ҳанӯз ҳам дар хотир доранд, ки чанде пеш дар кӯчаҳои шаҳри Тошканд расми ҳаҷвӣ (карикатура)-е ширеш карда шуда буд, ки дар он чунин манзара акс ёфта буд: Амири Бухоро дар тахти худ нишастааст ва аз пояи ин тахт генерали бонуфузи рус эзори васеи аз матои маҳаллӣ дӯхташудаи ӯро кашида гифта истодааст.

Албатта, бо саъю кӯшиши политсайҳо ин расми ҳаҷвӣ нобуд карда шуд, аммо муносибати ҳаҷвшуда бо каме тағйирот идома ёфт. Ҳарчанд чунин тарзи муносибат обрӯю эътибор ва ҳусни таваҷҷуҳро нисбат ба Русия дар тамоми Шарқи осиёимиёнагӣ пурра барҳам зад, аммо ҳанӯз ҳам маъмурони мо аз пайи манфиатҳои шахсӣ ва манофеи маҳаллӣ шуда, ба Ҳукумати Бухоро чун сарчашмаи дарёфти фоидаи калон менигаранд. Ҳамзамон, ба вуҷуд омадани Тошканд ва дигар шаҳрҳои русӣ дар Осиёи Миёна ҳирси ваҳшиёнаи аксар туркистониёнро, ки аз воситаҳои зарурӣ барои ташкили хайрияҳои ҷамъиятӣ, таълимгоҳҳои русӣ ва ғайра маҳрум буда, аммо дар ҳамсоягӣ бо «гови ҷӯшо» ба сар мебурданд, ба сӯйи захираҳои Хонигарии Бухоро равона намуд ва онҳо бе ягон шарму ҳаё аз ин захираҳо аз ҳад зиёд ва ба таври доимӣ истифода мекарданд.

Чунин тарзи муносибат барои ин кишвар баъзе натиҷаҳои мусбат ҳам дод, масалан: дар шаҳри Тошканд аз ҳисоби Амир омӯзишгоҳи миёна сохта шуд; барои ҷамъиятҳои хайриявии шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд ва Ашхобод аъзоҳаққии хеле олиҳиматона ҷудо гардид, ба баъзе мактабҳои таълимӣ маблағ ирсол карда шуд. Аммо ин ҳама аз тарафи маъмурин ночиз дониста шуда, барои ба даст овардани хайрия фишороварӣ торафт зиёд мешавад ва дар натиҷа, соли 1905 барои Салиби Сурх маблаги як миллион рубл рӯёнда мешавад, каме баъдтар бошад барои флоти ҳарбӣ маблаг талаб карда шуда, бо он кишвии ҳарбие сохта шуд, ки бо номи Амири Бухоро маъруф гардид. [4]

Тангназарӣ ва кӯтоҳбинии масъулони мо дар гӯшаю канори маслакат дар ин масъала бениҳоят ҳайратовар аст, аммо ҳар як чунин хайру саховат аз тарафи матбуоти мо, ки аз корҳои дохилии Бухоро хеле кам воқифанд, басо хуш қабул карда мешавад. Ин хайрияҳо чун рамзи башардӯстии ҳукумати Бухоро муаррифӣ карда мешаванд, ки гӯё аз дӯстии беғаразона ва садоқати он нисбати Руссия гувоҳӣ медиҳанд. Аммо дар айни ҳол, ҳеҷ гоҳ нафаре ба пуштманзари ин хайрияҳои олиҳимматона назар афкандан намехоҳад ва тамоман ба рӯҳияи оммаи васеи аҳолии Бухоро ва ҷабру зулме, ки ба мардуми ин ҷо карда мешавад, сарфаҳм рафтанро зарур намешуморад.

Ҳар сол ду маротиба, дар рӯзи мавлуди Исои Масеҳ ва рӯзи мавлуди Подшоҳ ба шаҳри Тошканд сафорати махсуси Амир меояд, ки мақсади онҳо табрик намудан ва саховатмандона супоридани миқдори бузурги тӯҳфаҳо ба шахсоне мебошад, ки ба масоили Бухоро ягон муносибате доранд. Чунин кор дар Петербург ҳам анҷом дода мешавад. Ҳамин тариқ, низоми гирифтану додани инъому тӯҳфа дар хуну пӯсти ҳама амалдорони Туркистон ва онҳое, ки барои анҷоми коре бо сафари хизматӣ ба ҳудуди Бухоро меоянд, чуқур реша давондааст. Дар баробари тақдими тӯҳфаҳо боз анъанаи махсуси дигаре дар Шарқ вуҷуд дорад, ки «дастархондорӣ» унвон мешавад ва аз зиёфати махсус иборат аст. Моҳиятан «дастархон» ифодаи диққату эҳтироми махсуси соҳибхона ба меҳмонони худ аст ва ҳар қадар, ки «дастархон» беҳтар ва ғанитар оро ёфта бошад, ин нишонаи ҳамон андоза қадру қиммат ва эътибори махсус доштани меҳмон аст. Мусулмонон – чи доро ва чи нодор яксон мекӯшанд, ки дар вақти лозимӣ дастархони онҳо тибқи анъанаи миллии меҳмоннавозӣ гуногунрангу зебо оро ёфта бошад. Дастархон, ки аз матои махсус омода шудааст, паҳн карда шуда, дар болои он лаълиҳо ва табақчаҳои пур аз кишмиш, чормағз, писта, қанду қурси русӣ ва маҳаллӣ гузошта мешавад. Ҳангоми ташрифи меҳмон, соҳибхона ӯро дар назди дарвоза пешвоз гирифта, дарҳол барои ӯ дастархон кушода мешавад ва соҳиби хона бо тамкину солории хос ҳамроҳ бо ширинихои гуногун якҷоя бо меҳмон ҳариб даҳ пиёла чойи кабуд менӯшад. Дар ин вақт дар ҳавлии дарунӣ гӯспандеро сар мезананд ва аз гӯшти он барои меҳмон аввал шӯрбо ва баъд ош омода мекунанд.

Аз тарафи меҳмон ва соҳибхона шӯрбои ҳанӯз тафсон ва палави равғанин пурра истеъмол карда мешаванд. Пас аз ин, меҳмони то гулӯ сершуда як рӯймоли калонеро, ки аз болои ҷелак ё ҷомаи таг бастааст, бароварда паҳн мекунад ва аз ҳамаи табақчаю лаълиҳо боқимондаи хушкмеваю ширинихоро ба он рӯймол мерезад ва бо худ мебарад. Агар меҳмон шахси нисбатан доро бошад, хизматгорони худ ва надимони соҳибхонаро ҷеғ мезананд ва хӯрданиҳои боқимондаи дастархонро миёни онҳо тақсим мекунад. Ин тақсимотро танҳо меҳмон, яъне хӯҷаини дастархон анҷом медиҳад, зеро ӯ соҳиби асосии ин дастархон аст, ки ба шарафи ӯ ороста шуда буд.

Дар вақти бори аввал ба хона омадан низ барои меҳмон ҳадяву тӯҳфаҳои махсус пешкаш карда мешавад, ки он аз матоъ, қолин, гӯсфанд ва аспҳо иборат аст. Бузургию арзиши тӯҳфа аз мавқеи ҷамъиятии меҳмон ва дороии соҳибхона вобастагӣ дорад. Дар навбати худ соҳибхона низ ба хонаи он меҳмони худ ба меҳмонии ҷавобӣ меравад ва барои ӯ дастархон густурда шуда, ҳадяву тӯҳфаҳо

омода карда мешавад. Дар натиҷа ҳеҷ кадом аз ҷонибҳо зарар намебинанд, зеро амалан чизу чораи худро бо ҳам иваз мекунанд, ки арзиши баробар доранд. Ин одати моҳиятан арзишманд дар байни аҳолии Осиёи Миёна мавқеи муҳим дорад.

Ба Бухоро алоқаи мустаҳкам барқарор карда, ҳокимияти рус ин одати қадимаро вайрон накард, дар айни ҳол ташкили дастархон барои шахсони гуногунмартабаи рус дар ҳудуди Хонигарии Бухоро ҳангоми вохӯриҳо, ҳатто як шарти ҳатмӣ гардид ва бо супориши Амир ин кор ба зиммаи бекҳои маҳаллӣ ё дигар амалдорон вогузор гардид, ки илова ба ороиши дастархон, инчунин, барои одамони ба меҳмонӣ омада ҳадяву тӯҳфаҳо омода карда мешавад. Аз сабаби ба забони маҳаллӣ ва мавқеи ҷуғрофии ин ҷо хуб балад набудани нафарони ба ҳудуди хонигарӣ фиристодашаванда, пештар заруратеро ба миён оварда буд (ҳарчанд ҳоло он аз байн рафтааст), ки ҳар як муассисае, ки корманди худро ба ҳудуди Бухоро ба сафари хизматӣ мефиристод, қаблан ба Агентии сиёсии Бухоро муроҷиат карда, хоҳиш менамуд, ки ба фалон корманд барои иҷрои супориши ба ӯ дода шуда ҳамкорӣ намояд. Агентии сиёсӣ бошад дар навбати худ бораи расондани ёрии зарурӣ ба он хизматчӣ ба ҳукумати Бухоро хабар медод, ҳукумати Бухоро бошад, ба ҳамаи бекҳо барои расонидани ёрӣ ва муҳайё кардани шароити мувофиқи корӣ дастур медод. Гоҳо ба ихтиёри шахси ба сафари хизматӣ омада ҳатто амалдореро вогузор мекарданд.

Ба бекҳои маҳаллӣ супориши расондани ёрӣ ба шахси ба сафари хизматӣ омада маънии расман тобеъ будан ба он нафар ва дар айни ҳол эҳтироми хосса зоҳир намудан ба ин гуна нафаронро дошт, ки он дар шакли пешкаш намудани рӯймол, ба ҷо овардани иззати меҳмон ва дастархондорӣ кардани ӯ, ҷалб намудани чандин намоянда аз ҳисоби амалдорони хурд барои пешвозгирӣ ва муборакбодӣ намудани меҳмон ҳангоми мулоқоти ӯ бо бекҳо ва ниҳоят, тақдим кардани тӯҳфаҳо ба амалдори руси ташрифоварда омада ифода меёбад. Русҳо одатан гумон мекунанд, ки хароҷот барои қабулу меҳмондории ҳар як шахсе, ки ба сафари хизматӣ омадааст, аз ҳисоби хазинаи Амир аст ва бекҳо баъд ҳисобот пешниҳод карда, ин хароҷотро аз хазинаи Амир ҷуброн мекунанд, аммо дар асл ҳеҷ гоҳ ин тавр нест ва аз рӯйи нақли амалдорони хурд ҳамаи ин хароҷот аз ҳисоби шахсии онҳо буда, он қисми хароҷоти ҳатмие мебошад, ки барои намояндаҳо вобаста ба мартабаашон бояд сарф шавад. Пас аз муддати дарози дар Бухоро истиқомат намудан ва бо аҳолии маҳаллӣ наздиктар ошно шудан, кас ба хулосае меояд, ки ё қоидаи ба Амир пешниҳод кардани варақаи хароҷот вуҷуд надорад, ё ин ки бекҳо ба ғайр аз пешниҳод намудани варақаи хароҷот ва ба даст овардани маблағи сарфкардаашон аз хазинаи давлат, боз аз пеши худ аз аҳолӣ маблағи зиёдеро барои таҳияи дастархон ва омода намудани ҳадяву тӯҳфаҳо рӯёнда мегиранд. Ҳамин тариқ, ба Бухоро омадани мансабдор, афсар ва амалдори рус ва пешвози онҳо ҳамон лаҳза ба ҷамъоварии маблағ аз ҳамаи аҳолӣ сабаб мегардад, ки онҳо ин бори вазнинро бе ҳеҷ эътирозе нисбати ҳукуматдорони худ ба гардан мегиранд, вале дар айни ҳол дар натиҷаи чунин низоми муносибат аҳолӣ ба ҳар як рус беҳад бо нафрату бадхоҳӣ ва душманона назар мекунанд. Ғайр аз ин, чунон ки дар боло гуфтем, ба ҳар русе, ки ин ҷо омадааст ва хизмати алоҳидаеро бояд ба анҷом расонад, як амалдори махсуси Бухоро вобаста карда шудааст, ки ӯ низ ҳамеша бо истифода аз ин вазъ, барои худ манфиат мегирад. Ҳарчанд вай аз амалдорони ноҳияҳо маблағи муайян мегирад, вале новобаста аз ин, боз аз аҳолӣ баъзе намуди маҳсулотро барои таъмини намояндаи русҳо ва ҳамроҳони ӯ ҷамъоварӣ мекунад. Дар айни ҳол, набояд фаромӯш кард, ки шумораи умумии шахсони ба сафари хизматӣ омада: харитакашҳо, афсарони Штаби генералӣ, ошпазҳо, сарҳадбонон ва ғайра, ки унвону дараҷаҳои гуногун доранд, якҷоя бо муҳофизони казак ва хизматгорон ҳайати бузургеро ташкил мекунанд, ки меҳмондории онҳо ва нигоҳбонии аспҳояшон барои аҳолӣ хеле гарон меафтад. Истиқоматкунандагон ва меҳмонони Бухоро ҳамарӯза мушоҳида мекунанд, ки дар назди хаймаи шахси ба сафари хизматӣ омада захираи зиёди хӯрокворӣ ва каҳу алаф ҷамъ оварда мешавад, ки аз аҳолӣ рӯёнда шудааст. Вале нафарони дар сафари хизматӣ буда, ки дар ин марҳала, ки чандин моҳ идома меёбад, умуман ягон танга харҷ намекунад, бар ин боваранд, ки таъминоти ӯ аз рӯйи ҳисоби махсусе ба роҳ монда шудааст, ки он аз хазинаи Амир пардохт карда мешавад. Борҳо мушоҳида шудааст, ки амалдори Бухорой аз қаламрави худ ба дурии 60-70 чакрим роҳ паймуда, дар хаймаҳои махсус барпокардашуда як ҳафта нишаста, омадани масъулини баландпояи русро интизорӣ кашидааст ва дар ин муддат аз аҳолии маҳаллӣ ба хотири зиёфат додани амалдори рус гӯспанду мурғ ҷамъоварӣ намудааст.[5]

То ҳол ба ин вазъи ғайримуқаррарӣ ва ногувор, ки пешрафти саноатро бозмедорад, то ҳол ягон таваҷҷуҳ зоҳир карда нашудааст ва ҳуқуқи сохтани корхонаҳои рус ва дигар муассисаҳои саноатӣ беандоза маҳдуд карда шудааст. Якравӣ ва дарк накардани манфиатҳои худ – аз сифатҳои махсуси Ҳукумати Бухоро аст, аммо дар ин баробар бепарвой ва сустиродагии дипломатияи мо садди дигарест дар роҳи ҳалли ин масоили муҳим, дар ҳоле ки роҳ ёфтани соҳибкорони мо ба Хонигарии Бухоро ва дарёфти ҳуқуқи ба моликияти шахсӣ табдил додани замин боиси ҳалли масъалаи ба Русия тезтар ҳамроҳ намудани аморати Бухоро мегардад.

Ё шояд барои амалиётҳои ҳарбии минбаъдаи мо роҳҳо дигар умуман лозим нестанд ва мо боз ба анъанаи дерина ва усули тактикии махсуси худ «бе ягон хел роҳ, вақте лозим ояд, афғонро бо каллапӯшҳои худ мезанем» – амал хоҳем кард.

Умуман, тайёрии ҷангии мо барои ҳифзи Хонигарии Бухоро дар марзҳои Афғонистон то чӣ андоза аст, аз мисолҳои зерин равшан мешавад: ба ҳар як дидбонгоҳи марзии мо, ки дар соҳили рости Амударё мустақаранд ва қитъаи муайянеро муҳофизат мекунанд, дар ҷониби Афғонистон дуто чунин дидбонгоҳ муқобил истодааст, дар баъзе қитъаҳо ҳатто се дидбонгоҳро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Шумораи сарбозони ҳар як дидбонгоҳи онҳо ду маротиба аз одамони мо бештар аст. Ғайр аз ин, дидбонгоҳҳои афғонҳо дар биноҳое ҷойгиранд, ки ба истеҳкомҳои на чандон калон шабоҳат доранд. Дидбонгоҳҳои мо бошанд аз хонаҳои оддӣ ва кулбаҳои лоине иборатанд, ки барои истодагарӣ намудан ҳангоми ҳуҷуми душман мувофиқ нестанд.

Дар масъалаи муҳофизати марзҳои Бухоро ва тайёрии ҷангии мо дар ин кишвар мо бояд ҳамеша хулосаи суханронии генерал Ивановро дар ёд дошта бошем, ки гуфта буд: «Гӯшаю канораҳои мамлакати мо аз ҳамдигар хеле дуранд ва дар сурати рух додани мушкилот ба ёрии таъҷилӣ умед бастан нашояд».[5]

Аз ин рӯ, дар марзҳои Афғонистону Бухоро мо бояд ба ҳар як ҳодисаи тасодуфӣ омода бошем ва барои ин, такроран мегӯям, ки дар шаҳрҳои қаламрави Бухоро, аз ҷумла Қабодиён, Сарой, Кӯлоб ва Қалъаи Хумб, бе ҳеҷ гуфтугӯ, қисмҳои ҳарби рус бояд ҷойгир карда шаванд. Чунин чорачӯӣ имкон медиҳад, ки дар ҳолати зарурӣ ва то омадани қувваҳои асосӣ, мо Бухорои Шарқиро ҳимоя намоем. Инчунин мустақар намудани қувваҳои ҳарбӣ дар ин нуқтаҳо нишон медиҳад, ки Хонигарии Бухоро барои мо аҳамияти зиёд дорад ва дар сурати рух додани ягон ҳодиса ба тақдир ҳавола карда намешвад. Ғайр аз ин, чунон ки дар боло гуфта шуд, дар шаҳрҳои Шаҳрисабз, Гузар, Ҳисор ва Ғарм низ қисмҳои ҳарбӣ, ҳадди ақал дар ҳайати як рота бояд ташкил карда шаванд, чунки ин шаҳрҳо дар хати алоқаи мо дар байни Тирмиз ва Самарқанд ҷойгиранд, Ғарм бошад дар байни Кӯлоб ва Марғелони Нав қарор дорад.

Ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки банақшагирӣ ва дигар корҳои назариявӣ дар бобати ҷойгиркунӣ ва аз як ҷо ба ҷойи дигар кӯчонидани лашкар дар айни амалиёти ҳарбӣ, бо дарназардошти кӯҳу дарёҳо, вуҷуд надоштани роҳҳо ё роҳҳои харобгашта, ҳеҷ гоҳ ба воқеияти амалӣ дуруст намеояд, аз ин рӯ, ба ҳамаи масоили хоҳу нохоҳ ба мухофизати Бухоро дахлдошта, бояд диққати махсус дод ва дар навбати аввал ҳар чи зудтар сарҳади Афғонистонро аз дидбонгоҳи Шоҳон то Хоруғ, ки 350 чакримро ташкил дода, айни ҳол муҳофизат намешавад, бо ташкили дидбонгоҳҳои иловагӣ аз ҳисоби сарҳадбонон пурра маҳкам кардан лозим аст.

Дар ҷанги Русу Ҷопон мо дар Манчурия чунин омодагӣ надоштем ва маҳз бо ин сабаб қисман ҷангро бохтем. Ин воқеаи сабақомӯзро мо бояд ҳамеша дар хотир дошта бошем ва қисмҳои ҳарбии худро барои ин гуна ҳолатҳо омода намоем. Дар қисмати кӯҳии Бухорои Шарқӣ қарор доштани сарбозон барои артиши мо дар оянда аҳамияти зиёд дорад, зеро онҳо ба амалиётҳои ҷангӣ дар кӯҳсор омода гардида, минбаъд ба дастаҳои амалан таълимгирифтаи даҳшатафкан табдил меёбанд ва дигар дар муҳорибаҳои кӯҳӣ ҳамчун шаҳриён ва сокинони водиҳо худро ноҳинҷор эҳсос намекунанд.

Мо бояд то сар задани фоҷиа интизорӣ накашем; овозаҳои зиёде омада мерасанд, ки афғонҳо роҳи Пешовар-Кобулро, ки аз марзи Ҳиндустон то Кобул тӯл кашидааст, аз Пешовар то Ҷалолобод идома хоҳанд дод, ҳазамон дар Афғонистон корҳо дар самти сохтмони шоҳроҳи Чорукдара-Қундуз, яъне то сарҳадҳои Бухорои мо идома доранд.

Мо бошем, то ҳол масъалаи сохтмони роҳи оҳани аҳамияти зиёди ҳарбӣ дошта то Тирмизро ҳанӯз ҳал накардаем, ҳарчанд ки омӯзиш ва таҳқиқи ин хатсайр ҳанӯз соли 1904 шурӯъ гардида буд[7].

Аз рӯйи маълумоти мо, ба қалъаҳои марзии афғонҳо ба наздикӣ аз Кобул хати алоқаи телефонӣ гузаронида шуд. Бояд гуфт, ки акнун афғонҳо ҳама чизи заруриро доранд: лашкар, роҳ ва алоқаи телефонӣ. Дар муқобили онҳо мо чизе надорем, на лашкар, на телеграф, на телефон, на анбор ва на роҳҳои мувофиқ.

Гумон меравад, ки мо чун ҳамеша боз бо ҳаво додани каллапӯшҳои худ ба зудӣ ғалаба ба даст меорем.

Ҷараёни таърихии ҳаракати рӯзафзуни Русия ба Осиёи Миёна соли 1865 неруҳои ҳарбии русро то ба дарвозаҳои Тошканд овард ва ин шаҳр бо як ҳамла ишғол карда шуда, дар натиҷа ин шаҳр ба пойгоҳи русҳо барои амалиётҳои минбаъдаи ҳарбӣ ва тобеъ кардани тамоми кишвари Туркистон ва марзҳои Хева ва Хонигарии Бухоро, ки ба он ҳамсояанд, табдил ёфт. Мавҷи ин амалиёт он замон аз марзҳои хонигарии собиқи Хуқанд гузашта, минбаъд ба таври васеъ доман паҳн намуд ва ҳудуди Бухороро низ фаро гирифт. Минбаъд паиҳам дигар шаҳрҳои Бухоро аз қабили Ӯротеппа, Ҷиззах, Самарқанд, Ургут ва Катта-Қӯрғон забт гардида, баъдҳо ба хати пеши муҳофизатии сарзминҳои забтгардида табдил ёфтанд.

Хонигарии Бухоро, ки аз дохил фурӯ пошида буд, ба ҳуҷуми қатъии Русия муқобилият карда натавонист ва аз ҳудудҳои тасарруф намудаи сипоҳи рус бо ба имзо расонидани шартномаи махсус даст кашид. Аммо бесарусомонии дохили хонигарӣ ва балвои вориси тахту тоҷи Бухоро (Катта-Тура) ба муқобири Амир Музаффархон, инчунин руҳияи таасубомези аҳолии ин ҷо ба зудӣ вазъиятеро ба амал овард, ки Музаффархони сустирода ва рӯҳан заиф дар зери таъсири рӯҳониён монда, аз нав дар сарҳад қуввахои ҳарбиро ҷамъ овард. Ҳуҷуми дастаҳои бухорой ба хати пеши сарҳадҳои мо бошад боиси ҳуҷуми ҷавобии русҳо гардид ва ин задухӯрд 2 июни соли 1868 ба шикасти пурраи лашкари Амир дар баландиҳои Зирабулоқ оварда расонд.[8]

Сафири махсуси Амир барои бастани қарордоди сулҳ фиристода шуд, ки мебоист ба ҳама гуна шартҳои пешниҳодкардаи русҳо бегуфтугӯ розӣ шавад. Дар натиҷа қисми калони Бухоро то дарёи Зарафшон ба тасарруфи русҳо даромад ва танҳо бекигарии кӯҳии мустақили Шаҳрисабз, ки аз қадим Хонигарии Бухороро эътироф намекард, муқовимати ҳарбиро идома дода, марзҳои нави моро ноором месохт. Дар натиҷа соли 1870 дастаи генерал Абрамов аз қаторкӯҳи сарҳадии Оқсо-Тов гузашт ва 14-уми август бо як ҳуҷум шаҳри Китобро тасарруф намуд.[6] Аз байн чанде нагузашта, Шаҳрисабз, Чироқчӣ ва Қаршӣ низ ишғол гардида, дар натиҷа тамоми сарзамини Бухоро аз ҷониби русҳо забт гардид. Бо истифода аз ин шароити мусоид мулкҳои ишғолгардида ба ҳудудҳои туркистонии қаблан истилонамудаи русҳо ҳамроҳ карда шуданд. Аммо дар ҳамин вақт коре анҷом ёфт ки боиси ҳайрату тааҷҷуби ҳатто худи бухороиҳо гардид: дар натиҷаи ким-чӣ гуна андешароҳиҳои комилан нофаҳмо кишвари Шаҳрисабз, ки ҳоло тамоми Бухорои Шарқиро дар бар мегирад ва ҳамеша ба Хонигарии Бухоро муносибати бадбинона дошта, онро эътироф намекард, ба ихтиёри Бухоро вогузор карда шуд. Дар асоси ҳудудҳои хурди боқимондаи Бухоро ба таври сунъӣ давлати нави Осиёи Миёнагӣ ташкил карда шуд. Муносибати сиёсии Русия ба ин давлат имрӯз ҳам чун дар ҳамон давра ба таври ҳайратовар ва аҷиб ба роҳ монда шудааст ва ин муносибат муаммои сарбастаро мемонад.

Аз рӯйи баъзе далелҳо ҳадс задан мумкин аст, ки сабаби асосии бавуҷудоии ин вазъи ғайриоддӣ аз як тараф дар кам будани шумораи асокири рус дар Осиёи Миёна, дурии ин кишвар аз марказ ва адами набудани роҳҳои алоқа буда, аз тарафи дигар тарс аз ҳиллаву найранги инглисҳо, ки имкон доранд ба афғонҳо кӯмак намудан ба бухороиҳоро талқин намоянд. Бо ин роҳ инглисҳо метавонанд дар Бухоро мушкилоти нав ва бенизомиҳои бардавомро ба вуҷуд оваранд. Аз ин ҷиҳат, барои дастгирӣ ва мустаҳкам кардани ҳукумати Бухоро чораҳо андешида, Русия Бухороро дар ҳамон вазъи мавҷудаи муқаррарӣ гузошт, ба тақдири ин ҳукумате, ки онро сиёсатмадорони мо ба вуҷуд оварда буданд, бетафовут монд, дар ҳоле ки Бухоро ба ҷорӣ кардани тартиботи худ ба ҳудудҳои нави ба он ҳамроҳкардашудаи кишвари Ҳисор ва Бухорои Шарқӣ оғоз карда буд.

Чуноне, ки мо пеш аз ин қайд карда будем, кишвари Ҳисор аз ҳамвориҳои Хонигарии Бухоро бо қаторкӯҳҳо ҷудо шуда, чун як иттиҳоди бекигариҳои мустақил ҳукумати Амирро эътироф намекард ва ба мири нисбатан бонуфузтар (Беки) Шаҳрисабз итоат мекард.

Шароити мусоиди табиӣ ва дар иҳотаи қаторкӯҳҳо қарор доштани Ҳисор барои ин кишвар имкони хуби муҳофизатӣ фароҳам овардааст ва аз ин ҷиҳат кӯшишҳои пештараи амирони Бухоро барои ба тобеияти худ даровардани ин ҳудуд ҳамеша ба нокомӣ меанҷомид. Роҳҳои душворгузар ва дигар омилҳои мавҷуда боис шуда буданд, ки Ҳисор худро нисбати Хонигарии Бухоро хеле қавитар эҳсос кунад. Ин эҳсосро инчунин ба сабаби пайвандҳои хешутаборӣ ба бекигариҳои Шаҳрисабзу Ҳисор бештар майл доштани бекигариҳои мустақили Кӯлоб, Дарвоз, Балҷувон ва Қаротегин тақвият мебахшид.[3]

Душмании деринаи миёни қабилаҳои ҳукмрони Ҳисор ва амири Бухоро, махсусан аз миёнаҳои асри XIX, ба авҷи аълояш расид. Хонигарии Бухоро наметавонист ба пурқувват шудани кишвари Ҳисор бетафовут бошад, дар ҳоле ки он паиҳам вилоятҳояшро аз даст медод ва баъди бастани шартномаи сулҳ бо русҳо аз ҷиҳати ҳудуд ба як кишвари хурд табдил ёфта буд. Сулолаи манғитҳо, ки амири Бухоро ба он тааллуқ дошт, эҳсос кард, ки рафти воқеаҳои таърихӣ ахиран онҳоро комилан ба нестӣ маҳкум кардааст. Худро аз саҳнаи таърих рондашуда тасаввур кардан, албатта, хеле барои онҳо душвор буд. Мушоҳидаи қувват гирифтани қабилаи кенгасҳо, ки ҳукмронони Шаҳрисабз аз насли онҳо буданд ва эҳтимоли қавии ба тобеияти онҳо даромадани бекигариҳои нимамустиқиле, ки то шарқи Помир доман паҳн карда буданд, боз ҳам аламовартар буд, зеро дар ин сурат имкони дар муқобили онҳо ба вуҷуд омадани давлати пурзӯр ва мустақил пайдо мешуд.

Кӯтоҳандешӣ ва макру дасисаи рӯҳониёни мутаасиби Бухоро ва Шаҳрисабз дар ин кор нақши ҳалкунанда бозид.

Пас аз оне ки Хонигарии Бухоро аллакай пурра шикаст хӯрда, лашкари рус Уротеппа, Ҷиззах, Самарқанд ва Ката-Қурғонро ишғол карда буд, аз ин вилоятҳо ҳавза (округ)-и махсуси Самарқанд ташкил карда шуда, ки он аз ҳудуди Шаҳрисабз ҳамагӣ дар дурии 60 чақрим* воқеъ гардида буд ва сарҳади он бо қаторкӯҳҳои душворгузар ҷудо мешуд. Вале беки шаҳри Китоб – Ҷӯрабек, ки басо эҳсосотӣ, гармхуну ҳарис ва боғайрат буд, якҷоя бо беки Яккабоғ – Бобобек ба муборизa барои

ҳифзи дини ислом бархостанд ва қувваи зиёде ҷамъ оварда, дар Самарқанд қароргоҳи русҳоро ба муҳосира гирифтанд. Бекҳои Ҳисор, ки дар ин ҳуҷум бештар талафот дида буданд, ба кӯҳҳои худ баргаштанд. Онҳо, ки дигар душмани Русия гардида буданд, ба таври таъҷилӣ барои ҳифзи мулкҳои худ талош варзиданд, чунки боварии комил доштанд, ки ба ҳуҷуми онҳо русҳо ҳуҷуми ҷавобӣ хоҳанд кард.

Ба қувваю тавоноии худ боварӣ ҳосил карда, умед ба он мебастанд, ки Амири Бухоро ба ваъдаи додаи худ дар бораи расондани ёрӣ ба онҳо вафо хоҳад кард ва мухторияти пурраи кишвари Ҳисорро дар сурати ғалаба бар русҳо эътироф хоҳад кард. Бекҳои Ҳисор, ки руҳияи худро бо андешаи муборизa бо кофарон ва пойдории ислом баланд мебардоштанд, гумон ҳам надоштанд, ки Хонигарии Бухоро на танҳо ёрии ваъдакардаашро иҷро намекунад, балки ба душмани онҳо табдил меёбад.

Аммо иқдоми дипломатии ҳукумати Бухоро дуруст андешида шуда буд. Ҳуҷуми генерал Абрамов дар соли 1870 ба кишвари Ҳисор ва минбаъд аз ҷониби ӯ бомуваффақият ишғол гардидани шаҳрҳои калони Ҳисор – Китоб, Чироқчӣ ва Шаҳрисабз дурустии ин тасмимро исбот намуданд. Дар ҳоле ки аморати Бухоро дар тули як аср кишвари Ҳисорро забт карда натавониста буд, ин дафъа бо лашкари русҳо, ки лашкари Ҳисорро дар шимол шикаст медод, пайваст ва ба он ҷо аз ҷониби ғарб ҳуҷум овард. Бекҳои Шаҳрисабз аз се тараф дар муҳосира афтода, шикасти сахт дида ба тарафи Ҳуқанд фирор карданд ва баъдан дар он ҷо ба русҳо таслим шуданд.

Ҳамин тавр, кишвари васеи Ҳисор бар асари ҷонфидоӣ ва қурбониҳои зиёди аскарони рус истило гардида, барои ҳамроҳ намудан ба ҳудудҳои дигари ишғолнамудаи русҳо омода карда шуд. Аммо дипломатияи кӯтоҳандеши мо ба ин масъала назари дигар дошт: он ба кӯмаки Амири Бухоро баҳои ғайривоқеӣ дода, муносибатҳои дар тӯли таърих миёни давлатҳои хурди Осиёи Миёна вуҷуддоштаро сарфи назар намуд, инчунин, кишвари федеративӣ будани Ҳисорро ба эътибор нагирифта, онро пурра ба ихтиёри Бухоро дод.[3]

Шахсони бофаҳму дурандеши маҳаллӣ нақши муҳимми Бекҳои Шаҳрисабзро дар оянда дарк намуда, ба тақдири минбаъдаи онҳо шарик гардиданд. Дар натиҷа, собиқ Беки шаҳри Китоб – Ҷӯрабек-бий зуд ба хизмати лашкари рус ба ҳайси подполковники неруҳои ҳарбӣ ҷалб карда шуд ва минбаъд ӯ барои хизматҳояш то ба унвони генерал-майор боло бурда шуда, ба ихтиёри Генерал-губернатори Туркистон супурда шуд. Аммо хавфи он нуфузеро, ки генерал Ҷӯрабек дар тамоми Бухорои Шарқӣ дошт, ҳукумати Бухоро нодида гирифта наметавонист ва ин қасоси хунин дер ҳам бошад, оқибат ситонида шуд: соли 1905, баъди 25 сол генерал-майор Ҷӯрабек-бийро дар хонааш дар шаҳри Тошканд шахсони номаълум ба қатл расониданд.[2]

Бо ҳамроҳ карда шудани кишвари Ҳисор ба Хонигарии Бухоро аҳолӣ ба ин дипломатияи на он қадар хирадмандона созиш карда наметавонист ва танҳо бо ёрии сипоҳи рус амир тавонист шӯришу балвоҳои оммавии хунинро, ки дере нагузашта пас аз ин ҳамроҳкунӣ дар тамоми кишвар оғоз гардида, қариб понздаҳ сол идома ёфтанд, фурӯ нишонад. Ба ҳукумати Бухоро барои он ки мардуми башӯромада ва ҷанговарро пурра ба итоати худ маҷбур намояд, лозим омад, ки аз хун дарёҳо ҷорӣ созад.

Сиёсати сахту бетараҳҳуми давлати Бухоро муқобилияти аҳолиро бо бераҳмии даҳшатовар ва мушкилоти зиёд бартараф карда, дар мамлакат ҷазоҳои гушношунид, кушторҳои оммавӣ баргузор намуд ва ҳокимони собиқ (бекҳо)-ро тасхир ва ҷисман нобуд кард. Ба ҷойи бекҳои маврусии сарнагуншудаи Дарбанд, Кӯлоб, Балҷувон, Дарвоз ва Қаротегин дастнишондиҳандаҳои Амири Бухоро таъйин гардиданд, ки умуман мустақилияте надоштанд; аҳолии маҳаллии тороҷгардида ва бехонумоншуда ба ҳар ҷониб, асосан ба Афғонистон гурехтанд. Дар он ҷо бекҳои ҷон ба саломатбурда ва хешу табори онҳо аз тарафи ҳукуматдорони Афғонистон хуш пазироӣ ёфтанд.

Ҳукумати Бухоро зери ҳимоя ва дастгирии русҳо лашкари худро мустаҳкам карда, ҳамаи онҳоеро, ки бо ягон сабаб ба ҳукмрониашон андаке халал ворид карда метавонистанду хавфнок дониста мешуданд, бераҳмони қир кард. Ҷӯйҳои хуни равонгардидаи аҳолии Бухорои Шарқӣ на танҳо ба русҳо шуҳрат наовард, балки баръакс, ҳамаи мардуми ин беихтиёр сабабгори асосии ҳамаи ин хунрезиҳои даҳшатбор русҳоро медонистанд ва ҳоло ҳам чунин мешуморанд, ки маҳз русҳо онҳоро ба итоати Амири Бухоро даровардаанд.

Барои иботи дурустии сиёсати худ дар ин давраи ҳузнангез одатан ба он ишора мекунанд, ки аз ҳамроҳкунӣ ё тобеъномоии пурраи Хонигарии Бухоро ба мулкҳои васеи осиёимиёнагии русҳо ба он хотир ба таъхир андохта шудааст, ки аҳолии ноорому шӯришгари ин минтақаро ба тобеияти комил даровардан хеле душвор аст. Дар натиҷа чунин ҳолати номатлубе ба амал омад, ки мо аз ҳудудҳои забт кардаамон даст бикашем ва Бухорои Шарқиро бо тамоми аҳолии гуногунқавму гуногунзабонаш ба амир вогузор кунем ва минбаъд маҳз бо ёрии ҳукумати ӯ аҳолиро оҳиста-оҳиста ва муназзам барои ба зери ҳукми русҳо даромадан омода кунем, зеро танҳо дар чунин ҳолат ба Русия ҳамроҳ кардани Хонигарии Бухоро дигар ягон душворӣ ба бор намеорад.

Кӯшишҳои зиёди Абдулмалик-хон минбаъд барои ба даст овардани тахти Бухоро ба ягон натиҷае нарасид, ҳарчанд ки дар он замон ҳам ба Хонигарии Бухоро ва ҳам ба ҳукумати Русия ташвишу мушкилоти зиёд эҷод карда буд. Танҳо марги ин талабгори ҷангҷӯву даъвогар ва истифодаи қудрати сипоҳи рус ахиран мақоми Амири Бухороро устувор гардонид.

Ба масъалаи омода кардани аҳолӣ барои дар оянда ҳамроҳ шудан бо Русия лозим меояд, ки баъдтар таваққуф кунем. Ин ҷо барои равшан кардани вазъи умумӣ танҳо ҳаминро гуфтан лозим аст, ки ҳукумати нави ба таври сунъӣ ба вуҷуд омадаи Бухоро ҳамеша сиёсати махсуси худро ба амал мебаровард, ки ба масоили омода кардани аҳолӣ ҳеҷ дахл надошт, балки ба он чиз нигаронда шуда буд, ки аз аҳолӣ ҳарчи бештар даромад ба даст оварад. Ҳамзамон ин ҳукумат кӯшиш ба харҷ медод, ки ҳарчи бештар Русияро аз мудохила кардан ба корҳои дохилии Хонигарии Бухоро барканор намояд.

АДАБИЁТ

1. Халфин Н.А. Политика России в Средней Азии (1857–1868). – М.: Издательство восточной литературы, 1960. С.104-105
2. Терентьев, М.А. Россия и Англия в Средней Азии/ М.А. Терентьев. – СПб.: тип. П. П. Меркульева, 1875. – XIII. – С.85
3. Терентьев, М.А. История завоевания Средней Азии. С картами и планами. В 3 т. Т.1/ М. А. Терентьев. – СПб.: Типолитография В.В. Комарова, 1906.
4. Омӯзишгоҳи миёна ё ба русӣ «реальное училище» як навъи омӯзишгоҳе дар давраи ҳукумати подшоҳӣ буд, ки дар он забонҳои қадимиро таълим надода, математика ва фанҳои табииро бештар меомӯзонданд.
5. Логофет, Д.Н. Страна бесправия бухарское ханство и его современное состояние/ Д. Н. Логофет. – СПб: Из-тво Березовский комиссионер военно-учебных заведений, 1909. – С. 24-25
6. Логофет Д.Н. По каспийскому морю и персидской границе (путивой очерки по Средней Азии). – Спб: Типография галвного управления Уделов, моховая, 40. 1903. С. 86-87
7. Логофет Д.Н.На Башне смерти // Кауфманский сборник в память 25-летия со дня смерти устроителя Туркестана К. П. Кауфмана. М, 1910.
8. Логофет Д.Н. Завоевание Средней Азии // История русской армии и флота. — М, 1913.

ОТНОШЕНИЕ РОССИИ К БУХАРЕ ВЗГЛЯД РОССИЙСКОГО ИССЛЕДОВАТЕЛЯ Д.Н.ЛОГОФЕТ

В этой статье рассматривается вклад Дмитрия Николаевича Логофета в изучение истории таджикского народа. Он хорошо разбирался в истории, культуре и быте народов Средней Азии и написал ряд трудов, посвященных жизни людей этого региона. Он действительно записывал то, что наблюдал и записывал во время своих путешествий.

Поэтому статья должна охватывать границы Афганистана и Бухары, включая Кабодиен, Сарай, Куляб и Калай-Хумб, безусловно, российские воинские части. Такая мера позволила бы при необходимости защитить Восточную Бухару до прибытия основных сил. Размещение вооруженных сил в этих пунктах также показывает, что Бухарское ханство имеет для нас большое значение и не будет оставлено на волю случая в случае инцидента.

Кроме того, как упоминалось выше, в городах Шахрисабз, Гузар, Гиссар и Гарм должны быть созданы воинские части, хотя бы в одной роте, поскольку эти города расположены на нашей линии сообщения между Термезом и Самаркандом. и между Кулябом и Новым Маргиланом.

Ключевые словар: *Бухара, Средняя Азия, Мастчох, Афганистан и Бухара, Кабодиен, Сарай, Куляб, Калаи-Хумб, Шахрисабз, Гузар, Гиссар, Самарканд, Термез, Куляб, Маргилан.*

RUSSIAN RELATIONSHIP TO BUKHARA VIEW OF THE RUSSIAN RESEARCHER D.H.LOGOFET

This article examines the contribution of Dmitry Nikolaevich Logofet to the study of the history of the Tajik people. He was well versed in the history, culture and life of the peoples of Central Asia and wrote a number of works on the life of the people of this region. He actually wrote down what he observed and recorded during his travels.

Therefore, the article should cover the borders of Afghanistan and Bukhara, including Kabodien, Saray, Kulyab and Kalai-Khumb, of course, Russian military units. Such a measure would, if necessary, protect Eastern Bukhara before the arrival of the main forces. The deployment of armed forces at these points also shows that the Bukhara Khanate is of great importance to us and will not be left to chance in case of an incident.

In addition, as mentioned above, military units should be created in the cities of Shakhrisabz, Guzar, Gissar and Garm, at least in one company, since these cities are located on our line of communication between Termez and Samarkand. and between Kulyab and Novy Margilan.

Keywords: *Bukhara, Central Asia, Mastchokh, Afghanistan and Bukhara, Kabodien, Saray, Kulyab, Kalai-Khumb, Shakhrisabz, Guzar, Gissar, Samarkand, Termez, Kulyab, Margilan.*

Сведение об авторах:

Мирзоев Мирзо*, преподаватель кафедры всеобщей истории Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, тел.: (+992) 881888501*

Абдулҳамидова М.Н.*, соискатель кафедры всеобщей истории Таджикского государственного педагогического университета им. Садриддина Айни, тел.: (+992) 881888501*

About the authors::

Mirzoev Mirzo, *lecturer of the chair of the general history of the Tajik state pedagogical university named after Sadriddin Aini. tel.: (office) (+992)881888501.*

Abdulhamidova M.N., *post-graduate student of the department of the General History of the Tajik state pedagogical university. Sadriddina Aini, tel .: (+992) 881888501*

МАТЛАБИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОХТМОНИ НЕРУГОҲИ БАРҚӢ ОБИИ РОҒУН

Ҳусайнов А.Қ., Алимардоова З.Ф.

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ

Ба кор андохтани агрегати якуми нерӯгоҳи барқи обии «Роғун», яъне иншооти тақдирсози аср ва ояндаи дурахшони Тоҷикистон, ки ба шарофати он орзуи чандинсолаи мардуми шарифу заҳматқарини тоҷик амалӣ гардид, ибтидои гардиши куллӣ дар таърихи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва як қадами устувору бузурги кишвари мо дар самти расидан ба ҳадафиякуми стратегии миллӣ – истиқлолияти энергетикӣ ба ҳисоб меравад[1, с.4].

Таҷрибаи таърихӣ алакай собит сохт, ки Роғун иншооти азими гидроэнергетикиест, ки ба сохтмону истифода аз маҳсулоти неруи сабзи барқии барои ҳаёти инсон безарару манфиатноки он, ғайр аз Тоҷикистон, кишварҳои дигари Осиё Марказӣ, Чин, Ҳинустон, Русия ва ғайра низэҳтиёҷи калон доранд. Вай бо азамати Лоиҳавии худ дар ҷаҳон ба он хотир увони «Иншооти мӯъҷизаноки аср»-ро гирифтааст, ки дар шароити муосир ҷаҳон ба таззоди танқисӣ ба захираҳои гармидиҳанда: ангишт, газ, нафт ва ғайраи дигар дучор омадааст. Неругоҳҳои барқи обӣ низ талаботи рӯзафзуни инсонро ба нерӯҳои гармию нурбахш ва созанда,қонеъ карда наметавонанд. Иншоотҳои атомӣ, ки микдорашон то рафт меафзояд, якҷоя бо иншоотҳои ядроию термоядроӣ ҳаётро дар сайёраи Замин ногувор гардонида истодаанд.Аз ин лиҳоз бо дарки маънӣ сохтмону ба истифодаи ҷаҳониён супоридани мӯъҷизаҳои сабзу арзон ба монанди НБО Роғун аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарвари Пешвои он, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, амали худкомагӣ нест, балки зарурияти таърихии башари аст. Ба хусус аҳамияти он пеш ва беш аз ҳама ба манфиати минтақаи Осиёи Марказӣ зарур аст.

Бо сохта ба истифода дода шудани ин иншоот мардуми мамолики номбурда, имконият пайдо мекунанд, ки бисёр масъалаҳои мубрами зиндагии хешро бо осони ҳал намоянд: бе сарфи гаронмоя,бо қувваи барқ таъмин мегарданд; захираҳои обии дарғот (плотина)-и ононҳоро бо оби ошомидании тозаи экологӣ таъмин мегердонад ва заминҳояшонро обшормесозад; инчунин метавонанд обро бо масрафи кам ва ба таври дилхоҳ, ҳамчун моеъи маҳлулкунандаи кимёвӣ, дар соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, тиб, озмоишгоҳҳои илмӣ-техникӣ, амалӣва таълимгоҳҳо истифода баранд ва ғайра.

Лоиҳаи НБО – и Роғун дар даврони Шӯравӣ, мавриде таҳия меёфт, ки зарурати он барои кушодани заминҳои нав ва аз онҳо рӯёнидани ашёи хом барои саноати сабук,ба миқдори зарурӣба даст овардани маводи озӯқа, ғалла, меваҷот, гушт, шир, сабзавод ва амсоли инҳо пешгӯи мегашт. Яъне бештар хусусияти иқтисодӣ – дошт ва дар навбати аввал бароипешрафти саноатиноҳияҳои Марказӣ.

Макони сохтмони Неругоҳи номбурда, аз ҷониби тадқиқотчиёни замони Шӯравӣ,Семён Колежнюк ва Виктор Ненахов ҳанӯз с. 1931 дар мавзеъидеҳаи «Сичароғ» кашф гашта буд. Соли 1932 И. Караулов олими шинохтаи соҳаи энергетика, ки ба таҳияи харитаи захираҳои обии Осиёи Миёна ва истифодаии онҳомашғул буд, мавзеи зикршударо барои сохтмони НБО муносиб дониста, онро дар ин ҳуҷҷат ворид сохт. Вале бо зарурияти норасогиҳои сармоявӣ давом додани корҳои омӯзиши ва таҳияи Лоиҳаи сохтмони иншоот ба таахир гузошта шуд.

Дар тӯли 28 сол, то оғози солҳои 1960 дар дарёҳои Варзоб, Вахш ва Сир як силсила нерӯгоҳҳои хурду миёна сохтаю ба истифода дода шуданд. Дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва таҷрибаиҳосилшуда, бароиба нақшагирӣ ва сохтмони як қатор иншоотҳои обёрӣ ва нерӯгоҳҳои калонии барқӣ обӣ мусоидати хуб карданд. Аз ҷумла, дар соли 1960 сохтмони НБО-и Норакба роҳ монда шуд ва соли 1961 корҳои омӯзиши НБО-и Роғун оғоз ёфтанд.Баъди тайёриҳоиҳамаҷонибаи 15 сола агрегати якуми нерӯгоҳи Норакба кор даромадва бо истифода аз нерӯҳои истеҳсолкардаи он с. 1972 дар мавзеи пешаки ба назар гирифтаи «Сичароғ»корҳои амалии бунёдиНБО-и Роғун ба роҳ монда шуданд.

Дар ҳамин солИнститути илмӣ – тадқиқотии «Гидропроект» -и ИҶШС дар Тошкенд асосноксозии техникӣ– иқтисодии Лоиҳаи НБО Роғунро ба охир расонида буд. Онро Вазорати энергетикаи ИҶШС дар ҳузури намояндагони ваколатдори ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна мавриди муҳокима қарордод. Пас аз чор моҳ пеш аз истифодаи аввалин агрегати НБО – и Норак дар партави Лоҳиҳаи болозикр корҳои тайёрӣ барои сохтмони иншоот ба роҳ монда шуданд. Далел бар ин, аввалин варақаи корӣ ва пардохти маоши коргарон (10. 08. 1972), ки аз ҷониби сардори сохтмонии Иттиҳодияи Умумииттифоқии «Гидроспецстрой» Борис Петрович Соболёв ба имзо расидааст, ҳисоб мешавад. Ба ин муносибат, Лоиҳаҳои Институти илмӣ – тадқиқотии «Гидропроект» -и ИҶШС дар Тошкенд асоснок сохтаро дар таърихи 27.02 1974с. Комиссияи салоҳиятноки ба нақшагирии иқтисодии давлатӣ(Госплан ИҶШС) бо қарори худ, таҳти №6 тасдиқ кард [3, с.103].

27-уми сентябри соли 1976 бо мақсади мушоҳида кардан аз рафти корҳои сохтмонӣ, котиби аввали Ҳизби Коммунисти ТоҷикистонҶ. Расулов ва Вазири энергетика ва электрификатсияи ИҶШС П.С. Непорожний ба иншооти Роғун ташриф оварданд. Бахшида ба ин муносибат ҷаласаи ботантана баргузор гардид, ки ба он Ҷ. Расулов ҳусни оғоз бахшид ва доири аҳамияти таърихӣ, иқтисодию иҷтимоии неругоҳи Роғунро барои ҳаёти кишвар ва минтақаи Осиёи Марказӣ арзёбӣ намуд. Ба ин хотир, таърихи ба таври расми шурӯъ гардидани корҳои сохтмони дар НБО-и Роғун аз ҳамин рӯз ба қайд гирифта шудааст.

Бо вуҷуди ин нуқтаи муҳимми дигаре ба назар мерасад, ки таҳияи охирини Лоиҳаи техники-иқтисодӣ обанбори НБО Роғун бо сарбанди 335 метра, иборат аз 6 агрегат(3600 МВт) ва истеҳсоли 3600 млн квт/соат нерӯи барқ дар як сол хело дертар, дар солҳои 1980-1982 анҷом ёфтааст. Ва албатта ингуна кашолакорӣ дар муқаррароти иқтидоридаҳиқи техникӣ, истеҳсолӣ ва моҳиияти иқтисодию иҷтимоии онбоиси тағйиротҳои ҷиддӣ дар фаъолияти ҳайати кории иншоот гардид ва ба суръати пешрафти кори сохтон то андозае монеъа гардид.

Лоиҳаи мазкурро роҳбарияти ҳамонвақтаи ҷумҳуриҳои поёноб - Туркманистону Ӯзбекистон бо ҳавасмандии калон ҷонибдорӣ карданд. Ба он хотир, ки оби дар обанбори Нерӯгоҳ ҷамъ шуда, имкон медод, ки 400 ҳазор гектар заминҳои ташналаби Ӯзбекистону Туркманистонро обшор карда, онҳоро ба заминҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ворид гардонида шаванд. Вале обанбори он бо ғунҷоиши 13 км^3, дар Тоҷикистон 17 ҳазор гектар заминҳои воҳаҳои куҳии собиқ: Комсомолобод, Ғарм ва Файзободро ба зери худ мегирифт. Дар нин радиф зарурияте пеш меомад, ки 20 ҳазор сокинони ин маҳалҳороба дигар ҷойҳо кӯчонанд [2, с.637].

Бо шаҳодати таърих корҳои сохтмони дар иншоот дар тӯли 12 сол натиҷаи хуб надоштанд. Дар ин хусусКотиби навбатии аввали Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон К, Маҳкамов дар баромади худ дар ҷаласаи съезди 27-уми Ҳизби Коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ (27.02. 1986) изҳори ақида кард. Ӯ диққати ҳозиринро ба он равон намудааст, ки: «Соҳаи сӯзишворию – энергетикӣ на танҳо барои ҷумҳурии мо балки барои рушди тамоми минтақаи Осиёи Миёна зарур аст. Дар Тоҷикистон 60 - фоизи захираҳои гидроэнергетикии Осиёи Миёна ҷойгир шудааст, ки мо метавонем онро барои тамоми минтақа истифода намоем. Ҳамасола 15 миллиард квт/с қувваи барқ истеҳсол мегардад, агар мо ин иқтидорҳоро (тавассути анҷом додан ва ба истифода додани НБО-и Роғун) пурра аз худ намоем, ин шумора 6 баробар зиёд мегардад. Нерӯгоҳҳо дар кишвари мо дар баробари тавлиди қувваи барқ боз масъалаи дигари муҳим – таъминот бо обро низ ҳал менамоянд. Танҳо обанбори баҳри Роғун метавонад 320 ҳазор гектар заминҳои навкорами Ӯзбекистону Туркманистон ва дар маҷмуъ 4 млн. гектар заминро (дар Осиёи Миёна) пурра бо об таъмин намояд. Аммо айни ҳол корҳои сохтмони дар ин Нерӯгоҳ ба талабот ҷавобгӯй намебошанд. ВЦСПС, Госплан СССР,

Минфин СССР ва Стройбанк СССР аз ӯҳдаи вазифаҳояшон набаромада, дар вақти муқарраргардида корҳои ба зимаашон гузошташударо иҷро намекунанд»[4, с.309].

Ба хотири болобардории маҳсулиятнокии кормандони НБОРоғун 25-уми декабри соли с. 1986 Президиуми Олии ҶШС Тоҷикистон дар бораи таъсиси Кумита оидба сохтмони шаҳри Роғун қарори махсус қабул кард.Кумитаи навташкил дар ҷаласаи аввалини худ моҳи апрели с. 1987 собиқ раиси ҳукумати шаҳри Норак Яҳё Мирфозилов интихоб гардид. Ингуна чорачӯиҳои Ҳукумати ҶумҳуриитТоҷикистон равиши корҳои созандагиродар НБОРоғун босуръат гардониданд ва диққати Ҳукумати марказиро низ ба он бештар ҷалб намуданд.

Дар дар соли 1986 дар ҷаласаи ҷамбастии маҷлиси машвaратии Умумииттифоқии кормандони соҳаи гидроэнергетика масъалаи сохтмони иншооти Роғунба яке аз бастҳои марказии ақидаронии ҳозирин қарор гирифт. Тибқи андешаҳои ҳозирин доири давраҳои сохтмони он қарори мушаххас қабул карда шуд:

- охири соли 1987 маҷрои дарёи Вахш баста мешавад;
- соли 1989 агрегати якуми нерӯгоҳба истифода дода шавад;
- соли 1990 сохтони шаҳри Роғун ба анҷом расонида шавад;
- соли 1993 НБО Роғун пурра ба истифода дода шавад.

Аммо дар ин давра Кумитаи Марказии ҲК диққати мамлакат ва ҷаҳонро дар зери шиори «Бозсозии инқилобӣ» ба гузаронидани ислоҳотҳои навбатии иқтисодӣ ва демократиикунонии он ҷалб намуд. Раванди бозсозӣтариқи ошкорбаёнию таҳлиличуқури фаъолияти Ҳизби Коммунист дар идороти хоҷагидории сотсиалистӣ, бисёр масъалаҳои ҳалнагаштаи мубрамро ошкор намуд. Маълум гашт, ки ин ҳизби ҳоким тариқи демократӣ ҷомеаро идора карда наметавонад. Дар натиҷа Иттиҳоди Шӯровӣба гирдоби моҷароҳои сиёсӣ, идеологӣ ва маънавӣ фурӯ рафт.

Доир ба ин ҳолат ва ҷиҳатҳои дигаре, ки ба сохтмони НБОРоғун дахл доштанд дар матбуоти даврии марказӣ ва Тоҷикистон ахбори зиёди ҳангомавию воқеъбинона нашр гаштанд. Дар саҳифаҳои матбуоти марказӣ бар зидди сохтмони Нерӯгоҳ мақолаҳо ба таъб мерасиданд. Бархе аз онҳо мақолаҳои «Самая, самая, самая…» - «Социалистическая индустрия» аз 07.09.1988; «Страсти по – рогунски» - «Социалистическая индустрия» аз 02.02.1989; «Плотина» - рӯзномаи»Правда» аз 21.11.1988; «Всегда ли прав скорий суд» -»Правда» аз 03.01.1989;ба шумор мерафтанд.

Дар матбуоти даврииТоҷикистон бошад,бо ишора ба муаллифони боло муаллифони зерин боунвони «мутахассион» (яъне соҳаи барқ)баромад кардаанд: Тоҳири Абдуҷаббор, Д.Дӯст, Отахон Латифӣ, И.Файзуллоев, Х.Умаров ба муқобили мақолаи Баҳроми Сироҷ «Прогресс без энергетики?» - рӯзномаи «Коммунист Таджикистана», 21.02.1989, баромад кардаанд. Мақолаи Мирзоев Ҷ. «Фардо дер мешавад» - газетаи «Комсомолская правда» аз 23.08.1989 чоп гаштааст.Доири ниҳоят хатарнок будани сарбандҳои Нораку Роғун ва таъсири манфии онҳо ба камшавии сатҳи оби баҳри Арал,дар мақолаи «Аз мост, ки бар мост» дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон», 13.12.1989 ақидаҳои худро иброз доштааст. Ин гуна ақидаю ҳангомаҳои гуногун, албатта,ба дарки маънӣ, барои бо дили гарму рӯҳияи ватандӯстию ватандорӣ оғоз намудани ганҷинаи нави барқдиҳандаи Роғун, корро аз нав оғоз намудан, аз душвориҳои иқтисодию норасогиҳои молиявӣ мондани надошт.

Ин гуфтану бофтанҳо баҳонае гаштанд, ки Ҳукумати шӯравӣ, аз маблағгузорӣ ба сохтмони Роғун даст кашида, барои инкори худро асоснок карда нишон додан, 31. 05 с. 1989 Бюрои Шӯрои илмии АИ ИҶШС даъват кардагузаронид. Дар ҷаласаион академик Яншин А. баромад намуда, воқеиятро чунин шарҳ дод - «бинобар маблағи кам ҷудо намудани Госстройи СССР (Идораи сохтмони ИҶШС) дар солҳои 1977 -1979 минтақаҳои сохтмони НБО-и Нораку Роғун ба таври пурра омӯхта нашуда буданд ва бунёди обанбори Роғун ба баҳри Арал зарбаи сахт расонид» [2, с.640].

Ҳамчунин, академики АИ ҶШС Тоҷикистон Неъматуллоев С. баромад намуда, дар хусуси кӯчонидани 30 ҳазор одам ва зери об мондани 42 деҳа ва 7 ҳазор гектар заминҳои корам сухан ронда, ҳамзамон қайд кардааст, ки Нерӯгоҳ дар минтақаи таркишҳои серҳаракати тектоникӣ бунёд мешавад, ки сохтмони он тамоман номумкин аст. Баъдан корманди Институти физикаи замини АИ Русия Никонов А. суаханрони академики тоҷик С. Неъматуллоевро дар хусуси дар минтақаи тектоникӣ ҷойгир шудани Нерӯгоҳ ва дар наздикии он воқеъ будани кӯҳи намакро дастгирӣ менамояд. Дар асоси ин баромадҳо Бюрои АИ ИҶШС қарор намудааст, ки: «Сохтмони НБО Роғун дар шакли мавҷудааш сохта нашуда, сарбанди он ба 70м, 100м ва аз он ҳам пасттар карда шавад,

лоиҳаи алтернативии онро омӯзиш ва таҳлил намуда, бори дигар аз ташхис (экспертиза) гузаронида шавад». Бо ҳамин масъалаи сохтмони НБО Роғун дар замони Шӯравӣ қатъ мегардад.

Пас аз расидан ба истиқлолияти давлатии ҶумҳуриитТоҷикистон бошад, ба яке аз нуқтаҳои оташгир табдил ёфту ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гашт. Ҷанги нави шаҳрвандӣ (солҳои1992-1997) дар воқеият аз ҷанги шаҳрвандии солҳои 1921-1924 дида бештар фалокатбору фоҷиаовр гашта, ба иқтисоду иҷтимоиёти мамлакат ҳисороти беандозаю бешумор овард. Фишангҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣфалаҷ гаштанд, муносибатҳои дӯстӣ, рафоқати мардум аз миён рафт, алоқаҳои иқтисодию тоҷиратӣ бо ҷамоҳири собиқ Шӯравӣ канда шуд. Дар мамлакат бӯҳрони энергетикӣ, озуқаворӣҳукмфармо гардид. Ба зами ин молу амволи замони хоҷагидории сотсиалистӣ ба таракаи саросари маҳаллиён ва бурунмарзиён дучор омад.

Аз ин бенизомӣ ва таракаҳо бештар шаҳр ва нерӯгоҳи Роғун зарар диданд. Тибқи маълумотҳои омории ҳамонзамона то ин дам барои сохтмони неругоҳ дар масофаи 21 километр нақбҳо сохтаю дар толори агрегатҳо 70 % ва дар толори трансформаторҳо 80 % корҳо ба сомон расонида шуда буданд. Дар шаҳр бошад, сохтмони иншооти манзилӣ ба миқдори 53% барои истифода омода буд. Вале ҳангоме, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз нав ба роҳ мондани корҳои сохтмони шурӯъ намуд, аз нишондодҳои боло ғайри қолабҳои бетонӣ чизи дигаре намонда буд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистондилпуронаю собитқадамона костагиҳои сиёсию иқтисоди кишварро бартараф карда, дар солҳои 2000-2004 имкониятпайдо кард, ки хоҷагии мамлакатро ба талаботи замони бозоргонӣ ба шакл дарораду ҳадафҳои стратегии пешбурди онро муъайян созад. Меҳвари ҳадафҳои стратегӣ, кивобаста ба хусусияти ҷуғрофю иқлимӣ ва қтисодии маҳал, дар иҷроиши вазифаи ботадриҷ болобардории сатҳу сифати зиндагии мардум ифода шудааст, ҳатман тавассути пиёдагардонию ба сомонрасонии нақшаҳои зерин: озод намудани кишвар аз вобастагӣ ба энергетика; аз бумбасти комуникатсионӣ баровардани он ва таъмин намудани фаровонии озӯқа [7.-С.2]устувор мегардад. Дар ин ҷода, беш ва пеш аз ҳама таъминоти боэътимоди энергетикӣ нақши ҳалкунанда мегузорад. Дар шароити мушаххаси имрӯзаи таърихӣ бошад, дар устуворсозии иқтисодиёт рушди гидроэнергетика саҳмнок аст.Аз ин лиҳоз, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар таърихи 18.11. 2006 солбо такрор изҳор кард, ки: «Ҷиҳати пурра таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ ва табдил додани Тоҷикистон ба яке аз кишварҳои асосии содиркунандаи нерӯи барқ дар Осиё, ҳамкорӣ бо давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмиллалии молиявӣ вусъат дода шуда, силсилаи нерӯгоҳҳои барқии обии хурду бузург ва хатҳои баландшиддати интиқоли барқ ба хориҷи кишвар бунёд мегарданд» [5.-С.6].

Ҳукумати ҶумҳуриитТоҷикистон ба хотири оҷилан оғоз намудани корҳои бунёди НБО Роғун дар ибтидо хостгори ҷалб намудани Ширкатҳои калони сохтмонии бурунмарзӣ гардид. Соли 2002 аввалин бор бо Ширкати сохтмони Балтикаи Федератсияи Россия муроҷиат намуд, вале ҷавоби саҳеҳ нагирифт. Бори дуввум ҳангоми ташрифи расмии Президенти Федератсияи Русия В.В. Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 16-уми октябри соли 2004 шартнома дар бораи тартиб ва шароитҳои ширкати Федератсия Россия дар сохтмони НБО «Сангтӯда – 1» ва Созишнома дар бораи ҳамкории дарозмуддати байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҶСК «Русский алюминий» ба имзо расид [6.-С.1]. Мутобиқи ин созишнома ҶСК «Русский алюминий» сохтмони ин нерӯгоҳи бузургро ба зимма гирифт. 26-уми сентябри с. 2005 Вазири саноат ва энергетикаи ФР В. Христенко якҷоя бо раиси Шӯрои директорони «Русал» О.Дерипаска, ба Роғун ташриф оварданду парда аз рӯи мучассамаи сохтмон бардоштанд ва расман кори сохтмонро оғоз намуданд. Вале муҳлате нагузашта, ҶСК «Русский алюминий» барои тағйир додани лоиҳаи асосии сохтмон шартҳои худро пешниҳод намуд, ки тибқи он устувораи (обанбор)-и он бояд то ба 250-260 м баробар карда шавад.

Шартҳои пешниҳодкардаи Ширкати мазкур мусовӣ буданд ва ба мақсади асрорноки баъзе аз роҳбарони пешинаи кишварҳои ҳамсоя, алалхусус –Ҷумҳурии Узбекистон, ки солиёни зиёд ба роҳбарияти Тоҷикистон на бо роҳи мусолиҳа, балки бо тарзи моҷаровӣ ва ҳангомаҳои муғризонаю таҳдидомезона фишор меовард. Паст гардонидани сарбанди нерӯгоҳ ҳатман қобилияти нерӯофарии нерӯгоҳро заиф мегардонд ва ба Тоҷикистон имконият намедод, ки ба ҳадафҳои нақшавии худ ноил гардад. Биобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин шарт қотеъан зид баромад ва аз 31-уми августи с. 2007 Созишномаи ҳамкории худро бо ҶСК «Русский алюминий» қатъ гардонд [5.-С.6].

Хусусияти раванди таърихии замона нишон дод, ки бунёдии иншоотҳои азими хусусияти стратегию тақдирсоз доштаро чун НБОРоғун ба дигарон вобаста кардан нашояд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон, комилан ба хулосае расид, кисохтмони НБО Роғунро, ки таъминоти истиқлолияти энергетикии кишвар ба он вобаста аст,бояд бо сармояи худ, қувваю фаросати миллат ба анҷом расонад. Дар ин ҷодаСарвари миллат, дар 27 октябри соли 2006 дар Конфронси дуввум оид ба фуруши нерӯи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, иқдоми бо маблағҳои ҷумҳуриявӣ сохта шудани НБО Роғунро ба ҳозирин эълом дошт Инчунин қайд намуд, ки иҷро гаштанинақшаҳои ба назар гирифтаи Тоҷикистон дар соҳаи гидроэнергетика, дар ояндаметавонанд эҳтиёҷи Ҷумҳуриҳои Исломии Афғонистон, Покистон, Эрон ва умуман минтақаҳои Осиёи Ҷанубӣ ва Ғарбӣ, ноҳияҳои ҳаммарзи Осиёи Шарқиро бо қувваи барқ таъмин наоянд[8, с.6-7].

Иқдоми пешгирифтаи Роҳбари давлат аз ҷониби мардуми бо ору номуси Тоҷикистон дастгирии ҳамаҷониба гардид ва бунёдиНБО – и Роғун ба ҳаракати умумимиллӣ табдил ёфт. Ин гуфта, ба он собит мешавад,ки дар рафти бунёди НБО-ҳои Сангтӯда -1 ва Сангтӯда – 2 табақаи коргарон ва мутахассисони энергетикии милли аллакай ташаккул ёфта буд вадар сохтмони НБО-и Роғун ба қувваи созанда табдил ёфт. Мисол, дар с. 2008 баоғози корҳои азнавбарқароркунии НБО Роғун 635 нафар коргарону мутахассисони маҳаллӣ ва 46 адад техникаву механизмҳоҷалб гардида буданд. Дар соли 2016 бошад, шумораи нишондоди аввал ба 15 ҳазор нафар ва дуюм ба 2100 адад расид[3.-С.113].

Дар ин мӯҳлат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз нав омӯхтану экспертиза намудани тамоми корҳои Лоиҳавии НБО Роғун беҳтарин коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ ва олимону мутахасисони ҷаҳониро ҷалб намуд. Дар солҳои 2004-2014 экпертизаи нави иншоот ба охир расид. Гуфтушунидҳо ва баҳсҳои олимони машҳури мамолики ИМА, Олмон, Фронса ва ғайраҳо ба инобат гирифта шуданд ва пасимконпазирии сохтмони НБО Роғунро Бонки Ҷаҳонӣтасдиқ намуд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ин ҳама ҳолатҳоро пеши назар оварда, дар суханронии худ бахшида ба рӯзӣбастани маҷрои дарёи Вахш, 29 –уми окябри соли 2016, иброз дошт: «Тоҷикистон обанбор ва нерӯгоҳҳоро ҳеҷ гоҳ бар зарари хамсояҳои худ, яъне бо мақсади маҳдуд кардани реҷаи ҷоришавии об сохтанӣ нест, барҳакс, дар ин раванд манфиати онҳоро низ ба эътибор мегирад. Аз ин рӯ бунёди НБО Роғун набояд боиси ташвишу изтироби кишварҳои поёноб бошад…… Мо анъанаҳои неки ниёгонамонро идома дода, ҳамсояҳои худро ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ ваҷҳ бе об намегузорем».Пеш аз ин таъкид дошта буд, ки: «ҳар як бинокори ин иншооти тақдирсоз бояд хуб эҳсос намояд, ки нерӯгоҳи Роғун барои садсолаҳо пешбинӣ шудааст ва сифати корҳо бояд ба ин ҳадафи воло мутобиқ бошанд» [9, с.2].

Бо кӯшишу заҳматҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳ пас аз баста шудани маҷрои дарёи Вахш 16-уми ноябри соли 2018 агрегати якум ва 9-уми сентябри соли 2019 агрегати дуюми НБО Роғун ботантана ба истифода дода шуд, ки онро коршиносони соҳа яке аз модулҳои нави инқилоб – инқилоби энергетикӣ номиданд. Зимни суханронии худ Пешвои миллат дар маъракаи тантанавии кушодани агрегати якуми НБО Роғун изҳор доштанд, ки ин санаи таърихӣ дар таърихномаи навини Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр бо ҳарфҳои зарин сабт ва боиси ифтихору сарфарозии наслҳои имрӯзу ояндаи халқамон мегарда[10, с.14].

Дар баробари ба истифода додани чархаи аввали нерӯгоҳ, дар ин рӯз ҳамчунин хатти баланшиддати интиқоли нерӯи барқи 500 кВ-и «Душанбе - Роғун» ва дастгоҳи тақсимкунандаи пушидаи элегазии нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» бо 19 дастгоҳи элегазии 500 кВ ва 4 дастгоҳи элегазии 220 кВ низ ба кор дароварда шуд. Дар корҳои сохтмонивуваслкунии нерӯгоҳи Роғун беш аз 70 ташкилоту муассиса, ширкатҳои номдори ватаниву хориҷӣ, аз қабилӣ ширкати Итолиёвии «Салини Имперечило», корхонаи давлатии заводи «Электротяжмаш» ва ширкати «ДнепрСГЭМ» -и Ҷумҳурии Украина, ширкати истеҳсолии «ТВЕА» -и Ҷумҳурии мардумии Чин, ширкати «АЭТ» ва заводи «Сименс» - и Олмон, ширкати «Нетракон» - Покистон, ширкати «Нанометрикс»-и Канада ва шумораи 25 ҳазор нафар мутахассисону коргарон, ки беш аз 90 фоизи онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд, бо истифодаи 3600 мошину механизмҳо ҷалб карда шуданд[10, с.28].

Ҳамин тариқ, дар солҳои истиқлолияти давлатӣ агарчӣ Тоҷикистон ба мушкилиҳои зиёди иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардида бошад ҳам, сиёсати обию энергетики худро на танҳо ба нафъи худ, балки

ба нафъи кули минтақа равона кардааст. Сиёсати обию энергетики Ҷумҳурии Тоҷикистонро коршиносони байналмиллалӣ, намояндагони баландпояи давлатҳои гуногун ва созмонҳои минтақавию ҷаҳонӣ дастгирӣ намуданд.

Ҳамин устувории Пешвои миллат ва дастгирии давлатҳои гуногуни дунё ва созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ буд, ки ду чархаи авали НБО Роғун сохта ба истифода дода шуда, истеҳсоли нерӯи барқ ба 1520 мВт расонида шуд ва норасоии қувваи барқ дар дохили мамлакат аз байн рафта, акнун Тоҷикистон ба яке аз давлатҳои интиқолдиҳандаи нерӯи барқ, бахусус дар фасли тобистон гардид. Гӯфтан ба маврид аст, ки рушди соҳаи энергетика ва расидан ба истиқлолияти энергетикӣ тараққиёти муназзами иқтисодиёти кишварро, махсусан ар роҳи расидан ба ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар таъмин намуда, ҳазорҳо ҷойҳои кори нав таъсис дода мешаванд. Зеро бе нерӯи барқи худи ба кор даровардани саноати хурду калон ғайри имкон аст.

АДАБИЁТ

1. Паёми Пешво ва рушди соҳаи энергетика. – Душанбе, 2019. – 76 с.
2. Ғоибов. Ғ. Таърихи Хатлон аз оғоз то имрӯз. – Душанбе, 2006. – 906 с.
3. Дар талоши нур. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва рушди соҳаи энергетика. Нашри 2. – Душанбе, 2017. – 234 с.
4. XXVII Съезд Коммунистической партии Советского Союза. Стенеографический отчёт. – М., 1986. – 309 с.
5. Аслиддин Назарзода. Роғун – ахтари тобони Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. –210 с.
6. Сафари расмии Президенти Федератсияи Россия ба Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷ: «Нерӯ» («Энергия»).-Душанбе, 2004, №2.- С.1-2.
7. Муроҷиатномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми Тоҷикистон ӯми январи соло 2010 // Маҷ: «Нерӯ» -»Энергия».-Душанбе, 2009, №3-4 (18-19).-С.2-5.
8. Минтақаро бо нерӯи барқи арзон таъмин намоем. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Ш. Раҳмонов дар Конфронси дувум оид ба фурӯши нерӯи барқ миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ.
9. Сафари кори Сарвари давлат ба шаҳри Роғун // Маҷ: «Нерӯ».-Душанбе, 2012, №3.
10. Сафарзода Хайрулло Амиралӣ. Эмомалӣ Раҳмон эҳёгари Роғун. – Душанбе, 2018. - 414с

ЦЕЛЬ ТАДЖИКИСТАНА В СТРОИТЕЛЬСТВЕ РОГУСКОЙ ГИДРОЭНЕГЕТИЧЕСКОЙ СТАНЦИИ

Советская власть при жиланием, посвоим могучим экономическим, научно-техническим потенциалом имела возможност построить и сдат в эксплуатациюРогунского ГЭС-агиганта, и ещё множество других гидроэнергических сооружений, чтобы максимально исползовать уникальных, невредных, водных ресурсов Таджикистана в пользу человечества. В её общем первоначальном плане, по исползованию водных ресурсов Таджикистана строительство Рогуский ГЭС указывалось началом великих созидательных работ. Однако, к огромной сожалении, она стала последной и незавершённой гидросооружении.

По эронии судбы, завершенные строительство Рогунский гигант выпало на долю новое Правительство Республики Таджикистан. Во главе с Президентом Республики Таджикистана многоуважаемым Эмомали Рахмоном, не невзырая на серёзных недостаток экономических, финансовых и другихресурсов, в 2008 г. были возобнавиленыстроительстныеработы на указанном объекте, чтобы осуществитьдолголетной ожидании и мечты таджикского народа и обеспечить потребности народов всего Азиатского региона электроэнергией.

Ключевые слова: *Рогун, Таджикистан, река, вода, энергетика, потенциал, экономика. Лидер нации,электроэнергия.*

THE PURPOSE OF TAJIKISTAN IN THE CONSTRUCTION OF THE ROGUN HYDROPOWER PLANT

The Soviet government, with its powerful economic, scientific and technical potential, had the opportunity to build and put into operation the Rogun Hydropower Plant - a giant, and many other hydropower structures, in order to use as much as possiblethe unique and harmless water resources of Tajikistan in favor of humanity. In its general initial plan, on the use of the water resources of Tajikistan, the construction of the Rogus Hydropower Plant was indicated as the beginning of great constructions. However, to a great regret, it became the last and not completed hydraulic structure.

Ironically, the completion of construction of the Rogun giant fell on the new Government of the Republic of Tajikistan. Led by the President of the Republic of Tajikistan, esteemed Emomali Rahmon,

theconstruction works were resumed in the indicated objectin 2008,despite the serious lack of economic, financial and other resources, in order to fulfill the long-term expectation and dreams of the Tajik people and provide the needs of the peoples of the entire Asian region with electricity.

Сведения об авторах:

Хусайнов Ахмаджон Курбонович, *доктор исторических наук, дотсент, декан исторического факултета Таджикского государственного пежагогического университета им. С.Айни, тел:(+992934722778). E-mail: ahmad0401@mail.ru.*

Алимардонова Зулайхо Файзалиевна *- докторант PhD факультета истории Таджикского государственного педагогического унивситета имени С. Айнӣ. тел:(+992985 322006); E-mail: zulaykho93@yandex.ru*

About the authors:

Husaynov Ahmadjon Qurbonovich *- doctor of historical sciences, associate professor, the head of history faculty Tajik State Pedagogical University named after S. Ayni. Tel:(+992) 934722778. E-mail: ahmad0401@mail.ru*

Alimardonova Zulaykho Fayzalievna *- doctor PhD of the history faculty of the Tajik State Pedagogical University named after SadriddinAini. Phone:(+992) 985322006, E-mail: zulaykho93@yandex.ru*

ҲАМКОРИҲОИ ФАРҲАНГИЮ ГУМАНИТАРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ОЗАРБОЙҶОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Каримов М.А.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Тоҷикистон ва Озарбойҷонро таърих, робитаҳои фарҳангии дерина муттаҳид месозанд», - гуфтааст Асосгузори сулҳ ва вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вақти мулоқоташ бо Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон дар ҷараёни боздиди ӯ дар шаҳри Душанбе (16.10.2014).

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон 29 майи солии 1992 барқарор шудаанд[1]. Дар моҳи августи соли 2007 фаъолияти сафоратхонаи Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар соли 2008 – фаъолияти сафоратхонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон оғоз гардидааст.

15 марти соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев боздиди расмиро аз Тоҷикистон анҷом дод, ки дар ҷараёни он бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мулоқот баргузор намуд. Дар рафти мулоқот мавҷуд будани нерӯи хуб барои тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаи Озарбойҷон ва Тоҷикистон дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла дар соҳаи фарҳанг, маориф ва илм зикр гардид.

Дар ҷараёни боздид созишномаҳои байниҳукуматӣ оид ба вуруд ва хурӯҷи бераводиди шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон, дар бораи ҳавасмандсозӣ ва ҳимояи мутақобилаи сармояҳо, дар бораи ҳамкорӣ ва кӯмаки мутақобила дар соҳаи тиҷорату иқтисодиёт, иртибототи байналмилалии автомобилӣ, гумрук, сайёҳӣ, стандартикунонӣ, метрология, сертификатсия ва аккредитатсия, соҳаи нақлиёти роҳиоҳанӣ ва иртиботи ҳавоӣ, аз ҷумла дар соҳаи фарҳанг ва санъат ба имзо расиданд.

13 августи соли 2007 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Озарбойҷон боздиди расмиро анҷом дод, ки дар ҷараёни он мулоқоти як ба як байни сарварони ду давлат баргузор гардид.

Дар соли 2007 муносибатҳои Тоҷикистон бо Озарбойҷон ба таври назаррас фаъолнок гардиданд. Барои такмил додани пойгоҳи шартномавию ҳуқуқӣ дар чунин соҳаҳо, ба мисли иқтисодиёт, тиҷорат, нақлиёт, илм, техника ва фарҳанг аз ҳарду ҷониб кори калон гузаронида шуд, ки боиси ба имзо расдани 11 санад дар ҷараёни боздиди Перзиденти Ҷумҳурии Озарбойҷон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2007 гардид. Боздиди Перзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Озарбойҷон дар моҳи сентябри худи ҳамин сол бо баимзорасии 8 санад анҷом ёфт.

Дар Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат, ки 15 марти соли 2007 ба имзо расида буд, аз ҷумла

қайд карда мешавад, ки барои минбаъд рушд додани муносибатҳои дӯстона миёни халқҳои ду кишвар, бо назардошти таҷрибаи бисёрсолаи робитаҳои фарҳангӣ миёни Тоҷикистон ва Озарбойҷон, бо эътирофи аҳамияти фарҳанг ва санъат дар рушди тафоҳум миёни халқҳои ду давлат ва таҳким бахшидан ба робитаҳои байнидавлатӣ, ҷонибҳо ризоият ба даст оварданд, ки тибқи он шароитҳои мусоид барои ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат эҷод карда шуда, Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешаванд; дар асоси аҳамиятнокии баланд бардоштани нақши фарҳанг дар муошираты маънавии халқҳои тоҷик ва озарбойҷон, дар асоси хусусияти хоси ҳар як фарҳанги миллӣ ва афзоиш додани мероси умумиинсонии фарҳангӣ ба тавсеаи ҳамкорӣ миёни муассиаҳои фарҳанг ва санъати ҳарду кишвар кӯшиш намуда, ба рушди робитаҳои эҷодии зиёиёни онҳо мусоидат карда мешавад; ҳарду кишвар ба барқарорсозии ҳамкории бевосита миёни театрҳо, ташкилотҳои консертӣ ва коллективҳои бадеӣ, осорхонаҳо, ташкилотҳои ҳифз ва тармими осори таърих ва фарҳанг, китобхонаҳо, муассисаҳои таҳсилотӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳои дигари фарҳангӣ мусоидат менамоянд; дар асоси нақшаҳо ва барномаҳои дуҷонибаи мувофиқаткардашудаи ҳарду кишвар ба ташкил ва гузаронидани гастролҳои коллективҳо ва иҷрокунандаҳои бадеӣ, мубодилаи тарафайни маҳсулоти чопӣ ва электронӣ, ки дар ҳарду кишвар содир карда мешаванд, ба эҷоди низоми абонентии байникитобхонавӣ, истифодаи озоди каталогҳои электронӣ ва китобхонаҳои электронӣ мусоидат менамоянд; ҳарду кишвар ба репертуари коллективҳои эҷодӣ шомилсозии асарҳои шоирон, нависандагон ва оҳангсозони Тоҷикистон ва Озарбойҷон, тавсеаи тарҷумаҳои асарҳои драматургиро барои театрҳои касбӣ ва худфаъол ташвиқу тарғиб менамоянд; гузаронидани вохӯриҳоро миёни ходимони фарҳанг, мубодилаи таҷриба, мутахассисон дар соҳаи таҳсилоти бадеӣ, инчунин иштирокро дар барномаҳои муштараки фарҳангӣ ташвиқу тарғиб мекунанд, ва, ниҳоят, бо мақсади равашаннамоии ҳаёти фарҳангии ҳарду кишвар ҷонибҳо иттилоотро дар бораи натиҷаҳои ҳамкории тарафайн дар мақомоти матбуотӣ, нашриёт ва васоити дигари ахбори умум пешниҳод менамоянд [7].

Тавре ки дар Озарбойҷон классискҳои соҳибэътибори адабиёти тоҷику форс - Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хайём ва дигаронро дӯст медоранд, ҳамон тавр аз ҷониби мардуми тоҷик шоирони бузурги озарбойҷон Низомии Ганҷавӣ, Муҳаммад Физулӣ, Ҳоқонии Шервонӣ ва дигарон, ки ба ганҷинаи адабиёти ҷаҳонӣ саҳми бебаҳо гузоштаанд, ҳамеша мавриди гиромидошт қарор доранд.

Шоирон, нависандагон ва драммтургҳои озарбойҷон – Низомии Ганҷавӣ, Ҳоқонии Шервонӣ, Муҳаммад Физуливу дигарон, ва аз ҷониби тоҷикон – Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ, Абулқосим Фирадвсӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигаронро ҳам дар Тоҷикистон, ҳам дар Озарбойҷон мехонанд ва дӯст медоранд. Дар китобҳои дарсии мактабӣ асарҳои мутаффакирони мазкурро дучор шудан мумкин аст.

Агар ба умқи таърихи муносибатҳои фарҳангии тоҷик ва озарбойҷонӣ назар андозем, дар он низ тамоюл ба рушди мусбат мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди дурии ҷуғрофӣ, муносибатҳои фарҳангӣ байни халқҳои тоҷик ва озарбойҷон ҳамеша рушд меёфтанд. Масалан, дар асри XIV шоир, файласуф ва мутафаккири дар он замон машҳур Камоли Хуҷандӣ, бо «Хамса» – и Низоми Ганҷавӣ шинос шуда ба сафари роҳи дур мебарояд, то ки бо мактаби фалсафии озарбойҷонӣ, умқи он, инчунин дар соҳаи назм, шинос шавад. Ӯ аз Хуҷанд ба Ганҷа меравад, ки ин шаҳр дар он замон яке аз марказҳои эътирофгардидаи илм ва фарҳанг дар тамоми Шарқ ба ҳисоб мерафт. Ва дар он ҷо Камоли Хуҷандӣ илмро аз худ намуда, якчанд сол ҳаёт ба сар бурда,таҳсил карда, асарҳои нави насрию назмиро эҷод кардааст. Ҳамаи ин далелҳо дар бораи муносибатҳои зичи фарҳангӣ миёни тоҷикон ва озарбойҷониҳо шаҳодат медиҳанд, ва чунин намунаҳо хеле зиёданд.

Дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе – ҳайкалҳои Абӯалӣ ибни Сино, Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ насб карда шудаанд, ки муаллифони онҳо ҳайкалтарошони озарбойҷонӣ мебошанд. Дар Озарбойҷон дар давоми якчанд сол фестивалҳои мусиқӣ гузаронида мешаванд, ки дар онҳо ходимони фарҳанги Тоҷикистон иштирок намуда, бо эҷодиёти хоссаи худ фарқ мекунанд. Тавассути радио ва телевизиони Тоҷикистон эҷодиёти ходимони фарҳанги Озарбойҷон, ба мисли: Рашид Беҳбудов, Муслим Магомаев ва Зайнаб Хонларова, шунавонида ва нишон дода шуда, аз он далолат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон фарҳанги озарбойҷонӣ мавриди ҳусни таваҷҷуҳ ва дӯстдорӣ мебошад [3].

Робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Озарбойҷон, ки решаҳои амиқи таърихӣ доранд, рушди бештари худро пас аз ба даст овардани истиқлолият аз ҷониби ҳарду ҷумҳурӣ касб намуданд. Дар моҳи октябри соли 2007 дар Озарбойҷон Рӯзҳои фарҳанги тоҷик гузашт. Ҳайъати намояндагӣ аз 90 нафар бо сарварии вазири фарҳанги Тоҷикистон Мирзошоҳрух Асроров бо боздид дар Озарбойҷон қарор гирифта буданд.

Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, 9-12 ноябри соли 2008 баргузор гардиданд, ки зимни он ҳайъати намояндагии Озарбойҷон аз 73 нафар аз Тоҷикистон

боздид намуданд. Дар рӯзи анҷомёбии Рӯзҳои фарҳанг Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайъати намояндагии Ҷумҳурии Озарбойҷонро қабул намуд.

Пули телевизонии аввалини дӯстӣ ва ҳамкории Боку – Душанбе, ки ба умумияти фарҳангҳо бахшида шуда буд, 28 апрели соли 2012 тавассути шабакаҳои телевизонии «Иҷтимоӣ телевизия» (Боку) ва «Ҷаҳоннамо» (Душанбе) 28 апрели соли 2012 барқарор карда шуд.

Бояд қайд кард, ки ҳамкории фарҳангию гуманитарии ду кишвар бо ҳусни таваҷҷуҳ ва эҳтиромӣ мутақобила ҳамеша хотирмон буд. Халқҳои тоҷик ва озарбойҷон аз рӯи фарҳанг, анъанаҳо ва тарзи ҳаёт ба ҳамдигар наздиканд, ва албатта, мубодилаи фарҳангӣ аз аҳамияти махсус бархӯрдор аст. Эҷодкориҳои миллии мусиқӣ, ба мисли мусиқии тоҷикии классикии «Шашмақом» ва мусиқии озарбойҷонии классикии «Муқам», мусиқии «Ошиқ» – и озарбойҷонӣ ва мусиқии «Фалак» – тоҷикӣ ба ҳамдигар ниҳоят наздиканд. Далели ин дар шаҳри Душанбе гузаронидани консерти «Раст Муқам» бо иштитроки оркестрҳои Озарбойҷон ва Тоҷикистон дар моҳи июни соли 2012 мебошад. Дар ояндаи наздиктарин гузаронидани Рӯзҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта шуд [6].

Дар соли 2012 робитаҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар рушд ёфтанд, ки ҳамчун асос созишномаҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ хизмат мекарданд. Соҳаи таҳсилот яке аз ҷузъи муҳимии таркибии «пули гуманитарӣ» байни ҷавонони ҳарду кишвар ба шумор мерафт.

Дар соли 2013 13 консерти ҳунармандони озарбойҷонии санъат, бахшида ба 90 – солагии зодрӯзи пешвои умумимиллии халқи Озарбойҷон Ҳайдар Алиев дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Қӯрғон – Теппа ва Хоруғ (ВМКБ) гузаронида шуданд.

Дар моҳи майи соли 2013 гузориши операи «Лайлӣ ва Маҷнун» дар саҳнаи Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ ба вуқӯъ пайваст. Ин консерт бахшида ба 90 – солагии зодрӯзи пешвои умумимиллии халқи Озарбойҷон Ҳайдар Алиев аз ҷониби тамошобинон ва мусиқишиносони тоҷик бо ҳусни таваҷҷуҳи калон, муҳаббат ва кафкӯбиҳо пазироӣ карда шуд. Нақшҳои асосиро ҳунарманди мардумии Озарбойҷон Мансум Иброҳимов (нақши Маҷнун) ва ҳунарманди мардумии Озарбойҷон Назокат Теймурова (нақши Лайлӣ) иҷро карданд. Коргардон – басаҳнагузорандаи асар коргардони Театри опера ва балети Боку Ҳафиз Кулиев буд. Дар нақши Нофал ҳунарманди хизматнишондодаи Тоҷикистон Содиқ Нуруллоев баромад намуд. Дар спектакл инчунин хор ва оркестри Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ иштирок намуданд, ки онро ҳунарманди марумии Озарбойҷон Ялчин Адигезалов дирижёрӣ намуд. Дар тор ва камонча ҳунармандони хизматнишондодаи Озарбойҷон Элчин Ҳошимов ва Элнур Аҳмадов, ва пианиноро Малоҳат Исмоилова ҳунарнамоӣ намуданд.

Бояд қайд кард, ки операи «Лайлӣ ва Маҷнун», бори аввал дар таърихи худ, бо иштироки ходимони маъруфи фарҳанги давлати дигар – дар иҷрои нақши Нофал ва бо иштироки хор ва оркестри симфонии Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С.Айнӣ намоиш дода шуданд.

Ансамбли фолклор – Квартети мақомии «Қарабоғ» – и Ҷумҳурии Озарбойҷон дар 5 – умин Фестивали байналмилалии мусиқӣ, санъат ва сайёҳии «Боми Ҷаҳон», ки дар шаҳри Хоруғ (ВМКБ) аз 5 то 7 июли соли 2013 баргузор гардид, иштирок намуд. Ин дар таърих бори аввал буд, вақте ки мусиқии зиндаи озарбойҷонӣ аз баландии «кӯҳҳои Помир» садо дод.

Бо кӯмаки молиявии сафоратхонаи Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012 маҷмӯаи асарҳои «Хамса» бо забони тоҷикӣ ва дар робита бо 870 – солагии шоири бузурги озарбойҷонӣ Низоми Ганҷавӣ ба нашр расид.

Ҳамчунин бо дастгирии сафоратхонаи Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2013 китобҳои нависанда – публисист Э.Ахундова «Ҳайдар Алиев – Шахсият ва Даврон» дар ҳафт ҷилд ва Н.Зинкевич – «Печҳои зиндагӣ» дар бораи ҳаёт ва фаъолияти пешвои умумимиллии халқи Озарбойҷон Ҳ.Алиев ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, ба чоп расиданд [5].

Ҳамкорӣ байни бародаршаҳрҳои Хуҷанд ва Ганҷа ба роҳ монда шуд ва дар соли 2017 пешниҳод карда шуд, ки дар бораи ҳамкории илмӣ ва фарҳангӣ байни Донишкоҳии милли Ганҷа ва Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров созишнома баста шавад. Ба ғайр аз ин дар Тоҷикистон диаспораи озарбойҷонӣ фаъолият мебарад, ки тақрибан аз 4 ҳазор нафар иборат мебошад [4].

Дар ҳақиқат, муносибатҳои мутақобилаи халқҳои тоҷик ва озарбойҷон дар таҳкурсии мустаҳкам ва пояндаи робитаҳои самимии дӯстона, ки онро ачдодони ин ду халқ гузоштаанд, асос ёфтааст. Дар давоми асрҳои зиёд халқҳои тоҷику озарбойҷон бо роҳи ғанисозии мутақобилаи фарҳангӣ мероси дар ҳақиқат нодири фарҳангиро эҷод карданд ва дар бораи фарҳанги қадимаи ҳамдигар на аз рӯи шунид медонанд.

Робитаҳои фарҳангию гуманитарии халқҳои тоҷику озарбойҷон дар давраи истиқлолияти Тоҷикистон ва Озарбойҷон боз ҳам таҳким ёфтанд, ва ҳамкории ду кишвар дар ин соҳа таваҷҷуҳи алоҳидаро тақозо менамояд, зеро он бо рушди босубот ва манфиати мутақобила фарқ мекард.

Халқҳои тоҷику озарбойҷон аз рӯи фарҳанг, анъанаҳо, тарзи ҳаёт ба ҳамдигар наздиканд, ва дар робита ба ин мубодила фарҳангӣ аз аҳамияти хосса бархӯрдор аст. Имрӯз мубодилаҳои фарҳангии ҳунармандони миллии мусиқии классикӣ, орекстрҳои симфонии ҳарду кишвар анъанавӣ гардидаанд. Иттиҳодияҳои эҷодии Тоҷикистон ва Озарбойҷон дар озмунҳои байналмилалӣ, ки дар ҳудудҳои якдигар гузаронида мешаванд, иштирок менамоянд.

Бояд қайд кард, ки ҳамкорӣ дар соҳаи таҳсилот миёни ду кишвар таваҷҷуҳи хосро сазовор аст. Бешубҳа, соҳаи таҳсилот қисми ҷудонашавандаи пули «гуманитарӣ» байни ҷавонони ҳарду кишвар мебошад. Байни Ҷумҳурии Озарбойҷон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон пойгоҳи зарурии шартномавию ҳуқуқӣ дар соҳаи мазкур ба роҳ монда шудааст, ки барои рушди минбаъда платформаи хубро эҷод мекунад. Дар айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти олии Озарбойҷон зиёда аз 20 донишҷӯёни тоҷик таҳсил мекунанд [8].

Дар чаҳорчӯбаи Созишнома байни вазоратҳои мудофиаи Тоҷикистон ва Озарбойҷон ҳамасола дар муассисаҳои таҳсилоти олии Вазорати мудофиаи Озарбойҷон шунавандагон аз Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Робитаҳо байни муассисаҳои таҳсилоти олии ду кишвар рушд меёбанд, ки ба сифати асоси онҳо созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти олӣ хизмат мекунанд.

Қайд кардан лозим аст, ки ҷониби Тоҷикистон мақсад дорад шумораи донишҷӯёнро зиёд карда, номгӯйи ихтисосҳо васеъ карда, таълим ва мубодилаи таҷрибаомӯзон, мутахассисони ҷавон, баланд бардоштани ихтисосҳои онҳо низ ташкил карда шаванд.

Дар рӯзҳои мо ҷонибҳои Тоҷикистон ва Озарбойҷон ба амиқсозии ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳангию гуманитарӣ аҳамияти афзалиятнок медиҳанд, ки дар анъанаҳои деринаи эҳтироми якдигар байни халқҳо, мероси умумии таърихӣ ва фарҳангӣ асос ёфтаанд, ва муҳим будани ҳамкории ҳамаҷонибаро дар соҳаҳои фарҳанг, илм, таҳсилот, варзиш ва сайёҳӣ таъкид менамоянд [2].

Дар охир бояд қайд намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон имкониятҳои васеъ баҳри рушди ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ мавҷуданд. Лозим аст соҳаҳои ҳамкорӣ дар самти мазкур, хусусан дар соҳаи таҳсилот ва фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, тавсеа дода шавад. Зарур аст муколамаи насли ҷавони ду кишвар барои мустаҳкам намудани дӯстӣ ва наздикшавии халқҳо ба роҳ монда шавад.

АДАБИЁТ

1. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз.Ҷилди 1. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ) Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе, «Ирфон». 2009.
2. Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев. – Душанбе, 10 августи соли 2018. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj (санаи истифодабарӣ: 08.04.2020.)
3. Муносибатҳо миёни Озарбойҷон ва Тоҷикистон дар принсипҳои дӯстиӣ ва эътимоди мутақобила асос ёфтаанд. 16 май соли 2018. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.Avesta.tj (санаи истифодабарӣ: 18.03.2020.)
4. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Озарбойҷон. Бахшида 25 – солагии барқаросозии муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар. – Душанбе, 2017. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj (санаи истифодабарӣ: 21.04.2020.)
5. МуносибатҳоиТоҷикистон бо Озарбойҷон.Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013. [манбаиэлектронӣ]. URL:http://www.mfa.tj.(санаи истифодабарӣ: 24.04.2020.)
6. МуносибатҳоиТоҷикистон бо Озарбойҷон.Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012. [манбаиэлектронӣ]. URL:http://www.mfa.tj.(санаи истифодабарӣ: 01.05.2020.)
7. Созишномаи миёни Ҳукумати Ҷумҳурии тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи фарҳанг ва санъат, 15 марти соли 2007. [манбаиэлектронӣ]. URL:http://www.mfa.tj.(санаи истифодабарӣ: 13.04.2020.)
8. Тоҷикистон – Озарбойҷон: Дӯстии дар тӯли асрҳо таҳкимёфта**.09.08.2018.** [манбаиэлектронӣ]. URL:http://www.khovar.tj.(санаи истифодабарӣ: 18.04.2020.)

КУЛЬТУРНО-ГУМАНИТАРНОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА И АЗЕРБАЙДЖАНА В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

Автор в своей статье рассматривает культурно-гуманитарное сотрудничество Таджикистана и Азербайджана в период независимости. На основе совместного заявления президентов двух стран, информации соглашений, посольств и других источников подчеркивается, что культурно-гуманитарные связи таджикского и азербайджанского народов берут свое начало в древней истории и в 26-летний период независимости сотрудничество Таджикистана и Азербайджана во всех сферах жизни, в том числе в культурно-гуманитарной, поэтапно развивается благодаря активной деятельности лидеров двух стран развивается и продвигается вперед.

***Ключевые слова**: Таджикистан, Азербайджан, независимость, дипломатические отношения, сотрудничество, культура, гуманитарий, образование.*

CULTURAL AND HUMANITARIAN COOPERATION OF TAJIKISTAN AND AZERBAIJAN DURING THE PERIOD OF INDEPENDENCE

The author in his article reviews the cultural and humanitarian cooperation of Tajikistan and Azerbaijan during the period of independence. On the basis of declaration of the presidents of two countries, the information of agreements, embassies, and other sources it is underlined that the cultural and humanitarian relations of the Tajik and Azerbaijani peoples take their beginning in the past history and in the 26 years period of independence the cooperation of Tajikistan and Azerbaijan in all spheres of life, including the cultural and humanitarian, develop and move forward due to the active activities of the leaders of two countries.

***Keywords**: Tajikistan, Azerbaijan, independence, diplomatic relations, cooperation, culture, humanitarian, education.*

Сведение об авторе:

***Каримов Мухриддин Абдукаримович** - аспирант Института изучения проблем стран Азии и Европы Академии наук Республики Таджикистан. Адрес: г. Душанбе, **E-mail:** karimov.mukhriddin@mail.ru. **Тел:** (+992) 933133344*

About the autor:

***Karimov Muhriddin Abdukarimovich** - an aspirant of the Institute of studying of the problems of the Asia and Europe Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: c. Dushanbe, **E-mail:** karimov.mukhriddin@mail.ru. **Phone:** (+992) 933133344*

УДК: 07+659 (575.3)

ТАЪСИРИ ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ БА АФКОРИ УМУМ

Мавлонов Х. Д.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имрӯз беш аз пеш маълум мегардад, ки нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳаёти ҷомеаи муосир бузург аст. Дар ҳақиқат, матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма ба ташаккули афкори ҷомеа таъсири муқтадир ва муассир мерасонанд. Онҳо хусусан дар замони таҳаввулот ва тағйирёбии самтҳои рушди ҷомеа, бадалшавии идеологияҳо ва ташаккули диди нави иҷтимоӣ аҳамияти хоса пайдо мекунанд. Ҳама гуна ҷомеаи демократӣ, алалхусус ҷомеаи кишварҳое, ки нав ба ин ҷода қадам гузоштаанд, ба воситаҳои ахбори омма ва фаъолияти пурсамари онҳо ниёзманд мебошанд [7].

Рушду нумуъ ва раванди дигаргуншавии ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳар лаҳза собит мекунад, ки эҳтиёҷ ба иттилооти саҳеҳу мафкурасоз ҳарчи бештар мегардад. Давлатҳои ҷаҳон, новобаста аз шакли идорӣ ва андозаи қудрату иқтидор дар роҳи даст ёфтан ва соҳибӣ кардани иттилооти муфиду ба фоидаи худ маблағҳои ҳангуфтро сарф менамоянд. Роҳбарон ва намояндагони воломақоми давлатҳо аз раванди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии робитаҳои байниҳамӣ нек дарк намудаанд, ки дар майдони сиёсӣ танҳо нафароне боқӣ мемонанд, ки иттилооти бештар дар даст доранд ва онро дар робита ба даст гирифтани тафаккури мардум хуб истифода бурда метавонанд.

«Имрӯз ҳама гуна назарсанҷиҳо, муборизаҳо, ҷангҳои равониву лафзӣ асосан тавассути намудҳои гуногуни ВАО – радио, телевизион, интернет, рӯзномаву маҷаллаҳо роҳандозӣ мешаванд. Аз ин рӯ, қудратҳои ҳоким ба ҳар роҳу восита ВАО-ро зери нуфузи худ нигоҳ медоранд, барои мавҷудияти онҳо маблағҳои зиёд ҷудо мекунанд ва дар лаҳзаҳои муайян онҳоро чун яроқи муҳимтарини идеологӣ истифода мебаранд» [8, с. 254]. Давраи нави тақсимоти ҷаҳонӣ низ миёни абарқудратон ва қудратталабон табиист, ки ба ҳаёти башарият бетағйир набуда, ҷомеа дар он иштирокчии асосӣ ба шумор меравад. Ҷонибдорӣ кардан аз қудрат ва ҳадафҳои пайгирона дар раванди ин тақсимот аз нақшаву дурнамо ва системаи хуби идоракунӣ амалӣ мешавад. Ҳамчунин дар ин росто хатари дигаре, ки ҷомеаи ҷаҳониро дар чорроҳаи роҳгумӣ қарор медиҳад, ҷаҳонишавист, ки бо имкониятҳои бузургу хатарзо «таҳдидҳои ҷиддиро ба ҳаёти башарият ворид сохтааст. Таъсири манфӣ ва таҳдиди раванди ҷаҳонишавӣ ба шуур ва маънавиёти ҷомеа тавассути васоити ахбори омма, ки он дорои неруи бузурги таъсиррасонанда аст, эҳсос мегардад ва дар баробари талқини сулҳу субот ва неъмати оромӣ, ҳамзамон иттилоот ва ВАО дар тарғибу ташвиқи гурӯҳу созмонҳои террористӣ, ки ин зуҳурот бошандагони сайёраро ба ҷунбиш гузоштааст, нақши муҳимро касб кардааст. Ҳамзамон, ВАО дар пиёда шудани манфиати ин ё он қувваву гурӯҳҳои муайян ба тариқи мушаххас истифода мешаванд ва таҷрибаи дилхоҳеро низ баҳри қувваҳои манфиатҷӯ ба бор овардаанд» [4].

Имрӯзҳо пахшу паҳни иттилоот дар сиёсати пешгирифтаи давлатҳо як ҷанбаи асосии фаъолияти сиёсиро дар кишварҳо ташкил медиҳад. Чун ҷаҳони нав зури силҳро намепазирад. Вале бадтар аз ин як иттилоот метавонад, ки кори садҳо ҷангию ҳазорон силоҳро ба ҷо оварад. Ин силоҳро баробар ба силоҳи қатли ом донистаанд. «Ба ақидаи олимону коршиносони соҳа силоҳи иттилоотӣ ин ба вуҷуд овардани бесарусомонӣ дар мафкураҳост, ки аз бесарусомонӣ дар иқтисод дида бадтару пурхавфтар аст» [3]. Ҳамин аст, ки нақшаву стратегияҳои нав дар маҳаки худ на сиёсати зӯргароёна, балки таблиғеро ҷой додаанд, ки ҳазорон мафкураро моил ба дигар ҷониб месозад. Ҳамин навқшаву стратегияҳои нав мафҳуми «Ҷанги иттилоотӣ»-ро ба миён овардаанд.

Таҳқиқ ва пайгирии аҳдофу мақсадҳо дар «Ҷанги иттилоотӣ» ва мавзуоти вобаста он самтҳои фаррохро дар бар мегирад. Қисмати асосии назариявии он ба илми сиёсатшиносӣ рабт мегирад. «Имрӯз дар илми сиёсатшиносӣ мафҳуми нав - «ҷанги иттилоотӣ» ё «муборизаи иттилоотӣ» хеле маъмул гаштааст» [7] ва дар ин самт олимону муҳаққиқон корҳои зарурии илмию таҳқиқотиро ба анҷом расонидаанд. Вале ҷанбаи асосӣ ва ҳадафаи ягона, ки дар ҷангҳои иттилоотӣ пешбарӣ мешавад, дар илмҳои сиёсӣ аҳамияти дуюмдараҷа дорад. Ҳадаф аз ҳама ҷангҳои иттилоотӣ ва тарҳрезии онҳо ин мафкурасозӣ ва таъсир расонидан ба афкори умум аст. Зури иттилоот низ дар ҳамин ҷо ифшо мешавад, ки иқтидору қувваеро, ки ВАО ба омма муаррифӣ мекунад, тамоми воситаҳои дигар оҷизанд.

Ба таъкиди муҳаққиқ Муқимов М. А: «Ҷанги иттилоотӣ ин таъсиррасонии нақшавӣ ба тамоми системаи иттилоотиву иртиботии душман ва давлатҳои бетараф ба мақсади ташаккул додани фазои мусоиди ҷаҳонии иттилоотӣ барои гузаронидани амалиётҳои сиёсӣ мебошад, ки назорати аксари ин фазоро таъмин менамояд. Дар замони муосир ҷанги иттилоотиро асосан кишварҳои абарқудрат барои амалисозии ҳадафҳои геополитикии худ мебаранд» [7]. Чун айён мегардад, ки дар аксар маврид дар сиёсати ҷаҳонӣ кори иттилоотро ҳеҷ гуна силоҳ ба иҷро расонида наметавонад, баргирифта аз ҳамин нуқта дар ин раванд дигар самтҳо низ обуранги сиёсӣ касб мекунанд. Аз ҷумла барои ҷалби таваҷҷуҳ ва ҳамфикрии халқиятҳо давлатҳои абарқудрат ва манфиатхоҳ иттилоотеро барои омма пешниҳод мекунанд, ки заминаи онро шаклдиҳии афкори умум ба самтҳои пешбинишуда ташкил медиҳад. Ба таври дигар «Солҳои охир аксар мамлакатҳои дунё кушиши сохтани ҷомеаи глобалии иттилоотиро доранд» [4].

Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва илмию техникӣ дар ҳаёти ҷомеа ва давлат иттилоот аҳамияти махсус дорад. Аз нимаи дуюми асри 20 бо сабаби рушди босуръати воситаҳои иттилоърасон, системаҳои иртиботӣ, иттилоот натанҳо хусусияти ба даст овардан муълумот, балки ҳамчун як манбаи муҳими стратегӣ барои ҳар як давлат ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқ Егорова Л.С. чунин мепиндорад, ки дар ҷараёни таҳаввулот, ҷамъияти инсонӣ натанҳо аҳамият ва самаранокии иттилоотро дарк кард, балки онро ҳамчун як дастгоҳи пуриқтидорӣ таъсирбахш ва яроқи бебаҳое дорои тамоми қудрат, ки баъзан вақт аз ҳама намудҳои маълуми яроқҳо болотар аст, арзёбӣ кардаанд. Ӯ мегӯяд: «Иттилоот – ин силоҳи замон аст. Қобилияти он пайваст намудани шаклҳои гуногуни таъсир, номуайянӣ, чандирӣ ва танҳо як қисми афзалиятҳои машҳур мебошад. Ин бо истифода аз техналогияҳои иттилоотӣ дар шароити мухталиф ва сатҳҳои гуногун имкон медиҳад. Иттилоот барои ниол шудан ба ин ҳадафҳо истифода мешавад: тақвият ё шикаст додани қудрат, идоракунии омма, таъсир ба афкори ҷомеа ва ғайра» [2, с. 56].

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар охири асри сипаришуда ва оғози асри нав, бо истифода аз қувваи иттилоот ҳар бахше лозим бошад заиф нишон дода мешавад ва ҳар чизи заиф пурқудрат. Ин нукта баёнгари он аст, ки на дар ҳама маврид ба омма иттилоот саҳеҳу дуруст пешниҳод мегардад. Чуноне профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муқимов М. А. дар мақолаи худ овардааст: «Ходими илмии Институти таҳқиқотҳои стратегии Русия Дмитрий Беляев ба суоли хабарнигори маҷаллаи британии «Jane’s Intelligence Review»-»Оё ҳангоми ҷанги иттилоотӣ журналистика метавонад воқеъҳнигорона бошад?», мегӯяд, ки ҳангоми инъикоси ҳодисаҳои доғи байналхалқӣ ВАО-и Ғарб хеле кам аз воқеият ҳарф мезананд» [5]. Дар воқеан инро мо метавонем, дар як руҷуи кутоҳ дар мисоли таъсиси баъзе гурӯҳҳои террористӣ онро дақиқ созем. Агар ба рӯзҳои аввали таъсисёбии гурӯҳҳои террористӣ, бахусус созмони ифротии ба ном «Давлатӣ исломӣ» назар афканем, бармеояд, ки чунин гурӯҳҳо маҳз дар қатори ташкил шудани сомонаҳои таблиғотии худ, ҳамзамон зери муаррифиҳои дар умум ВАО-и ҷаҳонӣ шуҳрат пайдо намудаанд, яъне ВАО байналмилалӣ аз ташкил ёфтани чунин гурӯҳҳо ва қудрату тавоноии онҳо ба сокинони олам маълумот пешниҳод намуданд ва дар баъзе ҳолат аз даъвати онҳо гӯё ба ҷиҳоду хизмат, ки баён менамуданд, маълумотҳои муфассал пешниҳод мегардиданд. Дар натиҷа, баъзе аз сокинони гумроҳу кӯтоҳандеши мамолики сайёра азми пайвастшавӣ ба онро намуда, ҳамзамон қувваҳову созмонҳои манфиатхоҳ бо пайдо намудани маълумот оид ба мақсади аслии чунин гурӯҳҳо ва қувваву тавоноии онҳо шояд бо сарпарастиву таъмини лавозимоти ҷангиву дигар омилҳои тавоноӣ азм намуданд, ки мақсади онҳо низ пеш аз ҳама, пиёда намудани ҳадафи худ мебошад [4]. Яъне маҳз бо истифода аз

қувваи иттилоот дар аввал созмонҳои террористӣ худро муаррифӣ мекунанду дар афкори омма таъсири равонӣ мерасонанд.

Гуфтан мумкин аст, ки иттилоот силоҳи аввалин ва муҳимтарин на танҳо барои ин созмонҳо, балки давлатҳо низ ба ҳисоб меравад. Чун: «Истилоҳи «Ҷанги иттилоотӣ» дар дастгоҳи консептуалӣ бо маънии иттилоот ҳамчун силоҳ ворид карда шудааст. Ҷанги иттилоотӣ – амали мавриди ҳадафи муайян қарор гирифта, ноил шудан ба бартарии бештар тавассути иттилоот мебошад» [1]. Сӯистифода аз қувваи бузурги иттилоот ба хотири корбурд баҳри амалӣ гардонидани стратегияҳои бузурги муйян дар аввали пайдоиш таваҷҷуҳро ба иттилоот тезонид. Ҳамин буд, ки дар ибтидо, дар ҳоле, ки иттилоот аҳамияти хосса касб накарда буд, таваҷҷуҳ ба он равона гардид. Давлатҳои абарқудрат дар аввалин қадамҳо дарк намуданд, ки муборизa бо иттилоот самарабахштар аз ҳар гуна муборизa аст. Чун иттилоот метавонад, ки афкору тафаккурро дар ҷомеа ба ҳар ҷонибе самт бахшад ва бо истифода аз афкори ба даст омада, дилхоҳ нақшаву ҳадафро амалӣ намуд.

Дар давраи ҷадидтар ҷанги иттилооти аз он ҷиҳат қувваи бештарро соҳиб гардид, ки иттилоърасонӣ ба мардум осон гардид. Ҳамчунин воситаву роҳҳо барои паҳни иттилоот ва дар шаклҳои мухталиф пешниҳод намудани он зиёд шуд. Техника ва технологияи ҷадид имкон медиҳанд, ки ҳар нафар дар алоҳидагӣ ва дар ҳар ҷое аз иттилооти мавҷуда огоҳӣ пайдо намояд. Вале ин раванд ба афкори ҷомеа дар тамоми мамолики дунё зарбаи равонӣ ворид намуд. Чун худу бехуд ба майнаи мардум афкорреро таҳмил мекунад, ки дар паёмад метавонад, аксаран ба зиён бошад. «Ҷанги иттилоотиро метавон ҷанги шаҳрвандӣ низ номид, зеро технологияҳои иттилоотӣ дар хонаи мо хӯҷаинӣ карда, ҳар яки моро водор менамояд, ки ягон идеяро қабул бикунем ва дигарашро инкор намоем. Вазифаи ҷанги иттилоотӣ дар он аст, ки бояд ҳадафҳо, нигоҳ ва ҷаҳонбинии одамонро аз дохил бишканад. Дар ин ҳол хатари аз ҳама асосӣ дар он мешавад, ки «душмани иттилоотӣ» ноайён ва мутлақо номуайян аст» [5], - таъкид мекунад профессор Муқимов М. А. дар мақолаи худ «Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ».

Мутаасифона дар доираи ҷангҳои иттилоотӣ маҳз ҳамин норӯшан будани «душмани иттилоотӣ» ба шуури ҷамъиятӣ ва афкори умум ба гунае ворид мегарданд, ки дигар шудани дидгоҳ ва самти фикронӣ бобати дилхоҳ масъала бехудона давра ба давра савқ меёбад. Ба қавли муҳаққиқ ва доктори илмҳои сиёсӣ С. Ятимов «дар структураи шуури рӯзмарра, ҳамакнун беш аз пеш ҷузъиёти хоричӣ, бегона қувват мегирад. Аз бозе ки асбобе бо номи радио, баъдан телевизион, ҳамакнун васоити ахбор ва алоқаи электронӣ пайдо гаштааст, шаклгирии ҷузъиёти шуури рӯзмарра мансуб ба ононест, ки аз маблағҳои ҳангуфти нафту газ ва ононе, ки аз ин хазинаҳо дар ҳар шакл бархӯрдоранд, инчунин имконоти ба ҳамин монанд вобастагӣ доранд» [10]. Дар такя ба андешаи муҳаққиқ С. Ятимов ҳаминро метавон тазаккур дод, ки шаклгирии тафаккури омма ва таъсири рӯзмара ба он, ба ВАО бастагии калон дорад ва ҳамеша ҳадафи ҳуҷуми иттилоотӣ маҳз таъсир расонидан ба шуур, афкори муқаррарӣ ва психологияи ҷамъиятии давлатҳои миллӣ равона карда мешавад.

Имрӯзҳо роҳҳои таъсиррасонӣ ба афкори умум хеле зиёд гардида, фишангҳои ҷалби мардум ба масъалаҳои мухталиф сари ҳар қадам вомехӯранд. Ҳама он матолибе, ки дар интернет сари ҳар қадам рӯбарӯ мешавем, барои мо бетаъсир буда наметавонанд. Хоҳу нохоҳ мо ҳар гоҳе, ки ба торнамоҳо ворид мешавем, болои яке аз аксу навор ва ё навиштаҳо тамарккуз мекунем. Чуноне муҳаққиқ Қутбиддинов Б. таъкид мекунад: «Кам афродест, ки барои дарк ва воқиф гаштан аз интернет истифода набаранд. Эълон, реклама, нарх, тиҷорат, мактуб, хабардор гаштан аз таҳсили фарзанд ва садҳо масоили дигар боисанд, ки омма ба интернет муроҷиат намояд. Ин як шеваи ноайёни дар зери таъсири фазои иттилоотии мухталиф қарор гирифтан мебошад. Як сайри кутоҳ низ ба мафкура даҳҳо таъсир дорад. Як нигоҳи хушк ба вазъи обу ҳаво низ моро водор менамояд, ки ба сарлавҳаи чанд хабар нигарем» [3].

Дар шароити кунунӣ таваҷҷуҳ ба расонаҳо ҳамеша дар мадди аввал қарор дорад. Қудратҳо ҳар кадом дар алоҳидагӣ мехоҳанд, ки ба воситаи иттилоот ҳадафҳои хешро пиёда созанду дар амал онҳоро татбиқ намоянд. Ба таъкиди муҳққиқ Юнуси Ранҷкаши Кисамӣ: «Расона абзори иттилоъраснист, ки бо таваҷҷуҳ ба густураи асаргузорӣ ва тавоние, ки аз назари навъу коркард дорад, дар дунёи имрӯз нақши ҳаёти дар таъсиргузории равобити байнидавлатҳо ва миллатҳо бар асоси манофеи миллии онҳо дорад, ва он чи ки беш аз ҳама дар ин замина муҳим аст, нақшу коркарди расонаҳо дар ҳамгироии давлатҳо ва таъсиргузориҳои фарҳангии байни миллатҳо дар ҷуғрофиёи мухталифи ҷаҳон аст» [9, с. 279]. Гуфтан мумкин аст, ки ВАО имрӯз сирф чун як абзори сиёсӣ истифода мешавад. Ин андешаи моро таъкиди муҳаққиқ Муқимов М. А. низ тасдиқ мекунад: «ВАО новобаста аз мухтаво, шакл, намуд ва аудиторияи худ бунёдан ниҳоди сиёсӣ маҳсуб мешавад» [6, с. 251].

Дар хулоса ҳаминро метавон гуфт, ки васоити ахбори омма барои интишори иттилооти дар ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ дахлдор нақши асосиро мебозад. Ҳуҷум ба андешаву афкори ҷомеаи ҷаҳонӣ

ба восита иттилоот нақшаи якуми ҷангҳои иттилоотӣ ба шумор меравад ва чуноне маълум аст, ин раванд хеле васеъ ва доманадор аст ва он таҳқиқи васеъу ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

АДАБИЁТ

1. Глоссарий.ru [манбаи электронӣ]. URL: http://www.glossary.ru (санаи истифодабарӣ: 14.04.2020)
2. Егорова Л.С. Влияние информационных войн на стабильность государства. // Коммуникология: электронный научный журнал. Том 3. № 2, 2018. С. 56-62
3. Қутбиддин Б. Чанд хосияти фазои иттилоотӣ [манбаи электронӣ]. URL: http://journalism.tnu.tj/index.php/na-di-zhurnalist/241-chand-khosiyati-fazoi-ittiloot (санаи истифодабарӣ: 20.08.2020)
4. Маъруфзод С. Амнияти иттилоотӣ кафили амнияти ҷаҳон [манбаи электронӣ]. URL: http://moh.tj (санаи истифодабарӣ: 11.04.2020)
5. Муқимов М. А. Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ [манбаи электронӣ]. URL: https://jovidmuqim.wordpress.com (санаи истифодабарӣ: 11.04.2020)
6. Муқимов М. А. Нақши ВАО дар низоми нави ҷаҳонӣ / М. А. Муқимов // // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисто. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. - №2. – С. 251-255
7. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик, ш. Душанбе, 10 марти соли 2012 [манбаи электронӣ]. URL: http://www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=8933(санаи истифодабарӣ: 11.04.2020)
8. Хоҷазода С. Ҷангҳои равонӣ ва таъмини амнияти фазои расонаӣ / С. Хоҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисто. Бахши илмҳои филологӣ. – 2012. – №4/5. –С.254-256.
9. Юнуси Ранҷкаши Кисамӣ. Нақши расонаҳо дар ҳамгироии кишварҳои форсизабон / Юнуси Ранҷкаши Кисамӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикисто. Бахши илмҳои филологӣ. – 2012. – №4/5. –С.278-282
10. Ятимов С. Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ (шуури муқаррарӣ) / С. Ятимов // Ҷумҳурият. – 2015 - 17 декабр. № 251 (22813)

ВЛИЯНИЕ ИНФОРМАЦИОННЫХ ВОЙН НА ОБЩЕСТВЕННОЕ МНЕНИЕ

В настоящее время информационные войны стали привлекать внимание всего мирового сообщества. Так как именно в результате использования влияния информации сегодня реализуются все планы и великие стратегические цели.

Естественно, в этом процессе информация, которая публикуется, не может не оказать влияния на мысли и общественное мнение людей, которые, оказавшись под влиянием информационной агрессии, возвышают свой голос в защиту одной из сторон.

Автор статьи «Влияние информационных войн на общественное мнение» в своем исследовании анализирует именно этот аспект.

Действительно, новый период передела мира между державами и борцами за власть, естественно, не может не оказать влияния на жизнь человечества, и общество в этом процессе считается главным участником. Поддержка власти и последовательных целей массами в этом переделе реализуются перспективными планами и хорошей управленческой системой со стороны государств.

СМИ, в свою очередь, используются конкретным образом для реализации интересов тех или иных определенных групп, и приносят желаемые результаты заинтересованным силам.

Сегодня распространение информации в политике государств составляет один из главных аспектов политической деятельности. Наступление на мысли и общественное мнение мирового сообщества через информацию считается первым планом информационных войн, и как известно, это очень широкий и продолжительный процесс, который требует расширенного и всестороннего анализа.

Ключевые слова: *СМИ, общественное мнение, влияние, формирование мнений, информационные войны, державы, интересы, Интернет, радио, телевидение.*

INFLUENCE OF INFORMATION WARS ON PUBLIC OPINION

Currently, information wars have begun to attract the attention of the entire world community. Since it is precisely as a result of using the influence of information that all plans and great strategic goals are being implemented today.

Naturally, in this process, the information that is published cannot but influence the thoughts and public opinion of people who, being influenced by information aggression, raise their voice in defense of one of the parties.

The author of the article «The Impact of Information Wars on Public Opinion» analyzes this very aspect in his research.

Indeed, the new period of the redivision of the world between the powers and the power fighters, naturally, cannot but have an impact on the life of mankind, and society is considered the main participant in

this process. Support for the authorities and consistent goals by the masses in this redistribution is implemented by long-term plans and a good management system on the part of states.

The media, in turn, are used in a specific way to realize the interests of certain specific groups, and bring the desired results to the interested forces.

Today the dissemination of information in the politics of states is one of the main aspects of political activity. The attack on the thoughts and public opinion of the world community through information is considered the first plan of information warfare, and as you know, this is a very broad and long-term process that requires extensive and comprehensive analysis.

Key words: *mass media, public opinion, influence, formation of opinions, information wars, powers, interests, Internet, radio, television.*

Сведения об авторе:

Мавлонов Хуршед Давлаталиевич *- докторант Ph.D кафедры телевидение и радиовещание факультета журналистики Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 17. E-mail: hurshed.0001@mail.ru. Телефон: (+992) 988687608*

About the author:

Mavlonov Khurshed Davlatalievich *- Tajik National University, Doctoral Ph.D. of Chair of Journalism. Address: 7340 25, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. E-mail: hurshed.0001@mail.ru Phone: (+992) 988687608*

ТАЪМИНОТИ МОДДӢ ВА МАИШИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ҲАРБӢ ДАР АМОРАТИ БУХОРО

Султонзода Б.С.

Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таъминоти моддӣ ва маишии хизматчиёни ҳарбӣ дар аморати Бухоро дар замони ҳукмронии манғитиён яке аз муаммоҳои умдатарини таърихи аморат буда, ин муаммои мавриди баҳс аз тарафи олимон ҷиддан таҳқиқ карда нашудааст.

Дар давраи тобеияти аморати Бухоро ба Россияи подшоҳӣ як кӯшиши ташкили лашкари ба ном «аврупой» шуда буд, ки бештар ба як тақлиди сода монанд буду бас. Казармаҳои ба таври нав ташкил шуда ҳам, расман ба «аврупой» монанд буданд.

Дастаи нави низомии Бухоро «Терский» дар казармаҳои Кармина ва дар гузари Чорбоғи шаҳри Бухоро [2, с. 9], казакҳои савора дар Ҳавзи Мирдӯстум, Мазори Чашмаи Аюб, гузари Кофиробод [9, с.37], гурӯҳи Шефский дар Ситораи Моҳи Хоса [9, с.37] ҷойгир шуда буданд.

Таъминоти моддӣ ва маишии хизматчиёни ҳарбӣ дар аморати Бухоро дар маълумотҳои бойгонӣ ҳам акси худро ёфтааст, ки хулосаи бархе аз олимонро тасдиқ мекунад:

Гарчанд лашкари Бухоро шакли урупой дошт, машқ ва ҳаракатҳои он ба даврахои асри миёна монанд буд. Машқи дастаҳои ҳарбӣ ба ҳамдигар монанд буданд. Сарбозони шанбегӣ рӯзҳои шанбе, якшанбе ва душанбе; сарбозони сешанбегӣ рӯзҳои сешанбе, чоршанбе, панҷшанбе; Дастаҳои Терский, Шефский, ва казакҳои савора чаҳор рӯзи ҳафта дар машқгоҳ машқ мекарданд. Дастаи сарҳадбонон – элнавкарон бо яроқу аслиҳаи маҳаллӣ мусаллаҳ буда, дар бораи машқи онҳо маълумоте дар даст нест.

Дар бораи вазъи қӯшун ва ҳолати ҳарбии сарбозони Бухоро аз бойгониҳо, ахбороти А.Фитрат, С. Айнӣ ва дигар муаллифон маълумот пайдо кардан мумкин аст.

Таъкид намудан лозим аст, ки машқҳои ба ном ҳарбӣ фақат дар рӯзҳои обу ҳавояш мусоид гузаронида мешуд. Рӯзҳои сард ва боронӣ, ҳамчунин дарфасли зимистон машқҳо гузаронида намешуд [2, с.5].

Барои сарбозони шанбегӣ дар дохили шаҳр, охири асри XIX казармаҳо бино шуда буд. Дар вақтҳои берун аз хизмат онҳо ба корҳои хоҷагии худ машғул буданд. Сарбозони сешанбегӣ бошад сарбозхона надоштанд ва аз хонаҳои худ ё туманҳо ба хизмат ҳозир шуда, дар саройҳо иҷора менишастанд ва ба омодагӣ ва ҳолати туфангу аслиҳаҳояшон худашон масъул буданд. Сарбозони сешанбегӣ дар мавридҳои холӣ аз машқ ба «бекорӣ « , яъне ба умури бемуздӣ ба ном «подшоҳӣ» ё хизмати саркору юзбошиён ҷалб карда мешуданд. Баъди машқ ва адои хизмати «бекорӣ» ба

саранҷоми маишии худ ва корҳои хоҷагӣ машғул шуда, аз сабаби соҳиби касбу кор набудан бештар мардикорӣ ҳам мекарданд [1, с. 239].

Чи тавре, ки манбаъ иттилоот медиҳад ин тоифаи сарбозон ҳатто дар қабристонҳо ба сифати хизматкор адои хизмат карда, музди ночизе мегирифтанд:» 20 нафар ғуломонашон дар мазори фоиз ал-анвор ба хизмат муаззафанд. 16 нафар дар қорихонаи мазор, 2 нафар дар парросхона (фаррошхона), 1 нафар мирзобошии мактабдор, 1 нафар фаррош. Барои 16 нафар ҳар моҳ 7 танга, барои 2 нафарашон 10 танга, барои мактабдор 7 танга, барои фаррош 5 танга маош, ҳамагӣ дар як сол 1898 танга аз хазинаи ҳазрати олӣ дода мешавад. Сана 1898» [2, с.1].

Сарбозони мазкур шояд дар вақтҳои берун аз хизмат ба ин корҳо ҷалб шуда бошанд [2, с. 2].

Иттилоотҳои дастрас нишонгари онанд, ки маоши ҳарбиён ва сарбозони [сарбозу аскарони қаторӣ, албатта] Бухоро хеле кам будааст. Масалан, то давраи ҳукуматдории Олимхон барои сарбоз 14 танга, аз соли 1912 сар карда 20 танга (се рубл) моҳона маош медодаанд. Хӯрок ва сару либос дода намешуд. Сару либоси низомӣ аз ҳисоби ҳамин маош ба сарбозон дода мешуд. Таъмири туфанг ва дигар аслиҳаро ҳам сарбозон аз ҳисоби худ бояд мекарданд.

Сарбози шанбегӣ фақат ҳини посбонӣ дар казарма (сарбозхона) дар қатори даҳ нафар сарбоз аз табақи шавлаи гандумин хӯрок мехӯрд.

Дастаҳои низомии Кавказиён ҳамчунин, сарбозони Терски, Шефски, саворони казак аз ин қоидаҳо истисно буда, бо сару либос ва хӯрок аз ҳисоби хазина таъмин карда мешуданд [1, с. 239].

Додани маоши мунтазам барои низомиён аз давраи ҳукуматдории амир Насруллоҳ оғоз шуда буд. Даставвал маош ба тарзи натуралӣ дода мешуд. Ин сарфи маош аз ҳисоби андозҳои туманҳои Занданӣ ва Киштӣ амалӣ мешуд ва барои амалдорони ҳарбӣ ҳам дар ин туманҳо замин ҷудо карда шуда буд [8, с. 214].

Сарбозони оддӣ дар маҳалли зисташон ғайр аз хизмати аскарӣ (дар мавриди берун аз хизмат) ба кори деҳқонӣ ҳам машғул буданд.

Дар аморати Бухоро то соли 1856 ҳарбиён чунин моҳона доштанд: сарбози одди 20 танга (4 рубли нуқра), даҳбошӣ 1,5 тилло, юзбошӣ 6 тилло (24 рубли нуқра), қаровулбекӣ 4,5 тилло (18 рубли нуқра), панҷоҳбошӣ 85 танга (17 рубли нуқра), панҷоҳбошии хурд 50 танга (10 рубли нуқра) [8,214].

Тӯпчибошӣ Шоҳруххон ном шахс солона 2000 тилло маош гирифта аз замине, ки дар тумани Бӯстон доштааст 700 тилло, аз 20 осиёб ва замини дар ин туман ба иҷора додааш боз моҳона 34 тилло мегирифтааст. Солона даромади ӯ 12000 рублро (1 тилло дар ин вақт ба 4 рубли Россия баробар буд – Б.С.) ташкил кардааст. Зиёда аз ин, аз хазинаи аморат ӯ сару либос ва барои аспҳояш хӯрока гирифтааст. Маълум мешавад, ки даромади солонаи тӯпчибошӣ ба маоши солонаи 250 сарбоз баробар будааст [2, с.7].

Дар давраи ҳаракатҳои ҳарбӣ (асосан дар давраи амир Насруллоҳ, ки лашкаркашиҳои зиёде карда буд) барои сарбозон «хизматонаи рӯзона» (рӯзпулӣ) дода мешуд. Боз ҳар рӯзи ҷумъа оши палов, дигар рӯзҳо мошоба, барои ҳар як сарбоз як дона оби нон дода мешуд [2, с.7]. Ба оилаи сарбози ҳалокшуда баъзе имтиёзҳо ва мадади моддӣ расонида мешуд.

А. Троицкая дар мавриди ҳаракатҳои ҳарбӣ маблағи ба сарбозон дода мешудагиро муайян кардааст. Тибқи хулосаи ӯ аз хазинаи аморат барои сарбоз ва тӯпчиёни оддӣ барои ҳар се рӯз 1 танга, барои даҳбошӣ барои ду рӯз 1 танга, панҷоҳбошии хурд рӯзона 1 танга, панҷоҳбошии калон рӯзона 1,5 танга, қаровулбегӣ 2 танга, юзбошӣ 4 танга, мусиқичиёни ҳарбӣ (яъне болои бомчиён, болобомчиён) дар се рӯз 1 танга маоши «рӯзпулӣ» дода мешудааст [8, с.215].

Барои хизматчиёни ҳарбӣ, махсусан барои сарбозони оддӣ ва миёна маош дар сари вақт дода намешуд [4, с.39]. Дар аксар рӯйкард маошро баъд аз муҳорибаҳо медоданд. Дар ин маврид маоши сарбозони ҳалок шуда насиби даҳбошиён, панҷоҳбоши ё юзбошӣ мешуд. Дар мавриди юришҳои ҳарбӣ молу мулки мардуми оддӣ ҳам ба талош мерафт. Барои ғаниматҳои ҳарбӣ аз ҳисоби моли мардум миёни сарбозон ва афсарон задухӯрдҳои сангин ба вуҷуд меомад [8, с.217].

Сарбозон болопӯш (куртка)-ҳои якгиребонаи сурх, бо гиребони сиёҳ (калтачаи сафеди гиребони сурхранг дошта низ буданд), шарвори сафед (ё зард аз пӯсти гӯсфанд), телпакҳои пӯсти гӯсфандҳои қарокӯлӣ доштанд.

Тӯпчиён кафтанҳои кабуд бо петлитсаҳои сурх, аз соли 1880 бошад курткаҳои сиёҳ мепӯшиданд.

Либоси дастаи ҷилав аз кафтанҳои дарози сурх ва телпакҳои пӯсти суғур иборат буд. Дастаи эрониён кафтанҳои сабзпӯшида, миёнбанди чармин ва шоф доштанд. Мусиқачиён низ чакманҳои сабз дарбар доштанд.

Г.А. Арандаренко сару либоси таркиби фармондеҳонро хеле гуногунтар нишон медиҳад. Тибқи ахбори ӯ «сарбози қатории нав ба хизмат ҷалбшуда дониши ҳарбиро мустақилона дар давоми се моҳ гирифта, бо сару либоси хонагии худ мегашт; даҳбошӣ, ки аз миёни сарбозони қаторӣ таъин мешуд бо курткаи сурхӣ дар пасаш, китф ва сари синааш хатҳои бо риштаи сафед дӯхта мепӯшид; фармондеҳони дастаи пешсаф – аламдорон кафтанҳои дарози сафед пӯшида, танҳо шоф доранд. Вақти қадамзанӣ бо шоф онҳо ҳар хел ҳаракатҳо нишон дода, дар як саф пеш-пеши дастаи худ равон мешуданд. Ясавулон пеш-пеши даста дар халатҳои оддии худ, бо чӯбдасти дароз ва борики худ роҳ мегаштанд.

Карнайчӣ бо камзӯли кабуди худ, дар китф эполетҳои обер-офитсери русро дорад; мусиқачиён бошанд дар қаноти чапи баталён ҷой гирифта аз матои кабуд кафтан доранд, телпакҳои гӯшаҳояш пасти аз пӯсти гӯсфанд бударо дар сар карда буданд. Командирони даста дар мавриди назорати даста дар саф, дар мавриди қабулҳо дар пеши даста ҷавлон зада, дар бар кафтанҳои якгиребонаи хокистарӣ, сиёҳ, ҷигарӣ, бо эполетҳои штабс-офитсерии рус, бештар бо эполетҳои докторӣ, бо телпакҳои ҳошиябаланди аз пӯсти гусфанд дӯхташуда, дар шарварҳои чармии аз болои пойафзол фаровардашуда ва бо телпакҳои аз тарафи худи амир ҳадяшуда меистоданд.

Командирони баталён дар маврид машқ бояд дар либоси бахмалии ранги равшандоштаи остин ва сари синааш зардӯзӣ, бе эполетҳо, бо шарвори моҳутини фаровардашуда, бо телпаки бараш паст ва шофи дар камарбанд овезон; ва ниҳоят худи тӯпчибошӣ, фармондеҳи тамоми пиёда ва артиллерия бо камзоли зарбофти аз ду тарафи сина шаштои тугмадошта, ду қатор ситораҳои генералӣ, бо эполетҳои генералии сохти Бухоро, ки ҳар сол бо сарулибоси зардӯзӣ ва камари тиллоӣ аз тарафи худи амир ҳадя мегардад истодааст.

Тамоми ин намуди сару либос, аз сарбозон сар карда то худи фармондеҳи олӣ баъди муҳорибаи Эрҷар (1868) ҷорӣ шуда, соли 1880 ба нишонаҳои командирони рота (даста) боз ду ситораи нуқрагини генералӣ, на ҳамчун рамзи хизматӣ, балки кадом як чизи номафҳум аз тарафи амир ҷорӣ карда шуд» [3, с.555].

Баъд аз истилои рус маоши ҳарбиён дар Бухоро ончунон баланд набудааст. Мувофиқи иттилооти Г. Арандаренко соли 1880 дастаи мусиқичиён (болобомчиён) моҳе 20 танга, дар вақти юриши ҳарбӣ рӯзе 1 танга, солона барои либоси ҳарби 7 рубл мегирифтанд [3, с.556]. Дар давраи тобеият ба Россия қӯшуни Бухоро бештар зидди баромадҳои халқӣ мубориза мебурд. Чунин баромадҳо солҳои 1870 – 1874 дар Балҷувон, соли 1871 дар Ғузор ва Қаршӣ, соли 1885 дар Кӯлоб, солҳои 1885 – 1886 дар Шеробод, соли 1886 дар Ҳисор ва Деҳнав, соли 1898 дар Нурота ва дигар ҳудудҳо шуда буд. Дар ин ҳолатҳо ба ҳарбиён маоши «рӯзпулӣ» дода мешуд.

Дар мавриди пахш кардани баромадҳои халқӣ барои сарбоз, мусиқичӣ, тӯпчӣ чун мукофот 20 танга (4 рубл), ба ҳарбиёни миёна 8-20 рубл, чеҳраоғосӣ 60 рубл, қаровулбегӣ 80 рубл, тӯқсабо 100 рубл, удайчӣ 40 рубл дода мешуд [3, с.357]. Сарбозе, ки аз сабаби нарасидани маркаб бо асп ё шутури худ ба хизмат ҳозир мешуд барои ҳар 8 фарсах роҳи паймудааш 20 тин мегирифт [8, с. 212-217].

Мувофиқи иттилоотҳои дастрас дар ҳар кадом 27 бекигарии аморат дастаҳои низомии «элнавкарон» мавҷуд буда, шумораи сарбозони ҳар як даста ба 150 нафар мерасид. Дар замони амир Насруллоҳ барои сарбози оддӣ ва барои ҳар кадом 21 нафари соҳибунвон 60-100 тангагӣ маош ва замини «танхо» , ҳамчунин осиёбҳо ва ҷӯйҳои обёрӣ чун маош дода мешуд [2, с.14].

Дар давраи ҳукуматдории амир Олимхон дастаҳои нави низомии араббачагон, шербачагон ва дастаи афғонҳо ташкил шуда, онҳо ҳам моҳе 35 танга, дар арафаи иди Қурбон ва ид ал-фитр 20 тангагӣ «худоӣ пулӣ» мегирифтанд. Ба онҳо хӯрок, яроқ ва аслиҳа, сару либос ва хароҷоти сарбозхона дода мешуд [2, с.8].

Солҳои 1918 – 1920 маоши рӯзона барои ҳарбиён дар остонаи хавфи ҳуҷуми ҳукумати шӯравии Туркистон ба аморат аз тарафи амир Олимхон аз сари нав ҷорӣ мегардад [2, с.19].

Чи тавре, ки дар боло зикр шуд ҳини додани маош ва ҳаҷи хизмат ба хатогиҳо ва фиреб роҳ медоданд. Масалан, барои сарбозони ҳалок шуда, фавтида ё фироркарда ҳам (то хабардор шудан аз онҳо) аз хазина маош дода мешуд. Ҳамчунин, сарбозони нав ба хизмат ҷалб шуда муддати мадид бе маош мемонданд. Дар мавриди аз назар гузаронидан ё тафтиш рӯйкардҳои зидди қонунӣ фош мегардид [2, с. 6; 2, с.8] .

Изофа бар ин, сарфу хароҷоти базму зиёфатҳо, тантанаи муборакбодӣ барои гирифтани амал, унвон ва мансабҳои ҳарбӣ асосан аз ҳисоби худи сарбозон мешудааст. Рӯйхати ин харҷ ба ҳукумат расонида шавад ҳам, одатан дар ивази он чизе пурсида намешуд:

«Арзадошти Панҷоҳбек чеҳраоға: – Муҳаммад Ёқуб мирохур бо марҳамати ҷанобашон ба ин ғуломон саркарда шуданд. Барои муборакбодӣ мирохур, тӯқсабо ва саркардаҳо омада ширини ва нон хӯрда рафтанд. Ба онҳо: каллаҳанд, барои эшикоғабошӣ ҳанди ҳоғазкабуд ва навот, ба тӯқсабоён ва мирохурон ҳам ҳанди ҳоғазкабуд дода шуд. Барояшон яктогӣ ҷомаи шоҳӣ, салла ва кулоҳ аз давлати Шумо дода, дар ҳаҷи ҷанобашон дуо гирифта шуд, сана 1914 [2, с.14].

Дар вилоятҳои дури аморат дар вақти ошӯбҳои халқӣ маоши сарбозон бо иловаи «рӯзпулӣ» ба 35 – 45 танга мерасид. [2, с.57].

Бо чунин мазмун ҳуҷҷатҳо нисбати хизматчиёни ҳарбии дар Ҳаршӣ, Бойсун, Шеробод ҷойгир шуда ҳам, дар бойгонӣ дучор меоянд.

Дар бойгонии Ҳӯшбегии амири Бухоро барои харҷи як ҳафтаинаи 200 нафар сарбозони дастаи ҳарбии Терский рӯйхати хӯрокворихо оварда мешавад. Ин маълумотҳоро дар зер меоварем: Сарфу харҷи 7 рӯза аз рӯзи шанбе то рӯзи ҷумъа:

Шанбе: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк (чоряк-як чоряк чор нима ё ба 5 фунт баробар буд) орд – 8 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 11 танга, ҳезум – 4,5 танга, ҷамъ: 93 танга.

Якшанбе: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 12 танга, шалғам – 4,5 танга, ҷамъ: 94 танга.

Душанбе: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8,5 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 13 танга, ҳезум – 4,5 танга, ҷамъ: 94 танга

Сешанбе: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8,5 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 13,5 танга, ҳезум – 4,5 танга, ҷамъ: 96 танга

Чоршанбе: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8,5 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 13,5 танга, ҳезум – 4 танга, ҷамъ: 95,5 танга

Панҷшанбе: нон – 46 танга, 3,5 ман мош – 13 танга, 7 чоряк орд – 8,5 танга, 7 чоряк биринҷ – 10,5 танга, 7 чоряк гӯшт – 13,5 танга, ҳезум – 4 танга, ҷамъ: 95,5 танга

Ҷумъа: биринҷ – 60 танга, 17,5 чоряк гӯшт – 36,6 танга, 5,5 чоряк равған – 47 танга, нон – 46 танга, зира 8,5 танга, ҳезум – 4 танга, ҷамъ: 202 танга. Ҳамагӣ дар як ҳафта 771 танга [10, с. 162-163].

Аз ахбори дар боло зикргардида маълум мешавад, ки дар аввали асри ХХ дар Бухоро таъминоти ҳарбии сарбозон ба як тартиб даромада будааст. Хӯроки сарбозон аз ҳисоби мева ва сабзавоту ширинихое, ки аз ду тумани дар боло зикр шуда ба ивази андозҳо гирифта мешуд таъмин мегашт. Номгӯи ин меваҷоту сабзавот дар ин рӯйхат набошад ҳам, онҳо ба сарбозони пойтахт расонида мешудааст. Дар ин бора иттилооти дигари бойгонии ҳӯшбегии амири Бухоро далолат мекунад [2, с.350].

Ҳуҷҷатҳои хеле зиёд перомуни сарфу хароҷотҳои ҳисмҳои ҳарбии аморати Бухоро дар солҳои 1282 – 1337 ҳиҷрӣ (мил. 1865 – 1918) дар бойгонии марказии РӮз маҳфуз аст. Ин маълумотҳо доир ба таъминоти модии лашкари аморат хеле равшан ва комил аст.

Маълумоти ин маҷмӯа нишон дод, ки солҳои 1865 – 1880 пардохти маоши ҳарбиён ба таъхир афтодааст (ин ҳолат солҳои 1905 – 1907, 1914 – 1917 ҳам такрор ёфтааст), солҳои 1880– 1905, 1908 – 1914 бошад маоши ҳарбиёни Бухоро дар вақташ дода шудааст. Ин ҳолат нишонгари онанд, ки парохти маош аз вазъи сиёсӣ ва иқтисодии на фақат аморат, балки вазъи сиёсии Россия ҳам иртибот доштааст.

Масалан, аз як ҳуҷҷати аз соли 1882, моҳи шаъбон буда, маълум шуд, ки барои 4525 нафар сарбоз 22,5 тангагӣ маош дода шудааст [2, с.14].

Бар замми ин, маълумоти бойгонӣ нишон медиҳад, ки теъдоди гурӯҳҳо ва дастаҳои ҳарбӣ як хел набуда, он ба тартиб оварда нашудааст. Ҳоло он, ки унвони ҳарбии бештари саркардаҳо тӯқсабо буда, сарбозони зери амри онҳо аз 75 нафар то 648 нафар будааст.

Баъди ду инқилоби соли 1917 дар Россия ба амал омада, аморати Бухоро чун давлати мустақил барои мустаҳкам кардани қудрати ҳарбиаш хеле саъю ҳаракат ва маблағҳои зиёдеро ба харҷ дод. Амир ва ҳукумати ӯ барои амнияти мардуми аморат ҳам кӯшид, ки муваффақиятеро ба даст оварад, аммо ношудии амир ва амалдорони ӯ, хоинии ҷавонбухороиён ва дахолати ҳукумати шӯравӣ ва болшевикон, дер мондан аз ҷараёнҳои тақдирпазири таърихӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ, тартиботи демократӣ, аз ҳама асосиаш аз ислоҳотҳои ҳарбӣ тақдири аморатро ҳаллу фасл карда буд. Болосохти заиф ва номувофиқ бунёди қадимӣ ва асримиёнагӣ, ороста бо таассуб ва хурофотро ҳимоя карда наметавонист. Сарфу хароҷоти рӯзафзуни ҳарбӣ вазнин ва зиёд шудани андозу гирифтаниҳои ғайриқонуниро ҳам афзуда, сабаби боло рафтани норозигии мардум гашта буд.

Ҳамин тариқ, аз гуфтаҳои боло ба чунин ба хулоса омадан мумкин аст, ки ҳарбиён дар аморати Бухоро асосан барои таъмин кардани эҳтиёҷоти моддии худ ба хизмати аскарӣ медаромадаанд. Ҳисси ватанпарварӣ, садоқат ва ҳимояи ватан барои онҳо бегона буда аз тарафи амалдорони ҳарбӣ барои баланд бурдани маҳорати касбии ҳарбӣ ва ҳисси ватанпарварӣ ташвиқот ва тарғибот бурда намешуд.

Тартиб ва танзими низомӣ, тактика ва стратегияи ҳарбӣ мавҷуд набуд (баъзан иҷозати амалиёти як ҳафта дар пеш истода ҳам, аз қӯшбегӣ бо ариза пурсида мешуд) ва машқҳои ҳарбӣ ба тарзи бояду шояд ва хеле содда амалӣ мегашт. Маоши ҳарбиён ҳам мунтазам ва аз рӯи тартиб набуд васарбозон чун қувваи арзони корӣ истифода бурда мешуд.

Баъд аз истиқрори протекторати Россия бар аморати Бухоро қӯшун асосан барои пахш кардани баромадҳои халқӣ истифода мешуд.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Дохунда. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
2. БМД РӮз. Фонди И-126, И-2, И-3 рӯйхат 1, делои 1566, вараҚи 14.
3. Арандаренко Г. Досуги в Туркестане. – СПб.: тип. М.М. Стасюлевича, 1889. – С.361-364.
4. Лыко М. Очерк военных действий 1868 года в Зерявшанской долине // Военный сборник, 1871 № 5-8. – С.38.
5. Масальский В. Бухара. // Энциклопедический словарь. Т.V. – Спб., 1891.– С. 106.
6. Матвеев. Поездка по Бухарским и Афганским владениям в 1877 г. – СПб., 1883.– С. 40.
7. Стремоухов Н. Поездка в Бухару//Русский вестник, Т. VI, 1875.– С.650.
8. Троицкая А. Л. Военное дело в Бухаре в первой половине XIX века.(по материалам Государственной Публичной Библиотеки им. Е. М. Салтыкова – Щедрина) // Труды АН Тадж. ССР. Т. 17 Душанбе, 1953.– С. 214.
9. Фитрат А. Давраи ҳукмронии Амир Олимхон.– Душанбе, 1991; – 63 с.
10. Шукриллаев Ю. Бухоро амирлигида қӯшин ва ҳарбий иш [1756-1920]. – Тошкент, 2006. – 170 с.

МАТЕРИАЛЬНОЕ И БЫТОВОЕ ПРЕДПРИЯТИЕ ВОЕННЫХ УСЛУГ В БУХАРСКОМ ЭМИРАТЕ

В статье исследуется материальная и социальная жизнь военных Бухарского эмирата в конце XIX - начале XX веков, информация о которой получена из архивов Бухарского эмира.

В этом контексте отражается положение армии, военное положение солдат, форма командиров, формирование новых воинских частей, выплата заработной платы и расходы воинских частей Бухарского эмирата.

Также проанализирован уровень реализации воинской дисциплины, тактики и военной стратегии воинов в период правления мангитских эмиров.

Ключевые слова: *Солдаты, казармы, воинские части, воинские уставы, субботники, воинские оклады, Бухарский эмират.*

MATERIAL AND LIVING SUPPLIES OF MILITARY SERVICES IN BUKHARA EMIRATE

The article examines the material and social life of the military of the Emirate of Bukhara in the late XIX - early XX centuries, information about which is obtained from the archives of the Emir of Bukhara.

In this context, the situation of the army, the military status of soldiers, the form of commanders, the formation of new military units, the payment of salaries and expenses of military units of the Emirate of Bukhara is reflected.

The level of implementation of military discipline, tactics and military strategy of soldiers during the reign of the Mangit emirs is also analyzed.

Keywords: *Soldiers, barracks, military units, military rules, Saturday soldiers, military salaries, Bukhara emirate.*

Сведения об автора:

Султонзода Бехзод Султони *– старший преподаватель-методист факультета №4 Академии МВД Республики Таджикистан, капитан милитсии*

About the author:

Sultonzoda Behzod Sultoni *– senior teacher-methodologist of the faculty No. 4 Of the Academy of the Ministry of internal Affairs of the Republic of Tajikistan, captain of the militia*

ИНЪИКОСИ РУСУМИ ДАВЛАТДОРИИ СОСОНИЁН ДАР «НАСИҲАТ-УЛ-МУЛУК»-И МУҲАММАД ҒАЗОЛӢ

Бурҳонов С.С.

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров

Халқҳои эронизабони аҳди қадим дорои хонадонҳои ҳукуматгир ва давлатҳое буданд, ки бе муболиға аз қудратмандтарин императориҳои даврони хеш ба ҳисоб рафта, то андозае ба раванди таърихи башарият таъсир расонидаанд. Аз қабили чунин сулолаҳо ва давлатҳои пуриқтидор Пешдодиён, Каёниён, Ҳахоманишиён, Ашкониён ва Сосониёнро номбар кардан мумкин аст.

Дар радифи давлатҳои номбурда императории Сосонӣ мавқеи хоссаеро дорост. Зеро хонадони Сосонӣ дар тӯли наздик 430 сол дар қаламрави хело фарох ҳукмронӣ карда, бо абаркудратҳои замона аз қабили императориҳои Риму Византия, Ҳайтолиёну Қушониён, Ҳоқонатҳои Турку Хазар гоҳе бо мадорову гоҳе бо шамшер якҷоя қисмати аз лиҳози тамаддун пешрафтаи ҷаҳонро идора менамуд.

Пас сабабҳои чунин дуру дароз ва бомуваффақона ҳукмронии Сосониён дар чист? Чӣ гуна эшон тавонистанд, ки зиёда аз чаҳор аср яке аз қувваҳои қутбнамои замони хеш бокӣ бимонанд?

Ҷавобро ба ин саволҳо то андозае дар осори паҳлавӣ, ки он бешакк тарғибкунандаи сиёсати пешгирифтаи подшоҳони Сосонӣ ва таъриху фарҳанги халқҳои эронитабор мебошад, таърихномаҳои муаллифони румӣ, сурёнӣ ва армании ҳамон замон пайдо кардан мумкин аст.

Оид ба ҳукмронии Сосониён аз рисолаҳои таърихию адабии қурунивустоии арабу форс низ метавон маълумоти фарвон ба даст овард. Дар ин ҷода андарзномаҳо, ки дар ҳамон замон хеле маъмул гардида буданд истисно нестанд.

Аз зумраи онҳо рисолаи Имом Абӯҳомид Муҳммад ал-Ғазолӣ «Насиҳат-ул-мулук»-ро ном бурдан мумкин аст. Муҳаммади Ғазолӣ дар замони нашъунамо ва ибтидои таназзули давлати абаркудрати Салҷуқиён зиндагӣ карда, аз вазъи давлату русуми давлатдории салҷуқиён ва аҳволи мардум ба хубӣ огаҳӣ дошт. Бар замми он Ғазолӣ сазовори лақабҳои ифтихории «Зайну-д-дин» ва «Ҳуҷҷат-ул-ислом» гардида, дар назди ҳокимони салҷӯки низ сазовори обрӯи этибор гардида буд. Мақому мартабаи ӯ то дарачае расида буд, ки беибо ба подшоҳон андарз мегуфт, то онҳоро ба роҳи рост равона созаду ба василаи ҳукмронии боадолатонаи онҳо аҳволи мардумро беҳтар гардонад. Чун аҳли ин хонавода ба монанди баъзе аз дигар сулолаҳои туркзабони замона дорои аслу насаби шоҳӣ набуданд ва наметавонистанд такя ба таҷрибаи мулкдории аҷдоди хеш бикунанд, лоҷарам Ғазолӣ дар «Насиҳат-ул-мулук»-у дигар рисолаҳояш ва ҳомии ӯ Низомулмулк дар «Сиёсатнома» аз ҳаёти хулафои араб, хоссатан хулафои рошиддин мисолҳо овардааанду давлатдории хонадонҳои тоисломӣ ва мусалмони эронитабор, асосан Сосониён ва Сомониёнро намунаи ибрат арзёбӣ намудаанд.

Дар «Насиҳат-ул-мулук», ки ба султон Муҳаммад бни Маликшоҳи салҷуқӣ фиристода шудааст, дар қатори масъалаҳои гуногуни ахлоқию сиёсӣ назари Ғазолӣ ба муҳимтарин рукнҳои давлатдорӣ, хоссатан давлатдории Сооониён баён карда шудаанд. Аз ин нуктаи назар қарор додем, ки ахбори «Насиҳат-ул-мулук»-ро оид ба русуми давлатдории хонадони Сосониён мавриди муҳокима қарор

диҳем. Зеро, то ба ҳол ин мавзӯъ ба таври пурра ва аз нуктаи назари таърихшиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

Муҳаммад Ғазолӣ низоми давлатдориро ба якчанд пояҳо устувор медиҳад, ки муҳимтарин онҳо адолат аст. Аз ин лиҳоз аввал ҳамин масъала дар «Насиҳат-ул-мулук» баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф ҳангоми баёни мавзӯи адолати подшоҳ ба рӯзгор ва кору пайкори подшоҳони ориёитабор бо ҳусни таваҷҷӯҳ муносибат карда, аз ҷумла навиштааст: «Андар таърихҳо чунин аст, ки чаҳор ҳазор сол оламро муғон доштанд ва мамлакат андар хонадони эшон буд, ва аз баҳри он бимонд, ки миёни раъият адл карданд ва раъиятро нигоҳ доштанд андар кеши хеш ҷавру ситам раво надоштанд ва ҷаҳон ба доду адл ободон карданд.

Ва дар хабар омадааст, ки Худой Таъоло ба Довуд пайғамбар ваҳй кард, то Довуд қавми хешро бигӯяд, то аҳли Аҷамро дашном надиҳанд, ки «эшон он касоне буданд, ки ҷаҳон ободон карданд, то бандагони ман дар вай зиндагонӣ мекунанд»« [3, с.40].

Ин нукта дар осори шоир ва мутафаккири тавонои форсу тоҷик Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ низ дучор меояд. Мавсуф «Баҳористон»-и бехазонашро дар мавридҳои лозима бо овардани мисоле чанд аз рӯзгори подшоҳони тоисломии халқҳои эронитабор зеб додаасту аглаби ин қиссаҳо аз таҷрибаи давлатдории Сосониён гирифта шудаанд.

Дар таворих чунон мастур аст, ки, - нигоштааст ӯ, - панҷ ҳазор сол салтанати олам тааллуқ ба габрону муғон дошт ва ин давлат дар хонадони эшон буд, зеро бо раоё адл мекарданд ва зулм раво намедоштанд.

Дар хабар аст, ки Худои таоло ба Довуд, алайҳи-с-салом, ваҳй кард, ки қавми хешро бигӯй, ки подшоҳони Аҷамро бад нагӯянду дашном надиҳанд, ки эшон ҷаҳонро ба адл ободон карданд, то бандагони ман дар вай зиндагонӣ кунанд [5, с.36].

Ба ғайр аз он, ки ин гуфтаҳо баёнгари адлпешагии подшоҳони қадима аст, моро водор месозад тахмин кунем, ки Ғазолӣ ва Ҷомӣ аз як сарчашма истифода бурдаанд ва ё «Насиҳат-ул-мулук» яке аз манбаҳоест, ки Ҷомӣ ҳангоми навиштани «Баҳористон» аз он баҳра бардоштааст. Зеро, «Баҳористон» аз рӯзгори подшоҳони Аҷам боз якчанд мисолҳоеро дучор омадан мумкин аст, ки онҳо дар «Насиҳат-ул-мулук» низ дида мешаванд.

Абӯрайҳон Берунӣ ҳам дар рисолаҳои гунногунмавзӯяш борҳо ба масъалааи адлпешагию раъиятпарварии хонадони Сосониён ишора кардааст. Масалан мавсуф ҳангоми муйяянкунии солҳои ҳукумати подшоҳони Ашконӣ чунин мегӯяд: «... подшоҳӣ ва фармонравоӣ дар давраи Сосониён мунтазам буд, вале дар айёми Ашкониён музтариб ва дарҳам барҳам буд» [2, с.148].

Ҳини баррасии масъалаи сабаби ба миён омадани таърихи (солшуморӣ) амиралмӯъминин Мӯътазид Биллоҳи Аббосӣ бошад, Берунӣ бо истинод ба китоби Абӯбакри Сулӣ «Аврок» ва рисолаи Ҳамзаи Исфаҳонӣ роҷеъ ба Наврӯз ва Меҳргон аз забони халифа ал-Мутаваккил чунин нигоштааст: «... ман ҳам наметавонам аз русуму одати подшоҳони Эрон по берун ниҳам. Ва бо он ки подшоҳони Эрон мардуми боотифа ва раиятпарвар буданд ва ба адл машҳури ҷаҳониён ва ҳамвора дар кори мардум назар доштанд... « [2, с.51].

Чун сухан аз адлу доди подшоҳон меравад аввалин исме, ки ба хотир меояд Хусрави Анӯшервон маъруф ба Анӯшервони Одил аст. Шояд башарият аз зумраи подшоҳони ғайримусалмон аз ӯ дида боадлтар подшоҳеро дар ёд надошта бошад. Агар ба навиштаҳои гузаштагони хеш бовар кунем, адолати ӯ ҳатто аз ҷониби Пайғамбари Акрам Муҳаммад(с) баҳои баланд гирифтааст.

Ин нукта дар «Насиҳат-ул-мулук» низ ба назар мерасад. Муаллиф махсус таъкид кардааст, ки Пайғамбар (с) новобаста аз пайрави дини тавҳидӣ набудани Анӯшервон мефахрид, ки дар замони чунин подшоҳи одил ба дунё омадааст: «Ва пайғамбар (алайҳи-с-салом) ба рӯзгори ӯ фахр кард ва гуфт: «Вулидту фӣ заман-ил-маликил-ъодил». Гуфт: «Ман ба замони малики додгар зодам». Ва «малики додгараш» аз баҳри адл хонд. Ва ин хабар бувад аз адли ӯ ва ҳанӯз аз доду адли ӯ гӯянд бештар аз ҳама мулук, то ҷаҳониён бидонанд, ки номи нек чӣ накӯст агарчӣ кофир аст [3, с.44].

Дар дигар ҷойи ҳамин рисолааш Ғазолӣ порчаеро овардааст, ки он бори дигар на танҳо аз ҷониби Муҳаммад (с) эътироф гардидани адолати Анӯшервонро исбот мекунад, балки боз як маротиба аз хусуси аз диди ислом дар пояи баланд қарор доштани адл гувоҳи медиҳад: Расулуллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам), - овардааст ӯ, - гуфт: «Бар марги чаҳор аз кофирон таассуф хӯрдам: Бар Анӯшервон аз барои адлаш ва бар Ҳотами Той аз барои саховаташ ва бар Имраулқайс аз барои шеъраш ва бар амакам Абӯ Толиб аз барои эҳсонаш» [3, с.85].

Ин масъала аз мадди назари Ҷомӣ низ берун намондааст. Нушервон, - мехонем дар «Баҳористон», - бо он ки аз дин бегона буд, дар адлу ростӣ ягона. Лоҷарам, сарвари коинот, алайҳи афзал-ус-салавот, тафохуркунон мегуфт: «Вулидту фӣ замани-с-султони-л-одил». Ҷомӣ суханҳошро бо мисраҳои зер таҳвият бахшидааст:

Паямбар, ки дар аҳди Нӯшервон
Ба рух гашт чашму чароғи ҷаҳон,
Ҳаме гуфт: «Аэ зулм аз он содаам,
Ки дар аҳди Нӯшервон зодаам» [5, с.36].

Хусрави Анӯшервон дар тӯли ҳукмронии наздик 49 солааш як қатор ислоҳотро татбиқ кардааст, ки онҳо боиси то сатҳи пуриқтидортарин давлати ҳамон давр табдил ёфтани императории Сосониён оварда расониданд. Яке аз тадбирҳои корсози ин подшоҳи дурандешу раиятпарвар амалӣ намудани низоми андозситонӣ ба шумор меравад. Аслан лоиҳаи гузаронидани ин ислоҳот дар замони Қубод мураттаб гардида, Анӯшервон онро дар ҳаёт татбиқ намуда будааст [2, с.532-533, 575-577].

Муаррихин бар онанд, ки то ин дам русуми андозбандӣ ва андозситонии Сосониён то андозае мардумро бо душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ менамуд ва чорачуии саривақтии Анӯшервон раиятро аз ин душвориҳо раҳонид.

Бинобар навиштаҳои Абӯалии Балъамӣ ислоҳоти иқтисодии Анӯшервони Одил ва русуми андозситоние, ки ӯ ҷорӣ намуд ончунон боадолатона ва барои мардум созгор буд, ки халифае чун Умар ал-Форуқ низ онро пазируфт: «Чун Умар замини Ироқ бикушод ва халқ мусалмон шуданд, ҳеҷ расм наёфт аз адл некӯтар аз хироҷу масоҳат, ҳам бар ин расм даст боздошт ва ин расм ҳанӯз дар Ироқ аст» [2, с.576-577].

Порчаи овардашуда шаҳодат бар он аст, ки халифаҳои араб барои бомуваффақона идора кардани сарзамини фарохи хеш унсурҳои мухталифи давлатдории пешиниён, хоссатан Сосониёнро корбаст намуда будаанд. Муҳаммад Ғазолӣ низ дар чанд ҷои «Насиҳат-ул-мулук» аз ин бобат мисолҳо овардааст. Чунончӣ ӯ нигоштааст, ки рӯзе Маъмун,- чаҳор танро вилоят дод: якеро маншури Хуросон дод ва се ҳазор динор хилъат дод, ва якеро вилояти иср доду се ҳазор динор хилъат ва якеро вилояти Хузистон дод ва се ҳазор хилъат дод, ва чаҳорумро ҳамчунин вилояти Арман дод. Пас мӯбадонро бихонд ва гуфт: « Ё деҳқон, бад-он вақт ки подшоҳони шумо ба вилояти Аҷам подшоҳӣ карданд, ҳеҷ касро ин хилъат додандӣ, ки шунидаам, ки хилъаташон ҳаргиз аз чаҳор дирам бар нагузаштӣ».

Мӯбадон гуфт: «Зиндагонии амирул-ул-мӯъмини дароз бод, эшонро се чиз буд, ки шуморо нест: яке он ки аз мардумон чиз ба андоза сутудандӣ ва ба андоза додандӣ, дигар он ки аз он ҷо сутудандӣ, ки шоистӣ ва бад-он ҷо додандӣ, ки боистӣ. Сеи дигар он ки ҷуз аз гунаҳкорон касеро бим набудӣ» [3, с.68-69].

Аз ин порча хулоса метавон кард, ки дар баробари адолатпешагӣ, дигар сифати подшоҳони Аҷам дурӣ ҷустан аз ҷавру ситами мардум ба шумор мерафтааст. Ғазолӣ ба ин нукта бо овардани якчанд мисол аз насиҳати вазирону ҳакимон ба подшоҳон ишора намудааст, ки дар яке аз онҳо чунин омадааст: «Юнони дастур Нӯшервонро гуфт: «Ҳамдостон мабош бо зулм, ки вилоят вайрон шаваду раъият дарвеш гардад, ки ту он гоҳ подшоҳи дарвешон бошиву солори вайронӣ ва дар ҷаҳон бадном шавӣ» [3, с.51].

Аммо, дар ҳама давру замон баъзе аз амалдорони подшоҳ аз мақоми хеш сӯистифода карда, нисбати мардум ситамро раво медиданд. Маъмултарин беадолатии амалдорон аз меъёр зиёд ҷамъоварии андоз ба шумор мерафт, ки ин ҳолат низ аз мадди назари Хусрави Анӯшервон дур намонда будааст: «Чунин гӯянд, ки омиле аз они Нӯшервон се бор ҳазор-ҳазор дирам афзун аз аз хироҷ ба Нӯшервон фиристод. Бифармуд, то зиёдат аз он ба худовндони дирам боз доданд ва омилро бар дор фармуд кардан» [3, с.68].

Дигар аз унсури давлатдорӣ, ки Ғазолӣ подшоҳонро барои ба эътибор додан даъват мекунад, вазорат ва шахсияту сифатҳои кордонии вазир мебошд. Боби дуюми «Насиҳат-ул-мулук» ба ҳамин бахшида шуда, дар он аз рӯзгори вазирони Сосониён ва гуфторҳои подшоҳони сосонӣ оид ба вазорату манфиати вазири некӯ оварда шудаанд.

Масалан, Ғазолӣ навиштааст, ки «Баҳроми Гӯрро пурсиданд, ки подшоҳро чанд чиз бояд, то подшоҳии ӯ тамом бувад ва беғам зияд? Гуфт: «Шаш чиз: аввал дастури нек, ки розбар вай гушояду рой бо вай занад...» [3, с.87].

Мавсуф аз забони Хусрави Арӯшервон ду мисол овардааст, ки дидгоҳи ин подшоҳи одили сосониёнро ба масъалаи муҳокимашаванда бозгӯ мекунад.

Чунончӣ, Ғазолӣ навиштааст, ки : «Нӯшервон писари хешро гуфт, ки он дастурро некӯ дор, ки чун туро дар ношоистӣ бинад, бо ту ҳамдостон набошад» [3, с.86].

Ва Нӯшервон гуфт, - овардааст Ғазолӣ дар ҷои дигар, - бадтарин дастур он бошад, ки подшоҳро бар ҳарб кардан тез кунад, ҷое, ки бе ҳарб кор некӯ шавад азон ки дар корҳо хоста ҳазина шавад ва андар ҳарб ва ҷону тан хоста. [3, с.88].

Фароҳтарин мисолҳо роҷеъ ба масъалаи вазорат ва шахсияту сифатҳои вазир аз забони Ардашери Бобакон баён гардидаанд.

Ардашери Бобаконро, - навиштааст Ғазолӣ, - пурсиданд, ки кадом ёр шоистатар мар подшоҳро? Гуфт: «Дастури неку хирадманд ва меҳрубону амин, ки бо вай рой занаду роз гӯяд, ки дастури нек баромадани хеш аз баромадани подшоҳ бинад» [3, с.85].

Бинобар гуфти Ардашери Бобакон вазири боамонат кафолати солимии мулк будааст: «Ардашер гӯяд: «Сабзавор аст ҳар подшоҳеро, ки чаҳор чиз талаб кунад ва чун ёфт, нигоҳ дорад; яке вазири боамонат, дигар дабири бодониш, саввум ҳоҷиби бошафқат, чаҳорум надими бонасиҳат, ки чун вазир боамонат бувад, далел бувад бар саломатии мулк ва чун дабир доно бувад, далел бар хирадi малик бувад, ва чун ҳоҷиб бошафқат бувад, далел бар ҳишмати подшоҳ ва хушнудии раъият бувад ва чун надим бонасиҳат бувад, далел бар салоҳи корҳо бувад» [3, с.87].

Суханҳои зерини Ардашери Бобакон бошанд, на танҳо шахсияту сифатҳои вазир оқилу доноро баён месозанд, балки ба подшоҳони минбаъда тарзи дуруст муносибат карданро бо чунин вазирон меомӯзанд: «Ардашери Бобакон гуфт, ки дастур оҳиста-оҳиста бояд ва некусухану далер ва фарохдилу некӯрӯй ва шармгину хомӯш. Он ҷо. Ки хомӯшӣ бояд ва гӯё он ҷо, ки гуфтор бояд. Бо ин ҳама покдин бояд, то аз ҳама ношоистӣ хештан дур кунад ва ботаҷрибатбояд, то корҳо бар подшох осон шавад ва бедор бояд, то фарҷоми кор бинаду аз гардиши замона битарсаду аз чашми замона хештан нигоҳ дорад. Ва ҳар подшоҳе, ки ӯро дастур меҳрубон бувад, он дастурро душман бисёртар бувад аз дӯст. Ва подшоҳ бояд, ки бар дастур сухани бадгӯён нашнавад, то дӯст рашк бараду душман ғам хӯрад.

Дастур носеҳ бувад, то агар подшоҳро хӯи носутуда бинад, мар ӯро ба хӯи неӯ боз оварад бе дурушти, ки агар подшоҳ худкома бувад, чун сухан на бар муроди ӯ гӯи бадтар кунад...

Ва агар подшоҳ вақте дурушти, вазирро набояд, ки дар дил гирад, зеро тавоноии подшоҳ забонро гушода кунад, то ҳар чӣ хоҳад, бигӯяд ва ҳар чанд, ки дастур меҳрубон бувад ва ростгӯй ва некӯкирдор, набояд, ки кирдори хеш ба подшоҳ бишмурад ва бар вай миннат ниҳад, ки зиракон гӯянд, ки чун чун ба ҷои касе некӯӣ кунӣ ва боз сарзаниш кунӣ беҳтар аз он бошад, ки сипос ва миннат нихӣ.

Ва бибояд донистан, ки ҳар чӣ дастур ва наздикони подшоҳ кунанд, ба фарри подшоҳ кунанд, пас миннат подшоҳро сазад бар халқ.

Ва бузургтарин табоҳӣ, ки подшоҳро хезад, аз ду чиз хезад: яке аз дастури бад ва дигаре аз нияти бад [3, с.88-89].

Дар баробари ин Ғазолӣ подшоҳонро ҳушдорӣ медиҳад, ки на ҳамаи маслиҳати вазирон қобили қабул аст. Подшоҳ бояд мустақил бошад, фирефтаи ҳариси даромади муфт нашавад ва ба ғайр аз кори идоракунии мулк бо дигар кор машғул нагардад: «Гӯянд вазире буд, аз они Ҳурмузи Шопур. Бад-ӯ нома набишт ва гуфт: «Аз сӯи дарё бозаргонон омаданд ва бо эшон марворид буду ёқуту гавҳарҳои гаронмоя. Ва ман аз эшон ба сад ҳазор динор бихаридам аз баҳри хазинаи ту. Ва акнун фалон бозаргон ба сад ҳазор динор суд мехоҳад. Ҷои рағбат ҳаст маликро чӣ мефармояд?

Ҳурмуз ҷавоб набишт ва гуфт: «Сад ҳазор динор ва сад чандони дигар ба чашми мо хатар надорад, ки моро бад-он рағбат бояд кардан ва ҳаргиз дидӣ, ки мо ба сад чандон рағбат кардем ва чун мо бозаргонӣ кунем, подшоҳӣ кӣ кунад? Эй нодон, нигар низ чунин корҳо накунӣ ва аз молу хостаи ман дираме ё донге бо суди бозаргонӣ наомезӣ, ки он некномӣ ва некҷӯии маликро бибараду бадномӣ бошад пас аз марг» [3, с.97].

Гӯянд, ки андар васиятнома Шопур ибни Ардашер писарро гуфта буд, ки ... то андар бозаргонӣ ба ҳеҷ гуна рағбат накунӣ, ки он дунҳимматӣ бошад» [3, с.96].

Дар радифи вазири шоиста зери даст доштани сафирони вафодор муҳим буда, онҳо барои низ барои ободию пойдории мулк ва хоссатан барподории муносибатҳои нек бо дигар давлатҳо, ва таъмини бехатарии кишвари худ нақши доштаанд. Бинобар гуфти Муҳаммад Ғазолӣ подшоҳони сосонӣ ин масъаларо хуб дарк карда, ба ин вазифа танҳо шахсони шоиста ва корозмудро таъин менамудаанд: «Ардашер гуфт: «Чанд хунҳо, ки бирехтаанд ва чанд лашкарҳо, ки ҳазимат кардаанд, ва чанд аҳли ҳарам, ки пардаи эшон даридаанд ва чанд хоста, ки ғорат кардаанд ва чанд савганд, ки он ба дурӯғ кардаанд ба хиёнатҳои расулону ношоистагии эшон».

Ва мулуки Аҷам ин ҳолро нигоҳ доштаанд, то мардумро наёзмудандӣ, ӯро ба расулӣ нафиристодандӣ.

Гӯянд, ки чун мулуки Аҷам касеро ба расулӣ фиристодандӣ ба мулуки дигар, ҷосусе бо вай бифиростандӣ, то бишнудиву ҳар чӣ он расул гуфта будиву шунида, ҳама бинавиштӣ. Чун расул боз омадӣ, сухани ӯро набишта, муқобил карандӣ. Агар рост омадӣ, донистандӣ, ки шоиста аст ва баъд аз он ӯро ба расулӣ ба наздики душманон фиристодандӣ [3, с.80-81].

Муҳаммади Ғазолӣ ба дигар унсури давлатдорӣ, ки воқифии ҳаматарафаи подшоҳ аз гуфтору кирдори дарбориён ва омилони маҳалҳо ба шумор меравад эътибор дода, дар ин масъала Ардашери Бобакони Сосониро мисол овардааст: « Гӯянд, ки Ардашер чунон бедор буд андар корҳо, ки чун

надимони вай биомадандӣ бомдодон, бигуфтӣ , ки дӯш ту фалон чиз хӯрдӣ ва бо фалон зану бо фалон канизак хуфтаӣ, ва ҳар чкарда будандӣ, ҳама боз гуфтӣ, то мардумон пиндоштанд, ки ӯро аз осмон фаришта меояду огоҳӣ медиҳад…» [3, с.77-78].

Дар ҳама давру замон ашрофзодагон ва рӯҳониёни баландмартаба яке аз пояҳои тоҷу тахт ба шумор мерафтанд. Бинобар ин подшоҳон доимо ба онҳо бахшиш менамуданд ва кӯшиш ба харҷ медоданд, ки бесабаб эшонро мӯҷиби муҷозот қарор надиҳанд. Бисёр мешуд, ки подшоҳ хатогиҳои кӯчаки аҳлу аёли худро мебахшид ва бо ин кораш мавқеашро мустаҳкамтар месохт ва симои подшоҳи саховатпеша ва бахшандаро соҳиб мешуд.

Марде аз надимони Нӯшервон, - мехонем дар «Насиҳат-ул-мулук», - дар маҷлис ҷоми заррини мурассаъ ба ҷавоҳир бидуздид. Ва Нӯшервон бидид, шаробдор талаб кард, наёфт. Овоз дод, ки ё аҳли маҷлис, ҷоме заррини ба гавҳар ороста гум шуд, як тан аз ин ҷо берун маравед, то боз диҳед. Нӯшервон ӯро гуфт: «Раҳо кун, то бираванд, ки он ки ҷом дуздид. Боз надиҳад ва он, ки бидид, ғаммозӣ накунад» [3, с.100].

Порчаи мазкур баёнгари баландҳимматии Хусрави Анӯшервон низ шуда метавонад, ки ин сифатро Ғазолӣ яке аз муҳимтарин хислатҳои подшоҳ медонад.

Анъанаи шундани арзу шикояти мардум ва доварӣ намудан қариб ба ҳамаи подшоҳони хонадонҳои ориёнажод, аз ҷумла Сосониён низ хос будааст. Бинобар гуфти Ғазолӣ онҳо одатан дар рӯзхои Наврӯз ва Меҳргон бо мардум вохӯрда барои ҳалли мушкилоти онҳо ва барпо намудани адолати ичтимоӣ мекӯшидаанд [3, с.82-83].

Дигар аз унсури давлатдории Сосониён доир намудани маҷлисҳои илмию адабӣ будааст, ки дар онҳо аҳли фазл ширкат менамуданд ва барои беҳтар намудани русуми давлатдорӣ ба подшоҳон маслиҳатҳои муфид медоданд. Доираи ин маҳфилҳо чунон фарох будаст, ки минбаъд дар хусуси онҳо ривоятҳои мухталифи пандомез ба миён омадаанд. Ин гуна мисолҳо дар осори таърихию адабии аҷдодамон ниҳоят зиёданд.

Нӯшервонро, - овардааст Ғазолӣ дар «Насиҳат-ул-мулук», - боғе буд, ки онро боғи «Ҳазорком» хондандӣ. Вақте қайсари Рум, фағфури Чин ва малики Ҳиндустон гирд омада буданду дар он боғ нишаста, ки Нӯшервон эшонро меҳмонӣ карда буд, ҳаряке аз эшон суханеву ҳикмате гуфтанд. Қайсар гуфт: «Ҳеҷ чиз нест беҳтар аз некӯномӣ бал-ин ҷаҳон, то ҳама аз ӯ ёд кунанд, ки чаро мо аз эшон набошем». Нӯшервон гуфт: «Биё, то мо некӣ кунему некӣ андешем». Қайсар гуфт: «Чун некӣ андешиву некӣ кунӣ, некӣ ёбиву комкор бошӣ».

Фағфур гуфт: «Нахуст некӣ андеша кун ва онгоҳ бикун, то сутуда бош». Малики Ҳинд гуфт: «Худой аз мо дур дорад андешае, ки агар ошкор шавад, шарм дорему агар бигӯем нанг дорем ва агар бикунем, пушаймонӣ хурем». Қайсар Нӯшервонро гуфт: «Ту кадом чиз дӯсттар дорӣ?». Гуфт: «Ман он дӯсттар дорам, ки бегуноҳ бошам, то бебим бошам».

Пас он подшоҳон, ки сухани эшон чунин бошад, - ҷамъбаст намудааст гуфтаҳояшро Ғаззолӣ, - бинигар то адлу сирати эшон ба раият чигуна бувад [3, с.52-53].

Ҳамин тариқ баррасии кӯтоҳи маълумоти дар «Насиҳат-ул-мулук» оид ба русуми давлатдории Сосониён маҳфузбуда имконият медиҳанд гӯем, ки:

1. Баъзе мисолҳо аз рӯзгор ва кору бори шоҳаншоҳон ва вазирони сосонӣ нодир буда, дар дигар сарчашмаҳо дучор намеоянд.

2. Муҳаммад Ғазолӣ новобаста аз мансубияташон ба дини зардуштӣ ба русуми давлатдории Сосониён баҳои баланд додааст ва баъзе аз русуми онро ҳамчун намуна ба подшоҳони мусалмон тавсия кардааст.

3. Мутассифона муаллиф манбаҳое маълумоташро оид ба масъалаи баррасигардида баён накардааст. Шояд ӯ баъзе аз маълумотҳоро аз таърихномаи машҳури Муҳаммад Ҷарири Табарӣ ва ё «Таърихи Табари»-и Абӯалии Балъамӣ гирифта бошад. Зеро, чандин аз ҳикояҳои аз рӯщгори Сосонин оавардашуда, дар ҳамин манбаҳо дучор меоянд.

АДАБИЁТ

1. Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ. Таърихи Табарӣ.- Ҷ.1 // Таҳияи матн М.Умаров, Ф.Бобоев, Д.Қаноатов.-Теҳрон: Замон, 2001.

2. Абӯрайҳон Берунӣ. Осор-ул-боқия // Ба чоп тайёркунандагон А. Девонақулов, М. Исо, О. Ҳамид, М. Бақо. – Душанбе: Ирфон, 1990.

3. Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат-ул-мулук // Таҳия ва тавзеҳи Н.Назар. – Душанбе: Ирфон, 1993.

4. Низомулмулк. Сиёсатнома // Ба чоп тайёркунанда А. Девонақулов. -Душанбе: Адиб, 1989.
5. Абдураҳмони Ҷомӣ. Баҳористон // Таҳиягари матн, муаллифи сарсухану тавзеҳот ва шореҳи луғот А. Афсаҳзод. – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2008.

ОТРАЖЕНИЕ ТРАДИЦИИ ГОСУДАРСТВЕННОСТИ САСАНИДОВ В «НАСИХАТ-УЛ-МУЛУК» МУХАММАДА ГАЗОЛИ

«Насихат-ул-мулук» («Наставление правителям») Мухаммада Газали содержит уникальные сведения о морали, политике, основам государтства и права и сообщает об истории и традиции государственности предков таджикского народа. В ней отражены взгляды автора об справедливом и мудром правлении, морали правителей, качествах министров и других чиновников государства.

Автор статьи на основе сведений названного трактата анализирует сообщения Мухаммада Газоли о некоторых традициях государственного управления сасанидской династии, в том числе справедливом правлении, щедрости, осведомленности о состоянии дел в государстве и дворцовых делах, справедливом налогооблажении, заступничестве, проведении научныхсборищ, качествах министра, посла, хаджиба и других госдураственных чиновников и доказывает, что некоторые из перечисленных сведений Мухаммада Газоли являсь уникальными не встречаются в других источникахи автор тракта высоко оценивает традиции государственности Сасанидов.

Ключевые слова: *Мухаммад Газоли, «Насихат-ул-мулук», Сасаниды, Анушервон Справедливый, традиции государственности, падишах, везирь*

REFLECTION OF THE TRADITION OF SASANID STATEHOOD IN «NASIHAT-UL-MULUK» OF MUHAMMAD GHAZOLI

«Nasihat-ul-Muluk» (Instruction to the rules) Muhammad Ghazoli contains unique information about morals, politics, the basics of state and law and tells about the history and traditions of statehood of the ancestors of the Tajik people. It reflects the authors just and wise rule, the morals of the rulers, the qualities of ministers and other officials of the state.

The author of the article based on the information mentioned treatise analyzes the messages Muhammad Ghazoli about some of the traditions of state control of the Sassanid dynasty, including the fair bounty, awareness about the state of affairs in the state and palace affairs, fair taxation, intercession, scientific gatherings, the qualities of the minister, ambassador, hajib and other government officiary, and proves that some of these information Muhammad Ghazoli as a unique not found in other sources and the author tract appreciates the traditions of statehood of the Sassanids.

Keywords: *Muhammad Ghazali, «Nasihat-ul-Muluk», Sassanids, Anushervon Fair, traditions of statehood, padishah, the vizier.*

Сведения об авторе:

Бурхонов Саидориф Саидмухамадович *– соискатель кафедры «Отечественной истории» Худжандского государственного университета имени академика Б.Гафурова, E-mail:burhonovsaidorif@mail.ru Тел: (+992) 927765442*

About the author:

Burkhonov Saidorif Saidmukhamadovich *- applicant of the department «Patriotic history» of the Khujand State University named after academician B. Gafurov, E-mail: burhonovsaidorif@mail.ru (+992) 927765442*

ҲАМКОРИҲОИ ТОҶИКИСТОН БО КИШВАРҲОИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ (ДАР МИСОЛИ ДАВЛАТҲОИ ИНДОНЕЗИЯ, МАЛАЙЗИЯ ВА СИНГАПУР)

Соҳиби Б.

Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо

Бояд қайд, ки илм ва маориф аз соҳаи муҳимтарини ҳар як давлат ба ҳисоб меравад ва тавассути он соҳаҳои дигар низ рушду нумӯъ меёбанд. Ҳамчунин таҳқиқу таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соҳаи маориф ва илми кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, аз он ҷумла Индонезия, Малайзия ва Сингапур дар баробари доштани усулҳои навтарин ва сифати баланд бо кишварҳои хориҷӣ ҳамкориҳои мухталифро ба роҳ мондааст. Аз байни ин се давлати муттараққии Шарқ Сингапур дар ҷойи аввал меистад, зеро он дар соҳаи мазкур бо 146 кишвари ҷаҳон махсусан абарқудратони ҷаҳон Аврупо ва Амрико лоиҳаҳои гуногуни илмӣ-амалӣ ва таълимиро ба роҳ мондааст [1, с.104].

Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ ва соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Индонезия, Малайзия ва Сингапур дар шароити кунунӣ дар ҳолати рушд қарор дорад, ки ин ҳама аз муносибат ва равобити хуби ҳамаҷониба далолат мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафҳои созандаи сиёсати хориҷии худ ҳамчунин кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҳалли мушкилот ва ихтилофу низоъҳо дар минтақаҳои Осиё бар асоси Ойинномаи Созмони Милали Муттаҳид (СММ), меъёрҳои пазируфташудаи муносибатҳои байнидавлатӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ саҳмгузор бошад. Таҳкиму тавсеаи ҳамкориҳои гуногунҷанба бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба вижа Индонезия, Малайзия ва Сингапур дар феҳристи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Бояд ёдовар шуд, ки дар даврони Истиқлолият дар партави сиёсати таърихии Тоҷикистон муносибатҳои ин кишварҳо дар сатҳи олӣ қарор дошт, ки вохӯриҳо аз ҳарду тараф сурат мегирифт [14, с.1]. Аз соли 1993 Созишномаи ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ байни ҳукумати кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ба вижа Индонезия, Малайзия ва Сингапур ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расида буд, ки то имрӯз миёни ин ду кишвари бо ҳам дӯст равоби илмию фарҳангӣ боқӣ мондааст.

Барои мустаҳкам кардани дастгирӣ дар соҳаҳои маориф ва илм соли 1998 байни кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон се ёддошти ҳусни тафоҳум баста шуд. Дар баробари ин худи ҳамон сол шартнома оид ба пешбурди тиҷорати дуҷониба бо пешниҳоди 50 миллион доллар имзо карда шуд ва Индонезияву Малайзия кӯмаки худро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 39 миллион ба 75 миллион доллар расонданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезия ва Малайзия барои лоиҳаҳои татбиқшавандаи таҳсил дар давлати худ ва дар пешистода кӯмакҳои иловагӣ расонданд.

Дар соли 2014 муносибатҳо дар соҳаи илму фарҳанг ва маориф байни Тоҷикистон ва Чумҳуриҳои Осиёи Ҷанубӣ Шарқӣ аз 80 миллион ба 135 миллион доллар расонданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Индонезияву Малайзия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз сари нав барқарор шуд, ки ин нахустин шартномаи дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз давраи нахустини соҳибистиқлолият, яъне солҳои 90-ум буд.

То моҳи майи соли 2011, кӯмаки Ҷумҳурии Индонезия нисбат ба Сингапур ва Малайзия ба миқдори 2 миллион доллари ИМА афзоиш ёфт ва Ҳукумати Индонезия таъминкунандаи калонтарини ҷаҳон дар баробари мамолики Аврупо ба ҳисоб рафт.

Бояд гуфт, ки кишварҳои Сингапур ва Малайзия низ аз доираи ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон беканор нестанд. Дар ин радиф моҳи июли соли равон Санади ҳамкорӣ - Ёддошти тафоҳум оид ба ифтитоҳи Намояндагии Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур (Management development Institute of Singapore – MDIS) дар Душанбе ба имзо расид. Ифтитоҳи филиали Донишкадаи мазкур дар пойтахт тибқи дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ роҳандозӣ мегардад.

Лозими зикр аст, ки дар марҳилаи аввал дар филиали Донишкада таълим аз рӯи се ихтисос - мудирияти саноат (менеҷменти индустриалӣ), туризм ва меҳмондорӣ, технология ва амнияти иттилоотӣ (ҳифз аз ҳуҷуми кибернетикӣ дар самти идоракунии давлатӣ, низоми бонкӣ), ки бевосита аз ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноки он бармеояд, ба роҳ монда мешавад.

Донишкадаи мазкур (Management development Institute of Singapore – MDIS) соли 1956 таъсис ёфта, тӯли беш аз 60 соли фаъолият намояндагиҳои худро дар аксар давлатҳои ҷаҳон таъсис додааст ва яке аз аввалин муассисаҳои олии кишвар маҳсуб меёбад[5].

Шарикони Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур (Management development Institute of Singapore – MDIS) муассисаҳои олии таълимии кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон, ба амсоли мамолики Ғарб буда, хатмкунандагони он бо дипломи дараҷаи байналмилалӣ, ки аз ҷониби шӯроҳои илмии мактабҳои олии сатҳи ҷаҳонӣ эътироф гардидааст, сарфароз гардонида мешаванд.

Ҳамчунин Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур имрӯзҳо дар Ӯзбекистон, Ҳиндустон, Малайзия, Чин ва ғайра карпусҳои таълимии худро бунёд намуда, тасмим гирифтааст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар риштаҳои менеҷменти саноатӣ, сайёҳӣ, меҳмондорӣ ва технологияи иттилоотӣ кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯи талаботи замони муосирро омода намояд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳо ва бастани Созишномаву мемурандумҳо барои амалӣ намудани муносибатҳои тарафайн саҳми арзандаи худро гузоштаанд. Дар заминаи мазкур бузургтарин ва бонуфузтарин муассисаи илмии ҷумҳурӣ, яъне Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо Донишгоҳи Партаминаи Индонезия соли ҷорӣ муносибати хуби илмӣ ва таълимиро ба роҳ монд. Рӯйдоди мазкур дар ҳузури ректори Донишгоҳи Партаминаи Индонезия доктор Буди Суджипто ба амал омад. Ӯ ҳадафи ташрифи худро ба донишгоҳ ба роҳ мондани ҳамкориҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ арзёбӣ намуда, роҷеъ ба фаъолияти Донишгоҳи Партаминаи Индонезия суханронӣ намуд. Мавсуф зикр кард, ки Донишгоҳи Партамина муассисаи муосир ва навтарини Индонезия ба ҳисоб рафта, муддати 4 сол фаъолият мекунад. Он аз 8 факултет, аз он ҷумла факултетҳои физика, математика ва муҳандисӣ иборат мебошад. Донишгоҳи мазкур дар айни замон ба сӣ муассисаҳои олии давлатҳои хориҷӣ ҳамкорӣ дорад [3, с.1]..

Дар охир ҷонибҳо таъкид карданд, ки ин мулоқот барои ҳамкориҳои минбаъда дар соҳаҳои гуногун такони ҷиддӣ хоҳад бахшид. Мулоқот бо супоридани туҳфаҳои хотиравӣ ва ба имзо расонидани «Ёддошт»-и тафоҳум ба анҷом расид.

Санади муҳимтарин вобаста ба ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сафари президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи июли соли 2016 маҳсуб ёфта, байни Тоҷикистон ва Индонезия Меморандуми ҳусни тафоҳум оид ба бекор кардани раводид барои соҳибони шиносномаҳои дипломатӣ ва хизматӣ, инчунин ёддошти тафоҳум барои бозомӯзии кадрҳои дипломатӣ ба имзо расид, ки то имрӯз ин созишнома амал мекунад. Пас аз сафари кории Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои пешбурди тиҷорати дуҷониба байни Индонезия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳаи дигаре чун бонкдорӣ, фарҳанг ва илму таълим ба маблағи 50 миллион доллар ба имзо расида буд. Дар давоми ҳамкорӣ Ҷумҳурии Индонезия бастаи кӯмакҳои худро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон идома медод [12, с.1].

Гуфтан месазад, ки ҳар сеи ин кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ – Индонезия, Малайзия ва Сингапур бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ шарт ва зарур буда, кафолати бартараф гардидани камбудиҳо мебошад ва он заминаи рушди меҳвари онро фароҳам меоварад. Ҳангоми ба вуқӯъ пайвастани ҳар гуна робитаҳо камбудиҳо низ ҷой доранд, ки онҳо дар навбати худ бартариҳо ва авлавиятҳои хоси худро дорад. Бинобар ин мо кӯшиш ба харҷ додем, ки ин равандҳоро мавриди омӯзиш қарор дода, камбудиҳоро бартараф созем ва аз ҳама имкониятҳои мавҷуда ба пуррагӣ истифода кунем [13, с.86].

Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ – Индонезия, Сингапур ва Малайзия, ки дар байни кишварҳои ҷаҳон ҳамчун «бабрҳои осиёӣ» шинохта шудаанд, кишварҳои пуриқтидор маҳсуб меёбанд, ки бо иқтисодиёти худ дар ҷаҳон ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Густариши рушди иқтисодии баланд дар ин кишвар роҳи онро ба бозори ҷаҳонӣ кушод, ки тақрибан бо тамоми ҷаҳон додугирифтҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва ҳатто илмиву таълимӣ дорад. Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишвари қудратманд аз аҳамияти вижа бархӯрдор аст. Ҳарчанд додугирифти кишвари мо бо кишварҳои мазкур нисбатан кам аст, вале имкониятҳои фаровон, ба мисли соҳаҳои илм ва таълим мавҷуд ҳастанд, ки метавонанд онро ба сатҳи баланд расонад. То ҳол равобити ин ду кишвар дар кадом сатҳ буд? Дурнамои муносибатҳо ва афзалиятҳои онҳо чӣ гуна аст? Чӣ роҳҳоеро метавонад шароити истифодаи ҳама имкониятҳои мавҷударо фароҳам оварад ва боиси густариши босуръати ҳамкориҳо шавад? Ҳадафи мо маҳз таҳлилу таҳқиқ ҳамин матлабҳо аст.

Барои посух додан ба саволҳои мазкур онҳоро бояд дар доираи лоиҳаҳои илмӣ ва таълимӣ, ки аз ҷониби кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ пешниҳод мешаванд, баррасӣ менамоем.

Кӯмакҳои расмӣ барои рушди соҳаи илм ва таълим

Кӯмакҳои расмӣ барои рушд ин грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок дар соҳаи илм ва маориф буда, аз ҷониби мақомоти расмии кишварҳои тараққикарда ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, бо мақсади мусоидат барои рушд ва некӯаҳволии халқ дода мешаванд. Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар миёни 15 кишвари асосие дохил мешавад, ки чунин кӯмакҳоро пайваста ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ мерасонад.

Дар доираи кӯмакҳои расмӣ барои рушди соҳаҳои мухталиф, ба хусус соҳаи илм ва таълим, ҳамасола маблағҳои муайянеро барои Тоҷикистон ҷудо намуда, лоиҳаҳои алоҳидаро маблағгузорӣ менамояд. Лоиҳаҳои асосие, ки кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намудааст, бозомӯзиҳои донишҷӯён, мутахассисони ҷавони соҳаҳои гуногуни илм ва таълим

мебошад. Ба ғайр аз ин, дар доираи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, дар маҷмӯъ дар ҳаҷми 41,5 млн. долл. ИМА дар ин муддат лоиҳаи беҳбуди рушдро маблағгузорӣ кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ равобити дӯстона ва ҳасана дорад. Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ сафоратхонаҳо дорад, вале содироту воридот бо кулли кишварҳои минтақаро ба роҳ мондааст. Инчунин, сафарҳоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Индонезия, Малайзия ва Сингапур ба рушду нумӯи ҳамкориҳои тарафайн, такони ҷиддӣ бахшиданд. Дар айни замон ҳамкориҳои Тоҷикистон бо аксари кишварҳои минтақа дар баробари маркази тиҷоратӣ ҷойгоҳи асосии фарҳангиву илмӣ маҳсуб меёбанд. Ба вижа, равобити илмӣ ва таълимии Тоҷикистону Малайзия дар сатҳи баланд қарор дорад. Ҳамасола садҳо нафар донишҷуёни тоҷик ба донишгоҳҳои бонуфузи Малайзия ба тариқи шартномавӣ ва буҷавӣ дохил мегарданд. Дар оянда Ҳукумати Малайзия низ тасмим гирифтааст, ки донишгоҳҳои Малайзия филиалҳои худро дар Тоҷикистон ифтитоҳ намоянд, зеро ин донишгоҳҳо ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй буда, бар замми ин бо дигар донишгоҳҳои маъруфи Аврупо ҳамкориҳои зич доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия метавонанд ҳамкориҳоро дар дигар самтҳо низ ба роҳ монанд. Яке аз омилҳои рушди кишварҳои дунё имрӯз омӯхтан ва рушди соҳаи сайёҳӣ мебошад. Бо дарназардошти таҷрибаи ғании Малайзия оид ба рушди соҳаи сайёҳӣ, метавон ҳамкориҳоро дар ин самт ба роҳ монд. Баъди хотима ёфтани корҳои сохтмонӣ дар сафорати Тоҷикистон дар Путраҷаяи Индонезия ва ифтитоҳи он, ҳамкориҳо миёни ду кишвари ба ҳам дуст, боз ҳам густурдатар мегарданд.

Дар рафти омӯзиш ва таҳлили мавзӯи мазкур маълум гардид, мувафақиятҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ назаррасанд ва пеш аз ҳама дар таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа зоҳир намудан ба соҳаи илм ва маориф будааст. Воқеан, пешрафти соҳаи илму маориф омили ҳаматарафаи рушди кишвар мебошад. Дар ин хусус, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баёни Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таъкид намудаанд: «Дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда, илму техника ва технологияҳои навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд» [11, с. 1].

Нуктаҳои зикргардидаи Президенти кишвар дар ин муддат ҳаллу фасл гардида, чандин лоиҳаҳои дар соҳаи илм ва маориф ба тавсиб расиданд. Чандин донишҷӯён бо кишварҳои махсуси барои ҷумҳурӣ ҷудо намуда, дар Индонезия, Сингапур ва Малайзия таҳсил намуданд ва дар айни замон 2,3 % онҳо пас аз ба ватан баргаштан дар соҳаҳои мухталифи илму таълиф таҳсил намуда истодаанд.

Ҳамзамон Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ дар назди вакилони халқ аз 22-юми декабри соли 2017 оид ба рушди илму маориф таъкид намуданд: «Ҳамкории оғозшудаи Тоҷикистон бо Малайзия, Индонезия ва Сингапур талоши минбаъдаи сиёсӣ ва иқтисодиро тақозо дорад. Тоҷикистон метавонад сармоя ва технологияи навини давлатҳои пешрафтаи ин минтақаи бузургро ба манфиати рушди босуръати кишвари худ ҷалб намояд» [8, с. 1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дорои имкониятҳои хуби энергетикӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ва захираҳои бойи табиӣ доштан, дар соҳаи илм ва маориф низ пешсаф аст. Барои дар амал татбиқ намудани имкониятҳои мавҷуда, тадбирҳои зеринро дар оянда амалӣ намудан лозим аст:

1. Шаҳрвандони тоҷик, ба хусус ҷавонон дар таҳсил намудан дар курсҳои бозомӯзӣ ва дараҷаҳои дигари илмиву таълимии олӣ ва касбӣ фаъол бошанд ва аз баски таҳсил ба забони англисӣ аст, бояд забони англисиро ба куллӣ аз худ намоянд.

2. Масъалаҳои иҷтимоӣ ва илму маориф дар кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар мадди аввал истода, довталаб дар соҳаи илм ва маориф сол то сол зиёд шуда истодааст.

3. Ҳарчӣ бештар ҳамкориҳои илмӣ, иқтисодӣ ва сиёсии худро бо кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ тақвият бахшида, ҷалби сармояи хориҷӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва инчунин энергетика, коркарди ашёи хом, сарватҳои зеризаминӣ ва ҷалби мутахассисони баландихтисос ба соҳаҳои низоми бонкӣ ва низоми маорифро ба роҳ монем.

2. Имрӯзҳо таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба соҳаи маориф ва илм назаррас мебошад, аммо мебояд боз ҳам мақсадноку самарбахш бошад.

3. Ҷалби ҷавонони болаёқат дар соҳаҳои илм, технологияи инноватсионӣ ва ғ. ва тарғиб намудани қабули барнома ё стратегияи мукаммали рушди технологӣ.

АДАБИЁТ

1. 25 қадам дар паҳнои олам / ҳайати таҳририя: Н. Зоҳидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов. Душанбе: Ирфон, 2011. - 129 с.
2. Ахмедов А. Социальная доктрина ислама. М., 1982. - 321 с.
3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши муносибатҳои дуҷониба дар интернети Вазорат. mfa.tj. [7]
4. Зарипов И. А. «Малайзия-Флагман Исламских Финансов». Статья. Вестник финансового университета. №4, 2016.
5. Зарифӣ Ҳ. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон-дар масири истиқлолият, ҳайати таҳририя: Н. Зоҳидов, Д. Назриев. Душанбе: Ирфон, 2011. - 178 с.
6. Зокиров Г. Донишномаи сиёсӣ. - Душанбе. 2007. - 116 с.
7. Малайзия. Маҷмӯаи мақолаҳои конфронси илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ аз 26.10.2017. -Душанбе, 2018. -143 с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди вакилони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлиси Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12. 2017.
9. Страны и регионы мира 2003», экономико-политический справочник под ред. А.С. Булатова, М. 2003 г. -624 с.
10. Страны мира от А до Я. Новый информационный справочник. Составитель
11. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020. Ҳуҷҷат аз 30.06.2012, № 334; http://www.adlia.tj/.
12. Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания (2001, в четырех томах) / Зокиров Г. Душанбе, 2003, - 236 с.
13. Таджикистан: четыре года независимости и самосознания (1995), Таджикистан на пути демократии и цивилизованного общества (1996), - Душанбе, 2000. - 213 с.
14. https: ru.wikipedia.org/wiki/ Малайзия.

СОТРУДНИЧЕСТВО ТАДЖИКИСТАНА СО СТРАНАМИ ЮГО-ВОСТОЧНОЙ АЗИИ В ОБЛАСТИ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ (НАПРИМЕР, ИНДОНЕЗИЯ, МАЛАЙЗИЯ ДО СИНГАПУРА)

В данной статье автор анализирует сотрудничество Республики Таджикистан со стран Юго-Восточной Азии, которая включает научные и образовательные связи. Следует отметить, что в период обретения Независимой Республики Таджикистан были созданы иностранные учреждения, в том числе посольства, консульские представительства Республики Таджикистан за рубежом, в частности, со стороны Правительства Юго-Восточной Азии, таких как Индонезия, Сингапур и Малайзия, а также постоянные представительства .

Прежде всего, услуги Президента страны, Основателя мира и национального единства, Лидера нации Эмомали Рахман очень важны для научных и образовательных связей. Внешняя политика Таджикистана известна с его трудами, а также имеет зарубежные страны, с которыми сотрудничает Республика Таджикистан, высокий статус.

Есть постоянные представительства республики.

Ключевые слова: *образование, наука, Республика Таджикистан, Юго-Восточная Азия, система, развитие, обучение, общение, договор*

COOPERATION OF TAJIKISTAN WITH THE COUNTRIES OF SOUTHEAST ASIA IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION (INDONESIA, MALAYSIA TO SINGAPORE)

In this article, the author analyzes the cooperation of the Republic of Tajikistan with the countries of Southeast Asia, which includes scientific and educational ties. It should be noted that during the period of gaining independence, the Republic of Tajikistan established foreign institutions, including embassies, consular missions of the Republic of Tajikistan abroad, particularly in the Southeast Asia, such as Indonesia, Singapore and Malaysia, as well as permanent missions.

First of all, the efforts and services of the President of the country, Founder of the Peace and National Unity, Leader of the Nation Emomali Rahman are very important for the establishment of scientific and educational ties. The foreign policy of Tajikistan is known for its works, and therefore foreign countries with which the Republic of Tajikistan cooperates have a high status. As a result, in the countries with which the Republic of Tajikistan closely cooperates, there are permanent representative offices of the republic.

Keywords: *education, science, Republic of Tajikistan, South-East Asia, system, development, training, communication, contract.*

Сведения об авторе:

Сохиби Бахруло *- Докторант Института изучения проблем стран Азии и Европы Национальнный академии Республики Таджикистан, Тел: (+992) 917 82 02 02, E-mail: sohibbahrulo@gmail.com*

About the author:

Sohibi Bahrulo *- PhD researcher of the Institute of studying of the issues of Asian and European countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Tel: (+992) 917 82 02 02, E-mail: sohibbahrulo@gmail.com*

ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

Маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» интишор мешавад.

Дар маҷалла натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ва олимони ватаниву хориҷӣ нашр карда мешавад.

Ҳайати таҳририя, ки ба он мутахассисони соҳаҳои мухталифи илм шомил мегарданд, бо фармони ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

Маҷалла мақолаҳои илмиро тибқи қарори кафедра ва шӯрои олимони факултет қабул менамояд. Мақолаҳое, ки ба суроғаи маҷаллаи «Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ» ирсол мешаванд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

1. Дар мақолаҳои илмӣ ҳалли масъалаҳо аниқ ва равшан ифода гардад.
2. Ҳаҷми мақола якҷоя бо расм, ҷадвал, диаграмма, графика ва матни аннотатсия аз 10 саҳифаи чопӣ зиёд набошад.
3. Дар ҳар як мақолаи илмӣ тибқи тартиб зикри мафҳумҳои калидӣ ва аннотатсия бо ду забон: русӣ ва англисӣ риоя шавад.
4. Мақолаҳо тибқи барномаи Winword дар дискета ё флешкарт бо шрифти Times New Roman Tj, ҳуруфи 14 қабул карда мешавад. Фосилаи байни сатрҳо 1, ҳошия аз тарафи чап 3 см, аз тарафи рост 1, 5 см, аз боло 2 см, ва аз поён 2 см - ро бояд ташкил намояд, матни мақола аз тарафи рост рақамгузорӣ карда шавад.
5. Дар саҳифаи аввали мақола ному насаб, номи падар ва ва номи ҷойи кори муаллиф дарҷ гардад.
6. Дар мақолаҳои илмӣ истифодаи адабиёт ва тарзи гузоштани иқтибос тибқи қоидаҳои нашрия, дар асоси талаботи амалкунандаи ГОСТ риоя шавад.
7. Дар охири мақола маълумот оид ба ҷойи кор, вазифаю унвони илмӣ, суроғ ва имзои муаллиф ҷой дода шавад. Ба муаллифоне, ки масъули асосии ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, нишон додани маълумотҳои мушаххас зарур намебошад.
8. Ҳайати таҳририя ҳуқуқ дорад, ки мақолаи илмиро ихтисор ва ислоҳ намояд.
9. Дастхати мақолаҳо баргардонида намешавад.

ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

«Вестник педагогического университета» издается в соответствии Законом Республики Таджикистан «О печати и других средств массовой информации».

В журнале публикуется основные научные результаты диссертаций на соискание учёной степени кандидата и доктора наук отечественных и зарубежных исследователей.

Редакционная коллегия утверждена по приказу ректора университета.

Статьи принимаются с протоколом кафедр, научного совета факультетов и с отзывами научных руководителей.

Статьи, которые отправляются в адрес университета, должны соответствовать следующим требованиям:

1. Основное содержание издания должно представлять собой оригинальные научные статьи.
2. Представленные статьи совместно с рисунками, диаграммами, графиками, аннотациями должны быть не менее десяти страниц.
3. Каждая научная статья в обязательном порядке принимается с ключевыми словами и с аннотациям на русском и английском языках.
4. Статьи принимаются в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman (Times New Roman Tj), размер шрифта 14. Все поля обязательны для заполнения независимо от формы (бумажной или электронной) научного издания. Интервал между строками 1 см с левой стороны 3 см., с правой стороны 1, 5 см, сверху 2 см, снизу 2 см., текст статьи номеруется с правой стороны.
5. На первой странице статьи указывается фамилия имя отчество и место работы автора.
6. У всех публикуемых научных статьях должны быть при статейные библиографические списки, оформленные в соответствии с правилами издания, на основании требований, предусмотренных действующими ГОСТами.
7. В публикуемых материалах указывается информация об авторах, их месте работы и необходимые контактные данные. Авторы, имеющие допуск к государственной тайне Республики Таджикистан имеют право не указывать место работы и контактные данные.
8. Редакционная коллегия имеет право сократить и исправит научную статью.
9. Представленные научные статьи автору не возвращаются.

ВЕСТНИК ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА
2020. № 3 (86)

Издательский центр
Таджикского педагогического университета им. С.Айни
по изданию научного журнала
«Вестник педагогического университета»:
734003, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 121
Сайт журнала: www.vestnik.tgpu.tj
E-mail: vestnik.tgpu@gmail.com
Тел.: (+992 37) 224-20-12, (+992 37) 224-13-83.
Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 100 экз. Уч. изд. л. 18,43 усл. п.л.40
Подписано в печать 22.05.2020 г. Заказ №2020/30-01
Отпечатано в типографии ТГПУ им. С.Айни
734025, г.Душанбе, ул.Рудаки 121.